ISSN 2308-054X



# ПАЁМИ

## ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН

Маҷаллаи илмӣ

# ВЕСТНИК

## ТАДЖИКСКОГО ГОСУДАРСТВЕННОГО УНИВЕРСИТЕТА КОММЕРЦИИ

Научный журнал

# HERALD

## TAJIK STATE UNIVERSITY OF COMMERCE

Scientific journal

2(52)/2024

ISSN 2308-054X

# ПАЁМИ

## ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН

# ВЕСТНИК

## ТАДЖИКСКОГО ГОСУДАРСТВЕННОГО УНИВЕРСИТЕТА КОММЕРЦИИ

# HERALD

## OF THE TAJIK STATE UNIVERSITY OF COMMERCE

**2(52)**

Душанбе, 2024

**ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН**

**«Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон» аз соли 2011 ба табъ мерасад**

**ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО ГОСУДАРСТВЕННОГО УНИВЕРСИТЕТА КОММЕРЦИИ**

**«Вестник Таджикского государственного университета коммерции» публикуется с 2011 года**

| **Сармуҳаррир** | **Главный редактор** |
|---|---|
| Ректори ДДТТ Назарзода Х.Х. | Ректор ТГУК Назарзода Х.Х. |
| **Муовини сармуҳаррир** | **Заместитель главного редактора** |
| Машокиров Ҷамшед Неъматуллоевич | Машокиров Джамшед Неъматуллоевич |

**АЪЗОЁНИ ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**

| | |
|---|---|
| **Адамов Н.А.** | д.и.и., профессор, ОАО «ИТКОР», ш. Москва |
| **Аминов И.А.** | д.и.и., дотсент, ДДМИТ, ш. Душанбе |
| **Амонова Д.С.** | д.и.и., профессор, ДСРТ, ш. Душанбе |
| **Ҷабборов А.Д.** | д.и.и., профессор, ДДТТ, ш. Душанбе |
| **Кодирова З.Ҳ.** | д.и.и., дотсент, ДДТТ, ш. Душанбе |
| **Саидова М.Ҳ.** | д.и.и., дотсент, ДДТТ, ш. Душанбе |
| **Толибов Қ.Қ.** | д.и.и., дотсент, ДДТТ, ш. Душанбе |
| **Исраилов М.** | д.и.и., профессор, ДСКР, ш. Бишкек |
| **Раҷабов Р.К.** | д.и.и., профессор, ДДТТ, ш. Душанбе |
| **Тарасова Е.Е.** | д.и.и., профессор, ДКМБ, ш. Белгород |
| **Капустина Н.В** | д.и.и., дотсент, ДМ, ш. Москва |
| **Шаропов Ф.Р.** | д.и.и., дотсент, ДБССТ, ш. Душанбе |
| **Кудратов Н.А.** | д.и.ҳ., дотсент, ДБССТ, ш.Душанбе |
| **Султонов З.С.** | н.и.и., дотсент, ДДТТ, ш. Душанбе |
| **Амонов С.С.** | н.и.и., и.в., дотсент, ДДТТ, ш. Душанбе |

**ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ**

| | |
|---|---|
| **Адамов Н.А.** | д.э.н., профессор, ОАО «ИТКОР», г. Москва |
| **Аминов И.А.** | д.э.н., доцент, ФЭГУТ, г. Душанбе |
| **Амонова Д.С.** | д.э.н., профессор, РТСУ, г. Душанбе |
| **Джабборов А.Д.** | д.э.н., профессор, ТГУК, г. Душанбе |
| **Кадирова З.Х.** | д.э.н., доцент, ТГУК, г. Душанбе |
| **Саидова М.Х.** | д.э.н., доцент, ТГУК, г. Душанбе |
| **Толибов К.К.** | д.э.н., доцент, ТГУК, г. Душанбе |
| **Исраилов М.** | д.э.н., профессор, КРСУ, г. Бишкек |
| **Раджабов Р.К.** | д.э.н., профессор, ТГУК, г. Душанбе |
| **Тарасова Е.Е.** | д.э.н., профессор, БУПК, г. Белгород |
| **Капустина Н.В** | д.э.н., доцент, ФУ, г. Москва |
| **Шаропов Ф.Р.** | д.э.н., доцент, МУТПТ, г. Душанбе |
| **Кудратов Н.А.** | д.ю.н., доцент, МУТПТ, г. Душанбе |
| **Султонов З.С.** | к.э.н., доцент, ТГУК, г. Душанбе |
| **Амонов С.С.** | к.э.н., и.о., доцент, ТГУК, г. Душанбе |

***Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон***
***Таджикиский государственный университет коммерции***

**МУНДАРИҶА**


| | | |
|---|---|---|
| | **ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ, СОҲИБКОРӢ ВА СОҲАИ ИҶТИМОӢ** | |
| **1.** | **Абдуалимзода Ҳ.А.** Роҳҳои таъмини амнияти низоми молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ | 9 |
| **2.** | **Абдуллозода Б.Ш.** Табиати иқтидори иқтисодӣ ва сохтори он дар иқтисодиёти минтақа | 18 |
| **3.** | **Ализода Ҷ.Б.** Асосҳои назариявии таҳқиқи масъалаҳои таъмини амнияти иттилоотии мамлакат дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт | 25 |
| **4.** | **Аминов И., Аминов Ф.И.** Таъсири рушди соҳибкорӣ ба шуғли аҳолӣ дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон | 34 |
| **5.** | **Аҳадов И.Қ., Саёраева Р.Ш.** Модели устувории фаъолияти бонкӣ ва самаранокии дороиҳо | 40 |
| **6.** | **Аҳмадов Ф.М., Маҷидов А.А., Исозода А.Ф.** Таҳлили омории сохтори даромадҳои пулии аҳолии вилояти Суғд | 46 |
| **7.** | **Аҳмадова П.Б.** Мушкилоти экологӣ ҳамчун таҳдиди амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 55 |
| **8.** | **Ахмедов А.А.** Рафтори раванди идоракунӣ: моҳият, принсипҳо ва зарурияти истифодаи технологияи бизнес-равандҳо | 60 |
| **9.** | **Баротов А. Х.** Тадбирҳои барномавии рушди минтақа ва имкониятҳои ташаккулёбии иқтидори андозӣ | 65 |
| **10.** | **Валиев Н.Ш., Фозилова З.Р., Раҳимова Р.Ҳ.** Намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар иқтисодиёти деҳот: ташаккул ва роҳҳои рушди он дар шароити муосир | 73 |
| **11.** | **Гафарова М.Т.** Проблемаҳои асосии рушди бахшҳои соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 84 |
| **12.** | **Ғафуров С.Х.** Таснифи таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ соҳаи саноат дар шароити муосир | 92 |
| **13.** | **Ғафурова Ҳ.Ш.** Назарияи рушди иқтисод ва таҳлили баъзе нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 101 |
| **14.** | **Ғаюрова Р.С., Назарбекова Н.А.** Ҳамкориҳои мақомоти гумруки тоҷикистон бо созмони умумиҷаҳонии гумрук | 113 |
| **15.** | **Ғуломов Б.О.** Сохтори иктисодии системаи ичтимоӣ дар чамъияти тағирёбанда | 118 |
| **16.** | **Ҷалилов У.Ҷ., Гадоева Ф.С.** Самаранокии технологияи иттилоотӣ дар раванди анборкунӣ | 130 |
| **17.** | **Имомёрбеков Ф.М.** Нақши муҳоҷирати меҳнатӣ дар инкишофи илмию техникии мамлакат ва соҳибкории иннвватсионӣ | 135 |
| **18.** | **Исмоилов М.М., Эшбоев Ҷ.А.** Аҳамияти корхонаҳои шабакавӣ дар иқтисодиёти рақамӣ | 142 |
| **19.** | **Калемуллоев М.В., Асоев К.Р.** Заҳни сунъӣ ва таъсири он ба амалиёти ҳисоботи муҳосибӣ | 148 |
| **20.** | **Каримов Б.И.** Ҳолати муосири рушди иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Хатлон | 157 |
| **21.** | **Каримова З.Ҳ.** Пешрафти вазъи иқтисодӣ дар замони соҳибистиқлолӣ | 167 |
| **22.** | **Кармышева М.Н.** Зарурияти иқтисодии ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 173 |
| **23.** | **Қурбонов А.Р., Хоҷаев Н.Т.** Баҳодиҳии ҳолат ва рушди тиҷорати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 179 |
| **24.** | **Қурбонова М.С.** Омилҳо ва муаммоҳои боздорандаи рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 188 |

| | | |
|---|---|---|
| 25. | **Мариншоев М.М., Амонов С.С.** Ҷанбаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии рушди савдои чаканаи шаҳри Душанбе дар шароити муосир | 196 |
| 26. | **Мариншоев М.М.** Савдои чакана: тамоюлҳо ва самтҳои асосии рушди он дар шароити иқтисоди сабз | 201 |
| 27. | **Марупова Н.Ш.** Вазъи муосири ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва стратегияи рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 207 |
| 28. | **Машокиров Ҷаҳонгир Неъматуллоевич.** Шаҳри сайёҳии ҳушанг (smart tourism city): рушд ва трансформатсия | 217 |
| 29. | **Машокиров Ҷамшед Неъматуллоевич.** Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ: натиҷа ва андозагии онҳо дар шароити иқтисодиёти сабз | 225 |
| 30. | **Мизробов С.С.** Асосҳои консептуалӣ ва механизми танзими фаъолияти соҳибкории хурд дар деҳот | 233 |
| 31. | **Мирзоалиев А.А., Ҷафархони Шер.** Маркетинги рақамӣ ҳамчун механизми рушди иқтисодиёти муосир | 240 |
| 32. | **Мирзошехова Д.Э.** Принсипҳои ташаккули дастгирии инфрасохтори соҳибкории хурду миёна: ҷанбаи назариявӣ | 247 |
| 33. | **Мирсаидов А.Б., Муминов А.Б.** Ҳолати муосири рушди механизмҳои асосии бозори суғурта дар Тоҷикистон | 250 |
| 34. | **Муқимова Н. Р. Мирзобеков Х. Д.** Рушди инфрасохтори логистикӣ ҳамчун шарти ташаккули стратегияи тараққиёти инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 258 |
| 35. | **Муминов А.Б.** Баъзе тамсилаҳои институтсионалии танзими давлатии фаъолияти суғурта | 266 |
| 36. | **Муртазозода О., Султонов З.С., Худоизода А.М.** Механизмҳои маблағгузории рушди устувори корхонаҳои саноатӣ | 274 |
| 37. | **Мухитдинова Ш.С.** Масъалаҳои шуғли аҳолӣ дар баъзе кишварҳои ҷаҳон | 280 |
| 38. | **Наботова П.Ҷ., Раҳматова К.Н.** Тақвияти ҳамкориҳои давлат бо бахши хусусӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёти кишвар | 285 |
| 39. | **Назариева Ҳ.Г.** Модели ба мизоҷон нигаронидашудаи қарздиҳии субъектҳои соҳибкории хурду миёна | 290 |
| 40. | **Назаров М.Х.** Заминаҳои ташаккули баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративӣ | 294 |
| 41. | **Назарова Н.Н.** Омилҳои асосии рушди соҳибкории инноватсионӣ | 299 |
| 42. | **Назирӣ Г.Н., Сафаров С.З.** Вазъи имрӯзаи идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 307 |
| 43. | **Орипов А.С., Джамолов Д.Ш., Одиназода Г.Н.** Омӯзиши омилҳои экологӣ иқтисодии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон ва Осиёи Миёна | 317 |
| 44. | **Раҷабов К.Р., Султонов З.С.** Таҷрибаи хориҷии андозбандии даромади шахсони воқеӣ | 321 |
| 45. | **Расулов Т.М., Расулов М.Ғ.** Баҳисобгирии даромадҳо ва воситаҳои пулии буҷет | 327 |
| 46. | **Раҳматов Б. Б., Анварӣ Р.Ҳ.** Мазмуни иқтисодии андозҳо. ягонагӣ ва фарқияти вазифаҳои системаи андоз ва андозбандӣ | 335 |
| 47. | **Рустамов Ф.М.** Самтҳои асосии ташаккули сармояи инсонӣ | 344 |
| 48. | **Сайфиддинзода С.С.** Заминаҳои рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ | 352 |
| 49. | **Сафаров С.З.** Хусусиятҳои низоми идоракунӣ ва устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 359 |
| 50. | **Тагаев Б. Ш.** Самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 369 |
| 51. | **Умарзода Н.** Муаммоҳои ташкилию иқтисодии танзими муҳоҷирати | 374 |

| | | |
|---|---|---|
| | меҳнатии берунӣ дар шароити муосир | |
| 52. | **Усмонзода Ф.Б., Сафарова О.О., Самад М.З.** Таъсири равишҳои нави рушд дар соҳаи сохтмон ба иқтисодиёти ҷаҳон | 381 |
| 53. | **Фақеров Ҳ.Н., Раҷабова Н.Р.** Рушди хизматрасонӣ оид ба экспертизаи гумрукии молҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 385 |
| 54. | **Фатҳуллозода А.Ф. (Качкулоев А.Ф.), Бобоев С.Р.** Равишҳои системавии идоракунии хавфҳои соҳибкорӣ дар комплекси агросаноатии минтақа | 396 |
| 55. | **Хайруллоев Ф.Н.** Ташкили идоракунии хавфҳо дар корхона | 402 |
| 56. | **Ҳакимов А.А.** Хусусиятҳои савдои мутақобилаи байналмилалӣ дар шароити муосир | 408 |
| 57. | **Халилова У.О., Файзиддинзода М.Ф.** Тиҷорати электронӣ ҳамчун фаъолияти соҳибкорӣ: мушкилот ва роҳи ҳали он | 412 |
| 58. | **Ҳамроев Ф.М., Гадоева Ф.С., Пулатова Ш.Б.** Рақамикунонии соҳаи нақлиёт ва логистика | 421 |
| 59. | **Холов М.Х., Шаропов Ф.Н.** Таъмини сифати хизматрасонии меҳмонхонаҳо асоси рушди тиҷорати сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 424 |
| 60. | **Холов М.Х.** Истеҳсол ва фуруши зироатҳои лубиёгӣ дар савдои чакана афзалияти ғизоии онҳо | 430 |
| 61. | **Ҳусейнова Ш.З., Толибов Қ.Қ.** Танзими давлатии иқтисодиёт: равишҳо, шаклҳо ва усулҳо дар мисоли кишварҳои пешрафта (дар мисоли ИМА) | 436 |
| 62. | **Шамсов Ф.Т.** Таснифоти бозори молҳои озуқаворӣ ва хусусиятҳои хоси он | 443 |
| 63. | **Шарипов Б.Р.** Беҳтаркунонии дастрасии хизматрасониҳои бонкӣ дар асоси истифодабарии технологияҳои бонкӣ | 449 |
| 64. | **Шарифзода Ф.Ҳ.** Суғуртаи ҳатмии хизматчиёни ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 465 |
| 65. | **Шарифзода Ш. Р.** Тамоилҳои тараққиёти саноати куҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон | 473 |
| | **Маълумот оид ба муаллифон** | 479 |
| | **Маълумот барои муаллифон** | 486 |

## СОДЕРЖАНИЕ


| | | |
|---|---|---|
| | **ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ, ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВО И СОЦИАЛЬНАЯ СФЕРА** | |
| **1.** | **Абдуалимзода Х.А.** Пути обеспечения безопасности финансовой системы в условиях глобализации | 9 |
| **2.** | **Абдуллозода Б.Ш.** Природа экономического потенциала и его структура в региональной экономике | 18 |
| **3.** | **Ализода Дж.Б.** Теоретические основы исследования вопросов обеспечения информационной безопасности страны в условиях цифровой экономики | 25 |
| **4.** | **Аминов И., Аминов Ф.И.** Влияние развития бизнеса на обеспечение занятости населения в Согдийской области Республики Таджикистан | 34 |
| **5.** | **Ахадов И.К., Саёраева Р.Ш.** Устойчивая модель банковской деятельности и эффективность активов | 40 |
| **6.** | **Ахмадов Ф.М., Маджидов А.А., Исозода А.Ф.** Статистический анализ структуры денежных доходов населения Согдийской области | 46 |
| **7.** | **Ахмадова П.Б.** Экологические проблемы как угроза безопасности Республики Таджикистан | 55 |
| **8.** | **Ахмедов А.А.** Поведение процессного управления: сущность, принципы и необходимость использования технологии бизнес-процессов | 60 |
| **9.** | **Баротов А. Х.** Программные меры регионального развития и возможности развития налогового потенциала | 65 |
| **10.** | **Валиев Н.Ш., Фозилова З.Р., Рахимова Р.Х.** Виды предпринимательской деятельности в сельской экономике: формирование и пути ее развития в современных условиях | 73 |
| **11.** | **Гафарова М.Т.** Основные проблемы развития отраслей социальной сферы в Республике Таджикистан | 84 |
| **12.** | **Гафуров С.Х.** Классификация угроз экономической безопасности промышленности в современных условиях | 92 |
| **13.** | **Гафурова Х.Ш.** Теория экономического роста и анализ некоторых экономических факторов в Республики Таджикистан | 101 |
| **14.** | **Гаюрова Р.С., Назарбекова Н.А.** Сотрудничество таможенных органов таджикистана со всемирной таможенной организацией | 113 |
| **15.** | **Гуломов Б.О.** Экономическая структура социального строя в трансформирующемся обществе | 118 |
| **16.** | **Джалилов У.Дж., Гадоева Ф.С.** Эффективность информационных технологий в процессе складирования | 130 |
| **17.** | **Имомёрбеков Ф.М.** Роль трудовой миграции в научно-техническое развитие страны и инновационное предпринимательство | 135 |
| **18.** | **Исмоилов М.М., Эшбоев Ж.А.** Значимость сетевого бизнеса в цифровой экономике | 142 |
| **19.** | **Калемуллоев М.В., Асоев К.Р.** Искусственный интеллект и его воздействие на бухгалтерские практики | 148 |
| **20.** | **Каримов Б.И.** Современное состояние социально-экономическое развития Хатлонской области | 157 |
| **21.** | **Каримова З.Х.** Развитие экономической ситуации в период независимости | 167 |
| **22.** | **Кармышева М.Н.** Экономическая необходимость привлечения иностранных инвестиций в экономику Республики Таджикистан | 173 |
| **23.** | **Курбонов А.Р., Ходжаев Н.Т.** Оценка суитуации и развитие электронной коммерции в Республики Таджикистан | 179 |

| | | |
|---|---|---|
| 24. | **Курбонова М.С.** Факторы и проблемы препятствующие развитию свободных экономических зон в Республики Таджикистан | 188 |
| 25. | **Мариншоев М.М., Амонов С.С.** Социально- экономические аспекты развития розничной торговли города Душанбе в современных условиях | 196 |
| 26. | **Мариншоев М.М.** Розничная торговля: тенденции и основные направления ее развития в условиях зеленой экономики | 201 |
| 27. | **Марупова Н.Ш.** Современное состояние социальной защиты населения и стратегия ее развития в Республике Таджикистан | 207 |
| 28. | **Машокиров Джахонгир Неъматуллоевич.** Умный туристический город (smart tourism city): развитие и трансформация | 217 |
| 29. | **Машокиров Джамшед Неъматуллоевич.** Макроэкономические показатели: результаты и измерения в условиях зеленой экономики | 225 |
| 30. | **Мизробов С.С.** Концептуальные основы и механизм регулирования деятельности малого бизнеса в сельской местности | 233 |
| 31. | **Мирзоалиев А.А., Джафархани Шер.** Цифровой маркетинг как механизм развития современной экономики | 240 |
| 32. | **Мирзошехова Д.Э.** Принципы формирования инфраструктурного обеспечения малого и среднего предпринимательства: теоретический аспект | 247 |
| 33. | **Мирсаидов А.Б., Муминов А.Б.** Современное состояние развития основных механизмов рынка страхования в Таджикистане | 250 |
| 34. | **Мукимова Н.Р. Мирзобеков Х.Д.** Развитие логистической инфраструктуры как условие формирования стратегии инновационного развития промышленности Республики Таджикистан | 258 |
| 35. | **Муминов А.Б.** Некоторые институциональные представления государственного регулирования страховой деятельности | 266 |
| 36. | **Муртазозода О., Султонов З.С., Худоизода А.М.** Механизмы финансирования устойчивого развития промышленных предприятий | 274 |
| 37. | **Мухитдинова Ш.С.** Вопросы занятости населения в некоторых странах мира | 280 |
| 38. | **Наботова П.Дж., Рахматова К.Н.** Укрепление сотрудничества государства с частным сектором и его влияние на экономическое развитие страны | 285 |
| 39. | **Назариева Х.Г.** Клиентоориентированная модель кредитования субъектов малого и среднего предприимательства | 290 |
| 40. | **Назаров М.Х.** Предпосылки формирования корпоративного учета и отчетности | 294 |
| 41. | **Назарова Н.Н.** Основные факторы развития инновационного предпринимательства | 299 |
| 42. | **Назири Г.Н., Сафаров С.З.** Современное состояние управления финансовой стабильностью коммерческих банков в банковской системе Республики Таджикистан | 307 |
| 43. | **Орипов А.С., Джамолов Д.Ш., Одиназода Г.Н.** Изучение эколого-экономических факторов предпринимательства в Таджикистане и Центральной Азии | 317 |
| 44. | **Раджабов К.Р., Султанов З.С.** Зарубежный опыт налогообложения доходов физических лиц | 321 |
| 45. | **Расулов Т.М., Расулов М.Г.** Учет доходов и денежных средств бюджета | 327 |
| 46. | **Рахматов Б.Б., Анвари Р.Х.** Экономическое содержание налогов. единство и различие функций системы налогов и налогообложения | 335 |
| 47. | **Рустамов Ф.М.** Основные направления организации человеческого капитала | 344 |
| 48. | **Сайфиддинзода С.С.** Предпосылки цифровизации управленческого учета | 352 |

| | | |
|---|---|---|
| **49.** | **Сафаров С.З.** Особенности системы управления и финансовой устойчивости коммерческих банков Республики Таджикистан | 359 |
| **50.** | **Тагаев Б. Ш.** Приоритетные направлении развития инфраструктуры производственного предпринимательства в Республике Таджикистан | 369 |
| **51.** | **Умарзода Н.** Организационно-экономические проблемы регулирования внешней трудовой миграции в современных условиях | 374 |
| **52.** | **Усмонзода Ф.Б., Сафарова О.О., Самад М.З.** Влияние новых тенденций развития в строительной отрасли на мировую экономику | 381 |
| **53.** | **Факеров Х.Н., Раджабова Н.Р.** Развитие услуг по таможенной экспертизе товаров в Республике Таджикистан | 385 |
| **54.** | **Фатхуллозода А.Ф. (Каджкулоев А.Ф.), Бобоев С.Р.** Систематические подходы к управлению бизнес-рисками в агропромышленном комплексе региона | 396 |
| **55.** | **Хайруллоев Ф.Н.** Организация управления рисками на предприятии | 402 |
| **56.** | **Хакимов А.А.** Особенности международной взаимной торговли в современных условиях | 408 |
| **57.** | **Халилова У.О., Файзиддинзода М.Ф.** Электронная коммерция как предпринимательская деятельность: проблемы и решения | 412 |
| **58.** | **Хамроев Ф.М., Гадоева Ф.С., Пулатова Ш.Б.** Цифровизация транспорта и логистики | 421 |
| **59.** | **Холов М.Х., Шаропов Ф.Н.** Обеспечение качества гостиничных услуг – основа развития туристической бизнеса в Республике Таджикистан | 424 |
| **60.** | **Холов М.Х.** Производство и розничная продажа бобовых культур и их пищевой ценности | 430 |
| **61.** | **Хусейнова Ш.З., Толибов К.К.** Государственное регулирование экономики: подходы, формы и методы на примере развитых стран (на примере США) | 436 |
| **62.** | **Шамсов Ф.Т.** Классификация продовольственного рынка и ее характерные особенности | 443 |
| **63.** | **Шарипов Б.Р.** Улучшение доступности банковских услуг на основе использования маркетинговых технологиях | 449 |
| **64.** | **Шарифзода Ф.Х.** Обязательное страхование военнослужащих в Республике Таджикистан | 465 |
| **65.** | **Шарифзода Ш. Р.** Тенденции развития горнодобывающей отрасли промышлености Республики Таджикистан | 473 |
| | **Сведения об авторах** | 479 |
| | **Памятка для авторов** | 486 |

## ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ, СОҲИБКОРӢ ВА СОҲАИ ИҶТИМОӢ
## ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ, ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВО И СОЦИАЛЬНАЯ СФЕРА

УДК 658.004

**Абдуалимзода Ҳ.А.**

### РОҲҲОИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ НИЗОМИ МОЛИЯВӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

Қайд кардан зарур аст, ки дар шароити имрӯза яке аз масъалаи асосие, ки дар сатҳи иқтисодиёти мамлакат муҳим ва зарурӣ арзёбӣ мегардад, ин таъмини амнияти низоми молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ мебошад. Аз ин хотир муаллиф як қатор масъалаҳои муҳими таркибии низоми молиявиро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, мушкилотҳои дар ин самт ҷойдоштаро мушаххас намудааст. Илова бар ин, муаллиф сохтори низоми молиявии кишварро таҳия намуда, дараҷаи хатарнокии сохторҳои таркибии низоми молиявиро вобаста ба таҷриба муайян кардааст. Ҳамчунин, муаллиф таҳлили нишондиҳандаҳои низоми молиявиро аз нуқтаи назари таркибӣ баррасӣ намуда, сатҳи хатарнокии онҳоро аз рӯи натиҷаҳо ошкор кардааст. Илова бар ин, муаллиф нуқтаи назари як қатор олимони дохилию хориҷиро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, андешаҳои худро мушаххасан пешниҳод намудааст.

**Калидвожаҳо.** амнияти молиявӣ, хавфҳои низоми бонкӣ, бехатариии молиявӣ, ҷаҳонишавӣ, низоми иқтисодӣ, сиёсати пулию қарзӣ, иқтисодиёти миллӣ, низоми молиявӣ, таҳаввулот.

**Абдуалимзода Х.А.**

### ПУТИ ОБЕСПЕЧЕНИЯ БЕЗОПАСНОСТИ ФИНАНСОВОЙ СИСТЕМЫ В УСЛОВИЯХ ГЛОБАЛИЗАЦИИ

Важно отметить, что в сегодняшних условиях одним из основных вопросов на уровне экономики страны, является обеспечение безопасности финансовой системы в условиях глобализации. По этой причине автор проанализировал и рассмотрел ряд важных вопросов финансовой системы и обозначил проблемы в этом направлении. Кроме того, автор разработал структуру финансовой системы страны и на основе опыта определил уровень риска составляющих финансовой системы. Также автор проанализировал показатели финансовой системы со структурной точки зрения и по результатам выявил уровень их опасности. Помимо этого, автор проанализировал и обсудил мнения ряда отечественных и зарубежных учёных и конкретно изложил свою точку зрения.

**Ключевые слова.** финансовая безопасность, риски банковской системы, глобализация, экономическая система, денежно-кредитная политика, национальная экономика, финансовой системы, эволюции.

**Abdualimzoda H.A.**

## WAYS TO ENSURE THE SECURITY OF THE FINANCIAL SYSTEM IN A GLOBAL CONDITION

It is important to note that in today's conditions, one of the main issues that is important and necessary at the level of the country's economy is ensuring the security of the financial system in the context of globalization. For this reason, the author analyzed and considered a number of important issues of the financial system and identified problems in this direction. In addition, the author developed the structure of the country's financial system and, based on experience, determined the level of risk of the components of the financial system. The author also analyzed the indicators of the financial system from a structural point of view and, based on the results, identified their level of danger. In addition, the author analyzed and discussed the opinions of a number of domestic and foreign scientists and specifically stated his point of view.

**Keywords.** financial security, risks of the banking system, financial security, globalization, economic system, monetary policy, national economy, the financial system, evolution.

Печидаву мураккаб гардидани равандҳои ҷаҳонишавӣ ва пайваста баланд гардидани хатарҳои геопалитикӣ иқтисодиёти ҳеҷ як давлатро бетаъсир намегузорад ва аз ҳама бештар низоми молиявии кишварро, ки ҳамбастагии зиёд бо иқтисодиёт дорад, осепазир мегардонад. Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ як таҳаввулоти бузурги иқтисодию сиёсиро таҷриба намуда, як қатор мушкилотҳои воқеан ҷомеашиканро убур намудааст, ки ҳамин ҳолатҳо равишҳои гуногуни идоракунӣ ва бехатаргардониро тақозо менамуданд. Ҳомзамон бо ин хотирнишон намудан зарур аст, ки Тоҷикистон дар баробари мушкилотҳои сиёсӣ мушкилоти сохториро низ аз сар гузаронида, дар масъалаи низоми молиявӣ ва таъмини бехатарии он дар авалияти кор қарор дошт.

Низоми молиявии кишвар ҳамчун қисми мураккаби низоми иқтисодӣ мебошад, ки аз як тараф ба таври мудовим дар зери фишорҳои дохилию берунӣ қарор дорад, аз тарафи дигар таъмини амнияти низоми молиявӣ дар ҳама ҳолат ва шароит вазифаи асосии давлат ва сохторҳои дахлдори он мебошад. Илова бар ин, ёдовар шудан ба маврид аст, ки солҳои аввали Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ба давраи хеле мушкил (дар кишвар боло гирифтани оташи ҷанги шаҳрвандӣ, коҳиш ёфтани назорат ва идорасозии давлатӣ, вазъи ноустувори макроиқтисодӣ) рост омад. Дар ин давра фаъолияти сохторҳои давлатӣ, мақомоти қонунбарору судӣ ва иҷроия, соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, бахши хусусӣ ва дигар соҳаҳо фалаҷ шуда буданд.

Табиист, ки дар чунин вазъият иқтисодиёт ва истеҳсолот наметавонист на танҳо инкишоф ёбад, балки дар як сатҳ нигоҳ дошта шавад ва он рӯз аз рӯз ба таври чашмрас коҳиш меёфт. Илова бар фалаҷ гардидани низоми молиявии кишвар ва хатарафзо гардидани вазъияти он яке аз нишондиҳанда макроиқтисодӣ Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ (ММД) дар тӯли солҳои 1992-95 босуръат (ба ҳисоби миёна 20 фоизи солона) паст мешуд, ки ин ҳолат аз бад шудани вазъияти иҷтимоию иқтисодии кишвар гувоҳӣ медиҳад[6, 7]. Илова бар ин, сатҳи умумии нархҳои истеъмолӣ (таваррум) дар тӯли солҳои 1992-95 босуръати хеле баланд, ба ҳисоби миёна 2483 фоиз дар як сол баланд мешуд ва ин албатта мураккабгардидини вазъи иқтисодии давлатро инъикос менамуд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар баробари таъмини суботи ҷомеа ҳамарзиши таъмини амнияти низоми молиявӣ низ дар сатҳи иқтисодиёти давлат муҳим ва зарурӣ буда, ба он аҳамият дода афзалияти зиёд дорад. Ин аст, ки тафсири масъалаи амнияти низоми молиявӣ ва дигар масоили ба он вобаста дар меҳвари диққати олимону коршиносон қарор гирифтааст.

Зеро амнияти амнияти молиявӣ барои пешбурди сиёсати пулию қарзӣ ва дар маҷмӯъ ба сиёсати молиявии ҳар як кишвар накши беандоза дошта, дар ҳолати таъмин будани он сиёсати молиявию иқтисодӣ ба таври муътадил пеш бурда мешавад. Бинобар ин, таъмин намудани амнияти молиявӣ дар пешгирии хориҷ гардидани сармоя ба хориҷа, коҳиш додани таъсири бӯҳронҳои ҷаҳонӣ, таъмини устувории молиявӣ, таъмини фаъолияти босуботи институтҳои молиявӣ ва ғайра зарур мебошад.

Дар таҷриба амнияти молиявӣ ба маҷмуи усулҳо, сиёсатҳо ва стандартҳое ишора мекунад, ки барои муҳофизати дороиҳо, маълумоти молиявӣ ва инфрасохтори муҳими молиявии субъектони иқтисодӣ равона карда мешавад ва натиҷаи ниҳоии он таъмини амниятмеҳварии иқтисодӣ мебошад. Дар ин ҳолат он метавонад аз ҳар гуна таҳдидҳо ба низоми молиявӣ ва дороиҳои шахсони алоҳидаю давлат хосро муҳофизат намояд.

Дар доираи таҷрибаи андӯхташуда таъмини амнияти молиявӣ аз тарафи ду омил таъмин ва баръакс мураккаб карда шавад, ки хадамоти вазифавӣ ва таъсиррасонии ин ду омилҳо гуногун мебошад.

Бинобар ин амнияти молиявӣ пешгирии ҷиноятҳои молиявиро дар назар дошта, ду намуди таҳдидҳо ба амнияти молиявии давлат вуҷуд доранд: таҳдидҳои дохилӣ ва таҳдидҳои беруна. Таҳдидҳои беруна афзоиши системаи молиявии ҷаҳонӣ аз ҳисоби ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ дохил шудани давлатҳои дар ҳоли рушд, инчунин афзоиши массаи сармояро дар бар мегирад. Таҳдидҳои дохилӣ аз татбиқи нодурусти сиёсати молиявию иқтисодӣ, иштибоҳҳо аз ҷониби мақомоти идоракунӣ ва суиистифода аз роҳбарии системаи молиявии давлат иборатанд[9.64].

Дар ҳақиқат дар марҳилаи муосири рушди ҳар мамлакат таҳдидҳои воқеии дохилӣ ва берунӣ ба амнияти молиявии давлат мавҷуданд, ки пешгирӣ ё бартараф кардани онҳо бояд ҷузъи муҳими стратегияи таъмини амнияти молиявӣ бошад. Бинобар ин, барои муайян кардани таҳдидҳои эҳтимолӣ ба амнияти молиявӣ ва таҳияи чораҳо оид ба пешгирӣ ё кам кардани оқибатҳои манфӣ дар низоми таъмини амнияти молиявии мамлакат аҳамияти аввалиндараҷа доранд. Аз ин рӯ, низоми амнияти молиявиро гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст, ки он дар расми 1. оварда шудааст.




Расми 1. Низоми амнияти молиявӣ

Аз рӯи расм хулоса баровардан мумкин аст, ки амнияти молиявӣ аз ҷузъҳои гуногун иборат буда, бахри таъмин намудани он бояд онро дуруст ва мақсаднок истифода намуд. Дар ҳолати дуруст идора намудани ҷузъҳои он метавон амнияти миллиро ба пуррагӣ таъмин намудан мумкин аст.

Хавфҳои асосии дохилӣ ба амнияти молиявии давлат: низоми нокифояи самараноки назорати давлатии молиявӣ, набудани иқтисодиёти ба ичтимоӣ нигаронидашуда, паст шудани қобилияти пардохтпазирии аҳолӣ, қобилияти пасти низоми молиявӣ дар таъмини такрористеҳсолкунӣ, сиёсати нокифояи молиявию иқтисодӣ ба мамлакатҳои хеле тараққикарда табдил додани мамлакат ва ғайра[2.46].

Дар ҳақиқат таъмин намудани амнияти низоми молиявии давлат барои пешрафти тамоми хочагии халқ таъсири беандоза дошта метавонад. Ба ин мисол шуда метавонад низоми бонкии кишвар, ки чузъи асосии низоми молиявӣ аст, дар ҳолати фаъолияти босуботу самаранок ва бехатар ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллиро дар баробари худ пеш барад. Яъне, таъмини амнияти молиявии низоми бонкӣ метавонад амнияти молиявии дигар соҳаҳоро низ устувор намояд.

Вобастагии соҳаҳои (намудҳои) гуногуни амнияти давлатӣ аз чузъи молиявии он, аз як тараф, хеле содда аст - набудани захираҳои молиявии кофӣ боиси кам маблағгузории чорабиниҳои муҳимтарин мегардад, аз тарафи дигар - ин «муносибати умумиро дар падидаҳо ва равандҳои дорои хусусияти гуногуни иқтисодӣ мушаххас мекунад»[8.310].

Амнияти молиявӣ дар маҷмуъ аз истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ иборат буда, мақсади асосии он пешгирии таҳдидҳо ба фаъолияти молиявии ҳар як субъекти иқтисодӣ мебошад. Қайд намудан зарур аст, ки дар ҳолати дуруст ба роҳ мондани амнияти молиявӣ фаъолияти худро аз таҳдидҳои рақибони дар бозор фаъолияткунанда муҳофизат намудан мумкин аст.

Яке аз чораҳои танзимкунанда дар таъмини амнияти низоми молиявии давлат ин ташкили захираҳои байналмилалӣ мебошад, ки он дар пешгирӣ намудани хавфҳои бухронӣ ва бартараф намудани оқибатҳои он зарур аст.

Дар давраи бухрони молиявию иқтисодӣ кишварҳо метавонанд аз захираҳои гуногуни молиявии ҳам дохилӣ ва ҳам берунӣ истифода баранд. Аммо дар чаҳон амнияти молиявии ин маҷмӯи институтҳо ва механизмҳоест, ки иқтисодиётро аз бӯҳронҳо бо мақсади коҳиш додани оқибатҳои онҳо суғурта мекунанд.

Таҳдид ба амнияти молиявӣ чунин вазъиятеро дар бар мегирад, ки дар он зери таъсири омилҳои дохилӣ ё беруна (ё маҷмӯи онҳо) хатари харобшавии қисмҳои асосии низоми молиявӣ ва низоми идоракунӣ ба вучуд омада, сарватҳои миллӣ зарар мебинанд, низомҳои молиявӣ, қарзӣ ва асъорӣ вайрон мегарданд[3.46].




**Расми 2.** Сохтори муосири низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Сарчашма.** Аз тарафи муаллиф сохта шудааст.

Илова бар гуфтаҳои зерин хотирнишон намудан мумкин аст, ки низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ низоми мураккаб буда, онро як қатор институтҳои молиявию қарзӣ ташкил медиҳанд, ки сатҳи хавфҳо вобаста ба тасниф ва нишондиҳандаҳои мавҷуда дар сатҳи гуногун мебошад. (нигар расми 2)

Таҷрибаи солҳои охир нишон дод, ки бо сабаби мураккаб гардидани равандҳои ҷаҳонишвӣ баъд аз истиқлолият ба даст овардан дар соли 2008 бо сабаби бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ иловатан дар сатҳи низоми молиявии Тоҷикистон, ки он ба муҳити буруна ва қисман ба норасоиҳои  дохилӣ мувоҷеҳ буд, як қатор мушкилотҳоро ба миён овард, ки дар ин самт сатҳи осебпазирии онро муайян намуд. Албатта вобаста ба расми мазкур қайд кардан зарур аст, ки новобаста аз фаъол будани низоми бонкӣ дар сатҳи сохтори молиявии давлат осебпазир будани онҳо пештар эҳсос гардида, ба нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкӣ дар як давраи муайян ва шумораи онҳо таъсири манфӣ расонид. Илова бар ин қайд кардан зарур аст, ки барои таъмини амнияти молиявии низоми молиявии кишвар бояд масъалаҳои зерин аҳамияти аввалиндараҷа дошта бошанд:

1. Баланд бардоштани иқтидори истеҳсолӣ ва содиротии кишвар дар заминаи боз намудани роҳҳои нави тиҷоратӣ ва ҷали сармояи арзони дохилию хориҷӣ ба ин самт;
2. Таҳияи стртатегияи нав ва банкшагирии дуруст дар самти манбаҳои молиявӣ ва роҳҳои  тақвияти онҳо дар Ҷумҳурииии Тоҷикистон;
3. Таъмини эътимоди аҳолӣ ба низоми молиявии кишвар ва бо ин роҳ пурзур намудани иқтисоди захиравии низоми молиявиии кишвар ҷиҳати дастгирии бахши воқеии кишвар;
4. Роҳҳои таъмини шарикии давлат дар бахши кафолатҳои молиявӣ ва бозпасгардонии қарздиҳии бахши воқеии иқтисодиёт;
5. Пурзур намудани иқтидори захиравии низоми бонкӣ дар заминаи таҳкими суботи молиявӣ ва бо ин роҳ тақвияти содагардонии ҳамкориҳо ҳангоми истифодаи амалиётҳо;
6. Бо мурури замон дар натиҷаи баланд гардидани сатҳи хавфҳои молиявӣ гузаштан ба низоми рақамикунонии амалиётҳо ва тақвияти пайвастаи пардохтҳои электронӣ ва ғ.

Сатҳи баланди хавро дар низоми молиявии кишвар бештар дар сатҳи низоми бонкӣ мушоҳида кардан мумкин аст, ки агар аз як тараф бамаротиб коҳиш ёфтани шумораи ташкилотҳои қарзӣ бошад, аз дигар тараф баланд гардидани ҳиссаи қарзҳои муаммодор дар сандуқи қарзии низоми бонкӣ ва кам гардидани амонатҳои муҳлатнок мебошад. Вобаста ба ин, дараҷаи баланди сатҳи хавфҳои низоми бонкӣ ва осепазирии онҳоро дар як давраи муайян аз диаграммаи 1 мушоҳида кардан мумкин аст.

**Диаграммаи 1. Сатҳи барҳамхӯрии бонку ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ дар солҳои 2014-2023**




Сарчашма. Дар асоси маълумотҳои электронии сомонаи расмии https://www.nbt.tj сохта шудааст.

Қайд кардан зарур аст, ки таркиби иқтисодиётро ба монанди организми инсон ташбеҳ додан мумкин аст. Чи гунае, ки ягон узви инсон бемор мешаваду ба дигар узвҳои он таъсир мерасонад, дар таркиби низоми молиявӣ низ низоми бонкӣ ба монанди узвҳои муҳимми иқтисодиёт ҳангоми осеб ё зарар дидан дигар узвҳои онро бемор мегардонад. Аз ин хотир таъмини амнияти низоми молиявӣ ва бехатарии сохторҳои таркибии он вобаста ба дараҷаи осебпазирии он вазифаи ҳукумат, мақомотҳои дахлдор ва шахсони ваколатдор менбошад.

Дар 5-10 соли охир сатҳи осебпазирии низоми молиявии кишвар аз ҳисоби таъсири давраи дуюми бӯҳрони молиявӣ баъд аз соли 2014, таҳримҳо ба шарикони рушди Тоҷикистон, таъсири бемории ҳамагири COVID – 19 бештар амнияти низоми бонкиро душвор намуд. Таҳлилҳои дигаграммаи мазкур нишон медиҳад, ки шумораи умумии барҳамхурии бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявию қарзӣ дар сатҳи низоми молиявӣ - 54,4, бонкҳои сатҳи гуногун 6,25%, ташкилотҳои амонатии қарзии хурд 51,2 %, ташкилотҳои қарзии хурд – 92,8%, фондҳои қарзии хурд – 35,8% барҳам хурдаанд, ки дар маҷмуъ ба суботи низоми бонкӣ таъсири манфӣ мерасонад, ки ин маҷмуи амнияти низоми молиявии кишварро халалдор мегардонад.

Бояд иброз дошта, ки суботи амнияти молиявӣ метавонад дар баробари таъмин намудани фаъолияти босамари ҳар як субъекти дар бозори молиявӣ фаъолияткунанда дар пешгирӣ ва бартараф намудани оқибатҳои бухронҳои молиявӣ саҳмгузор бошад. Ҳангоми нарасидани захираҳои молиявӣ ва качинии ин захираҳо дар сатҳи низоми молиявӣ метавонад қаблтар зарар дида, таъсири манфиро ба худ бештар қабул намояд. Новобаста аз оне, ки сатҳи барҳамхурии низоми бонкии кишвар дар дараҷаи баланд аст, ҳамоно нишондиҳандаҳои молиявии онҳо тамоили зиёдшавиро дар пешгирии саривақти норасоиҳои молиявӣ ва захираҳои пулӣ метавонад мусоидат намояд (нигоҳ ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои пулии низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳои 2017-2023**

| Номгӯи институтҳои молиявӣ | Солҳо | | | | | | | Тағийрёбӣ нисбат ба 2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| Ташкилотҳои қарзию молиявӣ | 20 932 | 21 201 | 21 975,9 | 26 307,4 | 22414,7 | 30 030,7 | 37 679,5 | 80,0% |
| Бонкҳо | 18 237 | 18 070 | 18 725,4 | 22 781,5 | 18195,0 | 25 552,9 | 31 941,6 | 75,1% |
| Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд | 2 696 | 3 131 | 3 250,4 | 3 525,9 | 4219,7 | 4 414,0 | 5 619,0 | 108,4% |
| Ташкилотҳои суғуртавӣ | 295 | 372 | 452,9 | 412,4 | 527,3 | 612,2 | 815,6 | 176,1% |
| Ташкилотҳои лизингӣ | 186 | 185 | 221,9 | 248,6 | 221,4 | 229,7 | 292,0 | 56,9% |
| АСИН | 1 391,5 | 1 412,5 | 1 432,5 | 1 484,1 | 1481,4 | 1 751,1 | 2 194,7 | 57,7% |

**Сарчашма.** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои электронии сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон https://www.nbt.tj сохта шудааст.

Новобаста аз мураккаб будани вазъияти ҷомеаи ҷаҳонӣ ва печида будани равандҳои умумиқтисодӣ нишондиҳандаҳои молиявии низоми молиявии кишвар назаррас буда,

ғайр аз соли 2021 дар давраи таҳлилшаванда тамоили болоравӣ дорад. Илова бар ин қайд кардан зарур аст, ки дар соли 2017 агар дороиҳои маҷмӯии низоми молиявии 20932 млн. сомониро ташкил намуда бошад пас ин нишондиҳанда дар соли 2023 37 679,5 млн. сомониро ташкил намудааст, ки дар муқоиса ба соли таҳлилшаванда 80% афзоиш ёфтааст, дороиҳои бонкҳо 75,1%, ташкилотҳои молиявию қарзии хурд 108,4. ташкилотҳои суғуртавӣ 176,1%, ташкилотҳои лизингӣ 56,9% ва АСИН 57,7% афзоиш ёфтааст, ки ин тамоил метавонад дар таъмини амнияти низоми молиявии кишвар ва батараф кардани мушкилотҳои сатҳӣ муосидат намояд. Дуруст аст, ки яке аз хавфҳое, ки ба амнияти низоми молиявӣ таҳдиди беандоза дорад, ин дуруст фаъолият карда натавонистан ва дар сатҳи зарури идора нашудани низоми бонкӣ мебошад. Ин хавф метавонад ба тамоми фаъолияти иқтисодии мамлакат ва мизоҷон таъсири сахти худро расонад ва ё фаъолияти онҳоро суст гардонад. Чунки, дар замони муосир хавфҳои иттилоотӣ дар низоми молиявӣ, аз ҷумла дар низоми бонкӣ зиёд шуда истодааст, ки ба дигар соҳаҳо низ хатарнок арзёбӣ мегардад.

Агар низоми иттилоотии ташкилоти қарзӣ мустаҳкам буда, ба ин талаботҳои бехатарӣ ҷавобгӯ бошад, он гоҳ аз боэътимод будани бонкҳо гувоҳӣ медиҳад. Чунки бонкҳо нисбат ба ташкилоту муассисаҳо бештар ба амнияти иттилоотӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Таъмин намудани амнияти молиявӣ на танҳо дороиҳои худ, инчунин дороиҳои муштариёнро низ аз хатар эмин нигоҳ медорад. Ҳамаи ин аз Бонки марказӣ талаб менамояд, ки талаботи амнияти иттилоотиро ба танзим дароварда, чораҳои пешгириро мустаҳкамтар кунад[4.443].

Ваколатҳои Бонки миллии Тоҷикистон дар бозори бонкӣ ҳамчун танзимгари асосӣ баромад намуда, талаботи амнияти иттилоотиро барои тамоми ташкилотҳои қарзӣ муайян мекунад, ки ин бо қонун «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» асоснок карда мешавад. Дар ин замина БМТ вазифадор аст, ки устувории низоми бонкӣ ва молиявиро таъмин намуда, дар ин асос санадҳои меъёрии ҳуқуқии таъминкунандаи амнияти молиявиро қабул намояд.

Вобаста ба арзёбии ҳасосиятҳои хавф дар сатҳи низоми бонкдории имрӯза бояд дар назар дошт, ки амали хавфҳои бонкӣ бо хислатҳои рефлексивӣ, мавсимӣ, сатҳӣ, масофавӣ алоқаманд аст, ки тарафи объективӣ ва субъективии онро инъикос менамояд[1.117]. Илова бар амнияти низоми бонкӣ ва ворид шудани шокҳо ба ин низом хосиятҳои умумиобективиро низ доро мебошад ва ҳар гуна ҳассосият ва хавфҳо ба сандуқи қарзии низоми бонкӣ рост меояд. Дар давраи душвор гардидани низоми молиявии кишвар яке аз механизмҳои мушоҳида гардидани ин мушкилот амнияти сандуқи қарзии низоми бонкӣ мебошад. (нигар диагр 2)

**Диаграммаи 2. Ҳасосияти хавфҳо дар сандуқи қарзии низоми бонкӣ барои солҳои 2014-2023 бо %**




**Сарчашма.** Дар асоси маълумотҳои электронии сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон https://www.nbt.tj сохта шудааст.

Бад шудани авзои низоми молиявии кишвар агар аз як тараф аз суръати баланди барҳамхурии бонку дигар ташкилотҳои молиявию қарзии ғайрибонкӣ баръало эҳсос гардад, аз дигар тараф баланд гардии сатҳи хавфҳои сандуқи қарзӣ дар заминаи вайрон гардидани паритети асъорӣ дар сатҳи низоми молиявӣ буд. Аз таҳлили диаграммаи мазкур хулоса баровардан мумкин аст, ки бесубот шудани вазъ дар сатҳи иқисодиёт ва низоми молиявии кишвар дараҷаи хавфро дар маҷмӯи сандуқи қарзии низоми бонкӣ баланд намуд. Аз таҳлили диграммаи мазкур бар меояд, ки соли 2014 агар ҳиссаи хавфҳо дар сандуқи қарзии низоми бонки 22,5%-ро ташкил намуда бошад ин нишондиҳанда дар соли 2016 58,1% ва дар соли 2022 12,55-ро ташкил намудааст, ки дар муқоиса ба соли 2014 пасттар ва дар муқоиса ба соли 2022 0,5 банди фоизи зиёд мебошад. Илова бар ин қайд кардан зарур аст, ки вайрон шудани паритети асъорӣ дар солҳои 2014-2016 сатҳи хавфҳои низоми бонкиро ба дараҷаи 58,1% баланд намуд, ки аз ҳама нишондиҳандаи балантарин ва ташвишовар арзёбӣ мегардад. Ба ин хотир ҷиҳаи таъмини мувозинаи амнияти минбаъдаи сандуқи қарзии низоми бонкӣ андешидани чораҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад:

1. Диверсификатсияи сандуқи қарзии низоми бонкӣ дар шароити ҷорӣ ва баланд гардидани хавфҳои умумииқтисодӣ;
2. Зиёд намудани захираҳои асъорӣ ва дар заминаи пур намудани сандуқи қарзии низоми бонкӣ аз ҳисоби сарчашмаҳои дохилӣ;
3. Ғайринақдикунонии амалиётҳои қарзӣ марҳала ба марҳала бо дарназардошти сатҳи хавфҳо ва талаботҳои ҷомеа;
4. Назорат ва санҷиши дурусти қобилияти пардохтпазирии қарзгирандагон ва сари вақт бозпасгардонии қарзҳои гирифташуда;
5. Корбарӣ дар сатҳи кадрӣ ва ҷобаҷогузории дурусти онҳо ба вазифаҳои масъул ва муҳим ва ғ.

Новобаста аз оне, ки тамоили зуд тағйирёбии нишондиҳандаҳои молиявӣ ва шумораи онҳо аз як қатор омилҳо вобаста мебошад, ин масъала олимони тоҷикро бетараф нагузошта дар масъалаи амнияти иқтисодӣ, низоми молиявӣ ва низоми бонки назару андешаҳои худро пешниҳод намудаанд. Дар доираи таҳияи консепсияи амнияти иқтисодӣ чи тавре ки таҳқиқ карда шуд, мавқеи асосиро унсури молиявию иқтисодӣ ва устувори молиявӣ ташкил медиҳад. Таъмини ҳимояи манфиатҳои молиявии субъектҳои иқтисоди миллӣ дар ҳамаи зинаҳои муносибатҳои шаҳрвандон, ташкилот ва давлат дар дохили кишвар ва берун аз он дар низоми амнияти иқтисодии кишвар, алалхусус барои кишварҳои аз љиҳати молиявӣ ноустувор ва рӯ ба инкишоф, унсури калидӣ маҳсуб меёбад. Қад гардидааст, ки маҳаки муайян намудани амнияти молиявӣ суботнокӣ, инкишофи мутавозини низоми молиявӣ, буљетӣ, андозӣ, ҳисоббаробаркунӣ, сармоягузорӣ ва фондӣ ба ҳисоб меравад[7.443]. Хамзамон бо ин қайд кардан зарур аст, ки дар таъмини амнияти низоми молиявии кишвар бодарназардошти гуфтаҳои Миляев П.В. ҳамоҳангии бахши воқеии иқтисодӣ бо сохторҳои молиявӣ шарти зарурӣ ва асосӣ мебошад.

Улугходжаева Х.Р., Мирзоев С.С. ҳамзамон мавзӯи уствории молиявии бонкҳоро таҳқиқ намуда, онро ба устувории дохилӣ, умумӣ ва молиявӣ људо менамоянд. Омилҳои устувории молиявии бонки тиљоратӣ қувваҳои ҳаракатдиҳандаро меноманд, ки ба амнияти бонк ва рушди устувори он таъсир мерасонанд ва ё баръакс онҳо сабаби муаммоҳои бонк шуда метавонанд[7.5].

Дар дигар маврид ба андешаи Р. Олимшоев, Х.М. Ашуров қайд менамоянд, ки амнияти иқтисодии бонк ин ҳолати ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳим аз таҳдидҳои берунаву дохила, ки бо низоми тадбирҳои иқтисодӣ, ташкилӣ ва техникӣ ба роҳ монда мешавад. Амнияти иқтисодии бонк ба худ ҳамаи намудҳои амниятро дарбар мегирад. Чунки дар љараёни таъмини он амният аз ҳамон таҳдидҳое, ки барои барои бартараф кардани онҳо фаъолияти иттилоотӣ ва љисмонӣ равона мегардад. Бинобар ин, қайд

гардидааст, ки самаранокии таъмини амнияти иқтисодии бонк дар ҳолати ташкили хадамоти махсус ба даст оварда мешавад[5.158].

Ба андешаи мо, дар шароити мурккаб гардидани технологияҳои иттилоотии молиявӣ ва гузтариш пайдо кардани рақамикунонии иқтисодиёт дар сатҳи ҷаҳон зарурияти фаҳмиши таъмини амнияти молиявиро дигаргун ва васеъ намудааст. Аз ин хотир баназар гирифтани амнияти молиявии низоми молиявии кишвар дар шароити талабот ба рақамикунонии иқтисодиёт ва тақвияти пардохтҳои электронӣ муҳим ва зарӯӣ мебошад. Вобаста ба таҳлилҳои анҷомгардида иброз доштан зарур аст, ки ҷиҳати таъмини амнияти низоми молиявии кишвар дар раванди ҷаҳоишавӣ бояд тақвияти масъалаҳои зерин аҳамияти аввалиндараҷа дошта бошанд:

1. Мутобиқ намудани меъёрҳои бехатарии низоми молиявию иқтисодӣ бо тамоюл ва тағйиротҳои зудивазшавандаи ҷаҳонишавӣ дар шароити муосир;
2. Ворид намудани технологияи муосир ва пешрафта дар самти назорат, танзим ва иҷрои амалиётҳои моливӣ дар сатҳи иқтисодиёти мамлакат;
3. Фароҳам овардани шароити ҳамгироӣ байни низоми молиявӣ ва бахши воқеии иқтисодӣ дар ҳама ҳолат ва шгароит;
4. Пурзур намудани низоми назоратӣ дар сатҳи низоми молиявӣ, ҷиҳати сафарбарсозии маблағгузори ба бахши воқеии иқтисодиёт ва аҳолӣ;
5. Ба таври доимӣ вобаста ба имконият маҳдуд намудани амалиётҳои хавнок ва табдил додани онҳо ба амалиётҳои самаранок;
6. Назорат ва санҷиши дуруст аз рӯи амалиётҳои, қарзӣ, сармоягузорӣ ба тамоми самту соҳаҳои кишвар;
7. Дарёфти механизмҳои ҳаракат ва гирдгардиши сармоя дар дохили кишвар ва дар заминаи ин баланд кардани иқтидори содиротии кишвар ва ғ.

## АДАБИЁТ

1. Воеводская П.О. Направления развития регулирования рисков российского банковского сектора//Финансы, денежное обращение, кредит. – 2014. №9(118). – С.117-122.
2. Клоков Е. А. Финансовая безопасность государства: сущность и современные угрозы. Научный Вестник Омской академии МВД России № 2(37), 2010.С.46.
3. Клоков Е. А. Финансовая безопасность государства: сущность и современные угрозы. Научный Вестник Омской академии МВД России № 2(37), 2010.С.46.
4. Миляев П.В. Экономическая безопасность коммерческого банка//Аудит и финансовый анализ. - №2. – 2010. – С.443.
5. Олимшоев Р., Ашуров Х.М. Экономическая безопасность банковской деятельности//Вестник Таджикского Национального университета. Серия экономических наук. - №2/5(117). – 2013. – С. 258-259.
6. Рушди низоми бонкӣ дар 25 соли Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2016. Саҳ 7.
7. Улугходжаева Х.Р., Мирзоев С.С. Факторы, влияющие на финансовую устойчивость коммерческих банков Республики Таджикистан// Вестник Таджикского Национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - №2. – 2019. – С.5
8. Экономическая безопасность России: (Общий курс): учебник / под ред В. К. Сенчагова М: Дело, 2005. С. 310.
9. Экономическая безопасность бизнеса, 2009, с. 64.

**УДК: 332.12**

**Абдуллозода Б.Ш.**

## ТАБИАТИ ИҚТИДОРИ ИҚТИСОДӢ ВА СОХТОРИ ОН ДАР ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚА

Заминаи таъмини рушди устувори иқтисодии минтақа аз иқтидори иқтисодии субъектҳои хоҷагидори соҳаҳои гуногун вобаста мебошад. Аҳамияти тадқиқоти минбаъда аз муайян намудани омилҳое, ки ба рушди иқтисодиёт халал мерасонанд ва мусоидат менамоянд равона карда мешавад. Нуқтаҳои асосии ҳалли шартҳои рушди устувор аз таҳкими иқтидори иқтисодии субъектҳои хоҷагидор вобаста буда, пеш аз ҳама омӯзиши амиқ ва ҳамаҷонибаи онро тақозо мекунад. Дар таҳқиқоти мазкур ба масъалаҳои тафсири мафҳуми иқтидори иқтисодӣ, меъёрҳои андозагирии иқтидори иқтисодӣ ва ҷустуҷӯи равишҳои баҳодиҳӣ, дар асоси хусусияти бисёрҷабҳаи категорияи мазкур таваҷҷуҳ дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** низоми иқтисодӣ, иқтидор, иқтидори иқтисодӣ, рушди иқтидосӣ, имконият,рақобатпазирӣ, эъҷоди арзиш, ҷанбаи захиравӣ ва қобилиятӣ, равишҳои захиравӣ ва натиҷавӣ, хусусияти иқтидор, хусусияти интегралӣ, имконияти захираҳо.

**Абдуллозода Б.Ш.**

## ПРИРОДА ЭКОНОМИЧЕСКОГО ПОТЕНЦИАЛА И ЕГО СТРУКТУРА В РЕГИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКЕ

Основой обеспечения устойчивого экономического развития региона является экономический потенциал субъектов хозяйствования различных отраслей. Актуальность дальнейших исследований и определения факторов, препятствующих и способствующих экономическому развитию является аксиоматичной. К ключевым моментам решения условий устойчивого развития можно отнести укрепление экономического потенциала хозяйствующих субъектов, что требует, прежде всего, его глубокого и всестороннего изучения. В данном исследованиии внимание сфокусировано на вопросах трактовки понятия экономического потенциала, критериях измерения экономического потенциала, поиске подходов к оценке, основанных на многовекторности категории.

**Ключевые слова**: экономическая система, потенциал, экономический потенциал, экономическое развитие, возможность, конкурентоспособность, создание стоимости, ресурсный аспект и аспект способностей, ресурсный и результативный подходы, характеристики потенциала, интегральные характеристики, ресурсный потенциал.

**Abdullozoda B.Sh.**

## THE NATURE OF ECONOMIC POTENTIAL AND ITS STRUCTURE IN THE REGIONAL ECONOMY

In the current conditions, the basis for ensuring sustainable economic development of the region is the economic potential of business entities in various industries. The relevance of further research and identification of factors that impede and promote economic development is axiomatic. The key points in solving the conditions for sustainable development include strengthening the economic potential of business entities, which requires, first of all, its in-depth and comprehensive study. In this study, attention is focused on the issues of interpretation of the

concept of economic potential, criteria for measuring economic potential, and the search for approaches to assessment based on the multi-vector nature of the category.

**Key words**: economic system, potential, economic potential, economic development, opportunity, competitiveness, value creation, resource aspect and ability aspect, resource and performance approaches, potential characteristics, integral characteristics, resource potential.

Дар марҳилаи кунунӣ, иқтидор ва ҳама гуна хусусиятҳои иқтидории объектҳо зери таҳлили тадқиқотҳои илмӣ қарор доранд. Дар баробари ин, чунон ки таҳлили адабиётҳо ва нашрияҳо оид ба ин масъала нишон медиҳад, дар ин соҳа ақидаҳои ягона оид ба заминаи ягонаи назариявии омӯзиши иқтидорҳо, аз ҷумла мафҳуми ягонаи консептуалӣ, принсипҳои методологӣ ва равишҳои методикавӣ, воситаҳои методологии арзёбии иқтидорҳо номукаммал мебошанд. Ҳамзамон вобаста ба самтҳои истифодабарии хусусиятҳои иқтидор дар идоракунии равандҳои иқтисодӣ ақидаҳои аниқ ташаккул наёфтаанд.

Ҷиҳати муайян намудани самтҳои минбаъдаи рушди минтақа ва расидан ба ҳадафҳои стратегӣ, ташаккул додан ва васеъ намудани имкониятҳои субъектҳои хоҷагидор барои қонеъ намудани талаботҳои ҷамъиятӣ бо сарфи ками захираҳо, бояд амалӣ карда шавад.

Айни замон барои амалӣ намудани чунин баҳодиҳӣ иқтидори иқтисодии низомҳои хоҷагидор истифода мегардад, зеро дар онҳо ҳаҷми захираҳои ҷамъшуда ва ҳам дараҷаи истифода бурдани имкониятҳои эҳтимолӣ ба инобат гирифа шудааст.

Маҳз иқтидори иқтисодӣ асос барои қабули қарорҳои стратегӣ ба ҳисоб рафта, самти рушди минбаъдаи минтақаро дар асоси шароити бозор, ташаккули барномаҳои мушаххаси фаъолият барои солҳои оянда муайян мекунад.

Дар натиҷаи нопуррагӣ дар адабиёти илмӣ оид ба мафҳумҳои иқтидор тавсияҳои нокифоя асоснокшуда ё нопурра бисёр дида мешаванд. Ҳамзамон, кӯшишҳои бемуваффақият барои тасниф намудани ҳама гуна иқтидорҳо, равишҳои назариявӣ ва методологии баҳснок барои арзёбии иқтидорҳо мавриди таҳлилҳо қарор дорад.

Бояд қайд намуд, ки мафҳуми иқтидори иқтисодӣ ба таври васеъ омӯхта нашудааст. Зеро ин категория танҳо дар охири солҳои асри 20 дар илми иқтисодӣ фаъолона омӯхта шуд. Истилоҳи иқтидори иқтисодӣ дарҳол пайдо нашуд, дар аввал иқтидорҳои гуногун, аз ҷумла иқтидори истеҳсолӣ дар алоҳидагӣ омӯхта мешуданд, ки хусусиятҳои корхонаҳои истеҳсолиро инъикос менамуданд.

Дар ин шароит вазифаи таъхирнопазир аз ташаккул додани заминаи ягонаи назариявии омӯзиши иқтидорҳо дар иқтисодиёт, аз ҷумла мафҳуми ягонаи консептуалӣ, принсипҳои методологӣ, равишҳои методикавӣ ва истифодаи амалии андозаи иқтидор дар идоракунии равандҳои иқтисодӣ мебошад.

Дар луғати вожаҳои хориҷӣ, зери таҳрири О.С. Мелничук тафсири истилоҳоти иқтидор аз калимаи лотинии potentia (қувва) сарчашма гирифта, зери истилоҳи “иқтидор”: имконият, қувваҳо, захираҳо ва қобилият, ки метавонанд истифода шаванд оварда шудааст. Тафсири “иқтидори иқтисодӣ” бошад чунин шарҳ дода шудааст: “иқтидори иқтисодӣ - ин имкониятҳои иқтисодии давлат мебошад, ки барои таъмини тамоми эҳтиёҷоти моддии он истифода мешавад»[6]. Дар баробари ин дар Луғати этимологии забони русӣ, зери таҳрири Н. М. Шанский пайдоиши калимаи “иқтидор”-ро аз калимаи “potens”-и забони фаронсавӣ арзёбӣ намуда, онро ҳамчун “қудратмандӣ” ва ё “қодир будан” шарҳ дода мешавад [11]. Дар Энсиклопедияи калони шӯравӣ зери таҳрири Б. А. Введенский мафҳуми “иқтидор” ҳамчун воситаҳо, захираҳо ва манбаъҳое, ки мавҷуданд ё метавон ҷалб гарданд, ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои муайян ё ҳалли масъалаҳо ба кор андохта мешавад, тавсиф карда шудааст [2]. Шарҳи васеи тафсири истилоҳи “иқтидор”, ки дар Энсиклопедияи калони

шӯравӣ оварда шудааст имкон медиҳад, ки он дар соҳаҳои гуногуни илм ва фаъолияти инсон татбиқ карда шавад.

Дар луғати консептуалӣ ва истилоҳотии географияи иқтисодӣ зери таҳрири Э.Б. Алаев иқтидори минтақа ҳамчун муносибати байни зичии воқеӣ ва максималӣ дар шароити тағйирёбанда муайян карда шудааст. Ба таври дигар гуем, иқтидори минтақа – ин имкониятҳои ғунҷоиши минтақаро нишон медиҳад [7].

Як қатор муаллифон қайд менамоянд, ки пайдо шудани мафҳуми иқтидори иқтисодӣ, аз як тараф, аз дарк кардани тамом шудани захираҳо барои рушди экстенсивии иқтисодиёт бошад, аз тарафи дигар, кӯшиши ба амал даровардани захираҳои иловагии ғайрифаъол, ки дар фаъолият ҷалб нагардидаанд ба ҳисоб меравад.

Дар адабиётҳо давраи шӯравӣ ҳангоми истифодаи иқтидор, диққати махсус ба зиёд истеҳсол намудани махсулот, мутаносибан пурра истифода бурдани тамоми захираҳои мавҷуда дода шудааст.

Аммо, таҷриба нишон медиҳад, ки пурра бо кор таъмин намудани захираҳо дар айни замон дар сатҳи 10 - 20 фоизи ҳаҷми умумии онҳо нигох доштани вазни қиёсии иқтидорҳои бекорхобида ва дараҷаи бекории табииро дар сатҳи 5 - 6 фоизи қувваи корӣ дар назар дорад. Ин нишондиҳандаҳо дар кишварҳои алоҳида метавонанд гуногун бошанд, вале дар ҳама ҳолатҳо пурра истифода бурдани захираҳо дар сатҳи 100 фоизро истисно мекунад[3].

Зери мафҳуми иқтидори иқтисодӣ ҳаҷми максималии истеҳсоли арзиш фаҳмида нашуда, балки ҳаҷми истеҳсолоти устуворона, ҳангоми нигоҳ доштани мувозинат дар ҳама бозорҳо фаҳмида мешавад.

Дар аксари асарҳои ин давра аҳамияти омӯзиши муаммоҳои баҳодиҳии иқтидорро қайд намуда, мавҷудияти тафовути ҷиддиро дар таърифи мафҳуми «иқтидор», моҳият, таркиб ва робитаи он бо категорияҳои дигар нишон медиҳанд.

Категорияи иқтидорро вобаста ба омили вақт дар ду сатҳ баррасӣ кардан мумкин аст:

- Муваффақшуда;
- Эҳтимолӣ.

Иқтидори муваффақшуда, ин маҷмӯи захираҳо ва қобилияти эҷоди арзиш дар сатҳи муваффақшудаи ташкилии рушди қувваҳои истеҳсолкунанда ва дараҷаи истифодаи имкониятҳои иқтидории дастгоҳи истеҳсолӣ дар сатҳи ҳозираи мушаххаси рушди илму техника мебошад.

Иқтидори эҳтимолӣ, ин ҳаҷми ҳадди аксари имконпазири истеҳсоли арзишҳои моддӣ ва хизматрасониро ифода мекунад, ки дар сурати истифода бурдани тамоми имкониятҳо ва истифодаи оптималии захираҳо мутобиқи сатҳи инкишофи дониш ва технология ба даст оварда мешавад.

Иқтидор захираҳоеро, ки дорои имкониятҳои ҳақиқӣ, мушаххас ва таҳқиқшуда мебошанд ва онҳоро дар раванди истеҳсолот истифода бурдан мумкин, муттаҳид мекунад.

Дар илми муосир иқтидор ҳамчун категорияи илмӣ, ду нуқтаи назари асосиро дар бар мегирад. Аз як тараф, ҷанбаи захиравӣ омӯхта шуда, захираҳое, ки дар фаъолияти хоҷагидорӣ мавҷуданд ва метавонад истифода гарданд дар бар мегирад.

Вобаста ба ҷанбаи қобилиятии иқтидор, қайд менамоем, ки зери он қобилияти субъектҳои хоҷагидорӣ фаҳмида мешавад. Ба ин қобилиятҳо, пеш аз ҳама инкишоф ёфтан, такмил ёфтан ва самаранок истифода бурдани захираҳои мавҷуда дар назар дошта шудааст.

Бояд қайд намуд, ки дар мавриди истифодаи мафҳуми «иқтидор», ки дар илми мусоир дида мешавад, равиши “захиравӣ” бештар ба назар мерасад. Дар равиши “захиравӣ”, ду нуқтаи назар, ҷудо карда мешавад.

Якум - ин иқтидор, ҳамчун маҷмӯи захираҳо бидуни ба назар гирифтани робитаҳои байниҳамдигарӣ ва иштироки онҳо дар раванди истеҳсолот;

Дуюм - ин иқтидор, ҳамчун маҷмӯи захираҳо, ки барои истеҳсоли микдори муайяни неъматҳои моддӣ қодир мебошанд.

Ин нуқтаи назари истифодаи иқтидор ду ҷанбаро дар бар мегирад, мавҷудияти захираҳо ва мақсади истифодаи онҳо.

Вобаста ба таърифҳое, ки аз ҷониби муаллифони гуногун дар адабиётҳо дида мешавад, ба иқтидор диққати муайян медиҳанд:

- ба таркиби моддӣ ё захиравӣ;
- ба имкониятҳо ва захираҳои пинҳоншуда.

Дар асоси гуфтаҳои боло, истифодаи иқтидор дар ду равиши асосӣ баррасӣ қарда мешавад:

- равиши захиравӣ;
- равиши натиҷавӣ.

Зери мафҳуми иқтидори иқтисодӣ маҷмӯи захираҳои мавҷуда фаҳмида мешавад. Дар Энсиклопедияи калони шӯравии соли 1975 иқтидори иқтисодӣ, ҳамчун микдори захираҳои меҳнатӣ ва дараҷаи омодагии онҳо, ҳаҷми иқтидорҳои истеҳсолии соҳаи истеҳсолӣ ва корхонаҳои сохтмонӣ, имкониятҳои хоҷагии ҷангал, дарозии роҳҳои наклиётӣ ва мавҷудияти воситаҳои наклиёт, тараққиёти соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ, комёбиҳои илму техника, захираҳои канданиҳои фоиданок, ки қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷамъиятро ташкил медиҳанд, тавсиф мешавад [2].

П.А.Игнатовский иқтидори иқтисодиро ҳамчун, низомҳои муосири мошинҳо ва дигар асбобҳо, тамоми захираҳои илмию истеҳсолӣ, захираҳои кашфшуда ва истихроҷшудаи ашъёи хом ва энергия, захираҳои меҳнатӣ, таҷрибаи истеҳсолӣ, муайян кардааст [4]. Б.М. Мочалов иқтидори иқтисодиро ҳамчун, қобилияти тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ дар истеҳсоли маҳсулотҳои саноатӣ ва хоҷагии қишлоқ, анҷом додани корҳои сохтмонӣ, кашондани бор ва хизматрасонӣ ба аҳолӣ тавсиф мекунад. Ф.А. Керженсев дар кори худ иқтидори иқтисодии корхонаро ҳамчун маҷмӯи қобилиятҳои субъекти хоҷагидор оид ба амалӣ намудани фаъолияти истеҳсолӣ дар асоси таъсири якҷояи омилҳои иқтидорҳои таркибии он, барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии рушд ва афзоиши рақобатпазирии корхона дар шароити муосири иқтисодӣ қайд намудааст. Аз ҷониби Лапин Е.В. зери мафҳуми иқтидори иқтисодӣ имкониятҳои умумии хоҷагии халқ барои ташаккул додан ва пурра қонеъ намудани талабот ба мол ва хизматрасонӣ дар асоси истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда, дар шароити муносибатҳои муайяни иҷтимоию иқтисодӣ баён гардидааст[3].

Бояд қайд намуд, ки равиши захиравӣ як қатор камбудиҳо дорад. Аз ҷумла, робитаҳои байниҳамдигарӣ қисмҳои таркибии иқтидори иктисодиро ба назар намегирад. Ҳамзамон ин равиш, танҳо захираҳои мавҷударо ба инобат мегирад, аммо имкони рушди низоми иқтисодӣ, ки метавонад дастрасиро ба захираҳои нав пайдо кунад ба инобат гирифта намешавад. Сеюм равиши захиравӣ таъсири синергетикиро, ки ҳангоми дар якҷоягӣ истифода шудани захираҳо ба даст меояд, ба назар намегирад. Моҳияти таъсири синергетикӣ дар он аст, ки дар раванди истифодаи якҷояи онҳо хосиятҳои навро ба даст меорад, ки ҳангоми дар алоҳидаи фаъолият кардани онҳо, ин хосият дида намешавад.

Бояд қайд намуд, ки захираҳои мавҷуда, асоси пешрафти ҳар як низоми иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Зеро маҳз микдор, ҳаҷм ва ҳолати захираҳо, инчунин самаранок истифода намудани онҳо, шарти асосии афзоиш додани иқтидори иқтисодӣ мебошад.

Равиши дуюм оид ба муайян намудани иқтидори иқтисодӣ, пеш аз ҳама ҳамчун қобилияти низмои иҷтимоию иқтисодӣ ё низоми хоҷагидорӣ оид ба эъҷоди занҷираи арзиш арзёбӣ мегардад. Дар доираи ин равиш якчанд тафсири иқтидори иқтисодӣ вуҷуд дорад.

Аз ҷониби Федонин А.С. мафҳуми иқтидори иқтисодӣ ҳамчун қобилияти маҷмӯи захираҳои низоми иқтисодӣ барои иҷрои мақсад ва вазифаҳо гузошташуда, маънидод мегардад[10]. Симионов Р.Ю. иқтидори иқтисодиро ҳамчун қобилияти низоми захираҳо ва идоракунӣ барои расидан ба натиҷаҳо, тавассути татбиқи маҷмӯи фаъолияти самарабахши иқтисодӣ муайян кардааст [6]. Задумкин К.А. дар навбати худ қайд намудааст, ки иқтидори иқтисодӣ - ин қобилияти умумии иқтисодиёти кишвар, соҳаҳо, корхонаҳо ва хоҷагиҳои хонавода барои пешбурди фаъолияти истеҳсолию иқтисодӣ, истеҳсоли маҳсулот, мол, хизматрасонӣ, ҷиҳати қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ва иҷтимоӣ, таъмини рушди истеҳсолот ва истеъмолот мебошад [3].

Равиши мазкур барои муайян намудани иқтидори иқтисодӣ аз нуқтаи назари қобилият як қатор камбудиҳо дорад, аз ҷумла:

- категорияи қобилият дар илми иқтисодӣ аз рӯи баҳодиҳии миқдорӣ хеле душвор мебошад. Аз ҷиҳати миқдорӣ, тавсиф карда натавонистани ин ё он ҳодиса, масъалаи қиёс ва муқоиса кардани иқтидори иқтисодии низомҳои гуногуни иқтисодиро ба миён меорад;
- дар ин равиш таркиби захиравии низоми иқтисодӣ ба инобат гирифта намешавад, захираҳои ҷамъшудаи он (аз ҷумла, аз ҳисоби таҷриба) дараҷаи истифодаи самаранокии онҳо. Бо қобилиятҳои баробар барои рушд ва такмил, низомҳои иқтисодӣ аз рӯи ҳаҷм ва сифати захираҳои ҷамъшуда, метавонанд иқтидорҳои гуногун дошта бошанд.

Дар ҷамъбасти таҳлили равишҳои асосии тафсири мафҳуми иқтидори иқтисодӣ, қайд намудан ба маврид аст, ки чунин тафовутҳо дар таърифҳо бо он маънидод мешавад, ки ҳар як таҳқиқотчӣ яке аз хусусиятҳои иқтидори иқтисодиро бидуни пурра ошкор намудани он ҷудо намудааст. Дар баъзе таърифҳо ба шароит ва омилҳое, ки бузургии иқтидорро муайян мекунанд диққати махсус медиҳанд, дар баъзеи дигар ба характери муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сеюм дар натиҷаҳои истифодаи он аҳамият медиҳанд.

Вобаста ба равишҳои омӯхташуда, афзалияту камбудиҳои ҳар як равишҳои алоҳида муайян карда шуд.

Ҳангоми таҳлили иқтидори иқтисодӣ, ба ғайр аз баҳодиҳии унсурҳои он, вазифаи баҳодиҳии иқтидори низоми иқтисодӣ дар маҷмӯъ ба миён меояд, ки ҳамчун қобилият барои худинкишофёбӣ фаҳмида мешавад, на қобилияти истеҳсоли ҳаҷми максималии арзишҳо.

Ҳамин тариқ, дар асоси равишҳои омӯхташуда оид ба муайян кардани иқтидори иқтисодӣ таърифе пешниҳод карда мешавад, ки барои таҳқиқоти минбаъдаи ин категория, равишҳои таҳлил ва арзёбии он замина мегузорад.

Иқтидори иқтисодӣ хусусияти таркибии имкониятҳои умумии захираҳоро дар давраи муайян барои таъмини ҳаҷми максималии истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ бо мақсади пурратар қонеъ намудани талаботи аҳолӣ ва эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ, инчнуни таъмини рушди устувори иқтисодиро ифода мекунад.

Иқтидори иқтисодӣ аз рӯи хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатии захираҳои иқтисодӣ, ҳаҷми маҳсулот ва хизматрасониҳое, ки дар соҳаҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолии фаъолият истеҳсол карда мешаванд, инчунин имконияти умумии захираҳои мавҷудаи иқтисодӣ барои истеҳсоли миқдори муайяни неъматҳои моддиро муайян мекунад.

Иқтидори иқтисодӣ ҳамчун маҷмӯи захираҳо имконияти фаъолияти устувор ва самараноки низоми иқтисодиро муайян мекунад. Натиҷаи устуворӣ ва самаранокӣ, баланд шудани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ба ҳисоб рафта, сатҳ ва самаранокии истифодаи иқтидори иқтисодии ҷамъшударо нишон медиҳад.

Сохтор ва хусусияти иқтидори иқтисодӣ як қатор унсурҳоро дар бар мегирад, ки сохтори иқтидорро ташкил медиҳанд. Сохтори иқтидори иқтисодӣ дар баробари омӯзиши он дар адабиётҳои илмӣ ва инкишофи афкори иқтисодӣ тағйир ёфтааст. Қобили зикр аст,

ки тадқиқоти категорияҳои алоҳида, ки ҳоло ҷузъи иқтидор ба шумор мераванд, назар ба категорияи иқтидори иқтисоди пештар пайдо шуда, мустақилона инкишоф ёфтаанд.

Категорияи иқтидори иқтисодӣ, аз руи зуҳуроти худ зарурати омӯхтани тамоми ҷузъҳои онро ҳамчун як воҳид пешакӣ муайян намуд.

Дар солҳои пеш категорияи асосӣ дар тадқиқоти илмӣ, иқтидори истеҳсолӣ ба ҳисоб мерафт, ки он амалан бо иқтидори иқтисодӣ шабоҳат дода мешуд. Сохтори иқтидори истеҳсолӣ аз фондҳои асосии истеҳсолии корхонаҳо ва захираҳои моддию истеҳсолӣ иборат буд. Дар баробари инкишофи афкори иқтисодӣ дар сохтори иқтидори иқтисодӣ накши ҷузъҳои алоҳида ба монанди иқтидори инноватсионӣ, молияӣ ва инфрасохторӣ меафзоянд[1].

Тавсеаи оддии усули экстенсивии фаъолият, тавассути зиёд кардани иқтидорҳои истеҳсолӣ, масоҳати истеҳсолот ва шумораи кормандон бо зарурати афзоиши сифатӣ, ки бо зарурати татбиқи усулҳои интенсивии рушд, тавассути истифодаи технологияҳои нав ва коргузории инноватсионӣ, инчунин бо ҷалби мутахассисони баландихтисос, иваз карда шуд. Бояд қайд намуд, ки муаллифони муосир сохторҳои гуногуни иқтидори иқтисодиро пешниҳод мекунанд.

Таркиби унсурҳои иқтидори иқтисодӣ, ки бо ҳам алоқаманданд ва як воҳидро ташкил медиҳанд, пешакӣ муайян мекунад, ки омӯзиши ин категория на дар якҷоягӣ ё маҷмуъӣ, балки ба туфайли тартиботи хос ва мавҷудияти қонуниятҳо доштани таркиби унсурҳо, танҳо аз нуқтаи назари низом омӯхта шавад.

Ба низоми иқтидори иқтисодӣ тартиби дараҷабандӣ хос мебошад, яъне ҳар як унсурҳои низомро ҳамчун низом ва худи низомро низ ҳамчун унсури низоми болотар ҳисоб кардан мумкин аст. Унсурҳои алоҳидаи тобеи дараҷабандӣ хосиятҳои нав мегиранд, ки дар алоҳидагӣ онҳо ин хосиятро надоштанд.

Низоми иқтидори иқтисодӣ динамикӣ аст, яъне низоме, ки вобастагии функсионалии байни вақт ва мавқеъ дар марҳилаҳои ҳар як унсури алоҳидаи низом мебошад.

Вобаста ба он, ки иқтисодиёт ба қаламрави муайян вобаста мебошад, низоми иқтидори иқтисодӣ низ мувофиқи қаламрав дарҷабандӣ мегардад. Интихоби сарҳадҳои қаламрав аз ҳадафҳои тадқиқот вобаста аст, ки ба ин муносиб мо усули маъмурии ба минтақаҳо тақсим кардани қаламравро қабул кунем.

Сохтори иқтидори иқтисодии минтақа, ки ҳамчун маҷмӯи имкониятҳо фаҳмида мешавад, аз унсурҳои алоҳида иборат аст, ки онҳоро барои ҳалли масъалаҳо ва ҳадафҳои муайян истифода бурдан мумкин аст. Ҳамзамон, баъзе унсурҳо ва қисмҳои алоҳида метавонанд дар ҳолати ғайрифаъол бошанд ва барои ноил шудан ба ҳадафҳои муқарраршуда ва ҳалли вазифаҳои гузошташуда истифода нашаванд, яъне дар вақти муайян ҳамчун ҷузъи истифоданашаванда мавҷуд ҳастанд.




**Расми 1. Сохтори иқтидори иқтисодии минтақа**

Вобаста ба ин, зарурияти омӯхтани имкониятҳои якҷояи омилҳои эҳтимолӣ, ки барои ба вуҷуд овардани неъматҳои иқтисодӣ, ҷиҳати конеъ намудани талаботи аҳолӣ ва эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ равона мегардад, лозим аст.

Мусаллам аст, ки аз рӯи сохти худ иқтидори иқтисодӣ якранг нест. Он ҳамчун маҷмӯи ҷузъҳои муайян аз қисмҳое иборат аст, ки аз ҷиҳати моҳияти худ тафовути муайян доранд ва равандҳои иқтисодии минтақаро аз ҷиҳатҳои гуногун муайян мекунанд.

Иқтидори иқтисодии минтақа, ки ҳамчун мафҳуми мураккаб арзёбӣ мегардад, унсурҳои зиёдеро дар бар гирифта, таркиби он аз ҳисоби як қатор иқтидорҳои асосӣ ва фаръӣ ташаккул меёбад.

Доираи мақола имкон намедиҳад, ки мафҳуми иқтидори иқтисодӣ амиқ ва ҳаматрафа омӯхта шавад. Дар шароити имрӯза инфрасохтори инноватсионї низ маъз барои пешрафти иқтисодиёти минтақавкумаки калон мерасонад, хусусан дар минтақањои наздисарњадї[9].

Ба андешаи мо, ташаккули равиш барои ошкор намудани масъалаҳои муҳим ва ошноии аввалия бо омилҳо ва унсурҳои таркибии иқтидори иқтисодии минтақа дар мисоли вилояти Суғд барои идомаи таҳлил заминаи зарурӣ мебошад.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти табиати иқтидори иқтисодии минтақа ва сохтори он нишон дод, ки зери ин мафҳум имкониятҳои низоми унсурҳо, ки ба фаъолияти устувор ва самараноки низоми иқтисодии минтақа мусоидат мекунанд, фаҳмида мешавад.

Таркиби унсурҳои иқтидори иқтисодӣ, ки бо ҳам алоқаманданд ва як воҳидро ташкил медиҳанд, пешакӣ муайян мекунад, ки омӯзиши ин категория на дар якҷоягӣ ё маҷмуъӣ, балки ба туфайли тартиботи хос ва мавҷудияти қонуниятҳо доштани таркиби унсурҳо, танҳо аз нуқтаи назари низом омӯхта шавад.

Низоми иқтидори иқтисодӣ динамикӣ аст, яъне низоме, ки вобастагии функсионалии байни вақт ва мавқеъ дар марҳилаҳои ҳар як унсури алоҳидаи низом. Вобаста ба он, ки иқтисодиёт ба қаламрави муайян вобаста мебошад, низоми иқтидори иқтисодӣ низ мувофиқи қаламрав дарҷабандӣ мегардад.

Истифодаи категорияи иқтидори иқтисодӣ дар амалия ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва самаранокии истифодаи оқилонаи захираҳо хизмат мекунад, ки вобаста ба он сатҳои баландтари нақшҳои захираҳои меҳнатӣ, табиӣ, молиявӣ, иноватсионӣ, инфрасохтори бозорӣ ва дигар унсурҳои сохтори иқтидори иқтисодии минтақа фароҳам меоянд.

## АДАБИЁТ


1. Ашуров М. Н. Механизм формирования и управления рыночной инфраструктурой региона / М. Н. Ашуров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. – № 2/2(197). – С. 37-41.
2. Большая Советская Энциклопедия /Под ред. Б.А. Введенского/ Москва-1957 г.
3. Задумкин, К.А. Научно-технический потенциал региона: оценка состояния и перспективы развития, под ред. Задумкин, К.А. // Москва-2010 г.
4. Игнатовский П.А. Экономический потенциал и условия действенности хозяйственного механизма // Плановое хозяйство № 2 // под ред. Игнатовский П.А.// Москва-1980 г.
5. Мельничука О.С. Словарь иностранных слов //од ред. О.С. Мельничука// научная монография/Москва 1975 г.
6. Серегина С.Ф. Макроэкономика / учебная книга//под ред., Агапова Т.А., Серегина С.Ф., Москва-1997.
7. Социально-экономическая география. Понятийно-терминологический, под ред. Алаев Э.Б., 1983.

8. Стоимостная оценка экономического потенциала строительного предприятия: подходы и методы. Экономический анализ: теория и практика. № 2, под ред. Симионов Р.Ю. 2007 г
9. Убайдуллоев Ф. К. Состояние и развитие таможенной инфраструктуры приграничных районов Таджикистана / Ф. К. Убайдуллоев, М. Н. Ашуров // Известия ВУЗов (Кыргызстан). – 2013. – № 7. – С. 19-24.
10. Федонин А.С Потенциал предприятия: формирование и оценка, под ред. Федонин, А.С. 2003 г.
11. Шанского Н.М. Этимологический словарь русского языка /научная монография// Под ред. Н.М. Шанского //Москва 1982 г.

**УДК: 331.45(575.3)**

**Ализода Ҷ.Б.**

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚИ МАСЪАЛАҲОИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТИИ МАМЛАКАТ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ

Дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт омӯзиши масъалаи таъмини амнияти иттилоотӣ боз ҳам мубрам мегардад. Ҳарчанд то ба имрӯз таҳлилҳои гуногун оиди мафҳуми амнияти иттилоотӣ аз ҷониби олимони хориҷӣ ва ватанӣ гузаронида шуда, таваҷҷуҳи зиёд ба он зоҳир карда шавад ҳам, аммо таҳқиқи пурраи таъмини амнияти иттилоотиро дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт дар бар намегирад. Бо назардошти чунин вазъият дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт дар мақолаи мазкур масъалаи омӯзиши асосҳои назариявии амнияти иттилоотӣ мақсади таҳқиқот қарор гирифтааст. Дар раванди омӯзиши масъала мафҳуми амнияти иттилоотӣ аз ҷониби олимони хориҷӣ ва ватанӣ дар давоми чанд даҳсолаҳои охир ва имрӯз ба назар гирифта мешавад. Дар натиҷаи таҳқиқот муайян гардид, ки рушди бомайлонӣ технологияҳои иттилоотӣ аҳамиятнокии омӯзиши масъалаи амнияти иттилоотиро меафзояд, зеро дар баробари рушди он таҳдидҳо ба захираҳои иттилоотӣ зиёд гардида, зарурати ҳифзи иттилоот ба миён меояд. Таҳқиқоти мазкур барои омӯзиши мафҳуми амнияти иттилоотӣ ва таҳдидҳои нав дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт саҳми муҳим мегузорад.

**Калидвожаҳо:** мафҳум, амният, амнияти миллӣ, амнияти иттилоотӣ, ҳифзи иттилоот, киберамният, рақамӣ, рақамикунонии иқтисодиёт.

**Ализода Дж.Б.**

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИССЛЕДОВАНИЯ ВОПРОСОВ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ИНФОРМАЦИОННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ СТРАНЫ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ

В условиях цифровизации экономики исследование вопроса обеспечения информационной безопасности становится еще более важным. Хотя зарубежными и отечественными учеными проводились различные анализы понятия информационной безопасности и ему уделялось большое внимание, оно не включает полного исследования

информационной безопасности в условиях цифровизации экономики. Учитывая такую ситуацию в условиях цифровизации экономики, в данной статье целью исследования стало изучение теоретических основ информационной безопасности. В процессе изучения вопроса понятие информационной безопасности рассматривается зарубежными и отечественными учеными на протяжении последних десятилетий и в настоящее время. В результате исследования определено, что постепенное развитие информационных технологий повышает важность изучения вопроса информационной безопасности, поскольку вместе с ее развитием возрастают угрозы информационным ресурсам, возникает необходимость защиты информации. Данное исследование вносит важный вклад в изучение понятия информационной безопасности и новых угроз в условиях цифровизации экономики.

**Ключевые слова:** понятие, безопасность, национальная безопасность, информационная безопасность, защита информации, кибербезопасность, цифровизация, цифровизация экономики.

**Alizoda J. B.**

## THEORETICAL BASICS OF RESEARCHING ISSUES OF PROVIDING INFORMATION SECURITY OF THE COUNTRY IN THE CONDITIONS OF DIGITALIZED ECONOMY

In the conditions of digitization of the economy, the study of the issue of ensuring information security becomes even more important. Although various analyzes of the concept of information security have been carried out by foreign and domestic scientists and a lot of attention has been paid to it, it does not include a complete investigation of information security in the conditions of digitalization of the economy. Taking into account such a situation in the conditions of digitization of the economy, in this article, the study of the theoretical foundations of information security has become the purpose of the study. In the process of studying the issue, the concept of information security is considered by foreign and domestic scientists during the last few decades and today. As a result of the study, it was determined that the gradual development of information technologies increases the importance of studying the issue of information security, because along with its development, threats to information resources increase, and the need to protect information arises. This study makes an important contribution to the study of the concept of information security and new threats in the context of digitalization of the econom.

**Keywords:** concept, security, national security, information security, information protection, cyber security, digital, digitization of the economy.

Дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ иттилоот ва технологияҳои иттилоотӣ дар таъмини рушди соҳаҳои гуногуни ҷомеа (давлат) саҳми хеле калон мегузоранд. Хизматрасониҳои электронӣ дар шароити рушди босуръати бозори хизматрасониҳо ва маҳсулоти хислати иттилоотидошта, истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи муосирро комилан мубрам мегардонад. Аз ин ҷост, ки иттилоот ба маҳсулоти пурарзишу пурбаҳо табдил мегардад ва ба ҳимояи эътимоднок эҳтиёҷ дорад.

Рушди бемайлонӣ технологияҳои иттилоотӣ аҳамиятнокии омӯзиши масъалаи таъмини амнияти иттилоотиро меафзояд, зеро дар баробари рушди он таҳдидҳо ба захираҳои иттилоотӣ зиёд гардида, зарурати ҳифзи иттилоот ба миён меояд. Ҳамин тавр, дар шароити ҷаҳонишавии ҷомеаи иттилоотӣ яке аз самтҳои асосии давлат дар сиёсати иттилоотӣ, таъмини амнияти иттилоотӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, дар давоми чанд

даҳсолаҳои охир ва имрӯз низ мафҳуми «амнияти иттилоотӣ» хеле мубрам гардида истодааст.

Дар адабиёти даврӣ зери мафҳуми «амният» олимон ҳамчун «вазъияте, ки дар он ба ягон кас ё ягон чиз хавфе таҳдид намекунад» маънидод намудаанд. Мафҳуми «амният» хусусияти мушаххаси таърихӣ дошта, бо ҳамаи шаклҳои фаъолияти инсон, ки дар низоми «табиат-инсон-ҷамъият» робитаи байниҳамдигарӣ доранд, сахт алоқаманд аст. Дар ҷаҳони муосир масъалаи амният рӯз то рӯз таваҷҷуҳи доимиро бештар тақозо мекунад.

Амният ва ё «бехатарӣ» фаъолияте мебошад, ки дар натиҷаи он имконият ва эҳтимолияти хатар аз байн бардошта шуда, амният таъмин карда мешавад. Амният инчунин ҳолате мебошад, ки дар он манфиатҳои ҳаётан муҳими ҷомеа, арзишҳои миллӣ ва тарзи миллии зиндагии аҳолӣ аз таҳдиди дохилию беруна эмин мешаванд.

Мафҳуми «амният» хусусияти умумӣ дошта, онро дар муносибат ба ҳама чиз истифода намудан мумкин аст. Зери мафҳуми амният дар назарияи файласуфи англис А.Смит вазъияти объективии шахсро фаҳмидан мумкин аст, ки ӯро аз эҳтимолияти кӯшиши суиқасд ба шахс ё моликияти ӯ раҳоӣ мебахшад [10] фаҳмида мешавад.

Ҳамин тариқ, мафҳуми «амният» ҳолати озодӣ аз хатарҳо ё таҳдидҳо барои шахс, ҷомеа ё давлат истифода бурда мешавад. Амният метавонад ҷанбаҳои гуногун дошта бошад, аз ҷумла амнияти миллӣ.

Амнияти миллӣ маҷмӯи тадбирҳо ва амалҳое мебошад, ки ба ҳифз ва таъмини амнияти давлат, шаҳрвандон ва ҳудуди он аз хатару таҳдидҳои гуногуни дохилӣ ва берунӣ нигаронида шудааст. Аз ҷумла ҳифзи истиқлолияти давлатӣ, тамомияти арзӣ, таъмини субот дар дохили кишвар, ҳифзи манфиатҳои иқтисодӣ ва молиявӣ, мубориза бо ҷинояткорӣ, терроризм, таҳдидҳои киберӣ, ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ ва ҷамъияти мебошад. Амнияти миллӣ чунин соҳаҳоро дар бар мегирад:




Расми 1.Навъҳои амнияти миллӣ вобаста ба соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёт

Амнияти сиёсӣ маҷмӯи васеи тадбирҳо ва амалҳоеро дар бар мегирад, ки ба таъмини субот, ҳифзи институтҳои давлатӣ, тартиботи ҳуқуқӣ, таъмини суботи сиёсӣ ва пешгирии таҳдидҳои эҳтимолӣ ба низоми сиёсӣ ва ҳаёти ҷамъиятӣ нигаронида шудаанд.

Амнияти сиёсӣ дар таъмини суботу рушди ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, ҳифзи арзишҳои демократӣ нақши калидӣ дорад. Вайрон кардани амнияти сиёсӣ метавонад ба бӯҳронҳо, низоъҳо, аз даст додани эътимод ба ниҳодҳои давлатӣ оварда расонад ва инчунин метавонад ба тартиботи ҷаҳонӣ таҳдид намояд.

Амнияти иқтисодӣ – ин ҳолати устувории низоми иқтисодӣ, ҳифзи манфиатҳои иқтисодии давлат ва ҷомеа аз таҳдидҳо ва хатарҳои гуногун дар мубориза бо таҳдидҳои дохилӣ ва беруна, нигоҳдории устуворӣ ва рушд мебошад.

Амнияти иқтисодӣ дар рушди иҷтимоӣ, таъмини устувории иқтисодӣ, суботи иҷтимоӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ ва баланд бардоштани сифати зиндагии мардум нақши муҳимро дорад. Вайрон кардани амнияти иқтисодӣ боиси бӯҳронҳо, таназзули иқтисодиёт, бад шудани шароити зиндагонӣ ва шиддати иҷтимоӣ мегардад. «Бо дарназардошти тавъам
будани иштироки давлат дар равандҳои ҷаҳонишавӣ зарурати коркарди механизми нави таъмини амнияти иқтисодӣ пеш меояд» [4].
Амнияти иҷтимоӣ дар эҷоди ҷомеаи мутавозини иҷтимоӣ, ки ҳар як шаҳрванд ба хизматрасониҳои асосии ҳаёт ва имкониятҳои рушд дастрасӣ дорад, нақши муҳимро мебозад. Давлат бо расонидани дастгирии иҷтимоӣ барои паст намудани сатҳи камбизоатӣ, беҳтар намудани саломатии аҳолӣ ва таъмини имкониятҳои баробар барои тамоми қишрҳои ҷомеа кӯшиш менамояд.

Амнияти экологӣ ин нигоҳдорӣ ва беҳбуди якпорчагии экологӣ, қатъи ифлосшавии муҳити зист, солимии муҳити зист ва таъмини рушди устувор бо назардошти талаботи одамон ва табиат мебошад. Он ба пешгирии таъсири зараровар ба табиат, кам кардани хатарҳо ба саломатии инсон ва ҳифзи организмҳои зинда ва экосистема нигаронида шудааст.

Амнияти ҳарбӣ раванди муҳими амнияти миллӣ аст, ки ба ҳифзи давлат аз таҳдидҳои беруна ва ҷанбаҳои низомии низоъҳо нигаронида шудааст. Ин тадбирҳо оид ба таъмини иқтидори мудофиавии кишвар, ҳифзи тамомияти арзии он, нигоҳдории артиш ва қувваҳои мусаллаҳ, муқовимат ба таҷовузи низомӣ ва таҳдидҳоро дар бар мегирад. Амнияти ҳарбӣ дар таъмини субот ва ҳимояи манфиатҳои давлат дар арсаи байналмилалӣ нақши муҳим дорад.

Яке аз ҷанбаҳои муҳими амнияти низомӣ ҳифзи фазои маҷозӣ ва амнияти иттилоотӣ аз таҳдиди ҳамлаҳои киберӣ ва ҷосусии киберӣ мебошад. Дар ҷаҳони муосир таҳдидҳои рақамӣ хатарҳои зиёд доранд ва нодида гирифтани онҳо метавонад ба оқибатҳои ҷиддӣ оварда расонад.

Амнияти фарҳангӣ мафҳуми ҳифзи мероси фарҳангӣ аз таҳдидҳои гуногун, аз ҷумла харобшавӣ, дуздӣ, таҳриф ва дигар шаклҳои зарар мебошад. Ҳадафи он ҳифз ва интиқоли арзишҳо ва анъанаҳое мебошад, ки асоси гуногунии фарҳангӣ ва худшиносии ҷомеаҳо мебошанд. Илова бар ин, амнияти фарҳангӣ ҳифзи фазои фарҳангӣ аз таъсири манфии идеологияҳо, ифротгароӣ, бегонаситезӣ, инчунин ҳифз аз таҳдидҳои киберӣ ва тахриби рақамии арзишҳои фарҳангиро дар бар мегирад.

Амнияти зеҳнӣ мафҳуми ҳифзи неруи зеҳнии ҷомеа, аз ҷумла дастовардҳои илмию техникӣ, навоварӣ, маълумоти махфӣ, сирри тиҷоратӣ ва дигар захираҳои зеҳнӣ аз таҳдидҳои дорои хусусияти гуногун дошта мебошад. Он чораҳоро оид ба пешгирии дуздии моликияти зеҳнӣ, нусхабардории ғайриқонунӣ, дастрасии ғайриқонунӣ ба маълумоти махфӣ, ҷосусӣ, инчунин муҳофизат аз таҳдидҳои киберӣ ва ҳамлаҳои киберӣ, ки ба даст овардани маълумоти махфӣ ва вайрон кардани амнияти иттилоотӣ нигаронида шудаанд, дар бар мегирад.

Амнияти зеҳнӣ инчунин ба ҳифзи ҳуқуқҳои муаллифӣ, патентҳо, тамғаҳои молӣ, иҷозатномаҳо ва дигар шаклҳои моликияти зеҳнӣ дахл дорад, ки ҳифзи ҳуқуқӣ ва мусоидат ба рушди инноватсия ва рушди иқтисодӣ мебошад. Аҳамияти амнияти зеҳнӣ дар шароити рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ, рақамикунонии ҷомеа ва ҷаҳонишавии иқтисод, вақте ки дороиҳои зеҳнӣ ба манбаи асосии рақобатпазирӣ ва рушди устувори кишвар табдил меёбанд, меафзояд. Ҷанбаҳои асосии амнияти зеҳнӣ таъмини махфият, дастрасии иттилоот, муҳофизат аз ихроҷи маълумот, таъмини амнияти иттилоотӣ дар фазои рақамӣ ва мусоидат ба рушди навовариҳои илмию технологӣ мебошанд.

Бехатарии техникӣ бо таъмини коршоямӣ ва бехатарии системаҳо, механизмҳо, мошинҳо ва таҷҳизотҳои гуногуни техникӣ алоқаманд аст. Он иҷрои дурусти хидматрасонӣ ва нигоҳдорӣ, гузаронидани санҷишҳо барои таъмини риояи стандартҳои бехатарӣ ва таъмини бехатарии кормандоне, ки бо дастгоҳҳои техникӣ кор мекунанд, иборат аст.

Амнияти технологӣ, ҳифзи технологияҳои иттилоотӣ, системаҳои рақамӣ, нармафзор, шабакаҳо ва додаҳоро аз таҳдидҳои киберӣ, вирусҳо, хакерҳо ва дигар таҳдидҳо дар фазои рақамӣ фаро мегирад. Ин таҳия ва татбиқи чораҳои ҳифзи иттилоот, рамзгузории маълумот, таъмини махфият ва якпорчагии захираҳои иттилоотиро дар бар мегирад. Таъмини амнияти техникӣ ва технологӣ барои ширкатҳо, созмонҳо ва давлатҳо дар ҷаҳони муосир, ки вобастагӣ аз технология ва системаҳои иттилоотӣ пайваста меафзояд, афзалияти муҳим ба шумор меравад.

Амнияти иттилоотӣ соҳаест, ки бо ҳифзи иттилоот аз дастрасии беиҷозат, истифода, тағйир додан ё нобудшавӣ сарукор дорад. Он чораҳо ва технологияҳоро дар бар мегирад, ки ба таъмини махфият ва дастрасии иттилоот нигаронида шудаанд.

Тӯли ду даҳсолаи охир олимону муҳаққиқон ба масъалаҳои омӯзиши таъмини амнияти иттилоотӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир намуда истодаанд. Таҳқиқи таъмини амнияти иттилоотӣ дар асарҳои илмии олимони хориҷӣ ва ватанӣ асосан дар сатҳи сиёсӣ таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон олимону муҳаққиқони ватанӣ А.Н. Маҳмадов, С.С. Ятимов, М.У. Хидирзода, П.А. Маҳмадов, К.Қ. Сафарализода ва дигарон дар корҳои илмию тадқиқотии худ оид ба паҳлуҳои гуногуни амнияти иттилоотиро дар самти сиёсӣ аз ҷумла, таҳдиду хатари иттилоотӣ, кибертерроризм, киберэкстремизм, таъмини амнияти иттилоотӣ дар шароити муосир, сиёсати иттилоотонии давлат ва ғайраро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додаанд. Дар тадқиқоти олимони ватанӣ бештар масъалаҳои таъмини суботи сиёсӣ, тарғибу ташвиқи ғояҳои ифротгароию террористӣ, ба сафи ташкилотҳои террористию экстремистӣ пайвастани ҷавонон, мағзшӯӣ гардидани ҷавонон тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ, киберҷиноятҳо ва монанди инҳо таҳлилу таҳқиқ гардидаанд. Дар заминаи омӯзиши ин масъала рисолаҳои илмӣ, асарҳои илмию тадқиқотӣ ва мақолаҳои илмии гуногун таҳия гардидаанд.

Аз соли 2014 инҷониб, олимону муҳаққиқони ватанӣ дар тадқиқотҳои диссертатсионии хеш ба масъалаи таъмини амнияти иттилоотии кишвар таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, масъалаҳои ҷудогонаи онро объекти тадқиқоти илмии худ қарор додаанд. Баъзе паҳлуҳои таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рисолаҳои илмии А.Х. Ибодов, П.А. Маҳмадов, К.И. Сафиев, Ш.К. Раҳимзода, К.Ш. Шарипова мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Дар рисолаи илмии А.Х. Ибодов таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ таҳлилу тадқиқ гардидааст. П.А. Маҳмадов дар рисолаи худ амнияти иттилоотии робитаҳои сиёсии кишварҳои Осиёи Марказиро таҳқиқ намудааст. Дар рисолаи К.И. Сафиев таъсири омилҳои иттилоотӣ ба равандҳои сиёсии ҷомеа нишон дода шудаанд. Ш.К. Раҳимзода ҷангҳои иттилоотиро таҳқиқ намуда, таъсири онҳоро ба амнияти миллии кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳлил кардааст. К.С. Шарипова дар рисолаи илмии худ таҳдидҳои иттилоотиро яке аз таҳдидҳои пуриқтидори замони муосир муаррифӣ намуда, таъсири онҳоро ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намудааст [9].

Аммо то ҳол масъалаҳои омӯзиши таъмини амнияти иттилоотӣ дар асарҳои илмии олимони ватанӣ дар самти рақамикунонии иқтисодиёт мавриди омӯзиш қарор гирифта нашудааст. Бо назардошти ин дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ масъалаи таъсири рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии замони муосир ба рақамикунонии иқтисодиёти мамлакат, омӯзиш ва таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти иқтисодӣ хеле муҳим менамояд

ва барои мустаҳкам ва тақвият бахшидани сиёсати давлатии иттилоотӣ ва пешгирӣ намудани таҳдиду хатарҳои иттилоотӣ омӯзиши ин масъаларо зарур менамояд.

Мафҳуми «амнияти иттилоотӣ» аксар вақт бо мафҳуми «ҳифзи иттилоот» ё «бехатарии компютерӣ» алоқаманд аст. Ба андешаи баъзе аз олимон мафҳуми амнияти иттилоотӣ «ҳолати муҳофизавии манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, ҷомеа ва давлат дар соҳаи иттилоот аз таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ, фаъолият ва рушди он барои манфиати шаҳрвандон, ҷомеа ва давлат мебошад» [8].

Ҳамин тариқ, як қатор муҳаққиқон амнияти иттилоотиро ҳамчун «маҷмӯи чорабиниҳои мушаххаси ҳифзи муҳити иттилоотии ҷомеа ва инсон» мефаҳманд. Аз нуқтаи назари онҳо дар солҳои 70-ум мафҳуми амнияти компютерӣ ва дар солҳои 1980-ум мафҳуми амнияти иттилоотӣ истифода карда шудааст.

А. А. Малюка «… амнияти иттилоотӣ – ин ҳолати системаи баррасишавандае мебошад, ки дар он аз як тараф аз таъсири таҳдидҳои иттилоотии берунӣ ва дохилӣ тоб оварад ва аз тарафи дигар, фаъолияти он ба худи система ва муҳити беруна ҳамчун ҷузъи системаи иттилоотӣ таҳдиди иттилоотиро ба вуҷуд наорад» [6].

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иттилоот» мафҳуми ҳифзи иттилоот ҳамчун «маҷмӯи чорабиниҳо, ки бо мақсади пешгирӣ намудани ихроҷ, дуздӣ, гумкунӣ, нобудсозии беиҷозат, ғалат маънидодкунӣ, тағйирдиҳӣ (сохтакорӣ), нусхабардории беиҷозат ва бастани роҳи паҳншавии иттилоот гузаронида мешаванд» [5] таъриф дода шудааст.

Мафҳуми амнияти иттилоотиро олимони зиёде мавриди омӯзиш қарор дода, чунин шарҳ медиҳанд (ҷадвали 1.1).

**Ҷадвали 1.1. Тавсифи мафҳуми амнияти иттилоотӣ**

| Муаллифон | Мафҳуми амнияти иттилоотӣ | Сарчашма |
|---|---|---|
| Урсул А.Д. | «Зери мафҳуми амнияти иттилоотӣ ҳолати ҳифзи соҳаҳои асосии фаъолияти ҳаёт нисбат ба таъсиррасонии иттилооти хавфнок, фаҳмида мешавад». | Урсул А.Д. Информационная стратегия и безопасность в концепции устойчивого развития // Нация и методика Информационной работы. 1996. №1. С. 7. |
| Феоктистова Г.Г. | «Амнияти иттилоотӣ – ин ба даст овардани иттилооти кофӣ оид ба амалиёти эҳтимолии рақибони худ ва ихроҷи иттилооти камтарин дар бораи нақшаҳои худ мебошад». | Феоктистов Г.Г. Информационная безопасность общества. / Г.Г. Феоктистов // Социально политический журнал. 1996. №5. – С. 211-212. |
| Арсентьева М.В. | «Амнияти иттилоотӣ аз байн бурдани номуайянии иттилоотӣ нисбат ба таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолии аз ҷиҳати объективӣ ва субъективӣ мавҷудбуда тавассути назорат аз болои фазои иттилоотии ҷаҳонӣ ва мавҷудияти имкониятҳо, шароит ва воситаҳои рафъи ин таҳдидҳо, ки дар якҷоягӣ сатҳи (дараҷаи) амнияти иттилоотиро муайян мекунанд, мебошад». | Арсентьева М.В. К вопросу о понятии «Информационная безопасность» // Информационное общество. 1997. №4-6. С. 50. |
| Статьев В.Ю. | «Амнияти иттилоотӣ ҳамчун ҳифзи | Статьев В.Ю. и Тиньков |

| | | |
|---|---|---|
| ва Тиньков В.А. | иттилоот ва инфрасохторе, ки онро дастгирӣ мекунад, муайян карда мешавад. Истифодаи маҷмӯи чорабиниҳо ва нармафзор, сахтафзор бо мақсади пешгирии зарар ба соҳибони иттилоот ё шахсони дигар мебошад». | В.А. Информационная безопасность распределенных информационнных систем // Информационное общество. 1997. №1. С. 68. С. 211-212. |
| Лопатин В.Н. | «Амнияти иттилоотӣ бо пайдоиши воситаҳои коммуникатсионии иттилоотӣ байни одамон, инчунин аз тарафи инсон дарк намудани мавҷудияти манфиатҳо дар одамон ва ҷомеаи онҳо, ки ба он бо роҳи таъсиррасонӣ ба коммуникатсияҳои иттилоотӣ зарар расонидан мумкин аст, мавҷудият ва инкишофи онҳо, ки табодули иттилоотиро байни ҳамаи унсурҳои ҷомеа таъмин менамояд, ба миён омадааст». | Лопатин, В.Н. Информационная безопасность России: человек, общество, государство. // В.Н. Лопатин Серия: Безопасность человека и общества. - СПб.: Фонд Университет, 2000. - С. 424. |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси сарчашмаҳои нишондодашуда

Қайд кардан зарур аст, ки сиёсатмадорону олимони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омӯзиши самтҳои гуногуни амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти сиёсӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамоянд. Дар ин самт дар асарҳои илмию таҳқиқотии А.Н. Маҳмадов, Г.Н. Зокиров, З. Сайидзода, П.А. Маҳмадов, Ҳ.С. Саидов, Л.Н. Додихудоева, А.Х. Ибодов, А. Абдуҷалилов, Г.В. Коваленко, С.Б. Раҷабов, У. Меликов, Ф. Саидов, Х. Холиқназар, Ҷ.Л. Латифов, Қ.И. Сафиев, Д.З. Маҷидзода, М.М. Абдулҳаков, Ш. Ризоён паҳлуҳои гуногуни амнияти иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти омилҳои гуногун мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд.

Ба ақидаи сиёсатшиноси тоҷик П.А. Маҳмадов «пайдоиш ва эътирофи амнияти иттилоотӣ чун категорияи илмӣ бо фаҳмиши худи иттилоотонӣ ва таҳлили мундариҷаи раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ алоқаи зич дорад» [7].

А.В. Дорожкин ва В.Н. Ясенова мафҳуми амнияти иттилоотиро ҳамчун ҳифзи иттилоот аз вайроншавӣ ва додугирифти беасос бо он, ҳимояи одамон ва системаҳои иттилоотию идоракунӣ аз таъсири вайронкоронаи иттилоот маънидод намудаанд [3]. Вобаста ба масъалаи таъсиррасонии иттилоот директори донишкадаи муносибатҳои байналхалқии Фаронса Терри де Монбриал менависад, ки инқилоб дар технологияҳои иттилоотӣ симои ҷаҳони муосир, иқтисодиёти ҷаҳон, системаи сиёсии давлатҳои алоҳида ва худи ҷаҳонро тағйир дода, дар натиҷа иродаи давлати муосир ва табиати муносибатҳои байнидавлатӣ ба тағйироти воқеӣ мубтало мегардад [1].

Дар асоси таърифҳои дар боло овардашуда, таърифи муаллифро оид ба мафҳуми амнияти иттилоотӣ пешниҳод менамоем. Ба андешаи мо, амнияти иттилоотӣ - ин соҳаест, ки ба ҳифзи иттилоот аз дастрасии беиҷозат, тағйир додан, сабт ё нобуд кардани иттилоот нигаронида шудааст. Он маҷмӯи чораҳо ва технологияҳоеро дар бар мегирад, ки ба таъмини махфият ва дастрасии иттилоот, инчунин муҳофизат аз таҳдидҳои киберӣ ва дигар таҳдидҳои амнияти иттилоотӣ нигаронида шудааст. Дар ҷаҳони муосир технологияи рақамӣ, ки дар ҳама ҷо паҳн гардида, маълумот ва технологияҳои иттилоотӣ дороии асосии корхонаҳо аст, таъмини махфият ва дастрасии иттилоот боз ҳам мубрам мегардад, бинобар ин барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо татбиқи маҷмӯи чораҳои гуногуни амниятӣ, аз ҷумла тадбирҳои техникӣ, ташкилӣ ва ҳуқуқӣ зарур мебошад.

Тадбирҳои техникии таъмини амнияти иттилоотӣ рамзгузории маълумот, насби нармафзорҳои зиддивирусӣ ва зидди ҷосусӣ, истифодаи механизмҳои аутентификатсия ва иҷозатдиҳӣ ва мониторинги фаъолияти шабакаро барои ошкор намудани ҳолатҳои ғайриоддӣ дар бар мегиранд. Тадбирҳои ташкилӣ аз таҳияи сиёсатҳо ва расмиёти амният, омӯзиши кормандон оид ба системаҳои иттилоотию идоракунӣ аз таъсири вайронкоронаи иттилоот ва ҳодисаҳои амниятӣ иборат мебошанд. Тадбирҳои ҳуқуқӣ ба риояи қонунгузории ҳифзи иттилоот ва амнияти иттилоотӣ марбут мебошад.

Тибқи таҳлилҳои коршиносони соҳа истилоҳи амнияти иттилоотӣ бо сабаби мавҷуд будани манфиат дар ҷомеа, ки ба он тавассути таъсиррасонӣ ба воситаҳои таҳвили иттилоот зарар расонидан мумкин аст, ба миён омадааст. Ҳамин тариқ, вазифаи асосии амнияти иттилоотӣ то ибтидои асри XIX аз ҳифзи маълумотҳо оид ба воқеаҳо, далелҳо, ҷойгиршавӣ ва маълумотҳои дигари аҳамияти ҳаётӣ дошта, ки барои шаҳрванд ё ҷомеа дахл дошт, ба шумор мерафт.

Имрӯзҳо ҷаҳонишавии равандҳои иттилоотӣ ва истифодабарӣ аз фазои маҷозӣ ба инкишофи мафҳуми «киберамният» мусоидат намуда истодааст. Киберамният як соҳаи амнияти иттилоотӣ мебошад, ки бо ҳифзи системаҳои компютерӣ, шабакаҳо, нармафзор ва додаҳо аз таҳдидҳои киберӣ сарукор дорад. Он чораҳои пешгирӣ, ошкор ва вокуниш ба ҳамлаҳои киберӣ, хакерҳо, вирусҳо, ҷосусии киберӣ ва дигар намудҳои ҷиноятҳои кибериро дар бар мегирад. Бо рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ва афзоиши сатҳи таҳдидҳои киберӣ, киберамният барои ҳифзи иттилоот ва таъмини бехатарӣ дар Интернет аҳамияти бештар касб менамояд.

Киберамният ҷузъи муҳими амнияти иттилоотӣ буда, барои ҳифзи маълумотҳо аз таҳдидҳои эҳтимолии киберӣ зарур аст. Дар робита ба рушди пайвастаи технология ва афзоиши шумораи ҷиноятҳои киберҷиноятӣ, масъалаҳои амнияти киберҷиноятӣ рӯз то рӯз аҳамияти бештар пайдо мекунанд ва таваҷҷӯҳи доимӣ ва чораҳои навсозии муҳофизатро тақозо менамоянд.

Мафҳуми «киберамният» маҷмӯи тадбирҳоро барои ҳифзи системаҳои компютерӣ, шабакаҳо, додаҳо ва иттилоот аз таҳдидҳои киберӣ фаро мегирад. Он муҳофизат аз дуздии маълумот, хакерӣ, нармафзори зараровар, ҳамлаҳои хакерӣ ва дигар таҳдидҳоеро дар бар мегирад, ки метавонанд ба амнияти иттилоотӣ зарар расонанд. Киберамният як соҳаи муҳим дар ҷаҳони имрӯза мебошад, ки дар он технологияҳои рақамӣ дар ҳаёти ҳаррӯзаи одамон, корхонаҳо ва сохторҳои давлатӣ нақши калидӣ доранд. Рушди киберамният такмили пайвастаи технология, омӯзиши мутахассисон, таҳлили таҳдидҳо ва андешидани чораҳои дахлдор барои ҳифзи иттилоотро дар бар мегирад. Таъмини амнияти киберӣ муносибати маҷмӯӣ, аз ҷумла ҷанбаҳои техникӣ, ташкилӣ ва ҳуқуқиро талаб мекунад. Амнияти бомуваффақият, махфият ва дастрасии иттилоотро ҳифз мекунад, ки калиди амнияти истифодабарандагон, ҷомеа ва давлат дар шароити рақамикунонӣ мебошад.

Аҳамияти ин соҳа дар он аст, ки ифшои маълумоти махфӣ ё рахна кардани системаҳои муҳим метавонад барои шахс, ширкатҳо ва давлатҳо паёмадҳои ҷиддиеро ба бор орад. Қайд

кардан мумкин аст, ки агар масъалаҳои амнияти иттилоотӣ ва қоидаҳои кор бо маълумот фаро гирифта нашавад, пас эҳтимол дорад эҳсоси амнияти бардуруғ пайдо шавад [2]. Киберамният ҷанбаҳои зиёдеро аз ҷумла, аз ҳифзи паролҳо ва рамзгузории маълумот то омӯзиши кормандон ва мониторинги таҳдидҳоро дар бар мегирад. Коршиносони киберамният пайваста усулҳо ва технологияҳои навро барои ҳифзи иттилоот ва мубориза бо таҳдидҳо дар муҳити рақамӣ таҳия менамоянд.

Дар замони муосир нигаронӣ аз киберҳуҷумҳо миқёси ҷаҳонӣ гирифта истодаанд, зеро ин ҳуҷумҳо имконият доранд системаи мувозинати амнияти ҷаҳониро вайрон кунанд ё ба обрӯйи мамлакат зарари калон расонанд. Бо ин сабаб омӯзиши масъалаи таъмини амнияти иттилоотӣ чун унсури пойдории амнияти миллӣ аҳамияти бениҳоят муҳимро

мегирад. Рушди раванди иттилоотонии ҷомеа ва татбиқи пурраву комили компютер дар тамоми самтҳои фаъолияти инсон масъалаи таъмини амнияти иттилоотиро боз ҳам ба дараҷаҳои болотар бардоштааст.

Дар натиҷаи таҳқиқоти ба сомонрасонида чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки таъмини амнияти иттилоотӣ дар рақамикунонии иқтисодиёт нақши калидӣ дорад, зеро маълумот ва технологияҳои иттилоотӣ дороии асосии корхонаҳо мебошанд. Асосҳои назариявии таъмини амнияти иттилоотӣ дар рақамикунонии иқтисодиёт мафҳумҳо, моҳиятҳо ва усулҳои таъмини махфият ва дастрасии иттилоотро дар бар мегиранд. Яке аз ҷанбаҳои асосии таъмини амнияти иттилоотӣ ҳифзи иттилоот аз дастрасии беиҷозат ин рамзгузории маълумотҳо, идоракунии ҳуқуқи дастрасӣ ва механизмҳои аутентификатсияро дар бар мегирад, то кафолат диҳад, ки танҳо шахсони ваколатдор ба маълумоти муҳим дастрасӣ дошта бошанд.

Асосҳои назариявии таъмини амнияти иттилоотӣ инчунин принсипҳои ҳифзи иттилоотро дар тамоми марҳилаҳои давраи ҳаёти он: ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, интиқол ва нобудкунӣ дар бар мегиранд. Ҳар як қадам чораҳои махсуси амниятро талаб мекунад, то аз талафот ё ихроҷи маълумот пешгирӣ карда шавад.

Рақамикунонии иқтисодиёт мушкилоти навро барои амнияти иттилоотӣ, аз қабили афзоиши ҳаҷми маълумот, шабакаҳои тақсимшуда ва шумораи афзояндаи дастгоҳҳои ба Интернет пайвастшуда пеш меорад. Дар ин муҳит, истифодаи усулҳои муосири амниятӣ ҷиҳати ошкор кардани таҳдидҳо барои таъмини дастрасии беиҷозат ва технологияҳои абрӣ барои ҳифзи иттилоот аз нобудшавӣ муҳим мебошад.

**АДАБИЁТ**


1. Де, Монбриаль Тьери. Мир стал многополярным, разнородным и глобальным // Международные процессы. – 2009. -Т. 7. -№3(21). [Электронный ресурс]. URL: http://www.intertrends.ru/twenty-first/006.htm. (дата обращения: 24.03.2023).
2. Джумъаев Б.М. Приоритетные направления формирования и развития рынка бизнес-услуг в Республике Таджикистан / Б.М. Джумъаев // Экономика Таджикистана. -Душанбе, 2020. -№4(2). -С.21-29.
3. Дорожкин, А.В. Информационная безопасность как инструмент обеспечения экономической безопасности хозяйствующего субъекта / А.В. Дорожкин, В.Н. Ясенев // Экономика и предпринимательство. - 2015. -№5. -ч.1. -С.812–816.
4. Кодирзода Д.Б. Вопросы обеспечения внешнеэкономической безопасности Республики Таджикистан в условиях интеграции в мировую экономику / Кодирзода Д.Б., Хушвахтзода К.Х, Б.М. Джумъаев // Международные отношения и безопасность. - 2022. -№1(1). -С.130-140.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иттилоот» // бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2002. -№71. -С.2.
6. Малюк А.А. Информационная безопасность: концептуальные и методологические основы защиты информации. Учебное пособие для вузов /А.А. Малюк . -М.: Горячая линия — Телеком, 2004. -12 с.
7. Махмадов, П.А. Информационная безопасность в системе политической коммуникации: состояние и приоритеты обеспечения (на материалах государств Центральной Азии) // П.А. Махмадов. г. Душанбе. / дисс... докт.полит.н. г. Душанбе, 2018-С.52.
8. Теория информационной безопасности и методология защиты информации / Ю.А. Гатчин, В.В. Сухостат, А.С. Куракин, Ю.В. Донецкая. – 2-е изд., испр. и доп. – СПб.: Университет ИТМО, 2018. – 100 с.

9. Холиқов Ф.А. Амнияти иттилоотӣ ҳамчун омили таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон: автореф. ном. илм. сиёсӣ. -Душанбе: Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, 2022. -71 с.
10. Rothschild E. What is Security? // Daedalus. Summer. - 1995. - P.61-65.

**УДК: 334.7**

**Аминов И., Аминов Ф.И.**

## ВЛИЯНИЕ РАЗВИТИЯ БИЗНЕСА НА ОБЕСПЕЧЕНИЕ ЗАНЯТОСТИ НАСЕЛЕНИЯ В СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматривается роль бизнеса и частного сектора в обеспечении занятости населения. На материалах Согдийской области проанализированы данные о занятости населения, росте бизнес - структур, развитии частного сектора. Показано, что в области рост занятости трудоспособного населения главным образом обеспечивается за счет развития бизнеса и частного сектора.

**Ключевые слова:** трудовые ресурсы, занятость, бизнес, хозяйствующие структуры, юридические лица, индивидуальные предприниматели, частный сектор.

**Аминов И., Аминов Ф.И.**

## ТАЪСИРИ РУШДИ СОҲИБКОРӢ БА ШУҒЛИ АХОЛӢ ДАР ВИЛОЯТИ СУҒДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола нақши бизнес ва бахши хусусӣ дар таъмини шуғли аҳолӣ баррасӣ шудааст. Дар асоси маводҳои вилояти Суғд маълумот дар бораи шуғли аҳолӣ, афзоиши соҳибкорӣ, рушди бахши хусусӣ таҳлил гардидааст. Нишон дода шудааст, ки таъмини афзоиши шуғли аҳолии қобили меҳнат асосан аз ҳисоби рушди бизнес ва бахши хусусӣ таъмин карда мешавад.

**Калидвожаҳо:** захираҳои меҳнатӣ, шуғл, тиҷорат, сохторҳои хоҷагидорӣ, шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, бахши хусусӣ.

**Aminov I., Aminov F.I.**

## INFLUENCE OF BUSINESS DEVELOPMENT ON EMPLOYMENT OF THE POPULATION IN THE SOGDI REGION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article examines the role of business and the private sector in providing employment for the population. Based on the materials of the Sughd region, data on employment, the growth of business structures, and the development of the private sector are analyzed. It is shown that in the region, the employment growth of the working-age population is mainly ensured by the development of business and the private sector.

**Keywords:** labor resources, employment, business, business structures, legal entities, individual entrepreneurs, private sector.

В Послании Президента Республики Таджикистан, Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» от 28 декабря 2023 г. отмечалось:

«В стране численность трудоспособного населения постоянно растет и за последние пять лет увеличилась на 8,4 %.

Кроме того, темпы роста населения в 2,5 раза выше, чем темпы роста рабочей силы.

В связи с этим для удовлетворения потребностей населения в занятости необходимо ежегодно создавать более 100 тысяч новых рабочих мест в соответствии с предыдущими поручениями в сферах экономики страны» [1].

Таким образом, обеспечение продуктивной занятости населения в экономике республики является одним из важнейших проблем современности.

Опыт развитых экономик мира (США, Японии, Китая, стран Евросоюза и др.) показывает, что в условиях рыночной экономики создание новых рабочих мест, во многом зависит от уровня развития бизнеса в той или иной стране. Особенно малый и средний бизнес играют более важную роль в решении вопроса о занятости населения в силу их мобильности. Например, доля занятых людей в малом бизнесе в общей численности занятости в Китае составляет 83%, в Японии – 72%, в Израиле - 69%, в Германии – 57%, в США - 52% [7].

Отмечая о преимуществах малого и среднего бизнеса в обеспечении занятости населения, следует отметить и о значении крупных предприятий в решении данного вопроса. В некоторых странах складываются другие соотношения в удельном весе занятых в сферах малого, среднего и крупного бизнеса. Так, в Российской Федерации «доля работающих на крупных и средних предприятиях составляет около 60% всего занятого населения» [6]. Субъекты крупного бизнеса в России прочно встроены в систему мировой экономики. Значительная часть их продукции экспортируется в другие страны. Крупный бизнес финансируется главным образом международными финансовыми и фондовыми компаниями. Но несмотря на вышеизложенное и в России численность населения, занятых в малом и среднем предпринимательстве ежегодно растет, и ее доля увеличивается. По расчетам аналитической службы аудиторско-консалтинговой сети FinExpertiza «численность занятых в малом и среднем бизнесе, включая индивидуальных предпринимателей и самозанятых, в сентябре 2023 года составила 30,5 млн. человек, увеличившись за год на 2,4 млн. человек и составляет около 40% от общего числа занятых в экономике» [9].

В Республике Таджикистан в современных условиях одним из важнейших социально-экономических задач был и остается обеспечение занятости населения. Исследования отечественных ученых показывает, что в годы независимости страны развитие бизнес - деятельности во многом способствовало занятости трудоспособного населения [2, 3, 4, 5].

В 2022 г. трудовые ресурсы республики составили 5754 тыс. чел., рабочая сила – 2600 тыс. чел. или 45,2% к общему количеству трудовых ресурсов, занятое население - 2545 тыс. (44,23%), число официально признанных безработными – 55,0 тыс. чел. (0,96%). Недоиспользование рабочей силы в экономике составило 3154 тыс. чел. или 54,81% к общему количеству трудовых ресурсов. [Расчеты по данным: 10, с. 81]. Таким образом, главной проблемой в республике является высокий уровень недоиспользования рабочей силы в отраслях экономики страны. Оно превышает число занятого населения на 10,58%. Недостаточность рабочих мест в республике приводит к росту трудовой миграции и самозанятых людей.

В современных условиях особенно большое значение имеет анализ трудовых ресурсов и занятости населения по регионам республики, так как уровень занятости

рабочей силы к трудовым ресурсам страны имеет большие расхождения в территориально-административных делениях страны. Во-первых, вопрос о занятости населения во всех территориально-административных единицах республики остается проблематичной. Во- вторых, в тех регионах, где вопросам развития бизнеса и создания рабочих мест уделяют более пристальное внимание положение дел более благоприятное. Последнее относится к Согдийской области страны. С этой точки зрения немаловажное значение приобретает анализ влияния развития бизнеса на занятости населения в регионе.

Нынешнее состояние трудовых ресурсов и занятости населения в Согдийской области характеризуются следующими данными (таблица 1).

**Таблица 1 – Трудовые ресурсы и занятость населения Согдийской области за 2016-2022 гг.**

**(в среднем за год, тыс. человек, удельный весь в %)**

| Показатели | 2015 | 2020 | 2022 | 2022 в % к | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2015 | 2020 |
| **Трудовые ресурсы, всего** | 1521,4 | 1630,8 | 1675,2 | 110,1 | 102,7 |
| **в том числе** | | | | | |
| **Рабочая сила** | 809,6 | 852,9 | 892,1 | 110,2 | 104,6 |
| **удельный весь** | 53,2 | 52,30 | 52,84 | | |
| **Занятое население** | 798,7 | 845,0 | 885,1 | 110,8 | 104,7 |
| **удельный весь** | 52,5 | 51,8 | 52,8 | | |
| **Официально признанные безработные** | 10,9 | 7,9 | 7,0 | 64,2 | 88,6 |
| **удельный весь** | 0,7 | 0,5 | 0,4 | | |
| **Недоиспользование рабочей силы в экономике** | 711,8 | 777,9 | 783,1 | 110,0 | 100,7 |
| **удельный весь** | 46,8 | 47,70 | 46,75 | | |

Составлено по данным: [11, с. 94; 12, с. 79;].

В Согдийской области в 2022 г. общее количество трудовых ресурсов составило 1675,2 тыс. чел., из нее число занятого населения составило 885, 1 тыс. чел. или же 52,83% к общему их числу. Оно в регионе превышает аналогичного показателя по республике на 8,6 %., которое в 2022 г., как ранее отметили, составил 44,23% [расчеты по данным: 10, с. 81]. Число официально признанных безработными соответственно составило 7,0 тыс. чел. или на 0,42% ниже республиканского показателя. Недоиспользование рабочей силы в экономике в регионе составило 783,1тыс. чел. или 46,75% к трудовым ресурсам области (по республике - 54,81%). В сравнении с аналогичным республиканским показателем уровень рассматриваемого показателя ниже на 8,06%. Таким образом, состояние занятости в Согдийской области значительно благополучнее, чем в целом по республике. Исходя из вышеизложенного, можно сделать вывод, что территориально-административные органы управления наряду с республиканскими органами управления играют важную роль в создании рабочих мест и повышении уровня занятости населения. Несмотря на более благополучные обстоятельства в области пока еще количество и уровень не вовлеченных в экономику области трудовых ресурсов остаются высокими.

Роста занятости населения по Согдийской области во многом способствовало развитие бизнеса и частного сектора. С этой точки зрения дадим определения этих понятий. Более предпочтение мы даем следующему определению бизнеса, который на наш взгляд, соответствует сегодняшним реалиям в развитии экономики: «Бизнес – это

динамичный мир, в котором предприниматели воплощают свои идеи, создают ценность и влияют на окружающее общество. Это понятие охватывает не только процесс создания и продажи товаров или услуг, но и создание ценности для клиентов, обеспечение рабочих мест, развитие инноваций и влияние на экономическое развитие» [8]. А под частным сектором экономики понимается та часть экономики, которая не находится под контролем государственных органов управления. Он складывается из домохозяйства и хозяйствующих субъектов, принадлежащих частному капиталу. Он развивается без ограничений по размеру, местонахождению и отрасли. В современных условиях частный сектор превратился в движущую силу экономики, и обеспечивает плавное его развитие. Обеспеченность нормативно-правовыми актами, создание благоприятной среды инвестиционного климата способствуют развития бизнеса и неуклонно увеличивают долю частного сектора в развитии экономики и роста занятости населения.

Анализ показывает, что в Согдийской области обеспечиваются высокие темпы роста развития бизнеса, а также более высокий удельный весь частного сектора в обеспечении занятости населения. О росте количества бизнес - структур в регионе можно судить по данным таблицы 2.

**Таблица №2 - Динамика роста количество хозяйствующих структур в Согдийской области в 2015-2022 гг.**

**(на конец года)**

| | **2015** | **2020** | **2022** | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | **2015** | **2020** |
| **В области, всего, единиц** | 151416 | 220171 | 243068 | 160,5 | 110,4 |
| **в том числе** | | | | | |
| **юридические лица** | 10328 | 12187 | 13228 | 128,1 | 108,5 |
| **в % к итогу** | 6,82 | 5,53 | 5,44 | | |
| **иностранные юридические лица, единиц** | 50 | 62 | 75 | 150,0 | 121,0 |
| **в % к итогу** | 0,03 | 0,03 | 0,03 | | |
| **индивидуальные предприниматели, человек** | 141038 | 207922 | 229765 | 162,3 | 110,5 |
| **в % к итогу** | 93,15 | 94,44 | 94,53 | | |

Составлено по данным: [13, с. 227; 14, с. 347; 10, с. 222].

Данные таблицы показывают, что в Согдийской области в 2015-2022 гг. количество бизнес - структур увеличилось на 60,5%, в том числе число юридических лиц – на 28,1%, филиалов и представительств иностранных юридических лиц – на 50,0%. индивидуальных предпринимателей – на 62,3%. Высокие темпы роста количества индивидуальных предпринимателей является положительной тенденцией. Однако уменьшение доли юридических лиц на 1,38 % (с 6,82% в конце 2015 г. до 5,44% в конце 2022 г.) нельзя считать оправданным. Юридические лица, принимая на работу более значительное количество работников, имеют более широкие возможности для обеспечения роста занятости населения. В этой связи одним из важнейших задач в области является увеличения количества юридических лиц, т.е. малых, средних и крупных предприятий. Другой важнейшей проблемой остается высокий уровень ликвидируемых хозяйствующих субъектов. Так, если по итогам 2015 г. их доля к общему их числу составила 34,83%, то по итогам 2022 г. – 49,64% [расчеты по данным 8, с. 227; 10, с. 222]. Данный вопрос также в будущем должень быть в центре внимания региональных властей региона.

В Согдийской области очень развито индивидуальное предпринимательство. Оно является самым дешевым способом организации бизнеса. Небольшие производственные

цеха по производству лепешек, самбусы и других продуктов питания, по пошиву и ремонту одежды и обуви, ремонту бытовой техники и автомобилей, маленькие торговые точки, аптеки, небольшие дехканские хозяйства, таксисты и другие самостоятельно хозяйствующие субъекты могут служить примерами названного вида бизнеса. Перечисленные субъекты хозяйствования принадлежать одному человеку. Официальная регистрация индивидуального предпринимателя очень простая и не требует много времени и расходов. Все гражданы Республики Таджикистан вправе заниматься бизнесом в качестве индивидуального предпринимателя без образования юридического лица, пройдя официальную государственную регистрацию. Для них и малых предприятий предусмотрена упрощенная система налогооблажения.

Преимущества индивидуального предпринимательства способствовали высоких темпов роста его развития. Судья по данным таблицы 2 удельный весь индивидуальных предпринимателей в общем количестве хозяйствующих структур региона колебается в пределах 93,15-94,53%, что достаточно высоко. В области индивидуальные предприниматели осуществляют свою деятельность на основании патента и свидетельства и в качестве дехканских хозяйств (таблица 3).

**Таблица 3 - Количества зарегистрированных индивидуальных предпринимателей, действующих на основании патента и свидетельства в Согдийской области в 2015-2022 гг.**

**(на конец года)**

| | | 2015 | 2020 | 2022 | 2022 в % к | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | 2015 | 2020 |
| **В области, всего** | чел. | 141038 | 207922 | 229765 | 162,9 | 110,5 |
| **в том числе** | | | | | | |
| **- свидетельство** | чел. | 15787 | 21053 | 23262 | 147,3 | 110,5 |
| | в % | 11,2 | 10,1 | 10,1 | | |
| **- дехканские хозяйства** | чел. | 50815 | 67097 | 70700 | 139,1 | 105,4 |
| | в % | 36,0 | 32,3 | 30,8 | | |
| **- патент** | чел. | 74436 | 119772 | 135803 | 182,4 | 113,4 |
| | в % | 52,8 | 57,6 | 59,1 | | |

Составлено по данным: [13, с. 235; 14, с.359; 10, с. 231].

Данные таблицы показывают, что если общее количество индивидуальных предпринимателей в период 2015-2022 гг. увеличилось на 62,9%, то более высокими темпами возросло число лиц работающих на основании патента – на 82,2%. Количество лиц работающих по свидительствам увеличилось на 47,3%., дехканских хозяйств - на 39,1 %,

В целом, развитие индивидуального предпринимательства, рост количества малых и средных предприятий привели к возрастанию роли частного сектора в экономике области (таблица 4).

**Таблица 4 – Структура численности занятого населения Согдийской области по формам собственности за 2015-2022 гг.**

| Наименование | 2015 | | 2020 | | 2022 | | 2022 в % к | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Всего | уд. вес | Всего | уд. вес | Всего | уд. вес | 2016 | 2020 |
| **Всего занято в экономике** | 798,7 | 100 | 845 | 100 | 885,1 | 100 | 110,8 | 104,7 |
| **в том числе по формам собственности** | | | | | | | | |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **государственная** | 128,3 | 16,1 | 140,4 | 16,6 | 137,2 | 15,5 | 106,9 | 97,7 |
| **частная** | 440,3 | 55,1 | 625,5 | 74,0 | 662,7 | 74,9 | 150,5 | 105,9 |
| **коллективная** | 225,3 | 28,2 | 74,6 | 8,9 | 80,5 | 9,1 | 35,7 | 107,9 |
| **смешанная с иностранным участием** | 4,8 | 0,6 | 4,5 | 0,5 | 4,7 | 0,5 | 97,9 | 104,4 |

Составлено по данным: [11, с. 95; 12, с.79].

В Согдийской области в 2015-2022 гг. общее количество занятых в сфере частного сектора возросло с 798,7 тыс. до 885,1 тыс. человек (на 10,8%). Удельный вес занятого населения в частном секторе в общей численности занятого населения увеличился с 55,1 % до 74,9%, т. е. на 24,3%. По стране в целом в 2022 г. доля занятых в частном секторе была ниже на 3,8 %, чем в Согдийской области и составила 71, 1% [10, с.83].

Анализ показывает, что в Согдийской области в части развития бизнеса и частного сектора осуществлена значительная работа, что во многом способствовала роста занятости населения. В то же время пока еще уровень недоиспользования рабочей силы в экономике региона остается высокой. Исходя из этого, в области в будущем вопросам развития бизнеса и частного сектора необходимо уделить более пристальное внимание.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Послание Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» от 28 декабря 2023 г. – URL: http://president.tj/ru/node/32195 (дата обращения: 30 марта 2024 г.).
2. Азимов Х.П., Мирзобеков Х.Д. Малое и среднее предпринимательство в Республике Таджикистан: особенности, тенденции и проблемы. Научно-технические ведомости СПбГПУ. Экономические науки № 3(245), 2016 – С. 182-189
3. Аминов Х.И., Набиев У.Л. Развитие малого предпринимательства и его влияние на занятость населения в Республике Таджикистан. / Вестник Белгородского университета кооперации, экономики и права. – 2018. – № 3 (70). – С. 334-348.
4. Аминов И. Продовольственный рынок: проблемы развития товарно-торгового бизнеса / И. Аминов. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 180 с.
5. Аминов И., Аминов Х.И. О развитии предпринимательской деятельности в розничной торговле и общественном питании за 25 лет независимости Республики Таджикистан. Ученные записки Худжандского государственного университета им. Академика Б. Гафурова. Серия: Естественные и экономические науки. 2016, №3 (38), с. 71-82.
6. Годунова Н.Н. Роль крупного бизнеса в решении проблем занятости. Экономика и управление, №3(53), 2010. – URL: https://cyberleninka.ru_(дата обращения: 30 марта 2024 г.).
7. Значение малого бизнеса. Электронные ресурсы. – URL: https://mspmo.ru (дата обращения: 30 марта 2024 г.).
8. Как начать и вести свой бизнес? – URL: http:// https://beseller.by/blog/business/.
9. Количество занятых в малом и среднем бизнесе превысило 30 млн человек. Электронные ресурсы: https://finexpertiza.ru/press-service_(дата обращения: 30 марта 2024 г.).
10. Статистический ежегодник Республики Таджикистан – 2022. – Душанбе: Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2023. – 419 с.

11. Статистический ежегодник Согдийской области – 2022. Главное управление Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан в Согдийской области. – 507 с.
12. Статистический ежегодник Согдийской области – 2023. Главное управление Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан в Согдийской области. – 417 с.
13. Таджикистан: 25 лет государственной независимости. Статистический сборник (официальное издание). Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан .2016. – 522 с.
14. Таджикистан: 30 лет государственной независимости. Статистический сборник (официальное издание). Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан .2021. – 702 с.

**УДК 336.7**

**Аҳадов И.Қ., Саёраева Р.Ш.**

## МОДЕЛИ УСТУВОРИИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКӢ ВА САМАРАНОКИИ ДОРОИҲО

Таҳия намудани модели устувории фаъолияти бонкӣ ба дарёфти роҳҳои нави ташаккули дороиҳои бонкӣ ва идоракунии он дар шароити иқтисоди бозорӣ вобастагии зич дорад. Вобаста ба ин, дар сатҳи зарурӣ аз ҳисоби дороиҳо сатҳи эътимоднокии низоми бонкӣ таъмин карда мешавад. Аз ин сабаб, таҳлили мавзуи мазкур барои пешрафти низоми бонкӣ аҳамияти махсус дорад. Муаллифон дар асоси таҳқиқи масъалаи мазкур модели устувории фаъолияти бонкиро таҳия намуда, тавонистаанд, ки нақши дороиҳоро дар низоми бонкии муосир пурра таҳлил намоянд. Дар асоси таҳқиқоти ин масъала муаллифон роҳҳои нави ташаккули дороиҳои бонкӣ ва истифодаи дурусти онро пешниҳод намудаанд. Дар хулосаи мақола муаллифон доир ба дурнамои ташаккули дороиҳои бонкӣ ва самаранок истифода шудани онҳо пешниҳодҳои мушаххас намудаанд, ки дар амалия татбиқи онҳоро ба мақсад мувофиқ шуморидан мумкин аст.

**Калидвожаҳо:** бонк иқтисодиет, рушд, низом, модел, уҳдатдориҳо

**Ахадов И.К., Саёраева Р.Ш.**

## УСТОЙЧИВАЯ МОДЕЛЬ БАНКОВСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ И ЭФФЕКТИВНОСТЬ АКТИВОВ

Разработка модели устойчивости банковской деятельности тесно связана с поиском новых способов формирования банковских активов и управления ими в условиях рыночной экономики. Исходя из этого, уровень надежности банковской системы обеспечивается на необходимом уровне за счет активов. По этой причине анализ данной темы имеет особое значение для развития банковской системы. На основе исследования данного вопроса авторы разработали модель устойчивости банковской деятельности и смогли в полной мере проанализировать роль активов в современной банковской системе. На основе исследования данного вопроса авторы предложили новые способы формирования банковских активов и их правильного использования. В заключении статьи авторы высказали конкретные предложения относительно перспектив формирования

банковских активов и их эффективного использования, которые на практике можно считать целесообразными.

**Ключевые слова**: банк, экономика, развитие, система, модель, обязательство

**Ahadov I.Q., Sayoraeva R.Sh.**

**THE SUSTAINABLE MODEL OF BANKING ACTIVITY AND EFFICIENCY OF ASSETS**

Development of a model of stability of banking activity is closely related to finding new ways of formation of bank assets and its management in the conditions of market economy. Based on this, the level of reliability of the banking system is ensured at the required level due to assets. For this reason, the analysis of this topic is of special importance for the development of the banking system. Based on the investigation of this issue, the authors developed a model of stability of banking activity and were able to fully analyze the role of assets in the modern banking system. Based on the study of this issue, the authors proposed new ways of forming bank assets and their proper use. In the conclusion of the article, the authors have made specific proposals regarding the prospects for the formation of bank assets and their effective use, which in practice can be considered appropriate for the purpose.

**Key words:** bank, economy, development, system, model, obligation

Дар шароити имрӯза яке аз механизмҳои асосие, ки бонкро ба мақсадҳои стратегии худ мерасонад, ин таъмини эътимоди субъектҳои гуногуни иқтисодӣ бо роҳи иҷрои уҳдадориҳои саривақтии он мебошад. Вобаста ба ин, роҳҳои таъмини устувории бонк низ ҳамчун занҷира, қабл аз ҳама, ба сатҳи эътимоднокии бонк бастагӣ дорад. Ҳангоми таъмини эътимоднокӣ ва устувории низоми бонкӣ, дар баробари дигар нишондиҳандаҳо, аз қабили кифоятии сармоя, пардохтпазирӣ, бозоргирӣ ва ғайра, арзёбии сифати дороиҳо низ муҳим ба ҳисоб меравад. Дар як сатҳи баланд нигоҳ доштани сатҳи кифоятии сармоя ва сифати дороиҳо низоми бонкиро дар ҳолати устуворӣ қарор дода, динамикаи рушди иқтисодии кишварро пайваста таъмин ва бонкҳои тиҷоратиро ҳамчун як субъекти ёрирасон дар рушди низоми иқтисодӣ муаррифӣ мекунад.

Вазъи низоми бонкӣ муҳимтарин нишондиҳандаи амнияти иқтисодии ҳар як кишвар, минтақа ва бахши бонкӣ омили таъмини рушди устувори иқтисодиёт мебошад[3]. Дар ҳақиқат, ташкилоти қарзии дар низоми бонкӣ баромадкунанда ва фаъолияти босуботи он ба муътадилии кулли низоми молиявӣ, бахусус устувории низоми бонкии мамлакат ва тамоми соҳаҳои иқтисодиёт вобастагии зич дорад. Мутобиқи методологияи Кумитаи Базелӣ оид ба назорати бонкӣ ҳар қадаре, ки таъсири ташкилотҳои қарзӣ ба низоми молиявӣ, бонкӣ ва иқтисодиёт калон бошад, муфлис эълон кардани он ба устувории низоми молиявӣ ва иқтисодиёти кишвар ҳамон қадар хавфи зиёд дорад.

Бояд қайд намуд, ки имрӯз категорияҳои «субот», «устуворӣ» ва «эътимоднокӣ» дар низоми бонкӣ ба таври васеъ истифода мешаванд. Яъне, имрӯз мафҳуми «суботи бонкӣ» бештар дар мафҳуми суботи молиявии он истифода мешавад. Дар баробари ин, устувории молиявии бонкро ҳолат ва сохтори дороиҳо, самаранокии фаъолият ва кифоятии сармоя муайян мекунад. Инчунин, тобоварии молиявии бонк аз қобилияти зуд мутобиқ шудан ба тағйироти ногаҳонӣ дар сиёсати фоизӣ ва пардохти уҳдадориҳо вобаста аст.

Суботи молиявӣ ҳолатест, ки дар он ҳамаи бахшҳои низоми молиявӣ (бозорҳои молиявӣ, ташкилотҳои молиявӣ ва сохтори молиявӣ) муътадил ва бе осебпазирӣ фаъолият намуда, дар муқобили таъсири хавфҳо ва шокҳои берунӣ сатҳи баланди истодагариро таъмин менамоянд[1].

Дар замони имрӯза маълум аст, ки дар ташаккулу рушди низоми бонкӣ ва нигоҳдории суботи он бонкҳои марказӣ нақши ҳалкунандаро мебозанд. Дар робита ба ин, З.А. Раҳимов қайд мекунад, ки «Имкониятҳои рушди низоми бонкии Тоҷикистонро асосан Бонки миллии ҷумҳурӣ муайян мекунад. Ӯро мо ҳамчун узву заминаи асосӣ ва танзимгари низоми бонкӣ мешуморем. Барои иҷрои нақши танзимгари низоми бонкӣ Бонки миллӣ бояд дорои салоҳият ва қудрати кофӣ барои таъмини рушди ҳар як бонки алоҳида, пешгирӣ аз муфлисшавии бонк ва дар ҳолатҳои фавқулода ҳамчун як муассисаи мустасно бесамар аз соҳаи бонкӣ дур кардани он бошад. Чунин танзим маънои вайронкунии авторитарии ҳуқуқи маълумоти мушаххаси бонкҳо ё ҳуқуқҳои шахсии соҳибон ва роҳбарияти онро надорад. Ин, ба таври объективӣ, барои ҳифзи низом ва рушди он зарур мебошад» [2].

Дар ҳақиқат, бо итминон метавон гуфт, ки бонки марказӣ ба масъалаҳои баланд бардоштани устувории низоми бонкӣ бо роҳи муайянсозии меъёрҳои мақбули ҳатмӣ барои танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, аз қабили ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ, андозаи ниҳоии қисми ғайрипулии сармояи оинномавӣ, андозаи ниҳоии хавф барои як қарзгир ё гурӯҳи қарзгирони ба ҳам алоқаманд, меъёри кифоятии сармоя, меъёри пардохтпазирии ҷорӣ, меъёри истифодаи маблағҳои худии ташкилотҳои қарзӣ барои харидани саҳмияҳои (ҳиссаҳои) шахсони ҳуқуқӣ ва ғайра таваҷҷуҳ зоҳир менамояд.

Минбаъд низ бонки марказӣ барои таъмини устуворӣ ва самаранокии дороиҳои бонкӣ, инчунин, дарёфти сарчашмаҳои нави зиёд намудани он аз таҷрибаи хориҷӣ ва стандартҳои байналмилалии танзим ва назорати бонкӣ истифода мебарад. Чунки ташкили фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар асоси стандартҳо ва меъёрҳои байналмилалӣ, сари вақт мутобиқ гардонидани фаъолияти молиявии бонкҳо ба талабот ва тавсияҳои нави Кумитаи Базел оид ба фаъолияти бонкӣ зарур ва саривақтист. Зеро ки дар ин стандарт аллакай талабот оид ба кифояти сармояи бонкҳои тиҷоратӣ зиёд карда шуда, муқаррароти иловагии пардохтпазирӣ қабул гардидааст ва таснифоти сифати дороиҳои бонкиву низоми идоракунии хавфҳо такмил дода шудааст.

Қобили зикр аст, ки коршиносони дохилӣ ва байналмилалӣ ба масъалаҳои такмили минбаъдаи фаъолияти назорат ва идоракунии дороиҳои бонкӣ, тавассути таҳлили воқеӣ, ҳамаҷониба ва амиқи натиҷаҳои бадастомада оид ба самаранокии дороиҳои бонкӣ, таъмини пардохтпазирӣ ва динамикаи он баҳои баланд медиҳанд.

Инчунин, якчанд омилҳои муҳити дохилӣ ва берунӣ метавонанд ба вазъи низоми бонкӣ таъсири назаррас расонанд, ки ин аз вазъи сиёсӣ, сиёсати макроиқтисодӣ, низоми молиявӣ, сифати хизматрасонӣ, тараққиёти нобаробари иқтисодиёти минтақаҳои алоҳида, ҳолатҳои иҷтимоӣ; ҳолатҳои молиявии муштариён, захираҳои бонкӣ, дараҷаи эътимоднокии муштариён ба бонк, обрӯю эътибори бонк ва ғайра вобаста аст.

Тағйироти куллие, ки дар солҳои охир, махсусан баъд аз солҳои 2014-2015 ба рушди низоми бонкии кишвар нигаронида шудааст, натиҷаҳои интизориро медиҳанд. Чунки дар низом ташкилотҳои қарзии ноустувор ва рақобатнопазир кам гардида, дар бозори бонкӣ танҳо ташкилотҳои қарзии устувор боқӣ монданд. Инчунин, бар замми он ки шумораи онҳо кам гардид, аммо дар нишондиҳандаҳои асосии низоми бонкӣ тағйироти мусбат ба чашм мерасанд, аз қабили афзоиши ҳаҷми дороиҳо, сармоя, қарзҳо ва ғайра. Гуфтан мумкин аст, ки дар кишвар имконияти ташкили низоми васеи бонкӣ вуҷуд дорад ва эътимоднокии онро бо ташаккул додани ҳаҷми дороиҳо зиёд кардан мумкин аст.

Зеро натиҷаи ислоҳоти ҷорӣ, аз ҷумла афзоиши дороиҳои умумии бонкҳо, ба таври васеъ ҷалб намудани пасандозҳо ва дигар уҳдадориҳо аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, миқёси қарздиҳӣ ба мизоҷон ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ субъектони хоҷагидорӣ нақши назаррас доранд.

Сатҳи иқтисодиёти кишвар агар, аз як тараф, аз рушди низоми бонкӣ ва афзоиши дороиҳои бонк вобастагии зиёд дошта бошад, аз тарафи дигар, аз сатҳи даромаднокии

дороиҳои он вобаста мебошад. Бинобар ин, ба таври эҳтимолӣ муайян намудани сатҳи афзоиши дороиҳои бонкӣ дар шакли дурнамо метавонад то як андоза ба сатҳи стратегияи фаъолияти минбаъдаи бонк таъсир расонад.

**Диаграммаи 1. - Натиҷаи модели дурнамои дороиҳои низоми бонкӣ то соли 2026 (млн сомонӣ)**




**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти оморӣ ва барномаи MS Excel.

Аз рӯйи маълумоти диаграммаи 1. мушоҳида кардан мумкин аст, ки барномаи MS Excel тамоми ҷузъиёти нишондиҳандаҳои рушди дороиҳои бонкиро ба назар гирифта, се ҳолати рушдро тибқи модел муайян менамояд, ки дар ҳолати муқаррарӣ дороиҳои низоми бонкӣ то соли 2026 ба 35239 млн сомонӣ баробар мегардад. Дар ҳолати максималӣ бошад, дороиҳои низоми бонкӣ метавонад ба 40214 млн сомонӣ ва дар ҳолати минималӣ ба 30264 млн сомонӣ рафта расад.

Инчунин, қайд намудан зарур аст, ки афзоиши дороиҳои бонкӣ аз самаранок истифодабарии онҳо, махсусан ба амалиёти қарзӣ вобастагии зиёд дорад. Яъне, ҳар қадар дороиҳои бонкӣ ба амалиёти қарзии даромаднок равона гардад ва фоидаи зиёд орад, ҳамон қадар суръати афзоиши дороиҳо зиёд мегардад.

Вобаста ба ин, тибқи натиҷаи модел дурнамои тахминии нишондиҳандаи қарзҳои низоми бонкӣ бо назардошти эҳтимолияти паст ва баланд шудани он дар диаграммаи 2. оварда шудааст.

**Диаграммаи 2. - Натиҷаи модели дурнамои рушди қарздиҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн сомонӣ)**




**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти оморӣ ва барномаи MS Excel.

Дар диаграммаи 2. барнома ҳамаи нишондиҳандаҳои тамоюли пастравию баландравиро ба назар гирифта, дурнамои қарзиро дар ҳолатҳои максималию минималӣ

коркард намудааст. Аз рӯйи таҳлил бармеояд, ки қарзҳои низоми бонкӣ то соли 2026 метавонад то 9763 млн сомонӣ поён равад ё то ба 18907 млн сомонӣ омада расад. Ҳолати муқаррарӣ бошад, ба 14335 млн сомонӣ баробар мегардад ва ҳамаи ин аз чӣ тавр самаранок истифода шудани дороиҳо вобаста аст, ки агар ташкилотҳои қарзии мамлакат дороиҳояшонро ба таври дурусту мақсаднок истифода намоянд, метавонад қарз ҳам ба ҳолати максималӣ рафта расад ва дар акси ҳол сатҳи қарзҳо низ паст мегардад. Инчунин, ин метавонад аз омилҳои беруна вобаста бошад ва ба пасту баланд шудани нишондиҳандаҳои қарзӣ таъсири бевоситаи худро расонад.

Нишондиҳандаи дигари низоми бонкӣ, ки дар пардохтпазирии он таъсири зиёд дорад, ин сармояи бонкӣ мебошад. Бинобар ин, натиҷаи дурнамои тахминии нишондиҳандаи сармоя бо назардошти эҳтимолияти паст ва баланд шудани он дар диаграммаи 3. оварда шудааст.

**Диаграммаи 3. - Натиҷаи дурнамои нишондиҳандаи сармояи бонкӣ (млн сомонӣ)**




**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти оморӣ ва барномаи MS Excel.

Маълумоти дар диаграммаи 3. овардашуда нишон медиҳанд, ки сармояи бонкӣ низ дар қатори дигар нишондиҳандаҳо метавонад поён равад ё ба ҳолати баланд рафта расад. Ин тағйирёбиҳо аз вобастагии байниҳамдигарии нишондиҳандаҳои бонкӣ сарчашма мегиранд, яъне боло ва ё поён рафтани як нишондиҳанда метавонад нишондиҳандаи дигарро низ тағйир диҳад.

Инчунин, яке аз воситаҳои асосӣ барои афзоиш додани дороиҳои бонкӣ ва ба қарз равона кардани он бо мақсади фоида, ин ухдадориҳои бонкӣ мебошад, ки дурнамои он то соли 2026 дар диаграммаи 4. оварда шудааст.

**Диаграммаи 4. - Натиҷаи дурнамои нишондиҳандаи ухдадориҳои бонкӣ (млн сомонӣ)**




**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти оморӣ ва барномаи MS Excel.

Аз таҳлили маълумоти диаграммаи дар зербуда маълум аст, ки дар шароити бамаротиб тағйир ёфтани вазъияти иқтисодиёти ҷаҳон ва таъсири он ба низоми бонкӣ нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ, аз қабили уҳдадориҳои бонкӣ яксон набуда, балки тағйирёбанда мебошанд. Вобаста ба ин, аз таҳлил маълум аст, ки тибқи дурнамо то соли 2026 эҳтимолияти баланд шудани уҳдадории бонкӣ ба назар мерасад, аммо дар ҳолати дуруст ҷалб карда натавонистани уҳдадориҳо метавонад ба дороиҳо, қарзҳо ва сармояи бонкӣ низ таъсири назаррас расонад.

Дар модели таҳиянамудаи мо эҳтимолияти тағйирёбии нишондиҳандаҳо дар давраи таҳлилшавандаи дурнамо вобаста ба таркиби иқтисодиёт дар се роҳ ҳисоб карда шудаанд:

Дар роҳи аввал мо дурнамои нишондиҳандаҳои бонкиро дар ҳолати муқаррарии фаъолияти низоми бонкӣ дида баромадем, ки агар ташкилотҳои қарзӣ дар ҳолати муқаррарии имрӯза фаъолияти худро давом диҳанд ва ягон омилҳои дохила ва берунаи ногаҳонӣ таъсири худро ба низоми бонкӣ нарасонад, он гоҳ ба нишондиҳандаи дар модел овардашуда рафта расидан мумкин аст. Ҳарчанд ки дар модел пастшавӣ ва ё баландшавии нишондиҳандаҳоро дар солҳои минбаъда дидан мумкин аст, аммо ин дар натиҷаи маълумоти якчандсолаи гузашта хулосабарорӣ карда шудааст.

Дар роҳи дуюми модел бошад, эҳтимолияти баландшавии нишондиҳандаҳои бонкӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Мувофиқи он дидан мумкин аст, ки чӣ гуна нишондиҳандаҳо то соли 2026 баланд мешаванд ва ин ҳам бошад, дар ҳолати дуруст идора намудани дороиҳо, уҳдадориҳо, сармоя, низоми қарздиҳӣ, пайдо намудани сарчашмаи нави ташаккули дороиҳо ва истифодаи таҷрибаи хориҷии дар ин масъала зарурӣ сурат мегирад.

Дар роҳи сеюми дар модел нишондодашуда эҳтимолияти пастшавии нишондиҳандаҳоро дар чор соли оянда мушоҳида намудан мумкин аст, ки ин дар ҳолати риоя накардани талаботи мавҷудаи низоми бонкӣ ва дуруст идора карда натавонистани дороиҳову уҳдадориҳо, сармояву қарз ба вуҷуд меояд. Инчунин, ба ин метавонад омилҳои гуногуни дохиливу берунаи иқтисодӣ таъсири худро расонанд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар масъалаи пешбурди иқтисодиёти мамлакат ва татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат, аз он ҷумла масъалаи саноатикунонии босуръати кишвар нақши бонкҳои тиҷоратӣ хеле муҳим ва зарурӣ арзёбӣ мегардад. Бинобар ин, ҳар як нишондиҳандаи низоми бонкиро, ки мо дар боло таҳлил намудем, метавонад дар алоҳидагӣ ба иқтисодиёти мамлакат ва соҳаҳои алоҳидаи он таъсири бевосита ва беандоза расонад.

Баланд бардоштани устувории молиявӣ ба воситаи истифодаи самараноки дороиҳо масъалаи мубрам ва саривақтӣ барои низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад ва онро бо роҳҳои гуногун, яъне, бо роҳи ҷалби манбаъҳои маблағгузорӣ дар самти зиёд кардани манбаъҳои устувортар ва кам кардани қарзи кредиторӣ ва инчунин, бо роҳи ба гардиш даровардани дороиҳои даромадашон паст ҳал кардан мумкин аст.

Вобаста ба ин, тадбирҳои мушаххасе, ки метавонанд аз ҷониби бонк ва муассисон пешниҳод карда шаванд, инҳоянд:

- афзоиши сармояи худӣ аз ҳисоби фоидаи тақсимнашуда. Инчунин, таҳияи сиёсати дивидендӣ, ки рушди бонкро аз ҳисоби фоидаи тақсимнашуда таъмин менамояд;

- зиёд намудани сармояи оинномавӣ аз ҳисоби моликон ва барориши саҳмияи иловагӣ;

- истифодаи самаранок ва саривақтии дороиҳои бонкӣ баҳри расидан ба ҳадафҳои асосӣ, яъне, ба даст овардани фоидаи зиёд, афзоиш додани сармояи бонкӣ ва таъмини устувории бонк дар мамлакат;

- ташкил намудани рақобат дар байни ташкилотҳои қарзӣ бо истифода аз омилҳои гуногун, аз ҷумла ташкили баҳогузорӣ ба фаъолият ва муайян намудани рейтинги онҳо.

## АДАБИЁТ

1. Суботи молиявӣ. http://www.nbt.tj/46.20.206.228/tj/suboti-moliyavi/sharhi _umumi.php.
2. Рахимов З.А. Развитие банковской системы Таджикистана в условиях переходной экономики: диссертация на соискание ученой степени д.э.н. по спец. 08.00.10 - Финансы, денежное обращение и кредит [Текст] /З.А. Рахимов. – Москва, 2003. – С.126.
3. Kumar K. Developing a framework for assessing sustainable banking performance of the Indian banking sector / K. Kumar, A. Prakash // Social Responsibility Journal. – 2019. - 15(5). P.689-709. DOI: 10.1108/SRJ-07–2018–0162. P.2.

**УДК:312 (575.3)**

**Аҳмадов Ф.М., Маҷидов А.А., Исозода А.Ф.**

# ТАҲЛИЛИ ОМОРИИ СОХТОРИ ДАРОМАДҲОИ ПУЛИИ АҲОЛИИ ВИЛОЯТИ СУҒД

Дар мақола таҳлили омории сохтори даромадҳои пулии аҳолии вилояти Суғд гузаронида шуда, тағйирёбии он барои солҳои 2014-2021 ошкор карда шудааст. Бо мақсади ошкор кардани тафриқаи даромади пулли аҳолӣ ва таҳлили сохтори даромадҳои пуллии аҳолӣ, коэффитсиенти тафовути сохтории Гатева, нишондиҳандаҳои детсилӣ, коэффитсиенти детсилӣ, бузургиҳои миёнаи таркибӣ, нишондиҳандаҳои вариатсионӣ, коэффитсиенти лаҳзавии асимметрӣ, коэффитсиенти Пирсон, усули гурӯҳбандӣ ва ғайраҳо васеъ истифода гардида, хулосаҳои асоснок пешниҳод карда шудааст. Муаллифон хулоса намудаанд, ки омили асосии зиёд шудани тафриқаи даромади пулии аҳолӣ аз нобаробар ҷойгир шудани кормандони кироя дар соҳаҳо мебошад, зеро дар соли 2021 шуғли кормандони кироя дар соҳаи кишоварзӣ 55,2%, маориф 17,1% ва тандурустӣ 8%-и шуғли умумӣ рост меояд. Дар соҳаҳои моҳидорӣ 0,02%, почта ва алоқа 0,4% ва меҳмонхонаю тарабхонаҳо 0,3%-и шуғли умумиро ташкил мекунанд, ки нисбатан кам аст.

**Калидвожаҳо:** таҳлили оморӣ, сохтори даромади пуллии аҳолӣ, сатҳи зиндагӣ, даромадҳои меҳнатӣ, пардохтҳои иҷтимоӣ, музди меҳнат, қувваи корӣ, кормандони кироя, гурӯҳбандӣ, коэффитсиент.

**Ахмадов Ф.М., Маджидов А.А., Исозода А.Ф.**

# СТАТИСТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ СТРУКТУРЫ ДЕНЕЖНЫХ ДОХОДОВ НАСЕЛЕНИЯ СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ

В статье проведен статистический анализ структуры денежных доходов населения Согдийской области и раскрыта ее изменения за 2014-2021 годы. В целях выявления дифференциации денежных доходов населения и анализа структуры денежных доходов населения широко используются коэффициенты структурной дифференциации Гатевы, детильные показатели, детсилиевые коэффициенты, средние композиционные величины, вариационные показатели, асимметричные мгновенные коэффициенты, коэффициент Пирсона, Метод группировки и др. представлены обоснованные выводы. Авторы пришли к выводу, что основным фактором увеличения дифференциации денежных доходов

населения является неравномерное размещение наемных работников в сферах, поскольку в 2021 году занятость наемных работников в сельском хозяйстве составляет 55,2%, образование-17,1%, а здравоохранение-8% от общей занятости. В сферах статистики 0,02%, почты и связи составляют 0,4%, а в гостиницах и ресторанах-0,3% от общей занятости, что относительно мало.

**Ключевые слова**: статистический анализ, структура денежных доходов населения, уровень жизни, трудовые доходы, социальные выплаты, заработная плата, рабочая сила, наемные работники, классификация, коэффициенты.

**Akhmadov F.M., Majidov A.A., Isozoda A.Z.**

**STATISTICAL ANALYSIS OF THE STRUCTURE OF MONETARY INCOMES OF THE POPULATION OF SUGHD REGION**

The article provides a statistical analysis of the structure of monetary incomes of the population of Sughd region and reveals its changes for 2014-2021. In order to identify the differentiation of monetary incomes of the population and analyze the structure of monetary incomes of the population, Gateva structural differentiation coefficients, detail indicators, detail coefficients, average composite values, variational indicators, asymmetric instantaneous coefficients, Pearson coefficient, Grouping method, etc. are widely used. reasonable conclusions are presented. The authors concluded that the main factor in increasing the differentiation of monetary incomes of the population is the uneven placement of employees in the spheres, since in 2021 the employment of employees in agriculture is 55.2%, education-17.1%, and health care-8% of total employment. In the fields of statistics, 0.02%, mail and communications make up 0.4%, and in hotels and restaurants-0.3% of total employment, which is relatively small.

**Keywords:** statistical analysis, structure of monetary incomes of the population, standard of living, labor income, social benefits, wages, labor force, employees, classification, coefficients.

Нишондиҳандаҳои даромад ва хароҷоти аҳолӣ ҳамчун категорияҳои асосӣ дар самти баҳодиҳии сатҳи зиндагии аҳолӣ истифода бурда мешаванд. Аз ин рӯ барои арзёбии талаботи истеъмолии аҳолӣ бештар нишондиҳандаҳоии даромади пулӣ ва хароҷотҳои аҳолиро истифода бурдан бамаврид мебошад.

Агар нишондиҳандаҳои даромади хонаводаҳо инъикоскунандаи қобилияти қонеъ гардидани эҳтиёҷотро бо мол ва хизматрасониҳо бошад, пас истифодаи ин даромадҳо барои хариди молҳо ва хизматрасониҳо, инчунин пасандозҳо воситаи қаноатмандкунонии ҳақиқиро дар бар гирифтааст [1, с.105].

Аз дигар тараф, сохтори даромади пулии аҳолӣ ҳамчун омили муҳимми таъсиррасон ба бозори меҳнат дониста мешавад, ки дар мақолаи мазкур мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Таҳлили оморӣ муайян намуд, ки соли 2021 сохтори даромадҳои пулии аҳолии вилояти Суғд тағйир ёфтааст (ҷадвали 1). Чунончи, ҳиссаи пардохтҳои иҷтимоӣ, даромад аз моликият ва фурӯши мулки ғайриманқул, ҳамзамон, дигар даромадҳои пулӣ мутаносибан 3,5, 4,29 ва 1,6 банди фоизӣ зиёд, даромадҳои меҳнатӣ, даромад аз хоҷагии ёрирасони шахсӣ мутаносибан – 3,5 ва – 5,9 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст. Ба андешаи мо, коҳишёбии даромади хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ аз зиёдшавии ҳиссаи даромадҳо аз фаъолияти тиҷоратӣ вобаста буда, ба гароншавии маҳсулоти кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ таъсири манфӣ мерасонад.

**Ҷадвали 1. - Сохтори даромадҳои пулии аҳолии вилояти Суғд, бо %**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | | Соли 2021 нисбати соли 2014 б.ф |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | |
| Ҳамаи даромадҳои пулӣ аз он ҷумла: | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | |
| - даромадҳои меҳнатӣ | 48,8 | 51,8 | 58,5 | 54,2 | 51,6 | 56,4 | 45,5 | 45,3 | -3,5 |
| - пардохтҳои иҷтимоӣ | 4,8 | 5,3 | 5,4 | 5,5 | 5,3 | 6,2 | 7,4 | 8,3 | 3,5 |
| - даромад аз моликият ва фурӯши мулкӣ ғайриманкул | 0,01 | - | 0,2 | 0,1 | 0,3 | 0,1 | 3,8 | 4,3 | 4,29 |
| - даромад аз хоҷагии ёрирасони шахсӣ | 16,6 | 18,6 | 12,2 | 13,6 | 10,4 | 9,4 | 11,1 | 10,7 | -5,9 |
| - дигар даромадҳои пулӣ | 29,8 | 24,3 | 23,7 | 26,6 | 32,4 | 27,9 | 32,2 | 31,4 | 1,6 |

***Сарчашма:*** *Ҳисоби муаллифон дар асоси маълумотҳои омори солонаи вилояти Суғд // Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. – 2022. – С. 160-161.*

Гарчанде ки даромадҳои меҳнатӣ дар соли 2019-ум нисбати соли 2014-ум 15,6% зиёд шуда бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2021 нисбати соли 2019-ум 11,1 банди фоиз кам мебошад. Ба андешаи мо, ин тамоюл метавонад боиси коҳишёбии шуғли аҳолӣ ва афзоиши аҳолии қувваи кории дар иқтисодиёт истифоданашаванда гардад, зеро бештар майли қувваи кориро ба шуғл дараҷаи баланди музди меҳнат ва даромадҳои меҳнатӣ кафолат медиҳад.

Акнун сохтори даромади умумии хонаводаҳоро бо истифода аз коэффитсиенти тафовути сохтории Гатева таҳлил карда мебароем.

**Ҷадвали 2. - Таҳлили сохтори даромадҳои пулии аҳолии вилояти Суғд, бо %**

| Нишондиҳандаҳо | **2014 ($W_i0$)** | **2021 ($W_i1$)** | **$(W_i0)^2$** | **$(W_i1)^2$** | **$(W_i1- W_i0)^2$** |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. даромадҳои меҳнатӣ | 0,488 | 0,453 | 0,238 | 0,205 | 0,001 |
| 2.пардохтҳои иҷтимоӣ | 0,048 | 0,083 | 0,002 | 0,007 | 0,001 |
| 3. даромад аз моликият ва фурӯши мулки ғайриманкул | 0,0001 | 0,043 | 0,000 | 0,002 | 0,002 |
| 4. даромад аз хоҷагии ёрирасони шахсӣ | 0,166 | 0,107 | 0,028 | 0,011 | 0,003 |
| 5. дигар даромадҳои пулӣ | 0,298 | 0,314 | 0,089 | 0,098 | 0,0002 |
| $\sum$ | **1** | **1** | **0,357** | **0,323** | **0,007** |

***Сарчашма:*** *Ҳисоби муаллифон дар асоси маълумотҳои омори солонаи вилояти Суғд // Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. – 2022. – С. 160-161.*

Барои таҳлили сохтори даромади пулии аҳолии вилояти Суғд, нишондиҳандаҳои тафовути сохторӣ, аз ҷумла, коэффитсиенти интегралии тафовути сохтории Гатева ($K_r$) истифода мегардад. Бо истифода аз ин коэффитсиент сохтори даромади пулии аҳолии вилояти Суғдро таҳлил менамоем. Рафти таҳлили сохтори даромади пулии аҳолии вилояти Суғд муайян намуд, ки дар соли 2021 нисбат ба соли 2014 тағйироти назаррас дар

сохтори даромади пулии аҳолӣ ба вуҷуд омадааст, ки бо ифодаи фоизи ин тағйирёбӣ ба 10,1%-баробар аст [7, с.60].

$$K_r = \sqrt{\frac{\sum(\mathrm{Wi1}-\mathrm{Wi0})^2}{\sum \mathrm{Wi1}^2+\sum \mathrm{Wi0}^2}} = 0{,}101 \qquad (1)$$

Коэффитсиенти интегралии тафовути сохтории Гатева (Кг) барои арзёбии тағйирёбии сохтори даромадҳо ва хароҷоти аҳолӣ васеъ истифода бурда мешавад. Агар Кг=0 бошад, чунин маъно дорад, ки сохтори даромад ё хароҷот тағйир наёфтааст. Агар Кг=1 шавад, чунин фаҳмида мешавад, ки сохтори даромад ё хароҷотҳо пурра тағйир ёфтааст. Дар мисоли вилояти Суғд Кг ба 0,101 ё 10,1% баробар шуд, ки аз тағйирёбии сохтори даромадҳои аҳолии вилоят дарак медиҳад. Гарчанде ки ҳиссаи даромадҳо аз ҳисоби даромад аз хоҷагии ёрирасонии шахсӣ ва дигар даромадҳои пулӣ нисбатан коҳиш ёфта бошад, аммо ҳиссаи даромадҳои меҳнатӣ, пардохтҳои иҷтимоӣ зиёд шудаанд ва ҳамасола ин манбаъҳои даромад майл ба афзоишёбӣ доранд.

Азбаски давраи таҳқиқот ҳамагӣ 8 солро дар бар мегирад бинобар ин ин тағйирёбии ҷиддие дар сатҳи даромадгирии аҳолии вилояти Суғд ба вуҷуд наомадааст, зеро тағйирёбии сохтори даромадҳои аҳолӣ қонуниятҳои муайяни худро дошта дар давраи дарозмуддат ба амал меоянд.

Ҳиссаи бештари тағйиротҳоро дар сохтори даромадҳои меҳнатии аҳолӣ дидан мумкин аст, ки қисман аз афзоиши музди меҳнат ё дигар манбаъҳои расмии даромадгирии аҳолӣ гувоҳӣ медиҳад. Аз ҳамин нуқтаи назар коэффитсиенти тафовути сохтории Гатева ҳамагӣ ба 0,101 баробар буда дар шакли фоиз 10,1% тағйир ёфтани сохтори нишондиҳандаҳои даромади пулии аҳолиро дар вилояти Суғд ифода менамояд. Дар муқоиса бо нишондиҳандаи миёнаи сатҳи ҷумҳуриявӣ ин нишондиҳанда каме зиёд буда аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳиссаи даромадҳои меҳнатӣ ё ба таври расмӣ даромадгирии аҳолӣ афзоиш ёфта, дигар шаклҳои даромадҳо, аз ҷумла даромадҳои ғайрирасмӣ дар сохтори умумии даромадҳои аҳолӣ коҳиш ёфта истодаанд.

Маълумотҳои ҷадвали 3 бо мақсади пурра таҳқиқ намудани шумораи миёнаи кормандони кироя аз рӯйи музди миёнаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯйи соҳаҳои иқтисодиёт дар вилояти Суғд, гурӯҳбандӣ гардидаанд.

**Ҷадвали 3. - Гурӯҳбандии шумораи миёнаи кормандони кироя дар заминаи маълумотҳои музди миёнаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯйи соҳаҳои иқтисодиёт дар вилояти Суғд соли 2021 (сомонӣ)**

| Музди миёнаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯйи соҳаҳои иқтисодиёт (сомонӣ) (X) | Тақсимоти шумораи миёнаи солонаи кормандони кироя ҳазор нафар $f_i$ | Ҳиссаи шумораи миёнаи солонаи кормандони кироя бо ҳисоби % (wi) | Зудиҳои ҷамъгардида (cum wi) | Нишондиҳандаи музди миёнаи пардохтшуда (сомонӣ) $X_i$ | Ҳиссаи музди миёнаи пардохтшуда дар ҳаҷми умумии музди миёнаи пардохтшуда бо % | Ҷамъи зудиҳои андӯхташуда |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 695,19-1346,06 | 380,9 | 87,0 | 87,0 | 1020,62 | 8,8 | 8,8 |
| 1346,06-1996,93 | 16,8 | 3,8 | 90,8 | 1671,50 | 14,4 | 23,2 |
| 1996,93-2647,8 | 25,3 | 5,8 | 96,6 | 2321,91 | 20,0 | 43,2 |
| 2647,8-3298,67 | 9,3 | 2,1 | 98,7 | 2973,23 | 25,6 | 68,8 |
| 3298,67- | 5,7 | 1,3 | 100 | 3624,10 | 31,2 | 100 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 3949,54 | | | | | | |
| Ҳамагӣ | 438,0 | 100 | - | 11611,36 | 100 | - |

***Сарчашма:*** *Ҳисоби муаллифон дар асоси маълумотҳои омори солонаи вилояти Суғд // Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. – 2022. – С. 98-147.*

Дар заминаи маълумотҳои бадастовардашуда, як қатор нишондиҳандаҳои оморӣ татбиқ мегарданд, ки дараҷаи тафовути даромадро инъикос мекунад.

Нишондиҳандаи детсили якум ($D_1$) ва детсили нуҳум ($D_9$) дар таҳқиқоти оморӣ аҳамияти хосса доранд, зеро нишондиҳандаи ($D_1$) – даромади аз ҳама камтари 10%-и кормандони кироя ва нишондиҳандаи ($D_9$) – даромади аз ҳама бештари 10%-и кормандони кирояро ифода мекунад. Аз маълумотҳои ҷадвали 3 истифода намуда, нишондиҳандаҳоро ҳисоб мекунем.

$$D_1 = 695{,}19 + 650{,}87\frac{10-0}{87} = 770$$

Натиҷаи таҳқиқи оморӣ муайян намуд, ки 10%-и кормандони кироя дар вилояти Суғд, ки музди миёнаи камтаринро мегирифтанд ба 770 сомонӣ баробар аст, ки дар шароити имрӯза камтар мебошад.

Нишондиҳандаи $D_9$ 10%-и кормандони кироя, ки музди миёнаи зиёдтаринро мегиранд, дараҷаи онро то 1996,93 сомонӣ ба як нафар корманди кироя муқаррар намуд. Яъне, детсили нуҳум чунин муайян карда мешавад.

$$D_9 = 1346{,}06 + 650{,}87\frac{90-87}{3{,}8} = 1859{,}9$$

Тафовути сатҳи музди миёнаи камтарин ва зиёдтарини кормандони кирояро бо воситаи нишондиҳандаи коэффитсиенти детсил ($K_D$) муайян мекунем:

$$K_D = \frac{1859{,}9}{770} = 2{,}4 \text{ маротиба}$$

Аз ин ҷо бармеояд, ки сатҳи музди миёнаи зиёдтарини 10%-и кормандони кирояи вилояти Суғд дар соли 2021, нисбат ба 10%-и музди миёнаи камтарин, 2,4 маротиба бештар будааст, ки маънои зиёд будани тафовути сатҳи музди миёнаи меҳнатро дар байни кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯйи соҳаҳои иқтисодиёт ифода мекунанд. Чунончӣ, агар барои тамоми аҳолии кишвар ин фарқиятро бинем, он ҳамагӣ 3,2 маротиба мебошад, лекин дар сатҳи аҳолии деҳот ин фарқият бештар назаррас аст [8, с.73].

Дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ нишондиҳандаҳои миёнаи таркибии модда ва медиана барои ҳисоби музди миёнаи кормандони кироя васеъ истифода гардид. Музди миёнаи модалӣ сатҳи нишондиҳандаеро нишон медиҳад, ки бештари кормандони кироя онро гирифтаанд ё мунтазам такрор меёбад.

Бузургиҳои миёнаи модалӣ ва медианиро тибқи маълумотҳои гурӯҳбандикардашудаи муаллиф (ҷадвали 3) дар хусуси музди миёнаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯйи соҳаҳои иқтисодиёт дар вилояти Суғд барои соли 2021 ҳисоб мекунем:

$$M_o = X_{Mo} + I_{Mo}\frac{(F_{Mo}-F_{Mo-1})}{(F_{Mo}-F_{Mo-1})+(F_{Mo}-F_{Mo+1})} = 695{,}19 + 650{,}87\frac{(87-0)}{(87-0)+(87-3{,}8)} = 1027{,}89 \text{ сомонӣ.}$$

$$M_e = X_{Me} + I_{Me}\frac{\frac{\sum F}{2}-S_{Me-1}}{F_{Me}} = 695{,}19 + 650{,}87\frac{50-0}{87} = 1069{,}25 \text{ сомонӣ.}$$

Аз рафти таҳлил маълум гардид, ки музди миёнаи бештари кормандони кироя, яъне музди миёнаи модалӣ 1027,89 сомониро ташкил мекунад. Музди миёнаи медианиӣ то 50%-и шумораи кормандони кироя 1069,25 сомонӣ ва музди миёнаи 50% зиёди

кормандони кироя аз 1069,25 сомонӣ бештар мебошад. Бо назардошти қобилияти харидории асъори миллӣ ва болоравии нархи маҳсулоти озуқа ва ғайриозуқа, музди миёнаи модалӣ ва медианӣ дар вилояти Суғд камтар мебошад. Зеро танҳо дар заминаи ин маблағ талаботи моддӣ ва маънавии кормандони кирояро қонеъ гардонидан ғайриимкон мебошад.

Аз маълумотҳои гурӯҳбандикардашудаи ҷадвали 3 истифода бурда, дигар нишондиҳандаҳои вариатсиониро ҳисоб мекунем.

Бузургии фосилаи вариатсия барои маълумоти мо ба 2774,76 сомонӣ баробар мешавад, зеро:

$R = X_{max} - X_{min} = 3949{,}54 - 695{,}19 = 3254{,}35$ сомонӣ

Бузургии миёна барои музди миёнаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯйи соҳаҳои иқтисодиёт:

$\bar{x} = \frac{\sum X_i f_i}{\sum f_i} = \frac{523888090}{438000} = 1196{,}09$ дирамро ташкил мекунад.

Бо мақсади пурра таҳқиқ намудани нишондиҳандаҳои шиддатнокии вариатсионӣ, дар заминаи маълумотҳои ҷадвали 3 ҷадвали таҳлилиро тартиб медиҳем. (ҷадвали 4)

**Ҷадвали 4. - Нишондиҳандаҳои шиддатнокии вариатсия**

| Музди миёнаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯйи соҳаҳои иқтисодиёт (сомонӣ) (X) | Тақсимоти шумораи миёнаи солонаи кормандони кироя нафар, $f_i$ | Нишондиҳандаи музди миёнаи пардохтшуда (сомонӣ) $X_i$ | $\lvert X_i - \bar{X}\rvert$ | $\lvert X_i - \bar{X}\rvert f_i$ | $\lvert X_i - \bar{X}\rvert^2 f_i$ |
|---|---|---|---|---|---|
| 695,19-1346,06 | 380900 | 1020,62 | 175,47 | 66836523 | 11727804690 |
| 1346,06-1996,93 | 16800 | 1671,50 | 475,41 | 7986888 | 3797046424 |
| 1996,93-2647,8 | 25300 | 2321,91 | 1125,82 | 28483246 | 32067008011 |
| 2647,8-3298,67 | 9300 | 2973,23 | 1777,14 | 16527402 | 29371507190 |
| 3298,67-3949,54 | 5700 | 3624,10 | 2428,01 | 13839657 | 33602825592 |
| Ҳамагӣ | 438000 | 11611,36 | | 133673716 | 110566191907 |

***Сарчашма:*** *Ҳисоби муаллифон дар асоси маълумотҳои омори солонаи вилояти Суғд // Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. – 2022. – С. 98-147.*

Бузургии майли миёнаи хаттӣ:

$d = \frac{\sum\lvert X_i - \bar{X}\rvert f_i}{\sum f_i} = \frac{133673716}{438000} = 305{,}19$ сомонӣ

Бузургии майли миёнаи квадратӣ:

$\delta^2 = \frac{\sum(X_i - \bar{X})^2 f_i}{\sum f_i} = \frac{110566191907}{438000} = 252434{,}2$ сомонӣ

Бузургии дисперсия: $\sigma = \sqrt{252434{,}2}$ =502,4 сомонӣ.

Аз заминаи маълумотҳои ҷадвали 4 нишондиҳандаҳои нисбии вариатсиониро ҳисоб мекунем.

1.Коэффитсиенти вариатсия: $\gamma = \frac{\sigma}{\bar{X}} * 100 = \frac{502{,}4}{1196{,}09} * 100 = 42\%$

2.Коэффитсиенти майли миёнаи хаттӣ: $K_d = \frac{d}{\bar{X}} * 100 = \frac{305{,}19}{1196{,}09} * 100 = 25{,}5\%$

3. Коэффитсиенти оссилятсия:

$$K_o = \frac{R}{\bar{X}} * 100 = \frac{3254{,}35}{1196{,}09} * 100 = 272{,}1\% \text{ ё } 27{,}2 \text{ маротиба}$$

Агар бузургии кооэфитсиенти вариатсия калон шавад, ҳамон қадар парешоншавии бузургии аломат дар атрофи бузургии миёна ва маҷмуи зиёди гуногунҷинсиро ифода мекунад.

**Ҷадвали 5. - Ҳудудҳои коэффитсиенти вариатсия** [8, с.97].

| Коэффитсиенти вариатсия (%) | Дараҷаи якҷинсагии маҷмуъ |
|---|---|
| То-30 | Якҷинса |
| 30-60 | Миёна |
| 60 ва боло | Гуногунҷинса |

Пас маълум гардид, ки бузургии вариатсия барои музди миёнаи кормандони корхонаҳо, якҷинса мебошад.

Барои баҳодиҳии дараҷаи нобаробарӣ, коэффитсиенти лаҳзавӣ ва сохтории нобаробариро (асимметрия) истифода мебаранд.

Коэффитсиенти лаҳзавии асимметрӣ аз рӯйи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$A_S = \frac{M_3}{\sigma^3} \qquad (2)$$

Дар ин ҷо: $M_3$ – лаҳзаи марказии тартиби сеюм, ки аз рӯйи формулаи зерин ёфта мешавад:

$$M_3 = \frac{\sum(X_i-\bar{X})^3 f_i}{\sum f_i} \qquad (3)$$

Агар $A_S \leq 0$ бошад, он гоҳ нобаробарии самти чап ҷой дорад, ки онро нобаробарии манфӣ (муқобил) меноманд, агар $A_S \geq 0$ бошад, пас нобаробарии самти рост ё мусбат ҷой дорад.

Агар аз маълумоти ҷадвали 4 истифода барем, коэффитсиенти нобаробарӣ чунин мешавад:

$$M_3 = \frac{\sum(X_i-\bar{X})^3 f_i}{\sum f_i} = 47606683358 \text{ пас}$$

$$A_S = \frac{M_3}{\sigma^3} = \frac{47606683358}{12680865382} = 3{,}754$$

Аз рафти таҳлил маълум гашт, ки нобаробарии самти рост, яъне мусбат хоси музди миёнаи кормандони кироякии вилояти Суғд мебошад.

Дар амалия бештар коэффитсиенти сохтории нобаробарӣ (асимметрӣ), ки аз ҷониби оморшиноси англис К. Пирсон асос гузошта шудааст, истифода мегардад ва чунин шакл дорад:

$$As_\Pi = \frac{\bar{X}-M_O}{\sigma} \qquad (4)$$

Барои мисоли мо бузургии миёнаи таркибии мода 1027,89 сомониро ташкил мекунад. Пас ҳисоби коэффитсиенти нобаробарӣ чунин мешавад:

$$As_\Pi = \frac{1196{,}09-1027{,}89}{502{,}4} = 0{,}334 \text{ сомонӣ.}$$

Нишондиҳандаи ассиметрӣ аз мавҷудияти нобаробарӣ байни музди миёнаи кормандони кироя дарак медиҳад. Коэффитсиенти сохтории асимметрӣ аз -1 то 1 қимат қабул менамояд. Аз рафти таҳлил маълум гашт, ки ассиметрияи тарафи рост мавҷуд аст. Яъне музди миёнаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯйи соҳаҳои иқтисодиёт дар вилояти Суғд аз музди меҳнате, ки 50%-и кормандон мегиранд (музди меҳнати медианӣ) ва музди меҳнати кормандоне, ки бештар такрор мешавад (музди меҳнати модавӣ), зиёд мебошад. Дар шакли риёзӣ формулаи онро чунин пешниҳод мекунем:

$$\bar{X} > M_e > M_0 \qquad (5)$$

Бо мақсади таҳқиқи пурраи сатҳи миёнаи музди кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯйи соҳаҳои иқтисодиёт, нишондиҳандаҳои квартали якум ($Q_1$) ва квартали чорум ($Q_4$), ки гурӯҳҳои 25%-и кормандони кирояро аз рӯйи сатҳи музди миёнаи

меҳнат фарогир аст, ҳисоб карда мешавад. Ҳисоби ин нишондиҳандаҳоро барои музди миёнаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯйи соҳаҳои иқтисодиёти вилояти Суғд барои соли 2021 дида мебароем:

$$Q_1 = 695{,}19 + 650{,}87 \frac{0{,}25 * 100 - 0}{87} = 882{,}221$$

$$Q_2 = 695{,}19 + 650{,}87 \frac{0{,}5 * 100 - 0}{87} = 1069{,}25;$$

$$Q_3 = 695{,}19 + 650{,}87 \frac{0{,}75 * 100 - 0}{87} = 1256{,}28;$$

$$Q_4 = 3298{,}67 + 650{,}87 \frac{1{,}0 * 100 - 98{,}7}{87} = 3308{,}4$$

Рафти таҳлил ошкор намуд, ки тамоюли мунтазам зиёд гардидани ҳиссаи кормандони бештар муздгиранда ба назар мерасад, ки ин ҳолат аз беҳдошти вазъият дар бозори меҳнат дарак медиҳад.

Таҳқиқи омории нишондиҳандаҳои бозори меҳнат дар вилояти Суғд имкон дод, ки тафриқа ё тафовутро дар сатҳи музди миёнаи кормандони кироя ошкор намоем. Чунин нишондиҳандае, ки дар таҳлили масъалаи мазкур аҳаммияти хосса дорад, коэффитсиенти Ҷинӣ ва каҷхаттаи Лоренс ба ҳисоб меравад. Коэффитсиенти тафовут ва ё тафриқаи музди миёнаи кормандони кироя дар мавриди ба 1 баробар шудан, дараҷаи баланди тафриқаро инъикос мекунад ва каҷхаттаи Лоренс бошад дар шакли нақшавӣ мавҷудияти тафриқаро ифода менамояд. Барои ҳисоби ин нишондиҳандаҳо маълумотҳои гурӯҳбандикардашудаи музди миёнаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯйи соҳаҳои иқтисодиётро истифода мебарем (ҷадвали 6)

**Ҷадвали 6. - Ҳисоби коэффитсиенти Ҷинӣ ва Лоренс**

| Музди миёнаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯйи соҳаҳои иқтисодиёт (сомонӣ) | Коэффитсиенти шумораи миёнаи солонаи кормандони кироя $Z_i$ | $CumZ_i$ | Нишондиҳандаи миёна ($\bar{X}$) | $\bar{X} * Z_i$ | $\frac{\bar{X}*Z_i}{\sum \bar{X} Z_i} = Y_i$ | $CumY_i$ | $Z_i CumY_i$ | $Z_i Y_i$ | $[Y_i - Z_i]$ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 695,19-1346,06 | 0,87 | 0,87 | 1020,62 | 887,939 | 0,743 | 0,743 | 0,646 | 0,6464 | 0,127 |
| 1346,06-1996,93 | 0,038 | 0,908 | 1671,50 | 63,517 | 0,053 | 0,796 | 0,030 | 0,0020 | 0,015 |
| 1996,93-2647,8 | 0,058 | 0,966 | 2321,91 | 134,671 | 0,113 | 0,809 | 0,047 | 0,0065 | 0,055 |
| 2647,8-3298,67 | 0,021 | 0,987 | 2973,23 | 62,438 | 0,052 | 0,861 | 0,018 | 0,0010 | 0,031 |
| 3298,67-3949,54 | 0,013 | 1 | 3624,10 | 47,113 | 0,039 | 1 | 0,013 | 0,0005 | 0,026 |
| Ҳамагӣ | 1 | | 11611,36 | 1195,678 | 1 | | 0,754 | 0,6564 | 0,254 |

***Сарчашма:*** *Ҳисоби муаллифон дар асоси маълумотҳои омори солонаи вилояти Суғд // Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. – 2022. – С. 98-147.*

Дар асоси маълумотҳои гурӯҳбандикардашудаи ҷадвали 6 коэффитсиенти Ҷинӣ ва Лоренсро ҳисоб менамоем.

G=1-2∑ZiCumYi + ∑Zi *Yi=1-2*0,754 + 0,6564=1,0334

$$L = \frac{\sum[Yi - Zi]}{2} = \frac{0,254}{2} = 0,127$$

Аз рафти таҳқиқи омории музди миёнаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯйи соҳаҳои иқтисодиёт маълум гардид, ки тафриқа дар байни музди миёнаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯйи соҳаҳои иқтисодиёт дида мешавад.

Дар шакли нақшавӣ инъикоси тафриқаи музди миёна дар байни кормандони кирояи корхона ва ташкилотҳоро ба воситаи каҷхаттаи Лоренс ифода кардан мумкин аст. Тафриқа аз тақсимоти баробарандоза дар масофаи начандон дур ҷойгир шуда, коэффитсиенти Ҷинӣ ба 1,033 ва Лоренс ба 0,127 баробар гардид.




**Диаграммаи 1. - Каҷхаттаи Лоренс**

***Сарчашма***: *ҳисоби муаллифон дар асоси маълумотҳои гурӯҳбандикардашудаи ҷадвали 6 (музди миёнаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯйи соҳаҳои иқтисодиёти вилояти Суғд дар соли 2022).*

Ҳисоби коэффитсиенти Ҷинӣ ва каҷхаттаи Лоренс собит намуд, ки тафриқаи зиёде дар сатҳи музди миёнаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯйи соҳаҳои иқтисодиёти вилояти Суғд ҷой дорад.

Ба андешаи мо, омили асосии зиёд шудани тафриқа аз нобаробар ҷойгир шудани кормандони кироя дар соҳаҳо мебошад, зеро дар соли 2021 шуғли кормандони кироя дар соҳаи кишоварзӣ 55,2%, маориф 17,1% ва тандурустӣ 8%-и шуғли умумӣ рост меояд. Дар соҳаҳои моҳидорӣ 0,02%, почта ва алоқа 0,4% ва меҳмонхонаю тарабхонаҳо 0,3%-и шуғли умумиро ташкил мекунанд, ки нисбатан кам аст. Аз ин рӯ каҷхатаи Лоренс дараҷаи нобаробарии музди миёнаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯйи соҳаҳои иқтисодиёт дуруст инъикос намудааст.

## АДАБИЁТ

1. Барфиев, К. Х. Статистический анализ структуры расходов населения как основной показатель уровня жизни / К. Х. Барфиев, С. С. Мирзоев, Ф. М. Ахмадов // Таджикистан и современный мир. – 2019. – № 4(67). – С. 191-206. – EDN ULPXZJ.
2. Исозода, А. З. Арзёбии омории сохтори шуғли аҳолӣ аз рӯи намуди фаъолияти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / А. З. Исозода, Ф. М. Аҳмадов // Паёми Донишгоҳи

миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – No. 7. – P. 109-115. – EDN GLYFYA.
3. Кадыров Д.Б. Экономика рынка труда: монография [Текст] / Д.Б. Кадыров, И.А. Ашуров, С.Дж. Комилов. – Душанбе: Илм, 2010. – С. 36.
4. Маҷидов, А. А. Ҷанбаҳои назариявии таҳқиқоти омории бозори меҳнат / А. А. Маҷидов, Ф. М. Аҳмадов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2018. – No. 4(25). – P. 127-133. – EDN YAJLEQ.
5. Омори солонаи вилояти Суғд // Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. – 2022.
6. Раҷабов, О.Ҷ. Таҳлили омории тағйирёбии нишондиҳандаҳои асосии бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / О. Ҷ. Раҷабов, Ф. М. Аҳмадов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – No. 1(35). – P. 101-108. – EDN FVEWAC.
7. Сатҳи зиндагии аҳолии деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Қ. Х. Хушвахтзода, Ф. М. Ашуров, Ф. М. Ахмадов, О. Ҷ. Раҷабов. – Душанбе: Шарки озод, 2021. – 200 с. – ISBN 978-99985-57-51-2. – EDN QZXJGL.
8. Собирзода, Н. М. Таҳлили омории вазъи бозори меҳнати минтақавӣ. Таҳқиқоти иқтисодӣ – оморӣ / Н. М. Собирзода, А. А. Маҷидов, Ф. М. Ахмадов. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2023. – 172 p. – EDN OBTURF.
9. Шамсов И.С. Особенности функционирования рынка труда в Таджикистане [Текст] / И.С. Шамсов, Ш.Н. Юсупов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2015. – № 2 (Қ. 6). – С. 18.

**УДК 504**

**Аҳмадова П.Б.**

## МУШКИЛОТИ ЭКОЛОГӢ ҲАМЧУН ТАҲДИДИ АМНИЯТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур муаллиф масалаи мушкилоти экологиро ҳамчун таҳдиди амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст. Муаллиф қайд намудааст, ки айни замон, яке аз таҳдидҳои асосии глобалӣ ба байналмилалӣ бехатарӣ ин мушкилоти экологӣ мебошанд. Ба мушкилоти асосии экологӣ коҳиши қабати озон, гармшавии глобалӣ, ифлосшавии ҳаво, таъсири гармхонаҳо, ифлосшавии уқёнусҳо, кам шудани гуногунии намудҳои биологии дар рӯи замин зиндагикунанда дохил мешаванд. Дар ин мақола сабабҳо, оқибатҳо ва усулҳои ҳалли мушкилоти экологӣ баррасӣ карда шудаанд.

**Вожаҳои калидӣ:** амнияти байналхалқии экологӣ, мушкилоти экологӣ, коҳиши қабати озон, гармшавии глобалӣ, ифлосшавии ҳаво, эффекти гармхонаӣ, ифлосшавии уқёнуси ҷаҳонӣ, коҳиши гуногунии намудҳои биологии дар рӯи замин зиндагикунанда.

**Ахмадова П.Б.**

## ЭКОЛОГИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ КАК УГРОЗА БЕЗОПАСНОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье автор изучает и исследует вопрос экологических проблем как угрозу безопасности Республики Таджикистан. Автор отметил, что в настоящее время одной из главных глобальных угроз международной безопасности являются экологические

проблемы. К основным экологическим проблемам относятся сокращение озонового слоя, глобальное потепление, загрязнение воздуха, парниковый эффект, загрязнение океана, а также уменьшение разнообразия биологических видов, обитающих на Земле. В данной статье рассматриваются причины, последствия и методы решения экологических проблем.

***Ключевые слова:*** международная экологическая безопасность, экологические проблемы, сокращение озонового слоя, глобальное потепление, загрязнение атмосферы, парниковый эффект, загрязнение Мирового океана, сокращение многообразия биологических видов, живущих на Земле.

**Akhmadova P.B.**

## ECOLOGICAL PROBLEMS AS A THREAT TO THE SECURITY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In this article, the author studies and explores the issue of environmental problems as a threat to the security of the Republic of Tajikistan. The author noted that currently one of the main global threats to international security is environmental problems. Major environmental problems include the depletion of the ozone layer, global warming, air pollution, the greenhouse effect, ocean pollution, and the decrease in the diversity of species living on Earth. This article discusses the causes, consequences and methods of solving environmental problems.

***Key words:*** international environmental safety, environmental problems, reduction of the ozone layer, global warming, air pollution, greenhouse effect, pollution of the World Ocean, reduction in the diversity of biological species living on Earth.

Дар байни таҳдидҳои амнияти ҷаҳонӣ имрӯз инсоният яке аз мушкилоти муҳимтарини экологӣ мебошад. Аз сабаби зарар ба табиат худи мавҷудияти инсоният зери суол аст. Мушкилоти экологӣ дар нимаи дуюми асри XX бадтар шуд. Дар натиҷа, пеш аз ҳама, афзоиши бемайлони истеъмол дар кишварҳои мутараққӣ, ки ба қонеъ намудани ниёзҳои дуюмдараҷа нигаронида шудааст, инчнуин, бозсозии босуръати саноатии кишварҳои тараққикарда аз рӯи принсипи “барои бой шудан аввал ифлос шудан лозим”[2]. ҳамзамон, фаъолияти ширкатҳои фаромилӣ, ки истеҳсолоти ифлосро ба худ мегиранд, кишварҳое, ки хукуматҳояшон хомӯшанд, то сармоягузориро аз даст надиҳанд [3].

Мушкилоти экологӣ тағйирёбии муҳити табиӣ дар натиҷаи фаъолияти инсон мебошад, ки боиси вайрон шудани сохтор ва фаъолияти табиат мегардад. Ин як мушкилотест, ки аз ҷониби одам ба вуҷуд меояд. Ба ибораи дигар гуем, он дар натиҷаи таъсири манфии инсон ба табиат ба вуҷуд меояд.

Масъалаҳои экологӣ барои ҳама муҳиманд, зеро ҳама чиз дар ҷаҳон бо ҳам алоқаманд аст. Агар як майдон вайрон шавад, дигар майдонҳо ҳам зарар мебинанд. Аз ин рӯ, барои коҳиш додани ин мушкилот ҷомеа ва ҳар як фард бояд ба муҳити зист ғамхорӣ кунад.

Вобаста ба тағйирёбии иқлим Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ қайд намуданд: “...тавре ки ҳамватанони азизи мо мушоҳида мекунанд, солҳои охир тағйирёбии иқлим дар миқёси сайёра ба мушкилии аввалиндараҷа табдил ёфта, Тоҷикистонро низ тахти таъсири манфии худ қарор додааст” [9].

Мушкилоти экологӣ ба рушди иқтисодӣ таъсири калон мерасонанд. Ҳама соҳаҳои фаъолият ва ҳаёт аз муҳити зист, аз сатҳи зиндагӣ то захираҳои захираҳои кишвар вобастаанд. Тамоюлҳо ва принсипҳои рушди Россия дар соҳаи экология аз тамоюлҳо ва усулҳои рушд дар Иёлоти Муттаҳида ва Аврупо хеле фарқ мекунанд.

Мушкилоти асосии экологӣ пастшавии қабати озон, гармшавии глобалӣ, ифлосшавии ҳаво ва таъсири гармхонаҳо, ифлосшавии укёнуси ҷаҳонӣ ва кам шудани гуногунии намудҳои биологии дар рӯи замин зиндагикунанда мебошанд.




**Расми 1. Мушкилоти асосии экологӣ**

Ҳамаи мушкилоти болозикр бо ҳам алоқамандандӣ дошта, онҳоро танҳо шартан аз ҳам ҷудо кардан мумкин аст.

***Пастшавии қабати озон.*** Фазои озонӣ дар стратосфера дар баландии 7 – 8 км дар қутбҳо ва аз 17 – 18 км дар экватор дар ҳама ҷо қариб то 50 километр аз сатҳи замин ҷойгир аст. Аз ҳама "ғафситарин" қабати озонӣ дар қабати 22 – 24 км аз рӯи Замин ҷойгир аст. Моҳияти масъала кам кардани қабати озонии Замин ва ба вуҷуд омадани сурохиҳои озонӣ мебошад.

Озон бо сабабҳо зерин вайрон мешавад:

1. Қабати озониро карбонати хлорфотордор (фреонҳо) вайрон мекунанд;
2. Онро парвози ракетаҳои кайҳонӣ ва ҳавопаймоҳҳо низ вайрон мекунад;
3. Вайроншавии қабати озониро таъсири доруҳои миниралӣ низ вайрон мекунад;
4. Таркишҳои ядроӣ сабаби хароб кардани қабати озонӣ мегарданд;
5. Нақши муҳимро дар вайроншавии озон буғҳо иҷро мекунанд;
6. Вайроншавии қабати озонӣ бо зиёд шудани гармшавии офтобӣ, ки нуқтаи баландтарини он дар солҳои 1957, 1968, 1979, 1989 ва 2000 ба назар расидааст ва ғайра.

Саҳми бештарро дар ҳалли кам шудани қабати озонӣ протоколи Монреал гузоштааст, ки 16-сентябри соли 1987 ба имзо расидааст. Дар оянда бо ташаббуси СММ ин рӯз ҳамчун рӯзи ҳифзи қабати озонӣ ҷашн гирифта мешавад.

Ҳадафи протоколи Монреал ва созишномаҳои минбаъда ин кам кардани консентратсияи хлор то дараҷаи пайдо намудани сурохиҳои озонӣ мебошад. [6].

***Гармшавии глобалӣ*** (эфекти гулхонаӣ). Партовҳои гази карбон, буғҳои обӣ, метан, хлорфторкарбогидратҳо ва як қатор газҳои дигар дар атмосфера феноменеро ба вуҷуд меоранд, ки дар натиҷаи он як қисми зиёди гармӣ дар замин боқӣ монда, дар фазои кайҳонӣ пахн намегардад.

Гармшавии глобалиро зиёд шудани боришот ҳамроҳӣ мекунад. Инчунин, баланд шудани сатҳи укёнуси ҷашӯҳонӣ низ (то соли 2030 ба 20см ва то охири асри XXI то 65 см). Натиҷаи чунин болоравии дараҷаи сатҳи бахр зери об мондани ноҳияҳои дар пастӣ қарордошта мегардад.

Трансформатсияи иқтими замин ва мушкилоти экологӣ дар ояндаи наздик ба пайдоиши миллонҳо гурезаҳо оварда мерасонад. Айни замон тибқи маълумотҳои СММ дар ҷаҳон 25 млн одам дар натиҷаи садамаҳои экологӣ гузреза гардида, рӯз то рӯз шумораи онҳо афзоиш ёфта истодааст. Мувофиқи дурнамои СММ то соли 2050 то 200 млн одам маҷбур мешаванд, ки хонаҳои худро тарк кунанд.

Дар рӯ ба рӯи таҳдиди глобалии тағйирёбии иқлим дар соли 1992 дар Конфронси СММ оид ба муҳити атроф ва рушд дар Рио-де Жанейро, ки "Ҳамоиши Замин" ном дошта, аз ҷониби кишварҳои аъзои СММ Конвенсияи чаҳорчӯбаи СММ оид ба тағйирёбии иқлимро ба имзо расониданд.

***Ифлосшавии ҳаво.*** Ба шумораи нисбатан мушкилоти шадиди экологӣ, ки табиати фаромарзӣ доранд, ифлосшавии ҳаво дохил мешавад. Сарчашмаи асосии партовҳои шлобалӣ ИМА ба шумор меравад. Ба он бо суръати баланд Чин низ наздик шуда истодааст. Дар Аврупо бошад калонтарин ифлоскунандаи ҳаво Олмон ба ҳисоб меравад.

Тибқи маълумотҳои Ташкилоти байналхалқии тандурустӣ зиёда аз 1 млрд инсон айни замон дар нуқтаҳои аҳолинишине ҳаёт ба сар мебаранд, ки тозагии ҳавои онҳо ба талаботҳо ҷавобгӯ нест.

Барои кишварҳои Осиё ва Африқо бошад дар маҷмӯъ суръати патовҳо назар ба дигар давлатҳои Қитъаҳо афзоиши интенсивӣ доранд. Дар соли 2000 Осиё аз рӯи ҳаҷми партовҳои ангидриди сулфур аз Аврупо пеш гузашт. Дар соли 2010 он Аврупо ва Амрикоро дар якҷоягӣ аз ин ҳисоб гузашт.

Дигар мушкилоти замони муосир партовҳо ба шумор меравper. Бо он коҳиш ёфтани сифати муҳити зист алоқаманд буда, беморики оммавӣ ва фавти инсонҳоро ба миён меорад. Сарчашмаи асосии партовҳои сахт дар ҷаҳон ИМА ва дар ҷойи дуюм бошад Ҷопон қарор доранд. Махсусан партовҳои саноати коркарди метал ва кимиёвӣ бештар зараровар мебошанд.

Аз ҳама бештар дар истеҳсоли партовҳои хавнок ИМА ва Ҳиндустон ба ҳисоб меравад. Дар ибтидои асри XXI барои Россия хавфи ба партовгоҳи партовҳои адроии хориҷӣ табдил ёфтан, вуҷуд дошт [6].

***Ифлосшавии укёнуси ҷаҳонӣ.*** Нооромии аз ҳама бештари ҷомеаи ҷаҳониро тайи солҳои охир ифлосшавии унёнуси ҷаҳонӣ ба вуҷуд овардааст. Мушкилоти экологии уқёнуси ҷаҳонӣ хусусияти глобалӣ доранд. Онҳоро метавон танҳо дар якҷоягӣ ҳал намуд. Дар акси ҳол асри XXI метаовнад барои инсоният садамаи бузурги экологӣ гардад.

Сарчашмаҳо ва моддаҳое, ки уқёнуси ҷаҳониро ифлос мекунанд, гуногун мебошанд. Хавфи ҷиддиро барои барои тозагии уқёнус рехтани нафт, ки дар натиҷаи кори нақлиёти баҳрӣ, садамаи киштиҳо, истихроҷи нафт дар рафи баҳр ба амал меояд.

Нафт ва маҳсулоти нафтӣ фазои бештарро ифлос намуда, сатҳи обиро бо қабати тунуки ифлосӣ рупӯш мекунад. Як тонна нафт метавонад плёнкаи масоҳаташ 12 км мурабабаро ташкил дода, он мубодилаи газии байни об ва ҳаворо мушкил мегардонад.

Сабаби ҳами ин мавҷуд набудани ншооти тозакунӣ дар бисёр корхонаҳои саноатӣ, ҳолати ногуворӣ шабакаҳои канализатсияи шаҳрӣ ва рушд накардани он мебошанд.

***Кам шудани гуногунии намудҳои биологӣ, ки дар замин зиндагӣ мекунанд.*** Гуногунии биологӣ ин гуногунии шакл ва равандҳо дар ҷаҳони органикӣ буда, дар дараҷаҳои молекулавӣ-генетикӣ, популятсионӣ, таксономикии ташкили зиндагӣ зоҳир мегардад.

Гуногунии билогӣ барои таҳияи воситаҳои тиббии нав, инчунин барои рушди соҳаи саноат аҳамият дошта, онҳоро бо чунин захираҳои табиӣ, ба мисли каучук, оҳарҳои табиӣ, чарбу равғанҳо ва инчунин, пестисидҳои табиӣ таъмин мекунад.

Зиёда аз 1 млрд одам дар минтақаҳое, ки бо биёбонҳо ҳамсарҳад ҳастанд, зиндагӣ мекунанд. Хушксолӣ ва гуруснагӣ дар ҷануби Сахара дар солҳои 1970 ва Ариқои Шарқӣ

дар солҳои 1980 миқёси офатҳоро нишон дод, ки дар натиҷаи биёбоншавии устувор ба миён меояд.

Айни замон дар ҷаҳон барномаҳои махсус оид ба биёбоншавӣ ба монанди: ЮНЕП, Бонки ҷаҳонӣ ва Агентии америкоии рушди байналхалқӣ амал мекунанд.

Яке аз сабабҳои асосии нобудшавии ҷангалҳо ва таназзули тропикии ҷангалҳо дар Осиёи Ҷанубӣ ва Ҷанубу Шарқӣ афзоиши шумораи аҳолӣ мебошад.

Шудгори майдонҳои ҷангал барои заминҳои хоҷагии кишлоқ, истифода бурдани чубу тахта ҳамчун манбаи асосии энергия, паҳншавии коркарди саноатии чубу тахта - ҳамаи ин боиси аз даст додани ҷангал дар майдони 5 млн гектар мегардад. Ҳамасола дар ҷаҳон то 17 миллион гектар ҷангалҳои тропикӣ нобуд мешавад.

Ҳамин тариқ, мушкилоти экологии дар мақола зикршуда ба амнияти ҷаҳонӣ ва инчнуин ҷумҳурии Тоҷикистон низ таҳдид мекунанд. Онҳоро дар сатҳи кишварҳои алоҳида ҳал кардан асосан имконнопазир аст. Комплекси табиии ҳар як кишвар бо комплексҳои табиии кишварҳои ҳамсоя алоқаи зич дорад ё қисми таркибии онҳо ба шумор меравад.

Ҳеҷ як кишвар наметавонад барои ҳифзи қабати озон ва муайян кардани сатҳи баҳр дар соҳили он қонун қабул кунад. Аз ин лиҳоз, ҷомеаи ҷаҳонӣ кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки кӯшишҳоро барои ҳалли мушкилоти глобалии экологӣ муттаҳид созад.

СММ конфронсҳои намояндагӣ оид ба муҳити зистро дар Стокголм дар соли 1972, дар Рио-де-Жанейро дар соли 1992, дар Киот, соли 1997, дар Йоханнесбург дар соли 2002 ва ғайра баргузор намуд.

Барои ҳамоҳангсозии кӯшиши ҷомеаи байналмилалӣ дар сохтори СММ ташкилотҳои экологии махсусгардонидашуда ташкил карда шуданд: Барномаи СММ оида ба муҳити зист (ЮНЕП), Фонди ҷаҳонии экологӣ (GEF) ва ғайра.

Бо вуҷуди ин, кӯшишҳое, ки то имрӯз анҷом дода мешаванд, кофӣ нест. ИМА аз тасвиби протоколи Киото худдорӣ кард. Кишварҳои рӯ ба тараққӣ бояд 475 млрд доллар дар буҷети 600 млрд доллараи Рӯзномаи асри XXI саҳм гузоранд.

Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки мушкилоти экологӣ ҳамчун як таҳдиди амнияти ҷаҳонӣ нодида гирифта шуда, ҳалли онро талаб мекунад.

Хулоса, ба андешаи мо чунин усулҳои имконпазири ҳалли мушкилоти экологӣ мавҷуданд:

- ✓ Кам кардани партовҳо;
- ✓ Истифодаи дигар намудҳои энергияи барқароршаванда;
- ✓ Коркарди партовҳо;
- ✓ Лоиҳаҳои инноватсионӣ барои саноат, тиҷорат ва соҳибкорӣ;
- ✓ Имкониятҳои навсозии воситаҳои нақлиёт.

Муҳофизати муҳити зист офатҳои табииро пешгирӣ мекунад. Он тағйирёбии иқлимро суст мекунад. Илова бар ин, ҷангалҳо борон ва гардиши обро дар табиат ба вуҷуд оварда, ба тоза кардани он ва ба оби ошомиданӣ табдил додани он мусоидат мекунанд.

Мо ба сайёраи Замин чунин кӯмак карда метавонем:

- ✓ Гузариш ба "парҳези сабз";
- ✓ Партовҳоро дубора коркард кардан;
- ✓ Гузариш ба энергияи офтобӣ ва шамол;
- ✓ Бештар пиёда ва велосипедронӣ кардан;
- ✓ Волонтёрӣ кардан;
- ✓ Дар бораи назорати иқлим фикр кардан;
- ✓ Обро сарфакорона истифода анмудан ва ғайра.

**АДАБИЁТ**

1. Вебер А.Б. Глобальное изменение климата: кто виноват? и что делать? // Век глобализации. 2008. № 1.
2. Дрейк Ч., Имбри Дж., Кнаус Дж., Турекиан К. Океан сам по себе и для нас. М., 1982.
3. Захарченко А.В. Проблемы Мирового океана и международная безопасность. Институт социальных наук // http://www.socius.ru/.
4. Красилов В.А. Охрана природы: принципы, проблемы, приоритеты. М., 1992.
5. Лебедева М.М. Мировая политика: Учебник. М., 2006.
6. Луканин В.Н. Промышленно-транспортная экология. М., 2001.
7. Макеев Б. Россия и Мировой океан на пороге XXI века // Мировая эко номика и международные отношения. 2000. № 1.
8. Новиков Ю.В. Охрана окружающей среды. М., 2003.
9. Эмомалӣ Раҳмон. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ш. Душанбе. “Шарқи озод”, 28.12. 2023.

**УДК 339.3**

**Ахмедов А.А.**

## РАФТОРИ РАВАНДИ ИДОРАКУНӢ: МОҲИЯТ, ПРИНСИПҲО ВА ЗАРУРИЯТИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ БИЗНЕС-РАВАНДҲО

Дар мақолаи зарурияти омӯзиши мафҳуми раванд, равандҳои корӣ, бизнес-равандҳо зери омӯзиш қарор гирифтааст. Ҳангоми омӯзиши рафтори равандӣ кадом принсипҳо истифода шудаанд қайд шудааст. Рафтори равандӣ имконияти истифодаи технологияҳои нисбатан мукаммал ва ташкили раванди савдою технологӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, таъмини муваффақият ва самаранокии фаъолияти корхонаҳои савдои чакана мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст қайд шудааст.

**Калимаҳои калидӣ:** раванд, раванди корӣ,бизнес-равандҳо, принсипҳо, қоидаҳо, функсияҳо, идоракунӣ, самаранокӣ, соҳибкорӣ, рақобатавонӣ, минтақаҳо, корхонаҳои савдои чакана.

**Ахмедов А.А.**

## ПОВЕДЕНИЕ ПРОЦЕССНОГО УПРАВЛЕНИЯ: СУЩНОСТЬ, ПРИНЦИПЫ И НЕОБХОДИМОСТЬ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ТЕХНОЛОГИИ БИЗНЕС-ПРОЦЕССОВ

В статье изучается необходимость изучения понятия процесса, рабочих процессов, бизнес-процессов. Отмечается, какие принципы использовались при изучении процессуального поведения. Исследовано технологическое поведение, возможности использования относительно передовых технологий и организации торгово-технологического процесса, повышения качества услуг, обеспечения успешности и эффективности предприятий розничной торговли.

**Ключевые слова:** процесс, рабочий процесс, бизнес-процессы, принципы, правила, функции, управление, эффективность, предпринимательство, конкурентоспособность, регионы, предприятия розничной торговли.

**Akhmedov A.A.**

## PROCESS MANAGEMENT BEHAVIOR: THE ESSENCE, PRINCIPLES AND NECESSITY OF USING TECHNOLOGY OF BUSINESS PROCESSES

In the article, the need to study the concept of process, work processes, business processes is under study. It is noted what principles were used during the study of procedural behavior. Process behavior, the possibility of using relatively advanced technologies and organization of the trade and technological process, improving the quality of services, ensuring the success and efficiency of retail trade enterprises, has been investigated.

**Key words:** process, work process, business processes, principles, rules, functions management, efficiency, entrepreneurship, competitiveness, regions, retail trade enterprises.

Нахуст аз ҳама ба мафҳуми вожаю принсипҳои заминавии рафтори равандӣ оид ба фаъолияти идоракунӣ, зарурияти истифодаи амсиласозии бизнес-равандҳо чун вазифаҳои пай дар пайи идоравӣ дар сатҳи корхонаи савдои чакана шинос мешавем.

Дар ин ҷо, ду вожаи поягӣ - якӯм, бизнес ҳамчун мафҳуми иқтисоди бозорӣ ва дуюм, маънои раванд ва алоқамандии байни онҳоро шаҳр додан хело зарурат дорад.

Бизнес ба андешаи мо, ин фаъолияти муфид, бо ибораи дигар, махс соҳибкорӣ мебошад, ки дар кишварҳои ғарб бо унвони бизнес бештар истифода ва паҳн гаштааст. Тибқи маънои аслиаш бо забони русӣ “дело”, яъне фаъолияти ташаббускоронаи иқтисодӣ мебошад, ки бо назардошти хавфу хатар, мустақилона аз ҷониби шахсони алоҳида ва шахсони ҳуқуқӣ дар асоси истифодаи воситаи пулии худӣ ва аз берун ҷалбшуда бо мақсади гирифтани фоида амалӣ карда мешавад.

Раванд бошад чун калимаи поягии процесс (PRocenssuc) – ин зина ба зина тағйир ёфтани кор, фаъолияти иқтисодӣ ва намуди амалиётҳоро мефаҳмонад, ки бо фаъолияти соҳибкорӣ робитаи ногусастагӣ дорад ва ба илми менеҷменти равандӣ ё рафтори равандӣ бевосита такя мекунад. Аз рӯи мантиқи солим, дар амали хоҷагидории бозорӣ, талаботи идму амали идоракунии муосир имрӯз дар таҷрибаи хоҷагидорӣ онро чун истиллоҳи бо ҳамдигар алоқаманд чун бизнес-раванд истифода мебаранд, аҳамияти илмӣ ва амалӣ пайдо кардааст.

Раванд - ин тағйирёбии ин ё он амали хоҷагӣ, ки ҳамеша аз рӯи мазмун муваққатӣ буда ва бо зарурат намудҳои гуногуни бадалшавандаро дорад. Агар мо, нисбати фаъолияти инсонро дар истеҳсолот тасаввур намоем, пас он бо таъсири омилҳои дохилӣ ва берунӣ, ҳатман бо гузашти вақт, тағйир меёбад. Умуман, бори аввал мафҳуми рафтори равандӣ, чун самти муайяни таҳқиқот аз соли 1920 мавриди истифода дар илми мудириятӣ арзи ҳасти намуд. Онро зимни таҳлили иқтисодӣ роҳбарони корхонаҳо бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти иқтисодӣ ва аз пайвастагии бо ҳам зичи кору амалиётҳо истифода менамуданд.

**Рафтори равандӣ бо принсипҳои зерин асос ёфтааст:**

1.Фаъолияти корхонаро бояд ҳамчун маҷмӯи бизнес – равандҳо тассавур кард. Дар ин ҳолат раванд фаъолияти корхонаро чун маҷмӯи бизнес – равандҳо баҳо додан мумкин аст, ки ба шакли ташкилии рафтори равандӣ мутобиқат мекунад.

2.Татбиқи амалии бизнес – равандҳо бояд ҳатман регламетатсия ва шартан муайян карда шавад. Регламенти бизнес – раванд – ин ҳуҷҷатест, ки пай дар пайи амалиётҳо, ҷавобгарӣ, тартиби алоқамандии иҷрокунандагон ва қабули қарорҳоро оид ба беҳтар кардани бизнес – равандҳоро дарбар мегирад.

3. Ҳар як бизнес – раванд муштарӣ ба роҳбар ё шахси мутасадиро оид ба натиҷаи бизнес – раванд дар муҳити дохилӣ ва берунӣ дорад. Интихоби бизнес – раванд ҳамеша бо муайян муштарӣ ё истеъмолгари натиҷаи раванд дар пайвастагӣ қарор дорад. Ғайр аз

муштарӣ ҳар як бизнес – раванди алоҳида барои худ соҳиб, шахси идоракунандаро – шахси мансабдорропешбинӣ менамояд, ки ӯ раванди кории фаъолияти хоҷагиро идора мекунад ва ҷавобгар ба натиҷаҳо ва самаранокии бизнес – раванд маҳсуб мешавад. Роҳбари бизнес – равандшахси мансабдор буда, шартан пешсаф ва дорои салоҳияти муайян мебошад. Вай дар ҳамаи давраи идораи бизнес – раванд, сарватҳои ба ӯ таалуқ доштаро бояд самаранок истифода намуда, барои ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ ҷавобгар бошад.

4. Ҳар як бизнес – раванд барои худ нишондиҳандаҳои калидӣ дорад, ки онҳо ба иҷрои корҳою амалиёт, натиҷа ва таъсири онҳо ба натиҷаи фаъолияти корхонаро дар маҷмуъ муаррифӣ менамоянд.

Дар адабиёти касбии иқтисодӣ маънои гуногуни раванд ва бизнес – раванд вуҷуд дорад. Дар стандарти ISO 9000-2001 раванд – ин маҷмӯи бо ҳамдигар алоқаманди намудҳои фаъолият мебошад, ки аз “даромад” ва “баромад”-ҳо иборат аст. Ҳамзамон тибқи адабиёти иқтисодӣ бизнес – раванд таърифҳои хело зиёд дорад, ки дар қатори онҳо шомиланд:

1. Бизнес – раванд – ин низоми пай дар пай, мақсаднок ва намудҳои фаолияти регламентатсияшуда буда, ки дар он таъсири идоракунанда тариқи ресурс (сарват)-ҳо воридшави ба раванд амали гашта, дар баромад, натиҷаи раванд, барои истеъмолгарон дорои арзиши муайян мебошад.
2. Бизнес – раванд – ин ҳаргуна фаъолияти ташкилӣ ва устувор дар дохили корхона мебошад, ки ягон объектро бо сабаби мкайян, тағйир медиҳад.
3. Бизнес – раванд – ин қатори муайяни вазифаҳо аст, ки бояд аз ҷониби одамон ва низом чен карда шавад ва барои ба даст овардани натиҷаҳои пешакӣ тарҳрезишуда нигаронида шудааст.
4. Бизнес – раванд – ин иҷрои вазифаҳои устувори мақсаднок, ки ба даст овардани натиҷаҳои арзишдор барои истеъмолгар равона карда мешавад.
5. Бизнес – раванд – ин маҷмӯи намудҳои мухталифи фаъолият, ки дар доираи онҳо дар қисмати “даромад” як ё зиёдтар намуди сарватҳо ва дар қисмати “баромад” -и чунин фаъолият маҳсулот тавлид ё фурӯхта мешавад, ки ҳатман барои истеъмолгар манфиат ва арзиши истеъмолӣ дорад.
6. Бизнес – раванд, пай дар пайи амалиётҳои ба тартиб овардашуда аст, ки иҷрои он барои ноил гаштан ба ҳадафи муайяни бизнес – раванд нигаронида мешавад.
7. “бизнес- раванд “ (БР) - маҷмӯи намудҳои мухталифи фаъолият, дар доирае, ки “дар даромад” як ё якчанд намуди ресурсҳо истифода мешаванд ва дар натиҷа ин фаъолият “дар баромад” маҳсулоте ҳосил мешавад, ки барои истеъмолкунанда[1]арзишнок аст
8. “БР”- фаъолиятҳои мантиқан алоқаманде, ки барои иҷрои дастёб шудан ба даромади муайяни фаъолияти соҳибкорӣ иҷро шудаанд.
9. “БР”- башаклдарории фаъолиятҳои зиёдест, ки барои истеҳсоли хизматҳои махсусгардонида барои истеъмолкунандаи мушаххас ё бозор лоиҳакашӣ шудаанд. Ё маҷмӯи корҳои ботартибонаи махсус, супоришҳо аз рӯи вақт ва фазо, нишон додани аввалу охир, аниқ муайян намудани даромадҳо ва баромадҳо. Ё маҷмӯи фаъолиятҳои ченкунанда, ташкилдиҳандае, ки барои гузаронидани даромади муайяншуда барои мизоҷи мушаххас ё бозор, созмон дода шудаанд.
10. “БР”- моҳиятест, ки ба воситаи нуктаи даромад ва баромад муайян карда мешавад, таҷҳизотҳои ташкилӣ ва интерфейсҳо, ки қисман ба худ таҷҳизотҳои истеъмолкунандаи хизмат (мол)-ро доро мебошад.
11. “БР”- маҷмӯи намудҳои дохилии фаъолият, ки аз як ё якчанд даромадҳо оғоз ёфта, бо сохтани маҳсулоте итмом меёбад, ки ба мизоҷ зарур аст ва ӯро аз ҷиҳати арзиш дарозумрӣ, хизмат ва сифат қонеъ мегардонад. Ё ҷараёни пурраи ҳодисотро, ки чӣ тавр

мизоҷ оғоз менамояд, пеш мебарад ва истифодаи тиҷоратро[2] анҷом медиҳад, шарҳ медиҳад.

12. “БР”- силсилаи мантиқии фаъолияти ба ҳам алоқаманд, ки ресурсҳои корхонаро барои сознон додан ё гирифтани даромади барои фармоишгар муфид, монанди маҳсулот ё хизмат, дар замони муосир ва дар оянда пешгӯишаванда истифода бурда мешавад
13. “БР”- намуди дилхоҳи фаъолият дар кори корхона ё ташкилот
14. “БР”- иҷрои пай дар пай ва бонизоми амалиётҳои функсионалӣ, ки натиҷаи дилхоҳи мусбат медиҳад.
15. “БР”- маҷмӯи ресурсҳои ба ҳам алоқаманд ва фаъолият, ки элементҳои “даромад” ва “баромад” мебошад.
16. “БР”- як қатор намудҳои ба ҳам алоқаманди фаъолият, ки маҳсули онҳо даромад ва баромад[3] мебошад.

Ҳамин тариқ, ба андешаи мо, бизнес – раванд бояд ҳамчун низоми зинагӣ ё пай дар пайи фаъолият фаҳмида шавад, ки дар он тавассути таъсири идорашаванда ва ресурсҳои “даромад” ба раванд дар “баромад” натиҷаи раванди барои истеъмолгарон арзишдор ва судманд ба даст меояд.

Бинобар ин, бизнес – равандро ба асосӣ, таъминкунанда ва идоракунии раванди рушд тасниф кардан зарур мебошад(расми 1.1).




**Расми 1.1. Алоқаи бизнес – равандҳои асосӣ, таъминкунанда ва рушди идоракунӣ**

Бояд хотирнишон кард, ки махс <u>бизнес – равандҳои асосии</u> корхонаҳои савдои чакана, ки ба фурӯши молҳои истеъмолӣ(гардиши моли чакана) ва хизматҳои гуногун дар ин самти фаъолияти иқтисодӣ нигаронида шудаанд, объектҳои мақсадноки корхона маҳсуб шуда, гирифтани даромади умӯмӣ ва фоидаи ниҳоии фаъолияти молиявиротаъмин мекнад. Танҳо ин равандҳои поягӣ ва асосӣ ба ташаккули натиҷа ва сифати истеъмолӣю хизматҳо, ки муштарӣ омодааст даромадҳои пулии худро пардохт намояд.

<u>Бизнес – равандҳои таъминкунанда</u> ба таҳким ва рушди инфрасохтори кулли комплексҳои вазифаҳои идоракунӣ бар ҳар сатҳи бизнес – равандҳо дахл дошта ё таъсир мерасонанд.

<u>Бизнес – равандҳои рушд</u> равандҳои такмилёбии чараёни хариду фуруши мол ва хизматрасониҳои тиҷорати буда, раванди рушди техника ва технология, раванди истифодаи таҷҳизот ва равандҳои инноватсияро дар бар мегирад. Ба ин қатор, амали намудани корҳои илмӣ-таҳқиқоти ва таҷрибавӣ-конструктурӣ, ҷиҳонидан корхона бо техника ва технологияи замонавӣ ва ғ. дохил мешавад.

Бизнес-равандҳо – ин алоқаи маҷмӯи равандҳои соҳибкорӣ буда, мақсади ниҳоияш истеҳсоли маҳсулот мебошад. Дар зери мафҳуми “маҳсулот” молҳо, хизматҳо, кор ва ҳуҷҷатҳо фаҳмида мешавад.

Бизнес-равандҳо – ин мартабабандии уфуқии фаъолиятҳои функсионалии дохилии аз ҳам вобаста мебошад, ки мақсади ниҳоияш истеҳсоли маҳсулот ё қисматҳои алоҳидаи он мебошад.

Қоидаҳои корӣ – ин функсияест, ки масъала, пай дар паии ҳодисаҳо, ки дар муддати муайяни вақт мегузаранд ва натиҷаҳои даркшаванда доранд.

Ҳар кор дар раванд ба таври табии иҷро мешавад, чунки аз тарафи кормандон дар рафти иҷрои кор муайян мешавад, яъне ба шарте, ки зарурияти амалӣ дорад:.

- равандҳо роҳҳои гуногуни иҷрошавӣ доранд. Имкониятҳои мутобиқгардонии равандҳо ба тағйиротҳои муҳими беруна зиёд мешаванд.
- корҳо дар ҳамон ҷое иҷро мешаванд, ки он аҳамияти калон дошта бошад (шӯъба, зершӯъба...).
- санҷишҳо ва идоракунӣ кам мешавад, миқдори созишномаҳо минималӣ мегарданд. Идоракунӣ танҳо дар он корхона ва он бахши он бо роҳ монда мешавад, ки моҳияти иқтисодӣ дошта бошад
- роли технологияи иттилоотӣ ҳангоми ҳам амалиётҳои марказонида шуда, ҳам ғайри муттамарказ хеле назаррас аст[4].

Элементи асосии РБР, тарҳрезии чунин қарори бизнес-равандҳо мебошад, ки ташкил намудани онҳо амалан афзоиши радикалии самаранокии равандро таъмин карда метавонад (масъалан 80-100%).

**АДАБИЁТ**

1. Абдикеев Н.М., Данько Т.П., Ильдеменов С.В. и др. Реинжиниринг бизнес-процессов: Учебник. - М.: Эксмо,2007.
2. Ансофф И. Н. Стратегическое управление [Текст] / И. Н. Ансофф. - М.: Экономика, 1989. - 519 с.
3. Ахмедов А.А. Тартиби пай дар паии татбиқи реинҷиниринги равандҳои соҳибкорӣ дар корхонаҳои савдои чакана. Вестник ТГУК. 4/1 (33) 2020. с.73-79.
4. Барнгольц С. Б. Методология экономического анализа деятельности хозяйствующего субъекта [Текст]: учебное пособие / С. Б. Барнгольц, М. В. Мельник. - М.: Финансы и статистика, 2003. - 250 с.
5. Барнгольц С. Б. Методология экономического анализа деятельности хозяйствующего субъекта [Текст]: учебное пособие / С. Б. Барнгольц, М. В. Мельник. - М.: Финансы и статистика, 2003. - 250 с.
6. Робсон М., Уллах Ф. Практическое руководство по реинжинирингу бизнес-процессов. - М.: Аудит,1997.

УДК:336.143

**Баротов А. Х.**

## ТАДБИРҲОИ БАРНОМАВИИ РУШДИ МИНТАҚА ВА ИМКОНИЯТҲОИ ТАШАККУЛЁБИИ ИҚТИДОРИ АНДОЗӢ

Дар шароити ташаккул ёфтани муносибатҳои бозорӣ яке аз унсурњои муҳимтарини рушди иқтисоди миллӣ ин тақвият додани сарчашмаҳои даромад ва дар ҳамин замина ба роҳ мондани чорабиниҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ барои устуворгардонии буҷети сатҳҳои гуногун ба шумор меравад. Ин масъала пайваста мавриди баҳсу мунозира ва роҳандозии давлату ҳукумат дар доираи барномаҳо ва стратегияҳои рушд мебошад. Тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳалли масъалаҳои тақвият додани иқтидори андозӣ яке аз масъалаҳои муҳим ва марказӣ ҳисобида мешавад. Бинобар ин муаллиф дар таҳқиқоти худ доир ба тадбирҳои рушд додани барномаҳои минтақавӣ ва имкониятҳои ташаккулёбии он пешниҳодҳои мушаххас намуда, роҳҳои баланд бардоштани иқтидори андзиро дар минтақа мавриди баррасӣ қарор додааст, ки ин дар маҷмуъ ба рушди минтақа таъсири зиёд мерасонад.

**Калидвожаҳо**: барномаҳои минтақавӣ, иқтидори андозӣ, низоми миллии андозбандӣ, рушди иқтисоди миллӣ, даромадҳои андозӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таҳияи барномаҳо, фишанги андозӣ, бахшҳои воқеии иқтисодиёт, субъектҳои минтақаҳо.

**Баротов А. Х.**

## ПРОГРАММНЫЕ МЕРЫ РЕГИОНАЛЬНОГО РАЗВИТИЯ И ВОЗМОЖНОСТИ РАЗВИТИЯ НАЛОГОВОГО ПОТЕНЦИАЛА

В условиях становления рыночных отношений одним из важнейших элементов развития национальной экономики является усиление источников доходов и в этом контексте реализация общегосударственных и региональных мероприятий по стабилизации бюджетов разных уровней. . Этот вопрос постоянно обсуждается и реализуется государством и правительством в рамках программ и стратегий развития. Согласно Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года, решение вопросов укрепления налогового потенциала считается одним из важнейших и центральных вопросов. Поэтому в своем исследовании автор высказал конкретные предложения по мерам развития региональных программ и возможностям их формирования, а также обсудил пути повышения потенциала региона, что оказывает большое влияние на развитие региона.

**Ключевые слова:** региональные программы, налоговый потенциал, национальная система налогообложения, развитие национальной экономики, налоговые поступления, нормативно-правовые документы, разработка программ, налоговый рычаг, реальные отрасли экономики, региональные субъекты.

**Barotov A. Kh.**

## REGIONAL DEVELOPMENT PROGRAMMING MEASURES AND TAX CAPACITY DEVELOPMENT OPPORTUNITIES

In the conditions of the formation of market relations, one of the most important elements of the development of the national economy is the strengthening of the sources of income and in

this context, the implementation of national and regional activities to stabilize the budget of different levels. This issue is constantly discussed and implemented by the state and government within the framework of development programs and strategies. According to the National Development Strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030, solving the issues of strengthening the tax capacity is considered one of the most important and central issues. Therefore, in his research, the author has made specific suggestions on the measures for the development of regional programs and the possibilities of their formation, and discussed ways to increase the potential of the region, which has a great impact on the development of the region.

**Keywords:** regional programs, tax capacity, national taxation system, development of the national economy, tax revenues, regulatory legal documents, development of programs, tax leverage, real sectors of the economy, regional entities.

Тибқи назария ва амалияи андозбандӣ коркард ва татбиқи чорабиниҳо оид ба васеъ кардани иқтидори андозӣ хело муҳим мебошад. Чунки ташаккул ёфтани манбаи андоз ва пурра ва саривақт таъмин гардидани буҷети сатҳҳои гуногун маҳз ба ҳамин гуна амалҳо вобаста мебошад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт корҳои зиёди ташкилию ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва техникию рақамикунонӣ анҷом дода шуд, ки дар баробари беҳтар кардани низоми миллии андозбандӣ имкониятҳои васеи рушди минтақаро аз ҳисоби иқтидори андозӣ фароҳам оварданд. Аз таҷрибаи мамлакатҳои пешқадам бармеояд, ки мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ дар ташаккул додани даромадҳо ва ғанӣ гардонидани буҷет мақоми таъсирбахш доранд. Вобаста ба ин, бо дарназардошти таҳкими ҳамкорӣ бо субъектҳои хоҷагидор, алалхусус, соҳибкорони маҳаллӣ шароити хуби танзими муносибатҳои иқтисодӣ ва суръат бахшидани рушди иқтисоди миллӣ ва минтақаҳои алоҳидаи он ба миён меояд. Аз ин ҳисоб, мақоми минтақаҳо хело назаррас буда аз ҷумла, рушди вилояти Хатлон заруратеро ба миён овардааст, ки бо татбиқ намудани чорабиниҳои давлатӣ ҳаҷми даромадҳои андозиро афзоиш дода, иҷрои рушди вазифаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақаро таъмин гардонад. Дар ин самт, ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии зерин барои таҳияи тадбирҳои барномарезишудаи рушди минтақа ва сафарбар намудани имкониятҳои иқтидори андозӣ хело назаррас мебошанд:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
2. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030;
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”;
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои дахлдор”;
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ”;
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ;
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ”;
8. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025.
9. Барномаи рушди иқтисодӣ-иҷтимоии ноҳияҳои вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2025.

Татбиқи амалии муқаррароти муҳими санадҳои меъёрию ҳуқуқии мазкур имкониятҳоро барои чораҷӯӣ ва таҳрезӣ намудани тадбирҳои барномавии рушди минтақа ва имкониятҳои ташаккулёбии иқтидори андозӣ заминавӣ фароҳам меорад. Онҳо тамоми паҳлуҳои ташаккули иқтидори андозӣ фарогир буда, амалигардонии пурра ва саривақтии онҳо ҳамчун омили афзоиши иқтидори андозӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои алоҳидаи он, аз

ҷумла вилояти Хатлон баромад мекунад. Тақвиятдиҳандаи чунин чорабиниҳо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар банди 1. моддаи 45-уми ҳуҷҷати мазкур чунин омадааст: «Супоридани андоз ва пардохтҳо, ки қонун муайян кардааст, ҳатмист»[4, 12]. Аз ин ҷо рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ба фишанги танзими андозӣ вобастагии бевосита дошта, татбиқи амалии он дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон омили муайянкунанда мебошад. Дар робита ба ин, ҳуҷҷати мазкур ҳамчун «…танзимгари масоили унсурҳои андоз ба монанди: субъект, объект, манбаъ, меъёр, давраи андоз, тартиби ҳисоб ва муҳлати пардохт, имтиёз ва ҷавобгарии андоз, ки моҳият ва хусусияти онҳоро дар алоҳидагӣ муқаррар менамояд ва барои дар амал татбиқ кардани онҳо дар доираи принсипҳои системаи андоз нақши калидӣ дорад[6, 116].

Дар робита ба ҷиҳатҳои ташкилию ҳуқуқӣ мутахассисон ва олимони кишвар ба имкониятҳои татбиқи амалии таъсири фишанги андозӣ бо сафарбар намудани иқтидори андозӣ ва бахшҳои воқеии иқтисодиёт таваҷҷуҳи махсус медиҳанд. Вобаста ба ин, олимони ватанӣ аниқ муайян кардаанд, ки "иқтидори андози минтақаро ҳамчун объекти идоракунӣ на танҳо аз мавқеи захиравӣ ва буҷетӣ, яъне дар натиҷаи муносибатҳои андозии субъектҳои минтақаҳо бо давлат, балки ҳамчун ченаки қобилияти минтақаи муайян барои сафарбар кардани даромадҳои андоз тавассути идоракунии самараноки андоз ва маъмурияти андоз фаҳмидан мумкин аст" [5, 25]. Ҳамчунин, ҷиҳати муҳими масъалаи мазкур ин аст, ки сиёсати андозӣ бояд самаранок бошад, инчунин "ҳангоми баҳодиҳии иқтидори андозӣ ва муайян намудани гаронии андоз истифодаи дурусти сиёсати андоз мувофиқи мақсад мебошад. Аз ин рӯ татбиқи дурусти сиёсати андоз ба давлат имконият медиҳад, ки гаронии андозро кам намуда, иқтидори андозсупории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро ба осонӣ муайян намоянд» [2, 65]. Ҳамин тавр, аз раванди пажӯҳишҳо ва коркарди мутахассисон бармеояд, ки вазифаҳои ғанисозии буҷет ва танзими муносибатҳои иқтисодӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақаҳои алоҳидаи он, аз ҷумла вилояти Хатлон, ба ташаккули ҳамаҷонибаи иқтидори андоз ва истифодаи он алоқаманд мебошад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта сиёсати андоз дар давраҳои тӯлонӣ мақоми пешрафтаро соҳиб шудааст. Қудрати давлатии кишварҳо аз он бармеояд, ки фароҳам овардани шароити ташкилию ҳуқуқӣ барои ҳар кишвар аз нигоҳи ҳаракати мутақобила манфиатовар мебошад, аз ҷумла дар давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ мутараққӣ қоидаҳои одилонаи андоз ва шартҳои ногузирии ҷазо барои напардохтани андозҳо сарфи назар аз шахсият роҳандозӣ карда мешаванд.

Дар ташаккули афзоиши пардохтҳои андоз ва ноил шудан ба сатҳи устувори ҷамъоварии андоз таъсири омили системаи маъмурияти андоз калон мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки аз сабаби буҷетӣ будани андозҳо на ҳама иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии андоз ба гирифтани даромади худ ба фоидаи давлат майл мекунанд. Таҷрибаи мамлакатҳои пешрафта нишон медиҳад, ки агар ин раванд шаффоф, фаҳмо ва бе андешаҳои субъективии мақомоти андоз сурат гирад, муносибати соҳибкорон ба амалияи маъмурияти андоз майли мусбат мегирад. Чунин майл ба риояи принсипҳои қонуният, ҳатмият, саҳеҳӣ ва ҳамкории мақомоти андоз бо андозсупоранда, адолат, ягонагии низоми андоз ва шаффофият, ки рукнҳои асосии тақвиятдиҳандаи иқтидори андози минтақа мебошанд, асос меёбад.

Дар таркиби тадбирҳои барномавии рушди минтақа, имкониятҳои ташаккулёбии иқтидори андозӣ дар доираи низоми маъмурикунонӣ ба самти содагардонии барасмиятдарории раванди маъмурикунонии андоз бо истифода аз усулҳои дурнамосозӣ дар заминаи иқтисоди рақамӣ нигаронида мешавад. Қайд кардан бамаврид аст, ки чунин раванд аз иҷрои амалиёт бо тариқи рақамикунонӣ иборат аст. Таркиби ин раванд заминаҳои батанзимдарорӣ ва хизматрасонии электрониро дар доираи "Равзанаи ягона" дар бар мегирад. Дар ин асос, заминаи иттилоотии идоракунии ташаккули иқтидори

андозӣ дар самти усутвор гардонидани вазъи молиявии буҷет дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он, аз ҷумла вилояти Хатлон ба миён омада, барои аз байн бурдани омилҳои фардӣ ва дахолати беасос дар раванди фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ҳангоми баамал омадани муносибатҳои андозӣ нигаронида шудааст.

Дар ин самт, дар доираи чорабиниҳои ташаккули иқтидори андози минтақа, ҷиҳати бартараф намудани ҳолатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои андозӣ мақоми махсус мегирад. Вобаста ба ин, дар таркиби чорабиниҳои тавсеи иқтидори андози минтақа фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ тибқи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба масъалаи дуруст ба роҳ мондани назорати мониторингии андоз қайд гардидааст, ки чорабинии мазкур барои пешгирӣ ва бартараф намудани қонунвайронкуниҳои андозӣ бо дарназардошти баэътибор гирифтани хавфҳои андозӣ равона карда мешавад. Ба назари мо, дар татбиқи чорабиниҳо мавқеи махсусро барои тақвият додани иқтидори андоз, имтиёзҳои андозӣ мегиранд.

Тибқи таҷрибаҳои амалӣ ва мавқеи олимон дар ин ҷода зарурият ва аҳамияти имтиёзҳои андозӣ ва мониторинги он дастрас буда, барои ҳалли масъалаҳои зарур донистани имтиёзҳои андозӣ дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ, ҷамъоварӣ ва ба роҳ мондани таҳлили оморию эконометрикии онҳо аз рӯйи асоснокии имтиёзҳои андозӣ ва мувофиқати имтиёзҳо ба мақсад равона карда мешаванд. Қайд кардан бамаврид аст, ки новобаста ба ҷой доштани имтиёзҳои гуногуни андозӣ, иқтидори ҳақиқии андозӣ дар минтақаи Хатлон беш аз пеш меафзояд, дар ҳоле, ки муҳлати амалӣ гардидани имтиёзҳои андоз тӯлонӣ мебошад. Бо ин мақсад, аз назари мо барои дар оянда афзун гардонидани иқтидори андози минтақа таносуби ҷойдоштаро тавре истифода намоем, ки таъйиноти имтиёзҳо аз рӯйи натиҷагирӣ муфид ва самаранок бошад.

Ҳамин тариқ, амалӣ гардидани тадбирҳои барномавии рушди минтақа барои дарёфт ва сафарбар намудани имкониятҳои ташаккулёбии иқтидори андозӣ дар вилояти Хатлон аз такмили механизми молиявии иқтисодиёти минтақа ҷиҳати рушди иқтисодиёти минтақавӣ ба истифодаи баҳисобгирии муҳосибӣ, рақамикунонӣ, идоракунии хизматрасониҳоӣ қарзӣ, раванди банақшагирии иқтидори андоз ва дармаду хароҷоти буҷети минтақа вобастагии зич дорад. Бо ин мақсад, афзоиш додани ҷойҳои корӣ, ташкили корхонаҳои хурду миёна, бештар гардонидани фаъолияти соҳибкории истеҳсолии хурд заминаро барои афзоиши иқтидори андозии минтақаи Хатлон ва саҳмузор шудани он дар татбиқи ҳадафҳои умумии стратегии кишвар ба вуҷуд меоранд.

Дар робита ба ҳамин, ба фикри мо, барои дар амал татбиқ намудани чорабиниҳои барномавии васеъ кардани иқтидори андозии минтақаи Хатлон, нишондиҳандаҳоеро пешниҳод бояд кард, ки истифодабарӣ ва такмили механизми татбиқи чорабиниҳои ташкилию ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва технологияҳои иттилоотию иртиботиро таъмин мекунанд (ниг. бар расми 1)




**Расми 1. Механизми амалисозии имкониятҳои васеъ намудани иқтидори андози минтақа**

***Таҳияи муаллиф.***

Чӣ тавре, ки аз механизми таҳиягардида дар расми 1 бармеояд, барои дар оянда васеъ намудани иқтидори андози минтақа қабул кардани маҷмуи чорабиниҳои барномавӣ лозим меояд. Пеш аз ҳама, ин баланд бардоштани ҷалби имкониятҳои сармоягузории минтақа мебошад. Дар ин замина, имкониятҳои иқтидори андоз дар робита ба васеъ ба роҳ мондани ҳавасмандгардонии андозии ҷалби сармоягузорӣ, мунтазам нигоҳ доштани манбаи андоз аз амволи ғайриманқул, истифодаи пурраи имконоти имтиёзҳои андозӣ, татбиқи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ дар раванди андозбандӣ бо васеъ гардонидани шароити мусоиди фазои сармоягузорӣ муҳайё гардида, боиси афзоиши иқтидори андози дар минтақаи Хатлон мешаванд.

Дар робита ба васеъ намудани манбаи андоз бо мақсади афзоиши воридоти андозҳо бошад, дар ин самт амалиёти аз ҳама муҳим қонунигардонии даромадҳо дар раванди андозбандӣ мебошад, ки бо истифода аз усулҳои нави ҳисобкунии андозҳо ва ба ҳисоб гирифтани меъёрҳои тафриқавии ҳудудӣ барои амволҳои ғайриманқул амалӣ карда мешавад. Минбаъд, дар натиҷаи таҷдиди назар намудани меъёрҳои андозӣ вобаста ба масоҳати умумии биноҳои маъмурию тиҷоратӣ имконияти густариш додани иқтидори андозии минтақа бо истифода аз меъёрҳои тафриқавии андоз барои намудҳои алоҳидаи нақлиёт ва мунтазам таҷдиди назар намудани даромади андозбандишаванда зери таъсири омилҳои беруна ба миён меояд.

Дар самти татбиқи чорабиниҳои мазкур ба фикри мо, давлат бояд минтақаро бештар дастгирӣ кунад. Алалхусус, аз роҳи таконбахшии тараққиёти иқтисодӣ дар заминаи сафарбар намудани ҳиссаи камтари кумаки молиявии ғайрифаъол, яъне таваҷҷуҳи бештар ба самти истеҳсолию хизматрасонии сармоягузорӣ зоҳир карда шавад.

Бо дарназардошти таҷрибаи давлатҳои пешқадам ба мақсад мувофиқ мебуд, агар манбаҳои андоз аз рӯйи чорабиниҳои барномавие муқаррар карда шаванд, ки се самти асосии тақвият додани иқтидори андоз: самтҳои ташкилию ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иттилоотию иртиботиро дар бар гиранд. Ба фикри мо, ташкили чорабиниҳо ба чунин шакл имкониятеро фароҳам меорад, ки ташаккули иқтидори андоз хосияти маҷмуӣ пайдо карда, таъсирашро дар афзунгардонии даромадҳои буҷети минтақа мерасонад.

Барои дар амал татбиқ кардани чорабиниҳои барномавӣ дар самти афзун гардонидани иқтидори андоз зарурати чорабиниҳои комплексӣ ба миён меояд, ки тибқи тартиби дар расми зерин тасвирёфта татбиқ карда мешаванд (ниг. ба расми 2)




**Расми 2. Низоми татбиқи тадбирҳои барномавии рушди минтақа дар самти ташаккулёбии иқтидори андозӣ**

Чи тавре ки аз расми 2 мушоҳида мешавад, шартҳои асосии афзоиши иқтидори андозӣ на танҳо барои ҷумҳурӣ, балки барои минтақа унсурҳои муайянкунанда мебошанд.

Унсури иқтисодӣ. Дар ин зинаи чорабиниҳо иқтидори андозро бо роҳи пеш гирифтани танзими салоҳиятноки истифодаи меъёрҳои андоз афзоиш додан мумкин аст. Бо ҷой доштани таъсири тафриқавии меъёрҳои андоз ва имконнопазирии баъзе аз субъектҳои андозсупоранда дар доираи муносибатҳои андозӣ истифодаи фишанги танзим хеле зарур мебошад. Чунки қисми таркибии таъсиррасон дар ин усул танзими андозӣ мебошад. Қайд кардан зарур аст, ки иқтидори андоз имконияти даромади буҷет ба ҳар сари аҳолӣ ба шумор меравад, ки аз ҷониби мақомотҳои ҳукуматӣ дар як давраи муайян (одатан соли молиявӣ) бо дарназардошти истифодаи шароити якхелаи андозбандӣ барои тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ муқаррар карда мешавад. Аз нигоҳи идоракунӣ унсури иқтисодии ташаккули иқтидори андоз заминаи таъмини шароити моддии вазъи молиявии минтақа мебошад. Асоси чунин иқтидор истифодабарии васеъ ва пурраи имконоти минтақа барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии аҳолии минтақа мебошад. Бо ин роҳ, таъсири фишангҳои иқтисодӣ имконияти воқеии иқтидори андозро вобаста ба шароити минтақа тибқи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ таъмин менамояд.

Унсури ҳуқуқӣ фарогири маҷмуи чорабиниҳоест, ки дар асоси меъёрҳои худ бо истифода аз санадҳои қонунгузорӣ дар робита ба иқтидори андоз вобаста ба ҳолатҳои тағйирёбии муҳит татбиқ карда мешаванд. Дар ин замина, имконияти танзими вазъи даромадҳои андоз, тариқи электронӣ ситонидан ва ҳисоби манбаи андозбандӣ, бартараф кардани нуқсонҳои риояи қонунгузории андозӣ, истифодаи имтиёзҳо ва сабукиҳои андоз баамал меояд, ки бо мақсади афзоиши иқтидори андоз, барои сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақа хело зарур мебошад.

Унсури рақамикунонӣ ва андозбандии хизматрасониҳои электронӣ қисми навбатии татбиқи чорабиниҳои барномавии тақвияти иқтидори андозӣ ба шумор меравад. Дар ин самт, маъмурикунонии андоз чорабинии муҳим шуморида шуда, бо истифода аз технологияҳои иттилоотию иртиботӣ таъмин намудани татбиқи амалии сиёсати андозии давлат баҳисоб рафта, аз назари мо татбиқи пурраи он дар сатҳи минатқаҳо барои ташаккули воқеии иқтидори андозии онҳо хеле муҳим мебошад. Зарурияти ҳалли масъалаи мазкур аз он бармеояд, ки тибқи моддаи 80 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон “Назорат ва мониторинги амалиётҳо байни андозсупоранда ва мақомоти давлатӣ, муассисаҳо ва ташкилот аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ тавассути Системаи ҳамгироии иттилоотии андоз оид ба баҳисобгирӣ, назорат ва мониторинги амалиёти мақомоти давлатӣ ва андозсупоранда дар реҷаи мустақим (онлайн) амалӣ карда мешавад” [3,91]. Дар ин замина қайд кардан бамаврид аст, ки ташккул ёфтани манбаи воқеии андоз, иҷроиши пурра ва фаврии амалиёти андозӣ ва бақайдгирии онҳо бо дарназардошти хизматрасониҳои электронӣ имкониятҳои бештари иқтидори андозиро ба миён меоранд. Вобаста ба ин, тибқи зербанди дуюми банди 7-и моддаи 279 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, “амалӣ намудани хизматрасонии реклама дар шабакаи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, аз ҷумла аз ҳисоби истифодаи таъминоти барномавӣ барои мошинҳои электронии ҳисоббарор ё махзани электронии маълумоти дар шабакаи иттилоотии коммуникатсионӣ истифодашаванда, инчунин пешниҳоди майдонҳои рекламавӣ дар шабакаи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ” [3, 91], ки татбиқи амалии он дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Хатлон хеле муҳим мебошад.

Чорабиниҳои мазкур ҳамчун қисми таркибии раванди маъмурикунонии андоз баромад мекунанд. Дар доираи Барномаи маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020 – 2025 имконият фароҳам омад, ки бо мақсади “ташкил намудани барномаи (модули) нави компютерӣ ҷиҳати баҳисобгирӣ, назорат ва андозбандии даромади ширкатҳое, ки ба хизматрасонии электронӣ машғул мебошанд” [1, 10]. Ба ақидаи мо, барои тавсеаи

бештари иқтидори андозӣ, дар баробари шахсони ҳуқуқӣ, зарур аст, ки субъектҳои инфиродӣ низ аз хизматрасониҳои электронии имкониятҳои андозбандӣ истифода баранд.

Ҳамин тавр, дар шароити муосир барои ноил шудан ба афзоиши иқтидори андоз унсурҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва рақамикунонӣ ба тариқи маҷмуи имкониятҳои зиёди ҳаҷм, таркиб ва суръатгирии иқтидори андозро фароҳам оварда, баробари зиёд гардидани теъдоди субъектҳои андозсупор, васеъ шудани ҷойҳои нави корӣ баамал омада, дар натиҷаи фарогирии онҳо бо хизматрасониҳои электронӣ иқтидори андоз ва саҳми минтақаи Хатлонро дар иқтисоди миллӣ афзун мегардонад.

Татбиқи амалии чорабиниҳои иқтидори андоз, ба фикри мо, дар ниҳояти кор барои баланд бардоштани сатҳи худтаъминкунии иқтисоди ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он мусоидат мекунад. Чунки худтаъминкунии минтақаҳо ба фаъол гардонидани истифодабарии имкониятҳои ҷойдошта вобастагӣ дорад. Лекин, чи тавре аз таҷрибаи давлатҳои пешқадам бар меояд, барои расидан ба ҳадаф дар ин самт васеъ ба роҳ мондани механизми шаклҳои нави хоҷагидорӣ, аз қабили ба вуҷуд овардани шароити мусоиди соҳибкории хурду миёна дар минтақаи Хатлон, ба танзим даровардани муносибатҳои андозӣ зарур мебошад. Чорабиниҳо оид ба сохтани низоми миллии андозбандӣ барои муқаррар намудани риояи манфиатҳои ҷумҳуриявию минтақавӣ ва андозсупорандагон татбиқ карда мешаванд ва воситаи ҳамоҳангсозии рақобатпазирии андоз ва таъмини баробарсозии молиявии кишвар мебошанд.

Рақобатпазирии андоз рақобат байни буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳалӣ барои салоҳиятҳои андоз, инчунин рақобат байни ҳудудҳо барои андозсупоранда буда, асоси риояи принсипи адолати андоз мебошад. Қайд кардан зарур аст, ки нишондиҳандаҳои рақобати ҳудудӣ дар дохили кишвар ҳамзамон, таъсири омили сармоягузориро низ дар бар мегирад. Аз ҷумла, чунин дигаргуншавӣ дар минтақаҳои алоҳида дар доираи низоми амалкунандаи андоз бо дарназардошти имтиёзҳои тафриқавӣ, низоми андозбандӣ майлеро мегиранд, ки дар тақсим ва аз нав тақсим намудани имкониятҳои молияии минтақа барои тақвият додани иқтидори андоз равона гардидаанд. Дар ин ҷода, ба назари мо, барои минтақаҳо имкони интихоби варианти рушд ва ташаккули манбаи андоз ва усулҳои ҳавасмандгардони андозӣ дар минтақа ба миён омада, боиси афзоиши иқтидори андоз мегардад.

Дар шароити имрӯза, ба ақидаи мо зарурати фароҳам овардани имкони ташкили заминаи устувори андоз ва дар ин асос инкишоф додани соҳаҳои истеҳсолот ва хизматрасонӣ ва бо ин роҳ дар минтақаҳо ҷалб намудани андозсупорандагон бо истифода аз таҷрибаи мамлакатҳои пешқадам ба миён меояд. Масалан, бинобар сабаби паст будани сатҳи хизматрасониҳо ва риоя нагардидани адолати иҷтимоӣ нобаробарии манфиатҳои тарафҳо баамал меояд, аз ҷумла баъзе шахсони воқеӣ маблағи андоз аз воситаҳои нақлиётро дар минтақаи ҷойи зисти доимӣ пардохт намекунанд, ки боиси кам гардидани иқтидори андози минтақа мегардад. Ҳамзамон, зиёд гардидани андозҳо ва меъёрҳои андозбандӣ барои субъектони соҳибкорӣ дар оянда боиси аз даст додани андозсупорандагон ва кам гардидани иқтидори андоз дар минтақа мегардад.

Ҳамин тавр, интихоби ин ё он роҳи рушди иқтидори андози минтақа дар оянда маҷмуи тадбирҳои барномавии минтақаро муайян карда, ба баланд бардоштани рақобатпазирии минтақа, аз ҷумла дар масъалаи иқтидори андозии минтақа нигаронида мешавад. Барои амалӣ гардонидани ин тадбирҳо истифода аз фишангҳои низоми идоракунӣ алалхусус, мониторинги унсурҳои овардашуда заминаи хуби тақвият ёфтани иқтидори андози минтақа мегардад. Воситаи дигари низоми мазкур ҳамоҳангсозии муносибатҳои андоз дар робита ба баробарсозии молиявӣ ва риояи манфиатҳои тарафҳо барои дарёфти мувозинат ё таносуби муфиди байни манбаъҳои андозӣ ва ҳаҷми маблағҷудокунии байнибуҷетӣ мусоидат менамояд, ки ин шароити муфидро барои афзун гардонидани иқтидори андози минтақа ба вуҷуд меоварад.

Ҳамин тариқ, баррасии имкониятҳои рушди иқтидори андози минтақаи Хатлон дар шароити ноустувории иҷтимоию иқтисодии кишвар аҳамияти калон дошта, дар натиҷаи амалӣ гардидани онҳо имкониятҳои рушди иқтисодии минтақа аз ҷумла, афзоиш ёфтани иқтидори андоз ба миён меоянд. Ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами рушди иқтидори андоз дар якҷоягӣ бо равишҳо ва тавсияҳои нави муаллифӣ имкон медиҳад, ки роҳҳои асосии тақвият додани татбиқи тадбирҳои барномавӣ муайян карда шаванд.

Дар раванди татбиқи тадбирҳои барномавӣ ҷиҳате баэътибор гирифта шуд, ки дар ин самт таҳияи механизми амалӣ намудани имкониятҳои васеъ намудани иқтидори андози минтақа хело зарур буда, ҳамзамон барои ин низоми татбиқи тадбирҳои барномавӣ барои ташаккулёбии иқтидори андози минтақа ҳатмӣ мебошад. Дар ин замина, имкониятҳо ва самтҳои рушди минбаъдаи иқтидори андози вилояти Хатлон бо роҳи зиёд кардани субъектҳои истеҳсолию хизматрасонӣ, интихоби вариантҳои рушди минтақа ба мақсади баланд бардоштани иқтидори иқтисодӣ ва ғанисозии буҷет сафарбар гардидаанд. Дар раванди таҳқиқ таваҷҷуҳи махсус ба таҳлили тадбирҳое карда шуд, ки ба васеъ намудани манбаи андоз, инчунин рушди фазои сармоягузорӣ дар минтақа бо мақсади ҷалби андозсупорандагони эҳтимолӣ нигаронида шудаанд. Дар ин раванд, чорабиниҳои иқтисодӣ, ҳуқуқию ташкилӣ ва иттилотию иртиботӣ ҳамчун фишанги татбиқи амалии чорабиниҳои барномавӣ мавриди таҳлил қарор дода шуданд.

Маълум гардид, ки татбиқи чорабиниҳои барномавӣ ба истифодаи таҷрибаи мамлакатҳои пешқадам вобастагӣ дорад. Дар робита ба ин ва бо дарназардошти пешниҳодҳои муаллиф ҷиҳате баэътибор гирифта шуд, ки бо кам кардани теъдод ва меъёрҳои андоз ва бо ин роҳ дар минтақаҳо ҷалб намудани андозсупорандагон имкониятҳои зиёди рушди истеҳсолот ва хизматрасониҳо ба амал меояд. Инчунин, зиёд гардидани андозҳо ва меъёрҳои андозбандӣ ва ба эътибор нагирифтани манфиатҳои тарафҳо боиси коҳиш ёфтани иқтидори андоз дар минтақа мегардад. Аҳамияти масъалаҳои мазкур аз он бар меояд, ки бо мақсади таъмини мувозинати молиявию иқтисодӣ танзими андоз ҳамчун омили асосӣ баромад намуда, зарурати истифода бурдани усулҳои тадқиқоти оморию эконометрикӣ ва арзёбӣ намудани иқтидори андози минтақа ҳамчун фишанги рушди иқтисоди минтақавӣ ва устувор гардонии буҷети минтақа баромад мекунад.

**АДАБИЁТ**


1. Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025. – Душанбе, 2019. – 19 с.
2. Воҳидов У.М. Усулҳои иқтисодӣ-математикӣ дар андозбандӣ. Монография / У.М. Воҳидов.-Душанбе, 2022. – 164 с.
3. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе, 2021. – 407 с.
4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 ва тағйиротҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. Душанбе, 2016. – 32 с.
5. Саидмуродов Л.Х., Сабуров В.Д. Налоговый потенциал региона и региональная система налогового администрирования: механизмы и инструменты управления. Монография / Л.Х. Саидмуродов, В.Д. Сабуров.– Душанбе, «Матбуоти Уротеппа», 2020, – 176 с.
6. Хаитов С.П. Кодекси андоз ҳамчун татбиққунандаи сиёсати ҳуқуқи андоз дар кишвар/С.П. Хаитов //Академический юридический журнал 1(29)/2019 Душанбе – 2019. – 120 с.

УДК 332.15 (575.3)

**Валиев Н.Ш., Фозилова З.Р., Раҳимова Р.Ҳ.**

## НАМУДҲОИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ДЕҲОТ: ТАШАККУЛ ВА РОҲҲОИ РУШДИ ОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Мақолаи мазкур фаҳмиши печидаи фаъолияти соҳибкорӣ ва чаҳорчӯбаи ташкилиро, ки дар деҳоти саросари кишвар паҳн шудааст, мавриди омӯзиш қарор додааст. Иқтисодиёти деҳот маҷмӯаи ғании кӯшишҳои соҳибкориро намоиш медиҳад, ки сохтори беназири иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ниёзҳои иқтисодии ҳар як ҷомеаро инъикос мекунад. Тавассути таҳлили ҳамаҷонибаи намудҳои гуногуни фаолияти соҳибкорӣ ва сохторҳои ташкилии он, мақсади тадқиқоти мазкур равшан кардани динамикаи ташаккули манзараҳои иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ деҳот мебошад. Бо такя ба сарчашмаҳои гуногун, аз ҷумла адабиёти илмӣ, дар ин мақола фаъолияти соҳибкорӣ дар деҳотро ба намудҳои алоҳида, аз ҷумла аз кишоварзӣ ва чорводорӣ то ҳунармандӣ, косибӣ ва корхонаҳои ба хизматрасонӣ нигаронидашуда гурӯҳбандӣ гардидааст.

**Вожаҳои калидӣ:** фаъолияти соҳибкорӣ, намудҳо, иктисоди дехот, корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагии қишлоқ, ҳунарҳои мардумӣ, корхонаҳои соҳаи хизматрасонӣ, сохторҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, корхонаҳои оилавӣ, таъсиси шуғл, таҳлил, соҳибкор, омилҳои истеҳсолот.

**Валиев Н.Ш., Фозилова З.Р., Рахимова Р.Х.**

## ВИДЫ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В СЕЛЬСКОЙ ЭКОНОМИКЕ: ФОРМИРОВАНИЕ И ПУТИ ЕЕ РАЗВИТИЯ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

В данной статье рассматривается комплексное понимание предпринимательской деятельности и организационных рамок, преобладающих в сельской местности по всей стране. Сельская экономика демонстрирует богатый набор предпринимательских начинаний, которые отражают уникальный социально-культурный облик и экономические потребности каждого сообщества. Целью данного исследования является выяснение динамики формирования экономических ландшафтов сельской предпринимательской деятельности путем комплексного анализа различных видов предпринимательской деятельности и ее организационных структур. Опираясь на различные источники, в том числе научную литературу, в этой статье сельская предпринимательская деятельность подразделяется на отдельные типы: от сельского хозяйства и животноводства до ремесел, ремесел и предприятий, ориентированных на услуги.

**Ключевые слова:** предпринимательская деятельность, виды, сельская экономика, сельскохозяйственные предприятия, сельское хозяйство, ремесла, предприятия сферы услуг, организационно-правовые структуры, семейные предприятия, создание рабочих мест, анализ, предприниматель, факторы производства.

**Valiev N. SH., Fozilova Z.R., Rahimova R.H.**

## TYPES OF BUSINESS ACTIVITY IN THE RURAL ECONOMY: FORMATION AND WAYS OF ITS DEVELOPMENT IN MODERN CONDITIONS

This article provides a comprehensive understanding of the entrepreneurial activities and organizational frameworks prevalent in rural areas across the country. The rural economy

exhibits a rich array of entrepreneurial endeavors that reflect the unique sociocultural makeup and economic needs of each community. The purpose of this study is to clarify the dynamics of the formation of economic landscapes of rural entrepreneurial activity through a comprehensive analysis of various types of entrepreneurial activity and its organizational structures. Drawing on a variety of sources, including academic literature, this article categorizes rural entrepreneurial activities into distinct types, ranging from agriculture and livestock farming to crafts, crafts and service-oriented enterprises.

**Key words:** entrepreneurial activity, types, rural economy, agricultural enterprises, agriculture, crafts, service enterprises, organizational and legal structures, family enterprises, job creation, analysis, entrepreneur, factors of production.

Дар замони муосир ба рушду инкишоф ва дараҷаи зиндагонии аҳолӣ ва сатҳи иқтисодии ҳар як кишвар вобаста ба рушди иқтисодии деҳот баҳодиҳӣ намуддан ба мақсад мувофиқ мебошад. Сарчашмаҳо ва омилҳои асосии фаъолияти иқтисодӣ-иҷтимоии инсонҳо дар деҳот – омилҳои асосии истеҳсолт, аз қабили замин, об, ҷангал ва дигар захираҳои табиии ба шумор мерававнд, ки ҳар як шахс имкон дорад, ки вобаста ба омилҳои дар боло номбаршуда фаъолиятҳои гуногуни иқтисодӣ, аз ҷумла фаъолияти соҳибкориро ба роҳ монад.

Омилҳои истеҳсолот дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар деҳот, махсусан соҳаи кишоварзӣ аз омилҳои истеҳсолоти дигар соҳаҳои иқтисодиёт бо хусусияти худ ба кулли фарқ мекунанд. Ин хусусият асосан аз хусусияти мавсимии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ вобаста аст. Дар давраи муосир рушди соҳибкорӣ дар деҳот аз ҷиҳати рушди қувваҳои истеҳсолӣ фаъолияти иқтисодии нисбатан қафомондаи иқтисодиёт ҳисобида мешавад. Вобаста ба ин, фаъолияти соҳибкорӣ дар деҳот наметавонад ба тағйироти иқтисодӣ ва технологӣ зуд вокуниш нишон диҳад. Дар баробари ин, истифодаи баъзе омилҳои калидии истеҳсолот, аз қабили сармоя дар ин бахши муҳими иқтисодӣ нисбат ба дигар соҳаҳои иқтисодиёт даромади нисбатан кам ба даст меорад. Аммо, набояд фаромӯш кард, ки соҳибкорӣ дар деҳот, алалхусус дар соҳаи кишоварзӣ ва истеҳсоли озуқаворӣ барои амнияти озуқавории кишвар аҳамияти стратегӣ доранд. Барои ҳамин фаъолияти соҳибкорӣ дар деҳоти ҷумҳурӣ нақши муҳиму зарурӣ дорад, аммо новобаста аз соҳибкории кишоварзӣ дар деҳоти ҷумҳурӣ дигар намудҳои фаъолияти иқтисодӣ мавҷуд мебошад, ки онҳо низ ба рушди иқтисодию иҷтимоии деҳот таъмири арзанда мегузоранд.

Дар ин давра таҳлилу баррасии пуҳлуҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ дар деҳот ва дарёфти роҳҳои алтернативии эҳтимолии рушду ташаккули ин намуди фаъолияти муҳими иқтисодӣ ғайриимкон буда, таҳлилу омӯзиши амиқу дақиқи илмиро аз мо талаб менамояд. Дар ин омӯзиш бояд паҳлуҳои гуногуни муносибатҳо ба фаъолияти соҳибкорӣ дар деҳот бо тамоми намуду шаклҳои дигари он бояд мавриди таҳлилу баррасии ҳамаҷониба қарор дода шавад.

Дар вокеъ, баъди руй овардан ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ, пурра низоми муносибатҳои иқтисодии ҷамъиятро дигар кард, яене қонуну қоидаҳои иқтисодӣ, ҷамъият ва сохторҳои он, ҷараёни истеҳсолот ва танзими нашавии мутамарказ, ки ба чорчӯбаи дигари инкишофи иқтисодии тамоман бегона равона гардидааст, ба муносибатҳои иқтисодии пештара вогузор карда шуд. То ин давра ягон падидаи сохтори мазкур ба таври қонунӣ дар ҷомеаи пештара истифода карда намешуд. Бинобар ин, гузаштан ба муносибатҳои бозорӣ ва мустақилияти давлатӣ дар сатҳи давлат як қатор масъалаҳоро пеш гузошт, ки ҳалли онҳо на дар як давраи кӯтоҳ, балки солҳои тӯлонӣ лозим мешавад, ки масъалаҳои сохтори иқтисодӣ то ба дараҷаи лозимӣ ба пуррагӣ ҳалли худро дарёбад.

Ҳолати бавуқуъ пайвастаи аввали солҳои 90-ум барои мамлакати соҳибистиқлоли Тоҷикистон хеле вазнин гардида буд. Чунки дар ин давра ҳолати сиёсии давлат ноустувор буд. Барои ҳамин ба соҳаи иқтисодӣ, аз ҷумла, иқтисодиёти кишоварзӣ, ки он давра яке аз

соҳаи асосии рушди иқтисодии кишвар шуморида мешавад, дар ҳолати ноустувор ва доимо коҳишёфтан қарор дошт. То аввали солҳои 90-ум бошад қариб 40% маҷмӯи маҳсулоти дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ташкил медод [3. С. 12]. То солҳои 1995 дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳарчанд қонун “Дар бораи соҳибкорӣ”, қабул гардида бошад ҳам, лекин дар бахши кишоварзӣ бригадаҳои иҷоравӣ ё оилавӣ рушд карда буду дигар шаклҳои хоҷагидорӣ бо тарзи устувор ташаккул наёфта ва фаъолият надошт. Бояд зикр намуд, ки дар мобайни соли навадум болоравӣ дар соҳаи кишоварзӣ таъмин нагардид. Инро ба инобат гирифта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9-уми октябри соли 1995 таҳти №342 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 50 ҳазор гектар замин, барои таъмини озуқаворӣи аҳолӣ ва беҳтар кардани зисту зиндагии мардуми деҳот тақсим карда шуд. Баъдан 1-уми декабри соли 1997 таҳти №874 боз 28 ҳазор гектар замин ба ташкили хоҷагиҳои ёрирасони аҳолӣ ҷудо карда шуд [6. С. 67]. Тақсими 75 ҳазор гектар дар он давра ягона омиле буд, ки болоравии сатҳи иқтисодиёти кишоварзиро аз соли 1996 оғоз бахшида, ба 1 фоиз таъмин намуд, баъдан, соли 1997 ба 2 дарсад расонид.

Ҳамин тавр, рушди шаклҳои моликият дар заминаи ҳамин шакли моликияти давлатӣ ва бисёршаклии хоҷагидорӣ ташкил карда шуд, ки он ба кам кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидат намуд. То ин давра бошад, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1995 барномаи давлатии паст кардани сатҳи камбизоатиро қабул карда буд [9. С. 150].

Ҳамаи ин чорабиниҳо дар он давра ба он нигаронида шуда буд, ки сатҳи болоравиро дар бахши кишоварзӣ таъмин карда, сатҳи камбизоатӣ паст гардонида, некуаҳволии мардум беҳтар карда шавад. Мақсади асоси давлат дар ҳамон давра аз ҳамин иборат буд, ки ба ҳар роҳ аҳолиро бо ҷои корӣ таъмин намуда, сатҳи камбизоатӣ паст карда шавад. Чунки далелу рақамҳо нишон медиҳад, ки соли 1999 сатҳи камбизоатӣ ба 81% расида буд [9. С. 3].

Умуман, аз охири солҳои 90-уми асри XX сатҳи камбизоатӣ поён гардид ва то имрӯз ба 27% расонида шудааст.

Бояд қайд намуд, ки ҳамаи инҳоро ба инобат гирифта, шахсан бо пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз соли 2003, «Консепсияи рушди соҳаи саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», қабул карда шуд.

Вобаста ба ногувор будани вазъи сиёсӣ дар миқиёси мамлакат то аввали солҳои 2000-м барои ба пуррагӣ рушд намудан то ба дараҷае мусоидат намекард. Аз ҳамин давра сар карда, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оҳиста-оҳиста ба рушди соҳаи саноат рӯй оварда, дар баробари соҳаҳои муҳими иқтисоди миллӣ аз соли 2004, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами милат, Президенти кишвар дар Паёми навбатиашон масъалаҳои гузариш аз идоракунии аграрӣ-саноатӣ ба намуди идоракунии саноатӣ-аграриро пешниҳод намуд ва чунин қайд намуданд: «Умуман, моро зарур аст, ки ҷиҳати тадриҷан аз мамлакати аграрӣ-саноатӣ ба мамлакати индустриаливу – аграрӣ табдил додани кишварамон чораҷӯӣ кунем ва бо ин мақсад барномаҳои дахлдорро роҳандозӣ намоем» [1. С. 20].

Дар доираи суханҳои дар боло қайдгардида метавон чунин хулоса баровард, ки ба тариқи пештара ба роҳ гузоштани раванди истеҳмоли маҳсулот дар низоми иқтисоди миллӣ ба дараҷаи зарурӣ дар оянда пешрафт ва нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ давлатро таъмин карда наметавонем. Барои он ки ҳама нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ба фоиз муайян карда шавад, ҳанӯз 23-юми апрели соли 2014 дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин қайд гардидааст: «Раванди диверсификатсияи содироти кишвар суст ҷараён дорад ва дар гардиши савдо ҳиссаи молҳои ба содирот нигаронидашуда назаррас нест», инчунин, «Ҳаҷми умумии алюминий истеҳсолшуда ҳамагӣ то 3 фоиз ва нахи пахта

то 10 фоиз дар дохили мамлакат коркарда шуда, боқимонда ба хориҷи кишвар ҳамчун ашёи хом бароварда мешавад» [1. С. 19].

Аз Паёми пешниҳоднамудаи Пешвои муаззами миллат, сарвари давлат, муҳтрам Эмомалӣ Раҳмон метваон чунин хулосабардорӣ кард, вақти он расидааст, ки мо дар тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ раванди гуногуни фаъолиятро ба роҳ монда, қадамҳои аввалро ба саноатикунонии давлат гузоштан лозим аст. Коркарди пахта ҳанӯз дар даврони иқтисоди нақшавӣ дар ҷумҳурӣ 8 фоиз истеҳсол шуда, коркард карда мешуд. То ин давра низ ҳамон ҳолат қарор дорад, дар мавриде, ки аз пахта қариб садҳо номгӯи молу маҳсулоти талаботи инсонӣ истеҳсол карда мешавад. Ғайр аз ин, дар қаламрави ҷумҳурӣ дигар соҳаҳое ҳастанд, ки аз коркарди маҳсулоти он садҳо номгӯи молу маҳсулот барои содирот равонкардашуда истеҳсол кардан мумкин аст.

Ҳанӯз Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамин паёмашон чунин қайд карда гуфтанд: «Дар чунин шароит вазоратҳои саноат ва технологияҳои нави кишоварзиро зарур аст, ки ба масъалаҳои ташкили истеҳсоли маҳсулоти ниҳоли пахтагӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла, меваю сабзавот, истихроҷи маъдан, коркарди сангҳои қимматбаҳо, металҳои ранга ва дигар маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда таваҷҷуҳи махсус зоҳир намояд ва доир ба иҷрои ҳатмии барномаҳои қабулшуда чораҳои судманд андешанд» [1. С. 19].

Аз пешниҳоди мазкур хулосае намудан ҷоиз дониста мешавад, ки ҷараёни коркарди маҳсулотро дар ҳама сатҳ ба роҳ монда, ашёи хом ба дараҷаи ниҳоӣ коркард карда шавад.

Барои таъмини ҷараёни истеҳсолот дар ҳама соҳаҳо ва пешрафти иқтисоди миллӣ рушди соҳаҳо дар деҳот ва таъмини мустақилияти минтақаҳо бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 2015 таҳти №491, «Кумитаи рушди маҳаллии назди Ҷумҳурии Тоҷикистон» ташкил карда шуд [8. С. 4].

Ба ӯҳдаи ин кумита 18 вазифа ва 9 ваколатҳо вогузор гардида аст, ки дар умум барои марҳила ба марҳила амалӣ кардани вазифаву ваколатҳо самту роҳҳои ҳамвор барои дар иқтисоди деҳот ҷорию ташкил кардани фаъолиятҳои дорои меҳнати ғайрикишоварзӣ, аз қабили рушди фаъолияти ғайрикишоварзии соҳибкорӣ дар деҳот мусоидат мекунад.

Дар низомномаи Кумитаи рушди маҳаллии назди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисмати вазифаҳо қайд карда шудааст: «Ҳамоҳангсозии тадбирҳо оид ба рушд ва дастгирии соҳибкорӣ дар сатҳи маҳал ва таҳия намудани тавсияҳо ҷиҳати фаъолгардонии нерӯи иқтисодии минтақаҳо ба муомилоти хоҷагидорӣ ҷалб намудани дороиҳо ва захираҳои мавҷуда пурра ба салоҳияти роҳбарони минтақа дохил шуда, ҳалли он дар асоси низомномаи мазкур ба ӯҳдаи онҳо вогузор гардидааст» [8. С. 5].

Дар низомномаи мазкур қисмати 5-ум доир ба механизм ва марҳалаҳои асосии тадбиқи консепсияи идоракунии рушди маҳал дар зер (боби 22) чунин қайд гардидааст, ки механизми ислоҳот ва ҷараёни идоракунии он, ки ба мукамалгардонии низоми идоранамоии мақомоти маҳаллӣ, ҳокимияти давлатӣ барои давраи то соли 2030 равона гардидааст, барои расидан ба мақсадҳои самаранок амалӣ намудани тамоми чорабиниҳо, ҳамчунон барои натиҷаҳои усувори дарозмуддати бадастомадаро таъмин кунад.

Раванди ислоҳоти маҳаллӣ се давраро дар бар мегирад. Он аз соли 2015 сар карда, то соли 2030 давом мекунад. (Расми 1)

Ба ҳамаи мо маълум мебошад, ки намуду шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ дар бахши агарарии иқтисодиёти деҳот фаъолият мекунанд. Махсусан вобаста ба ташакули намудҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи аграрии иқтисодиёт ҳаминро қайд намуд, ки он дар таъмини бозори озуқаворӣи деҳот, минтақа ва ҷумҳурӣ нақши муҳиму созгор дорад. Дар доираи ҳамин салоҳият инрӯзҳо ба соҳибкорӣ дар соҳаи аграрӣ имтиёзҳои гуногуни андозӣ, молиявӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра пешниҳод карда мешавад. Вобаста ба шаклҳои ташкилӣ – ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ, ҳамчун таъсисдиҳии шахси ҳуқуқӣ дар соҳаи агарӣ онҳоро ба намудҳои зерин, ба мисли хоҷагиҳои давлатӣ, ассотсиатсияҳои хоҷагиҳои

деҳқонӣ, хоҷагиҳои деҳқонии коллективӣ, коорперативҳо, ҷамъиятҳои саҳомӣ, ҷамъиятҳои дорои масъулияташон маҳдуд, хоҷагиҳои ёрирасон ва хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ қисмат мегардад.

Дар замони муосир яке аз сарчашмаҳои муҳими даромади пулии аҳолӣ дар деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон аксар ҳолат ташкили фаъолияти соҳибкории ғайрикишоварзӣ метавонад гардад. Бояд қайд кард, ки ҳуди ҳозир, дар ҷумҳурӣ барномаҳои рушди деҳот мавҷуд мебошанд, аммо таҷрибаи татбиқи амалигардонии чунин барномаҳо мавҷуд намебошанд. Дар мавриди амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ дар деҳоти ҷумҳурӣ, бояд фаъолияти худро вобаста ба имконият дар асосӣ равиши вазорату идораҳои гуногун, ки барномаҳои худро дар деҳот амалию иҷро менамоянд, алоқаманд кард. Ба ҳамагон маълум мебошад, ки соҳибкорӣ дар деҳот, хусусан дар соҳаи кишоварзӣ хусусияту шароитҳои мавсимиро соҳиб мебошад, аз ин лиҳоз соҳибкорӣ дар соҳаҳои ғайрикишоварзӣ, ба мисли сайёҳӣ, савдо, сохтмон ва ғ. метавонад дар тамоми фасли сол мардуми деҳотро ба кор таъмин кунад.




**Расми 1. - Давраҳои раванди ислоҳоти маҳаллӣ**

Мо ба он фикр ҳастем, ки намудҳои мухталиф ва шароитҳое вуҷуд доранд, ки дар деҳоти кишвар ба сокинон имконоти ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла шаклҳои мухталифу гуногуни онро муҳайё месозад. Бояд ҳаминро зикр намуд, ки дар деҳот амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ аз шарҳо ва он минтақаҳое, ки аз лиҳози саноатӣ тараққикарда мебошанд, дар сатҳи паст қарор дорад, аммо дар деҳоти мамлакат ба ғайр аз амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, инчунин метавонем як чанд намуди фаъолияти иқтисодии ғайрикишоварзӣ, аз ҷумла фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи савдо ва хӯроки омма, хизматрасонии нақлиётию лагистикӣ, тиҷорати меҳмонхонадорию тарабхона, соҳибкории сайёҳӣ, бонкдорӣ ва ғайраро номбар кардан ба мақсад мувофиқ мебошад.(Расми 2).




**Расми 2. – Фаъолияти соҳибкорӣ дар деҳот ва намудҳои гуногуни он**

Аз ин лиҳоз, мо таҳқиқотро нисбат ба фаъолияти ғайрикишоварзӣ дар деҳот, аз қонунгузории маҳал ва мусоидати механизмҳои амалишавандаи он ба рушди соҳаи соҳибкории ғайрикишоварзӣ оғоз намудем.

Бояд зикр намуд, ки ба ташакул ва рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти деҳот, аз ҷумла саноати маҳаллӣ, сохтмону нақлиёт, савдою хӯроки омма, сайёҳию меҳмондорӣ ва дигар намудҳои фаъолиятҳои иқтисодӣ мавҷуд будани намудҳои мухталифи соҳибкории ғайрикишоварзӣ дар деҳот мусоидат менамояд. Бояд қайд намуд, ки дар иқтисодиёти деҳот бе ташаккул ва рушди соҳаҳои дар боло зикр гардида шароити зиндагии сокинони деҳотро хубу беҳтар кардан аз имкон дур мебошад. Барои ҳамин дар иқтисодиёти деҳот бояд намудҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ вобаста ба имкониятҳои истеъмолӣ ва қобилияти харидории аҳолӣ ба роҳ монда шавад, зеро ин фаъолиятҳо метавонанд дар таъмин намудани талаботҳои гуногуни истеъмолии аҳолӣ саҳмгузор бошанд.

Дар замони муосир ба фаъолияти соҳибкории ғайрикишоварзӣ дар иқтисодиёти деҳот фаъолиятҳои иқтисодиеро шомил кардан ба мақсад мувофиқ мебошад, ки онҳо дар истеҳсолу коркарди ашёи хом ва чуб; фаъолиятҳое, ки ба амалигардонии тиҷорат ва хӯроки омма машғуланд; ташкилотҳое, ки ба хизматрасонии нақлиётию лагистикӣ вобастаанд; нуқтаҳое, ки ба пешниҳоди хизматҳои маишӣ алоқамандан; коргоҳое, ки ба истеҳсоли касбу ҳунарҳои мардумӣ вобаста шудаанд. Айни замон дар деҳоти кишвар яке аз навъҳои зарурии фаъолияти ғайрикишоварзӣ коргоҳое, ки ба тамиру коркарди шаклҳои мухталифи мошинолоту техникаҳои кишоварзӣ машғуланд, ба ҳисоб меравад.

Муаллифон ба он назар мебошад, ки дараҷаи шуғлнокии баланди аҳолии деҳот бояд бо муҳайё сохтан ва ташкили ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби самаранок истифода намудани соҳаи кишоварзӣ ва дигар бахшҳои ғайрикишоварзӣ дар деҳот, ба мисли истеҳол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ то маҳсулоти ниҳоӣ, ташкил ва пешниҳод намудани хизматрасониҳои кишоварзӣ, савдою хӯроки омма, дастгирии ахборотию иттилоотӣ, миёнарвиҳои гуногуни фаъолиятҳои иқтисодӣ, инчунин дигар соҳаҳои барои аҳолии деҳот дастрас таъмин карда шавад. Яке аз роҳҳои алтернативии муҳайё сохтан ва аз бисёр ҷиҳат бартарафсозии мушкилоту норасоии ташкили ҷойҳои нави корӣ дар деҳотро ташкил ва амалӣ кардани навъҳои гуногуни соҳибкории ғайрикишоварзӣ ҳаллу фасл хоҳад намуд. Механизми вобастагии намудҳои гуногуни фаъолияти соҳибкории аграрӣ ва ғайриаграрии деҳот дар расми 3 пешкаш карда шудааст.




**Расми 3. - Механизми вобастагии намудҳои гуногуни фаъолияти соҳибкории аграрӣ ва ғайриаграрӣ дар деҳот**

Ҳамин тариқ, дар шароити иқтисоди бозорӣ агар дар деҳот ба ғайр аз фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи аграрӣ, соҳибкории ғайрикишоварзӣ ба соҳаи аграрӣ алоқаманд ё фаъолияти истеҳсоли соҳибкории ғайрикишоварзӣ дар заминаи захираҳои мавҷудаи деҳот ба роҳ монда шавад, ба рушди соҳаи мазкур таъсири мусбӣ хоҳад расонд. Аз ин рӯ, дар маҳал рушди фаъолияти ғайрикишоварзиро амалӣ кардан зарурӣ ва саривақтӣ мебошад.

Барномаҳо нисбат ба рушди деҳот дар бисёр давлатҳои собиқ иттиҳод ҳанӯз 10 солаҳо пештар қабул гардида, мавриди истифода қарор гирифта буд. Масалан, дар Федератсияи Россия аз нав барқарор намудани ҳудуди деҳот ин муаммоҳои мардуми зиёии деҳотро ҳал намуда, ташкили ояндабинии нави инкишофи ҳаракатноки деҳотро таъмин мекунад [11. С. 50].

Ҳамин тариқ, рушди деҳотро дар ҳар мамлакат бо муаммоҳои мавҷудаи он ва хусусияти хоси он дида баҳо медиҳанд ва ба танзим медароранд. Дар ин маврид бояд зикр намуд, ки муаммоҳои Федератсияи Россия нисбат ба деҳот аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ фарқ мекунад. Барои ин ақидаро нисбат ба муаммоҳои Федератсияи Россия қайд менамояд, ки дар ин ҷо ба мақсади такмилдиҳии сиёсати давлатӣ оид ба инкишофи устувории маҳал, таъмини аҳолӣ бо кор, тайёр кардани кадрҳо, ба ҳисоби мутаносибан таъмини муаммоҳо бо аҳолӣ мебошад [10. С. 45].

Бояд ҳаминро қайд намуд, ки ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкории ғайрикишоварзӣ дар замони иқтисоди бозорӣ яке аз ҷузъи асосии иқтисоди аграрӣ ба ҳисоб меравад, зеро он шароитро барои дар сатҳи максималӣ васеъ намудани имконияти таъмини сокинони деҳот ба меҳнату шуғл муҳайё месозад. Фаъолияти соҳибкории ғайрикишоварзӣ дар баробари муҳайё сохтани шароити мусоиди меҳнатӣ ва шуғл, он инчунин даромади пулии сокинони деҳотро афзун карда, на танҳо сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, балки зерсохторӣ маҳал ва деҳотро мумкин аст тамоман дигар намояд.

Дар маҷмӯъ ба фаъолияти ғайрикишоварзӣ номгӯи корҳои дохилнамудаи олими иқтисодон қисман мо ризо мебошем. Ба ақидаи мо, як қатор аз ин фаъолият, аз ҷумла, парвариши чорво ба фаъолияти кишоварзӣ дохил мешавад. Агар таҳқиқотчӣ коркарди маҳсулоти аз чорво гирифта, аз ҷумла, коркарди шир ва гӯштро дар сатҳи фаъолияти соҳибкории хонаводагиҳо пешниҳод мекард, инро мумкин ба фаъолияти ғайрикишоварзӣ дар деҳот дохил кардан мумкин буд. Чунки коркарди шир ва истеҳсоли маҳсулот аз шир дар дигар давлатҳо дар деҳот ба шакли муосиру замонавӣ ташкил карда шудааст.

Аз ин рӯ, маҳсулоти аз шир истеҳсолшавандаро дар деҳот ва шуғли онро ба фаъолияти соҳибкории ғайрикишоварзӣ дохил намудан мумкин аст.

Барои мисол дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи меъёрӣ ба сари ҳар як аҳолӣ 115,1 кг шир муқаррар гардидааст, аммо дар соли 2021 ба ҳар сари аҳоли 107,5 кг шир истеҳсол карда шуда буд. Аҳолии мамлакат қариб 93,2 фоиз бо шир таъмин гардидаанд. Айни ҳол яке аз коргоҳи кори истеҳсоли шир ва маҳсулоти ширӣ дар деҳот ҷой гирифтааст, корхонаҳои «Шири Саодат» мебошад ва дар деҳоти ноҳияи Хуросон фаъолияти кишоварзӣ ва ғайрикишоварзиро амалӣ менамояд.

Ҳамин тариқ, дар ҷумҳурӣ дар соли 2021 ба миқдори 152 нуқтаи қабули шир ба 50 корхонаи коркард фаъолият мекард. Дар нақша аст, ки дар солҳои наздик боз 10 корхонаи нави дигар сохта ба истифода дода мешавад. Аз ҳисоби маблағҳои худӣ соҳибкорон дар 65 ноҳия ва шаҳрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсоли маҳсулоти гуногунро ба роҳ мондаанд.

Сайёҳӣ дар ҳоли кунунӣ дар ҷаҳон яке аз соҳаҳои асосии рушди мамлакатҳо ба ҳисоб меравад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин фаъолият имрӯзҳо хеле хуб руҳандозӣ гардидааст.

Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ, намудҳои зерини фаъолияти соҳибкорӣ, ки мувофиқи қонунгузории амаликунанда аз

тарафи Кумитаи рушди сайёҳӣ, ки дар давраи солҳои 2009 -2019 қабул гардид, ба роҳ монда мешавад:

- туризми санаторияи табобатии солимгардонӣ;
- алпинистӣ;
- кӯҳи спортӣ ва экологӣ;
- таърихшиносӣ ва этнографӣ;
- туризми фаъол кардан;
- туризми обу дарёшиносоӣ;
- туризми варзиши лижаронӣ;
- туризми шикор барои хориҷиён.

Ҳамин тариқ, васеъ намудани фаъолияти сайёҳӣ дар замони муосир талаботи замон буда, ба рушди иқтисодиёти миллӣ таъсири калон мерасонад. Ин намуди фаъолиятро дар деҳоти кишвар ба соҳибкории ғайрикишоварзии деҳот дохил кардан мумкин имконпазир мебошад. Бояд тазаккур дод, ки айни ҳол дар бисёр маҳалҳо ва деҳот ёдгориҳои таърихӣ ва чизҳои қадимаю фарҳангӣ то ҳанӯз маҳфӯз мебошанд.

Бинобар ин, дар ҷумҳурӣ ба рушд додани соҳаи сайёҳии табиӣ, экологӣ, кишоварзӣ, фарҳангӣ диққати ҷиддӣ дода, раванди онро дар ҳама соҳаҳо муътадил ба роҳ монда лозим аст. Маҳз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамин ҳолатҳоро ба инобат гирифта, соли 2017 фаъолияти сайёҳиро аз Кумитаи ҷавонон ва варзиш ҷудо намуда, ҳамчун субъекти алоҳида Кумитаи рушди сайёҳӣ таъсис дод.

Бисёре аз хусусиятҳои қайдгардида шароити муҳим барои тақвияти муҳоҷирати аҳолӣ аз деҳот ба шаҳр, пастравии қисм ба қисми зиёде аз фаъолиятҳои иқтисодӣ дар минтақаву деҳот ба шумор меравад. Барои расидан ба рушди мувофиқи минтақаҳои шаҳр ва деҳот, инчунин таъмини онҳо дар сатҳи зарурӣ, кумак ва дастгирии кишвар ва ҳамаи ҷомеа ҳаматарафа зарур дониста мешавад.

Ба ақидаи олими иқтисодон Войтюк «Ба шуғли ғайрикишоварзӣ агар дар Федератсияи Россия коркарди маҳсулот аз чӯби дар ҷангал рӯида дохил гардад, аммо дар миқиёси Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сабаби кам будани захираҳои ҷангал чӯб барои коркард аз боғу хоҷагиҳои наздиҳавлигӣ барои сохтани ҳар гуна асбобҳои мусиқӣ ва чизҳои ба талаботи аҳолӣ зарурии хонаводагӣ сохта мешаванд».

Ба ақидаи мо, дар қаламрави мамлакат майдони муайяни ҷангал мавҷуд аст ва дар ин ҷангалҳо мевагиҳо ва растаниҳои гуногуни шифоӣ мерӯяд. Дар ҳамин асос мо пешниҳод менамоем, ки ташкили корри ғайрикишоварзиро дар ин соҳа, яъне соҳаи ҷангалпарварӣ ҷорӣ намудан мувофиқи мақад аст. Чунки дар қаламрави мамлакат зиёда аз 700 ҳазор гектар ҷангалзорҳо мавҷуд мебошанд, ки дар онҷо навҳои гуногуни растаниҳо, мевагиҳо, гиёҳо ва дигар сабзавотҳо мерӯянд, парвариш карда мешаванд.

Хоҷагии ҷангал низ дар болоравии соҳаи кишоварзӣ дар деҳот нақш гузошта, аслан, ба аҳолии мардуми минтақаҳои кӯҳистони кишвар як шуғли доимӣ ба ҳисоб рафта дар болоравии сатҳи зиндагии онҳо мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, барои возеҳ ва равшан аён гаштани мақсаду факт мо омори расмиро оид ба истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии ҷангал пешниҳод менамоем.

**Ҷадвали 1. - Истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2010-2022**

| Номгӯи маҳсулот | Воҳиди ченак | Солҳо | | | | | Тағйирёби 2022/2010 (+,-) | бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2010 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | | |
| Ниҳол бех | ҳазор | 3600 | 3314 | 3112 | 2761 | 2549 | -1051 | 70,8 |
| Ҳезум бурриш | метри мукааб | 9077 | 8426 | 9507 | 10872 | 10573 | 1496 | 116,5 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Меваҳои тухмидор | тонна | 280 | 393 | 342 | 178 | 254 | -26 | 90,7 |
| Меваҳои донакдор | тонна | 459 | 493 | 490 | 497 | 459 | 0 | 100,0 |
| Меваҳои мағздор | тонна | 151 | 116 | 262 | 84 | 88 | -63 | 58,3 |
| Гиёҳои шифобахш | тонна | 20 | 17 | 17 | 16 | 18 | -2 | 90,0 |
| Меваи хушк | тонна | 148 | 47 | 133 | 49 | 119 | -29 | 80,4 |
| Чукрӣ | тонна | 140 | 139 | 115 | 96 | 134 | -6 | 95,7 |
| Пиёзи анзур | тонна | 40 | 14 | - | - | - | -40 | 0 |
| Ғалладонагӣ | тонна | 621 | 810 | 608 | 845 | 783 | 162 | 126,1 |
| Хошоки дурушт | тонна | 3999 | 2873 | 3208 | 2256 | 2350 | -1649 | 58,8 |
| Сабзавот ва полезиҳо | тонна | 116 | 222 | 168 | 246 | 184 | 68 | 158,6 |
| Асал | тонна | 13 | 13 | 15 | 15 | 17 | 4 | 130,8 |

Сарчашма: Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маҷмуи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, - Душанбе, 2018. – С. 326. 2023. – С. 330.

Ҷангал дар баробари дигар хусусиятҳош бо як хусусияти хоси худ аз дигар соҳаҳо фарқ мекунад, ки ин ҳам бошад дар баробари ҳосили мевагӣ ва гиёҳҳо дар хоҷагиҳо бо мақсади сӯзишворӣ барои истифода бурдан истеҳсол карда, ба фурӯш пешниҳод карда мешавад. Дигар ин ки дар хоҷагии ҷангал гиёҳҳои шифобахш истеҳсол карда мешаванд, ки он мансуб ба шароити кӯҳсор буда, бе ягон масрафи зиёдатӣ истеҳсол карда мешавад.

Чи тавре, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд кардаанд: «Тоҷикистони мо дорои неъматҳои бебаҳои табиӣ, обҳои табобативу гиёҳҳои шифобахш буда, муҳит ва табиати кишварамон барои рушди соҳаи дорусозӣ ва бунёди истироҳатгоҳҳо дар мавзеи обҳои шифобахш бисёр мувофиқ мебошад. Ҳоло дар мамлакат 32 корхонаи хурди дорусозӣ фаъолият доранд, вале онҳо ҳамагӣ 240 номгӯи маводи доруворӣ ва тиббиро истеҳсол мекунанд, ҳол он ки дар кишвари мо зиёда аз 3500 навъи гиёҳҳои шифобахш ва садҳо чашмаҳои обҳои гарми табобатӣ мавҷуданд. Бо мақсади беҳтар намудани вазъ пешниҳод намуданд, ки аз соли 2018 воридоти технологияи навтарин барои корхонаҳои дорусозӣ ва таҷҳизоти ҳозиразамони ташхису табобат аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда шаванд» [2. С. 13].

Ба ақидаи мо, хуб мешуд, ки соҳибкорон фаъолияти соҳибкориро, аз ҷумла, соҳибкории хурду миёнаро дар минақаҳои кӯҳистони мамлакат, маҳз бо коркарди саноати дорусозӣ рушд мебахшиданд. Дар ҳамин замин мардуми деҳотро ба шуғли ғайрикишоварзӣ таъмин менамуданд.

Фаъолияти дигар ғайрикишоварзӣ, ки олимони иқтисодон пешниҳод мекунанд, моҳипарварӣ буда, дар қаламравӣ мамлакати мо ба ин намуди фаъолият шароити мусоид ҷой дорад. Ҳанӯз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 2-юми июли соли 2018 бо қарори № 306 барномаи рушди соҳаи моҳипарвариро барои солҳои 2008-2015 қабул кардааст.

Дар соли 2008 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 200 тонна моҳӣ истеҳсол карда шуда бошад, ин рақам дар соли 2021 ба 3386,2 тонна расидааст. Маълум аст, ки мувофиқи меъёри муқаррарнамудаи стандарти «Ташкилоти тандурустӣ» истеҳсоли моҳӣ дар як сол ба сари ҳар як одам 23 кг рост меояд. Лекин ҳали ин нишондиҳандаҳо дар қаламрави мамлакати мо ба сари ҳар як аҳолӣ хеле кам истеҳсол мешавад.

Ба ақидаи мо, дар мавриде, ки захираҳои обӣ ва шароити мусоид барои инкишоф додани ин соҳа мавҷуд аст, хуб мешуд соҳибкорон ба рушди соҳаи мазкур машғул мешуданд.

Дигар ин ки дар деҳот қисмати аҳолӣ бояд ба ташкили гармхонаҳо ва анборҳои нигоҳубини маҳсулоти хурду миёна машғул мешуданд. Имрӯз шумораи гармхонаҳо дар қаламравӣ ҷумҳурӣ то ба 700 адад расидааст. Лекин ҳолати анборҳо ва яхдонҳои нигоҳдории маҳсулоти бахши кишоварзӣ  ба 276 то расидааст.

Ҳама гуна шуғле, ки дар деҳотҷойҳо ба ҷараёни коркарди маҳсулоти кишоварзӣ равона карда мешавад, шуғли ғайрикишоварзиро ташкил медиҳад.

Ҳисоби фаъолияти соҳибкории ғайрикишоварзӣ васеъ гардида, аҳолӣ ба ҷои кор таъмин мешавад. Ҳар гуна фаъолияти соҳибкории ғайрикишоварзӣ рушд намуда, он ба даромади  аҳолии  деҳот мусоидат карда, сатҳи зиндагии онҳоро баланд мебардорад.

Ин ҷо бояд қайд намуд, ки зерсохтории сайёҳӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба дараҷае сохта шуда бошад ҳам, аммо ба талабот ба таври лозимӣ ҷавобгӯ нест.

Бинобар ин, соҳа боз ҳам муҳтоҷи тағйирот ва иловаҳо мебошад. Ҳамасола ба ҳисоби миёна сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ аз кишвари мо дидан менамоянд, ки шумораи онҳо дар соли 2021 ба 1 млн 154 ҳазор нафар расид, даромад аз ин шумора то ба 240 млн доллари Амрико расид. Бояд қайд кард, ки маблағи пардохти ҳар як сайёҳ, ки аз ҷумҳурии мо дидан мекунанд, ба ҳисоби миёна аз 300 то 600 долларро ба буҷети мамлакат пардохт мекунанд.

Ҳаминро баназар гирифта, барои рушди соҳаи сайёҳӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Соли 2018-ро соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон кард [2. С. 13].

Ва дар ҳамин замин барои беҳтар намудани рушди ин соҳа як қатор имтиёзҳо барои сохтани сохтмонҳои сайёҳӣ пешниҳод карда шуд. Аз он ҷумла, барои харида овардани масолеҳи сохтмонӣ, иншоот, воситаҳои техникӣ, сайёҳӣ аз андоз аз арзиши иловашуда ва пардохтҳои гумрукӣ озод карда шуд.

Ба ақидаи мо, дар навбати аввал чунин имтиёзҳо шароити хуб барои рушди соҳа намуда, имконият медиҳад, ки заминаи асоси рушд сохта ва муҳайё гардад.

Вобаста ба ин, дар деҳот бояд ҳунарҳои мардумӣ, ки тӯли солҳои тӯлонӣ аз гузаштагон мерос монда буд, инкишоф дода шавад. Аз ҷумла, ҳунарҳои кандакорӣ дар чӯб, бофандагӣ, ресандагӣ, кӯлолгарӣ, чакандӯзӣ ва дигар фаъолияти соҳибкорӣ, ки пеш аҷдоду авлодони мо иҷро мекарданд. Вале то ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонун дар бораи фаъолияти ҳунарҳои мардумӣ ва барномаи рушди ин намуди фаъолияти соҳибкории ғайрикишоварзӣ қабул карда нашудааст.

Дигар ин ки соҳибкории меҳмонхонаҳоро дар минтақаҳо, ноҳияҳо ва деҳаҳо хеле ҳам хуб руҳандозӣ намудан ба мақсад мувофиқ мебошад, зеро ин намуди фаъолияти ғайрикишоварзӣ метавонад ҳам ба соҳаи сайёҳӣ ва ҳам ба дигар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ нақши созгор мегузорад. Дар мавзеҳои сайёҳӣ ташкил намудани мағозаҳои фурӯши маҳсулот аз фаъолияти соҳибкории ғайрикишоварзӣ, аз ҷумла, ҳунарҳои мардумӣ аз манфиат холӣ нест.

Аз диди мо, рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ин ду тарафи як медал буда, инкишофи яке аз онҳо инкишофи дигарашро тақвия бахшида ба рушди он мусоидат мекунад.

Ҳаминро ба инобат гирифта, дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2018 чунин омадааст «Солҳои 2019-2021 солҳои рушди деҳот ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон карда шавад. Дар баробари ин аз соли 2019 сар карда, соли саноатикунонии давлат ба роҳ монда мешавад.

Дар ин ҷо ба раванди соҳибкории ғайриистеҳсолӣ мусоидат намуда, таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор мушкил намегардад. Масалан, пахтаи истеҳсолкардаро аз як мавқеъ ба мавқеи дигар кашонидан хароҷоти зиёдро талаб мекунад. Агар ҳамин ҷараёнро дар ҷои ҷойгирифтаашон амалӣ намуда, онро ба сикли ниҳои коркард расонем, чи қадар одамон ба ҷои кор таъмин мегарданд, сатҳи зиндагӣ ва даромади онҳо боло меравад.

Дигар ин ки дар деҳот ҷамъоварии ашёҳо, аз ҷумла, доруворихоро ба роҳ монда, корхонаҳои хурди коркарди онҳоро ташкил кардан лозим аст. Ин фаъолияти соҳибкории ғайрикишоварзиро бо пуррагӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ва амалӣ кардан мувофиқ мебошад, зеро он имкониятҳое, ки дар куҳистонҳои деҳотӣ мамлакат мавҷудбуда пур аз гиёҳои шифобахш мебошад, танҳо соҳибкоре лозим аст, ки барои ташкили ин мауди коргоҳҳо камари ҳммат бандад. Ба ҳами мо маълум аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷиксситон барои ташкил ва бунёди корхонаҳои истеҳолӣ, аз ҷумла саноати дорӯсозӣ аҳамияти авалиндараҷа зоҳир менамояд ва тамоми имтиёзу дастгириҳоро барои амалӣ кардани чунин фаъолиятҳои судманд дар иқтисодиёти деҳот ҳамаҷониба дастгирӣ менамояд

Ҳамин тариқ, дар деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон боз бисёр фаъолиятҳое аст, ки соҳибкории ғайрикишоварзиро таъмин кардан мумкин аст, на балки ба рушди соҳа, балки ба рушди деҳот ва саноатикунонии кишвар мусоидат намуда, болоравии иқтисодиро таъмин менамояд, инчунин вобаста ба ин сатҳи некуаҳволии аҳолии деҳот боло бардошта мешавад.

**АДАБИЁТ**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23.04.2014. – С.19-20.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон- Душанбе, 22.12.2017. №258
3. Бозоров Ш. Х. Автореферат дисс. соискание учений степени д.э.н. Москва 2004. – 26 с.
4. Консепсияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2003.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» 19 майи соли 2009 таҳти рақами 508[Манбаи электронӣ
6. Қурбонов А.К. Развитие отношений собсвенности в селском хозястве. Душанбе, 2012. – С. 67.
7. Мизробов С.С. Концептуальные основы развития малого предпринимательства в сельской местности [Текст]/ З.И. Юсупова, С.С. Мизробов // Материалы республиканской научно-практической конференции «Экономические отношение в условиях интеграции» (12 октября 2013, г. Душанбе). - Душанбе: Сохибкор - С.159.
8. Низомномаи кумитаи рушди маҳаллии назди Ҷумҳурии Тоҷикистон . Душанбе, 2015. – С. 4.
9. Нурмаҳмадов М. Комилов С.Ҷ., Қаюмов Н.К. Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ. Душанбе, 1995. –С. 150.
10. Одна из воленейших задач государственост политики экономика селского хозяства №10.2012. – С. 45.
11. Федров Н. Совершенствовать государственную политику по развитию села экономической сеслкого хозяйствам №10. 2012. – С. 50.

**УДК 338.4**

**Гафарова М.Т.**

## ОСНОВНЫЕ ПРОБЛЕМЫ РАЗВИТИЯ ОТРАСЛЕЙ СОЦИАЛЬНОЙ СФЕРЫ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Следует отметить, что в контексте современной экономики особое внимание уделяется социальной сфере. Как известно, одной из стратегических целей экономики страны является улучшение благополучия населения и на этой основе, уменьшая бедность. Таким образом, цель этого вороса, состоит в определении основных проблем социальных секторов в Республике Таджикистан на фоне развития социальных сфер. В статье рассматриваются основные проблемы развития отраслей социальной сферы в Республике Таджикистан и разработана классификация отраслей социальной инфраструктуры, основанная на функционально-специализированном подходе с учетом социальной услуг.

**Ключевые слова:** социальная сфера; инфраструктура; социальная защита; социальная система; платежеспособность; социальная политика.

**Гафарова М.Т.**

## ПРОБЛЕМАҲОИ АСОСИИ РУШДИ БАХШҲОИ СОҲАИ ИҶТИМОӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Зикр намудан ба маврид аст, ки дар шароити иқтисодиёти муосир ба соҳаи иҷтимоӣ эътибори махсус дода мешавад. Тавре маълум аст, яке аз ҳадафҳои стратегии иқтисодиёти кишвар баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ ва дар ин замина паст кардани сатҳи камбизоатӣ мебошад. Бинобар ин, ҳадафи таҳқиқи масъалаи мазкур, ин пеш аз ҳама дар муайян сохтани мушкилоти асосии рушди бахшҳои иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияву таснифи бахшҳои иҷтимоӣ ва дар ин замина ҳангоми хизматрасониҳои иҷтимоӣ иборат аст. Дар мақола мушкилоти асосии рушди бахшҳои иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, таснифоти бахшҳои иҷтимоӣ дар асоси муносибати функсионалии махсусгардонидашуда бо назардошти хизматрасониҳои иҷтимоӣ таҳия шудааст.

**Калидвожаҳо:** соҳаи иҷтимоӣ; инфрасохтор; ҳифзи иҷтимоӣ; қобилияти пардохт; сиёсати иҷтимоӣ.

**Gafarova M.T.**

## MAIN PROBLEMS OF DEVELOPMENT OF SOCIAL SPHERE SECTORS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

It should be noted that in the context of modern economics, special attention paid to the social sphere. As you know, one of the strategic goals of the country`s economy is to improve the well-being of the population and, on this basis, reduce poverty. Thus, the purpose of this question is that, first of all, it is to identify the main problems of social sectors in the Republic of Tajikistan and development of social spheres. The article examines the main problems of development of social sector sectors in the Republic of Tajikistan and developed a classification of social infrastructure sectors based on a functionally - specialized approach, taking into account social services.

**Key words**: social sphere; infrastructure; social protection; social system; solvency; social politics.

Одним из основных условий устойчивого развития национальной экономики, является учёт всех процессов, происходящих при основных политических, социальных и правовых нормах государственной политики, которая является базой предоставления социальных услуг населению страны, и в особенности уязвимой её части. Социальные сферы всегда являются объектом оценки ценностей государства и общества. Например, возможности различных социальных групп на получение медицинской помощи и образования в любом современном обществе являются предметом оценки с точки зрения социальной справедливости.

В связи с этим появляется острая необходимость в развитой социальной инфраструктуре, которая в свою очередь состоит из комплекса различных видов деятельности, которые непосредственным образом могут влиять на процесс удовлетворения потребностей, как индивидуальных, так и общественных с учётом предоставления разнообразных услуг.

Социальная инфраструктура, развивается в том случае, если правильно реализуются основные цели государственной социальной политики. Данная политика, должна быть направлена на повышение уровня жизни населения, которая выражается в финансовом благополучии и увеличении продолжительности жизни населения страны. также целями социальной политики, является положительная демографическая ситуация, со здоровым, творческим и активным населением. Первоочередной задачей социальной политики, является устранение проблем, связанных с доступностью жилья для каждого индивида страны, с учётом того, чтобы предоставляемое жилье, отвечало всем необходимым жилищным условиям, в результате чего осуществляется процесс развития социальной инфраструктуры. Это означает, что для деятельности каждого индивида страны, создаются культурные пространства, а также улучшаются условия труда и качество жизни населения, что позволит значительно повысить уровень производительности труда, что непосредственно приведёт к увеличению производимых товаров и предоставляемых услуг. Вместе с тем развитая социальная инфраструктура позволит обеспечить гарантированную социальную защиту, для поддержки пенсионеров и в частности молодёжи.

На сегодняшний день, социальную инфраструктуру можно сгруппировать и выделить на три основные целевые блоки, которые позволяют более полно представить реальную картину структуры и функциональную особенность социальной инфраструктуры. (рисунок 1.).




**Рисунок 1. - Инфраструктура социальной сферы Республики Таджикистан**
**Источник:** составлен автором

Основная функция социальной инфраструктуры непосредственным образом направлены на определение и формирование в первую очередь социально-экономического развития, которая в свою очередь выступает связующим звеном между понятиями социальными отношениями и человеческим развитием.

Таким образом, социальная инфраструктура необходима для создания и развития демографической стабильности в процессе воспроизводства трудовых ресурсов, которые напрямую могут оказывать влияние на качественный и количественный уровень процесса производства. Следующими целевыми функциями социальной инфраструктуры являются: результативное применение трудовых ресурсов, оптимальное обеспечение жилищного условия жизни населения, улучшение здоровья населения и целесообразное применение свободного времени населения.

Также необходимо отметить, что социальная сфера требует финансирования со стороны государства и международных организаций, в чём проявляется их специфика.

В свою очередь, «…отлаженная система социальной защиты с переходной экономикой является важным элементом экономического развития, социальной устойчивости и политической стабильности. Современный этап развития нашего общества с учетом роста скрытой безработицы, дифференциации социального положения и несколько ограниченных экономических возможностей основной части населения, ставит перед Правительством Республики Таджикистан кардинальную задачу реформирования системы социальной защиты населения Республики Таджикистан» [2].

В связи с этим финансирование социальной инфраструктуры в основном осуществляется двумя способами. Первый способ - когда отдельная отрасль функционирует за счёт собственных финансовых средств и прилагает усилия для получения максимальной прибыли. К подобным организациям относятся: предприятия торговли, общественного питания, бытового обслуживания. Второй способ – когда предприятия финансируются за счёт потребительских фондов, таких как централизованные, местные и коллективные, которые частично или полностью зависят от государственных бюджетных ассигнований.

Однако необходимо отметить, что в последнее время социальные услуги для населения осуществляются за счет собственных средств организаций, что подразумевает собой недостаточный уровень предоставления социальных услуг. Это прежде всего происходит потому, что в государственных предприятиях и организациях по причине сокращения государственных ассигнований на поддержание социальной инфраструктуры, отсутствует должное количество предоставляемых бесплатных и льготных социальных услуг.

Однако в настоящее время многие государственные учреждения социальной сферы, частично осуществляющих свою деятельность на основе специальных собственных средств, для восполнения недостатков доходной части своего бюджета, надеются на государственные субсидии, которые предоставляются им из государственного бюджета в случае недостатка собственных финансовых резервов. Это происходит потому, что государственные учреждения до конца хотят иметь спрос на оплачиваемые социальные и культурные услуги, предоставляемые им с государственного бюджета на такие направления культурного досуга, как посещение театров, кинотеатров, и развлекательных комплексов.

Когда речь идёт о социальной сфере то можно сказать, что её финансирование осуществляется в двух направлений. Это отраслевое и территориальное направления. Обеспечение нормального функционирования социальной сферы, а также её развития в основном направлена на финансирования текущих целей какой-либо отрасли. Отраслевое направление выделяется одним существенным недостатком, которая выражается тем, что финансовые ресурсы распределяются в хаотичном порядке, что затрудняет их

отслеживание в процессе решения социальных проблем. Территориальное направление финансирования, осуществляется за счёт местных бюджетов, направленных на решение проблем социальной инфраструктуры. Это направление также имеет существенный недостаток, которые выражается в ограниченности местных бюджетов, что в свою очередь приводит к недостаточному развитию социальной инфраструктуры.

Финансирование социальной инфраструктуры, а также проблемы, сопутствующие ему, вынуждают к исследованию вопросов, а также научному обоснованию дальнейшего устойчивого развития социальной инфраструктуры, в результате чего появятся инновационные формы финансирования социальной сферы. Ежегодно из государственного бюджета на полное покрытие расходов социальной сферы выделяются денежные средства, однако они существенно малы для содержания социальной сферы Республики Таджикистан. Однако нужно иметь ввиду, что в обязанность государства входит защита интересов населения страны, и обеспечение для неё допуска к социальным услугам. Именно поэтому, социальная сфера, а в частности её инфраструктура не может существовать только за счёт самофинансирования.

В соответствии с рекомендациями МОТ, под № 202, определены минимальные критерии основных социальных гарантий, считающиеся жизненно важными и необходимыми, которые касаются доступа нуждающихся к медицинским льготам, гарантированным доходам и доступности населения к приобретению товаров и услугам на национальном уровне. Посредством последовательной реализации с установлением целей и сроков должен быть обеспечен всеобщий характер социальной защиты [3].

Исходя из вышеизложенного можно выделить два основных канала финансирования социальной сферы, это государственное и частное финансирование, а с точки зрения позиции, то на государственном и местном уровне. Поэтому решения проблем финансирования социальной сферы необходимо возлагать на предприятия, у которых есть возможность к покрытию некоторой части расходов, связанных с содержанием социальной инфраструктуры.

В Республике Таджикистан, на сегодняшний день основными финансовыми источниками, необходимыми для содержания социальных объектов на государственном и региональном уровнях, являются в первую очередь государственный бюджет, а также внебюджетные фонды, и в том числе финансовые средства предприятий и населения страны.

Что касается социальных объектов, которые получают финансовые средства за предоставление социальных услуг, то их доля существенно мала, потому, что в соответствие с действующим законодательством Республики Таджикистан, многие социальные услуги, такие как медицина и начальное образование предоставляются бесплатно, а низкая платежеспособность экономически активного населения не позволяет ей пользоваться платными социальными услугами. В связи с этим, для социальной сферы, основными источниками финансирования, стали бюджетные ассигнования, в том числе внебюджетные фонды.

За счет бюджетных и внебюджетных ассигнований в социальную сферу формируются фонды общественного потребления, способствующих, как развитию социальной сферы в общем, так и обеспечению социальной защиты населения. Также фонды общественного потребления влияют на уровень предоставления таких социальных услуг, как полное или частичное бесплатное образование в учреждениях страны, в том числе учреждениях медицинского назначения, а также способствуют повышению уровня социальной обеспеченности и уровню услуг, предоставляемых в жилищно-коммунальных хозяйствах.

В связи с этим для развития социальной инфраструктуры, нужно базироваться на различные источники финансирования, которые включают в себя бюджетные

ассигнования всех уровней социальной сферы, а также внебюджетные источники финансирования. Поэтому, в силу своей значимости для социальной инфраструктуры и для национальной экономики в целом, финансовым отношениям необходимо обращать особое внимание.

Что касается инструментов используемых для расчёта бюджетных потребностей и анализа исполнения государственного бюджета на различных уровнях, то в качестве их выступают системы государственных минимальных стандартов, призванных улучшить бюджетную взаимосвязь, в том числе обеспечение государственной поддержки на местном уровне.

Поэтому, система государственных стандартов в соответствие с Законом Республики Таджикистан «О государственных социальных стандартах», охватывает основные сферы социальных отношений, которое показаны на рисунке 2.




**Рисунок 2.** Система государственных стандартов определяющие основные сферы социальных отношений

**Источник:** составлено автором на основе Закона РТ «О государственных социальных стандартах» г. Душанбе, 19 мая 2009 года №528. https://ncz.tj.

Определение социальной инфраструктуры являются основными исходными данными для расчета бюджетных потребностей. Основными составляющими характеристиками являются численность рабочих, а также численность обучающихся, занимаемая площадь и уровень их благоустройства. Потребности выявляются для определенной отрасли или определенного учреждения, а также для конкретного региона.

На основе создания модельных комплексов для общей оценки развития жилищно-коммунального хозяйства и анализирование с национальными стандартами прежде всего необходимо предусмотреть систему показателей. Этот набор моделей можно использовать для адаптации государственных программ к условиям конкретного города или региона с особенностей территории. Для этого необходимо рассмотреть жилищные условия населения Таджикистана. (Таблица 1.).

**Таблица 1. Жилищные условия населения Республики Таджикистан за 2017-2022 гг. (млн. м$^2$)**

| Показатели | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Городской жилищный фонд | | | | | | |
| Государственный, общественный жилфонд, фонд жилищно-строительных кооперативов | 1,7 | 1,8 | 1,7 | 1,0 | 1,1 | 1,8 |
| Находящиеся в личной собственности граждан | 30,2 | 31,1 | 32,1 | 35,2 | 37,2 | 39,3 |
| Итого | 32,0 | 32,9 | 33,8 | 36,2 | 38,3 | 41,1 |
| Сельский жилищный фонд | | | | | | |
| Государственный, общественный жилфонд, фонд жилищно-строительных кооперативов | 0,2 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | - |
| Находящиеся в личной собственности граждан | 64,1 | 65,5 | 67,4 | 68,5 | 67,5 | 67,5 |
| Итого | 64, | 65,6 | 67,5 | 68,6 | 67,6 | 67,5 |
| Всего по республике | 96,3 | 98,6 | 101,3 | 104,8 | 105,9 | 108,5 |

**Источник:** Статистический ежегодник Республики Таджикистан 2023, Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан. С. 191-192

Из таблицы видно, что в вопросах жилищного фонда, в основном преобладает фонд, который находится в личной собственности граждан республики. Например, государственный городской жилищный фонд в 2022 году составлял 1,8 млн. м$^2$, в то время как жилищный фонд, находящийся в личной собственности граждан, составляет 39,3 м$^2$, что по сравнению с государственным жилищным фондом на 37,5 м$^2$ больше. Такая огромная разница свидетельствует о том, что в республике, как и во многих странах с рыночной экономикой строительство жилых домов находится в основном в руках частного сектора.

В свою очередь наблюдается определенное несоответствие между показателями городского и сельского жилищного фонда. Показатели таблицы показывают, что государственный сельский жилищный фонд в 2022 году составлял 1,8 млн. м$^2$, то в сельской местности этот показатель намного меньше, то есть равняется практически нулю. Однако сельская местность в силу своей диапазонной расширенности имеет преимущество перед городским жилищным фондом. В том же 2022 году частная жилищная собственность в сельской местности составляла 67,5 млн. м$^2$, что по сравнению с городской частной жилищной собственностью на 28,2 млн. м$^2$ больше.

Также для более подробного сравнения разницы между городским и сельским жилищным фондом необходимо обратить внимание на средний жилищный фонд на одного жителя. (диаграмма 1.) [4].




**Диаграмма 1. Жилищный фонд (в среднем на одного жителя м$^2$)**

**Источник:** составлено автором на основе статистических материалов ежегодника Республики Таджикистан на 2023, Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан. С. 191-192.

Исходя из этого можно сделать однозначный вывод, что жилищно-коммунальное хозяйство, в социальной инфраструктуре, является составляющим элементом социальной сферы, которая определяет уровень жизни населения страны.

Общеизвестно что, темпы развития социальной и культурной сферы растут с каждым годом, но в то же время возникают новые проблемы, которые замедляют развитие и требует безотлагательного решения. В данном контексте необходимо целенаправленно развивать правовые отношения собственности, для своевременного решения проблемы социальной сферы, образующихся в ее различных отраслях.

В тоже время, в национальной экономике социальная сфера, является инструментом для воспроизводства рабочей силы, состоящей из человеческого капитала и человеческого труда. Рабочая сила подразумевает собой симбиоз всех физических и интеллектуальных возможностей каждого индивида, используемого в процессе производства товаров и услуг. Что касается человеческого потенциала, под данным понятием понимается способность этого индивида получать определенный доход при осуществлении производственного процесса. Поэтому такие человеческие ценности, как здоровье, уровень образования, уровень специализации, нравственные нормы, интеллектуальный потенциал, зависит от таких направлений социальной сферы, как здравоохранение, образование, рекреационно-восстанавливающее, развлекательное и др.

Исходя из этого можно утверждать, что социальную сферу можно охарактеризовать, как социально-культурную сферу, объединяющая все отрасли народного хозяйства, производящие товары и услуги интеллектуального характера, и не используемые в процессе материального производства. Это свидетельствует о том, что в социально-культурной сфере, предоставляемые услуги требуют всё больше гарантий на них, что приводит к повышению значимости сферы страхования в Республике Таджикистан, вместе с тем расширение вида предоставляемых услуг должно осуществляться одновременно с постоянно изменяющимися требованиями пользователей социальных услуг, что приводит к заметному росту для населения, занятого в сфере социально-культурных услуг (табл. 2.).

**Таблица 2. Распределение численности занятого населения в сфере услуг Республики Таджикистан (тысяч человек)**

| Отрасли | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Торговля, ремонт автомобилей, мотоциклов, бытовых товаров и предметов личного пользования | 170,6 | 157,9 | 153,5 | 157,2 | 158,7 | 114,9 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Гостиницы и рестораны | 15,6 | 15,4 | 16,4 | 16,4 | 17,1 | 17,0 |
| Транспорт, складское хозяйство и связь | 4,6 | 62,1 | 61,3 | 61,3 | 58,6 | 51,0 |
| Финансовое посредничество | 21,3 | 20,0 | 23,4 | 24,9 | 21,2 | 21,2 |
| Государственное управление и оборона, обязательное социальное страхование | 44,8 | 47,3 | 44,5 | 45,1 | 50,5 | 49,8 |
| Образование | 231,5 | 235,0 | 242,1 | 247,1 | 256,0 | 252,2 |
| Здравоохранение и социальные услуги | 114,3 | 114,9 | 115,4 | 116,7 | 120,9 | 119,9 |

**Источник:** Статистический ежегодник Республики Таджикистан 2023, Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан. С. 85-86

Данные таблицы показывают, что наибольшее количество занятого населения республики приходится на три отрасли – это прежде всего образование, затем здравоохранение и потом оптовая и розничная торговля, ремонт автомобилей, мотоциклов, бытовых товаров и предметов личного пользования. Однако необходимо отметить, что торговля и ремонтные услуги, за последние года значительно ухудшились по уровню показателей. Например, в 2017 году в данной отрасли работали 170,6 тысяч человек, а в 2021 году этот показатель снизился до 158,7 тыс. человек, и в 2022 году дошел до отметки 114,9 тысяч человек.

В тоже время численность населения, занятого в отрасли образования и здравоохранения заметно увеличилось, что говорит об улучшающейся тенденции в данных отраслях. К примеру, численность работников образования в 2022 году, по сравнению с 2017 годом, увеличилась на 0,08%, и наряду с этим численность работников здравоохранения в 2022 году по сравнению с 2017 годом также увеличилась в 0,04 раза. Что касается уменьшения численности работников торговли, то можно отметить, что в последние года заметно вырос уровень электронной торговли (посредством социальных сетей, платформ и компаний, работающих в интернет-торговле).

Таким образом, на сегодняшний день, социально-культурные трансформации, происходящие в мировом хозяйстве, влекут за собой противоречивые последствия, по-разному воспринимающимися в разных странах, Республика Таджикистан, имеет свою твердую политику в определении позиции сферу образования и культуры в современном обществе нашей страны.

За последние годы в Республике Таджикистан основные проблемы, связанные с культурой, образованием, туризмом, спортом и досугом, требуют всё более совершенных методов управления в процессе планирования и принятия стратегий предприятий социальной сферы, а реализуемая в стране социальная политика, способствует возникновению новых форм собственности, которые приводят к тому, что предприятия и учреждения социальной сферы, приобретают некую самостоятельность, как в творческом, так и в организационном отношении.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Баҳодиҳӣ ба вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҳамчун омили рушди демографӣ / А.А. Мирзоалиев, З.А. Абдуллоев// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе, 2022 №4/2(44) –С.110-114.

2. Закон РТ «О государственных социальных стандартах» г. Душанбе, 19 мая 2009 года №528. Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан. https://ncz.tj.
3. Мирзоалиев А.А., Гафарова М.Т. Љанбањои назариявии ташаккули соњаи иљтимої дар дурнамои таърихї. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе, 2023 №4/2(50) – С. 243-249.
4. Пост. Правительства РТ «Об утверждении Концепции социальной защиты населения РТ» от 29 декабря 2006 года №783 г. Душанбе. http://portali huquqi.tj.
5. Рекомендация МОТ от 2012 года «О минимальных уровнях социальной защиты» (№ 202)
6. Статистический ежегодник Республики Таджикистан 2023, Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан. С. 191-192.

**УДК 330**

**Ғафуров С.Х.**

## ТАСНИФИ ТАҲДИДҲО БА АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ СОҲАИ САНОАТ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Таҳқиқоти мазкур ба таснифи таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ дар соҳаи саноат бахшида шудааст. Мақсади кор таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили сиёсати давлатӣ дар соҳаи баланд бардоштани таъмини амнияти иқтисодӣ дар ташкилотҳои саноатӣ, ба низом даровардани онҳо ва ташкили таснифи усулҳо мебошад. Дар мақола заминаи меъёрии ҳуқуқии татбиқи таъмини амнияти иқтисодӣ баррасӣ шуда, нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи фаъолияти амнияти иқтисодӣ таҳлил карда шуда, монеаҳои рушди инноватсионии онҳо муайян карда шуда, самаранокии сиёсати ҷорӣ дар соҳаи саноат ва тамоюлҳои тағйирёбии он таҳлил карда мешаванд.

**Калидвожаҳо.** амният, саноат, фаъолияти инноватсионӣ, сиёсати давлатии инкишофи саноат, инвеститсия, тамоюл, иқтисодиёт, инкишоф, илму техника, технология.

**Гафуров С.Х.**

## КЛАССИФИКАЦИЯ УГРОЗ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ ПРОМЫШЛЕННОСТИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

Настоящее исследование посвящено классификации угроз экономической безопасности в отрасли. Цель работы – разработать предложения по совершенствованию государственной политики в области повышения обеспечения экономической безопасности в промышленных организациях, систематизировать их и организовать классификацию методов. В статье рассматривается нормативно-правовая основа реализации экономической безопасности, анализируются показатели, характеризующие экономическую охранную деятельность, определяются препятствия на пути их инновационного развития, анализируется эффективность действующей политики в отрасли и тенденции ее изменения. .

**Ключевые слова.** безопасность, промышленность, инновационная деятельность, государственная политика промышленного развития, инвестиции, тренд, экономика, развитие, наука и техника, технологии.

**Gafurov S.H.**

## CLASSIFICATION OF THREATS TO ECONOMIC SECURITY INDUSTRY IN MODERN CONDITIONS

This study is devoted to the classification of threats to economic security in the industry. The purpose of the work is to develop proposals for improving state policy in the field of increasing economic security in industrial organizations, systematize them and organize a classification of methods. The article examines the regulatory framework for the implementation of economic security, analyzes the indicators characterizing economic security activities, identifies obstacles to their innovative development, analyzes the effectiveness of the current policy in the industry and trends in its change. .

**Keywords**. safety, industry, innovation, state policy of industrial development, investment, trend, economics, development, science and technology, technology.

Дар шароити гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми иқтисоди бозорӣ, таҳдидҳои амнияти иқтисодӣ, аз қабили афзоиши ҷиноятҳои иқтисодӣ, паст гардидани сатҳи воқеии даромади аҳолӣ, тезу тунд гардидани нобаробариҳои иҷтимоӣ, бад шудани вазъи демографӣ таҳқиқи амиқи илмиро тақозо менамояд.

Мавриди зикр аст, ки таъмин намудани амнияти иқтисодӣ аз истифодаи усулҳои муосири идоракунӣ сахт вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, аксар давлатҳои мутараққӣ барои рафъи таҳдидҳои амнияти иқтисодӣ, маҷмӯи тадбирҳоеро роҳандозӣ менамоянд, ки хусусияти танзимкунанла ва стратегиро дорад.

Мафҳумҳои “таҳдид” ва “амният” ба ҳам алоқамандии зич дошта, бе омӯзиши пурраи таҳдиди иқтисодӣ ва ғайриқтисодӣ таҳқиқи пурраи амнияти иқтисодӣ имконнопазир аст [3].

Таҳдид ба низоми иқтисодиёт аз як қатор омилҳои объективӣ ва субъективӣ вобастагӣ дорад. Дар дилхоҳ низоми иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, яке аз маъмултарин таҳдид, ин буҳрон мебошад.

Буҳрон чунин зуҳуроте мебошад, ки дар натиҷаи ба амал омадани он, ноилгардӣ ба мақсадҳои гузошташуда имконопазир мегардад.

Аз таърифи мазкур бармеояд, ки аз ҳама хатарноктарин таҳдид ба низоми иқтисодиёт, ин буҳрон мебошад.

Аксаран зарарҳое, ки субъектон ба он муқовимат карда наметавонанад, ин аз паст будани раванди идоракунии он шаҳодат медиҳад. Зарарҳо метавонанд, аз омилҳои дохилӣ ва берунӣ вобастагӣ дошта бошанд. Дар низоми таъмини амнияти иқтисодӣ маҷмӯи чорабиниҳои мушаххас, бояд дар доираи имкониятҳои субъект андешида шуда, фарогири тамоми марҳилаҳои фаъолияти он бошад. Дар шароити муосир аксар таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ аз ҳисоби номуакаммал таҳия намудани стратегияҳои рушди иқтисодӣ сарчашам гирифта, марҳила ба марҳила низоми фаъолиятро заиф намуда, оқибат фалаҷ менамояд. Бинобар ин, олимони соҳаи иқтисод шартҳои асосии рафъи хатараҳоро дар низоми амнияти иқтисодӣ аз дуруст ва самаранок таҳия намудани стратегияву нақшаи чорабиниҳо амал вобаста медонанад.

Низоми ташаакули механизми таъмини амнияти иқтисодӣ, бояд марҳила ба марҳила сурат гирифта, дараҷаи инкишофи таҳдидҳоро маҳдуд намояд. Тибқи талаботи меъёрҳои иқтисодӣ, дараҷаи фарогирии буҳронҳо новобаста аз сабабҳои пайдоиш, бояд қисман ба категорияи таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ дохил карда шавад. Зарарҳо ба иқтисодиёт дар заминаи падидаҳои гуногун ба миён омода, дар ташаккули минбаъадааш монеаҳои зиёдро эҷод менамояд [6].

Яке аз проблемаҳои муҳим дар соҳаи амнияти иқтисодии кишварҳо, ин нодуруст ба роҳ мондани заминаҳои ташкилию институтсионалӣ мебошад [8].

Кишварҳои мутарккие, ки ҷонибдори низоми нави иқтисодии байналхалқӣ мебошанд, таъкид менамоянд, ки дар муносибатҳои байниҳамдигарӣ аз ҳисоби сабабҳои объективӣ дар вазъияти ногувор қарор доранд. Аз ҷиҳати бартарафсозии таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ, аксаран кишварҳо боназардоршти сатҳи истеҳсолот ва тақсимоти он байни ҳам сабқат менамоянд, ки ин рақобатро ба миён оварда, заминаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодиро барои кишварҳои мазкур фароҳам месозад.

Олимони соҳаи иқтисод кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки таҳдидҳоро ба амнияти иқтисодӣ аз нуктаи назари ягона гурӯҳбандӣ намоянд. Таҳдидҳо аз рӯйи дараҷаи таъсиррасонӣ ба амнияти иқтисодӣ, метавонад миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ бошад, инчунин ба сатҳи корхонавиву шахсӣ низ метавонад ҷудо шавад.

Барои гурӯҳбандӣ намудани таҳдидҳо, асосан ду равиш мавҷуд аст:

1. аз рӯйи сарчашмаи таҳдид;
2. аз рӯйи хусусиятҳои таҳдид.

Аз рӯйи сарчашмаи пайдоиши таҳдид ба амнияти иқтисодӣ, онҳоро метавона ба ду гурӯҳ ҷудо намуд:

1. таҳдидҳои иқтисодӣ;
2. таҳдидҳои сиёсӣ.

Сарчашами аксари пайдоиши хатарҳо ба амнияти иқтисодӣ метавонад объективӣ, субъективӣ ва форсмажорӣ бошад, зеро ки дар марҳилаҳои муайяни пайдоиши хатарҳо омилҳои болозикр таъсир расонида, фаъолияти минбаъдаро заиф мегардонад. Бояд иброз намоем, ки дар марҳилаҳои пайдоиши таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ, бояд мунтазам роҳҳои бартарафсозии он андешида шавад, то ки дараҷаи таъсироти манфии он паст карда шавад.

Технологияи асосии паст кардани сатҳи таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ, хусусияти ягонаро дошта, имконпазирии фаъолияти минбаъдаи субъектҳои иқтисодиро муайян менамояд. Дар раванди андешидани тадбирҳо, ҷиҳати паст кардани сатҳи таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ ба инобат гирифтани сарчашмаи пайдоиши он шарти зарурӣ арзёбӣ мегардад. Аз ин рӯ субъектони соҳаи иқтисодирот зарур аст, ки ҳангоми таҳияи стратегияҳои амнияти иқтисодӣ омилҳои болозикрро ба инобат гиранд.

**Ҷадвали 1. Гурӯҳбандии таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ**

| **Сарчашмаи таҳдид** | **Хусусияти таҳдид** | |
|---|---|---|
| | **Таҳдидҳои дохилӣ** | **Таҳдидҳои берунӣ** |
| **Иқтисодӣ** | Пайдоиши бухронҳои дохилӣ, ки заминагузори асосии таҳдидҳо дар амнияти иқтисодӣ мегарданд | Оқибатҳои бухронҳои сатҳи ҷаҳонӣ, аз қабили иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва молиявӣ |
| **Сиёсӣ** | Пайдо гардидани зиддиятҳои дохилии сиёсӣ, ба монанади ноустуворӣ, яккаҳукмронӣ, нобоварии шаҳрвандон аз фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ | Ҷорӣ намудани таҳримҳо, бо мақсади шикаст додани низоми иқтисодиёти кишварҳои муайян |

Манбаъ. Таҳияи муаллиф дар асоси [5].

Ҳангоми таснифи таҳдидҳо "аз рӯйи хусусият" аксар муаллифон таҳдидҳои дохилӣ ва беруниро марбут медонанад, ки дар навбати худ ба иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, молиявӣ, экологӣ, пулию қарзӣ, идеологӣ ҷудо мешаванд.

Бо истифода аз мисоли гурӯҳбандии таҳдидҳо ба амнияти иқтисодии минтақа, биёед таснифи таҳдидҳоро «аз рӯи намуд» баррасӣ кунем (Расми 1.). Ҳангоми сухан дар бораи таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ меравад, онҳоро аз рӯйи сустӣ  фарқ карда тавонистан лозим аст. Мулохизахои оид ба ин мавзуъ фарзияҳои  С. Афонсев чолиби диккат аст.

Мавриди зикр аст, ки иддае аз олимони соҳаи иқтисод дарҷаҳои сустии иқтисодиро ба воситаи худи таҳидҳо муайян мекунанд ва боиси ёдоварист, ки таҳдиҳдҳои хусусиятҳои гуногунро доро мебошанд.

Афонсев бо воситаи овардани мисолҳо, бештар соҳаи амнияти озуқавориро мавриди баррасӣ қарор дода аст.

Воқеан барои таъмин намудани амнияти озуқаворӣ, пеш аз ҳама дараҷаи коркарди он бояд мушаххас ва муайян карда шавад. Молҳои истеъмолӣ аксар маврид дар бозорҳо хуб пазируфта намешаванд, зеро ки аз нуқтаи назари нарх ё сифат камию костагӣ дорад. Ҳангоме, ки молҳои истеъмолӣ дар бозор истеъмолкунанади худро дорад, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки таъмини амнияти озуқаворӣ то ҳадде риоя карлда шудааст. Сифати молҳои озуқаворӣ яке аз нишонаҳои асосии рақобатпазир будани мол мебошад.

Аксар маврид олимон дар тадқиқтоҳои худ бештар ба соҳаи таъмини амнияти иқтисодӣ диққати махсус дода, онро ба таври комил мекушоянд. Проблемаи асосии пайдо гардидани таҳдидҳо дар низоми амнияти иқтисодӣ, ин пурратар накушодани масоили марбут ба таъмини амнияти иқтисодӣ дар соҳаҳои алоҳида мебошад.




**Расми 1.** Таснифи таҳдидҳо ба амнияти иқтисодии минтақавӣ

Манбаъ. Таҳияи муаллиф дар асоси [8]

Албатта, ин маънои онро надорад, ки ба заифиҳо диққат додан лозим нест (махз аз он сабаб, ки онҳо системаро барои таҳдидҳо боз мекунанд), аммо онҳоро бо таҳдидҳо муайян кардан мумкин нест.

Ҳар як ташкилот дар давраи муайяни рушди худ бо мушкилоти ҳифзи манфиатҳои худ аз амалҳои ғайриқонунии рақибон ва ҳамлаҳои бадхоҳон рӯбарӯ мешавад. Дар шароити муосир на ҳама вақт муносибатҳои рақобатии ҳуқуқӣ, номукаммалии қонунгузории ҷорӣ, худсарии мақомоти андоз ва ғайра вуҷуд доранд, ҳатто дар марҳилаи таъсиси ташкилот (тартиб додани нақшаи бизнес ва лоиҳаи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ) зарур аст

тадбирҳо оид ба таъмини амнияти иқтисодии ташкилот, ки таъсири манфии таҳдидҳои беруна ва дохилӣ пешгирӣ ё коҳиш медиҳанд, андешида шавад. Зарурати таъмини амният бо мавҷудияти як қатор омилҳо ва манбаъҳои таҳдидҳо, ки ба ин ё он дараҷа ба амнияти таъсир мерасонанд, муайян карда мешавад.

Таҳдид ба амнияти иқтисодии ташкилот инҳоянд:

1) омилҳое, ки асоси пайдоиши он хусусияти объективӣ дошта, боиси монеаҳо ҷиҳати рушди минбаъдаи ташкилот мегардад, дохил мешавад. Барои дилхоҳ ташкилот новобаста аз шакли фаъолият таҳдиди асосӣ ин дар бозор наёфтани истеъмолкунандаи молу маҳсулоти истеҳсолшаванда мебошад.

2) аксар маврид субъектони зинаи идоракунандаи ташкилот, метавонанд боиси пайдоиши таҳдидҳо ба амнияти иқтисодии ташкилот гарданд. Новобаста аз ташаббуси корманд ё корфармо дар раванди истеҳсолот метавонад, иштибоҳҳои техникиву технологӣ, инчунин нуқсонҳои истеҳсолӣ сар занад. Ба ғайр аз ин аз ҷониби субъектони идоракунанда ва идорашаванда метавонад таҳдидҳо ғаразнок, барқасдона ё воқеӣ бошад. Ташкилот ҳамон вақт метавонад бар зидди хатарҳо пирӯз гардад, ки нақша-чорпабинии мушаххас таҳия карда бошад. Аз ин рӯ зарурати омӯзиши таҳдидҳо ба амнияти иқтисодии ташкилот дар замони муосир боз ҳам мубмрамтару зарур гардидааст. Ташаккули низоми идоракунии ташкилот ҳам метавонад, яке аз чорабиниҳои асосии коҳишдиҳандаи сатҳи таҳдидҳо ба амнияти иқтисодиаш бошад [2].

Сарчашмаҳои асосии таъсири манфӣ ба амнияти иқтисодии корхона инҳоянд:

-амали ғайримақсадноки субъектони идоракунанда ва идорашавандаи корхона (ниҳодҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ташкилотҳоли байналмилалӣ ва рақибон);

- ҳолатҳое, ки идора намудани он аз ҷониби субъектон вобастагӣ надорад. (ҳолатҳои форсмажорӣ, кашфиётҳои илмӣ ва ғайра).

Таъсири манфӣ ба амнияти иқтисодӣ, вобаста аз хусусиятҳои пайдоиш метавонад объективӣ ва субъективӣ бошад.

Ҳангоме, ки аз ҷониби худи корхона ё кормандони алоҳидаи он фаъолият дуруст ба роҳ монда намешавад ва ин боиси пайдоиши буҳрон миегардад, хатари объективӣ мебошад.

Хатари субъективӣ бошад, аксар маврид аз зинаи идоракунанадаи ташкилот ё корманди алоҳидаи он вобастагӣ надорад ва ин метавонада оқибатҳои ногуворро барои ташкилот ба миён орад

Ба амнияти иқтисодии ташкилот на ҳар гуна хатарҳо, ки хусусиятҳои гуногун доранд, метавонад таъсир нарасонад. Ҳамин тариқ, фаъолияти роҳбарияти ташкилот дар сармоягузорӣ ба коғазҳои қиматнок, ҷорӣ намудани шаклҳои нави ташкилӣ, ташкили фурӯши хидмат, маҳсулот ё кори нав набояд таҳдид ба амнияти иқтисодии ташкилот ҳисобида шавад. Хамаи ин қарорҳои идоракунӣ хавфнок буда, оқибатҳои манфии иқисодӣ дошта метавонанд, ки вазъияти бозори қоғазҳои қиматнок, талаботи аҳолӣ ё шаклҳои нави ташкилӣ худро сафед карда наметавонанд. Вале мо бояд дар хотир дошта бошем, ки дар ниҳояти кор ҳамаи ин ба мақсади асосии ташкилот, ба инкишофи минбаъдаи он нигаронида шудааст.

Аз тарафи роҳбарияти ташкилот муқаррар намудани нархҳои пасти маҳсулотро дар давраи аввали фурӯши онҳо хавфи бехатарии корхонаҳои саноатӣ ҳисоб кардан мумкин нест. Гарчанде ки дар ин ҳолат фоида ва баръакс зиён вуҷуд надошта бошад ҳам, ин як усули стандартии маркетинг аст, ки барои ҷалби харидорон ба фурӯшандаи ношинос равона шудааст. Фарқи нарх дертар бартараф карда мешавад.

Амалҳое, ки ҳамчун таҳдидҳо муайян карда мешаванд, дидаю дониста барои ба даст овардани фоида аз ноустувории иқтисодии ташкилот, аз ҳамла ба амнияти иқтисодии он нигаронида шудаанд. Таҳдидҳо метавонанд заминаҳои ташкилӣ-иқтисодии корхонаро вайрон намуда, боиси оқибатҳои ногувор бошад ва бояд чорабиниҳои баромадан аз ин

вазъият аз ҷониби корхона пешакӣ тарҳрезӣ гардида бошад. Се хусусиятро метавон қайд кард, ки барои таҳдид ба амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ хосанд: хусусияти бошуурона ва худхоҳона, самти амали расонидани зарар ба субъекти хоҷагидорӣ ва хусусияти зиддиятнок.

Як қатор таҳдидҳо вуҷуд доранд, ки метавонанд ҳамзамон ба гурӯҳҳои гуногуни таснифот тааллуқ дошта бошанд. Таснифоти манбаъҳои таҳдид (омилҳо) дар ҷадвали 1.2.3 оварда шудааст, ки метавон ба таври муфассал мушоҳида намуд.

Мавриди зикр аст, ки таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ метавонад оқибатҳои ногуворро барои ташкилотҳо ба бор орад.

**Ҷадвали 2. Таснифи манбаъҳои таҳдидҳо (омилҳо) ба амнияти иқтисодӣ**

| №. | Аломатҳо | Таҳдидҳо |
|---|---|---|
| 1 | Аз рӯи ҷои пайдоиш | Дохилӣ, берунӣ |
| 2 | Аз рӯйи дараҷаи хатар | Махсусан хатарнок, хатарнок |
| 3 | Аз рӯйи имконият | Воқеӣ, иқтидорӣ |
| 4 | Аз рӯйи миқёси татбиқ | Ҷудогона, умумӣ |
| 5 | Аз рӯйи давомнокии амал | Муваққатӣ, доимӣ |
| 6 | Аз рӯйи самт | Истеҳсолӣ, молиявӣ, технологӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ |
| 7 | Аз рӯйи миқёс | Объективӣ, субъективӣ |
| 8 | Аз рӯйи хусусияти самт | Мустақим, ғайримустақим |
| 9 | Аз рӯйи эҳтимолияти пайдоиш | Ошкор, ниҳон |
| 10 | Аз рӯйи сарчашмаи пайдоиш | Сиёсӣ, криминалӣ, рақобатпазирӣ |

Манбаъ. Таҳияи муаллиф дар асоси [1].

Таҳдидҳои дохилӣ аксар маврид боиси инкишотф наёфтани сатҳи истеҳсолии корхона гардида, марҳила ба марҳила метавонад низоми корхонаро заиф гардонад. Аз ин рӯ менеҷеронро зарур аст, ки ҳангоми таҳияи стратегияҳои рушди корхона хатарҳои дохилӣ ва беруниро ба инобат гирифта, дар рин замина чораҳои заруриро ба роҳ монанд. Корхона дар ҳолатҳои буҳронӣ аксар маврид ба захираҳои дохзилӣ такя менамояд, аммо барои зиёд кардани ҳаҷми захираҳо кам таваҷҷӯҳ менамояд. Дар ташаккули низоми идоракунии корхона нақши таъмини амнияти иқтисодии он калон мебошад ва аз ин рӯ моро зарур аст, ки нисбат ба ин масъала равшант ар фикр намоем.

Яке аз қисматҳои асосии амнияти иқтисодии корхона ин қисми молиявии он маҳсуб ёфта, асосии фаъолияти минбаъадаи онро дар худ таҷассум менамояд. Низоми молиявии корхона серҷабҳа буда, як қатор омилҳои дохилии ташкилотро ба танзим медарорард. Аз ин рӯ аксар моликони корхонаҳо, ба қисмати молиявии корхона авлавият дода, онро ҳамчун муҳаррики асосии инкишоф меҳисобанд. Қисмати молиявии корхона яке аз самтҳои асосии таҳдидпазир буда, метавонад вазъи корхонаро дар ҳама ҳола баҳо диҳад. Барои муайян намудани сатҳи таҳдид ба қисмати молиявии корхона аз мониторинг арзёбии он истифода мебаранд. Мониторинги вазъи молиявии корхона имконият медиҳад, ки сатҳи таҳдидҳоро ба амнияти иқтисодии корхона муйян намуд, то ки тадбирҳои заруриро дар ин росто андешид. Хуллас, гуфтан мумкин аст, ки таҳдидҳо ба амнияти иқтисодии корхона паҳлӯи васеъ ва доманадор дорад.

Ба унсурҳои асосии таҳдид ба амнияти иқтисодии корхона, таҳдиди кадрӣ дохил мешавад. Таҳдиди кадрӣ-ин хатари асосӣ барои корхона маҳсуб ёфта, метавонад, инкишофи корхонаро боз дорад. Омили дигаре, ки боиси сар задани буҳрон дар корхонаҳо мегардад, ин тахассуси паст доштани кадрҳои он мебошад. Аксар маврид сифати пасти маҳсулот дар корхонаҳои истеҳсолӣ аз нодуруст истеҳсол намудани он аз ҷониби калрҳо мебошад. Кадрҳо асосан дар тамоми давраи истеҳсолӣ иштирок менамоянд ва боиси паст

ё баланд гардидани ҳаҷми истеҳсолот мегарданд. Моро зарур аст, ки ҳангоми таҳияи стратегияи рушди корхона бештар ба сиёсати кадрӣ мароқ зоҳир намоем.

Таҳдидҳои иттилоотӣ ба рушди корхона бештар хусусияти объективиро доро буда, якчанд паёмадҳои манфиро эҷод менамояд. Иттилооти носаҳеҳ барои корхона, аксар маврид дар заминаи нодуруст гузаронидани тадқиқоти маркетингӣ ба миён меоянд ва боиси коҳиш ёфтани нуфузи корхона дар бозор гардад. Аз ин рӯ субъектони идоракунандаро зарур аст, ки ҳангоми коркарди иттилоотҳо ба мушаххас будани онҳо диққати аввалиндарача диҳад.

Ҷузъи техникӣ ва технологии таҳдид номутобиқатӣ байни сатҳи технологияи истифодашуда ва беҳтарин аналогҳои ҷаҳонӣ мебошад. Омилҳои истеҳсолӣ динамикаи истеҳсолотро дар давраи муайян, дараҷаи рушди иқтидорҳои истеҳсолӣ, суръати нав кардани фондҳои асосии истеҳсолӣ, прогресси технологӣ, раванди истеҳсолот, захираҳои техникӣ ва миқдори зарурии маҳсулотро муайян мекунанд. сармоягузорӣ ба инноватсия ва ғайраҳо мебошад.

Дар ҳар як соҳа стандартҳо метавонанд дар сатҳҳои гуногун таҳия ва тасдиқ карда шаванд, ки сатҳи онҳо аз ҷониби мақомоти махсус назорат карда мешавад. Талаботи стандартхое, ки аҳамияти макроиқтисодй доранд, ба ҳамаи корхонаҳо, сарфи назар аз соҳа ва шакли моликияташон дахл карда метавонанд.

Таснифи омилҳои муҳити зист ба мо имкон медиҳад, ки омилҳои муҳимтаринро муайян кунем ва аз омилҳои камтар муҳим хулоса карда, таҳлилро ба омилҳои асосии муваффақият равона кунем. Агар шумо ин усулро барои ташаккули омилҳои миқдорӣ ва сифатии амнияти иқтисодии корхона истифода баред, он бояд омилҳои муҳити беруна ва дохилиро дар бар гирад. Вазифаи корхона аз назорати таъсири муҳити беруна ва таҳияи чораҳои таъсиррасонӣ ба ин раванд, таъмини муҳофизат аз таъсири манфии муҳити беруна иборат аст [4]. Дар фаъолияти амалии корхона муайян кардани тамоми омилхои экологие, ки ба амнияти иктисодии корхона таъсир мерасонанд ва эхтимоли зарари расонидаи онхо хеле душвор аст, бошад. Аз ин рӯ, дар байни онҳо бояд он чизеро, ки тавассути сиёсати маркетингии корхонае, ки дар бозор фаъолият мекунад, назорат кардан мумкин аст, қайд кардан лозим аст.

Бояд қайд намоем, ки дар муҳити беруна захираҳо маҳдуданд, аммо бо сабаби баланд будани рақобат байни корхонаҳо ҷиҳати дастрасӣ ба ин захираҳо, сабабҳои асосии сар задани муфлисшавӣ мегарданд. Аксари корхонаҳо барои самаранок ба роҳ мондани фаъолияти худ, аз принсипи масъулияти иқтисодӣ истифода мебаранд, ки минбаъада механизми бартарафсозии ҳолатҳои буҳрониро барои корхонаҳо эҷод менамоянд. Барои корхонаҳо ҷузъи аз ҳама муҳим, ҷиҳати рафъи ҳолатҳои буҳронӣ ин таҳияи стратегияи рушд мебошад, ки минбаъд дар чорчӯбаи он чораҳои зарурӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар муҳити беруна таҳдидҳои зерин метавонад дар низоми иқтисоди бозорӣ пайдо гардад:

- рақобати носолим байни корхонаҳо;
- ҳуҷуми иттилоотӣ бо мақсади паст задани нуфузи корхона аз ҷониби рақиб;
- носозгории муҳити дохилил корхонаҳо;
- ташкили монополияҳо;;
- нооромии вазъи сиёсӣ ва паёмадҳои манфии он;
- паст шудани вазъи истеҳсолии корхонаҳо;
- инфрасохтори нокифояи бозор;
- коррупсия ва оқибатҳои он;
- паҳнкунии сирри тиҷоратӣ;
- паст шудани низоми саноатӣ ва ҷосусии он;
-фаъолияти ҷиноии сохторҳои алоҳида;
- ба яғмо бурдани захираҳо ва сарватҳои моддӣ;

- оқибатҳои ногувори қаллобӣ;

- ба воситаҳои асосӣ ва амволи корхона расонидани зарарҳо.

Се сарчашмаи асосии таҳдиди беруна ба чунин фаъолият вуҷуд дорад:

Якум, ҷараёнҳои асосие, ки боиси номусоид гардидани фаъолияти корхонаҳо мегардад, ин аз ҷониби давлат пешниҳод нагардидани дастгириҳо, инчунин надодани қарзҳои имтиёзнок ва ипотекӣ, гумрукӣ, андозӣ маҳсуб меёбад. Ташкилотҳое, ки хусусиятҳои миллиро ба худ доро мебошанд, бояд аз ҷониби давлат дастгирӣ ёбанд.

Барои корхонаҳо асосан хатарҳои воқеӣ, ин дахолати нодурусти давлат дар раванди фаъолияташ мебошад. Вайроншавии муносибатҳои низоми пулию қарзӣ, инчунин бе самар қабул намудани ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи соҳавӣ, метавонад ба раванди фаъолияти корхонаҳо монеа эҷод намояд. Аз ин рӯ барои пурсамар гардонидани фаъолияти дилхоҳ корхона, дастгирии давлатӣ нақши муҳимро ишғол менамояд.

Корхонаҳо ҳангоми ворид гардиданашон ба низоми савдои ҷаҳонӣ, бояд нуктаи рақобатии худро пурзӯр намоянд. Сифати молҳои истеҳсолишаон бояд ба талаботҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ бошанд. Нақши муҳимро дар ташаккули сифатнокии молҳои истеҳсолии корхонаҳо, ин технологияҳои коркарди он мебозад. Дар замони муосир барои рушди корхонаҳо ҷорӣ намдуни фаъолияти инноватсионӣ, шартии асосӣ арзёбӣ гардида, тақозои муносибатҳои навро аз мо талаб мекунад.

Сарчашмаи дуюми таҳдиди беруна ба фаъолияти истеҳсолию тиҷоратии корхона, ин рақобати носолим аз ҷониби рақибон мебошад. Рақобати носолим метавонад як қатор мушкилотҳоро барои корхонаҳо эҷод намояд, ки инҳоянд:

- паст задани нуфузи рақиб дар бозорҳо, яъне истифодаи номи рақиб дар тамғаҳои молҳои пастсифат, бо мақсади сард намудани дили истеъмолкунадагон аз молҳои ташкилоти рақиб ва ба ин восита аз байн бурдани муносибатҳои истеъмолӣ;

- ташкили маъракаи паҳнамоии маълумотҳои бардурӯғ аз номи рақиб дар омма ва ба ин васила эҷод намулани мушкилотҳо ва дигар монеаҳое, ки боиси коста гардидани эътибори рақиб мегарадад;

- вайрон кардани низоми истеҳсолоти саноатӣ ба всоитаи амалҳои номатлубу муғризона ва барқасдонаи рақиб ва фошсозии сирри тиҷоратӣ ва сирқат кардани лоиҳаҳои истеҳсолии рақиб;

- ташкили низоми монополӣ бо шарикони ҷиноӣ ва аз байн бурдани низоми истеҳсолии рақиб. [9].

Аксар маврид бо мақсади шикаст додани рақиб, монеаҳое эҷод менамоянд, ки хусусияти марҳилавиро дошта, метавонад якчанд марҳила давом ёбад.

Фишори монополӣ метавонад вазъи истеҳсолии корхонаҳоро заиф намуда, ҳатто ба муфлисшавӣ оварда расонад. Аз ин рӯ, корхонаву ташкилотҳо бояд пеш аз ҳама дар стратегияи рушди худ чораҳои зиддимонополиро тарҳрезӣ намуда, дар ҳолатҳои мазкур истифодаи самаранок намояд. Теъдоди зиёди корхонаҳо бо сабаби надоштани нақшаи дурусти зиддимонополӣ дар муҳлатҳои кутоҳтарин ба буҳрон дучор гардида, оҳиста-оҳиста муфлис мегарданд ва албатта ин раванд ба вазъи инкишофи макроиқтисодӣ халал ворид месозад.

Барои корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди воридшавӣ ба бозорҳои ҷаҳонӣ, тамоми имтиёзҳо аз ҷониби Ҳукумат фароҳам оварда шудааст. Имкониятҳои асосие, ки корхонаҳои саноатӣ бояд самаранок истифода намоянд, ин технологияҳои инноватсионӣ мебошад. Маҳз ба воситаи технологияҳои инноватсионӣ метавонем, хатарҳои ҷойдоштаро чи дохилӣ ва чи берунӣ саривақт бартараф созем. Яке аз хтараҳои асосӣ барои корхонаҳо ин маҳдудкунии тиҷоратӣ мебошад. Дар амалия ду намуди маҳдудкунии тиҷоратӣ мавҷуд аст:

- инфиродӣ ва гурӯҳӣ.

Ширкатҳои алоҳида метавонанд субъекти асосии маҳдудкунеии фаъолияти тиҷоратӣ бошанд, инчунин ширкатҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои минтақавӣ, миллӣ дар ин радиф дохил мешаванд.

Як қатор санадаҳои меъёриву ҳуқуқие мавҷуданд, ки барои пешгирии ҳолатҳои монополӣ нигаронида шудаанд ва аксарияти онҳо хусусияти оммавиро дошта, ба таври мушаххас дар доираи стандартҳои байналмилалӣ таҳия карда шудаанд. Аз ҷониби Созмони Миллали Мутаҳҳид стандартҳои байналмилалие таҳия ва қабул карда шудаанд, ки муносибатҳои вобаста ба масоили монополиро ба танзим медароранд.

Корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба масъалаи маҳдудкунии тиҷоратӣ, метавонанад тавассути баландбардории сифати молу маҳсулоти истеҳсолӣ мубориза намоянд Ташаккули низоми баландбардории сифати молу маҳсулот аз якчанд омилҳо ба монанди тахассуси кадрҳо, технологияҳои инрноватсионӣ, тадқиқоти маркетингӣ вобаста бошад, инчунин аз танзими саривақтии давлатӣ низ алоқаманд аст.

Сарчашмаи сеюми таҳдидҳо ин ба амал омадни буҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ мебошад, ки хатарҳои бесобиқаро барои ташаккули инкишофи минбаъадаи корхоназҳо ба миён орад. Буҳронҳои иқтисодӣ ин қисман вайроншавии низоми иқтисодии ҷаҳониро дар худ таҷассум намуда, аз мо тақозо менамояд, ки чораҳои таъхирнопазири зиддибуҳрониро андешем. Чораҳои зиддибуҳронӣ асоси мубориза барои низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ махсуб меёбад. Аз ин рӯ, иқтисодчиён ба ин назаранд, ки таҳияи стратегияи зиддибуҳронии мушаххас асоси ташаккули фаъолияти минбаъдаро бари корхонаҳо фароҳам созанд.

Гуфтан ба маврид аст, ки барои т аъмини амнияти иқтисодии худ корхонаҳо бояд, ба тамоюли даромаднокии худ диққати махсус диҳад. Танзими давлатии фаъолияти тиҷоратӣ ё соҳибкорӣ низ метавонад боиси хуб гардидани вазъи фаъолияти корхонаҳо гардад ва ба ин васила имконияти рушди иқтисоди миллиро низ фароҳам созад.

Имрӯзҳо методологияҳои зиёде барои омӯзиши хатарҳо ва таҳдидҳое мавҷуданд, ки ба сатҳи амнияти иқтисодии объект дар ҳама сатҳ таъсир мерасонанд. Ҳамзамон, мафҳуми таваккал имкон ё эҳтимолияти таҳдиди эҳтимолиро, ки метавонад зарари мувофиқ расонад, инъикос мекунад.

Таҳдид ҳамчун маҷмӯи хатарҳои гуногун ва таъсири он ба афзоиши қувваи хатари харобшавӣ ва вайроншавии системаи иқтисодӣ дар маҷмӯъ ё унсурҳои он пешниҳод карда мешавад, ки дар системаи амнияти иқтисодӣ ҳамчун падидаи манфӣ пешниҳод карда мешавад . Мавриди зикр аст, ки таҳдид монеаҳоро ба вуҷуд меорад, инчунин ба тараккиёти иктисодиёт, зиёд кардани истифодаи неруи истеҳсолӣ ва меҳнатӣ, афзудани вазъияти харобиовари чамъиятӣ, истифодаи бесамари захираҳои табиӣ, номутаносибии сектори молиявиро ба вуҷуд меорад.

## АДАБИЁТ

1. Болычев О.Н. Понятие сеть в системе базовых понятий региональных экономгеографических исследований // Балтийский регион. – 2014. – № 4 (22). – С. 79-93.
2. Варюха А. О., Сурженко Л. В. Современные угрозы экономической безопасности России // Молодой ученый. – 2016. – № 8.8. – С. 3-5.
3. Васильева А.С. Институциональная среда, как фактор обеспечения экономической безопасности // Российское предпринимательство. – 2012. – № 15 (213). – С. 11-16. 106. Верховская О. Р. Факторы формирования нарождающегося предпринимательства // Вестник СПбГУ. Сер. «Менеджмент». – 2009. – Вып. 2. – С. 32-52.
4. Виссарионов А.Б. Об использовании предельных (пороговых) значений индикаторов эконо- мической безопасности Российской Федерации / А.Б. Виссарионов, Р.Р. Гумеров // Управленческие науки. – 2017. – №3. – С. 12-20.

5. Вишневская О.В. Подходы к формированию концепции экономической безопасности предприятия// TERRA ECONOMICUS. – 2011. – Т. 9. – № 4, Ч.2. – С. 18-24.
6. Габибова М.Ш. Пути повышения конкурентоспособности предприятия // Актуальные вопросы экономики и управления: материалы III Международной научной конференции. – М.: Буки-Веди, 2015. – С. 85-87. 109. Голованова Н. Б. Формирование подходов к оценке экономической безопасности субъекта хозяйствования // Доклады ТУСУР. – 2014. – № 2 (32). Июнь. – С. 294–300.
7. Олейников Е.А. Экономическая и национальная безопасность / Е.А. Олейников. – М.: Экзамен, 2005. – 766 с.
8. Овечкина О.Н. Понятие и методика оценки финансовой безопасности предприятия // Вопросы экономики и права. – 2013. – № 3. – С. 87–92.
9. Тулупов А.С. Современное состояние обеспечения безопасности жизнедеятельности. Понятие системной безопасности // Экономика природопользования. – 2003. – No 5. – С. 14– 24.

**УДК 330.34.35**

**Ғафурова Ҳ.Ш.**

## НАЗАРИЯИ РУШДИ ИҚТИСОД ВА ТАҲЛИЛИ БАЪЗЕ НИШОНДИҲАНДАҲОИ ИҚТИСОДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола масъалаҳои мубрами назарияи рушди иқтисод ва таҳлили баъзе нишондиҳандаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самти таъсири ин омилҳо, аз қабили захираҳои меҳнатӣ, татбиқи мунтазами пешрафти илмию техникӣ дар раванди истеҳсолот ва сармоягузорӣ дар таъмини рушди иқтисодӣ баррасӣ шудааст. Вазъияти ҳозираи иҷтимоию иҷтисодии ҷумҳурӣ бештар тезонидани суръати рушди иқтисод, ба таври умум истифода бурдани тамоми неъматҳои мавҷудаи табиӣ, истеҳсолӣ, илмӣ ва меҳнатии мамлакатро талаб мекунад. Дар низоми омилҳои таъмини рушди иқтисод захираҳои меҳнатӣ мавқеи махсусро ишғол мекунанд. Аз ин рӯ оқилона истифода бурдани захираҳои мавҷудбудаи меҳнатӣ, ки қувваи асосии истеҳсолкунандаи ҷамъият ва омили пешбарандаи рушди иқтисод мебошанд, хеле муҳим ба назар мерасад. Истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатӣ дар таъмини рушди иқтисод бо нақши афзалиятноки он дар ноил шудан ба мақсади асосии рушди иқтисод – баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии ҷомеа муайян карда мешавад.

**Калимаҳои калидӣ:** инкишофи иқтисодӣ, рушди иқтисод, захираҳои меҳнатӣ, захираҳои табиӣ, сармоягузорӣ, соҳибкорӣ, пешрафти илмию техникӣ, Маҷмӯи маҳсулоти миллӣ, некуаҳволии ҷомеа, даромади аҳолӣ.

**Гафурова Х.Ш.**

## ТЕОРИЯ ЭКОНОМИЧЕСКОГО РОСТА И АНАЛИЗ НЕКОТОРЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ФАКТОРОВ В РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассмотрены актуальные вопросы теории экономического роста и анализа некоторых показателей в Республике Таджикистан, направленность влияния таких факторов, как трудовые ресурсы, регулярное внедрение научно-технического прогресса в процесс производства и инвестиций в обеспечение экономическое роста. Современное

социально-экономическое положение республики в большей степени производственный ускорения темпов экономического развития, в целом с использованием всех имеющихся природных, промышленных, научных и трудовых ресурсов страны. Трудовые ресурсы занимают особое место в системе факторов экономического роста. В связи с этим очень важно использовать избыточные трудовые ресурсы, которые являются основной производительной силой общества и движущим фактором экономического роста. Повышение значения трудовых ресурсов в обеспечении экономики определяется его приоритетной ролью в достижении главной цели общества экономического роста – повышении уровня благосостояния общества.

**Ключевые слова:** экономическое развитие, экономический рост, трудовые ресурсы, природные ресурсы, инвестиции, предпринимательство, научно-технический прогресс, валовой национальный продукт, общественное благосостояние, доходы населения.

**Gafurova H.Sh.**

## THEORY OF ECONOMIC GROWTH AND ANALYSIS OF SOME FACTORS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article considers topical issues of the theory of economic growth and analysis of some indicators in the Republic of Tajikistan, direction of influence of such factors as labor resources, regular implementation of scientific-scientific Technical progress in production and investment in economic growth. The current socio-economic situation of the Republic is more a productive acceleration of the pace of economic development, generally using all available natural, industrial, scientific and labour resources of the country. Labour occupies a special place in the system of factors of economic growth. In that regard, it was very important to utilize the surplus labour force, which was the main productive force of society and the driving force behind economic development. The increasing importance of the labour force in economic growth is determined by its priority role in achieving the main objective of a society of economic growth - the improvement of the well-being of society.

**Keywords**: economic development, economic growth, labour resources, natural resources, investments, entrepreneurship, scientific and technical progress, gross national product, public welfare, income of the population.

Дар нимаи аввали асри XIX давраи суръати рушди иқтисодӣ оғоз ёфтааст. Инсоният дар давоми дусад соли таърихи худ фаъолияти иқтисодиро фаъолона вусъат дод, ки ин дараҷаи некуаҳволии ҷомеаро баланд мебардорад. Маҷмӯи маҳсулоти дохилии ҷаҳонӣ зиёд шуда, сарвати миллии кишварҳои ҷаҳон афзун мегардад. Нишондиҳандаҳои мутлақ ва нисбии (ба ҳисоби ҳар нафар аҳолӣ) Маҳсулоти умумӣ ва Даромади миллии мамлакатҳои гуногун меафзояд. Ҳар як насли минбаъдаи инсоният нисбат ба насли қаблӣ бештар молҳо ва хизматҳоро истеъмол мекунанд. На танҳо миқдори мол, балки сифат ва намуди онҳо тағйир меёбад. Натиҷаи табиии комёбиҳои раванди илму техника, ки суръати он дар асри гузашта бемислу монанд буд, молу хизматҳои навтарин ба вуҷуд омада, баландшавии сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ ба амал омад.

Рушди иқтисодӣ ҳадафи ниҳоии иқтисоди миллӣ мебошад, ки он некӯаҳволии аҳолиро инъикос менамояд. Аз ин ҷо нишондиҳандаи асосии андозагирии рушди иқтисод – ин Маҷмӯи маҳсулоти дохили (ММД)-и воқеӣ ба ҳар нафар аҳолӣ мебошад. Мо пеш аз он, ки ба таҳлили омилҳои таъсиррасон ба рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистонро дида бароем, зарур донистем, ки оид ба фарқияти мафҳумҳои “инкишоф” ва “рушди иқтисод” истода гузарем.

Дар таҳқиқоти назариявии иқтисодшиносони давраҳои гуногун, аз ҷумла дар асарҳои А. Смит, Д. Рикардо, К. Маркс, Й. Шумпетер, С. Кузнец, П. Самуэльсон, В. Нордхаус, Г. Мирдал, Р. Нуреев Омӯзиши проблемаҳои рушди иқтисод ва инкишофи иқтисодро таърихан дигарон дидан мумкин аст.

Рушди иқтисод нишондиҳандае мебошад, ки иҷроиши самаранокии иқтисоди миллӣ ва яке аз масъалаҳои асосии инкишофи устувор ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии ҷомеа, инчунин омӯзиши моҳияти он таҳаввулоти назаррас дорад, ба ҳисоб меравад.

Дар асари худ «Таҳқиқот оид ба табиат ва сабабҳои боигарии халқҳо» (1776) Адам Смит қайд мекунад, ки рушди иқтисодӣ бо афзоиши аҳолӣ, сармоягузорӣ ва васеъшавии майдони замин алоқаманд аст. Ба ацидаи вай рушди иқтисод вобаста аст аз омилщои арза, инчунин щаыми молщои ватань аз чунин омилщо щамчун мещнат, сармоя ва замин вобастагь дорад [15, с. 194].

Смит сармоягузориҳоро, ки асосан аз ҷониби соҳибкорон амалӣ карда мешавад, аз рӯи сатҳи пасандозҳо муайян ва ба рушди иқтисодӣ таъсиррасон буда суръатбахш меҳисобад, ки онро тағйирёбандаҳои берунӣ (экзогенӣ) меномад. Андухт ва рушди иқтисод маблағгузориро ҳавасманд гардонида, мутаносибан афзоиши аҳолӣ, ки аз сатҳи зиндагӣ ва қонеъ гаштани талаботи ҳамарӯзаи қувваи коргарӣ вобастааст; рушди майдони замин; раванди технологӣ ташаккул меёбад. Минбаъд Давид Рикардо ақидаҳои Адам Смитро дар бораи рушди иқтисодӣ идома дода, водор месозад, ки боздорандаҳои рушди иқтисодие, ки бо истифодаи замин алоқаманди доранд (баландшавии иыорапуль (рента), кощиши даромади иыорадищандащо, маҳдудшавии имконоти сармоягузории асосӣ, талаб намудани кормандон оид ба баланд кардани музди кор) метавонад бо истифода аз раванди технологӣ, таҷҳизонидани дастгоҳҳо, махсусгардонии дар соҳаи савдо, бартараф карда шавад [13, саҳ. 188].

А. Смит, Д. Рикардо, Т. Мальтус дар таҳқиқоти худ ба ин ё он тарз алоқамандии рушд ва некуаҳволиро зикр мекунанд. Т.Мальтус чунин мешуморид, ки суръати афзоиши аҳолӣ метавонад аз суръати рушди неъматҳои табиӣ зиёд гардида, боиси афзоиши камбизоатӣ гардад [8].

Карл Маркс назарияи навро ба моҳияти рушди иқтисод равона сохта, ба баррасии раванди иқтисодие, ки аз рӯи қонунҳои мантиқии дохилии худ тағйир меёбад ва дар ин асос ба сохтори иҷтимоии ҷомеа таъсир мерасонад, ба инобат гирифт. К. Маркс мафҳуми «рушди иқтисодӣ»-ро истифода набурда, балки такрористеҳсоли ҷамъиятиро, ки "дилхоҳ ҷараёни истеҳсолоти ҷамъиятӣ дар раванди доимии такрористеҳсоли худ" мебошад, ба тасаввур намудааст[9]. Инчунин иқтисодчӣ такрористеъсоли васеъ ва андӯхти сармояро (фардӣ ва ҷомеавӣ) таҳлил менамояд. Вай дар назар дорад, ки тағйирёбандаҳои рушд пасандозҳо, андӯхти сармоя ва муҳаррики ҳаракатдиҳандаи он – пешрафти технология дар шакли автоматикунонии истеҳсолот ва тақсимоти ҷамъиятии меҳнат мебошад. Ҳарчанд ақидаи охир ва ҷиҳати манфии доштани он – бо кумаки навгониҳои технологии сармоядорон имкони васеъ намудани фишори худ ба кормандон ҷиҳати аз кор озод намудани онҳо таҳдид намоянд. Ба дигар маъно сармоядорон дар ҳолати бештар ҷалб намудани технологияҳои ҳозиразамон дар корхонаҳои истеҳсолии худ метавонанд шумораи горгарон коҳиш диҳанд.

Моҳияти усулҳои “рушди иқтисод”-ро Карл Маркс ошкор намуда, пешниҳод менамояд, ки ба воситаи тақсимоти омилҳои рушди иқтисод ба экстенсивӣ ва интенсивӣ муайян намудан имконпазир аст. Чунин ақидаи К. Марксро дар назарияи ғайримарксистии рушд низ қабул намудаанд.

Дар ибтидои асри XX оид ба мафҳумҳои инкишоф ва рушди иқтисодиро муҳаққиқи англис Йозеф Шумпетер мавриди омӯзиш қарор дода буд. Вай аввалин шуда фарқи байни инкишоф ва рушди иқтисодро дида баромада, инноватсияро ҳамчун воситаи асосии

тағйироти ҷомеа муайян кард. Й. Шумпетер рушди иқтисодиро ҳамчун тағйирёбии миқдории маҷмӯи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ муайян кардааст. Инкишоф як падидаи мураккабтаре ҳисобида мешавад, ки тағйироти миқдории сохторҳоро муттаҳид намуда, нисбати мафҳуми рушди иқтисод васеътар аст. [15, саҳ. 154]

Назарияи классикии рушди иқтисодро Й. Шумпетер кушиш менамояд таҳия намояд. Аз нигоҳи рушди иқтисод вай ба таҳлили омили арза назар андохта ва чеҳраи соҳибкори навоварро, ки имкони тезонидани раванди рушдро бо воситаи самаранокии омезиши захираҳо ва ҷорӣ намудани технологияи навро дорад, нишон диҳад.

Й. Шумпетер фарқияти байни инкишофи иқтисодӣ ва рушди иқтисодро пешниҳод намуд, инчунин аввалин шуда дар илми иқтисод усулҳои «инкишофи иқтисодӣ»-ро муайян намуд.муайян намуд («Назарияи иникшофи иқтисодӣ», 1912с.). ба ақидаи вай инкишофи иқтисодӣ – ин навоварӣ, пайдоиши нав, идеяи қаблан номаълум, аммо рушди иқтисод – пеш аз ҳама ин зиёдшавии ҳаҷми истеҳсолот ва тақозои мол ва хизматрасонӣ, пеш аз ҳама тақозои молу хизматрасонӣ дар кулли давраҳои муайян мебошад.

Й. Шумпетер қайд намудааст, ки ҳавасмандии инкишофи иқтисодӣ хислати танҳо навовариро дорад. Омили асосии инкишофи иқтисоди ба ақидаи вай – ин навоварӣ дар соҳаи соҳибкорӣ мебошад, ки яке аз сабабҳои бартарафсозии буҳронӣ иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Й.Шумпетер ақида дорад, ки сарчашмаи асосии рушди иқтисод ин соҳибкори инноватсионӣ ба ҳисоб меравад, чунки пешрафти техникаю технология аз даромаднокии корхонаҳо бевосита вобастагӣ дорад. Барои дар иқтисодиёт ҳаҷми даромад зиёд гардад, ҳарчи бештар бояд ба навоварӣ такя намуд [18, с. 17-18].

Фаҳмиши муосири рушди иқтисодро иқтисодшиноси амрикоӣ ва барандаи ҷоизаи Нобелӣ Саймон Кузнец пешниҳод намуд, ки рушди иқтисод – ин инкишофи иқтисодиест, ки нисбат ба суръати афзоиши аҳолӣ, суръати афзоиши истеҳсолоти дарозмуддат бештар аст, ки давраи аввали ин раванд ба охирҳои асри XVIII рост меояд. Аз нигоҳи вай рушди иқтисод – афзоиши дарозмуддати қобилияти меҳнатӣ бо натиҷаҳои фаъолияти хоҷагӣ, қонеъ гардондани талаботи гуногуни аҳолиро нишон медиҳад. Вай ба хулосае омад, ки рушди иқтисод бештар натиҷаи таъсири маҳсулнокии умумии омилҳои истеҳсолот мебошад. Дар ин баробар ва қайд намуд, ки «хусусияти фарқкунандаи рушди иқтисоди муосир суръати баланди афзоиши маҳсулот ба ҳар нафар аҳолӣ мебошад, ки бо суръати баланди афзоиши маҳсулнокӣ ногузир аст» [20, с. 73].

Профессор С. Кузнец хислати махсуси рушди иқтисодро, ки ба ҳама мамлакатҳои тараққикарда хос мебошад: суръати баланди даромад ба ҳар нафар аҳолӣ: суръати баланди омилҳои қувваҳои истеҳсолкунанда, суръати баланди дигаргуниҳои сохти иқтисодиёт; суръати баланди даромад ба ҳар нафар аҳолӣ; суръати баланди дигаргунсозии иҷтимоию идеологии ҷамъият; қобилияти кишварҳои пешрафта оид ба дарёфти бозори ҷаҳонӣ ва манбаъҳои ашёи хом дар хориҷа, ки натиҷаҳои чунин афзоиш бояд камтар аз 1/3 ҳиссаи аҳолии ҷаҳонро фаро гиранд [17, с. 109].

Ба ақидаи П.Самуэлсон ва В.Нордхаус, сармоя, технология, захираҳои табиию инсонӣ омилҳои асосии рушди иқтисод мебошанд. Олимони дар боло зикршуда рушди иқтисодро «афзоиши ММД ё маҳсулоти иқтидори кишвар» мефаҳманд [14, с. 570], ки ҳангоми васеъ шудани ҳудуди имкониятҳои истеҳсолӣ ба амал меояд.

Ба ақидаи В.Томас, Г.Дайлами, Д.Кауфман рушди иқтисод аз як тараф, аз андӯхти сармояи инсонӣ, ҷисмонӣ ва табиӣ ва аз тарафи дигар, аз таъмини некуаҳволии ҷомеа иборат аст. [3, с. 23-24].

Рушди иқтисод аз як тараф бо тағйирёбии мусбии ҳаҷми воқеии истеҳсолот, аз дигар тараф, бо такмил додани технология, инкишофи иқтисодию иҷтимоии ҷомеа алоқамандии зич дорад. Он ҳамчун афзоиши ҳаҷми воқеии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ба ҳар нафар аҳолӣ ифода ёфта, бо нишондиҳандаи оморӣ – суръати афзоиши фоизи солонаи ММД инъикос меёбад. Рушди иқтисодӣ аз ҷиҳати миқдорӣ ҳаҷми

маҳсулоти миллӣ ва аз ҷиҳати сифатӣ тағйироти сохтории онро тавсиф мекунад. Ғайр аз ин, тарафи сифатиро дарачаи зиндагонии ахолӣ муайян мекунад.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон гуфт, ки рушди иқтисод ба маънои томаш ҳамчун раванде мебошад, ки дар бо истифода аз омилҳои асосӣ дар давраи бевоситаи истеҳсолот – захираҳои табиӣ, сармоя, меҳнат ва захираҳои табиӣ табдил меёбад, ки сабаби дигаршавии миқдорию сифатӣ ва зиёдшавии ҳаҷми истеҳсолот мегардад. Инчунин бо истифода аз нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ММД дар давраи муайян – МММ, даромади умумии миллӣ, истеҳсоли навъҳои асосии маҳсулот ба ҳар нафар аҳолӣ, ки суръати тараққиёти иқтисоди мамлакатро ифода мекунанд, муайян карда мешавад.

Сармояи ҷисмонӣ ба сармояи истеҳсолӣ (иқтисодӣ) асос ёфтааст, ки инсон дар ҷузъи иҷтимоии рушд бартарӣ дорад. Аслан сармояи табиӣ бо муҳити зист ва ҳифзи захираҳои табиӣ алоқамандӣ дорад. Бинобар ин, ҳиссаҳои асосии рушди иқтисодӣ қисмҳои экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошанд. Дар ин маврид В.Томас, Г.Дайлами ва иқтисодчиёни дигар рушди иқтисодро бо нишондиҳандаҳои таркибии инкишофи иктисодиёт баён сохтаанд. Олимон миёни навъҳои «рушди иқтисод» ва «инкишофи иқтисод» фарқияти асосӣ намебинанд.

Дар солҳои 50-60-уми асри XX ба ақидаи А.Вебер инкишофи иқтисод, воқеан синоними рушди иқтисодӣ ба ҳисоб мерафт [1, с. 90]. Ба зиёд кардани суръати истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва хизматрасонӣ диққат дода, ба фарқи афзоиши истеҳсолот ва некуаҳволии инсон эътибор намедод ва ё кам баҳо медод. Ақидае ҷой дошт, ки рушди иқтисод худ ба худ ба кам гаштани камбизоатӣ оварда мерасонад, инчунин кандашавии ҳаҷми даромадро бартараф намуда, некӯаҳволии аҳолиро баланд мебардорад.

Аз солҳои 70-уми асри XX сар карда ақидаи фарқи рушд ҳамчун тағйирёбии миқдорӣ ва инкишоф ҳамчун тағйирёбии сифат муайян ва дақиқ гардидааст. Инкишоф аз нигоҳи сифати зиндагонии аҳолӣ, ки натанҳо ба ҳисоби миёнаи ММД ба ҳар нафар аҳолӣ, балки дар асоси чунин имконияҳо ҳамчун давомнокии умри инсоният, вазъи саломатии ҷомеа, дараҷаи саводнокию маълумотнокӣ, дастрасии хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва ғайра [1, с. 90] муайян карда мешавад. Дар ин асос рушд ҳамчун шарту шароити муҳимтарини инкишоф боқӣ мемонад.

Дар асоси гуфтаҳо боло чунин хулоса намудан имконпазир аст, ки рушди иқтисод ба маънои томаш вай яке аз шарт ва ташкилкунандаи инкишофи иқтисодӣ, инчунин ифодакунандаи шароитҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва табиӣ барои таъмини сифатан тағйирёбии сатҳу сифати аҳолии ҷомеа ба шумор меравад.

Ба маънои васеъ бошад, муайян сохтани навъи «рушди иқтисод» аз ҷиҳати мазмун ба мафҳуми навъи «инкишофи иқтисод» хеле наздик аст.

Ба таври гуногун “инкишофи иқтисод”-ро шарҳ додан имкон дорорад. Аз нигоҳи унсур рушди итқисод,

«Инкишофи иқтисод»-ро ба таври гуногун шарҳ додан имконпазир аст. Аз ибтидо инкишофи иқтисодӣ ин қобилияти хоҷагидории низоми нигоҳдории суръати баланди рушд, таъминкунандаи тағйротҳо дар самти хоҷагидорӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин вай муддати дароз танҳо бо рушди иқтисод, яъне бо афзоиши ҳаҷми истеҳсолот дар асоси зиёд гардидани шумораи аҳолӣ муайян карда мешуд. Инкишофро метавон чунин маънидод намуд: инкишоф равандест, ки бо тағйирёбии табиӣ, гузариш ба шаклҳои такмилёфта ва ҳолати сифатӣ алоқаманд мебошад. [4, с. 702].

Рушди иқтисодӣ – «раванди фаъолият ва таҳаввули низоми иқтисодӣ дар давраи дарозмуддат мебошад, ки дар зери таъсири зиддиятҳо, эҳтиёҷот ва манфиатҳои иқтисодӣ ба амал меояд» [19, с. 468]. Нақши муайянкунандаро ба омилҳои сармоягузорӣ, инноватсия ва технология рушди иқтисод мебозад.

Саҳми худро Г. Мирдал дар назарияи инкишофи иқтисодӣ гузоштааст, ки вай даққиқтар навъҳои «рушди иқтисод» ва «инкишофи иқтисодиро» муайян сохт. Вай ақида

дорад, ки инкишоф бо баланд шудани дараҷаи қонеъ гардондани талаботи ҷомеа алоқаманд аст, аммо ин маънои онро надорад, ки вай дар шароити рушди иқтисод ба амал меояд. Г. Мирдал нигоҳи худро бештар ба он ҷалб намудааст: барномаҳое , ки мамлакатҳои тараққикарда барои таъмини рушди иқтисод пешниҳод намудаанд, барои мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ҷавобгӯ нестанд. Вай ақида дорад, ки рушде, ки ба беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аксар аҳолӣ намеоварад, рушд ҳисобида намешавад, чунки вай ҳиссаи зиёди аҳолиро барканор сохта, аз ҳисоби онҳо ба амалӣ карда мешавад [1].

Мафҳумҳои “инкишофи иқтисод” ва “рушди иқтисод” ба ақидаи Я. Тинбергена, мувофиқ буда, аммо якхела нестанд, чунки бо ин соддагардонӣ хусусияти асосии инкишоф риоя карда намешавад - баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолӣ. Омилҳои рушди иқтисодиро Я. Тинберген омилҳои асосии рушди иқтисодро таҳлил ва муайян намуд, ки танҳо чоряки афзоиши ММД аз ҳисоби афзоиши самаранокии иқтисодӣ ба амал омада, қисми дигараш бошад, аз ҳисоби афзоиши воридоти сармоягузорӣ ва қувваҳои истеҳсолкунанда мебошад.

Аслан рушди иқтисодӣ бо ММД-и воқеӣ ба ҳар сари аҳолӣ чен карда мешавад. Аз ин ҷо, ММД – ин дар давраи муайяни вақт арзиши ниҳоии бозории тамоми молҳои тавлидшуда ва хадамоти ба ҷо овардашуда (новобаста аз шакли моликият) дар ҳудуди кишварро нишон медиҳад. Ба дигар маъно, ба сохтори он даромад аз фаъолияти шаҳрвандони ватанӣ ва хориҷӣ, ки дар дохили мамлакат кор мекунанд, ҳамроҳ карда мешаванд. Иқтисодчиён дар асоси ин нишондиҳанда (ММД), метавонанд маҳсулоти софи миллӣ ва даромади миллиро низ ҳисоб намоянд.

Рушди иқтисодӣ аксар вақт бо инкишофи иқтисодӣ алоқаманд аст. Онҳо наметавонанд дар алоҳидагӣ арзи вуҷуд дошта бошанд. Мафҳуми инкишоф нистаби мафҳуми рушд васеъ мебошад. Инкишоф ин ҷараёни табиие мебошад, ки пешрафти иқтисодии ҷомеаи инсониро инъикос менамояд.

Бархе аз олимон мафҳуми рушди иқтисодро дар мавридҳои гуногун таҳлил ва баррасӣ намуданд. Масалан, олимони рус Т.А. Агапова, С.Ф. Серёгина рушди иқтисодро бо чунин мазмун пешниҳод намудаанд: “Рушди иқтисодӣ одатан ҳамчун тамоюли дарозмуддати афзоиши истеҳсолоти воқеӣ дар иқтисодиёт фаҳмида мешавад. Мутаносибан, барои чен кардани рушди иқтисодӣ нишондиҳандаҳои афзоиши мутлақ ё суръати афзоиши маҳсулоти воқеӣ дар маҷмӯъ (ММД, МММ) ё ба ҳар нафар аҳолӣ истифода мешаванд.”[8. саҳ. 294-295] Баъзан онҳо инчунин афзоиши даромади ҳар як кормандро қайд мекунанд. Ин нишондиҳанда метавонад аз нишондиҳандаҳои афзоиши даромад ба ҳар нафар аҳолӣ фарқ кунад, зеро он сатҳ ва тағйирёбии фаъолияти иқтисодии аҳолиро инъикос мекунад.

Дар адабиёти муосири хориҷӣ ва пасошӯравӣ якчанд равишҳо барои шарҳ ва фаҳмиши рушди иқтисодӣ мавҷуданд. Аксарияти адабиётҳои дарсии ҳозиразамони назарияи иқтисодӣ – рушди иқтисодро ба нишондиҳандаи суръати афзоиши некуаҳволии иқтисодӣ ё афзоиши даромади миллӣ ба ҳар нафар аҳолӣ тавзеҳ дода шудааст [7].

Солҳои охир иқтисодшиносон ба консепсияи рушди иқтисодӣ на танҳо ҷанбаҳои миқдорӣ, балки сифатро низ дохил кардаанд. Сифати натиҷаҳои меҳнат ҳамчун ҷузъи асосии пешрафти ҷомеа баррасӣ шуд. Сифати баландтаринро дар шароити пешрафти илму техника на бо роҳи зиёд кардани назорат оид ба тавлиди маҳсулот, балки бо роҳи тағйир додани худи муносибат ба меҳнат ба даст овардан имконпазир мебошад. Консепсияи сифати рушди иқтисодӣ инчунин мушкилоти ҳифзи одамон ва муҳити зисти онҳоро дар бар мегирад [2].

Рушди иқтисодӣ як падидаи бисёрҷабҳа ва беш аз ҳама мураккаб аст. Ҳамаи он чизе, ки ба самти пастшавии он амал мекунад, ҳамчун маҳдудият қабул карда мешавад ва ҳамаи он чизе, ки ба афзудани он мусоидат мекунад, ҳамчун шароити мусоид барои пешрафти ҷамъият асоснок карда мешавад.

Рушди иқтисодӣ – ин пешрафти мураккаби иқтисодӣ мебошад, ки дорои якчанд марҳила ва сатҳҳои пайдарпайи худро дорост. [5. саҳ. 10]

Раванди номаҳдуди соҳаи иқтисодӣ дар умум рушди иқтисод ба ҳисоб рафта, афзоиши ҳаҷми истеҳсолот ва хадамотро дар бар мегирад, ки онро дар доираи пешрафти ҷамъият ва сатҳи давлат баррасӣ кардан мумкин аст. Вай афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноату хоҷагии қишлоқ, инчунин васеъ кардани соҳаҳои дигари иқтисодиёт ва баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии ҷомеаро дарбар мегирад. Рушди иқтисодӣ ҳамчун раванде, ки бо низоми мураккаби робитаҳо ва таносубҳои иқтисодӣ тавсиф мешавад, миқёсу суръати муайян дорад ва дараҷаи ҳаҷми истеҳсолотро дар алоқамандии сабабу оқибат бо омилҳое, ки амалисозии онро таъмин мекунанд, нишон медиҳад.

Рушди иқтисодӣ одатан ҳамчун тамоюли дарозмуддати афзоиши истеҳсолоти воқеӣ дар иқтисодиёт фаҳмида мешавад.

Рушди иқтисодӣ – ин афзоиши миқдорӣ ва ҳам сифатии афзоиши маҳсулоти мол ва хизматҳо ба ҳар як нафар аҳолиро мефаҳмонад. Асосан дар адабиётҳои таълимии иқтисодӣ ду тарзи ноил шудан ба рушди иқтисодро тавсиф медиҳанд:

1. Экстенсивӣ – ин афзоиши маҳсулот аз ҳисоби зиёд шудани миқдори захираҳои дар истеҳсолот истифодашаванда ба амал меояд, вале сифати онҳо дар ин ҷо ба эътибор гирифта намешавад, танҳо шумораи миқдори онҳо меафзояд. Масалан: аз ҳисоби зиёд гардидани вақти корӣ, афзоиши шумораи коргарон, бештар истифодабарии дастгоҳу таҷҳизотҳо, фаррох гардидани майдони кишту кор, ташкили корхонаҳои иловагӣ ва ғайра.

Яъне, зиёд гардидани миқдори захираҳои дар истеҳсолот истифодашавандаро талаб мекунад, ки пешравӣ назаррас аст. Дар давраи кутоҳ ин усул натиҷаҳои баланд медиҳад, ки дар оянда ба захираҳои омилҳои истеҳсолот ва фарсудашавии онҳо таъсири манфӣ хоҳад расонд. Зеро имконияти бемайлони истифода намудани омилҳои истеҳсолот бо афзоиши аҳолӣ самарадеҳ аст.

2. Навъи интенсивӣ – ин афзоиш аз ҳисоби беҳтар гардидани сифат ва самаранок истифода бурдани захираҳо ба амал меояд. Масалан: баланд гардонидани ҳосилнокии меҳнат, истифодаи комёбиҳои илмӣ, аз навсозии таҷҳизот, такмили ихтисос ва таълим додани коргарон, такмил додани раванди истеҳсолот ва ғайра.

Дар фаъолияти истеҳсолӣ татбиқ намудани комёбиҳои тараққиёти техника омилҳои интенсивӣ бо прогресси илмию техникӣ алоқамананд. Афзоиш аз ҳисоби тағйирёбии сифатӣ дар фарқияти байни хароҷот ва даромад ба даст оварда мешавад, ки ба андозаи нишондиҳандаҳои умумӣ таъсири мусбат мерасонад.

Бинобар ин, рушди иқтисод бо тағйирёбии мусбати нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ тавсиф мешавад, ки ба ғанӣ шудани иқтисодиёт, ташаккули сармояе, ки метавонад ба иқтисодиёти худ ё ба иқтисодиёти миллии хориҷӣ бо мақсади ба даст овардани даромади иловагии молиявӣ сармоягузорӣ карда шавад.

Рушди иқтисодӣ зиёд будани даромадро нисбат ба хароҷоти ҳамаи иштирокчиёни ташаккули он нишон медиҳад. Омилҳое, ки барои ноил шудан ба рушди иқтисод таъсир мерасонанд, инҳоянд:

- Мавҷудияти миқдорӣ ва сифатии захираҳои табиӣ.
- Миқдор ва сифати таркибии захираҳои меҳнатӣ.
- Сармоя ва самараи он.
- Сатҳ ва мавҷудияти технология.

Инчунин дар замони муосир тарзи сеюми дастрасӣ ба рушди иқтисод, яъне омезиши ду роҳи дар боло зикршуда экстенсивӣ ва интенсивиро номбар кардан имконпазир аст.

Аз нигоҳи аксар олимон рушди иқтисод ба воситаи фаъолияти пурсамари институтҳои сиёсӣ низ таъмин мегардад, яъне ба сифати идоракунӣ ва тақсимоти захираҳо дар низоми иқтисодӣ вобаста аст. Онҳо Олимон бо рӯйхати омилҳои дар боло зикршуда маҳдуд намешаванд. Онҳо пай бурданд, ки бе ягон сабаб иқтисодиёти мамлакатҳои гуногун суръат гирифта, суст шуда метавонад. Тағйир ёфтани ҳаҷми истеъмол ба ҳамаи равандҳои дигари иқтисодӣ, новобаста дар тағйир додани нишондиҳандаҳои агрегатӣ таъсир мерасонад.

Ҳаҷми умумии истеҳсоли молҳо ва хизматрасониҳои ҳамаи истеҳсолкунандагони дар кишвар ҷойгирбуда маҷмӯи маҳсулоте мебошанд, ки  дар оянда ба иқтисодиёт даромад меорад. Асосан истеҳсолот ба омилҳои истеҳсолот такя мекунад, ки бо воситаи онҳо маҳсулоти тайёр тавлид карда мешавад, ки дар охир ҳар як омил ба натиҷаи ниҳоӣ таъсир мерасонад.

Қисми аҳолии дар фаъолияти иқтисодӣ иштироккунандаро захираҳои меҳнатӣ ифода мекунанд. Барои қонеъ гардонидани талаботи ҷомеа, яъне табдил додани захираҳои табиӣ ба мол ва хидматҳо меҳнат зарур аст. Баровардани молҳои нолозим, тиҷоратӣ ҳисоб карда намешаванд ва онҳоро ба даромади умумӣ ҳисоб намекунанд. Миқдори захираҳои меҳнатӣ вобаста аст аз вазъи демографии кишвар, сатҳи зиндагии ҷомеа, сатҳи нархҳо ва дигар нишондиҳандаҳое, ки ба зиндагии ҷомеа таъсирбахшанд. Муайян сохтани сифати захираҳои меҳнатӣ аз рӯи мавҷудият, сифати таҳсилот ва тиб сифати захираҳои меҳнатӣ мебошад.

Дар асл, истеҳсолот захираҳои моддӣ, ғайримоддӣ ва захираҳои молиявиро талаб мекунад. Сармоя ба иқтисодиёт барои тавлиди арзиши иловашуда маблағгузорӣ ногузир аст. Амнияти иқтисодии кишварро миқдор ва сифати мавҷудияти захираҳо таъмин мекунад, гарчанде баъзе кишварҳо тавонистанд иқтисоди дохилии худро чуноне ташкил кунанд, ки ҳатто ҳангоми воридоти захираҳои табиӣ аз ҳисоби дигар соҳаҳо даромади умумӣ ба даст меоранд.

Технологияҳои инноватсионӣ ба рушди иқтисодӣ дар давраи дарозмуддат мусоидат мекунанд, вале онҳо омодагии истеҳсолотро барои татбиқи дастовардҳои навтарини илм ва техника, инчунин сармояи кофӣ талаб мекунанд. Ҷойгиршавии ҷуғрофӣ мавҷудияти инфрасохтор, инчунин таъмини захираҳои табииро муайян мекунад. Аксар мамлакатҳо тавонистаанд иқтисодиёти худро пеш аз ҳама аз ҳисоби ҷойгирирونии ҳудудӣ ва аз ҳисоби хизматрасонии нақлиётӣ бунёд созанд.

Мо гуфта метавонем, ки омилҳои рушди иқтисодӣ ба якдигар алоқамандӣ дошта, ба натиҷаҳои умумӣ таъсир мерасонанд. Дар ин баробар, дар гузаронидани сиёсати иқтисодии давлат таъсири байниҳамдигарии омилҳои рушди иқтисодӣ бояд ба назар гирифта шавад.

Пас, ба назари мо, рушди иқтисод ҷараёнест, ки боиси рафъи камбизоатӣ, рафтори одамон, тағйирёбии сохторҳои иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ, инчунин боиси паст шудани нобаробарӣ, баланд шудани сатҳи маориф, саводнокӣ, дастрасии хизматрасониҳои иҷтимоӣ, дигаргуниҳои сифатии ҷомеа мегардад, ки бо навсозӣ, пешравӣ ва рушд алоқаманданд; шарти асосии охирини он мебошад, ки рушди иқтисод – роҷеъ ба инкишофи иқтисодии кишвар аст.

Рушди иқтисодии бозорӣ як раванди беохир, яъне равандест, ки бо тағирёбии босуръати тамоюлҳои ҳукмрон тавсиф мешавад, ки инкишофи иқтисодии мамлакатро ба таври назаррас суръатбахш мегардад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба рушди иқтисоди миллӣ дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хотиррасон намуданд, ки: *«Ба шарофати заҳмати содиқонаи мардуми кишвар раванди созандагиву ободкорӣ бомаром идома ёфта, нақшаву барномаҳои пешбинигардида ҷиҳати таъмин намудани рушди*

*устувори иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии сокинони мамлакат ҳадафмандона амалӣ карда шудаанд» [12].*

Яке аз проблемаҳои асосие, ки дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон истодааст, таъмини рушди иқтисодиёт дар асоси азнавсозии сохтории иқтисодиёти мамлакат мебошад. Дар асоси таҷрибаи ҷаҳонӣ метавон тахмин кард, ки ба ин мақсад пеш аз ҳама тавассути ҷалби захираҳои назарраси сармоягузорӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт ва ташкили механизми истифодаи самараноки онҳо ноил шудан мумкин аст.

Дар муддати кутоҳ ба суръати афзоиши ММД бештар омилҳои ғайрисармоядорӣ таъсир мерасонанд. Аммо дар давраи миёнамуддат ва дарозмуддат ба суръати афзоиши ММД асосан маблағгузории асосӣ таъсиррасон аст. Дар баробари ин, иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба шакли инноватсионии сармоягузории асосӣ гузарад, чунки ин захираҳои инноватсионӣ дар миқёси васеъ тавлид мешаванд ва аз ин некӯаҳволӣ вобастагӣ дорад.

Вобаста ба гузоришҳои дар боло овардашудаи назариявӣ мо зарур шуморидем, баъзе нишондиҳандаҳои асосии иқтисодиро таҳлил карда бароем (Ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Тағйирёбии ММД аз соли 2012 то 2022, млн. сомонӣ**

| Нишонди-ҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
| **ММД бо нархҳои ҷорӣ (млн. сомонӣ)** | 40525,5 | 45606,6 | 50977,8 | 54790,3 | 64434,3 | 71059,2 | 79109,8 | 83958,3 | 101076,3 | 115739,4 |
| **ММД ба ҳар нафар аҳолӣ (сомонӣ)** | 5019,1 | 5523,7 | 6031,7 | 6336,3 | 7291,4 | 7870,2 | 8580,1 | 8922,2 | 10312,0 | 11808,0 |

Сарчашма: [12, саҳ. 214]

Аз маълумотҳои ҷадвали 1 дида мешавад, ки ҳаҷми ММД бо нархҳои ҷорӣ муддати даҳ соли охир 75213,9 млн. сомонӣ афзуд (қариб ду маротиба), аз ҷумла ММД ба ҳар нафар аҳолӣ 11808,0 баробар гардид. Дар баробари ин, ислоҳоти мушаххаси иқтисодӣ ва идоракунӣ дар мамлакат роҳандозӣ гардида, истифодаи оқилонаи захираҳои мамлакат, ҳамоҳангсозии фаъолияти соҳаҳо ва аз рӯи иқтидор ва имконоти мавҷуда таъмин карда шуд. Дар давраи амалишавии Барномаи миёнамӯҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 имкон дод, ки идомаи бунёд ва азнавсозии инфрасохтори иҷтимоию иқтисодӣ ва таҳкими низоми молиявӣ, суръати рушди устувори иқтисодӣ ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7 фоиз таъмин гардад.

Табиқи барномаи мазкур танҳо дар давраи 5 соли охир ҳаҷми исмии ММД ба андозаи 28 млрд. сомонӣ афзоиш ёфта, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз 15 млрд. сомонии соли 2016 дар соли 2020 то 30,8 млрд. сомонӣ баробар гардид, ки бо ҳисоби фоиз, 48,7% баробар аст.

Дар асоси зиёд гардидани шумораи аҳолии миёнасолонаи қобили меҳнат ба андозаи 1,9 фоиз сатҳи ҳамасолаи шуғли аҳолӣ танҳо 0,6 фоиз зиёд гардидааст, ки гувоҳӣ аз мавҷудияти шиддатнокӣ дар бозори дохилии меҳнат мебошад. Дар соли 2019 афзоиши солонаи ММД нисбат ба нишондиҳандаи соли 2015 ба андозаи 1,32 маротиба ва ҳаҷми он ба ҳар сари аҳолӣ аз рӯи таносуби қобилияти харидорӣ 1,21 маротиба зиёд гардид, ки ба баланд шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат мекунад.

Аз тамоюли нишондиҳандаҳои рушди иқтисодӣ дар солҳои 2016-2020 бармеояд, ки татбиқи сиёсати иқтисодии пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти таъмини рушди устувор ва суръатноки иқтисодӣ, расидан ба ҳадафҳои стратегӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ, кам намудани вобастагии кишвар аз омилҳои беруна, истифодаи оқилонаи захираҳои табиии кишвар, зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти саноатию кишоварзии аз ҷиҳати экологӣ тозаи ватанӣ ва дар ин замина беҳтар гардонидани сатҳу сифати зиндагии мардум натиҷаи чашмрас дода истодааст.

Вобаста аз таҳлили дар боло овадашуда мавриди қайд кардан зарур аст, ки маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ, захираҳои меҳнатӣ ва хусусан саҳми фаъолияти соҳибкорони ватанӣ ба чунин рушд оварда расонидаанд.

Маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ маҷмӯи хароҷотест, ки барои сохтмон, азнавсозӣ (аз ҷумла васеъ кардан ва навсозӣ) объектҳо, ки боиси афзоиши арзиши ибтидоии онҳо, харидани техника, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт, таҷҳизоти истеҳсолӣ ва хоҷагидорӣ мегарданд, ки баҳисобгирии онҳо бо тартиби муқаррарнамудаи баҳисобгирии сармоягузорӣ ба дороиҳои ғайримуқаррарӣ, сармоягузорӣ ба моликияти зеҳнӣ амалӣ карда мешавад.

Маблаггузорӣ – ташаккули захираҳои асосии истеҳсолӣ, аз ҷумла ба сармояи асосӣ, хароҷоти аз ҳисоби маблағҳои шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқие, ки ба ташкилотҳо ва бинокорон барои сохтмони ҳиссавӣ ҷалб карда шудаанд, дохил мешавад.

Маълумот оид ба маблағгузориҳо ба сармояи асосӣ бо назардошти фаъолияти сармоягузории соҳибкорон ва ҳаҷми сармоягузорие, ки бо усулҳои мустақими оморӣ мушоҳида нашудаанд, муайян карда мешавад.

Барои ҳисоб кардани маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ ба ҳар сари аҳолӣ шумораи миёнаи солонаи аҳолии доимӣ истифода мешавад, аз ҷумла дар ММД саҳми чунин соҳаҳоро мо дида баромадем (нигаред ба ҷадвали 2.).

**Ҷадвали 2.ММД бо усули истеҳсолот дар солҳои 2018-2022**
**(бо нархҳои ҷорӣ; млн. сомонӣ)**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
| Кишоварзӣ ва ғайра | 14049,8 | 16507,9 | 19050,5 | 22690,7 | 27104,8 |
| Саноати коркард | 9400,4 | 10626,3 | 13119,2 | 15160,3 | 17893,5 |
| Сохтмон | 9411,7 | 9281,6 | 8863,7 | 11417,3 | 13250,1 |
| Савдои яклухт, чакана ва ғайра | 7359,6 | 8764,1 | 8978,4 | 10956,0 | 13042,0 |
| Ҳаҷми ММД | 71059,2 | 79109,8 | 83958,3 | 101076,3 | 115739,4 |

Сарчашма: [12, саҳ. 219]

Аз ҷадвали 2 бармеояд, ки ҳиссаи ин соҳаҳои дар боло овардашуда, аз ҷумла кишоварзӣ ва ғайра дар соли 2018 – 19,8%, 2019 – 20,9%, 2020 – 22,7%, 2021 – 22,4%, 2022 – 23,4%-ро ташкил медиҳад.

Азбаски дар замони муосир барои беҳдошти экологӣ иқтисод мавқеи ҳалкунанда дорад ва соҳаи кишоварзӣ барои ҷори намудани принсипҳои иқтисоди “сабз” ҳалкунанда аст. Зеро вай яке аз соҳаҳои асосии шуғли аҳолӣ дар кишвари мо ба ҳисоб меравад. Ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ соли 2021 ба 39,7 млрд. сомонӣ, аз ҷумла

растанипарварӣ ба 28,7 млрд. сомонӣ ва чорвопарварӣ дар ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ мутаносибан ба 72,3 фоиз ва 27,7 фоиз баробар гардида, ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ дар ММД ба 23 фоиз баробар гардид [16, саҳ. 16].

Ҳиссаи саноати коркард нисбат ба ММД бошад дар соли 2018 – 13,2%, 2019 – 13,4%, 2020 – 15,6%, 2021 – 15,0%, 2022 – 15,5% аз ҷадвали 2 дарбар мегирад.

Сохтмон дар ҳаҷми ММД аз рӯи нархҳои ҷорӣ соли 2018 – 13,2%, 2019 – 11,7%, 2020 – 10,6%, 2021 – 11,3%, 20200 – 11,4% чунин аст.

Дар кишвар ҳангоми гузариш ба принсипҳои иқтисоди “сабз” дар соҳаи меъморӣ ва сохтмон дар соли 2021 дар ҳаҷми 12,2 млрд. сомонӣ корҳои сохтмону васлгарӣ иҷро ва ба маблағи беш аз 3,5 млрд. сомонӣ захираҳои асосӣ ба кор андохта, 1,2 млн. метри мураббаъ манзили истиқоватӣ ва иншооти дигар ба истифода дода шуданд.

Аз нишондиҳандаи савдои яклухт, чакана ва ғайра бар меояд, ки дар соли 2018 – 10,4%, 2019 – 11,1%, 2020 – 10,7%, 2021 – 10,8%, 2022 – 11,3% дар ММД ташкил медиҳад.

Бо назардошти ба таҳияи Стратегияи рушди иқтисоди “сабз” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037 барномаҳои дахлдори соҳавӣ таҳия ва амалӣ гардида, дар он ҳамасола маблағгузорӣ ба соҳаи иқтисоди “сабз” аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо (буҷетҳои ҷумҳуриявию маҳаллӣ, сармояи хориҷӣ ва ғайра) пешбинӣ мегардад, ки ин омил барои рушди зина ба зинаи соҳаи номбурда мусоидат хоҳад намуд.

Бояд гуфт, ки дигар омили ба ММД таъсиррасон ин фаъолияти соҳибкорӣ башумор меравад. Фаъолияти соҳибкорӣ - фаъолияти мустақилонаи шахс дар асоси таваккалӣ, ки барои ба даст овардани даромад (фоида) мунтазам аз истифодаи молу мулк, фурӯши молҳо, иҷрои кор ё хизматрасонӣ равона гардидааст.

Аз нуктаҳое, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа намуданд, имрӯзҳо рӯ овардан ба бахши хусусӣ, аз ҷумла машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ қисмати зиёди аҳолиро ба худ ҷалб намудааст ва дар тӯли панҷ соли охир шумораи соҳибкорон дар мамлакат 76 ҳазор нафар зиёд гардидааст. Заминаҳои зарурии рушди ин соҳаи хоҷагии халқ ва ҷалб намудани қисмати зиёди аҳолӣ ба он, ин пеш аз ҳама дар сатҳи конститутсионӣ дарҷ гардидани кафолати фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва гуногуншаклии моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ, таъмин намудани фазои мусоиди ҳуқуқӣ ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо ва мустаҳкам гардидани имтиёзҳои фароҳами давлат баҳри дастгирии рушди соҳибкорӣ мебошад.

Нуқтаи муҳими дигаре, ки дар паёми Сарвари давлат ироа гардид, ин диққати ҳамаҷониба додан ба дастгирӣ ва қадргардонии ташаббусҳои созандаи соҳибкорон ва сармоягузон мебошад, ки дар ин бобат қайд намуданд: “Ҳукумати мамлакат вазифадор аст, ки ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ, махсусан, сармоягузории мустақим, таъмин намудани иҷрои кафолату имтиёзҳо ва чораҳои дастгирии давлатӣ, ҳавасмандгардонӣ ва қадрдонии соҳибкорон, инчунин, рушди инфрасохтори сармоягузориву соҳибкорӣ тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намояд”.

Бояд ёдовар шуд, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар доираи сиёсати пешгирифтаи давлату ҳукумат доир ба дастгирии фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ дар замони соҳибистиқлолӣ тадбирҳои зарурӣ амалӣ гардида, дар ин самт барои соҳибкорон имтиёзу сабукиҳои зиёд ҷорӣ карда шуданд.

Ба соҳибкорон то имрӯз бештар 120 намуди имтиёз ва сабукиҳои андозиву гумрукӣ пешниҳод шуда, шумораи сохторҳои бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ аз 4 ба 1 кам гардида, дар ин самт хизматрасонӣ ба таври ройгон ба роҳ монда шудааст.

Соли 2022 шумораи субъектҳои соҳибкорӣ дар натиҷа ба 339 ҳазор расид, ки нисбатан ба соли 2018 беш аз 76 ҳазор зиёд мебошад”.

Вобаста ба таҳлили дар боло овардашуда бармеояд, ки имкониятҳои иқтидори иқтисодии ҷумҳурӣ ҳанӯз ҳам пурра истифода бурда намешавад. Пурра истифода бурдани иқтидорҳои иқтисодии мавҷуд буда имконият медиҳад, ки соҳибкорони ватанӣ метавонанд коргоҳҳои нави саноатӣ бунёд намуда, захираҳои меҳнатӣ ба кор ҷалб карда мешаванд ва боиси баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ оварда мерасонад.

Ҳамин тавр, ҳаҷми ММД зиёд гардида, даромади аҳолӣ меафзояд ва метавонад натанҳо истеъмолоти оилаҳо зиёд шавад, балки пасандози аҳолӣ низ афзуда, ба рушди иқтисоди миллӣ меоварад, ки ин ҳадафи олии иқтисоди ҳар як кишвар мебошад.

**АДАБИЁТ**


1. Вебер А.Б. Развитие в развитых странах (к постановке проблемы) / А.Б. Вебер. - Мировая экономика и международные отношения. – 2008. - №5. – С. 90.
2. Золотас К. Экономика капитализма против общественного благосостояния / Перевод с англ. М.: 1985
3. Качество экономического роста / Томас В., Дайлами Г., Дарешвар А. и др.; пер. с англ. В. Дзюб, С. Ширiнських, Н. Гайдукевич. - К.: «Основы», 2002. - 350 с.
4. Краткий экономический словарь / под ред. А.М. Азмиряна – [ 2-е изд]. - М.: Институт новой экономики, 2002. – С.702.
5. М.М. Юнусова. Социальные проблемы роста национальной экономики. Душанбе. Ирфон – 2007. 10с.
6. Мюрдаль Г. Современные проблемы “третьего мира” / Г.Мюрдаль. - М., 1972. – 416с.
7. Макконнелл К.Р., Брю С.Л. Экономикс: Пинципы, проблемы и политика. Т.1. – М: 1992. – 380с.
8. Мальтус Т.Р. Исследование закона народонаселения / Т.Р. Малтус; Пер. с англ. В. Шовкун. - К.: Основы, 1998. - 535с.
9. Маркс К. Сочинения / К. Маркс, Ф. Энгельс – [2-е изд.] – М.: Политиздат, 1960. - С.578.
10. Нуреев Р. Теория развития: институциональные концепции становления рыночной экономики / Р. Нуреев // Вопросы экономики. – 2000. - №6. – С.126-146.
11. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2023
12. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 28.12.2023с.*
13. Рикардо Д. Начала политической экономии и налогового обложения. Антология экономической классики / Д. Рикардо. - М.: МП «ЭКОНОВ», «Ключ», 1993. - 475с.
14. Самуэльсон П. Экономика: учебник / П. Самуэльсон, У. Нордхаус - [18 – изд.] – М., ВИЛЬЯМС, 2007– 1360 с.
15. Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов. Антология экономической классики / А. Смит. – М.: ПП. ЭКОНОВ, «Ключ», 1993. – 475 с.
16. Стратегияи рушди иқтисоди “Сабз” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037.
17. Тодаро М. П. Экономическое развитие: учебник / М.П. Тодаро; пер. с англ. под ред. С.М. Яковлева, Л.З. Зевина. - М.: Экон. ф-т МГУ, ЮНИТИ, 1997. – 671 с.
18. Шумпетер Й. Теория экономического развития (Исследование предпринимательской прибыли, капитала, кредита, процента и цикла конъюнктуры) / Й. Шумпетер; перевод с нем. В.С. Автономова и др. – М. Прогресс, 1982. – 455с.
19. Экономическая энциклопедия: [в 3 т]. / гл. ред- кол.: Мочерный С.В. [и др.]. - К.: Издательский центр «Академия», 2000. - С. 468.
20. Kurnets S. Economic Growth of Nations: Total Output and Production Structure / S.Kurnets. - Cambridge, 1971 - P.73.

УДК 339.543

**Гаюрова Р.С., Назарбекова Н.А.**

# СОТРУДНИЧЕСТВО ТАМОЖЕННЫХ ОРГАНОВ ТАДЖИКИСТАНА СО ВСЕМИРНОЙ ТАМОЖЕННОЙ ОРГАНИЗАЦИЕЙ

В статье представлена история, основные направления деятельности, представительство и международные документы, разработанные организацией. Автор показал роль Всемирной таможенной организации в укреплении сотрудничества с Таможенной службой при Правительстве Республики Таджикистан. Международное таможенное сотрудничество является важнейшим аспектом глобального сотрудничества стран и международных организаций в целом. Он заключается в совместной координации усилий в сфере связей с общественностью, которые связаны с обеспечением порядка и правил перемещения лиц через таможенную границу, что обеспечивается таможенными органами.

**Ключевые слова:** Всемирная таможенная организация, международная конвенция, таможенная служба, сотрудничество.

**Ғаюрова Р.С., Назарбекова Н.А.**

# ҲАМКОРИҲОИ МАҚОМОТИ ГУМРУКИ ТОҶИКИСТОН БО СОЗМОНИ УМУМИҶАҲОНИИ ГУМРУК

Дар мақолаи зерин таърих, самтҳои асосии фаъолият, дафтари намояндагӣ ва санадҳои байналмилалии таҳия кардаи созмон оварда шудааст. Муаллиф нақши созмони Умумиҷаҳонии гумрукро дар таҳкими ҳамкорӣ бо Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон додааст. Ҳамкории байналмилалии гумрукӣ муҳимтарин ҷанбаи ҳамкории ҷаҳонии кишварҳо ва умуман созмонҳои ҷаҳониро дар бар мегирад. Он аз ҳамоҳангсозии муштараки кӯшишҳо дар соҳаи муносибатҳои ҷамъиятӣ иборат аст, ки бо таъмини тартиб ва қоидаҳои ҳаракат аз ҷониби шахсон аз сарҳади гумрукӣ алоқаманданд, ки инн ҳамкорӣ тавассути мақомоти гумрук таъмин карда мешавад.

**Вожаҳои калидӣ**: Созмони Умумиҷаҳонии Гумрук, конвенсияи байналмилалӣ, Хадамоти гумрук, ҳамкорӣ.

**Gayurova R.S., Nazarbekova N.A.**

# COOPERATION BETWEEN THE CUSTOMS AUTHORITIES OF TAJIKISTAN AND THE WORLD CUSTOMS ORGANIZATION

The following article presents the history, main activities, representation and international documents developed by the organization. The author showed the role of the World Customs Organization in strengthening cooperation with the Customs Service under the Government of the Republic of Tajikistan. International customs cooperation is an essential aspect of global cooperation between countries and international organizations in general. It consists of joint coordination of efforts in the field of public relations, which are related to ensuring the order and rules for the movement of persons across the customs border, which is ensured by customs authorities.

**Key words:** World Customs Organization, international convention, customs service, cooperation.

Дар ҷаҳони муосир омили муҳимтарини зиндагӣ ва рушди давлатҳо ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаҳои гуногуни муносибатҳои иҷтимоӣ мебошад. Бо афзоиши интернатсионализатсияи иқтисоди ҷаҳонӣ, ки миқёси ҷаҳонишавиро дар назар дорад, алоқаи байналмилалӣ ва ҳамкории байни кишварҳо метавонад махсусан муҳим бошад.

Мафҳуми ҳамкории байналмилалӣ ҳамкории байни кишварҳо ва дигар субъектҳои ҳуқуқи байналмилалиро дар бар мегирад [4]. Он бо мақсади қабули қарорҳои муштараки мувофиқашуда дар соҳаи дахлдори муносибатҳои ҷамъиятӣ қабул карда мешавад.

Ҳамкории байналмилалӣ кариб дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти инсон ба амал меояд. Мутобиқи як соҳаи мушаххаси чунин муносибатҳо метавон якчанд намуди ҳамкориҳоро баррасӣ кард:

- соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ,
- тандурустӣ,
- ҳифзи моликияти зеҳнӣ,
- ҳимояи озодиҳо ва ҳуқуқҳои инсон;
- фаъолияти гумрук ва ғ.

Ҳамкории ҷаҳонии гумрукӣ ба намудҳои муайяншудаи ҳамкории байналмилалӣ дохил карда мешавад. Он бо интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт аз сарҳад аз ҷониби шахсон зич алоқаманд аст. Ҳамкории кишварҳо дар ин ҷо хусусияти объективӣ дорад, ки зарурати амалҳои ҳамоҳангшударо оид ба танзими равандҳои ҳаракат аз сарҳади гумрукӣ пешакӣ муайян мекунад.

Хусусиятҳои муносибатҳои гумрукӣ аз он иборатанд, ки онҳо бо ҳаракати фаромиллии маҳсулот ва воситаҳои нақлиёт робита доранд. Онхо объективона мавҷудияти хамкории байни мамлакатхоро аз руи ин масъалаҳо пешбинӣ карда, пеш аз ҳама мустаҳкам намудан ва инкишоф додани ҳамкории ҷаҳониро талаб мекунанд.

Муносибатҳои гумрукӣ то ҳадди имкон ба соҳае наздиканд, ки онро ҳуқуқи байналмилалии гумрук танзим мекунад. Пайдоиши онҳо ба ҳамбастагии сарҳадҳои давлатии кишварҳои гуногун, хатҳои алоқаи тартиботи ҳуқуқӣ вобаста аст.

Аҳамият ва зарурати ин соҳа ба далели махсус ниёз надорад. Онҳо дар афзоиши ҳаҷми созишномаҳои гумрукии ҷаҳонӣ, ки дар асоси дутарафа ва бисёртарафа баста мешаванд, фаъолияти СУС ва дигар ташкилотҳои байналхалқӣ ифода ёфтаанд.

Ҳадафҳои ҳамкории байналмилалии гумрукӣ бояд инҳоро дар бар гирад:

1. Ҳифзи амнияти иқтисодии кишварҳо бо ёрии назорати гумрукӣ, пешгирии дастрасӣ ба ҳудуди кишварҳои воридоти молҳо ва аз ин қаламрав баровардани маҳсулоти манъшуда, ҳавасмандгардонии воридот ё содироти баъзе навъҳои маҳсулот.

2. Ҳамоҳангсозии низоми гумрукии кишварҳо тавассути танзими ҳуқуқии муносибатҳои марбут ба гумрук дар раванди технологияҳои гумрукӣ мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ ба вуҷуд меоянд.

3. Мусоидат ба такмили савдои ҷаҳонӣ, таъмини амнияти он ва ҷорӣ намудани воситаҳои гумрукӣ барои осон кардани савдои байналмилалӣ мебошад. Ин тавассути такмил додани расмиёти гумрукӣ, соддагардонӣ ва бо суръати тези раванди гузариши онҳо сурат мегирад. Дар ин ҷо эътирофи мутақобилаи ҳуҷҷатҳои гумрукӣ сурат мегирад.

4. Саъю кӯшиши муштарак дар соҳаи мубориза бо қочоқ ва дигар ҷиноятҳо, мубориза бо терроризми ҷаҳонӣ ва қочоқи маводи мухаддир ва ғайра.

Натиҷаҳои ҳамкории мамлакатҳо дар соҳаи масъалаҳои гумрук дар доираи ҳамкории умумиҷаҳонӣ, натиҷаҳои координатсияи мавқеъҳои давлатҳо оид ба масъалахои алоҳидаи гумрук мувофиқан ба расмият дароварда, мустаҳкам карда мешаванд. Барои тасдиқи созишномаҳои давлатҳо оид ба масъалаҳои гумрук шартномаҳои байналмилалӣ мебанданд.

Бо дар назардошти он, ки муносибатҳои гумрукӣ дар доираи меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, меъёрҳо ва принсипҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи он танзим карда мешаванд, метавон гуфт, ки дар ташаккул ва рушди ҳуқуқи байналмилалии гумрук ҳамчун як соҳаи мустақили ҳуқуқи оммавии байналмилалӣ як пешравии калон ба амал омад. Аз ин рӯ, ҳамкории байналмилалии гумрукӣ дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии гумрук амалӣ карда мешавад ва он бояд ҳамчун системаи меъёрҳо ва принсипҳои танзимкунандаи муносибатҳои байни давлатҳо ва ташкилотҳои байналмилалии байниҳукуматӣ дар ҷараёни ҳамкории онҳо дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ баррасӣ карда шавад. Мақсад ва вазифаҳои ҳуқуқи умумии байналмилалии муосирро ҳуқуқи гумрукии байналмилалӣ пурра дарк мекунанд.

Мақсади асосии ҳуқуқи байналмилалии гумрук танзими муносибатҳои байнидавлатӣ, ба роҳ мондани муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ дар раванди ҳамкориҳои онҳо, рушди ҳамкорӣ ва рақобат, ҳифзи истиқлолияти онҳо, ҳифзи ҳуқуқҳои шахсӣ ва коллективӣ мебошад.

Яке аз самтҳои асосии ҳамкории байналмилалии гумрукӣ ҳамкорӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқ мебошад. Ҳуқуқи байналмилалии гумрук вазифаи ҳифзи ҳуқуқро иҷро мекунад, ки дар ошкор ва рафъи ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ ифода меёбад. Замимаи махсуси “Ҳуқуқвайронкуниҳо”-и Конвенсияи Киото ба ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ бахшида шудааст, ки тибқи он “ҳуқуқвайронкунии гумрукӣ” ҳама гуна вайронкунӣ ё кӯшиши вайрон кардани қонунгузории гумрукро ифода мекунад. Ин Замимаи махсус стандартҳо ва дастурҳои амалияро муайян мекунад, ки аз ҷониби маъмуриятҳои миллии гумрукӣ ҳангоми тафтиш ва муқаррар кардани ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ, ҳабс ё ҳабси молҳо ё воситаҳои нақлиёт риоя карда мешаванд.

Ҳамаи субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, сарфи назар аз тафовути системаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии худ, дар соҳаи муносибатҳои гумрукии байналмилалӣ ҳуқуқ доранд, ки ҳамаи намудҳои назорати гумрукӣ ва амалиёти тарифиро дар ҳудуди гумрукии давлаташон анҷом диҳанд. Давлатҳо набояд ба корҳои гумрукии давлати дигар дахолат кунанд, агар муносибатҳои гумрукии онҳо принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии гумрукиро вайрон накунанд.

Шартномаҳое, ки сарчашмаҳои меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалии гумрукиро дар шакли қоидаҳо ифода мекунанд, маҷмӯи махсуси меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро ташкил медиҳанд. Онҳо як шохаи мустақили ҳуқуқи оммавии байналмилалӣ ва ҳуқуқи гумрукии байналмилалиро ташкил медиҳанд.

Ҳуқуқи гумрукии байналмилалӣ бо шакл ифода ёфта, мазмунаш натиҷаи ҳамкории байналмилалии гумрукии кишварҳо ва дигар субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад.

Таърихи Созмони Умумиҷаҳонии гумрук (СУГ) ба фаъолияти Гурӯҳи омӯзишии Иттиҳоди гумрукии Аврупо, ки моҳи сентябри соли 1947 бо ташаббуси Фаронса дар доираи Кумитаи Ҳамкории Иқтисодии Аврупо таъсис ёфтааст, оғоз меёбад. Созмони Умумиҷаҳонии Гумрук ташкилоти байналмилалии байниҳукуматие мебошад, ки марказаш дар шаҳри Брюссел, давлати Белгия ҷойгир аст. Хадамоти гумруки тақрибан ҳамаи кишварҳои ҷаҳон аъзои ин созмон мебошанд. Кори Созмони Умумиҷаҳонии Гумрук ба таҳияи санадҳои байналмилалӣ, конвенсияҳо оид ба масъалаҳое, ба монанди таснифи молҳо, нархгузории гумрукӣ, қоидаҳои пайдоиш, боҷи гумрукӣ, амнияти занҷираи таъминот, соддагардонии расмиёти савдои байналмилалӣ, мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ ва маҳсулоти қалбакӣ равона шудааст. (ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ), инчунин мубориза бо коррупсия.

Созмони Умумиҷаҳонии Гумрук ба барномаҳои рушди институтсионалӣ, ки ҳадафи дастгирии ислоҳот ва навсозии хадамоти гумрукро доранд, диққати махсус медиҳад. Созмони Умумиҷаҳонии Гумрук Системаи ҳамоҳангшудаи тавсифи мол ва кодификатсия онро таҳия намуда, ду Созишномаи Созмони Умумиҷаҳонии Тиҷоратро

(СУТ) роҳбарӣ мекунад: Созишнома дар бораи истифодаи Созишномаи генералии тарифҳо ва савдо (нархгузории гумрукӣ) дар соли 1994 ва Созишнома дар бораи қоидаҳои муайян кишварҳои пайдоиши мол фаъолият менамояд [2].

Узвият ба ин Созмони бонуфуз имкон медиҳад, ки ҳамкориҳои мутақобилаи судманд ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикиситон ба роҳ монда шавад.

Айни замон, 182 мақомотҳои гумруки кишварҳои ҷаҳон аъзои Созмони мазкур мебошанд.

Аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои аъзоҳақии Созмони мазкур ҳар сол 26 000 ҳазор евро ба суратҳисоби Созмони мазкур пардохт карда мешавад.

Самтҳои асосии фаъолияти созмони мазкур аз инҳо иборат мебошанд:

- такмили қонунгузории гумрукӣ;
- мадернизатсия ва ислоҳоти мақомоти гумрук;
- ҳамоҳангсозӣ ва якхелакунии расмиёти гумрукӣ;
- рушди ҳамкориҳои байналмилалии гумрукӣ;
- омӯзиши кормандони мақомотҳои гумрук;
- хизматрасониҳои машваратию иттилоотии Созмон оид ба фаъолияти гумрукӣ.

Аз ҷониби Созмони мазкур санадҳои байналмилалии зерин таҳия гардидаанд:

- Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳамоҳангсозии системаи тасвир ва рамзгузории молҳо;
- Конвенсияи байналмилалӣ оид ба соддагардонӣ ва мутобиқсозии расмиёти гумрукӣ (Конвенсияи Киото);
- Конвенсия оид воридоти муваққатӣ;
- Декларатсияи Аруш оид ба одоби касбии корманди мақомоти гумрук;
- Системаи чорчӯбаи стандартӣ оид ба таъмини амниятӣ ва мусоидат ба савдои байналмилалӣ [3].

Ҳамзамон, бояд тазаккур дод, ки Созмони Умумиҷаҳонии Гумрук дар аксари минтақаҳои ҷаҳон Дафтари намояндагии худро таъсис додааст.

Яке аз онҳо ин Дафтари минтақавӣ оид ба рушди институтсионалии Созмони мазкур, ки санаи 17 октябри соли 2011 дар шаҳри Бокуи Ҷумҳурии Озорбойҷон таъсис дода шуда, мебошад. Дафтари мазкур яке аз марказҳои калонтарини Созмони болозикр ба шумор рафта аз 182 мақомотҳои гумруки аъзои Созмони умумииҷаҳонии гумрук 53 мақомотҳои гумруки минтақаи Аврупоро дар бар мегирад.

Вазифаи асосии Дафтари мазкур ин фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои мақомотҳои гумруки кишварҳои минтақаи Аврупо дар самти татбиқи бехатарӣ ва соддагардонии тиҷорати байналмилалӣ мебошад [1].

Санаи 23 сентябри соли 2019 зимни мулоқоти Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Дабири кулли ин Созмон Кунио Микурия, ки бо сафари расмӣ дар Тоҷикистон қарор дошт, баррасӣ гардид. Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хостори ҳарчӣ бештари таҳкими ҳамкорӣ бо ин созмони бонуфузи ҷаҳонӣ мебошад.

Бояд қайд намуд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ислоҳоти мақомоти гумруки Тоҷикистон, хусусан тақвияти инфрасохтори он тадбирҳои зарурӣ меандешад. Далели ин қабули Барномаи миёнамуҳлати рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024 мебошад, ки самти асосии он ба ислоҳоти соҳа, таъмини техникӣ ва модернизатсияи инфрасохтори мақомоти гумруки мамлакат нигаронида шудааст.

Бо дахли ҳамкории мақомоти гумруки Тоҷикистон бо мақомоти гумруки кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ Хадамоти гумруки Тоҷикистон бо

мақомоти гумруки 15 давлати ҷаҳон бо мақсади тавсеаи ҳамкории гумрукӣ беш аз 50 санади ҳамкорӣ ба имзо расонидааст.

Ҳамзамон Хадамоти гумруки Тоҷикистон доир ба фаъолияти мақомоти гумруки Тоҷикистон ва нақши он дар таъмини амнияти иқтисодии мамлакат саҳмгузор буда, бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон 17 адад, бо Афғонистон 7 адад, Қирғизистон 5 адад ва Чин 1 гузаргоҳи сарҳадии расмӣ дорад. Аз теъдоди умумии дидбонгоҳҳои гумрукии дар мамлакат фаъол 35 ададро дидбонгоҳи гумрукии назисарҳадӣ, 18 ададро дидбонгоҳи гумрукии дохилӣ, 25 ададро дидбонгоҳи гумрукии автомобилӣ, 4 ададро дидбонгоҳи гумрукии дар роҳи оҳан, 5 ададро дидбонгоҳи гумрукӣ дар майдонҳои ҳавоӣ ва 1 ададро дидбонгоҳи гумрукии обӣ ташкил медиҳад.

Дар ҳамкорӣ ҳамзамон масъалаҳои марбут ба тавсеаи ҳамкории мақомоти гумруки Тоҷикистон бо Созмони Ҷаҳонии Гумрук дар самти мусоидат ба таҳким ва мукаммалгардонии Системаи иттилотии автоматонидашудаи ягонаи (СИАЯ) мақомоти гумрук тариқи пешниҳоди таҷҳизот ва технологияи муосири иттилотӣ, таъминоти коммуникатсионӣ ва барномавии СИАЯ инчунин муҷаҳҳазгардонии дидбонгоҳҳои гумрукӣ бо таҷҳизоти муосири назорати гумрукӣ аз ҷониби давлатҳои рушдёфтаи аъзои Созмони Ҷаҳонии Гумрук, ҷалби кормандони мақомоти гумруки Тоҷикистон ба курсҳои омӯзишии кӯтоҳмуддат ва такмили ихтисос, баррасӣ шуданд.

Самтҳои асосии ҳамкории байналмилалии гумрукӣ унсурҳои асосии субъекти ҳуқуқи байналмилалии гумрук мебошанд. Чунин муносибатҳо дар доираи ҷанбаҳои асосии ҳамкории байналмилалии гумрукӣ, аз ҷумла намудҳои зерини ҳамкорӣ зоҳир мешаванд:

1. дар соҳаи мутобиқгардонии қоидаҳои тасниф ва рамзгузории маҳсулот барои мақсадҳои гумрукӣ (қоидаҳои ташаккули номенклатураи моли тарифҳои гумрукӣ);

2. ягонакунии қоидаҳои арзёбии гумрукии маҳсулот, қоидаҳои ташаккули арзиши гумрукии маҳсулот;

3. мутобиқ намудани қоидаҳои муайян намудани ҳолати истеҳсоли маҳсулот, истифодаи имтиёзҳо дар гумрук;

4. соддагардонӣ ва ҳамоҳангсозии расмиёти гумрукӣ ва дигар расмиятҳо;

5. назорати гумрукии интиқоли шахсон, маҳсулот ва воситаҳои нақлиёт, аз ҷумла муносибатҳои ба он алоқаманд;

Дар шароити ташаккулёбӣ ва рушди муносибатҳои бозоргонӣ, дар мавриди васеъ гардидани алоқаҳои нақлиётӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамлакатҳои ҷаҳон, масъалаи ҳамоҳангсозии системаи иттилоотии ҳаракати анбуҳи бор, шинохтани рахрамзҳои воҳидҳо ва ҳуҷҷатҳои молӣ, нақлиётӣ-гуселкунандаи борҳо мавқеи хеле муҳимро ишғол менамояд.

Таҳқиқоти мазкур барои ташкили интиқол ва идора дар нақлиёт хеле муҳим буда, объекти омӯзиши он пеш аз ҳама: анбуҳи бор ва равандҳои системаи интиқоли борҳо; андозаи захираҳо аз ҳисоби ҷойгиршавии анборҳо; ҷорӣ намудани технологияи пешрафтаи анборкунӣ, коркарди бор ва боркунӣ-борфарорӣ мебошад [2].

Эҳтиёҷот ба якҷоя намудани имконияти молиявии корхонаҳои истеҳсолӣ, тиҷоратӣ оид ба ташкили интиқоли бор аз лиҳози анбор, ҳамоҳангсозии корхонаҳо, истеъмолгарон ва инчунин тавлидгарони мол, анбору базаҳои нақлиётии истифодаи умум яке аз масоили муҳим мебошанд.

Аз ин лиҳоз, мақолаи мазкур яке аз қадамҳои аввалин баҳри баёнсозии паҳлуҳои гуногуни масоили вобаста ба ҷори намудани технологияи иттилоотӣ дар раванди анборкунӣ ба ҳисоб меравад.

Технологияи иттилоотӣ дар раванди анборкунӣ бо роҳи таъмини мошинҳои электронии ҳисоббарор ва воситаҳои алоқаи байни онҳо, ки бо тарзи электронӣ коркарди иттилоотро таъмин менамояд истифода карда мешавад [4].

Яке аз қисмҳои асосии мошинаҳои электронии ҳисоббарорро протсессорҳо ташкил медиҳанд, ки маълумот тавассути онҳо бо истифода аз барномаҳои гуногун коркард меёбад. Тараққиёти электроника протсессорҳоеро bcntҳсол кард, ки андозаи хурд дошта, имкониятҳои васеъ доранд.

Маҳз тавассути компютерикунонии идоракунии анбуҳи материалӣ технологияи иттилоотӣ ба иқтисодиёт ворид шуд. Компютер - ин ҷузъи маъмули воситаи техникӣ дар кори мутахассисони соҳаҳои гуногун гардида, таъмини барномавии компютерҳо имконият медиҳад, ки дар ҳамаи самтҳои фаъолият мушкилотҳои коркарди иттилоот ҳали худро пайдо намоянд. Такмил ёфтани нишондиҳандаҳои техникии микропротсессорҳои зудамал, содда, дастрас ва ғайраҳо имкон медиҳанд, ки иштирокчиён дар доираи як система якҷоя амал намоянд [1].

Дар системаи иттилоотӣ дар қатори дигар масъалаҳо инчунин масъалаҳои идораи фаврии анбуҳҳои материалӣ ҳал карда мешаванд. Бартарии чунин системаҳо дар он аст, ки иттилоот мутобиқати суръати анбуҳи маводӣ ба қайдгирифта, ҳамон лаҳза коркард мешавад. Ҳалли масъалаҳои ба амаломада дар ҳамон вақт натиҷаи дилхоҳ медиҳад, ки агар ҷамъоварӣ, коркард ва интиқоли иттилоот дар реҷаи доираи вақти воқеъӣ, бо истифода аз техникаю технологияи муосир ба амал оянд.

Барои он, ки чунин як системаи динамикӣ фаъолият кунад, бояд оиди ҳар як анбуҳи молҳои ба система воридшаванда, аз система ҳориҷшаванда, инчунин оиди анбуҳи маҳсулотҳои дар дохили система гардишкунанда, иттилооти зарурӣ мавҷуд бошад. Чунин дастгоҳ имконият медиҳад, ки иттилоот оиди амалиёти интиқоли бор ба нуқтаи таъинот ба даст оварда шавад. Иттилооти бадастомада коркард шуда, ба системаи идораи расонидани бор имконият медиҳанд, ки саривақт тағйироти зарурирро муайян созад.

Ғункунии иттилоот бо тарзи автоматикӣ дар натиҷаи истифодаи рах-рамзҳои амалӣ мешавад, ки дар навбати худ, афзалияти технологиявии худро дорост. Барои мисол, рахрамзи тирҳои шакли росткунҷа (ITF-14) осон чоп мешаванд, ки онро дар борҷомаи мол нақш мебандад.

0 9 4 1 2 3 4 5 6 7 8 9 0 8

Расми 1. Намуди рамзгузории борҷомаҳо (Рамзи ITF – 14)

Барои рамзгузории маҳдуд аз рамзи “пайдарҳами 2 аз 5” истифода менамоянд. Тавассути рамзи мазкур рақами тартибии мол, санаи истеҳсол, муҳлат ва ғайра қайд мешавад (расми 2).

1 6 9 0 1 2 0 x 3 4

Расми 2. Шакли рамзгузории иттилооти иловагӣ (Рамзи 128).

Дар муомилот аз намуди рамзи EAN (European Article Numbering) барои молҳои оммавӣ истифода мешавад (расми 3).




Расми 3. EAN – 13

Акнун тартиби истифодабарии рамзи EAN – ро дар амалиёти расонидани бор дида мебароем.

Рамзи EAN тартиби навишти худро дошта, дар он раххои сиёҳ ва раххои сафеди пайиҳамомада, ишора шудаанд. Аз замони дар корхона истеҳсол шудан, рамзи сенздаҳрақама гузошта шуда, дар борҷома нақшбанди мешаванд [3]. Се рақами аввал рамзи мамлакатро нишон медиҳад. Ин қисми рамз санаи 1 майи соли 1995 тасдиқ шудабуд, ки дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 1**

**Номгӯи мамлакатҳо тибқи рамзгузории EAN**

| № т/т | Мамлакат | Рамзи EAN | № т/т | Мамлакат | Рамзи EAN |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ИМА | 00-09 | 29 | Норвегия | 70 |
| 2 | Фаронса | 30-37 | 30 | Исроил | 729 |
| 3 | Булғория | 380 | 31 | Шветсия | 73 |
| 4 | Словения | 383 | 32 | Гватемала, Гондурас, Никорагуа, Коста-Рика, Панама | 740-745 |
| 5 | Хорватия | 385 | 33 | Мексика | 750 |
| 6 | Олмон | 400-440 | 34 | Венесуэла | 759 |
| 7 | Руссия | 460-469 | 35 | Швейтсария | 76 |
| 8 | Латвия | 4605 | 36 | Колумбия | 770 |
| 9 | Тайван | 471 | 37 | Уругвай | 773 |
| 10 | Эстония | 474 | 38 | Перу | 775 |
| 11 | Филиппин | 480 | 39 | Афғонистон | 779 |
| 12 | Гонконг | 489 | 40 | Чили | 780 |
| 13 | Ҷопон | 45,49 | 41 | Эквадор | 786 |
| 14 | Англия | 50 | 42 | Бразилия | 789 |
| 15 | Юнон | 520 | 43 | Италия | 80-83 |
| 16 | Кипр | 529 | 44 | Куба | 850 |
| 17 | Малта | 535 | 45 | Чехия ва Словакия | 859 |
| 18 | Ирландия | 539 | 46 | Албания, Сербия, Македония, Босня | 860 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 19 | Белгия ва Люксимбург | 54 | 47 | Туркия | 869 |
| 20 | Португалия | 560 | 48 | Нидерландия | 87 |
| 21 | Испания | 569 | 49 | Кореяи Ҷанубӣ | 880 |
| 22 | Дания | 57 | 50 | Тайланд | 885 |
| 23 | Полша | 590 | 51 | Сингапур | 888 |
| 24 | Венгрия | 599 | 52 | Индонезия | 899 |
| 25 | Арабистони Ҷанубӣ | 600-601 | 53 | Австрия | 90-91 |
| 26 | Марокаш | 611 | 54 | Австралия | 93 |
| 27 | Финландия | 64 | 55 | Зеландияи Нав | 94 |
| 28 | Чин | 690 | 56 | Малайзия | 955 |

Чор рақами оянда индекси молистеҳсолкунанда, рақамҳои оянда ба партияи мол таалуқ дошта, рақами охирин, яъне, рақами сенздаҳуми рамз, ҳамчун рақами назоратӣ ҳисобида мешавад. Дар ин ҳолат, компютер дувоздаҳ рақамро ба ҳисоб гирифта, онро бо рақами сенздаҳум муқоиса мекунад[5].

Рамзгузорӣ бо раҳҳо ва ба тариқи автоматикӣ ҷамъоварӣ намудани маълумот, бояд бо назардошти технологияи муосир амалӣ карда шавад. Рах-рамзҳо аз тирҳои гуногуни паёпайи сиёҳу сафед ташкил ёфтаанд, ки аз рӯи қоидаи муайян гузошта мешаванд. Рах-рамз ба моле гузошта мешавад, ки дар система ҳамчун объекти идоракунӣ ҳисобида шудааст. Бақайдгирии мол тибқи муқоисакунӣ амалӣ карда мешавад. Мавчудияти рах-рамз дар мол шарти асосии содироти мол ба бозори ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Набудани рах-рамз ба рақобатпазирӣ таъсири манфӣ расонида, фурӯшро зери шубҳа мегузорад. Чунин технологияи иттилоотӣ имконият медиҳад муқаррар намоем, ки кадом мол, бо кадом нарх бояд фурухта шавад, то фоида биёрад. Чи тавре қайд кардем, маълумотҳои зарури оиди мол дар корхонаи истеҳсолгар пас аз истеҳсоли он ба тариқи рамзи EAN-13 навишта мешавад. Ба молҳои тайёр тибқи ададҳои рақамӣ бо усулҳои гуногун рах-рамз гузошта мешавад.

Бояд қайд намуд, ки технологияи гузоштани рах-рамз гуногун буда, аз қолибҳои фотопленкагӣ, чопи офсетӣ (навъи чоп, ки ранг аз рӯи маводи чопшаванда аввал дар қолиби резинӣ мечаспаду баъд аз он ба рӯи коғаз нақш мебандад), листографӣ, нуқтагиву матритсавӣ (лавҳаи ҳарфҳои чидашуда) истифода бурда мешаванд.

Дар мавридҳои зарурӣ, технологияи электронии интиқоли иттилоот ба таври иловагӣ, бо нусхаи электронии ҳуҷҷати роҳбаладикунандаи мол таъмин карда мешавад.

Дар анбори қабулкунанда, муоина ва қабул кардани молҳо тавассути таҷҳизоти махсуси рах-рамзҳо сурат мегирад. Ба ин қабил таҷҳизот қалами муоинакунандаи лазерии портативӣ ё муоинакунандаи статсионерӣ, дохил мешаванд. Иттилоот оиди миқдори мол вобаста аз рамзи молӣ, ба воситаи дастгоҳи ҷамъкунии маълумот, дар хотира сабт мешавад. Пас аз он иттилоот ба компютери анбор кучонида мешавад ва ин маълумот оиди дастаи мол бо он маълумоте, ки ба воситаи алоқаи электронӣ гирифта шудаанд, муқоиса карда мешаванд. Моли муоинакардашуда шинохта шуда, дар экрани компютери хазинавӣ нарх ва дигар маълумоти зарурии мол пайдо мегардад [6]. Ҳамзамон, фурӯши ҳамин маҳсулот дар хотираи компютери асосии мағоза сабт мегардад. Гирифта шудани мол аз анбор ва фурухта шудани он дар макони мавҷудаи мол қайд карда мешавад.

Ҳисобкунии миқдори фурӯши мол имконият медиҳад, ки навъкунонии молҳо сари вақт таъмин карда шаванд. Супоришҳое, ки ба тариқи автоматикӣ тартиб дода шудаанд ба

воситаи алоқаи электронӣ ба мағоза ё зали фурӯши мол гузаронида шуда, талаботи мавҷударо ба ҳар як намуди мол сари вақт муайян менамоянд.

Истифодаи технологияи ба тариқи автоматикӣ шинохтани рах-рамзҳои молӣ дар раванди расонидани бор имконият медиҳад, ки идораи анбуҳи борҳо дар ҳамаи давраҳои ин раванд беҳтар карда шаванд. Ин технология афзалияти зеринро дорад:

-ихтисоршавии миқдори коргарони иловагӣ ва ҳуҷҷати ҳисоботӣ;
- автоматиконии бақайдгирии захираҳо;
- коҳишёбии мӯҳлати расонидани бор;
- ташкили системаи ягонаи ҳисобкунии анбуҳи мавод;
- автоматиконии супоришдиҳӣ мол;
- коҳишёбии мӯҳлати хизматрасонӣ ба мизоҷон.

Ҳамин тавр хулоса менамоем, ки истифодаи технологияи иттилоотӣ дар раванди анборкунӣ ва берун аз суръати ҳаракати молро дар занҷири интиқоли он афзун намуда, ба ширкат манфиати зиёд меорад ва дар маҷмӯ иқтисодиёти мамлакатро ғани мегардонад.

## АДАБИЁТ

1. Бобоев О., Оймаҳмадов М. Асосҳои иқтисодии соҳибкорӣ. – Душанбе., “Анис”, 1997, 416с.
2. Бобоев О. Хароҷоти логистики ва сохтори тиҷорати ҷаҳонӣ, - Душанбе, ДТТ,1997с.
3. Рынок и логистика. – М. 1993 -143с.
4. Гаджинский А.М. Основы логистики. – М. “Маркетинг”, 1996-124 с.
5. Транспортная логистика. - М. Бранусс, 1996 – 145с.
6. Логистика. Учеб. пособ. Аникин Б.А. М. ИНФРА – М, 1997

**УДК 331.1**

**Имомёрбеков Ф.М.**

## НАҚШИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ДАР ИНКИШОФИ ИЛМИЮ ТЕХНИКИИ МАМЛАКАТ ВА СОҲИБКОРИИ ИНННВАТСИОНӢ

Ин мақола ба як қатор саволҳои муҳим оид ба робитаи муҳоҷират ва соҳибкорӣ дар рушди иқтисодӣ посух медиҳад. Бо ин кор, мо нишон медиҳем, ки сиёсатҳои стандартӣ нисбати муҳоҷирон ва соҳибкорони муҳоҷир аксаран ба фаҳмиши нокофии соҳибкорони муҳоҷир асос ёфтаанд. Саволҳое, ки мо ба миён мегузорем, инҳоянд: (а) Оё муҳоҷирон аз шаҳрвандони маҳаллӣ соҳибкортаранд? (б) Оё маблағҳои интиқолии муҳоҷирон соҳибкориро дар кишвари аслии худ маблағгузорӣ карда метавонанд? (в) Оё муҳоҷирони бозгашта эҳтимоли соҳибкор будан нисбат ба ғайримуҳоҷир бештаранд? Ва ниҳоят, дар асоси посухҳо, (г) Оё муҳоҷират барои рушд аҳамият дорад? Мо ба хулосае омадем, ки муҳоҷиронро набояд ҳамчун соҳибкорони олӣ баррасӣ кард ва таъсири (мусбати) рушди муҳоҷират тавассути дигар каналҳо назаррас аст. Бартараф кардани монеаҳои табъиз нисбат ба муҳоҷирон ва соҳибкорони муҳоҷир дар бозори меҳнат, истеъмолӣ ва молиявӣ ба рушди ҳам дар кишварҳои ирсолкунанда ва ҳам дар кишварҳои қабулкунанда мусоидат мекунад, на ҳадди ақал тавассути коҳиши ҳиссаи муҳоҷироне, ки аз соҳибкор шудан намехоҳанд.

**Калидвожаҳо:** муҳоҷират, соҳибкорӣ, рушд, даромад, маҳсулот, самаранокӣ, бозори меҳнат, муҳоҷирати меҳнатӣ, рушди иқтисодӣ, мушкилот, табъиз.

**Имомёрбеков Ф.М.**

## РОЛЬ ТРУДОВОЙ МИГРАЦИИ В НАУЧНО-ТЕХНИЧЕСКОЕ РАЗВИТИЕ СТРАНЫ И ИННОВАЦИОННОЕ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВО

В этой статье ставится ряд важнейших вопросов о взаимосвязи между миграцией и предпринимательством в процессе экономического развития и даются ответы на них. При этом мы показываем, что стандартные меры политики в отношении мигрантов и предпринимателей-мигрантов часто основаны на неадекватном понимании предпринимателей-мигрантов. Вопросы, которые мы ставим, следующие: (а) Действительно ли иммигранты более предприимчивы, чем местные жители? (б) Могут ли денежные переводы мигрантов финансировать предпринимательство в их странах происхождения? (в) Являются ли возвращающиеся мигранты более склонными к предпринимательству, чем немигранты? И, наконец, на основе ответов, (г) Имеет ли значение миграция для развития? Мы приходим к выводу, что не следует рассматривать мигрантов как сверхпредпринимателей и что (положительное) влияние миграции на развитие более значительно по другим каналам. Устранение дискриминационных барьеров в отношении мигрантов и предпринимателей-мигрантов на рынках труда, потребительских и финансовых рынках будет способствовать развитию как в странах отправления, так и в принимающих странах, не в последнюю очередь за счет сокращения доли мигрантов, которые неохотно становятся предпринимателями.

**Ключевые слова:** миграция, предпринимательства, развития, доход, товар, эффективность, рынок труда, миграция рабочей силы, экономическое развитие, проблемы, дискирминация.

**Imomorbekov F.M.**

## THE ROLE OF LABOR MIGRATION IN THE SCIENTIFIC AND TECHNICAL DEVELOPMENT OF THE COUNTRY AND INNOVATIVE ENTREPRENEURSHIP

This article asks and answers a number of critical questions about the relationship between migration and entrepreneurship in economic development. In doing so, we show that standard policies towards migrants and migrant entrepreneurs are often based on an inadequate understanding of migrant entrepreneurs. The questions we pose are: (a) Are immigrants more entrepreneurial than natives? (b) Can migrants' remittances finance entrepreneurship in their countries of origin? (c) Are returning migrants more likely to be entrepreneurs than non-migrants? And finally, based on the responses, (d) Does migration matter for development? We conclude that migrants should not be viewed as super-entrepreneurs and that the (positive) development impact of migration is more significant through other channels. Removing discriminatory barriers against migrants and migrant entrepreneurs in labor, consumer and financial markets will promote development in both sending and receiving countries, not least by reducing the proportion of migrants who are reluctant to become entrepreneurs.

**Key words:** migration, entrepreneurship, development, income, product, efficiency, labor market, labor migration, economic development, problems, discrimination.

Дар шароити муосир соҳибкорӣ ва муҳоҷират ҳамчуни зуҳуроти намоён дар иқтисодиёти миллӣ ва байналмилалӣ қарор доранд. Қайд кардан зарур аст, ки чаро дар ҷаҳон эҳтимол як миллиард соҳибкорон (бо назардошти шуғли худкор) ва зиёда аз 232 миллион муҳоҷирони фаромарзӣ вуҷуд доранд. Ҳамин тариқ, таъсири рушди ҳам муҳоҷирон ва ҳам соҳибкорон эҳтимолан назаррас хоҳад буд. Масалан, маблағҳои

интиқолии муҳоҷирон дар як сол тақрибан 550 миллиард доллари амрикоиро ташкил медиҳанд (бештар аз ду баробар аз маблағи кӯмак) ва онҳо ба коҳиши камбизоатӣ дар баъзе кишварҳо саҳми назаррас доранд. Ба ҳамин монанд, соҳибкорон миллиардҳо маблағҳоро сармоягузорӣ мекунанд ва шумораи зиёди ҷойҳои корӣ эҷод мекунанд. Ҳамин тариқ, ҳам муҳоҷират ва ҳам соҳибкорӣ таваҷҷӯҳи сиёсатмадорон, донорҳо, созмонҳои ғайридавлатӣ ва дигаронро ба таъсири эҳтимолии онҳо ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва рушд ҷалб кардааст.

Мушкилот дар он аст, ки сиёсати соҳибкорӣ ва муҳоҷират аксаран ба камбизоатон ва рушд назар ба фоида зарари бештар мерасонад. На ҳама соҳибкорон ҷойҳои кории устувор ё назаррас эҷод мекунанд, аксарият каме навоварӣ мекунанд ва шумораи зиёди ширкатҳо пас аз чанд сол ноком мешаванд. Дар чунин шароити якхелаӣ, сиёсатҳо аксар вақт бесамаранд ва метавонанд ба натиҷаҳои номатлуб оварда расонанд. Масалан, сабук кардани маҳдудиятҳои вуруд ба соҳибкорони эҳтимолӣ метавонад боиси пайдоиши шумораи зиёди соҳибкорони дорои қобилият ва малакаҳои соҳибкории нокифоя гардад, ки дар якҷоягӣ бо маълумоти асимметрӣ дар бораи малака ва қобилиятҳои онҳо, метавонад боиси коҳиши умумии маблағгузории бонкҳо гардад (ки намехоҳанд ба соҳибкорони дорои қобилияташон заиф қарз диҳад). Бисёр захираҳои маҳдуд барои омода кардани соҳибкорони эҳтимолӣ сарф карда мешаванд, ки натиҷаҳои онҳо ночиз ва ҳатто баръакси интизорӣ доранд. Аксар вақт, иштирокчиёни чунин барномаҳо ҳангоми омӯзиш дарк мекунанд, ки соҳибкор будан чӣ маъно дорад ва аз ин рӯ, саъю кӯшиши онҳо аз ҳисоби ин дониши иловагӣ тағйир меёбад ва ҳатто баъзе одамонеро, ки дар ибтидо нақшаи оғози тиҷорати худро доштанд, рӯҳафтода мекунад.

Дар мавриди муҳоҷират низ сиёсати бемаълумот зараре ба вуҷуд овардаанд ва эҷод мекунанд. Назорати сахттари сарҳад барои пешгирии муҳоҷирати ғайриқонунӣ аз Африқо ба Аврупо, масалан, ҷараёни муҳоҷиратро қатъ накардааст, балки ба ҷои он ба диверсификатсияи роҳҳои муҳоҷират ва сафари хеле хатарноки муҳоҷират оварда расонд.

Дар ҳамин ҳол, баҳс дар бораи паёмадҳои муҳоҷират барои рушди иқтисодӣ дер боз идома дорад ва аксаран эҳсосотӣ дорад. Вақтҳои охир дар ин баҳс ба нақши соҳибкорони муҳоҷир таваҷҷуҳи бештар зоҳир мешавад. Онҳоро аксар вақт соҳибкорон меноманд, ки интизориҳои зиёдро барои нақши онҳо дар эҷоди корхонаҳо ва ҷойҳои нави корӣ ба вуҷуд меорад. Мушкилот дар он аст, ки ин метавонад сиёсати бади муҳоҷиратро пӯшонад ва ҳатто шадидтар гардонад, масалан тавассути асоснок кардани таъкиди аз ҳад зиёд ба ҷалби баъзе навъҳои соҳибкорони муҳоҷир ё омӯзиши муҳоҷирони баргашта ба соҳибкорӣ, на осон кардани дастрасии муҳоҷирон ба кори музднок ва иқтисоди расмӣ.

Баҳси васеътар дар бораи нақши муҳоҷирон дар соҳибкорӣ, ба назари мо, ба фаҳмиши нокофии муҳоҷират ва соҳибкорони муҳоҷир асос ёфтааст.

Дар мубоҳисаҳо оид ба муҳоҷират ва рушд, муҳоҷирон аксаран соҳибкорони олӣ хоҳанд буд, ки аз тариқи тавоноии бештари соҳибкорӣ, интиқоли маблағҳо, фаъолияти соҳибкории фаромиллӣ ва зиракии соҳибкорӣ ба рушд дар кишварҳои пайдоиш ва таъинот манфиат хоҳанд овард. Тарафдорони ин нуқтаи назар ба комёбиҳои соҳибкорони муҳоҷир дар Чин ва Амрико ишора карда, мегӯянд, шояд муҳоҷирон ба кори расмии музднок эҳтиёҷ надошта бошанд. Масалан, қайд карда шудааст, ки дар кишварҳои муваффақ дар ҳоли рушд, аз қабили Чин, 25% муҳоҷирон бо кори худ машғуланд. Саксенян ва дигарон нақши муҳоҷиронро дар рушди водии Силикон, ки дар охири солҳои 1990-ум тақрибан сеяки корхонаҳои технологӣ аз ҷониби соҳибони муҳоҷирон идора мешуданд, ситоиш кардаанд.

Чаро соҳибкорони муҳоҷир «супер-соҳибкор» дониста мешаванд? Далели асосӣ ба интихоб асос ёфтааст. Соҳибкорони муҳоҷир шояд камтар аз хатар рӯ ба рӯ шаванд, ки ин аз қарори онҳо дар бораи муҳоҷират шаҳодат медиҳад, ки ин худ як фаъолияти хатарнок аст ва иддаъо шудааст, ки онҳо тавони бештари имкониятҳои тиҷорати навро муайян

мекунанд, зеро онҳо аллакай имкониятҳои муҳоҷиратро муайян кардаанд. Муҳоҷирон инчунин ба манбаъҳои иловагии дастгирӣ, омӯзиш ва молия дастрасӣ доранд, зеро муҳоҷирон аксар вақт сатҳи таҳсилоти худро баланд мебардоранд ва/ё малакаҳои нав мегиранд, пули бештар сарфа мекунанд ва шабакаҳои иҷтимоии худро васеъ мекунанд.

Сарфи назар аз ин сабабҳои қайдгардида барои дидани соҳибкорони муҳоҷир ҳамчун супер-соҳибкорӣ ва дар асл соҳибкорӣ нисбат ба шаҳрвандони маҳаллӣ, далелҳои таҷрибавӣ дақиқ нестанд. Масалан, як назарсанҷии ахири ОЭСР нишон медиҳад, ки соҳибкории муҳоҷир, ки аз рӯи сатҳи худмашғулият чен карда мешавад, танҳо дар 13 кишвари 25 кишвари ОЭСР нисбат ба соҳибкории ғайримуҳоҷир маъмултар аст. Ба ибораи дигар, тақрибан дар нисфи ин кишварҳои Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд, муҳоҷирон нисбат ба шаҳрвандони муқимӣ камтар кор мекунанд. Гузашта аз ин, дар кишварҳое, ки шумораи зиёди муҳоҷирони корӣ доранд, аз қабили Олмон, Италия, Испания, Швейтсария ва Нидерландия, муҳоҷирон нисбат ба шаҳрвандони доимӣ ба таври худкор шуғл доранд. Дар мавриди муҳоҷирон дар Олмон, Брикси ва дигарон муайян кардаанд, ки муҳоҷирон эҳтимоли камтар бовар доранд, ки онҳо барои пешбурди тиҷорат малакаҳои зарурӣ доранд ва онҳо нисбат ба муҳоҷирони ғайримуҳоҷир бештар аз хатар рӯбарӯ нестанд. Дар мавриди Нидерландия, Янсен ва дигарон муайян кардаанд, ки сатҳи соҳибкорӣ дар байни аҳолии бумии Голландия ва инчунин байни муҳоҷирони турк нисбат ба муҳоҷирон аз Марокаш, Суринам ва Ҷазираҳои Антил тақрибан ду маротиба зиёдтар аст.

Ягона тадқиқоте, ки сатҳи оғозёбиро дар байни муҳоҷирон ва ғайримуҳоҷир дар кишварҳои гуногун муқоиса мекунад, мониторинги Global Entrepreneurship (GEM) дар соли 2012 мебошад. Муайян карда шудааст, ки мизони фаъолияти соҳибкорӣ дар марҳилаи ибтидоӣ (сатҳи оғозёбӣ) дар байни муҳоҷирон ва ғайримуҳоҷир шабеҳ аст ва сатҳи оғози фаъолияти муҳоҷирон дар саросари кишварҳо ба мисли сатҳи ғайримуҳоҷир гуногун аст. Масалан, GEM муайян мекунад, ки танҳо 1,8% фаъолияти соҳибкории марҳилаи ибтидоӣ дар Африқои Ҷанубӣ аз ҷониби муҳоҷирони насли аввал амалӣ карда мешавад, дар ҳоле ки таносуби мувофиқ дар ИМА ва Аврупои Ғарбӣ мутаносибан 11 ва 10% аст.

Ба истилоҳи Шумпетер худшуғлӣ метавонад як нишондиҳандаи сусти соҳибкорӣ бошад. Бисёриҳо бар он ақидаанд, ки хусусияти асосии соҳибкорон навоварӣ, харобии эҷодии онҳост. Пас, то чӣ андоза соҳибкорони муҳоҷир аз ҷиҳати навоварӣ муваффақанд? Қайд карда шуд, ки соҳибкорони муҳоҷир ҳадди ақал дар ИМА дар байни корхонаҳои серафзоянда ва хеле инноватсионӣ ва ширкатҳои биотехнологӣ метавонанд ба таври номутаносиб намояндагӣ кунанд. Дар робита ба инноватсия, тақрибан 16% ширкатҳои баландтехнологӣ дар намунаи охирини ИМА соҳиби муҳоҷир ва илова бар ин, соҳиби муҳоҷири дорои малакаҳои илм ва муҳандисӣ буданд.

Муҳоҷирати байналхалқӣ, ки дар гузашта ба рушди бисёр кишварҳо ва ҳудудҳо таъсири бузург расонида буд, ба равандҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии дар ҷаҳон ҷойдошта таъсири худро идома дода истодааст. Таърихи бисёре аз кишварҳои муосири саноатӣ - ИМА, Канада, Австралия, Зеландияи Нав ва ғайра бо муҳоҷирати байналхалқӣ алоқаманд аст. Дар натиҷаи ҷалби муҳоҷирон ин кишварҳо тавонистанд дар як муддати кӯтоҳ пешсафони иқтисоди ҷаҳон шаванд. Бо вуҷуди ин, на дар ҳама мустамликаҳое, ки аз ҷониби муҳоҷирони Аврупо ҷойгиранд, пешравӣ мушоҳида карда шуд. Он территорияхое, ки ба онхо сармоя аз метрополияхо оварда мешуд, азхуд карда мешуд. Ин маблағгузорӣ барои рушди саноат ва кишоварзии маҳаллӣ, рушди инфрасохтор замина гардид.

Мувофики афкори иктисодии мактабҳои классикӣ ва неоклассикӣ барои ташкили истеҳсолот мавҷудияти ду омил: меҳнат ва сармоя шарти ҳатмист. Он территорияхое, ки ҳаракати муҳочират ба онҳо бе кумаки сармоя равона карда шуда буд, хеле зуд таназзул меёфт — чун қоида, истисмори меҳнати маҳаллӣ ва сарватҳои табииро аз сар гузаронданд.

Иқтисодиёти пешқадами Англияро мисол овардан мумкин аст, ки вай ба Америкаи Шимолӣ ва Австралия локомотивҳо, таҷҳизоти истеҳсолӣ ва масолеҳ медод. Дар баробари ин Испания ва Португалия, ки дар тараққиёти саноат хеле ақиб монда буданд ва мустамликаҳои худро бо сармояи илмталаб ва технологияи баланд таъмин карда наметавонистанд, асосан аз хориҷа ғулом меоварданд.

Назарияи муосири иқтисодӣ омилҳои зерини мусбати муҳоҷирати меҳнатии байналмилалӣ барои кишвари қабулкунандаро муайян мекунад:

– кам кардани арзиши мол ва хизматрасонӣ ва дар натиҷа баланд бардоштани рақобатпазирии саноати маҳаллӣ тавассути паст кардани нархҳо;

– афзоиши талабот дар бозори истеъмолӣ: муҳоҷирони муқими минтақа талаботро ба молу хизматрасонӣ нишон медиҳанд ва ба ин васила саноати маҳаллиро ба афзоиши истеҳсолот ҳавасманд мекунанд;

– афзоиши даромади фондҳои буҷети ва ғайрибуҷетӣ: аз ҳисоби даромади муҳоҷирон, пардохтҳо дар шакли андозҳо ва саҳмҳои суғуртавӣ ба фондҳои нафақа ва дигар фондҳо;

– сарфа дар таълиму тарбияи коргарон, зеро тахмин карда мешавад, ки муҳоҷирони меҳнатӣ аллакай тахассуси дахлдор доранд.

Дар шароити муосир рушди устувори иқтисодӣ ҳам дар сатҳи давлатӣ ва ҳам дар сатҳи минтақавӣ пеш аз ҳама бо истифодаи усули ҳамгирошуда муайян карда мешавад, ки таъсири бисёр омилҳоро ба назар мегирад, аз ҷумла таҳия ва татбиқи технологияҳои нав, истифодаи шаклҳо ва усулҳои самаранок, идоракунии ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт. Аммо дар ин марҳила як қатор масъалаҳои ҳалнашуда ба миён меоянд, ки яке аз онҳо проблемаи ташкили системаи самараноки нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои инноватсионӣ мебошад, ки бояд тавассути системаҳои ҷамъоварии иттилооти оморӣ, сотсиологӣ ва экспертӣ пайгирӣ карда шаванд. Дар марҳалаи муосири рушди ин система усулҳои оморӣ ва эконометрикӣ барои ҷамъбасти маълумотҳо васеъ истифода мешаванд, аммо масъалаи баҳодиҳии якхелаи навоварӣ ҳанӯз ҳалли худро наёфтааст.

Шохиси инноватсионӣ, ки ҳоло барои чен кардани сатҳи фаъолияти инноватсионӣ дар минтақаҳо истифода мешавад, ба назари мо, ба талаботи замон ҷавобгӯ нест.

Шумораи нишондиҳандаҳое, ки ба шохиси инноватсионӣ дохил карда шудаанд, имкон медиҳад, ки самтҳои асосии фаъолияти инноватсионӣ: эҷод ва рушди инноватсия, маблағгузории фаъолияти инноватсионӣ, навоварии маҳсулот ва сатҳи рушди муҳити иттилоотию коммуникатсионӣ арзёбӣ карда шавад. Ба қатори ин нишондиҳандаҳо дохил мешаванд:

– шумораи кормандоне, ки ба кори илмӣ-тадқиқотӣ машғуланд, бо фоизи шумораи умумии коргарони хоҷагии халқ;

– шумораи донишҷӯёни донишгоҳҳо, ба ҳар 10 ҳазор нафар;

– шумораи патентҳои ба қайд гирифташуда ба ҳар 1000 нафар аҳолии дар иқтисодиёт машғулбуда;

– хароҷоти навовариҳои технологӣ, сом. /шахс; – сатҳи интернетикунонӣ, %.

Ин маҷмӯа ба мо имкон медиҳад, ки танҳо қобилияти минтақаҳо дар эҷоди инноватсия ва омодагии онҳоро барои ҷорӣ намудани онҳо дар иқтисодиёт арзёбӣ кунем.

Муҳоҷирати аҳолӣ яке аз равандҳои густурда, ҷаҳонӣ ва пурқуввати иҷтимоии замони мост. Миқёс ва устувории муҳоҷират аҳамият ва хусусияти сохтории нақши онро дар иқтисоди ҷомеаҳои қабулкунанда муайян мекунад. Муҳоҷират дар афзоиши захираҳои меҳнатӣ ва таҳкими иқтидори инноватсионие, ки барои рушди босуръати иқтисодиёт заруранд, саҳми махсус мегузорад.

Гирифтани мутахассисони баландихтисос нақши махсусан муҳими иқтисодӣ мебозад. Ҳамин тариқ, саҳми муҳоҷират ба иқтисодиёт дар дарозмуддат ба таври назаррас меафзояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин мутахассисоне, ки қобилияти интиқоли

технологияҳои инноватсионӣ ва азхудкунии усулҳои интихоби лоиҳаҳои сармоягузориро доранд, ғайри қобили қабуланд. Аммо тадбирҳои вақтҳои охир андешидаи давлат ба куллан тағйир додани вазъият ва ба шаҳрвандони хориҷӣ — мутахассисони сохибихтисос имтиёзҳои басо ҷиддӣ додан нигаронида шудааст.

Соҳибкорӣ ва муҳоҷират дар садри рӯзномаҳои зиёди миллӣ ва байналмилалӣ қарор доранд. Фаҳмидани он осон аст, ки чаро дар ҷаҳон эҳтимол як миллиард соҳибкорон (бо назардошти шуғли худкор) ва зиёда аз 232 миллион муҳоҷирони фаромарзӣ вуҷуд доранд. Ҳамин тариқ, таъсири рушди ҳам муҳоҷирон ва ҳам соҳибкорон эҳтимолан назаррас хоҳад буд. Масалан, маблағҳои интиқолии муҳоҷирон дар як сол тақрибан 550 миллиард доллари амрикоиро ташкил медиҳанд ва онҳо ба коҳиши камбизоатӣ дар баъзе кишварҳо саҳми назаррас доранд. Ба ҳамин монанд, соҳибкорон миллиардҳо сармоягузорӣ мекунанд ва шумораи зиёди ҷойҳои корӣ эҷод мекунанд. Ҳамин тариқ, ҳам муҳоҷират ва ҳам соҳибкорӣ таваҷҷӯҳи сиёсатмадорон, донорҳо, созмонҳои ғайридавлатӣ ва дигаронро ба таъсири эҳтимолии онҳо ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва рушд ҷалб кардааст.

Мушкилот дар он аст, ки сиёсати соҳибкорӣ ва муҳоҷират аксаран ба камбизоатон ва рушд назар ба фоида зарари бештар мерасонад. На ҳама соҳибкорон ҷойҳои кории устувор ё назаррас эҷод мекунанд, аксарият каме навоварӣ мекунанд ва шумораи зиёди ширкатҳо пас аз чанд сол ноком мешаванд. Дар чунин шароити якхела, сиёсатҳо аксар вақт бесамаранд ва метавонанд ба натиҷаҳои номатлуб оварда расонанд. Масалан, сабук кардани маҳдудиятҳои вуруд ба соҳибкорони эҳтимолӣ метавонад боиси пайдоиши шумораи зиёди соҳибкорони дорои қобилият ва малакаҳои соҳибкории нокифоя гардад, ки дар якҷоягӣ бо маълумоти асимметрӣ дар бораи малака ва қобилиятҳои онҳо, метавонад боиси коҳиши умумии маблағгузории бонкҳо. Захираҳои назарраси камёфт барои омӯзиши соҳибкорони эҳтимолӣ сарф мешаванд, ки натиҷаҳои каме ё ҳатто баръакс аз интизорӣ доранд. Аксар вақт, иштирокчиёни чунин барномаҳо ҳангоми таҳсил дар ин самт танҳо дарк мекунанд, ки соҳибкор будан чӣ маъно дорад ва аз ин рӯ, саъю кӯшиши онҳо аз ҳисоби ин дониши иловагӣ тағйир меёбад ва ҳатто баъзе одамонеро, ки дар ибтидо нақшаи оғози тиҷорати худро доштанд, рӯҳафтода мекунад.

Дар мавриди муҳоҷират низ сиёсати бемаълумот зараре ба вуҷуд овардаанд ва эҷод мекунанд. Назорати сахттари сарҳад барои пешгирии муҳоҷирати ғайриқонунӣ аз Африқо ба Аврупо, масалан, ҷараёни муҳоҷиратро қатъ накардааст, балки ба ҷои он ба диверсификатсияи роҳҳои муҳоҷират ва сафари хеле хатарноки муҳоҷират оварда расонд.

Дар ҳамин ҳол, баҳс дар бораи паёмадҳои муҳоҷират барои рушди иқтисодӣ дер боз идома дорад ва аксаран эҳсосотӣ дорад. Вақтҳои охир дар ин баҳс ба нақши соҳибкорони муҳоҷир таваҷҷуҳи бештар зоҳир мешавад. Онҳоро аксар вақт соҳибкорон меноманд, ки интизориҳои зиёдро барои нақши онҳо дар эҷоди корхонаҳо ва ҷойҳои нави корӣ ба вуҷуд меорад. Мушкилот дар он аст, ки ин метавонад сиёсати бади муҳоҷиратро пӯшонад ва ҳатто шадидтар гардонад, масалан тавассути асоснок кардани таъкиди аз ҳад зиёд ба ҷалби баъзе навъҳои соҳибкорони муҳоҷир ё омӯзиши муҳоҷирони баргашта ба соҳибкорӣ, на осон кардани дастрасии муҳоҷирон ба кори музднок ва иқтисоди расмӣ.

Баҳси васеътар дар бораи нақши муҳоҷирон дар соҳибкорӣ, ба назари мо, ба фаҳмиши нокофии муҳоҷират ва соҳибкорони муҳоҷир асос ёфтааст.

Хулоса, на ҳама муҳоҷирон соҳибкор ҳастанд ва навъҳои гуногуни муҳоҷирон эҳтимоли бештар ба соҳибкорӣ, бо мизони муваффақияти мухталиф ноил мешаванд. Аз ин рӯ, дар ин самт пажӯҳиши бештаре лозим аст, то муколама на бештар дар бораи муҳоҷират ва соҳибкорӣ, балки, масалан, дар бораи муҳоҷирони баландихтисос ва соҳибкорӣ, муҳоҷирони иҷборӣ ва соҳибкорӣ ё муҳоҷирон ва зарурат дар баробари соҳибкории имконият бошад. Намудҳои гуногуни муҳоҷират, инчунин намудҳои гуногуни соҳибкорӣ, дар ниҳоят барои рушд низ оқибатҳои гуногун доранд. Аз ин рӯ,

таҳқиқоти минбаъда дар ин самт барои пурра фаҳмидани динамикаи ташаккули таъсири мутақобилаи байни муҳоҷират, соҳибкорӣ ва рушд зарур аст.

Дар шароити муосири бӯҳрони шадиди иҷтимоию иқтисодӣ корхонаҳои хурду миёна муҳимтарин соҳаи иқтисодии Тоҷикистон мебошанд, ки рушди иқтисодии ҷумҳурӣ дар маҷмӯъ бештар аз фаъолияти он вобаста аст. Потенсиали мусбати иқтисодии соҳибкории хурду миёна омили тавонои рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ мебошад. Ин иқтидор дар пур кардани буҷети сатҳҳои гуногун бо даромад ва таъсиси ҳазорон ҷойҳои нави корӣ ифода ёфтааст. Сохторҳои соҳибкории хурду миёна ба рушди муносибатҳои рақобатпазир ва пур кардани бозор бо хизматрасонӣ ва мол мусоидат мекунанд. Зарур аст, ки сиёсати давлатӣ ба фароҳам овардан ва дастгирии муҳити мусоиди меъёрӣ барои рушди соҳибкории хурду миёна асос ёбад. Такмили заминаи ҳуқуқии фаъолияти сохторҳои соҳибкорӣ, рафъи камбудиҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати такмил додани расмиёти бақайдгирӣ, оптимизатсияи онҳо, инчунин ратсионализатсияи системаи назоратро идома додан зарур аст.

Тараққиёти муътадили ин соҳаи иқтисодиёт асоси ташаккули табақаи миёна ва пешрафти бомуваффақияти иҷтимоию иқтисодии мамлакат мебошад. Муҳимтарин омили монеи рушди соҳибкории хурду миёна фишори сохторҳои гуногуни молиявии қарзӣ ва мақомоти фискалӣ мебошад. Илова бар ин, дар танзими зиддиинҳисорӣ камбудиҳо, номукаммалии санадҳои қонунгузорӣ, нарасидани хадамоти иттилоотию машваратӣ ҷой доранд.

Сарфи назар аз шумораи афзояндаи адабиёт оид ба таъсири рушди гардиши афзояндаи интиқоли маблағ ба кишварҳои фақир, танҳо ба наздикӣ ба иқтидори муҳоҷирони бозгашта барои оғози тиҷорат дар кишвари худ таваҷҷӯҳ зоҳир карда мешавад. Ин инъикоскунандаи он аст, ки аксари муҳоҷират муваққатӣ аст, на доимӣ. Аз ин рӯ, муҳоҷирон метавонанд дар вақти дур аз кишвар ё минтақаи худ таҳсил кунанд, инчунин пасандоз ҷамъ кунанд ва шабакаҳои хориҷиро эҷод кунанд, ки ҳамаи онҳо метавонанд ҳангоми бозгашт мушкилоти оғози тиҷорати навро сабук кунанд.

Аммо, ҳангоми дар хориҷа будан, муҳоҷирон метавонанд робитаи худро бо доираҳои худ дар дохил қатъ кунанд ва аз ин рӯ, бекурбшавии сармояи иҷтимоии худро эҳсос кунанд, ки пас аз бозгашт оғоз кардани як корхонаи навро мушкил мекунад. Мутаносибан, то он дараҷае, ки маҳдудиятҳои қарзӣ ва набудани малака ва таҷриба монеаҳои соҳибкорӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва сармояи иҷтимоӣ камтар муҳим аст, мо интизор будем, ки муҳоҷирони баргашта метавонанд нисбат ба ғайримуҳоҷир эҳтимоли таъсиси ширкатҳои навро доранд.

Ҳамин тавр, беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ имкон медиҳад, ки суботи иқтисодиёти Тоҷикистон дар баробари омилҳои манфии беруна баланд гардад ва барои рушди бемайлони соҳибкории хурду миёна дар ҷумҳурӣ имкониятҳои мушаххас фароҳам оварад. Бахши иқтисодии соҳибкорӣ василаи муассири ҳалли мушкилоти афзоиши бекорӣ буда, барои татбиқи равандҳои худмашғулияти аҳолӣ иқтидори хуб фароҳам меорад, ки ин барои Тоҷикистон дар партави муҳоҷирати кории берунии аҳолии синни қобили меҳнат аҳамияти хоса дорад.

**АДАБИЁТ**

1. Г.В. Кумсков, Н.Е. Бейшеналы – Последствия вступления Кыргызстана в Таможенный союз и ЕЭП для рынка труда и человеческого капитала страны. – Санкт-Петербург, 2013. – 122 с.
2. Гибсон Дж., Маккензи Д. Экономические последствия "утечки мозгов' из лучших и одаренных: микроэкономические данные из пяти стран. Econ J. 2012;122 (560):339-75.

3. Гурганд М., Ламберт С., Рапопорт Х., Зену Ю. Миграция и развитие: выводы 3-й[rd] конференции AFD-Всемирного банка по миграции и развитию. Region Sci Urban Econ. 2012;42(5):761-4.
4. Дастманн С., Кирхкамп О. Оптимальная продолжительность миграции и выбор вида деятельности после ремиграции. J Dev Econ. 2002;67(2):351-72.
5. Докье Ф., Рапопорт Х. Глобализация, утечка мозгов и развитие. Экономическая литература. 2012;50(3):681-730.
6. Илахи Н. Возвратная миграция и смена профессии. Rev Dev Econ. 1999;3(2):170-86.
7. Ицигсон Дж. Денежные переводы мигрантов, рынки труда и стратегии домохозяйств: сравнительный анализ стратегий домохозяйств с низким доходом в Карибском бассейне. Силы Soc. 1995;74(2):633-55.
8. Келли Д., Сингер С., Херрингтон М. Глобальный отчет Global entrepreneurship monitor за 2011 год. Лондон: Ассоциация глобальных исследований предпринимательства; 2012.
9. Левитт П. Социальные денежные переводы: формы культурного распространения на местном уровне, обусловленные миграцией. Int Migr Rev. 1998; 32 (4): 926-48.
10. Льюис В.А. Экономическое развитие при неограниченном количестве рабочей силы. Manch Sch. 1954;22(2):139–91.
11. У.Ж. Эргешбаев У. Ж. – Проблемы внешней трудовой миграции населения Кыргызстана // Проблемы социально-демографического развития государств Таможенного Союза: материалы международной научной конференции. — М.: ИСПИ РАН, 2015. – С. 166–171
12. Фанкхаузер Э. Миграция из Никарагуа: некоторые недавние данные. Мировые разработчики. 1992;20(8):1209-18.
13. Фрайтерс П., Конг Т., Мэн Х. Предприниматели-мигранты и кредитные ограничения в условиях дискриминации на рынке труда. Бонн: Дискуссионный документ IZA № 5967, Институт изучения труда; 2011.
14. Янсен М., де Кок Дж., ван Спронсен Дж., Виллемсен С. Предпринимательство иммигрантов в Нидерландах. Zoetermeer: Отчет об исследовании H200304, SCALES; 2003.

**УДК:338**

**Исмоилов М.М., Эшбоев Ҷ.А.**

# АҲАМИЯТИ КОРХОНАҲОИ ШАБАКАВӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ

Мақолаи мазкур барои баланд бардоштани аҳамияти корхонаҳои шабакавӣ дар иқтисодиёти рақамӣ бахшида шудааст. Дар корхонаҳои шабакавӣ ташкил ва истифодабарии технологияҳои муосири электронӣ, истеҳсол ва истеъмоли маълумот, технологияи истеҳсолот, сармояи зеҳнии инсон ва иттилоот тахлил шуда, аҳамияти иқтисодиёти зеҳнӣ (сармояи зеҳнӣ) ва инноватсионии он кушода шудааст. Аҳамияти корхонаҳои шабакавӣ дар иқтисодиёти рақамӣ ин аз беҳтаргардонии истифодабарии ҳамаи захираҳои ташкилот барои баланд бардоштани чандирии он ва мутобиқшавӣ ба муаммоҳои дохила ва беруна, баланд бардоштани сифати қарорҳои қабулшаванда ва мутаносибан баланд бардоштани рақобатпазирӣ иборат аст.

**Вожахои калиди:** ташаккули инстутсионалӣ, корхонаҳои шабакавӣ, иқтисодиёти рақамӣ, шакли нави тартиботи иқтисодӣ, иқтисодиёти миллӣ.

**Исмоилов М.М., Эшбоев Ж.А.**

## ЗНАЧИМОСТЬ СЕТЕВОГО БИЗНЕСА В ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКЕ

Данная статья посвящена повышению значимости сетевых предприятий в цифровой экономике. Анализируются организация и использование современных электронных технологий, производства и потребления данных, технологий производства, человеческого интеллектуального капитала и информации на сетевых предприятиях, а также раскрывается значение интеллектуальной экономики (интеллектуального капитала) и ее инновационности. Важность сетевых предприятий в цифровой экономике заключается в улучшении использования всех ресурсов организации для повышения ее гибкости и адаптации к внутренним и внешним проблемам, повышении качества принимаемых решений и соответственно, повышении конкурентоспособности.

**Ключевые слова:** институциональное формирование, сетевые предприятия, цифровая экономика, новая форма экономического строя, национальная экономика.

**Ismailov M. M., Eshboev J. A.**

## THE IMPORTANCE OF NETWORK BUSINESS IN THE DIGITAL ECONOMY

This article is devoted to increasing the importance of network enterprises in the digital economy. The organization and use of modern electronic technologies, production and consumption of data, production technologies, human intellectual capital and information in network enterprises are analyzed, and the importance of the intellectual economy (intellectual capital) and its innovativeness is revealed. The importance of network enterprises in the digital economy lies in improving the use of all resources of the organization to increase its flexibility and adaptation to internal and external problems, improving the quality of decisions made and, accordingly, increasing competitiveness.

**Key words:** institutional formation, network enterprises, digital economy, new form of economic system, national economy.

Комёбиҳо дар соҳаҳои технологияи ахборӣ – коммуникатсионӣ дар фаъолияти инсоният ба ташаккули имкониятҳои сохтори нави ташкилӣ ва инстутсионалӣ оварда расонд. Яке аз онҳо корхонаҳои шабакавӣ мебошад, яъне сифатан шакли нави тартиботи иқтисодӣ, ки аз муносибатҳои иқтисодии шаклҳои бозорӣ ва иерархӣ дар иқтисодиёти миллӣ ташаккул ёфт, ки мақсади ислоҳоти иқтисодӣ мебошад.

Дар бораи самтҳои аҳамияти и сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд: «Сарфи назар аз таҳаввулоти дар иқтисоди ҷаҳон идомадошта ва таъсири манфии омилҳои берунӣ ба иқтисоди миллии мо, дар натиҷаи татбиқи самараноки ислоҳоти иқтисодӣ, амалӣ намудани стратегияву барномаҳо ва тадбирҳои зиддибуҳронӣ дар панҷ соли охир рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ҳамасола ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7,3 фоиз таъмин гардида, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 71 миллиард ба 115 миллиард сомонӣ расид ва ба ҳар сари аҳолӣ 1,5 баробар афзоиш ёфт»[1].

Корхонаҳои шабакавӣ яке аз самтҳои аҳамияти иқтисодӣ ва фаъолияти босуръат буда, имкониятҳои соҳибкорӣ нишон медиҳад. Зеро корхонаҳои шабакавӣ – ин сохтори ба таври систематикӣ ташкилшудаи доираи муносибатҳо дар шабакаҳои телекоммуникатсионӣ ва интернетҳо дар худ истеҳсол, нигоҳдорӣ, ҷустуҷӯ ва додани

технология ва маҳсулотҳои нави информатсионӣ буда, гардиши молу хизматҳоро зиёд мекунад.

Дар ташаккули модели рушди саноатӣ-аграрӣ ба корхонаҳои шабакавӣ ҳамчун фаъолияти аҳамияти и инноватсионӣ диққати асосӣ дода мешавад.

Корхонаҳои шабакавӣ шакли хоҷагидориест, ки фаъолияти он ва истифодаи телекоммуникатсияи рақамӣ (шабакаҳои электронӣ) самаранокии баланди иқтисодиро таъмин менамояд.

Назарияи корхонаҳои шабакавӣ дар худ пуррагии барномаи методологии тавсифдиҳандаи хусусият ва хислатҳои системаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии асри XXI-ро нишон медиҳад.

Мафҳуми «ҷомеаи иттилоотӣ», ки И.Маъсуд пешниҳод кардааст, марҳилаи пешрафтаи ҷомеаи иттилоотӣ мебошад, ки ба эҷоди оммавии дониш асос ёфтааст, аллакай дар ибтидои асри XXI ташаккул ёфтааст [4.39].

Аҳамияти ҷомеаи иттилоотӣ «иқтисоди шабакавӣ» мебошад.

Мафҳуми «корхонаҳои шабакавӣ » ҳанӯз аз ҷониби ҳама пазируфта нашудааст ва аз ин рӯ, дар баробари он дигар мафҳумҳо низ истифода мешаванд, аз қабили иқтисодиёти иттилоотӣ, иқтисодиёти робитаҳои мустақим ва ғайра.

Мафҳуми «корхонаҳои шабакавӣ» ҳамчун муҳити фаъолияти иқтисоди электронии ҷаҳонӣ фаҳмида мешавад, зеро низомҳои иқтисодӣ на ба он чизе, ки истеҳсол мешавад, балки чӣ истеҳсол мешавад, бо кадом воситаҳои истеҳсолот фарқ мекунанд. Ин махз дар онҳо кувваҳои аҳамияти и истеҳсолкунанда-одамро инкишоф медиҳанд (дар ин бора дар поён сухан меравад).

Барои омӯзиши соҳибкории шабакавӣ, ба андешаи мо, шароити ташаккули он, миқёс ва хусусиятҳои фаъолияти онро таҳлил кардан лозим аст.

Шарти барпо намудани корхонаҳои шабакавӣ иваз кардани сохтори технологии 4-ум (инкишофи мошинсозии махсус ва химизатсияи истеҳсолот) ба 5-ум (технологияҳои навтарини ҳисоббарор ва информатсионӣ, алоқаи кайҳонӣ, нахи оптикӣ, биотехнология) мебошад.

Натиҷа ҳамин аст, ки дар иқтисодиёти шабакавӣ истеҳсолоти автоматиконидашуда, роботҳо, асбобҳо, дастгоҳҳо ва мошинаҳо, инчунин одамон бо ҳам алоқамандананд.

Технологияҳои нави оптикӣ ва нейронӣ (дар аҳамияти моделсозии компютерии майнаи инсон) дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ имкониятҳои бесобиқаро мекушоянд.

Асоси рушди корхонаҳои шабакавӣ назарияи Г.Бенеско мебошад. Ба гуфтаи Г.Бенеско, ҷомеаҳои электронӣ таъсис дода мешаванд, ки ҳадафашон ба дастгирии соҳаҳо ва соҳаҳои дахлдор ё вазифаҳои соҳибкорӣ нигаронида шудааст [2].

Рушди корхонаҳои шабакавӣ дар кишварҳои гуногун ва замонҳои гуногун далели заминаҳои технологии рушди шабака, масъалаҳои шабакавӣ ва соҳибкорӣ мебошад.

Шарти назариявии рушди корхонаҳои шабакавӣ тамоюли ҷустуҷӯи захираҳои нав ва роҳҳои самараноки истифодаи онҳо мебошад.

Дар системаи иқтисодӣ ба корхонаҳои шабакавӣ нақши воситаи тақсимоти самараноки захираҳои маҳдуд гузошта шудааст.

Барои ҳалли масъалаҳои рушди маҷмааи корхонаҳои шабакавӣ амсилаҳои иқтисодӣ - математикии ҷойдошта, ё такмил намудани онҳо, ё коркарди амсилаи зарурии иқтисодӣ-математикӣ зарур мебошад. Вобаста аз натиҷаи таҳлили амсилаҳои рушди корхонаҳои шабакавӣ, таснифи амсилаҳои фаъолияти корхонаҳои шабакавӣ асоснок ва мавриди истифода қарор дода мешавад. Ин ба дастгирии барномаҳои рушди корхонаҳои шабакавӣ ва фароҳам овардани шароити мусоиди иқтисодӣ тадбирҳои мушаххас зарур мебошад.

Дар иқтисоди ҷаҳонӣ марҳилаҳои зерини рушди корхонаҳои шабакавӣ ҷудо карда мешаванд:

*Дар марҳилаи якуми* (солҳои 1960—1970) пайдоиши мошинҳои электронии ҳисоббарор (компютерҳо) ва системаи шабакаҳои ҳисоббарор тартиб дода шуда, модели мубодилаи иттилоот ба вуҷуд оварда шуд.

*Дар марҳилаи дуюм* (солҳои 1970—1980) аввалин микропротсессорҳо ва кортҳои хотира сохта шуда, консепсияи ташаккули шабакаҳои компютерӣ таҳия карда шуд.

*Дар марҳилаи сеюм* (солҳои 1980–1990) фазои интернет ба вуҷуд омад, системаҳои автоматии идоракунии дороиҳои истеҳсолӣ ҷорӣ карда шуданд, принсипҳои тиҷорати электронӣ пайдо шуданд.

*Дар марҳилаи чорум* (1990–2000) шабакаи ҷаҳонии интернет таҳия карда шуд World Wide Web, EDI (мубодилаи маълумотҳои электронӣ), принсипҳои рушди тиҷорати электронӣ ба таври назаррас тағйир ёфтанд.

*Марҳилаи панҷум* (соли 2000 - давраи муосир) боиси афзоиши фавкулоддаи истифодабарандагони Интернет ва рушди системаи савдои электронӣ бо истифода аз почтаи электронӣ гардид.

Парадигмаи гузариш ба иқтисодиёти саноатӣ-аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо хусусиятҳои корхонаҳои шабакавӣ зич алоқаманд аст, ки мантиқи навъи фаҳмиши ҷараёнҳои иқтисодиро талаб мекунад.

Рушди корхонаҳои шабакавӣ бо таҳияи технологияҳои муосир ва кам кардани хатарҳо алоқаманд аст.

Корхонаҳои шабакавӣ ин ташкил ва истифодабарии фишанги таъминкунандаи нигаҳдории самаранок, гирифтан ва додани ахборот ба ҳисоб меравад.

Корхонаҳои шабакавӣ дар аҳамияти иқтисодиёти зеҳнӣ ва инноватсионии он ташаккул меёбад.

Замимаи иқтисодии ташаккули корхонаҳои шабакавӣ инҳоянд:

- гузариш аз ҷомеаи индустриалӣ ба постиндустриалӣ;
- ба вуҷуд овардани инфраструктураи истеҳсол ва ҳаракати неъматҳои моддӣ;
- пайдоиш ва паҳншавии босуръати интернет.

Асосҳои консептуалии ташаккули корхонаҳои шабакавӣ, аз як тараф модели иқтисодии ҷомеаи шабакавӣ ва аз тарафи дигар усули воридшавии иқтисодиёти миллӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад.

Иқтисодиёти шабакавӣ -ин муҳитест, ки дар он ҳамаи намуди ширкат ва индивиди дар нуқтаи гуногуни системаи иқтисодӣ қарордошта, метавонад ба таври осон ва бо хароҷоти кам бо дигар ширкат ва ё индивид аз рӯи технологияи ташкили истеҳсолот алоқа намояд.

Махсусан, корхонаҳои шабакавӣ -ин ҳамкорӣ, савдо, мубодилаи ғояҳо ва ё ноу-хау ва ё қонеъгардонии талаботи онҳо мебошад. Шарти аҳамияти и мавҷудияти корхонаҳои шабакавӣ ин рушд ва паҳншавии интернет-технология ва интиқоли намудҳои гуногуни фаъолияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба муҳити электронии интернет ва ташкили баҳамалоқамандӣ дар таҷрибаи иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад.

Дигаргунсозии ташкилиҳо дар корхонаҳои шабакавӣ хати амудии иерархиро дар иқтисодиёт инъикос мекунад.

Дар аҳамияти тезисҳо мо метавонем муайян кунем, ки корхонаҳои шабакавӣ як роҳи усули хоҷагидорӣ мебошад, ки бо ёрии он маҳсулоти истеҳсолшуда одилона тақсим карда мешавад.

Корхонаҳои шабакавӣ ин муҳитест, ки дар он ҳамаи намуди ширкат ва индивиди дар нуқтаи гуногуни системаи иқтисодӣ қарордошта, метавонад ба таври осон ва бо хароҷоти кам бо дигар ширкат ва ё индивид аз рӯи технологияи ташкили истеҳсолот алоқа намояд.

Хусусиятҳои консептуалии ташаккули корхонаҳои шабакавӣ:

1. Амалҳои такрорӣ ва автоматиро беэътибор мегардонад ва тасаввуроти арзишӣ, эҷодкорӣ, асолатро зиёд мекунад;

2. Маҳсулоти истеҳсолкардаи корхонаҳои шабакавӣ аз ҷиҳати экологӣ тоза ва арзон мебошад;

3. Дар шароити шабака вобастагии шахс аз истеҳсолкунандагони мушаххаси молу хидматҳо аз байн меравад, зеро барои ҳар кадоми онҳо иқтисодиёти шабака метавонад ивазкуниро пешниҳод кунад.

Ташаккули корхонаҳои шабакавӣ ва ворид шудан ба соҳибкории шабакавии глобалӣ бо шакли дастрас дар расми 1. нишон дода шудааст.




**Расми 1. Ташаккули корхонаҳои шабакавӣ ва соҳибкории шабакавии глобалӣ**
**Ташаккули соҳибкории шабакавии глобалӣ бо формулаи зерин муайян карда мешавад: иқтисоди анъанавӣ + захираҳои иттилоотӣ ва технологияҳо + корхонаҳои шабакавӣ = соҳибкории шабакавии глобалӣ**
*Таҳияи муаллиф*

Хусусиятҳои ташаккули корхонаҳои шабакавӣ чунин ҳастанд:

- тағйирёбии сохтори шуғл дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ бо воситаи хизматрасонии тақсимотӣ;
- тағйирёбии нақши омилҳои муҳити атроф дар зинаи рушди баъди индустриявӣ вобаста бо рушди истеҳсолоти ҷаҳонӣ ва ҷамъшавии партовҳои саноатӣ дар муҳити табиат;
- корхонаҳои шабакавӣ ба рушди ҷараёни оммавишавӣ мусоидат мекунад;
- кам шудани хатари истеъмолкунандагон аз ҳисоби дастрасӣ ба ахборҳои камарзиш ва пурраи ба пешгӯии аниқи ҳодисаҳои имконпазир имкондиҳанда.

Нисбатан оддӣ ва содда будани ташаккули корхонаҳои шабакавӣ дар шароити кишвар, имконияти танзими давлатӣ ва бозории рушди соҳибкории шабакавӣ, ташаккули корхонаҳои шабакавӣ дар шаклҳои гуногуни моликият ва имконияти пурратар қонеъ гардондани талаботи аҳолӣ ва муайян намудани омилҳои рушди он, инъикос меёбад.

Корхонаҳои шабакавӣ маънои ташкили чунин муҳитеро дорад, ки дар он ягон ширкат ё шахсе, ки дар дилхоҳ низоми иқтисодӣ ҷойгир аст, метавонанд ба осонӣ ва бо хароҷоти кам бо ягон ширкати дигар ё шахс барои кори якҷоя, мубодилаи ақидаҳо ва донишҳо ё ин ки барои хушнудии алоқа ҳамкорӣ кунанд. Дар аҳамияти ин таркиби соҳибкорӣ дар корхонаҳои шабакавиро муайян менамоем.

Сенарияҳои шабакавӣ метавонанд ба тиҷорати хурд, аз ҷумла истеҳсолкунандагони маҳсулоти баландтехнологӣ (био ва нанотехнологияҳо, дорусозӣ, IT ва ғайра) татбиқ карда шаванд.

Тамоюлҳои корхонаҳои шабакавӣ бо эҷод ва навсозии нармафзор, микросхемаҳои компютерӣ, алоқаи мобилӣ ва ғайра, умуман он намудҳои фаъолияти инсон, ки ба пешрафти техникӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ дахл доранд, алоқаманд аст.

Дар айни замон, корхонаҳои шабакавӣ бо он соҳаҳои иқтисодиёт, ки самаранокии онҳо аз дараҷаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар равандҳои истеҳсолот вобаста аст, алоқамандии зич дорад.

Истифодабарии бомувафаққияти технологияи ахборӣ дар корхонаҳои шабакавӣ ташкилотро ба сохтори шабакавӣ табдил медиҳад, ки ба он сифати навро медиҳад, аз ҷиҳати оморӣ бо шакли анъанавии пешинаи мавҷудияти он муқоисанашаванда мебошад.

Афзалияти аҳамиятии ин аз беҳтаргардонии истифодабарии ҳамаи захираҳои ташкилот барои баланд бардоштани чандирии он ва мутобиқшавӣ ба муаммоҳои дохила ва беруна, баланд бардоштани сифати қарорҳои қабулшаванда ва мутаносибан баланд бардоштани рақобатпазирӣ иборат аст.

Ва мафҳуми зерини соҳибкории шабакавӣ - намуди нави ташкили истеҳсолоти инноватсионӣ бо шабакаҳои телекоммуникатсионӣ пешниҳод мекунем.

Корхонаҳои шабакавӣ механизмҳои бозорӣ ва нақшавиро дар ягонагии худ муттаҳид месозад.

Корхонаҳои шабакавӣ дар 2 зина ташаккул ёфтааст:

- ташаккули муҳити ахборӣ;
- рушди корхонаҳои шабакавӣ.

Дар парадигмаи ахборӣ рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ *2 роҳи ташаккул* ва рушди муҳити ахборӣ ва дар навбати худ корхонаҳои шабакавӣ мавҷуд мебошад.

*Роҳи аввали ташаккули* корхонаҳои шабакавӣ: муҳити инноватсионӣ барои ҷараёни азнавистеҳсолии ҳаёти ҷамъиятӣ худи одамон дар муносибатҳои муайян баромад менамоянд.

*Роҳи дуюм ташаккули* корхонаҳои шабакавӣ ин пайдоиши иқтисодиёти рақамӣ мебошад.

Ҳамин тавр корхонаҳои шабакавӣ дар аҳамияти иқтисодиёти зеҳнӣ, сохторҳои ташкилӣ, омехта ва инноватсионии он ташаккул меёбад.

Рушди минбаъдаи корхонаҳои шабакавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо зиёд шудани истифодаи иттилоот алоқаманд мешавад.

Зеро, корхонаҳои шабакавӣ ин ташкил ва истифодабарии технологияҳои муосири электронӣ, истеҳсол ва истеъмоли маълумот, технологияи истеҳсолот, сармояи зеҳнии инсон ва иттилоот мебошад. Корхонаҳои шабакавӣ дар аҳамияти иқтисодиёти зеҳнӣ (сармояи зеҳнӣ) ва инноватсионӣ ташаккул меёбад.

Ҳамин тавр, корхонаҳои шабакавӣ аз баланд бардоштани гардиш, азнавистеҳсолкунӣ ва паҳншавии ахбор иборат буда, рушди дурнамои иқтисодиёти минтақа ва миллиро таъмин менамояд.

## АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.12.2022 [манбаи электронӣ]. – URL: http://prezident.tj/node/29823 (санаи истифодабарӣ: 23.11.2023)
2. Безрукова Т.Л. Развитие предпринимательских сетей: особенности и тенденции / Т.Л. Безрукова, С.С. Морковина, И.С. Крючков // ФЭС: Финансы. Экономика. Стратегия. – 2011. – №12. – С.68-72.
3. Бойматов А.А. Формирование стратегии устойчивого развития региональной экономики. Коллективная монография / А.А. Бойматов, А.Х.Авезов, Т.Р. Ризокулов, и др. – Душанбе: «Ирфон», 2014. – 279 с.

Боиси қайд аст, ки тамоюли болоравии сатҳи рушди иқтисодӣ-иҷтимоии мамлакат ва минтақаҳои он бояд устувор бошад. Зеро, пайваста бо афзоиши аҳолӣ талаботи ҷомеа ба неъматҳои ҷамъиятӣ ва хизмарасониҳои иҷтимоӣ меафзояд. Тавре аз ҷадвали 3., бармеояд дар давоми солҳои 2017-2022 ҳаҷми МММ аз 16003,7 млн. сомонӣ то ба 33832,1 млн. сомонӣ афзудааст. МММ ба сари аҳолӣ аз 5125 сомонӣ то ба 9368 сомонӣ (афзоиш 1,8 маротиба).

**Ҷадвали 3. - Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ-иҷтимоии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022 нисбат ба 2017, маротиб. |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ млн. сомонӣ** | 16003,7 | 17107,5 | 19664,0 | 22080,5 | 26967,8 | 33832,1 | 2,1 |
| **МММ ба сари аҳолӣ, сомонӣ.** | 5125 | 5223 | 5872 | 6446 | 7624 | 9368 | 1,8 |
| **Миқдори миёнасолаи аҳолии шуғлдошта дар иқтисод, хаз. нафар.** | 447,7 | 456,7 | 473,2 | 476,0 | 486,8 | 513,3 | 1,14 |
| **Сатҳи бекорӣ, %** | 1,5 | 2,2 | 1,8 | 1,55 | 1,66 | 1,7 | 2,5 |
| **Даромади буҷети маҳаллӣ, млн. сомонӣ.** | 1467,9 | 1546,7 | 1720,4 | 1848,9 | 2225,5 | 2489,5 | 1,7 |
| **Мусоидати молиявӣ (субвенсия) аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ҳазор. сомонӣ** | 525880 | 461007 | 434580 | 485335 | 613329 | 603315 | 1,14 |
| **Музди маоши миёна,** | 843,39 | 913,33 | 998,54 | 1053,78 | 1143,19 | 1265,12 | 1,5 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **сомонӣ.** | | | | | | | |
| **Музди миёнаи нафақа, сомонӣ.** | 259,18 | 296,73 | 291,5 | 311,31 | 361,18 | 385,19 | 1,5 |

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф аз рӯи маълумотҳои расмии Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2023, С.13, 61,75, 214.

Мутаносибан даромади буҷети давлатӣ ҳамчун манбаи аслии рушди бахши иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа 1,7 маротиба афзоиш ёфт. Коэффисенти суръати афзоиши солонаи даромади буҷет 1,96 банди фоизро ташкил намуд. Ҳамчунин мусоидати молиявӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳури ба буҷети маҳаллии вилояти Хатлон дар марҳилаи таҳлилшаванда дар давраи солҳои 2017- 525880, то соли 2022 - 603315, вазни қиёсии он ба 77435, ё ин, ки 1,14 маротиба афзоиш ёфтаат.

Тамоюли чунин афзоиш, фаъолгардонии вазифаҳои давлат дар коркард ва нигоҳдории иқтисоди бозории ба самти иҷтимоӣ нигаронидашуда башумор меравад, ки он хоси давлатӣ иҷтимоӣ мебошад. [5, стр.225-263,].

Музди маоши миёнаи кормандон тақрибан 1,5 маротиба ва андозаи нафақаҳо низ 1,5 маротиба афзудааст. Дар марҳилаи таҳлилшаванда микдори миёнасолонаи аҳолии бо шуғл таъмин буда ба 3963,7 ҳазор ва ё 114% афзоиш ёфтааст. Аммо сатҳи бекорӣ дар 2022с., ба 1,7% баробар шуда, тамоюли афзоишёбиро дар худ касб намудааст.

Аз ин хотир, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар доираи татбиқи стратегияи индустриализатсияи минтақа чораҳои заруририро дар самти коҳишдиҳии бекорӣ ба кор бурда истодаанд. Бояд зикр намуд, ки бекорӣ дар минтақа хусусияти фриксиониро (соиширо) дар худ ҷой додааст.

Яке аз индикаторҳои рушди низоми иқтисодӣ-иҷтимоӣ ҳаҷми буҷетҳои давлатии минтақаҳо башумор меравад, ки он рушди минбаъдаи иқтисодӣ-иҷтимоии ҳаёти минтақаро таъмин намуда, ҳамчун механизми калидии банақшагирӣ ва пешгӯии рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа махсуб меёбад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Конститутсия, давлати иҷтимоӣ ба шумор меравад. Пайваста бо рушди ҳаёти иҷтимоии мардум ангезиши омилҳои иҷтимоии рушди иқтисодӣ низ сурат мегирад. Рушди сатҳи таъсирбахшии ин омилҳо ба рушди иқтисодӣ, пеш аз ҳама аз ташкилу идоракунии механизмҳои хароҷоти буҷети маҳаллӣ вобастагӣ дорад.

Дар соли 2022, ҳиссаи буҷети маҳалли дар маблағгузории соҳаи маориф - 60,0%-ро, дар соҳаи тандурустӣ ва варзиши бадан - 25,3% - ро, таъминоти иҷтимоӣ- 0,65%-ро, фарҳанг ва воситаҳои ахбори умуми 3,0%-ро ташкил додааст (ҷадвали 4.).

**Ҷадвали 4. – Ҳиссаи маблағгузорӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ аз буҷети маҳалли мақомоти давлатии вилояти Хатлон (бо %)**

| Солҳо / Соҳаҳо | 2017 бо % | 2018 бо % | 2019 бо % | 2020 бо % | 2021 бо % | 2022 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Маблағгузорӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ** | | | | | |
| **Маориф** | 56,9 | 58,1 | 58,12 | 57,4 | 58,1 | 60 |
| **Тандурустӣ ва варзиши бадан** | 25,12 | 25,9 | 24,9 | 26,3 | 25,1 | 25,3 |
| **Таъминоти иҷтимоӣ** | 0,71 | 0,73 | 0,75 | 0,68 | 0,66 | 0,65 |
| **Фарҳанг ва воситаҳои ахбори умум** | 3,5 | 3,5 | 3,8 | 3,6 | 3,6 | 3,0 |

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти расмии Сарраёсати Агентии омори назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2022, С.218, 2023, С.138.

Дар маҷмӯъ, аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 4. маълум мегардад, ки дар давоми солҳои 2017-2022 ҳиссаи буҷети маҳаллии вилояти Хатлон ба соҳаҳои иҷтимоӣ, яъне маориф, тандурустӣ, таъминоти иҷтимоӣ ва фарҳанг тамоюли афзоишро дорад. Дар марҳилаи таҳлилӣ маблағгузорӣ барои соҳаҳои аҳамияти иҷтимоӣ дошта аз ҳаҷми умумии хароҷоти буҷетӣ тақрибан 89,15%-ро ташкил доданд.

Бояд қайд намуд, ки сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии вилояти Хатлон дар самти татбиқи нақша ва пешгӯиҳои иқтисодӣ-иҷтимоии он ҷиҳати коркарди самтҳои асосии иҷтимоии кишвар нигаронида шудааст. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатӣ» ваколатҳои сатҳҳои низоми буҷетии кишвар муайян ва аниқ карда шудаанд. Дар ҳоли имрӯз, сатҳҳои буҷети давлатии мамлакат доираи ваколатҳои худро доранд, ин ваколатҳо дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ инъикос ёфтаанд. Байни сатҳҳои мухталифи ҳокимият муносибатҳои рақибӣ дида мешавад, ки он дар тақсимоти ваколатҳо байни онҳо ва дар муайяннамоии суръати бартариятҳо мушоҳида мешавад. Ҳукумати мамлакат дар самти қабули қарорҳо пойгоҳи хуб дорад, аз ин лиҳоз метавонад мутахассисони соҳавиро ҷалб намояд, воситаҳои молиявӣ ва захираҳои моддиро ҷамъ намуда, бо ин роҳ ҷумҳуриро дар майдонҳои байналмилалӣ муаррифӣ намояд. Аммо, мақомоти ҳокимияти минтақавӣ ва маҳаллӣ анъанаҳо ва хусусиятҳои хоси минтақаро хубтар дониста, захираҳои табиӣ, аз ҳолати фаъолияти соҳибкорӣ, рағбатҳо ва талаботи аҳолӣ низ маълумоти хубтар доранд.

Дар маҷмӯъ, тақсимоти ваколатҳо байни марказ ва минтақа, байни сатҳҳои алоҳидаи ҳокимият дар тақсимнамоии ваколатҳои даромад ва хароҷотҳо мушоҳида мегардад. Минтақаи муайяни мамлакат ба худ уҳдадориҳоро ҷиҳати истеҳсоли молҳои нисбатан зарури иҷтимоӣ ба дӯш мегирад ва мутаносибан воситаҳоро вобаста ба ҳаҷми истеҳсолот мустақилона хароҷот менамояд. Тақсими ваколатҳои хароҷотиро вобаста ба зинаҳои алоҳидаи низоми буҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаҳои 18 ва 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатӣ» амиқан ифшо менамоянд (аз 28 июни 2011 с.№ 723), ки он дар ҷадвали 5. пешкаш гардидааст.

**Ҷадвали 5. - Тақсимоти ваколатҳо байни сатҳҳои алоҳидаи ҳокимият вобаста ба қисми хароҷоти буҷети давлатӣ**

| № | Хароҷотҳои якҷояи буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ (моддаи 19) | Хароҷотҳои буҷетҳои маҳаллӣ (моддаи 18) |
|---|---|---|
| 1. | дастгирии давлатии бахшҳои саноат, сохтмон, хоҷагии қишлоқ, энергетика, нақлиёт, алоқа ва хоҷагии роҳҳо; | таъмини фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, фаъолияти мақомоти худидорашавандаи шаҳраку деҳот; |
| 2. | таъмини тартиботи ҷамъиятӣ-ҳуқуқӣ; | ташаккули дороиҳои коммуналии худӣ дар маҳалҳо ва идоранамоии он; |
| 3. | таъмини бехатарии оташнишонӣ; | ташкил, таъмини фаъолият ва рушди муассисаҳои соҳаи маориф, тандурустӣ, фарҳанг, варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ, воситаи ахбори омма ва дигар муассисаҳое, ки ба моликияти коммуналӣ дохил мешаванд ва ё ба онҳо вогузор карда шудаанд: |
| 4. | таъмини фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, конструкторӣ, фаъолияти лоиҳавӣ ва таҳқиқотии таъминкунандаи рушди илмӣ-техникӣ | Тавсеаи фаъолияти коммуналӣ-манзилӣ, сохтани роҳҳои хусусияти маҳаллӣ дошта ва нигоҳдории онҳо, ташкили истифода ва коркарди партовҳо, таъмини некуаҳволӣ ва кабудизорнамоии маҳал; |

| | | |
|---|---|---|
| 5. | таъмини амнияти иҷтимоии аҳолӣ, маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва варзиш; | ташкили хизматрасониҳои нақлиётӣ ба аҳолӣ ва муассисаҳо бо моликияти дар ихтиёри хоҷагиҳои коммуналӣ ва ё мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ маҳаллӣ қарордошта; |
| 6. | таъмини ҳифзи табиат, ҳимояи такроистеҳсоли захираҳои табиӣ, гидрометеорология; | ҳифзи табиат дар мавқеъ; |
| 7. | таъмини огоҳонидан ва бартарафнамоии оқибатҳои ҳолатҳои фавқуллода ва офатҳои табиӣ; | татбиқи барномаҳои мақсадноки мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳокимияти мақомоти маҳаллӣ; |
| 8. | рушди инфрасохтори бозор; | хизматрасонӣ ва пӯшонидани қарзи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳокимияти комиҷроияи маҳаллӣ. |
| 9. | таъмини фаъолияти васоити ахбори омма; | Интиқолҳо ба аҳолӣ |
| 10. | кӯмаки молиявӣ ба дигар буҷетҳо; | ба роҳ мондани интихоботи намояндагони мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ |
| 11. | Дигар хароҷотҳо, ки дар истифодаи якҷояи ҳокимияти давлатии маҳаллӣ ва шаҳраку деҳот қарор доранд. | Маблағгузории дигар қарорҳои ҳукуматҳои иҷроияи комиҷрояи ҳокимияти маҳаллӣ ва дигар хароҷотҳо, ки ба масъалаҳои аҳамияти маҳаллӣ дошта ворид карда шудаанд, тибқи гурӯҳбандии буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон. |

Сарчашма: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатӣ», аз 28 июни 2011 с. № 723, с.14.

Буҷети маҳаллии давлатӣ қабл аз ҳама, аз ҳисоби МММ ташаккул ёфта, равобити пулиро дар самти тақсимот ва азнавтақсимнамоӣ он қисми МММ, ки дар дасти мақомоти ҳокимияти маҳаллии давлатӣ ҷамъ шуда, барои пӯшонидани хароҷотҳои буҷет истифода мешавад ва барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ зарур арзёбӣ мегардад. Мутаносибан, тавре қайд намуда будем, суръати афзоиши ҳаҷми буҷети маҳаллӣ, ҳаҷми хароҷоти он, аз суръати афзоиши андозаи МММ-и кишвар вобаста буда, давлат воситаҳои буҷетиро қабл аз ҳама барои маблағгузории истеҳсолот ва пешниҳоди хизматрасониҳо ба аҳолӣ сафарбар менамояд. Ин хизматрасониҳои давлатӣ ҳамчун неъматҳои софи ҷамъиятӣ ва ё неъматҳои иҷтимоие, ки истеъмоли онҳо барои ҳама аҳолии минтақа хусусияти ҳатмӣ дорад. Низоми кӯмакҳои иҷтимоӣ (ба аҳолӣ пешниҳоди неъматҳои иҷтимоӣ) бо такя ба принсипҳои ғамхории давлат нисбат ба аҳолии муҳтоҷ ва камбизоат татбиқ мегардад. Буҷети давлатӣ маҳаки асосии ташаккули буҷетҳои маҳаллӣ башумор меравад. Бахши минтақавии давлатӣ ҳамчун бахши гуногунтаркиб арзёбӣ мегардад, аз ин хотир онро метавон ба ду қисм ҷудо намуд. [3, стр.14].

Якум, ин сохторҳо ва ё муассисаҳое, ки барои мавҷудияти худи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ зарур мебошанд (муассисаҳои давлатӣ ва ё субъектҳое, ки бо истеҳсол ва пешниҳоди неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ зарурӣ, мудофиа ва ғайраҳо); дуюм- корхонаҳои бахши давлатӣ, ки ба самти истеҳсоли молҳои бозорӣ ва хизмат нигаронида шудаанд ва он дар асоси қонуниятҳои бозорӣ метавонад амал намояд. Қисми аввал ба ҳаҷми муқарраргардида ниҳоят зарур арзёбӣ мегардад, вале қисми дуюм бошад, бахши нисбатан ҳаракаткунанда буда, он метавонад ба таври динамикӣ тағйир ёбад.

Бинобар ин, сиёсат дар самти бахши давлатӣ; хизмат ё хизматрасонӣ – ин сиёсатест, ки қабл аз ҳама барои густариш ва ё ихтисори компоненти дуюм, яъне бахши минтақавии давлат равона гардидааст. Аз ин хотир, дар мадди аввал таҳлили ин компонент ба мақсад мувофиқ мебошад. Дар бахши давлатии вилояти Хатлон тамоюли рушди устувори самти иҷтимоии он мушоҳида мегардад. Тавре аз маълумотҳои диаграммаи 2.3. бармеояд, дар соли 2022 зиёда аз 60% хароҷотҳои буҷети маҳаллии давлатӣ барои маблағгузории соҳаи маориф сафарбар гардидааст




**Диаграммаи 2.3. - Динамикаи маблағгузории буҷети маҳаллии вилояти Хатлон дар соҳаҳои иҷтимоӣ (маориф, тандурусти, фарҳанг, млн. сомонӣ).**

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2022. С.225, 263.

Дар давоми 6 соли охир ҳаҷми маблағгузории дар соҳаи маориф аз 8210,2 млн. сомонӣ то ба 15735,7 млн. сомонӣ ва ё 91,6% афзудааст. Дар марҳилаи таҳлилӣ, ҳаҷми маблағгузориҳо ба соҳаи тандурустӣ аз 3635,6 млн. сомонӣ то ба 6645,5 млн. сомонӣ ва ё 82,8% афзудааст. Ҳаҷми қиёсии он дар соли 2022 аз ҳаҷми умумии хароҷотҳои давлатӣ 25,2%-ро ташкил дод. Ҳаҷми умумии маблағгузории давлатӣ ба соҳаи фарҳанг низ аз 50,1 млн. сомонӣ то ба 78,9 млн. сомонӣ ва ё 57,4% афзудааст. Соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва фарҳанг бахшҳои нисбатан муҳими бахши хизматҳо ва иқтисоди миллӣ мебошанд, ки дар истеҳсоли неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ зарурӣ ҳамчун компоненти бахши ҷамъиятии омехта нақши аввалиндараҷа доранд. Вазни қиёсии ин бахшҳо дар сохтори ҳама хароҷотҳои буҷети давлатӣ зиёда аз 88% ташкил менамояд. Маҳз рушди ин бахшҳои соҳаи хизматрасонӣ сатҳи рушди инсонии минтақа, мустаҳкамӣ ва рушди сармояи инсониро ҳамчун омили асосии рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ барои оянда инъикос менамоянд. [2, стр. 219-225].

Бояд иброз дошт, ки масъалаи таъмини рушди инсон ва сармояи инсонӣ нақши калидиро на танҳо дар низоми механизмҳои банақшагирӣ ва пешгӯии рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа, балки он ҳадафи ниҳоии коркард ва татбиқи ин пешгӯиҳо ва нақшаҳои рушди минтақа маҳсуб меёбад.

Ҳамин тавр, буҷети давлатӣ манбаи татбиқи сиёсати иҷтимоӣ, сарчашмаи хароҷотҳо барои ниёзҳои иҷтимоӣ-фарҳангии аҳолӣ ҳисобида мешавад. Мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фармоишоти иҷтимоии давлатӣ», "асосҳои ҳуқуқӣ, принсипҳо, тартиби ташаккул, ҷобаҷогузорӣ, маблағгузорӣ ва татбиқи фармоишоти иҷтимоии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро нобобаста аз

шакли моликият ва шакли ташкилию-ҳуқуқӣ, муқаррар менамояд". Ба низоми фармоишоти давлатӣ ҳар гуна барномаҳо ва лоиҳаҳои иҷтимоӣ дохил мешаванд ва онҳо дар бахшҳои илм, маориф, фарҳанг, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ, ки сатҳи зиндагии аҳолӣ ва иқтидори ҷомеаро тавсеа медиҳанд. Инчунин воситаҳои буҷетҳои мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ барои татбиқи вазифаҳои давлатӣ, дастгирии соҳаҳои нисбатан муҳими минтақа сафарбар мегарданд. Бинобар ин, барои рушди соҳаи кишоварзӣ ва баландбардории сатҳи амнияти озуқаворӣ дар 2022, ба ин соҳа зиёда аз 125,3 млн. сомонӣ равон гардидааст, ки он дар соли 2017 ҳамагӣ 70,06 млн. сомониро ташкил намуда буд, тавре мушоҳида менамоем афзоиш тақрибан 1,8 маротиба зиёд мебошад. Дар бахши нақлиёт ва коммуникатсияҳо ҳаҷми мутлақи афзоиши маблағгузориҳои давлатӣ 38,2%-ро ташкил дода, яъне маблағгузориҳо то ба 127,08 млн сомонӣ низ афзудаанд.

Ҳамин тавр, раванди иштироки вилояти Хатлон дар татбиқи Стратегияи миллии рушд ва барномаи давлатии баромадан аз бумбасти коммуникатсионӣ торафт вусъат ёфта истодааст. Хароҷотҳо ба бахши ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, ҳифзи ҳуқуқ, мудоифа, ҳамчун ҷузъи ҳатмии бахши давлатӣ низ, бомаром зиёд гашта истодааст. Дар марҳилаи таҳлилшаванда хароҷот ба ин бахшҳо аз 62,6 млн.сомонӣ то ба 120,3 млн.сомонӣ ва ё 1,9 маротиба афзоиш ёфта истодааст. Ҳамзамон, тамоюли устувори афзоиши хароҷотҳои давлатӣ ба бахшҳои мухталифи вилояти Хатлон мушоҳида мегардад. Аммо, агар сохтори хароҷотҳои давлатиро дар вилоят дида бароем, онгоҳ маълум мегардад, ки баъзе ҷузъҳо аҳамияти манфӣ доранд. Таҳлили ҷунбишҳои сохторӣ дар сохтори хароҷотҳои давлатӣ, тамоюли тағйирёбии хароҷотҳои давлатиро мушаххас инъикос менамоянд. Дар шароити тағйиротҳои амалишаванда, дар сохтори низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ рушди онро наметавон танҳо дар доираи суръати рушди ҷузъҳо арзёбӣ намуд. Зеро нишондиҳандаи суръати рушд аз тағйирёбии миқёсӣ шаҳодат медиҳад, аммо доир ба ҷунбишҳои сохторӣ тавсифи маҷмӯи намедиҳад.

## АДАБИЁТ

1. Каримов Б.И. Паёми молия ва иқтисод. ISSN; 2663-0389 №1-(35)-2023 саҳ 370-381. Душанбе, 2023.
2. Каримов Б.И. Паёми молия ва иқтисоди ISSN; 2663-0389 №3-(32)-2022 саҳ 219-225. Душанбе, 2022.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатӣ», аз 28 июни 2011 с. № 723, с.14.
4. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, с 45-46.
5. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2022. С.225, 263.

**УДК 347**

**Каримова З.Ҳ.**

## ПЕШРАФТИ ВАЗЪИ ИҚТИСОДӢ ДАР ЗАМОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

Дар мақола ҳадафҳои ниҳоии стратегӣ ва саноатикунонии босуръат дар давоми 32-соли соҳибистиқлолӣ дар назар дошта шуда, ҳамзамон пешрафти иқтисодиёти давлати Тоҷикистонро дар ин марҳила таҳлил ва барасӣ намудааст. Чун дар ҳар кадом ҳадаф унсурҳое воқеанд, ки дар сурати пурра амалӣ сохтани онҳо вобастагии давлат аз

давлатҳои хориҷӣ қариб дар ҳама самт; энергетикӣ, роҳсозӣ, таъмини озуқа, маҳсулоти саноатӣ, маҳсулоти зеҳнӣ, аз байн бардоштани муҳоҷирати меҳнатӣ, истиқлолияти сиёсӣ, давлатӣ, истиқлолияти давлатиро комилан таъмин менамояд.

**Вожаҳои калидӣ**: Иқтисодӣ, муносибатҳои истеҳсолӣ, сиёсию иҷтимоӣ, динӣ, мазҳабӣ, фарҳангӣ, сиёсати гендерӣ, нобаробарӣ, объект ва субъект.

**Каримова З.Х.**

## РАЗВИТИЕ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ СИТУАЦИИ В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ

В статье рассматриваются конечные стратегические цели и ускоренная индустриализация за 32 года независимости, а также анализируется и исследуется развитие государственной экономики Таджикистана на данном этапе. Так как в каждой цели есть элементы, которые, если они будут полностью реализованы, они будут способствовать собой зависимость государства от зарубежных стран практически по всем направлениям; энергетика, дорожное строительство, продовольственное обеспечение, промышленная продукция, интеллектуальная продукция, ликвидация трудовой миграции, политическая независимость государство, государственная независимость.

**Ключевые слова**: Экономика, производственные отношения, политическая и социальная, религиозная, культурная, гендерная политика, неравенство, объект, субъект.

**Karimova Z.Kh.**

## DEVELOPMENT OF THE ECONOMIC SITUATION DURING THE PERIOD OF INDEPENDENCE

The article examines the ultimate strategic goals and accelerated industrialization over 32 years of independence, and also analyzes and studies the development of the state economy of Tajikistan at this stage. Since in every goal there are elements which, if fully realized, will contribute to the state's dependence on foreign countries in almost all directions; energy, road construction, food supply, industrial products, intellectual products, elimination of labor migration, political independence of the state, state independence.

**Key words:** Economy, industrial relations, political and social, religious, cultural, gender policy, inequality, object, subject.

Аз рӯзе, ки давлати абарқудрати Иттиҳоди Шӯравӣ пароканда шуду ҷумҳуриҳои собиқ бародари он худро соҳибистиқлол эълон намуданд 32-сол сипарӣ шуд.

Дар ин муддат байнашон робитаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ канда шуда ҳар кадом ба мушкилиҳои сиёсию иқтисодӣ рӯ ба рӯ шуданд. Зеро ҳамаи онҳо аз рӯи нақшаи ягонаи иқтисодию сиёсӣ ривоҷ меёфтанду аслан аз маркази ягона назорат карда мешуданд. Ғайр аз ин истеҳсолоташон тарзе ба роҳ монда шуда буд, ки қариб дар ҳеҷ як ҷумҳурӣ маҳсулоти охирин истеҳсол намешуд, балки қисмҳои онҳо дар ҳар ҷумҳурӣ сохта шуда, охирин дар яке аз онҳо махсусан дар Руссия, Украина, Белорусия ва ҷумҳуриҳои назди Балтика васл карда мешуданд. Аз ин рӯ ҳама ба ҳам ва дар маҷмуъ ба Кремл тобеъ буданд.

Ин низом низоми сиёсию иҷтимоие буд, ки халқи оддӣ бо шиносномаи ягона ба кадом гӯшаи ин давлат барои кор, таҳсил, истироҳат рафтан мехост, ҳеҷ ягон монеае вуҷуд надошт. Яъне халқи оддӣ ба касе тобеъ набуд, ҳама баробарҳуқуқ буданд.

Ғайр аз ин ҳар кадом ҷумҳури дорои парчами миллӣ суруди миллӣ ва ҳама сохторҳои хоси давлати мустақил бударо доштанд. Яъне дар асорати ошкоро набуданд.

Ин асорат пинҳонӣ буд, зеро роҳбарони ин сохторҳо бе розигии сохторҳои марказ кореро бо хоҳиши худ иҷро карда наметавонистанд, чун зери назорат буданд.

Ҳокимияти марказӣ ба онҳо он қадар боварӣ надошт. Дар ҳама сохторҳо, ки аз ҳукумати марказии ҳизбӣ коммунистӣ русзабонҳо фаъолият мекарданд шахсони аввал, ки аз халқи маҳалӣ буд, бе розигии онҳо ҳеҷ ташаббус нишон дода наметавонистанд. Яъне бо ном роҳбари сатҳи аввал бошанд ҳам нақши асосиро намояндаи ҳизби коммунистии аз марказ таъиншуда мебозид.

Бо парокандашавии ин низом роҳбарони ҳокимият давлат дар маҳалҳо аз асорати маркази ягона озод гашта, аксарияти онҳо ин туҳфаи худододиро хуш пазируфта дар заминаи мерос гузоштаи ин низом ба ободкорию созандагӣ камари ҳиммат бастанд.

Вале миллати тоҷик аз сабаби паст будани шуури сиёсӣ, набудани эҳсоси худшиносии миллӣ, аз як тараф ҳиссиёти баланди маҳалгароию минтақапарастӣ аз тарафи дигар хушунат байни ҳизбҳою ҳаракатҳои мардумӣ ва талоши ҳар кадом қувва барои ба дастории ҳокимияти давлатӣ бе он ки манфиатҳои умумимиллию умумидавлатиро ба инобат бигиранд, давлатро муфлис ва халқро пароканда намуданд. Чи тавре, ки Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша қайд менамоянд, ки бадхоҳони дохилию хориҷии миллати куҳанбунёди тоҷик ҷомеаро ба ҷанги шаҳрвндӣ кашида ҳама дороии онро ба яғмо бурданд ва давлатро муфлису халқро пароканда намуданд. Ҳокимиятдорони собиқ барои ҳимояи ҷони хеш аз курсиҳояшон даст кашиданду аз сари ҳокимият рафтанд. Ба ибораи дигар, "ҷанги шаҳрвандии таҳмилии байни тоҷикон хатари аз байн рафтани давлату миллатро ба миён овард" [1. с.74]. Давлатро ҷанги шаҳрвандӣ фаро гирифт. Халқ ба ҳокимияте эхтиёҷ дошт, ки онро аз ин вартаи ҳалокатбор бираҳонад.

Аммо вазъият дар ҷумҳурӣ он қадар муташанниҷ буд, ки дар он ҷои бехафу хатарро ёфтан амримаҳол буд. Нисбат ба дигар минтақаҳои кишвар шаҳри Хуҷанд каму беш осиштатар буд. Бинобар ин бо ҷаҳду талоши шахсони воқеъан миллию ватандӯст ва даъвои ҳокимият надошта инчунин бо миёнаравии Созмони Миллали Муттаҳид ва давлатҳои хайрхоҳ дар ин шаҳр оқибат ҷаласаи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барпо гардид, ки дар он масъалаи асосӣ интихоби сарвар ва ташкили ҳокимияти сиёсии фалаҷгашта буд.

Чун вазъияти сиёсӣ дар кишвар муташанниҷ буд, минтақаҳо ва ҳзбҳои сиёсии дар кишвар фаъолият мекардагӣ ба муқобили ҳамдигар баромад менамуданд. Дар чунин вазъият мақсади ташкили ҳокимияи олӣ, сулҳ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон муҳим буд. Чунин ҳуқуқро танҳо сарвари олии интихобшуда дошта метавонист, зеро мустақилу озод буда, тавассути ин "метавонист баҳри нигоҳдории сулҳ ва бехатарии бо роҳи пешгирӣ аз бесомониҳо дар дохил ва хабари ҳуҷум аз берун, ҳарчӣ зарур медонад иҷро намояд" [2. с.241].

Ҷаласа интихоби шахсеро ба ҳайси роҳбар талаб мекард, ки аз ин вазъият наҳаросида ба дили ҳар кадом роҳбарони қувваҳои ҳаракатҳои сиёсӣ роҳ ёбад

Зарурияти нигоҳдории давлати миллиро вазифаи ҳар кадом баҳри ин ҳадаф фаҳмиданд, зеро ҳақиқати таърихӣ он аст, ки тоҷикон дар масири дигаргуниҳои ҷомеа ҳамеша дар меҳвари мубориза҇ҳои шадиди миллату халқиятҳои ғайр доштанд. "Ҷанги таҳмиллии шаҳрвандӣ низ маҳсули фаъолияти хоҷагони беруна ва як гуруҳи исломгароён ва сепортистони дохилии кишвар буд, ки аз хориҷи кишвар идора карда мешуд. [4. с.78].
ва агар зарур шавад ҷонашро дареғ надорад, зеро ҷабҳаҳои мубориз ба ҷуз роҳбаронашон касеро намеписандиданд. Агарчӣ ҳокимиятхоҳон бисёр буданд вале онҳо аз ин вазъияти фоҷиабор метарсиданд.

Ба бахти миллати тоҷик вакилони мардумӣ дар симои Эмомалӣ Раҳмон чунин як шахсияти сарсупурдаи миллатро шинохта зимоми давлатдорию ваҳдатофариро ба ин шахсияти воқеъан ҷасуру дилёбу дурандеш ва дорои хиради волои инсонӣ супурданд ва хато накарданд.

Барои як шахсияте, ки таҷрибаи зиёди роҳбарии сатҳи умумидавлатӣ надоштанд, шикастани қувваҳои минтақагароӣ ва ба ҳам наздик намудани онҳо, дар шуури онон ҷой намудани худшиносии миллию эҳсоси нигоҳдории якпорчагии мамлакат. ки ба осонӣ ба даст намеояд, кори саҳл набуд. Ба ин танҳо шахсе қодир буд, ки аз хафу хатар нагурезад, ҳангоми гуфту шунид бо роҳбарони ин қувваҳо ёфтани сухан ва далеле, ки қобили қабул онҳо бошаду боиси ҳамдигарфаҳмию ваҳдатофаринӣ гардад, сари қудрат бояд омад.

Хушбахтона ин сарвари тозаинтихобгашта, дорои чунин сифатҳо буданашонро дар рафти мулоқотҳояш бо роҳбарони қувваҳои сиёсии мухолиф ҷасурона исбот намуд. Барои ин панҷ соли заҳмати шабонарӯзӣ зарур шуд, то ки ҷанги дохилимиллӣ барҳам дода шуда, дар заминаи эътибори манфиатҳои умумимиллӣ ва умумидавлатӣ онҳоро ба ҳам биёранд. Натиҷаи ин талошҳо боис гашт ки ҳуҷҷати тақдирсоз "Созишномаи сулҳ ва ризояти миллӣ" ба тавсиб расида дар замони нав ва шароити нисбатан ороми сиёсӣ ҳокимияти нави сиёсӣ ташкил шуда, сохторҳои ҳокимияти давлатӣ ба кори созандагӣ-яъне иҷрои вазифаҳои аслии хеш машғул шаванд. "Бо ҳамин тариқ Консепсияи ризояти миллӣро ҳамчун маҷмӯи чорабиниҳое номид, ки барои ба даст овардани ягонагю ваҳдат дар ҷомиеъаи Тоҷикистон амал менамуданд" [3. с.106].

"Ҳамин аст,ки появу бунёди сиёсати ваҳдати миллӣ дар асоси хашт меҳвари асоси шакл гирифт, ки онҳо аз дунавият, демократия, ҳуқуқбунёдӣ, миллигароӣ мардумгароӣ, давлатсолорӣ, секуляризм ва ислоҳотталабӣ иборат мебошад, ки ба хсус бахши миллигаро он ба тамадуни пеш аз исломӣ ва эҳёи Аҷам робитаи мустақим дорад". [5. с.89]. Ин ҷаҳду талошҳо Эмомалӣ Раҳмонро воқеъан ҳам ҳамчун пешвои бозарофату дурандеши миллат муарифӣ намуданд. Ин шахсияти бузурги замони муосир хуб дарк намуданд, ки истиқлолиятро соҳиб шудан ҳануз кам аст. "Онро ҳачун арзиши муқаддастарини давлату давлатдорӣ дарк намудан, зурур аст". [6. с.15].

Бо мулоҳизагию дурандешии Пешвои муаззами миллатро чор ҳадафи стратегие, ки ҳар кадом ба ҳамдигар алоқаманд буда, яке барои дигаре чун замима хизмат менамоянду бе алоқамандӣ бо ҳамдигар имконнопазиранд нишон медиҳад. Дар ҳар кадом ҳадаф унсурҳое воқеанд, ки дар сурати пурра амалӣ сохтани онҳо вобастагии давлат аз давлатҳои хориҷӣ дар ҳама самт энергетикӣ, роҳсозӣ, таъмини озуқа, маҳсулоти саноатӣ, маҳсулоти зеҳнӣ, аз байн бардоштани муҳоҷирати меҳнатӣ, истиқлолияти сиёсӣ, давлатӣ, истиқлолияти давлатиро комилан таъмин менамояд.

Чун ҳадафи ниҳоии стратегӣ саноатикунонии босуръат дар назар дошта шуда буд, вале саноатро танҳо тавассути қувваи барқ ба роҳ мондан имконпазир аст, барои Тоҷикистон ки захираҳои нафту газ ва ангишти бузӯрг надорад, ғайр аз ин инҳо, тамомшавандаанд, ба роҳ мондани истеҳсолоти қувваи барқароршаванда зарур буд.

Пешвои миллат дар симои имкониятҳои энергетикии дарёҳои мамлакат манбаи истеҳсоли қувваи арзони баркро кашф намуда, истиқлолияти энергетикиро ба ҷои аввал ба он хотир гузоштtанд, ки дар шароите, ки зиддияти байни давлатҳои пешрафтаю давлатҳои рӯ ба рушд афзудаистодааст, дорандагони нафту газқувваи барқ ба давлатҳое, ки ин бойгариро надоранд, баҳри дар тобеияти хеш нигоҳ доштанашон дар мавриди барояшон зарурӣ муҳтоҷонашонро гирифтори таҳримҳо намоянд.

Пешвои дурандешу ғамхори миллат ба ҳамин хотир истиқлолияти энергетикиро ба ҷои аввал гузоштанд.

Сохтани нерӯгоҳҳои барқӣ бошанд, якум истиқлолияти энергетикӣ вобастагии давлатро аз давлатҳои дигар кам месозад. Дуюм, аҳолии мамлакатро аз нерӯи барқи худӣ таъмин намуда, боиси беҳшавии сифати зиндагони халқ мегардад. Сеюм, имконияти ба ҳамсоядавлатҳо фурӯхтани қувваи барқ ва гирифтани фойдаи иқтисодӣ мегардад. Чорум, обанборҳо барои танзими реҷаи истифодаи об ҳангоми зарурат ба давлатҳои поёноб ба кишоварзон ёрӣ мерасонад, панҷум чун дарёҳо куҳиянду обҳояшон мусафою ошомиданиянд, инсоният аз беобӣ азият мекашад, онро ба ҳайси мол ба фурӯш

баровардан имконпазир мегардонад ва ниҳоят барои саноатикунонии босуръат аз ҳама муҳим он аст, ки Пешвои миллат афзалияти сохтани истгоҳҳои барқии обӣ нерӯи барқароршаванда буда, қимматаш аз нерӯи газу ангишт арзон ва ҳаҷмаш камнашаванда аст.

Чун мақсади асосии ҳокимияти давлатӣ афзун намудани маҳсулоти саноатӣ ва барои ин ашёи хоми зарӯрӣ низ фаровон аст, интиқоли он ба хориҷи кишвар роҳ ва нақлиётро талаб менамояд. Вале дар 70-соли нобарҷои иттиҳоди Шӯравӣ на ҳама минтақаҳои Тоҷикистон тавасути роҳҳои доимӣ ба ҳам пайваст буданд. Ба хориҷи кишвар танҳо ба воситаи нақлиёти ҳавоӣ ва дар дохили Иттиҳоди Шӯравӣ дар давоми 70-сол тавассути роҳи оҳан рафту омад ва боркашонӣ кардан мумкин буд. Аммо давлати рушдёбанда ва ё дар ҳолати рушд буда, фазои кушодаро ба чор тараф талаб менамояд. Аз сарбастагии комуникатсионӣ ба сӯи соҳилҳои обҳои гарм баромадан ҳадафест, ки он мамлакатро ба давлатҳои дуру наздик пайваста барои доду гирифти судманд шароит фароҳам меорад.

Азбаски Тоҷикистон кишвари кӯҳист, сохтмони роҳи оҳан маблағталабу мушкил буда, интиқоли бор асосан тавассути мошинҳо кашонда мешаванд. Сохтану ба истифода додани роҳҳои ба талаботи ҷаҳонӣ ҷавобгӯ мамлакатро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ мепайванданд, ки ин ҳам аз хирадмандии Пешвои миллат маншаъ мегирад.

Амнияти озуқаворӣ бошад, ҳадафаш таъмини аҳолии кишвар бо маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тозаю безарар будани худӣ, аз ҷумла аз маводҳои ғизогӣ мебошад. Барои ин ҳама шароитҳо муҳаё буда, аз халқ эҷодкорона истифода бурдани ҳар як ваҷаб замини кориро талаб менамояд. Ҳангоме миллат худро аз маводҳои ғизоӣ таъмин менамояду зиёдатиашро ба хориҷ интиқол медиҳад, вай ба содиркунанда табдил меёбад. Ин бошад маънои онро дорад, ки вай муҳтоҷ нест.

Ҳалли амнияти озуқаворӣ боиси барои рушди саноату илм равона шудани маблағҳои аз хариди маводҳои ғизоӣ озодгашта мегардад.

Барои саноатикунонӣ ба ғайр аз ашёи хоми саноатии худӣ, маблағ ва пеш аз ҳама кадрҳои баландихтисоси соҳаи илм ва саноат лозим аст.

Ҳамзамон беҳнамудани сифати касбии онҳо бо ихтисосҳои замонавӣ, шинос намудану тарбияи кадрҳои баландихтисос мақсади асосӣ ба шумор меравад.

Ногуфта намонад, ки дар 32 соли соҳибистиқлолият бо ташаббус ва ҳидоятҳои судманди Пешвои миллат даҳҳо донишгоҳу донишкада ва филиалҳои онҳо дар ҳар гӯшаю канори давлат кушода шуданд, ки ин қадар дар 70-соли Шӯравӣ набуд.

Ташкили донишгоҳу донишкадаҳо, коллеҷҳои техникӣ инҳо самтҳое ҳастанд, ки бе онҳо саноатикунонии босуръат ва бо ин васила аз байн бардоштани зарурияти иҷбории муҳоҷирати меҳнатӣ ғайри имкон мебошад.

Пешвои миллат чун донандаи психологияи миллӣ медонанд, ки барои тоҷик тарки ватан боиси "лаънат" аст, чунки вай дар ғарибӣ ба ғулом табдил меёбад.

Ҳарчанд муҳоҷирати меҳнатӣ имрӯз хусусияти ҷаҳонӣ пайдо намуда бошад, ҳам вале дили сарвари давлат ҳамун кафили амнияту оромиши мардум барои ҳамватанонаш месӯзад. Барои раҳоият аз ин раванд чораҳо меандешиданд.

Вохурии қарибулвуқуъашон бо соҳибкорони дохилию хориҷӣ, нишон додани самтҳои асосии соҳаҳое, ки интизори маблағгузорони соҳибкоронанд ва ба ин васила мавриди истифода қарор додани 600 кони дар зери замин нуҳуфта ҳазорҳо ҷойҳои кории нав пайдо шуда, омодасозии кадрҳои гуногуни коргарӣ, саноатро талаб мекунад.

Дар хотима ҳаминро бояд қайд намоям, ки сиёсати пешгирифтаи саноатикунонӣ, ки метавонад кишварро ба қатори мамолики пешрафта барорад, арзандаю дурандешона буда, метавонад;

1. Дар суръати мавриди истифода қарор гирифтани канданиҳои фойданоки зеризаминӣ барои соҳаҳои гуногуни саноат ашёи хоми худӣ муҳаё гашта барои берун аз кишвар баровраданашон зарур намешавад.
2. Агар корхонаҳои сохташуда дар заминаи захираҳои дохилии худӣ маҳсулоти нимтайёр истеҳсол намоянд, ҳам аз коргаронаш донишҳои муайяни техникию саноатӣ талаб менамояд. Ин бошад боиси тағири сифати касбии аҳолии кишвар мегардад.
3. Агар корхонаи истеҳсолкунандаи олоти меҳнат машина ва механизмҳо, дастгоҳҳои апаратураҳо ё маҳсулоти охирин тайёр намоянд, вобастагии давлат аз истеҳсолкунандагони хориҷӣ кам гардида шаклу сифаташ зиндагии мардум беҳтар мегардад ва ҳам аҳолӣ на танҳо комилан ба ҷои кору музди меҳнати шоиста таъмин мегардад, балки эҳтиёҷ ба қувваи корӣ меафзояд.
4. Афзалияти дигари саноатикунонӣ дар он аст, ки меҳнати саноатӣ қобилияти эҷодкорӣ, ихтироъномоӣ ва навоварии халқро афзуда аҳолиро ба ҳам наздику дӯст, муташаккилу худшинос менамояд. Пешвои муаззами миллат боз ба он хотир саноатикунониро ҳадафи ниҳоӣ қарор доданд, ки тавассути на танҳо дастрас ба техникаю технологияи нав балки худ офарандаи онҳо будан мустақилияти халқу соҳибистиқлолии онро муайян менамояд. Зеро таҷрибаи ҷаҳонӣ ва муносибатҳои байни давлатҳо, махсусан таҳримҳои давлатҳои пешрафта нисбат ба Кореяи Шимолӣ, Эрон, Руссия ва он давлатҳое, ки соҳибистиқлолии худро қадр менамоянд дар арсаи ҷаҳонӣ сиёсати мустақилонаашонро роҳандозӣ менамоянд, ҳатман дучори хайрияҳои онҳо мегарданд.

Агар мо ба музаффариятҳои ба дастовардаи замони соҳибистиқлолии давлатамон дар замони роҳбарии фарзанди фарзонаи миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон назар намоем, баръало мебинем, ки 32-соли дар сари ҳокимият буданашон нисбат ба 70-соли Шӯравӣ даҳҳо маротиба афзалиятноку босамартар мебошад.

Ба қавли Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон истиқлоияти давлатӣ ба мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон дод, ки мактаби давлатдории миллии худро рушд дода, модели муосирро озодона интихоб намояд [7. с.85].

## АДАБИЁТ


1. А. Маҳмадов Истиқлол ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ. Душнбе 2021 саҳ 74.
2. Ҳаминҷо саҳ 78.
3. Неъмонов Дж.М., Национальная политика Республики Таджикистан и её особенности в условях изменяющегося мира .-Душанбе; “Ирфон” 2018. С-106
4. Томас Гоббс, Левиафан. Перевод: Гутерман А. Издательство: Рипол-Классик М.2016, с. 241
5. Шамолов А. Ваҳдати миллӣ: нигоҳе ба масъала. Ваҳдатнома ҷиди XVIII-Душанбе; “Эр-граф “ 2013. Саҳ- 89
6.Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолият неъмати бебаҳост Душ. 2009. Саҳ. 15
7.Эмомалӣ Раҳмон Уфукҳои истиқлол. Душанбе 2016 саҳ 85.

УДК: 338.2.32(575.3)

**Кармышева М.Н.**

## ЗАРУРИЯТИ ИҚТИСОДИИ ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ БА ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола зарурияти иқтисодии ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст. Таҳлилҳо муайян менамоянд, ки сармоягузории хориҷӣ ва зарурияти ҷалби он ба соҳаҳои саноати истихроҷ, сохтмонӣ, коркард, нақлиёт, хоҷагии анбор ва алоқа, кишоварзӣ, савдои яклухт ва чакана равона гардидааст, дарояндаи наздик рушди соҳаҳои номбурда барои Тоҷикистон хеле муҳим мебошад. Воридоти сармояи хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, воридоти сармояи хориҷӣ аз дигар давлатҳо, воридоти сармояи хориҷӣ аз рӯи соҳаҳои миёнарави молиявӣ, воридоти сармояи хориҷӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсифу таҳлил гардидаанд. Муҳимтарин самтҳои ҷалби сармояи хориҷӣ барои баланд бардоштани рейтинги давлатӣ, ҳамчунин паст намудани хавфи ғайритиҷоратӣ, сиёсӣ, ислоҳоти муассисавии ҷумҳурӣ ва амалӣ гардонидани сиёсати иқтисодӣ, ки ба комёбии макроиқтисодӣ баровардан нигаронида шудааст, мусоидат менамояд.

**Вожаҳои калидӣ:** сармоягузориҳои мустақим ва портфелӣ, барномаи рушд, модернизатсия, бозсозии хоҷагии халқ, ҷалби сармоия хориҷӣ, иқтисодиёти миллӣ, сиёсати берунӣ, самаранок.

**Кармышева М.Н.**

## ЭКОНОМИЧЕСКАЯ НЕОБХОДИМОСТЬ ПРИВЛЕЧЕНИЯ ИНОСТРАННЫХ ИНВЕСТИЦИЙ В ЭКОНОМИКУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье представлена экономическая необходимость привлечения иностранных инвестиций в экономику Республики Таджикистан. Анализ показывает, что иностранные инвестиции и необходимость их привлечения направлены в сферы горнодобывающей промышленности, строительства, переработки, транспорта, складского и коммуникационного хозяйства, сельского хозяйства, оптовой и розничной торговли, и в ближайшем будущем развитие указанных отраслей является очень важным для Таджикистана. Описаны и проанализированы притоки иностранного капитала в Республике Таджикистан, притоки иностранного капитала из других государств, притоки иностранного капитала по отраслям финансового посредничества, притоки иностранного капитала в регионах Республики Таджикистан. Важнейшие направления привлечения иностранных инвестиций способствуют повышению государственного рейтинга, а также снижению некоммерческого, политического, институционального риска республики и реализации экономической политики, направленной на достижение макроэкономического успеха.

**Ключевые слова**: прямые и портфельные инвестиции, программа развития, модернизация, реструктуризация народного хозяйства, привлечение иностранных инвестиций, национальная экономика, внешняя политика, эффективность.

**Karmysheva M. N.**

## THE ECONOMIC NECESSITY OF ATTRACTING FOREIGN INVESTMENTS INTO THE ECONOMY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article presents the economic necessity of attracting foreign investments into the economy of the Republic of Tajikistan. The analysis shows that foreign investments and the need to attract them are directed to the fields of mining, construction, processing, transport, warehousing and communications, agriculture, wholesale and retail trade, and in the near future the development of these industries is very important for Tajikistan. The inflows of foreign capital in the Republic of Tajikistan, inflows of foreign capital from other states, inflows of foreign capital by branches of financial intermediation, inflows of foreign capital in the regions of the Republic of Tajikistan are described and analyzed. The most important areas of attracting foreign investment contribute to improving the state rating, as well as reducing the non-commercial, political, and institutional risk of the republic and the implementation of economic policies aimed at achieving macroeconomic success.

**Key words:** direct and portfolio investments, development program, modernization, restructuring of the national economy, attracting foreign investment, national economy, foreign policy, efficiency.

Зарурияти раванди ҷалб намудани сармоягузории хориҷӣ, ки барои бӯҳрони иқтисодиро паси сар намудан, зиёд намудани истеҳсолот ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳолӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаётан муҳим мебошад. Аз таҷрибаи давлатҳои дигар маълум мегардад, ки сармоягузорӣ барои рушду пешрафти иқтисодию иҷтимоӣ давлатҳо саҳм мегузорад. Ҳамзамон, дар амалия ягон давлате вуҷуд надорад, ки аз сармоягузориро истифода набарад. Дар ҷаҳон давлатҳое, эҳтиёҷоти иқтисодӣ ба сармоягузории хориҷӣ доранд, дар онҳо норасоии сармоя дида шуда, ки исботи онҳо шарт ва зарур нест [6]. Бӯҳрони иқтисодӣ ҳамаи ҷанбаъҳои ҳаёти ҷамъиятиро дар солҳои сипаригашта фарогир буд, ки ин боиси маҳдуд гаштани шароитҳои раванди сармоягузорӣ дар кишвар гардид. Дар шароити бӯҳрони иқтисодӣ барои нигоҳ доштани сатҳи некуаҳолии мардум аз коҳишёбӣ ба он оварда расонид, ки ҳиссаи фонди захиравӣ аз даромади миллӣ ташаккул ёфта, мунтазам паст шуда, ба фоидаи фонди истеъмолӣ таъсир расонид. Бинобарин, камшавии фонди захиравӣ, бевосита якҷоя бо коҳишёбии сатҳи содироти мол ва ивазкунии воситаҳои гардон дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт ба вуқуъ меояд. Қисми фаъоли фондҳои асосии истеҳсолии соҳаҳои саноат, сохтмон ва комплекси кишоварзию саноатӣ муосир инчунин баъзе аз қисмҳои эҳтиётии мошину таҷҳизотӣ дар истифода буда ба талаботҳои имруза мувофиқат намекунад. Дар ин хусус чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағгузориҳои мақсаднок барои техника ва технологияи нави ҳозиразамон эҳтиёҷоти зиёд дорад. Имконияти аз чунин ҳолат баромадан, яъне талафоти захираҳои сармоягузорӣ, бояд аз рӯи имконияти мукаммали ҷалби сармояи хориҷӣ, пеш аз ҳама, дар он соҳа ва роҳи рушди иқтисодӣ, ки ҳамҷоя бо захираҳои миллӣ самараи максималӣ дода, ҳамкории нафъовари иқтисодиро таъмин карда, дар солҳои охир ба роҳ монда шуд.

Яке аз ҷиҳатҳои муҳимтарини ислоҳотӣ иқтисодӣ, ки бо истифодаи босамари он дар модернизатсия ва бозсозии соҳаҳои хоҷагии халқи Тоҷикистон ин ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар мебошад. Аз ин лиҳоз, яке аз масъалаҳои асосӣ дар сиёсати берунаи иқтисодии мамлакат ҷалби сармояи хориҷӣ гардид.

**Шаклу усулҳои асосии ҷалби сармояи хориҷӣ ва рушди робитаҳои иқтисодии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад [6]:**

- робитаи мустақими бевоситаи корхонаҳо, созмонҳо ва дигар шахсони ҳуқуқӣ бо шарикони хориҷӣ;
- муносибатҳои бе назардошти иштироки саҳомии ширкатҳои хориҷӣ (хизматрасонии лизингӣ ва ғайра);
- савдои фаромарзӣ, аз ҷумла дар асоси мубодилаи байниминтақавӣ;
- таъсиси корхонаҳои муштарак дар дохил ва хориҷи кишвар;
- ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, ассотсиатсияҳо, консорсиумҳо, конвенсияҳо, корхонаҳои савдо ва ғайр;
- кушодани бонкҳои байналмилалии тиҷоратӣ, фондҳои молиявӣ, суғуртавӣ;
- таъсиси бозори фондӣ ва воридшавии сармоягузориҳои хориҷӣ ба он;
- таъсиси минтақаҳои соҳибкории муштарак

**Ҷалби сармояи хориҷӣ бояд ба самтҳои зерин равона карда шавад:**

- сохтмони корхонаҳои коркарди ашеи хом соҳаи кишоварзӣ, навсозии таҷҳизоти истеҳсолӣ;

- рушди истеҳсолот ва татбиқи лоиҳаҳо дар муддати кӯтоҳ дар соҳаи хизматрасонӣ, сайёҳӣ ва ғ.;

- истеҳсоли маҳсулоти омехта; пешбурди рушди соҳаҳои илм  дар пешрафтаи илм ва техникӣ;

- дар соҳаҳои ашёи хоми саноат ва кишоварзӣ тавсеаи шаклҳои имтиёзноки ҷалби сармояи хориҷӣ аҳамияти бузурги иқтисодӣ дорад.

Хусусиятҳои фарққунандаи намуди имтиёзноки ҷалби сармояи хориҷӣ дар он аст, ки он татбиқи ҳамаи намудҳои пардохтҳоро (барои захираҳои табиӣ, замин ва ғайра) дар доираи созишномаҳои анъанавии имтиёзнок, ки барои тарафҳои иштироккунанда хосанд ва назорати фаъолияти онҳоро пешбинӣ мекунад, муайян мегардад . Дар соҳаи истеҳсоли молҳои истеъмолӣ корхонаҳои муштарак бояд бо маҳсулоти худ бозорҳои дохилиро таъмин кунанд ва содироти молҳои худро афзоиш диҳанд.

Вобаста ба ҳудуди муайян пеш аз ҳама, барои таъсиси корхонаҳои муштарак минтақаҳое ҷудо карда мешаванд, ки дар онҳо конҳои зиеди маъданҳои фоиданок ё манбаъҳои ашеи хоми кишоварзӣ мавҷуд бошанд, ки ин аз тахассуси баланди истеҳсолот нисбат ба қувваи кории баландихтисос шаҳодат медиҳад [4]. Асос барои чунин ҷойгиркунии корхонаҳои муштарак имконияти ҷалби маблағҳои зарурӣ, истифодаи иқтидори иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ мебошад.

Манбаи рушди соҳибкории муштарак ҷалби корхонаҳои хурду миёна бо назардошти ашёи хоми маҳаллӣ барои ин соҳаҳо зарур арзёби мегардад. Ҳавасмандгардонии воридоти сармоягузориҳои хориҷӣ ба ҷумҳурӣ, пеш аз ҳама, самти муҳим ва афзалиятноки рушди истеҳсолот дар шароити муосир мебошад. Бо ҳамин васила, рушди иқтисодиети ҷумҳурӣ ва фаъолияти сиёсати хориҷӣ бояд ба таҷдиди сохтори иқтисодӣ ва рушди сохтори иҷтимоӣ-саноатӣ равона карда шавад.

Ҳамчунин, ҷойгиркунии корхонаҳои маснуотбарор вобаста ба манбаи ашёи хом, роҳ, аҳолӣ ва зиёд намудани маҳсулотҳои содиротӣ дар истеҳсолот яке аз омилҳои афзоиши захираҳои асъорӣ дар ҷумҳурӣ мебошад.

Аз тамоми гуфтаҳои боло бар меояд, ки дар шароити муосир Тоҷикистон ҷалби сармоягузории хориҷӣ муҳим арзёбӣ гардида, сатҳи камбизоати бартараф шуда ва ба ҳамин васила рушди иқтисодиёти миллӣ пеш меравад. Маълумотҳо муайян намуданд, ки солҳои охир дар баъзе соҳаҳои хоҷагии мамлакат ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ беҳтар гардидааст.

Албатта, ҳамаи ин пешравиҳо барои боз ҳам хубтару беҳтар намудани инфраструктураи мамлакат, зиёд намудани истеҳсолоти дохилӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми кишвар равона карда шудааст.

Аҳамияти афзалиятноки сармоягузориҳои мустақим дар ҳудуди ҷумҳурӣ ҳамчун манфиатҳои миллии соҳаҳои гуногуни пурсамар дар ҷомеа торафт бештар муттаҳид ва эътироф карда мешавад.




**Нақшаи 1. - Воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2022-2023[2]**

Мувофиқи таҳлили нақшаи 1 воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 - 2 690,4 млн. долларро ташкил додааст, ки ин нишодиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 ба ҳаҷми 113,6 млн. доллар ё ин ки - 4,4 % зиёд мебошад. Афзоиши воридоти сармояи хориҷӣ асосан аз ҳисоби дигар намуди сармоягузорӣ ба ҳаҷми 510,7 млн. доллар ё ин ки 26,1% таъмин гардидааст. Дар ин сол воридоти сармояи мустақими хориҷӣ - 221,4 млн. долларро ташкил дода, нисбат ба соли 2022 дар ҳаҷми 397,0 млн. доллар ё ин ки 64,2 % коҳиш ёфтааст[1].

Мувофиқи Стратегияи миллии Рушд барои давраҳои то соли 2030 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ки дар он рушди соҳаҳои афзалиятнок барои ҷалби сармоягузории дохилию хориҷӣ муайян гардидааст. Ба онҳо дохил мегардад: гидроэнергетика, истихроҷу коркарди металлҳо, сангҳои қиматбаҳо, маъданҳои нодиру ранга, рушди телекомуникатсия, инфрасохторҳо, коркарди пахта, маҳсулоти кишоварзӣ ва ғайраҳо[6].

Аз таҳлили муайян гардид, ки соли 2023 афзоиши воридоти сармояи хориҷӣ дар соли 2023 асосан аз ҳисоби давлатҳое, ки ба рӯйхати «дигар давлатҳо» ворид гардидаанд, ба ҳаҷми 839,4 млн. доллар ё 85,4% таъмин гаридааст. Вобаста ба ин, аз ҷониби Раёсати таҳлил бо масъулини Бонки миллӣ вобаста ба масъалаи мазкур корбарӣ оғоз гардида, тибқи иттилои намояндагони Бонки миллӣ методологияи омори воридоти сармояи хориҷӣ ҷиҳати пурра намудани рӯйхати давлатҳо, дар марҳилаи такмилдиҳӣ қарор дорад[2].

Сармоягузориҳои хориҷӣ ва корхонаҳое, ки дар асоси сармоягузории хориҷӣ таъсис дода шудаанд, метавонанд фаъолияти ихтиёриро амалӣ намоянд, агар чунин фаъолият тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ нагардида бошад.

Ба соҳаҳои хоҷагии халқи кишвар, ки дар онҳо ҷалби сармоягузории ватанӣ ва хориҷӣ зарур дониста мешаванд [5]:

- манбаҳои барқароршавандаи энергия;
- истихроҷи маъдан;
- соҳаҳои саноати кимиё;
- сохтмон ва истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ;
- саноати сабук ва хӯрокворӣ;
- кишоварзӣ ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ;

- нақлиёт ва алоқа;
- туризм ва рекреатсия

Мувофиқи таҳлили нақшаи 2 соли 2023 воридоти сармояи хориҷӣ асосан ба соҳаҳои миёнаравии молиявӣ ба 2 220,0 млн. доллар рост меояд, аз ҷумла, саноати истихроҷ - 279,0 млн. доллар, сохтмон - 54,4 млн. доллар, саноати коркард - 37,7 млн. доллар, савдои яклухт ва чакана - 27,9 млн. доллар, нақлиёт, хоҷагии анбор ва алоқа - 25,2 млн. доллар, кишоварзӣ - 21,6 млн. доллар ва 24,6 млн. доллар ба дигар соҳаҳо равона гардидааст.

**Нақшаи 2.- Воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи соҳаҳо дар солҳои 2022 – 2023[4, 1]**




Таҳлилҳо муайян менамоянд, ки агар дар соли 2022 ҳиссаи миёнаравии молиявӣ - 53%, саноати истихроҷ – 25%, саноати коркард - 8 % ва сохтмон - 7 %-ро аз ҳаҷми умумии воридоти сармояи хориҷӣ ташкил дода бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2023 мутаносибан аз 82,6% ба 10,4%, аз 1,4% ба 2 % расидааст. Вобаста ба ин нишондиҳандаҳо бояд қайд намуд, ки афзоиши воридоти сармояи хориҷӣ дар соли 2023 нисбат ба соли 2022 асосан аз ҳисоби миёнаравии молиявӣ дар ҳаҷми 861,7 млн. доллар ё 63,4 % таъмин гардидааст[2].

**Нақшаи 4. - Воридоти сармояи хориҷӣ ба минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2022 – 2023[4]**




Нишондиҳандаҳои таҳлили нақшаи 4 ишора менамояд, ки дар соли 2023 сармояи хориҷӣ асосан ба шаҳри Душанбе ворид гардида, нисбат ба соли 2022 дар ҳаҷми 505,3 млн. доллар ё ин ки 31,5 % афзоиш ёфтааст.Ин нишондиҳанда дар вилоятҳои Суғд - 549,3 млн. доллар ва Хатлон - 22,6 млн. доллар ворид гардида, мутаносибан нисбат ба соли

гузашта дар ҳаҷми 268,8 млн. доллар ё 32,9 % ва 93,2 млн. доллар ё 80,5 % кам мебошад. Ба шаҳри ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар ин сол ҳамагӣ 6,3 млн. доллар сармояи хориҷӣ ворид гардида, нисбат ба соли 2022 дар ҳаҷми 29,6 млн. доллар ё 82,6 % коҳиш ёфтааст, ҳамчунин воридоти сармояи мустақим ба қайд гирифта нашудааст. Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ки дар миқёси он 12 корхона бо саҳми хориҷӣ фаъолият дорад, вале воридоти сармояи хориҷӣ муайян нагардидааст[7].

Мувофиқи сарчашмаҳо муайян гардид, ки дар Тоҷикистон соли 2023 зиёда аз 2 млрд сомонӣ яъне 186,1 млн доллар сармоягузорӣ ба сармояи собит дохил гардидааст[7]. Ҳамин тариқ, нисбат ба соли гузашта 4,6% афзоиш ёфтааст. Нишондиҳандаҳои ошкоршуда аз рӯи объектҳои тавлидкунанда ба маблағи 1,2 млрд сомонӣ ё 60,3% сармоя азхуд карда шудаанд. Сармоягузорӣ дар ҳаҷми 806,3 миллион сомонӣ ё 39,7% ҳаҷми умумии сармоягузорӣ ба иншооти ғайриистеҳсолӣ дар Тоҷикистон ворид карда шуд. Ҳамчунин 727,2 миллион сомонӣ дар сохтмони иншооти энергетикӣ аз худ карда шуд. Ҳаҷми сармоягузориҳои азхудшуда дар ин бахш нисбат ба соли гузашта 22,5% кам муайян гардидааст. Дар соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия ба сармояи асосӣ 376,2 миллион сомонӣ сармоягузорӣ карда мешавад низ дохил мегардад

Дар мақола таҳлили ҷараёни ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайян намудани намудҳои сармоягузориҳо дар соҳаҳои хоҷагии халқ муайян гардидааст. Дар робита ба ин масъала, метавон хулоса кард, ки воқеан сармоягузории хориҷӣ метавонад ба рушд ва инкишофи иқтисоди кишвар таъсири мусбат расонад ва ба афзоиши иқтидори истеҳсолии кишвар мусоидат намояд. Бо дарназардошти сиёсати давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон вобаста ба ҷойгиршавии мавҷудияти захираҳои зиёди ашёи хоми минералӣ дар ҳудудҳои муайян ва захираҳои меҳнатӣ таваҷҷӯҳи сармоягузорони хориҷиро ба воридоти сармоя дар соҳаҳои гуногуни хоҷагиихалқ ҷалб менамояд.

Ҳамин тариқ, самти муҳимтарини ҷалби сармояи хориҷӣ - ин баланд бардоштани рейтинги давлатӣ дар ҷомеаи ҷаҳон, ҳамчунин паст намудани хавфи ғайритиҷоратӣ ва сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Бароиислоҳоти муассисавии ҷумҳурӣ ва амалӣ гардонидани сиёсати иқтисодӣ, ки ба комёбии макроиқтисодӣ баровардан нигаронида шудааст, мусоидат менамояд.

**АДАБИЁТ**


1. Абрамов С.И. Инвестирование. - М.: Центр экономики и маркетинга, 2005. - С.67.
2. Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон “Ховар”: [сарчашмаи электронӣ]: режим доступа. — URL: http://www.khovar.tj/2023/
3. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. - С.57.
4. Бобокалони Исоматов «Асосҳои назарияи иқтисод», Душанбе. - 2006-С.66.
5. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [сарчашмаи электронӣ] https: // investcom. tj/investment /activit y/2023/
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузориҳо»//Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №3, с.2007.- С.5.
7. Спутник [электронный ресурс] – режим доступа. — URL: http://www. Sputnik tj/2024.

УДК 330

Қурбонов А.Р., Хоҷаев Н.Т.

## БАҲОДИҲИИ ҲОЛАТ ВА РУШДИ ТИҶОРАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мақола масъалаҳои баҳодиҳии ҳолат ва рушди тиҷорати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар гирифта, ҳамчунин дар он самтҳои асосии такмили тиҷорати электронӣ дар мамлакат пешниҳод карда мешавад. Муаллифон ҳангоми таҳқиқи масъала ҳолати имрӯзаи тиҷорати электронӣ, рақамикунонии раванди савдои электронӣ, норасоиҳои ва бартарии онро муайян карданд. Ҳамчунин қайд карда шуд, ки афзоиши гардиши тиҷорати электронӣ аз такмили инфрасохтори он, низоми қонунгузорӣ, маърифати молиявии аҳолӣ ва дигар омилҳо вобастагӣ дорад. Муаллифон да чунин ақидаанд, ки рушди минбаъдаи тиҷорати электронӣ аз рақамикунонии ҷараёни савдои чаккана ва яклухт вобаста мебошад. Дар қисмати хотимавӣ пешниҳоду тавсияҳо барои рушди минбаъдаи савдои электронӣ, ки дар натиҷаи таҳлили васеи масъала ба вуҷуд омадааст, пешниҳод гардидааст.

**Калидвожаҳо:** тиҷорати электронӣ, хизматрасонии электронӣ, хизматрасонии электронии бонкӣ, савдои электронӣ, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, хизматрасонии иттилоотию коммуникатсионӣ, интернет, хизматрасониҳои интернет, андозбандии тиҷорати электронӣ.

Курбонов А.Р., Ходжаев Н.Т.

## ОЦЕНКА СУИТУАЦИИ И РАЗВИТИЕ ЭЛЕКТРОННОЙ КОММЕРЦИИ В РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье включены вопросы оценки состояния и развития электронной коммерции в Республике Таджикистан, а также представлены основные направления совершенствования электронной коммерции в стране. Исследуя вопрос, авторы выявили современное состояние электронной коммерции, цифровизацию процесса электронной коммерции, ее недостатки и преимущества. Также было отмечено, что рост оборота электронной коммерции зависит от совершенствования ее инфраструктуры, законодательной системы, финансового образования населения и других факторов. Авторы также считают, что дальнейшее развитие электронной коммерции зависит от цифровизации розничной и оптовой торговли. В заключительной части представлены предложения и рекомендации по дальнейшему развитию электронной торговли, которые созданы в результате широкого анализа вопроса.

**Ключевые слова:** электронная коммерция, электронные услуги, электронные банковские услуги, электронная торговля, информационно-коммуникационные технологии, информационно-коммуникационные услуги, Интернет, Интернет-услуги, налогообложение электронноой коммерции.

Kurbonov A.R., Khojaev N.T.

## ASSESSMENT OF THE SITUATION AND DEVELOPMENT OF E-COMMERCE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article includes issues of assessing the state and development of e-commerce in the Republic of Tajikistan, and also presents the main directions for improving e-commerce in the

country. While exploring the issue, the authors identified the current state of e-commerce, digitalization of the e-commerce process, its disadvantages and advantages. It was also noted that the growth of e-commerce turnover depends on the improvement of its infrastructure, legislative system, financial education of the population and other factors. The authors also believe that the further development of e-commerce depends on the digitalization of retail and wholesale trade. The final part presents proposals and recommendations for the further development of electronic commerce, which were created as a result of a broad analysis of the issue.

**Key words:** electronic commerce, electronic services, electronic banking services, electronic commerce, information and communication technologies, information and communication services, Internet, Internet services, taxation of electronic commerce.

Ҷараёни рақамикунонии иқтисоди миллӣ, ки мувофиқи консепсия ва барномаҳои махсуси давлатӣ имрӯзҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст, зина ба зина тақвият додани тиҷорати электрониро низ дар бар мегирад. Имрӯз қариб ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеие, ки ба фурӯши молҳо, кор ва хизматрасониҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон машғул мебошанд аз тиҷорати электронӣ истифода мебаранд, ки барои татбиқи амалии рақамикунонии иқтисоди миллӣ метавонад нақши муассир дошта бошад.

16 марти соли 2022 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ масъулинро барои рушд додани тиҷорати электронӣ вазифадор намуда, дастур доданд, ки “ чораҳои самараноки гузариши муназзам аз низоми анъанавӣ ба низоми рақамиро бо дарназардошти масъалаҳои муҳими соҳа, аз ҷумла роҳандозии ҳамаҷонибаи имконияти технологияҳои электронӣ дар амалиёти тиҷоратӣ, истифодаи васеи кортҳои бонкӣ ва мобилӣ, коҳиш додани ҳаҷми тиҷорат бо пули нақд, ҷорӣ намудани расидҳои электронӣ ва дигар ҷанбаҳои рушди соҳа амалӣ намоянд. Дар баробари ин бояд амнияти иттилоотӣ ва бехатарии киберӣ дар ҳама соҳаҳои истифодаи технологияҳои рақамӣ таъмин карда шавад” [3,9].

Ин аст, ки солҳои охир тиҷорати электронӣ, ки як ҷузъи ҷараёни рақамикунонии иқтисоди миллӣ маҳсуб ёфта, бо суръат рушд намуда, дар мамлакат 24 декабри соли 2022 қонун дар бораи “Тиҷорати электронӣ” қабул карда шуд. Қонун ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва субъектҳои тиҷорати электронӣ нигаронида шуда, фаъолияти озоди тиҷорати электрониро дар кишвар таъмин менамояд.

Аз нишондиҳандаҳои оморӣ маълум аст, ки сол то сол аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиш меёбад, аммо ҳаҷми тиҷорати электронӣ аз нишондиҳандаҳои мамлакатҳои ҳамсоя камтар ба назар мерасад. Тибқи маълумоти созмони бонуфузи ҷаҳонӣ Findex дар соли 2017, танҳо 7,6%-и аҳолии Ҷумҳуроии Тоҷикистон аз интернет харидорӣ кардаанд, дар ҳоле ки дар Қазоқистон 24 дарсад ва дар Русия 28 дарсад. Тибқи маълумоти KPMG, бозори тиҷорати электронӣ дар Тоҷикистон дар соли 2020 54,7 миллион долларро ташкил додааст, ки муодили сеяки бозори Қирғизистон, 8 дарсади бозори Узбекистон ва 3 дарсади бозори Қазоқистон аст [4,12].

Имрӯзҳо дар фазои тиҷорати электронии Ҷумҳурии Тоҷикистон як гурӯҳи ширкатҳои бузурги тиҷорати электронии маҳаллӣ пайдо шуданд, ки саҳми онҳо дар рушди бозор хело ҳам муассир арзёбӣ мешавад. Ширкатҳои калонтаррин ва муваффақ дар бозори тиҷорати электронӣ Алиф Сармоя, ки дар бозори электронии пардохтҳои мобилӣ фаъолият менамояд, платформаи савдои электронии Сомон.тҷ, ки мардум ва соҳибкоронро зуд ба тиҷорати онлайн ҷалб мекунад, 55Startups, ки ба намояндагони тиҷорати электрониро дар марҳилаи ибтидоӣ сармоягузорӣ мекунанд ва ғайра, маҳсуб мешаванд.

Ба ақидаи мо, дар шароити иқтисоди бозорӣ омилҳои асосии самаранокии рушди тиҷорати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо маҳсуб мешаванд:

1) мутаносибӣ ва мувозинат;

2) муайян намудани усулҳои самараноки истифодаи иқтидори бузурги қувваҳои корӣ дар мамлакат;

3) шароити мусоид барои рушди тиҷорати электронӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати аҳолии мамлакат оид ба масъалаи мазкур.

Нишондиҳандаҳои асосии самаранокии рушди тиҷорати электронӣ инҳоянд:

-дараҷаи фарогирии аҳолии ба хизматрасониҳои тиҷорати электронӣ нигаронидашуда;

- саҳми тиҷорати электронӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ;

- даромаднокии корхонаҳои тиҷорати электронӣ.

Барои муайян намудани иқтидори иқтисодии мамлакат баҳри рушди тиҷорати электронӣ моро зарур аст, ки якчанд нишондиҳандаҳои макро ва микроиқтисодии кишварро баррасӣ ва мавриди таҳлил қарор диҳем.

**Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018-2022.**

| Нишондиҳанда | Воҳиди ченак | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022 бо % ба 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ММД | млн. сомонӣ | 71059,2 | 79109,8 | 83958,3 | 98910,7 | 107310,8 | 151,0 |
| Даромади буҷети давлатӣ | млн. сомонӣ | 24097,2 | 23490,4 | 25065,0 | 29478,7 | 36 056,8 | 149,6 |
| Даромадҳо аз андоз | млн. сомонӣ | 14743,9 | 16317,7 | 15366,5 | 19667,0 | 21 824,2 | 148,0 |
| Даромадҳои ғайриандозӣ | млн. сомонӣ | 1772,9 | 1182,3 | 1895,4 | 1640,7 | 2 418,5 | 136,4 |
| Даромади буҷети давлатӣ | бо % нисбат ба ММД | 33,91 | 29,69 | 29,85 | 29,80 | 29,5 | 86,99 |
| Даромадҳо аз андоз | бо % нисбат ба даромади буҷети давлатӣ | 61,19 | 69,47 | 61,31 | 66,72 | 60,5 | 98,9 |
| Музди меҳнат (миёнаи моҳона дар як сол) | сомони | 1144,19 | 1233,82 | 1335,52 | 1393,78 | 1730,29 | 151,2 |
| Индекси нархҳои истеъмолӣ | нисбати соли гузашта | 107,3 | 103,8 | 108,0 | 109,4 | 108,9 | 101,5 |
| Мубодилаи қурби сомонӣ нисбат ба доллари ИМА (баҳисоби миёна дар 1 сол) | сомонӣ ба 1 доллари ИМА | 9,4296 | 9,6872 | 10,3219 | 11,3089 | 10,961 | 116,2 |

**Сарчашма:** Нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ //Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2022.

Бояд қайд намуд, ки баъди ҷанги шаҳрвандӣ рушди ҳақиқии (реалии) иқтисодиёти миллӣ асосан аз солҳои 2000 оғоз ёфт. Яъне дар давоми ду даҳсолаи охир (2000 – 2022) рушди иқтисодиёти миллӣ дар дараҷаи миёнаи 7,5 фоиз таъмин карда шуд, ки ин яке аз нишондиҳандаҳои беҳтарин дар ҷаҳон маҳсуб мешавад. Маҷмӯи маҳсулоти дохилии Тоҷикистон (ММД) бошад аз 1,8 миллиард сомонӣ дар соли 2000-ум ба 115

миллиард сомонӣ дар соли 2022 афзоиш ёфта, даромади буҷети давлатӣ бошад дар соли 2000-ум аз 252 миллион сомонӣ дар соли 2022 ба зиёда аз 36 миллиард сомонӣ баробар гардид. Ҳамин тавр, дар давраи мазкур маҷмуи маҳсулоти дохилӣ то 63 баробар, даромади буҷети давлатӣ 142 баробар ва ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ қариб 35 баробар зиёд шуд. [1,9].

Музди миёнаи меҳнат дар ҳамаи соҳаҳо дар соли 2022 ба 1730,29 сомонӣ баробар гашт, ки суръати афзоиши он нисбат ба соли 2018 ба 151% баробар шуда, дар як соли охир ба андозаи 336,51 сомонӣ афзоиш ёфтааст, ки нишондиҳандаи беҳтарин аст. Ҳамчунин, қурби асъори миллӣ нисбати асъори хориҷӣ муътадил буда, соли 2022 нисбати соли 2018 ҳамагӣ 16.2% афзоиш ёфтааст, ки нисбати давраҳои пешин хело паст мебошад. Барои мисол дар оғози солҳои 2000 ҳамасола аз 20 то 30% афзоиши қурби асъори хориҷӣ нисбати пули миллӣ ба назар мерасид. Дар соли 2022 нисбати соли 2021 бошад қурби пули миллӣ нисбати доллари ИМА 0,34 сомонӣ устувор гашт, ки ин раванд то имрӯз идома дорад.

Натиҷаи ҳамин аст, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мо омӯхтани сохтори тиҷорати электрониро муҳим арзёбӣ намуда, чунин мешуморем, ки тиҷорати электронии миллӣ як субъекти мушаххас буда, сохтори он вобаста ба хусусияти минтақае, ки дар он ташкил ва фаъолият мекунад, метавонад фарқ кунад.

Илова бар ин, рушди тиҷорати электронӣ дар мамлакат аз миқёс ва самти фаъолияти он вобаста аст. Ҳамин тариқ, он метавонад дорои самти истисноии дохилӣ - қонеъ гардонидани талаботи аҳолии минтақаҳо ё дорои аломатҳои қонеъ гардонидани талаботи аҳолии кишвар ва давлатҳои хориҷӣ бошад. Ҳангоми баррасии рушд ва сохтори тиҷорати электронӣ дар мамлакат метавон гуфт, ки маҳдудиятҳое, ки дар тиҷорати электронии минтақаҳо вуҷуд доранд, метавонанд суръати рушди иқтисодиро суст гардонанд.

Сохтори тиҷорати электронӣ инҳоро дар бар мегирад:

- шахсони ҳуқуқӣ ва воқеие, ки ҳамчун фурушанда ва мизоҷ ба тиҷорати электронӣ, машғул мешаванд;
- хизматрасониҳои марказҳои провайдерҳо;
- мақомоти маъмурӣ;
- бонкҳо ва дигар муассисаҳои молиявӣ.

Барои амалӣ намудани рақамикунонии иқтисоди миллӣ ҳамчунин теъдод ва сохтори субъектҳои соҳибкорӣ вобаста ба шумора, шакли ташкилию ҳуқуқиро дар мамлакат бояд омӯхт, ки дар расми 1 оварда мешавад.

**Расми 1. Гурӯҳбандии субъектҳои соҳибкорӣ вобаста ба шумора, шакли ташкилию ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. (ба ҳолати 01.07.2022)**




Ҳамагӣ ба ҳолати 01.07.2022 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон субъектҳои соҳибкории шакли ташкилию ҳуқуқии гуногун дар миқдорӣ 338 359 адад амал менамуданд, аз онҳо

соҳибкории инфиродӣ 306 965 нафарро ташкил намуда, шахсони ҳуқуқӣ 31 003 адад ва филиалу намояндагии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ 391 ададро ташкил менамояд.

Рушди тиҷорати электрониро дар мамлакатҳои ИДМ аз рӯи теъдоди субъектҳои хоҷагидорӣ дар ҷадвали 2 мавриди таҳлил қарор медиҳем.(ниг. ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. - Шумораи субъектҳо дар баъзе аз кишварҳои ИДМ дар солҳои 2020 - 2021**

| Давлатҳо | Шумораи умумии субъектҳои дар қайди давлатӣ буда | | аз ҷумла: | | Шумораи соҳибкорони инфиродӣ, ҳамагӣ, (ҳазор нафар) |
|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ дар с. 2022(ҳаз. адад) | Бо % нисбати с.2021 | Шахсони ҳуқуқӣ | Филиалу намояндагиҳои шахсони хориҷӣ | |
| | | | Ҳамагӣ (ҳазор адад) | Ҳамагӣ (ҳазор адад) | |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 7 |
| Озарбойҷон | 1 213,6 | 114,8 | 150,1 | 2,7 | 0,0 |
| Арманистон | 300,8 | 91,1 | 89,0 | 0,7 | 133,1 |
| Беларус | 3 697,9 | 100,5 | 213,6 | 1,3 | 350,5 |
| Қазоқистон | 19 709,2 | 95,8 | 480,5 | 2,9 | 1 180,8 |
| Қирғизистон | 744,0 | 100,8 | 125,0 | 15,1 | 374,2 |
| Молдова | 292,2 | 93,0 | 134,7 | 0,7 | 34,8 |
| Россия | 119 222,5 | м/н | 3 436,6 | 10,3 | 3 695,8 |
| Тоҷикистон | 338, 359 | 101,5 | 31,03 | 0,391 | 306,96 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти омории Иттиҳоди Иқтисодии Аврупо ва Осиё. - 2021. - 128с.

Дар ҷараёни дигаргуниҳои иқтисодӣ рушди тиҷорати электронӣ ва сохтори он ба тағйироти объективӣ дучор мешавад, ки ин бо як қатор омилҳо алоқамандӣ дорад, ба монандӣ — сатҳи таваррум, динамикаи даромадҳои пулии аҳолӣ, тағйироти сохтори талаботи аҳолии мамлакат.

Маълум аст, ки яке аз нишондиҳандаҳои муҳими баҳодиҳӣ, ки рушди тиҷорати электрониро дар ин ё он мамлакат муайян менамояд, соҳаи савдои хизматрасониҳои электронӣ мебошад. Аз ин рӯ, сохтори соҳавии тиҷорати электронӣ муҳимияти бештар дорад, зеро он боис ба такрористеҳсоли тиҷорати электронӣ мегардад.

Сарфи назар аз мушкилоти тадбиқи рақамикунонии иқтисоди миллӣ, тиҷорати электронӣ ба рушди бо суръат майл дорад. Дар натиҷаи рушди тиҷорати электронӣ, принсипҳои бозор озодтар ва ҷараёни аз истеҳсолкунанда ба истеъмолкунанда расонидани молҳо, кор ва хизматрасонӣ осонтар мегардад.

Ҷараёни ташаккули тиҷорати электронӣ аз хусусигардонии моликияти давлатӣ сарчашма мегирад, ки мувофиқи он шаклҳои мухталифи хоҷагидорӣ асосан дар асоси моликияти хусусӣ ба миён омадаанд.

Агар то оғози ислоҳоти бозор ба аҳолии мамлакат асосан тиҷорати кооперативӣ хизмат мерасонид. Бо гузаштан ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ бо баробари ин, шаклҳои нави фаъолияти тиҷоратӣ ба монанди соҳибкории инфиродӣ; корхонаҳои савдо

ва химатрасонӣ дар шаклҳои ҶДММ, ҶДМИ, ҶСК, ҶСП, Кооперативҳои истеҳсолӣ ва КВД арзи ҳасти намуда, то ба имрӯз фаъолият менамоянд. Сохтори тиҷорат низ сол то сол тағйир ёфта, вобаста ба рушди илму техника шаклҳои нави худро соҳиб гашт, ки дар баробари он тиҷорати электрониро махсус бояд қайд намуд. Дар оғоз савдои анъанавӣ дар байни иштирокчиёни муносибатҳои тиҷоратӣ маъмул бошад, холо афзалиятҳо тағйир ёфта, ба молу хизматҳои электронӣ эҳтиёҷ ба миён омад. Онҳоро корхонаҳои хусусӣ, кооперативӣ, коллективӣ ва соҳибкорони инфиродӣ амалӣ менамоянд. Асосан молҳои электронӣ (тиҷорати электронӣ ва молҳои гуногун) аз ҷониби бахши ғайридавлатӣ ба амал оварда мешавад. Бо вуҷуди ин, рушди тиҷорати электрониро дар минтақаҳои мамлакат бояд мавриди таҳқиқ қарор дод, зеро он дар ҳар минтақа гуногун аст. Дар маҷмӯъ, ҷанбаи минтақавии рушди тиҷорати электронӣ тиҷорати либералӣ мебошад. Аз ин рӯ, ба ҷанбаи минтақавии рушди тиҷорати электронӣ таҳкими рақобатпазирии бозори минтақавро мусоидат мекунад.

Таҳлили пешниҳоди хизматрасонии тиҷорати электронӣ дар мамлакат нишон дод, ки ҳаҷм, сохтор ва нишондиҳандаҳои умумии он ба баланд бардоштани дараҷаи қонеъ гардонидани талаботи пардохтпазирии аҳолӣ тавассути тиҷорати электронӣ ба маҳсулоти ғайриозуқа нигаронида шудааст [3,51].

Бояд гуфт, ки имрӯз тиҷорати электрониро қариб ҳамаи корхонаҳо ва соҳибкорони инфиродӣ, ки ба савдои мол, кор ва хизматрасонӣ машғул мебошанд, амалӣ менамоянд. Инчунин, корхонаҳо ва шахсони воқеъӣ метавонанд бо кушодани сайтҳои махсуси электронӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ чун фейсбук, инстаграмм ва дигар шабакаҳо интернетӣ ин фаъолиятро амалӣ намоянд. Барои таҳлили фаъолияти субъектҳои гуногуни хоҷагидорӣ аслан бояд ба нишондиҳандаҳои миқдори иштирокчиён ва ҳаҷми гардиши савдои электронӣ диққати махсус дод. Нишондиҳандаҳои рушди тиҷорати электронӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ як маром набуда, дар ҷадвали 3. овардашудааст.

**Ҷадвали 3. Шумораи кохонаҳо ва ва соҳибкорони инфиродие, ки дар тиҷорати электронии Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкат меварзанд*. (барои солҳои 2018-2022)**

| | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022 в % к 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Корхонаҳо (адад) | 6267 | 7982 | 8220 | 10235 | 11250 | 179,51 |
| Соҳибкорони инфиродӣ (нафар) | 11180 | 18506 | 20470 | 31822 | 35601 | 318,43 |
| Ҳамагӣ | 17447 | 26488 | 28690 | 42057 | 46851 | 268,53 |

* Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумоти омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сохта шуд //Маҷмуаи оморӣ - Душанбе, Агентии оид ба омори назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. С. 206.

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 3 чунин бар меояд, ки дар маҷмуъ ҳамасола теъдоди кохонаҳо ва соҳибкорони инфиродие, ки тиҷорати электрониро дар фаъолияти худ истифода мебаранд, афзоиш ёфта, миқдори онҳо соли 2022 нисбат ба соли 2018 қариб 2,7 маротиба зиёд гашта, шумораи корхонаҳое, ки дар фаъолияти худ тиҷорати электрониро истифода мебаранд қариб 1,8 маротиба ва миқдори чунин соҳибкорони инфиродӣ қариб 3,2 маротиба афзош ёфтааст.

Барои таҳлили фаъолияти субъектҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар ҷадвали 3. нишондиҳандаҳои тиҷорати электронии корхонаҳои шаклҳои моликияташон гуногун ва соҳибкорони инфиродие, ки тибқи патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд, мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки дар бозори хизматрасонии тиҷорати электронӣ боз шахсони воқеие амал менамоянд, ки бе гузаштан аз қайди давлатӣ фаъолият менамоянд, ки имрӯзҳо Кумитаи Андози Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муайян намудану барои бақайдгирӣ ҷалб шудани онҳо як қатор чорабиниҳоро пешбинӣ намудааст. Инчунин, теъдоди муайяни соҳибкороне мавҷуданд, ки аз ҳудуди ҷумҳурӣ истода тиҷорати электрониро берун аз ҳудуди мамлакат амалӣ менамоянд, ки онҳо низ бояд дар мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда, аз фаъолияти худ андоз пардозанд.

Ҷанбаи миллии рушди тиҷорати электронӣ дар ду нишондиҳандаи муҳити беруна ва дохилӣ зоҳир мегардад. Ҳаҷми гардиши тиҷорати электронӣ аз қобилияти харидории аҳолӣ, яъне ба динамикаи даромади пулӣ ва тамаркузи онҳо ба хариди молҳои электронии истеъмолӣ ва пардохт барои тиҷорати электронӣ вобаста аст. Арзиши муомилоти тичоратии электронӣ умуман ба андозаи таркиб ва суръати афзоиши даромади умумии молиявии аҳолии мамлакат вобаста аст.

Ба андешаи мо, барои муайян намудани дараҷаи рушди бизнеси электронӣ зарур аст, ки нишондиҳандаҳои фаъолияти иқтисодӣ арзёбӣ карда шаванд.

Нишондиҳандаҳои асосии самаранокии хизматрасонии тиҷорати электронӣ инҳоянд [5,41]:

- самаранокии истифодаи нерӯи иқтисодӣ (мол, захираҳои меҳнатӣ ва молиявӣ);
- гардиши захираҳои молӣ;
- таҳияи усулҳои рушди тиҷорати электронӣ.

Барои ноил шудан ба самаранокии рушди тиҷорати электронӣ дар мамлакат мо тақсимоти гардиши молро дар мамлакат таҳлил менамоем.

Таҳлили дақиқтар таъсири ҳаҷми гардиши тиҷорати электронӣ ба қобилияти харидории аҳолӣ нишон медиҳад. Ин нишондиҳанда метавонад яке аз нишондиҳандаҳои ченкунии сатҳи зиндагии аҳолӣ бошад.

Ба фикри мо, муомилоти тиҷоратии электронӣ ба ҳисоби миёна ба ҳар сари аҳолӣ нисбатан паст аст, ки ин аз сабаби нокифоя будани даромади аҳолӣ мебошад.

Бояд гуфт, ки дар ҷумҳурӣ байни самтҳои инкишофи тиҷорати электронӣ ва хизматрасонӣ ва пардохти ахолӣ тафовути муайян мавҷуд аст.

Музди миёнаи меҳнати сокинони кишвар дар соли 2022 дар ҷумҳурӣ ба 1730 сомонӣ баробар будааст, ки нисбат ба соли 2022 204 сомонӣ ё 13,4 фоиз зиёд шудааст. Ин дар ҳолест, ки нархи ҳама намуди маҳсулот, бахусус маҳсулоти ниёзи аввалия хело гарон шудааст. Ҳамзамон, дар Тоҷикистон сатҳи камбизоатӣ ба андозаи 0,9 фоиз коҳиш ёфта, соли 2022 ба 22,5 фоиз баробар шудааст. Дар ҳамин ҳол, сокинони мамлакат аз паст будани маош ва қиммат будани маҳсулот дар бозорҳои кишвар нигаронӣ мекунанд [4,16].

Мо дар ин бора ба таври муфассал таваққуф намекунем, зеро ин ба ҳадафҳои ин тадқиқот дохил карда нашудааст, вале мо танҳо музди миёнаи меҳнатро ҳамчун нишондиҳандаи миёна барои минтақаҳо дар соли 2022 қайд менамоем[1,341]:

“Вилояти Суғд – 1794 сомонӣ;

Вилояти Хатлон – 1704 сомонӣ;

ВМКБ – 1494 сомонӣ;

НТҶ - 1553 сомонӣ;

Душанбе – 1816 сомонӣ” .

Ин нишондодҳо то андозае ба рушди тиҷорати электронӣ иртибот доранд.

Ҳамин тариқ, ҳаҷми муомилоти моли ба ҳар сари аҳолӣ дар минтақаҳо дар муқоиса бо пойтахти Душанбе тафовути назаррас дорад. Ба фикри мо, ин, пеш аз ҳама, дар он аст, ки даромади аҳолии шаҳри Душанбе назар ба дигар ноҳияҳо ва шаҳрҳо зиёдтар аст. Гузашта аз ин, қисми зиёди аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ мекунанд (64%), ки даромади онҳо нисбат ба шаҳр пасттар аст.

Аммо рушди иқтисодиёт ва болоравии нархҳо ба даромади молиявии аксарияти аҳолӣ, ба сохтор ва самаранокии тиҷорати электронӣ таъсири назаррас мерасонад. Бояд гуфт, ки ба сохтори тиҷорати электронӣ нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-демографӣ ва иқтисодӣ, шароити иқлим ва хусусиятҳои миллии минтақа низ таъсир мерасонанд.

Ин тағйиротҳо аз беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ гувоҳӣ медиҳанд, аз ин рӯ, тамоми хароҷоти молу хизматрасонии тиҷорати электронӣ торафт гаронтар мегардад. Ин асосан ба афзудани даромад ва индексацияи мунтазами нархҳои истеъмолӣ вобаста аст. Ва ин бевосита ба пешниҳоди хидматҳои тиҷорати электронии таъсир мерасонад.

Пешниҳоди хизматрасониҳои тиҷорати электронии минтақавӣ ба ташаккули муносибатҳои бозорӣ мусоидат намуда, мушкилоти рушдро муайян менамояд. Ҳамин тариқ, дар байни онҳо он аст, ки тиҷорати электронӣ амалан ба доираи бозори хизматрасонии маишӣ дохил карда нашудааст. Ба андешаи мо, сабаби асосии ин гаронии андозҳо ва пурра истифода нашудани имкониятҳои тиҷорати электронӣ мебошад.

Мушкилоти дигари ҳалнашудаи савдо маҳдуд будани доираи хизматрасонӣ мебошад [6,189].

Талаботи аҳолии мамлакат ба тиҷорати электронӣ аз рӯи омилҳои зерин муайян карда мешавад:

1. Бахши ғайрдавлатӣ дар оғози давраи гузариш ба мақсадҳои дигар маҷбур шуд, ки профили худро аз нав нишон диҳад: тағйир додани профил, фаъолият, аз тағйирот, аз ҷумла хизматрасониҳои электронӣ эмин монданд;

2. Қисми асосии аҳолӣ ба нисбатан пасти нархҳои молу хизматрасониҳои электронӣ нигаронида шудааст, ки ин талаботи тиҷорати электронии минтақа мебошад.

Рушди тиҷорати электронӣ дар мамлакат аз фаъолияти самараноки корхонаҳои хурду миёна вобастагӣ дорад, ки ин то андозае асоснок буда, дастгирии соҳибкории хурду миёна яке аз самтҳои асосии сиёсати иқтисодӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Ҷадвали 4. – Нишондиҳандаҳои фаъолияти субъектҳои хурду миёна ва калони соҳибкории истеҳсолӣ дар солҳои 2020-2022**

| | Теъдод, адад | | | Ҳаҷми истеҳсолот ва фурӯш, млн сомонӣ | | | Ҳаҷми андозҳои ба буҷет супоридашуда | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Корхонаҳо** | **2020** | **2021** | **2022** | **2020** | **2021** | **2022** | **2020** | **2021** | **2022** |
| **Хурд** | 14299 | 14862 | 16026 | 3760,40 | 3248,70 | 3006,90 | 645,3 | 590,1 | 535 |
| **Ҳиссаи он дар маҷмуъ** | 77,6 | 76,5 | 77,1 | 6,1 | 3,9 | 2,7 | 8,5 | 5,6 | 4,4 |
| **Миёна** | 3829 | 4164 | 4317 | 9364,70 | 11869,5 | 13600,5 | 1455,9 | 1921,60 | 2169,70 |
| **Ҳиссаи он дар маҷмуъ** | 20,8 | 21,4 | 20,8 | 15,3 | 14,2 | 12,3 | 19,2 | 18,2 | 17,9 |
| **Калон** | 297 | 389 | 442 | 48084,3 | 68629 | 94061,7 | 5469,2 | 8055,4 | 9412 |
| **Ҳиссаи он дар маҷмуъ** | 1,6 | 2,0 | 2,1 | 78,6 | 81,9 | 85,0 | 72,2 | 76,2 | 77,7 |
| **Ҳамагӣ** | 18425 | 19415 | 20785 | 61209,4 | 83747,2 | 110669,1 | 7570,4 | 10567,1 | 12116,7 |

Дар асоси маълумоти солномаи омори Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб додааст. // Маҷмӯаи омор.- Душанбе, Агентии омори назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023, с.206.

Бояд гуфт, ки аз соли 2020 то 2022 миқдори корхонахои хурд афзоиш ёфта, истеҳсолот ва фурӯши маҳсулот инчунин, пардохти андозҳо коҳиш ёфтаанд. Ҳамин нишондиҳанда нисбати корхонаҳои миёна ва калон беҳтар буда, миқдори онҳо, ҳаҷми истеҳсол ва фурӯши мол ва маблағи пардохти андозҳо рӯ ба афзоиш намудааст.

Дар ҷаласаи 22-юми Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ таҳти унвони "Рушди тиҷорати электронӣ", ки 22 марти соли 2022 дар шаҳри Душанбе баргузор гардида буд Озан Суйим - Менеҷери намояндагии Бонки Ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон самтҳои асосии рушди тиҷорати электрониро чунин арзёбӣ намуданд: [3,19].

“Ҳамаи мо бояд якҷоя кор кунем, то барои бахши тиҷорати электронӣ муҳити мусоид фароҳам орем, илова бар корҳои бунёдие, ки ман қаблан муфассал гуфта будам,чунин кӯшишҳо дар бар мегиранд:

• Шабакаҳои логистикӣ: Логистика, бахусус иҷрои фармоиш ва таҳвил, қисмҳои муҳими раванди тиҷорати электронӣ мебошанд ва хароҷоти баланди логистикӣ монеаи муҳим дар роҳи рушди тиҷорати электронӣ дар Тоҷикистон боқӣ мемонад. Аммо хароҷот танҳо як масъала нест, мо бояд корро дар рӯи масъалаҳои муҳим, аз қабили гумрук, зерсохтор, пайгирӣ ва ғайра идома диҳем.

• Системаҳои пардохти онлайн: Ширкатҳои молиявию техникӣ ба монанди Алиф Сармоя бо сабаби афзоиши бесобиқаи истифодаи пардохтҳои рақамӣ босуръат рушд мекунанд. Муштариёни пардохтҳои мобилӣ дар моҳи марти соли 2021 ба 2,2 миллион нафар расидаанд, ки нисбат ба сифр дар соли 2017 зиёд аст. Ин рушд хеле рӯҳбаландкунанда аст ва Бонки Ҷаҳонӣ дастгирии ин тамоюлро идома медиҳад.

• Малакаҳои рақамӣ: Баланд бардоштани саводнокии рақамӣ яке аз омилҳои асосии дастгирии истифодаи афзояндаи технологияҳои рақамӣ ва транзаксияҳои рақамӣ, аз ҷумла хариди онлайн ҳисобида мешавад. Мо бояд дастгирии малакаҳои пешрафтаи рақамиро, ки барои истифодаи платформаҳои рақамӣ заруранд, идома диҳем ва инчунин паҳн кардани малакаҳоро барои сохтани платформаҳои онлайн ва тиҷорати электронӣ идома диҳем.

• Ҳифзи маълумот. Ба ғайр аз мушкилоти дар боло зикршуда, боз як монеаи калидӣ барои рушди тиҷорати электронӣ вуҷуд дорад ва он набудани эътимоди рақамӣ ба муомилоти онлайн аст. Ҳалли ин мушкилот кӯшиши муштаракро барои таҳкими муҳити ҳифзи додаҳо талаб мекунад. Қобили таҳсин аст, ки соли 2018 дар Тоҷикистон Қонун дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ қабул шуд. Дастгирии Бонки Ҷаҳонӣ инчунин иҷрои қоидаҳо ва қоидаҳои ҳифзи маълумотро дар бар хоҳад гирифт, ки калиди таъмини тоҷирон ва истеъмолкунандагон дар истифодаи хидматҳои онлайнӣ мебошанд” [3,29].

Ҳамин тариқ, таҳлили ҷанбаҳои рушди тиҷорати электронӣ нишон медиҳад, ки сарфи назар аз баъзе тағйиротҳои мусбӣ, дар пур кардани бозори дохилӣ бо молҳои баландсифат тариқи тиҷорати электронӣ, хизматрасониҳои электронӣ ба аҳолӣ ҳанӯз ҳам мушкилоти ҳалношуда зиёданд.

Бо мурури замон сохтори тиҷорати электронӣ ва пешниҳоди хидматҳои электронӣ низ тағйир меёбад.

Дар асоси таҳлили гузаронидашуда метавонем гуфт, ки иқтисодиёти мамлакат ба тиҷорати электронӣ эҳтиёҷот дорад ва рушди он ба рушди иқтисоди миллӣ мусоидат мекунад. Шаклҳои ислоҳоти сохторӣ, ба эътидол овардани вазъи макроиқтисодӣ ва имкониятҳои рушди тиҷорати электронӣ шартҳои зарурӣ мебошанд. Дар баробари ин, мо қайд мекунем, ки гарчанде ки сатҳи муайяни рушди тиҷорати электронӣ ба даст оварда шудааст, бахши хизматрасонии электронӣ аҳолиро қонеъ намекунад.

**АДАБИЁТ**

1. Нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ //Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2023.
2. Нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ //Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2022.
3. Сайти электоронии: yeferin@worldbank.org. Ҷаласаи “Рушди тиҷорати электронӣ” Душанбе, Тоҷикистон 16 марти соли 2022.
4. Сайти электоронии: https://www.asiaplustj.info/tj/news/tajikistan/economic/20220317/minbad-dar-toikiston-ba-tiorati-elektron-tavaui-idd-zoir-meshavad. Санаи муроҷиат 14.05.2024.

5. Сайти электронии https://pressa.tj/dar-to%D2%B7ikiston-muzdi-miyonai-me%D2%B3nat-ziyod-shudaast/
6. Don Tapscott. The Digital Economy: Promise and Peril in The Age of Networked Intelligence [Text] / Don Tapscott. – McGraw-Hill, 1995 – 342p.

**УДК-33.338**

**Қурбонова М.С.**

## ОМИЛҲО ВА МУАММОҲОИ БОЗДОРАНДАИ РУШДИ МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур омилҳо ва муаммоҳои боздорандаи рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар мамлакат мавриди пажӯҳиш ва баррасӣ қарор гирифтааст. Аз ҷониби муаллиф муҳиммияти таъсис ва рушди фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар таъмини ҳадафҳои стратегии кишвар таҳқиқ гардида, фаъолияти онҳо дар шароити муосир барои ҳалли мушкилоти иқтисодӣ-иҷтимоии кишвар асоснок карда шудааст. Муаллиф чунин мешуморад, ки баррасӣ ва баҳодиҳии таъсири омилҳо ба раванди пешравии минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) таъсири мусбӣ мерасонад. Дар ин робита, муаллиф тақвияти фаъолияти МОИ бо назардошти баҳодиии самараноки фаъолияти он ва татбиқи лоиҳаҳои дар онҳо амалишаванда ногузир арзёбӣ карда месозад. Муаллиф асоснок намудааст, ки ба раванди фаъолияти МОИ як қатор омилҳо таъсир расонида метавонанд, ва онҳоро ба омилҳои беруна ва омилҳои дохилӣ гурӯҳбандӣ намудааст. Муаллиф чунин мешуморад, ки пешрафти МОИ ва таназзули фаъолияти он аз суботи иқтисод вобастагии беандоза дошта, метавонад дар афоишёбии шумораи субъектони дар МОИ амалкунанда шароит фароҳам оварад. Дар маҷмӯъ, муаллиф вобаста ба омилҳо ва муаммоҳои боздорандаи рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар мамлакат тавсияҳои худро пешниҳод намудааст, ки метавонанд ва раванди инкишофи минтақаҳои мазкур таъсири мусбӣ расонанд.

**Калидвожаҳо:** лоиҳаҳои сармоягузорӣ, минтақаҳои озоди иқтисодӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ, саноати сабук, инфрасохтор, технологияҳои нав, омилҳои таъсиррасон, рақобанокӣ, сармояи хориҷӣ.

**Курбонова М.С.**

## ФАКТОРЫ И ПРОБЛЕМЫ ПРЕПЯСТВУЮЩИЕ РАЗВИТИЮ СВОБОДНЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ЗОН В РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье исследованы и обсуждены факторы и проблемы, препятствующие развитию свободных экономических зон в стране. Автор исследовал значение создания и развития свободных экономических зон в обеспечении стратегических целей страны, обосновал их деятельность в современных условиях для решения экономических и социальных проблем страны. Автор полагает, что рассмотрение и оценка влияния факторов окажут положительное влияние на процесс развития СЭЗ. В связи с этим усиление деятельности СЭЗ с учетом эффективной оценки ее деятельности и реализации реализуемых в них проектов автор оценивает как неизбежное. Автор обосновывает, что на процесс деятельности СЭЗ может влиять ряд факторов, и классифицирует их на внешние

факторы и внутренние факторы. Автор считает, что развитие СЭЗ и спад ее активности во многом зависят от стабильности экономики и могут создать условия для уменьшения количества субъектов, действующих в СЭЗ. В целом автор представил свои рекомендации, связанные с факторами и проблемами, сдерживающими развитие свободных экономических зон в стране, которые могут оказать положительное влияние на процесс развития этих зон.

**Ключевые слова:** инвестиционные проекты, свободные экономические зоны, производственные предприятия, лёгкая промышленность, инфраструктура, новые технологии, влияющие факторы, конкурентоспособность, иностранный капитал.

**Kurbonova M.S.**

## FACTORS AND PROBLEMS OBSTACLES TO THE DEVELOPMENT OF FREE ECONOMIC ZONE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article researched and discussed the factors and problems hindering the development of free economic zones in the country. The author has investigated the significance of creation and development of free economic zones in ensuring the strategic goals of the country, justified their activities in modern conditions to solve economic and social problems of the country. The author believes that the consideration and evaluation of the influence of factors will have a positive impact on the process of FEZ development. In this regard, the author assesses the strengthening of FEZ activity taking into account the effective assessment of its activity and implementation of projects implemented in them as inevitable. The author substantiates that the process of FEZ activity can be influenced by a number of factors, and classifies them into external factors and internal factors. The author believes that the development of FEZ and the decline in its activity largely depend on the stability of the economy and may create conditions for reducing the number of entities operating in FEZ. In general, the author presented his recommendations related to the factors and problems constraining the development of free economic zones in the country, which can have a positive impact on the process of development of these zones

**Key words:** investment projects, free economic zones, manufacturing enterprises, light industry, infrastructure, new technologies, influencing factors, competitiveness, foreign capital.

Таҳлилҳо собит намуданд, ки МОИ яке аз унсурҳои асосӣ дар раванди тараққиёти иқтисоди миллӣ ба шумор рафта, пешрафти такрористеҳсолоти васеъ ва рушди иқтисоди воқеиро метавонад таъмин намояд. Ташкили МОИ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи барномаҳои стратегии давлат сурат гирифта, ҳамчун заминаи ташкили низоми босуботи иқтисодӣ арзёбӣ карда мешавад. Зеро ба ташкил ва рушди МОИ дар кишвар ҷойҳои нави кори ба вуҷуд омада, сатҳи бекорӣ ва камбизоатӣ давра ба давра коҳиш дода мешавад. Илова ба ин, тақвияти фаъолияти МОИ ба раванди инкишофи нишондиҳандаҳои макроиқтисодии мамлакат таъсири мусбӣ расонида, сатҳи таваррумро коҳиш медиҳад ва иқтидори содиротии давлатро боло мебардорад. Аз ин рӯ, дар кулли кишварҳои ҷаҳон давлатҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки МОИ ташкил карда шавад ва ҷараёни рушди он бидуни мушкилоти гуногун роҳандозӣ гардад.

Барои таҳкими фаъолияти МОИ ва таъсири мусбии он ба ҷараёни такрористеҳсолоти васеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” қабул гардид, ки заминаи муҳиси рушди МОИ-ро фароҳам овард. Бо қабули қонуни мазкур инфрасохтори зарурӣ барои фаъолияти МОИ дар ҳудуди кишвар таҳия карда шуд ва бо ин васила фаъолияти минбаъдаи субъектони иқтисодӣ дар МОИ татбиқ гардид. Илова ба ин, ҷиҳати рушди

ҳамаҷонибаи МОИ дар мамлакат Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи чораҳои аввалиндараҷа оид ба ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии тоҷикистон” аз 05.03.2008 таҳти №103 қабул гардид, ки пешрафти минбаъдаи МОИ-ро дар кишвар таъмин намуд.

Бояд қайд кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташкили бомуваффақияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ заминаи мусоид фароҳам овардааст. Зеро барои ҳалли самараноки мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ таъсир расонида, қобилияти рақобатии онро баланд мебардорад. Дар роҳи расидан ба ҳадафи чаҳоруми миллӣ-саноатикунонии босуръати кишвар нақши МОИ назаррас мебошад. Зеро, дар МОИ-и бо истифодаи самараноки иқтидорҳои истеҳсолӣ, ашёи хоми ватанӣ ва қувваи корӣ баҳри рушди иқтисоди миллӣ ва афзун гардидани номгӯйи маҳсулоти ватанӣ ва ҳаҷми он шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба барномаи рушди инноватсионии Тоҷикистон ворид шудааст. Дар ниҳоят, тиҷорати муосирро бе чунин минтақаҳо тасаввур кардан душвор аст. Айни замон дар кишвар 5 МОИ амал намуда истодааст, ки шумораи субъектони онҳо сол аз сол афзоиш ёфта истодааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади рушди иқтисоди миллӣ ва ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ аз 5 марти соли 2008 чаҳор МОИ ташкил ёфт, ки аз рӯйи чунин шаклҳо фаъолият менамоянд:

- МОИ “Суғд” - саноатӣ-инноватсионӣ дорои 24 субъект (20-то истеҳсолӣ, 4-то хизматрасонӣ);
- МОИ “Данғара” истеҳсолӣ-инноватсионӣ дорои 27 субъект (21-то истеҳсолӣ, 6-то хизматрасонӣ);
- МОИ “Панҷ” комплексӣ дорои 17 субъект (13-то истеҳсолӣ, 4-то хизматрасонӣ);
- МОИ “Ишкошим”истеҳсолӣ-тиҷоратӣ дорои 3 субъект (1-то истеҳсолӣ, 2-то хизматрасонӣ)

Инчунин, соли 2019 МОИ “Кӯлоб” таъсис дода шудааст, ки шакли фаъолияташ-истеҳсолӣ буда, дорои 1 субъект мебошад. [11]

Маврид ба зикр аст, ки фаъолияти МОИ дар шароити муосири иқтисодӣ барои ҳалли мушкилоти иқтисодӣ-иҷтимоии кишвар заминаи мусоид фароҳам оварда, метавонад, ки сатҳи бекориро коҳиш дода, раванди ташкили ҷойҳои нави кориро суръат мебахшад ва барои таҳкими соҳибкории хурду миёна дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити мусоид ташкил менамояд. Дар асоси ташкили МОИ ва таҳияи шароити муносиб барои рушди субъектони дар он амалкунанда зарур аст, ки инфрасохтори он тақвият бахшида шавад. Ҷоннок намудани фаъолияти МОИ барои рушди минбаъдаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти беандоза дошта, равнақёбии соҳаҳои афзалиятнок ва таҳкимёбии иқтидори содиротиро асос мегузорад. Ҳамзамон, МОИ заминае барои татбиқи технологияҳои нав, истифодаи инноватсия дар истеҳсолот, истеҳсоли маҳсулоти нав ва батанзимдарории механизмҳои ҳамгироӣ байни давлат, тиҷорати дохила ва амалишавии лоиҳаҳои сармоягузорони дохилию хориҷӣ мебошад.

Таҳлилҳо инъикосгари онанд, ки ташкили МОИ дар кулли кишварҳои олам бо мақсад ва вазифаҳои гуногун роҳандозӣ карда мешавад. МОИ ба таври гуногун метавонанд, ки ба иқтисодиёт таъсири мусбӣ расонида, барои ҳалли масоили сиёсӣ, иқтисодӣ, саноатӣ ва иҷтимоӣ шароити заруриро ба вуҷуд меоранд. Имрӯз дар кулли кишварҳои ҷаҳон МОИ фаъолияти густурда дошта, шуғли пайвастаи аҳолиро таъмин намуда истодаанд. Таҳлилҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки то соли 2025 ҳаҷми савдои молу маҳсулоти МОИ аз 30 то 40 фоизи савдои ҷаҳонро ташкил хоҳад дод.[2] Дар робита ба ин, қайд намудан мумкин аст, ки нақши МОИ дар иқтисоди ҷаҳонӣ пайваста афзуда истодааст ва дурнамои захираҳои сармоягузорӣ нишон медиҳад, ки рушди устувори раванди истеҳсолӣ дар саноат аз фаъолияти самараноки он алоқамандӣ дорад. Баҳри касби нақши

бештар дар иқтисодиёт баҳодиҳии амиқ ва таҳлили пайвастаи ҷанбаҳои муҳими фаъолияти МОИ зарур арзёбӣ карда мешавад. Дар ин самт баррасӣ ва баҳодиҳии таъсири омилҳо ба раванди пешравии МОИ таъсири мусбӣ мерасонад. Махсусан, таъсири омилҳо ба ҷараёни фаъолияти МОИ метавонад, ки густариши фаъолияти онро коҳиш дода, пешравии иқтисодиёти воқеиро боз дорад. Дар ин робита, тақвияти фаъолияти МОИ бо назардошти баҳодиии самараноки фаъолияти он ва татбиқи лоиҳаҳои дар онҳо амалишаванда ногузир арзёбӣ карда мешавад. МОИ-ро метавонем ҳамчун марказҳое арзёбӣ намоем, ки амалишавии лоиҳаҳои соҳаҳои гуногунро замина гузошта, иқтидори истеҳсолии мамлакатро боло мебардорад (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. -Лоиҳаҳои татбиқшаванда дар МОИ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022**

| *Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва макони ҷойгиршавии онҳо* | *Шумораи умумии лоиҳаҳо аз рӯи соҳаҳои мухталиф* | | | | | | | *Ҳамаи лоиҳиҳои амалишаванда* | **Нишондиҳандаи умумӣ бо %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *Энергетика* | *Саноати кӯҳӣ* | *Инфрасохтор* | *Саноати сабук* | *Кишоварзӣ* | *Бахшии иҷтимоӣ* | *Сайёҳӣ* | | |
| **Суғд** | 16 | 13 | 3 | 6 | 1 | 4 | - | 43 | 26,7 |
| **Хатлон** | 13 | 3 | 2 | 2 | 1 | 4 | - | 25 | 15,5 |
| **НТҶ** | 9 | 5 | 12 | 29 | 11 | 10 | 3 | 79 | 49,1 |
| **ВМКБ** | 9 | 2 | 1 | 2 | - | - | - | 14 | 8,7 |
| **Дар маҷмӯъ** | **47** | **23** | **18** | **39** | **13** | **18** | **3** | **161** | **100** |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои: https://investcom.tj/fez/48-mintaaoi-ozodi-itisod.html,(санаи дастрасӣ: 22.01.2023).

Маълумотҳои ҷадвали 1, гувоҳӣ онанд, ки воқеан МОИ дар ташаккули иқтисоди миллӣ ва махсусан рушди иқтисоди воқеӣ мавқеи ҳалкунанда дорад. Агар лоиҳаҳои дар МОИ амалишавандаро мавриди таҳлил қарор диҳем, пас дидан мумкин аст, ки вобаста ба соҳаҳои муҳими иқтисодӣ лоиҳаҳои гуногун мавриди амал қарор гирифтаанд. Масалан дар МОИ иқтисодии Суғд маҷмӯъан 43 лоиҳа дар вобаста ба 6 соҳаи муҳими иқтисодӣ амалӣ гашта истодааст. Бояд қайд намуд, ки дар МОИ Суғд бештари лоиҳаҳо дар соҳаҳои энергетика, саноати кӯҳӣ, саноати сабук ва бахши иҷтимоӣ амалӣ гардида истодаанд. Аммо, новобаста аз ташкили фазои муосиди сармоягузорӣ ва инфрасохтори зарурӣ то ҳол шумораи лоиҳаҳои татбиқшаванд дар МОИ Суғд қаноаткунанда нест. Зеро шароити таҳиянамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин минтақа барои коркарди лоиҳаҳои бузург ва ташкили корхонаҳову ташкилотҳои истеҳсолии зиёд пешбинӣ гардидааст. Амал намудани ҳамагӣ 43 лоиҳа дар доираи 6 соҳа барои МОИ-и Суғд нишондиҳандаи конеъкунанда нест ва бар ин самт, махсусан ҷалби корхонаҳои бонуфузи хориҷӣ зарур ва ба мақсад мувофиқ арзёбӣ карда мешавад. Барои минтақаи вилояти Суғд корхонаҳои коркарди ашёби хом, саноати сабук, коркарди хушкмевагиҳо, коркарди нушобаҳои гуногун хос буда, дар ин самт бояд корҳои амалӣ афзоиш дода шавад. Масалан дар соҳаи кишоварзӣ, ки яке аз соҳаҳои калидии иқтисодӣ ба шумор меравад, дар ин МОИ танҳо 1 лоиҳа амал менамояд, ҳол он ки иқтидори захиравӣ-табии ин минтақа барои ташкили лоиҳаҳои бузург имконият мавҷуд аст.

Дар вилояти Хатлон низ 2 МОИ амал менамояд, ки ҳиссаи умумии лоиҳаҳои амалшаванд адр ин минтақа 15,5%-ро ташкил медиҳад. Агарчанде, ки вилояти Хатлон

имконияти васеъи коркади лоиҳаҳои гуноунро дорост, аммо дар соли 2022 ҳамагӣ 25 лоиҳаро фаро гирифтааст, ки ин бениҳоят нишондиҳандаи паст арзёбӣ карда мешавад. Дар ин минтақа метавонем, ки коргоҳҳо ва ташкилотҳои коркарди маъданҳои кӯҳӣ, саноати вазнин, сайёҳӣ ва кишоварзиро рушд диҳем, ки ҳамчун бахшҳои муҳими иқтисоди воқеӣ арзёбӣ карда мешавад. Бо истифода аз механизми МОИ бояд ташкили корхонаҳои гуногун тақвият дода шавад ва ҷойҳои кории нав ташкил гардад, ки яке аз омилҳои таҳкимбахшандаи иқтисодиёт ва коҳишдиҳандаи сатҳи камбизоатӣ шуморида мешавад.

Таҳлили лоиҳаҳои дар МОИ-и ВМКБ амалишаванда нишон медиҳад, ки дар ин минтақа ҳамагӣ 14 лоиҳа мавриди амал қарор дорад, ки аз ин 9 лоиҳа ба соҳаи энергетика, 2 лоиҳа ба соҳаи саноати кӯҳӣ, 1 лоиҳа ба соҳаи инфрасохтор ва 2 лоиҳа ба соҳаи саноати сабук рост меояд, ки қобил қабул буда наметавонад, зеро дар минтақаи ВМКБ имкониятҳои бойи табиӣ мавҷуд аст, ки истифодаи оқилонаи онҳо барои пешрафти иқтисодиёти минтақа ва умуман иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити мусоид фароҳам меорад. Дар МОИ дар ҳудуди ВМКБ амалкунанда бояд бештар коргоҳҳои коркарди металҳои қиматбаҳо, корхонаҳои ба сайёҳӣ нигаронидашуда ва ташкилотҳои истеҳслоии саноатӣ ташкил гарданд, то ки иқтисодиёти минтақаи мазкур таҳким ёбад ва ҷойҳои нави кори таъсис гарданд.

Бояд тазаккур дод, ки МОИ пойгоҳе барои татбиқи технологияҳои нав, истифодаи инноватсия дар истеҳсолот, азхудкунии истеҳсоли маҳсулоти нав ва батанзимдарории механизмҳои ҳамгироӣ байни давлат, бизнеси дохила ва сармоягузорони берунӣ инчунин амалишавии лоиҳаҳои сармоягузорӣ мебошад. Аз маълумотҳои оморӣ мушоҳида мегардад, ки ҳаҷми сармоягузориҳои мустақим дар МОИ кишвар дар соли 2022 андозаи 59,5 млн.сомониро ташкил дод. Саҳми асосии сармоягузориҳои азхудшуда ба минтақаҳои озоди иқтисодии «Данғара»-36,8 млн. сомонӣ ва «Суғд»-19 млн.сомонӣ рост меояд. [12]

Таҷрибаи кишварҳои мутараққӣ нишон медиҳад, ки МОИ дар таҳкими шуғли пурраи аҳолӣ ва рушди воқеии иқтисодиёт нақши калидӣ дошта, ба тараққиёбии пайвастаи соҳаҳои мухталиф замина мегузорад. Таҳлилҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки дар ҷаҳон МОИ ҳарчи бештар густариш ёфта, дар таъмини рушди босуботи иқтисодӣ мавқеи калидиро касб намуда истодаанд. Таҷрибаи кишварҳои рушдёфта нишон медиҳад, ки МОИ асосан дар тақвияти самҳои зерин, ки барои иқтисодиёти ҳар як кишвари алоҳида аҳамияти махсусро касб намудаанд, нақши беандоза дорад:

- Суръатафзоӣ ва таъмини рушди босуботи иқтисодиёти минтақаҳо;
- Ташкили ҷойҳои нави корӣ ва густариши истеҳсолоти дохилӣ;
- Ҷалби бештари сармояи дохилӣ ва хориҷӣ.

Дар шароити муосири иқтисодӣ сармоягузорон метавонанд, ки маблағҳои худро дар МОИ сармоягузорӣ намуда, истеҳсолотро ба роҳ монанд. Махсусан МОИ барои соҳибкори ватанӣ имкониятҳо ва имтиёзҳои васеъеро фароҳам овардааст, ки боиси пешрафти соҳибкории хурду миёна ва бузург мегардад. Қайд намудан зарур аст, ки сатҳи миёнаи даромад дар МОИ нисбат ба амалияи муқаррарӣ баланд буда, соҳибкор метавонад, ки дар муҳлати кутоҳ маблағҳои сарф намудаашро барқарор намояд. Таҳлили амалияи муосири ҷаҳонӣ исбот намудааст, ки МОИ дар баландбардории иқтидори иқтисодии давлат нақши асосиро иҷро намуда, самтҳои афзалиятноки хоҷагии халқро таҳким мебахшад ва такрористеҳсолоти васеъро таъмин менамояд (расми 1.).

Вобаста ба расми 1, қайд намудан мумкин аст, ки МОИ дар ҷараёни такрористеҳсолоти васеъ иштирок намуда, ба раванди ташаккули нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ таъсири мусбӣ мерасонад. Аз ин ҷост, ки нақши МОИ дар иқтисодиёти кишварҳои ҷаҳон сол аз сол афзоиш ёфта истодааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо таъсиси МОИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи густурдаи истеҳсолӣ фароҳам оварда шуд ва иқтидори содиротии кишвар боло рафта истодааст (диаг.1.).

Дар робита бо диаграммаи 1, қайд намудан мумкин аст, ки нақши МОИ дар таҳкими истеҳсолот, ҷалби сармоя ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ назаррас буда, метавонад ба раванди болоравии сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ таъсири мусбӣ расонад. Агар ба нишондиҳандаҳои омории диаграммаи 1, аҳамият диҳем, пас дидан мумкин аст, ки дар давоми солҳои 2020-2023 минтақаҳои озоди дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда фаъолияти самаранок дошта, тавонистанд, ки дар таҳкими нишнондиҳандаҳои макроиқтисодии кишвар нақши калидиро иҷро намоянд. Соли 2020 ҳаҷми сармоягузориҳо ба МОИ мабалғи 87,2 млн. сомониро ташкил дод ва ин нишондиҳанда дар соли 2023 то ба андозаи 107,9 млн. сомонӣ расид, ки 19,1% ва 20,7 млн. сомонӣ зиёд гардидааст.

**Расми 1. Таъсири минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба иқтисодиёт**




**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ низ дар давраи таҳлилӣ ба таври назаррас афзоиш, дар соли 2023 маблағи 446,1 млн. сомоиро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 ба андозаи 35,1% ва ё 156,6 млн. сомонӣ зиёдшавӣ ба назар мерасад. Дар баробари афзоишёбии ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ ва тақвияти сармоягузориҳо дар МОИ, ҷойҳои нави корӣ низ таъсис ёфтаанд, ки яке аз ҳадафҳои стратегии ҳукумати кишвар арзёбӣ гардида, дар меҳвари сиёсати иқтисодии давлат қарор дорад.

Дар МОИ-и кишвар соли 2023-юм 186 ҷои кории нав таъсис дода шудааст, ки нисбати соли 2020-ум 118 адад ва ё 2,7 маротиба афзоишёбӣ дида мешавад. Давра ба давра таъсисёбии ҷойҳои нави корӣ дар МОИ аз афзоишёбии ҳаҷми истеҳсолот ва густариши муносибатҳои иқтисодӣ дар ин минтақаҳо арзёбӣ карда мешавад.




**Диаграммаи 1. Фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодии дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда таи солҳои 2020-2023 (вобаста ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ)**

*Сарчашма:* таҳияи муаллиф дар асоси www.investcom.tj. (санаи муроҷиат:08.01.2023).

Дар воқеъ, МОИ ҳамчун субъекти муҳими муносибтаҳои иқтисодӣ метавонанд, ки иқтисодиёти минтақаҳоро рушд дода, аҳолии минтақаҳои кишварро бо ҷойҳои кории

муносиб таъмин намоянд. Илова ба ин, МОИ барои такмилёбии инфрасохтори иқтисодӣ-истеҳсолии минтақаҳои кишвар заминаи заруриро фароҳам оварда, ҳамгироии минтақаҳоро асос мегузорад. Яъне дар заминаи ҳамгироиҳои МОИ муносибатҳои иқтисодӣ-молиявӣ миёни минтақаҳои ҷумҳурӣ ба амал омада, маҷъан суботи иқтисодӣ ва рушди устувори он дар саросари кишвар роҳандозӣ карда мешавад.

Барои фаъолияти густурда ва самараноки МОИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инобат гирифтани таъсири омилҳои гуногунсатҳ ба мақсад мувофиқ мебошад. Баҳодиҳии таъсири омилҳо метавонад, ки дар ташкили заминаи мусоиди рушд ва тақвияти лоиҳаҳои гуногун дар МОИ аҳамияти беандоза дошат дошад. Зеро вобаста ба ҳолати рушди иқтисодиёт ва бо назардошти рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ фаъолият намудан барои МОИ метавонад ҳамчун нишондиҳандаи асосӣ арзёбӣ гардад. Ҷиҳати таъмини рушди устуворонаи МОИ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири мусбии субъектони амалкунандаи МОИ ба иқтисоди миллӣ зарурияти баҳодиҳии самаранок ва таҳқиқи омилҳои ба он таъсирбахш пеш меояд. Фаъолияти густурда ва самараноки МОИ аз баҳодиҳии омилҳое, ки таъсири манфӣ доранд, оғоз гардида, коркарди усулҳои пешгирӣ аз чунин омилҳо дар шароити муосири иқтисодӣ зарур арзёбӣ карда мешавад (расми 2). Бояд тазаккур дод, ки ба инобат гирифтани омилҳои таъсирбахш зимни фаъолияти субъектони МОИ метавонад, ки фаъолияти бенуқсони онҳоро таъмин намояд.

**Расми 2. Омилҳои ба чараёни фаъолияти МОИ таъсирбахш**




**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Аз расми 2, дида мешавад, ки ба раванди фаъолияти МОИ як қатор омилҳо таъсир расонида метавонанд. Пеш аз ҳама ҷиҳати таҳқиқи пурра ва баҳодиҳии мукаммал, маҷмуъан омилҳои таъсирбахш ба ду гуруҳ ҷудо карда шудаанд. Дар қисмати якум омилҳои беруна ва дар қисмати дуюм омилҳои дохилӣ. Яъне ба чараёни фаъолияти МОИ омилҳои дохилӣ ва берунӣ таъсир расонида, метавонанд, ки фаъолияти густурда ва самараноки онро ба мушкилӣ рӯ ба рӯ намоянд. Бояд тазаккур дод, ки заминаи қонунгузорӣ дар самти МОИ яке аз омилҳои муҳими рушди он башумор рафта, метавонад, ки ҳамчун омили ҷалби сармояи хориҷӣ ва дохилӣ баромад намояд. Қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии дахлдор метавонанд, ки заминаи муосидро барои пешрафти МОИ ва ҷалби бештари субъектони иқтисодии хориҷӣ фароҳам оварад. Омили дигаре, ки дар раванди фаъолияти МОИ таъсири амиқ дошта, метавонад муайянкунандаи рушди он бошад, ин вазъи сиёсӣ дар кишвар арзёбӣ карда мешавад. Вазъи сиёсӣ ба фаъолияти кулли субъектони иқтисодӣ таъсири манфӣ расонида, метавонад, ки даромаднокӣ, пардохтпазирӣ ва ликвиднокии ташкилоту корхонаҳоро ба мушкилӣ гирифтор намояд.

Масъалаи дигаре, ки бо вазъи сиёсии кишвар вобастагӣ дорад, ин ҷалби сармояи хориҷӣ ба шумор меравад. Яъне дар ҳолати бад будани ҳолати сиёсии кишвар сармоягузорони хориҷӣ ба иқтисодиёти он кишвар таваҷҷуҳ зоҳир намекунанд ва сармоягузорӣ қатъ мегардад. Дар кишвар суботи сиёсӣ, пеш аз ҳама, бо муносибатҳои байни давлат ва шаҳрвандони он муайян карда шуда, дар муносибати давлат ба моликият ва соҳибкорӣ зоҳир мегардад. Мавриди зикр аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон суботи сиёсӣ пойдор аст ва давлат барои ҳар як нафари резидент ва ғайрирезидент заминаи комили соҳибкориро фароҳам оварда, манфиатҳои сармоягузоронро пурра ҳимоя менамояд.

Омили муҳими дигар ин вазъи иқтисодии кишвар муайян гардидаас. Воқеан вазъи иқисодӣ-иҷтимоии кишвар ҳамчун омили асосӣ ба пешрафти МОИ метавонад, ки таъсири манфӣ ва ё мусбӣ расонад. Нархҳои саҳмияҳои корхонаҳои ватанӣ дар бозори саҳҳомӣ, нархи нерӯи барқ, қурби пули миллӣ, сатҳи таваррум ва фоизи қарзҳо нишондиҳандаҳое мебошанд, ки вазъи иқтисоди миллиро инъикос мекунанд. Пешрафти МОИ ва таназзули фаъолияти он аз суботи иқтисод вобастагии беандоза дошта, метавонад дар афоишёбии шумораи субъектони дар МОИ амалкунанда шароит фароҳам оварад.

Рушди илмӣ-технологӣ аз омилҳое ба шумор меравад, ки раванди фаъолияти МОИ-ро бетаъсир намегузорад. Ҷараёни рушди технология ҳамчун ҷараёни мушкил ба ҳисоб рафта, таҳкимёбии истеҳсолоти корхонаҳоро асос мегузорад. Бояд қайд намуд, ки ки таи солҳои охир накши технологияи муосир дар ташаккули истеҳсолот ва баландбардории сифати маҳсулотҳои истеҳсолшаванд афзуда истодааст, ки барои коҳишёбии хароҷотҳои субъектони иқтисодӣ шароит фароҳам оварда истодааст. Илова ба ин, ҳар як корхонае, ки бешатр аз технлогияи муосир истифода менамояд сатҳи рақобатпазирии худро тақвият бахшида, дар бозор мавқеи хосро касб намудааст.

Дар шароити муосири иқтисодӣ низоми идракунии стратегӣ низ баланд арзёб карда мешавад ва аз омилҳое махсуб меёбад, ки ба пешрафти фаъолияти МОИ таъсиргузор мебошад. Менеҷменти стратегӣ ба субъектони иқтисодӣ имконият медиҳад, ки самаранокии идоракуниро баланд бардорад, барои рушди устувори соҳибкорӣ замина гузорад ва бо таъмини таъсири манфии эҳтимолии муҳити беруна чораҳои муфид андешад. Мавриди ёдоварист, ки стратегияи рушд дар ҷараёни пешрафти ташкилоту корхонаҳо мавқеи калидиро касб намуда, муайянкунандаи ҳадафҳо ва вазифаҳои дарозмуддати асосии корхона диниста мешавад.

The article discusses issues related to national accounts and macroeconomic indicators, with a focus on GDP (Gross Domestic Product) in the context of a green economy. The author emphasizes that GDP is one of the most important indicators, reflecting the results of economic activity of residents and the overall efficiency of the economy over a certain period. GDP is used to measure the final value of goods, assets, and services produced and distributed within the country. The article also notes that to achieve green economic development, sustainable investment and technological development are necessary. In most former Soviet Union countries, the calculation of social product was carried out using indicators such as GDP, GNP (Gross National Product), and GNI (Gross National Income). There are no significant differences between GNP and GDP in terms of the sources of formation and use. Furthermore, the article analyzes green growth strategies aimed at balancing economic progress and environmental sustainability, ensuring long-term prosperity through a sustainable environment. Thus, GNP and GDP are considered as the total value of goods and services within the national economy over various periods, taking into account current or constant prices.

**Key concepts:** Gross National Product, Gross Domestic Product, Net National Product, green economy, sustainable development, green economic growth, resource efficiency, nominal net product, real net product, national income, personal income, consumption fund, savings fund, shadow economy, investment, disposable income, government purchase, net imports.

Яке аз унсурҳои низом (система)-и ҳисобҳои миллӣ (НҲМ) ва нишондиҳандаи муҳимтарини макроиқтисодӣ буда, натиҷаи ниҳоии фаъолияти иқтисодии субъект (резидент)-ҳои иқтисодиро дар доираи иқтисоди миллӣ, самаранокии умумии иқтисодиёт ва натиҷагирӣ аз сиёсати иқтисодии давлат дар як давраи муайян ифода мекунад.

ММД бо мақсади андоза намудани арзиши ниҳоии молу маҳсулот, неъматҳо ва хизматрасониҳое, ки аз ҷониби субъектҳои мамлакати мазкур дар як давраи муайян дар шароити иқтисодиёти сабз (1 сол) истеҳсол ва тақсим шудааст нигаронида мешавад.[7, 8, 9, 10]. Бояд ёдовар шуд, ки барои ноил шудан ба рушди иқтисодиёти сабз пеш аз ҳама сармоягузорӣ ва рушди техналогияро устувор намуда, самтҳои афзалиятноки онро ба рушди устор нигаронида фаъол намудан ба мақсад муввофиқ мебошад. Барои ҳисобу китоби маҳсулоти ҷамъиятӣ дар доираи иқтисоди миллӣ дар аксарияти давлатҳои собиқ Шуравӣ нишондиҳандаҳои мачмуи маҳсулоти чаъмиятӣ (ММҶ), маҷмӯи маҳсулоти миллӣ (МММ), маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД), даромади миллӣ (ДМ) ва ғайра бо таври васеъ истифода карда мешуданд. Дар доираи ин низом ММД қариб истифода карда намешуд.

“Стратегияҳои рушди сабз ба мувозинати пешрафти иқтисодӣ ва устувории экологӣ нигаронида шудаанд ва ба ин васила шукуфоии дарозмуддат ва устувориро ба мушкилоти экологӣ ва камшавии захираҳо таъмин мекунанд”. Аз нигоҳи сарчашмаи ташаккул ва

истифодаи байни нишондиҳандаҳои МММ ва ММД фарқи ҷиддие дида намешавад. Ҳардуи ин нишондиҳандаҳо ҳамчун сарҷамъи маҳсулот ва хизматрасониҳо дар доираи иқтисоди миллӣ, дар як давраи муайян (моҳ, квартал, нимсола, сол) бо ифодаи нархҳои ҷорӣ (амалкунанда) ё худ нархи доимӣ (ягон соли базавӣ, гузашта) муайян карда мешаванд. .[1, 2, 3, 13,17].

МММ ҳамчун сарҷамъи арзишҳои молу маҳсулот ва хадамот дар ҳавзаи истеҳсолоти моддӣ ва ғайримоддӣ, новобаста аз мавқеъи ҷойгиршавии корхонаҳои миллӣ (чӣ дар дохил, чӣ дар хориҷи мамлакат) ҳисобу китоб карда мешавад.




**Нақшаи 1. Сарчашмаҳои ташаккули МММ дар шароити иқтисодиёти сабз**

ММД мувофиқи аломати сарзамин ҳачун сарҷамъи арзиши тавлидёфтаи маҳсулоти ҳавзаи истеҳсолоти моддӣ ва хизматрасониҳо, новобаста аз хусусиятҳои ҷойгиронӣ ва мансубият дар сарзамини мамлакати мазкур муайян карда мешавад.

Тафовути ММД ва МММ чандон бузург (на зиёда аз 1%) набуда, ҳамчун фарқи маблағгузории даромадҳои омилӣ (музди кор, фоида, даромад, рента, дивидент, фоиз...) аз истифодаи захираҳои мамлакати мазкур дар хориҷи мамлакат (воридшавии даромад аз гузориши сармоя) аз ҳамагуна шаклҳои моликият, интиқоли музди кори кормандони хориҷи мамлакат берун рафтани ҳамингуна шаклҳои даромад муайян карда мешавад.

Бо ибораи дигар, ҳангоми ҳисобу китоби ММД на ҳама арзишҳои молу маҳсулот ва хизматрасониҳо дар хориҷи мамлакат истеҳсолкардашуда, балки аз он тарҳ карда партофтани андозу дигар пардохтҳо ба фоидаи ҳамон давлатҳое, ки да он даромадҳои омилӣ истифода шудаанд, яъне маҳсулоти ниҳоӣ (охирон) ба эътибор гирифта мешавад.




Истифодаи мафҳуми “маҷмӯъ” оид ба ММД маънои онро дорад, ки он маҷмӯи молу маҳсулот ва неъматҳое, ки аз ҷониби бошандагон (резидент)-ҳои ҳамин мамлакат тавлид

карда шудааст дар бар мегирад. Бо ибораи дигар ҳангоми ҳисоби китоб аз ММД арзиши сармояи асосӣ истеҳлок (амортизатсия) тарҳ карда мешавад.[4, 5, 16].

Мувофиқи овардаи оморӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ҳамчун натиҷаи ниҳоии фаъолияти истеҳсолии воҳидҳои иқтисодӣ, ки дар соҳаҳои истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва хизматрасонии ғайримоддӣ аз ҷониби воҳид (резидент)-ҳои иқтисодӣ ҳамчун арзиши молҳо ва хизматрасониҳо барои истифодаи ниҳоӣ истифода мешаванд маънидод карда мешаванд.

Маҳсулоти ниҳоӣ ва хизматрасонӣ онҳое дониста мешавад, ки бо мақсади истеъмоли ниҳоӣ, андухт ва содирот истифода мешавад. Истеъмоли ниҳоӣ аз хароҷотӣ ниҳоии истеъмоии хонавода, муассисаҳои давлатӣ ба молҳо ва хизматрасониҳои хусусӣ, коллективӣ ва хароҷоти истеъмолии ниҳоии ташкилотҳои тиҷоратӣ, ки ба хоҷагиҳои хонавода хизмат мерасонанд иборат аст.

Арзиши мобайнӣ (мутавассит) арзиши молу маҳсулот ва хадамоте мебошад, ки дар раванди бевоситаи истеҳсолот масраф карда шудаанд (ашё, мавод, сӯзишворӣ, қувваи барқ, асбобу анҷом, тухмӣ, хизматрасониҳои нақлиётии боркаш, савдои яклухт, нархи иҷора, таблиғ (реклама) ба арзиши ММД ҳамроҳ карда намешавад. Бо ибораи дигар арзиши мобайнӣ – аз арзиши молҳо ва хизматрасониҳое иборат мебошад, ки дар давраи ҳисобот дар раванди истеҳсолот пурра истеъмол мешавад. Истеъмоли сармояи асосӣ ба таркиби он дохил карда намешавад. Дар акси ҳол зарурияти ҳисобкуниҳои дубора (такрорӣ) ба миён омада, арзиши маҳсулот мутавассит ба арзиши маҳсулоти ниҳоӣ ва хадамот зам мегардад.

ММД ҳамчун нишондиҳандаи сифатии макроиқтисодӣ, вазъу ҳолат ва тамоюли инкишофу таҳаввули иқтисоди миллиро барои давраи наздик ва дур инъикос намуда, дорои хусусиятҳои зер мебошад:

1. ММД - дар ҷараёни ҷории тавлидот, новобаста аз он, ки молу маҳсулотҳои тайёр фурӯхта шудаанд ё на, ё қисми онҳо захираҳои мавҷударо бештар мегардонад, инъикос менамояд. Бо ибораи дигар, захираҳои ҷории дар доираи тавлидот ҷой дошта, ба ММД ҳамроҳ карда мешавад;
2. ММД - ишондиҳандаи арзишӣ (пулӣ) буда, арзиши бозории неъматҳо ва хадамотҳоро чен менамояд. Аз ин нигоҳ андозаи он аз сатҳ ва дараҷаи нархи молҳову хадамот ва миқдори онҳо, яъне тақозои бозорӣ вобаста мебошад;
3. ММД - бидуни назардошти ҳисобҳои дубора (счётҳои такрор) сурат мегирад. Дар он фақат арзиши маҳсулоти ниҳоӣ ба назар гирифта мешавад. **Маҳсулоти ниҳоӣ**- молу хадаматҳое мебошад, ки барои истифодаи ниҳоӣ (на барои коркарди минбаъда, аз нав коркардабароӣ ва хариду фурӯши дубора) пешбинӣ карда мешаванд. Барои он ки ба ММД арзиши маҳсулоти мутавассит (мобайнӣ) зам нагардад, ба он фақат арзиши изофа (илова) ҳамроҳ карда мешавад. Арзиши илова - арзиши бозории маҳсулоти аз ҷониби фирма баровардашудае мебошад, ки баъди аз сар соқит кардани арзиши ашё ва маводҳои аз таъминотчиён гирифта шуда боқи мемонад;
4. ММД - бидуни ҳисобу китобҳои амалиётҳо ба роҳ монда мешавад. Охирон, ҳамчун амалиётҳои молиявӣ дар шакли:
    - пардохтҳои бебозгашти давлатӣ (трансфертӣ)-пардохти суғурта, нафақа, стипендия, бекорӣ...;
    - пардохтҳои бебозгашти фирмаҳо (пулҷудокунӣ) барои шаклҳои гуногуни таълим, суғурта, тансиҳатӣ, солим нигоҳ доштани муҳити зист;
    - амалиётҳо оид ба хариду фурӯши қоғазҳои қиматнок-саҳмия ва ғайра;
    - подоши хоҷагиҳои хонавода. Дар омори аксари давлатҳот Ғарб фаъолияти хоҷагиҳои хонавода ба сифати хоҷагидории бозорӣ қадр карда намешавад ва он ба ҳайсӣ фаъолияти ғайриистеҳсолӣ дониста шуда, ба ММД ҳамроҳ карда шавад;

- амалиётҳои бозорие, ки ҳамчун натиҷаи иқтисоди ниҳоӣ ташкил гардида, ба ҳаёти ҷомеа зарар меоранд (маводҳои маходир ва ғайра) сурат мегирад.

Андозагирии ММД имкон медиҳад, ки ҳаҷми молу маҳсулот ва хадамоти дар ҳудуди иқтисоди миллӣ истеҳсол, тақсим ва истифода шуда, дар як давраи ҳисобӣ (моҳ, квартал, нимсола, сол) муайян карда шавад.

Ба ин мақсад дар илми иқтисод ва омор чунин тарзу усулҳои андозагири (ченкуни) – и ҳаҷми ММД истифода карда мешавад:

- тибқи тавлидот (истеҳсолот) ё худ арзиши иловагии соҳа ва минтақаҳои иқтисодӣ;
- тибқи хароҷот, яъне ҳаҷми умумии сармоягузориҳои баҳри харид ва афзунгардонии ҳаҷми умумии маҳсулоти истеҳсол кардашуда дар соли ҷорӣ (ҳисоботӣ);
- тибқи ташаккули сарчашмаҳои даромад, яъне сарҷамъи даромадҳои бадастовардашудаи давлат аз истеҳсоли молу маҳсулот ва хизматрасониҳо дар давоми соли ҷорӣ.




**1. Андозагирии ММД аз нигоҳи истеҳсол дар шароити иқтисодиёти сабз** ё худ арзиши илова сарҷамъи арзиши маҳсулоти ниҳоӣ ва хизматрасониҳои соҳавӣ (минтақави)-ҳое мебошад, ки дар доираи иқтисоди миллӣ, дар давоми соли ҷорӣ бидуни ҳисобҳои дубора истеҳсол карда шудааст дар бар мегирад.

Арзиши изофӣ (иловагӣ) арзиши мебошад, ки аз ҷониби корхона (фирма)-ҳо дар ҷараёни бевоситаи истеҳсолот ҳамчун натиҷаи меҳнати конкрети (мушаххас) – и коргарон дар шакли музди кор, фоида (даромад), амортизатсия (истеҳлок) ба вуҷуд оварда шудааст. Бояд тазаккур дод, ки дар ташкилу ташаккули арзиши ашё ва маводҳои истифодашавандаи корхона, ки сароғоз аз ҷониби таъмингарон (хоҷагиҳои инфродӣ) тавлиду пешниҳод карда мешаванд ва корхонаҳо онҳоро ба сифати ашёи хом ё нимфабрикатҳо бо мақсади ташкили истеҳсолот ва тавлиди молу маҳсулот истифода мебаранд саҳме надоранд. Бинобар ин арзиши онҳо ба арзиши иловагии маҳсулоти тавлидгардидаи корхона ҳамроҳ карда намешавад.

Бо ибораи дигар, арзиши иловагӣ ҳамчун маҳсулоти умумии корхона (ё худ нархи бозории маҳсулоти истеҳсолкардашуда) бо истиснои хароҷоти моддии ҷорӣ ва ба ҳаҷми он замкардашудани ҳиссаҷудокуниҳои амортизатсионӣ (ҳиссаҷудокуниҳои ҳатмӣ аз фоидаи фонди асосии корхона) ташкил мегардад.

Маҳз дар натиҷаи бо ҳам илова ва зам намудани арзиши изофии маҳсулоти корхона, соҳава минтақаҳо нишондиҳандаҳои ММД ҳамчун ифодагари нархи молу маҳсулот эҳё ва густариш меёбад ва аз таъсири ҳисобҳои такрорӣ (дубора) эмин мемонанд.

**Маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ**

| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ | 56001,8 | 61368,4 | 68691,4 | 73870,5 | 91932,0 | 108831,0 |
| Ҳиссаи МММ дар ҳаҷми умумии ММД, бо % | 91,6 | 89,1 | 88,8 | 89,5 | 92,9 | 94,0 |
| ВМКБ | 956,5 | 1035,6 | 1063,4 | 1065,0 | 1278,8 | 1365,3 |
| Вилояти Суғд | 17510,7 | 18343,8 | 20537,1 | 21621,9 | 27465,4 | 31939,2 |
| Вилояти Хатлон | 16003,5 | 17107,5 | 19664,0 | 22080,5 | 26967,8 | 33832,1 |
| ш. Душанбе | 11811,0 | 13808,0 | 15139,2 | 15570,5 | 18905,8 | 22520,7 |
| НТҶ | 9719,8 | 11073,5 | 12287,7 | 13532,6 | 17314,1 | 19173,7 |

Система (низом) – и ҳисобҳои миллӣ (НҲМ) ба таркиби арзиши изофӣ – амортизатсия, музди кор, фоидаи корхона, рента, фоиз, андози холис, содироти холис, ёрии пулӣ барои маҳсулотро ҳамроҳ мекунад.

Бояд тазаккур дод, ки таи солҳои охир аз ҷониби Агенти омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ мутобиқи таснифот (классификатсия)- и намудҳои фаъолияти иқтисодии байналмилалии ТУНФИ-2 ба роҳ монда шуда, номгӯи соҳаҳои асосии истеҳсолоти моддӣ ва ғайримоддӣ ба амсоли: соҳаи кишоварзӣ, саноат, сохтмон, нақлиёт, алоқа, савдо, идоракунӣ, маориф, тандурустӣ, санъат, фаъолияти хоҷагиҳои ҷангал, моҳипарварӣ, моливию суғурта, фаъолияти касбӣ, илм ва техникӣ, фаъолияти хусусии хоҷагиҳои хонаводаҳо бо коргарони кироя ва ғайр номбар карда мешаванд. [6, 14, 18].

**Истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ**

| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ | 64434,3 | 71059,2 | 77354,7 | 83958,3 | 101076,3 | 115739.4 |
| Кишоварзӣ, шикор ва хоҷагии ҷангал, моҳидорӣ ва моҳипарварӣ | 13069,4 | 14049,8 | 15295,0 | 18659,8 | 22690,7 | 28466.4 |
| Саноати истихроҷи маъдан | 2463,1 | 2528,5 | 2463,0 | 2288,0 | 4669,7 | 4890.9 |
| Саноати коркард | 8251,0 | 9400,4 | 7153,1 | 8003,1 | 15160,3 | 10629.0 |
| Таъминоти (таҷҳиз) нерӯи барқ, газ, буғ ва ҳавои тоза | 2074,6 | 3025,7 | 3775,8 | 3969,7 | 4189,5 | 3932.3 |
| Об таъминкунӣ, полоиш, коркарди партов ва гирифтани ашёи такрорӣ | 51,2 | 76,9 | 96,5 | 97,4 | 119,5 | 101.6 |
| Сохтмон | 7680,4 | 9411,7 | 6833,3 | 6173,7 | 11417,3 | 9163.9 |
| Савдои яклухт ва чакана, таъмири автомобилҳо | 6353,5 | 7359,6 | 9495,5 | 9446,7 | 10956,0 | 14328.4 |
| Фаъолияти нақлиёт ва хоҷагии анбор | 4870,0 | 4277,6 | 6896,4 | 6604,6 | 3735,0 | 9458.5 |
| Меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо | 1697,8 | 1966,1 | 2155,8 | 3685,1 | 2405,8 | 2245.2 |
| Иттилоот ва алоқа | 1533,8 | 1366,8 | 1127,0 | 978,7 | 1473,6 | 1275.2 |
| Миёнаравии молиявӣ ва суғурта | 1994,4 | 2078,9 | 780,1 | 1042,7 | 2055,7 | 816.2 |
| Амалият бо амволи ғайри манқул | 740,6 | 791,4 | - | - | 1228.9 | - |
| Фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ | 237,2 | 237,7 | 142,0 | 167,1 | 568,4 | 217.7 |
| Фаъолияти маъмурӣ ва ёрирасон | 57,7 | 60,1 | - | - | 207.9 | - |
| Мақомоти идоракунӣ; таъминоти иҷтимоӣ | 1874,8 | 2005,6 | 4543,1 | 4195,2 | 2411,3 | 6076.3 |
| Маориф | 3022,7 | 3256,3 | 4407,5 | 5095,7 | 4778,7 | 7080.0 |
| Тандурустӣ ва пешниҳоди хизматҳои иҷтимоӣ | 1359,1 | 1440,9 | 1861,9 | 2444,3 | 2072,3 | 2458.4 |
| Санъат, хушнудӣ ва истироҳат | 296,7 | 328,2 | 499,1 | 575,4 | 525,4 | 690.2 |
| Пешниҳоди дигар хизматҳо | 736,4 | 923,2 | 1479,8 | 1327,1 | 844,2 | 2957.1 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Фаъолияти хусусии хоҷагиҳои хонаводаҳо бо коргарони кироя; истеҳсоли хусусии хоҷагиҳои хонаводаҳо бо мол ва маҳсулоти гуногун барои истеъмоли худӣ | 275,0 | 286,0 | 312,2 | 265,7 | 471,6 | 293.7 |
| Хизматрасониҳои миёнарави молиявии бевосита ченшаванда (-) | -542,2 | -564,3 | - | - | -602.0 | - |
| Андоз аз маҳсулот | 6467,9 | 7131,5 | 8187,9 | 7716,3 | 9882,8 | 10958.1 |
| Кӯмаки молиявӣ барои маҳсулот(-) | 130,8 | 112,4 | 150,3 | 193,3 | 184,3 | 299.8 |

Сарҷамъи ҳамаи арзишҳои иловагии дар доираи иқтисодӣ миллӣ бавуҷудовардашуда, ҳамчун арзиши бозории кулли молу маҳсулот ва хизматрасониҳо эътироф гардида маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.

**1. Андозагирӣ тибқи хароҷот дар шароити иқтисодиёти сабз.** Барои муайян кардани ҳаҷми солонаи ММД ҳамаи намудҳои хароҷот: хароҷоти истеъмолии аҳолӣ (C), сармоягузорӣ (Lg), харидкунии давлатии молу хадамот (G), содироти соф (Xn)-ҳамчун фарқи содирот ва водирот бо ҳам зам карда мешаванд.

Аз ин ҷо ММД чунин тасвир карда мешавад:

$$ММД=C+Lg+G+Xn$$

дар ин ҷо:

**C - хароҷоти истеъмолии шахсии** аҳолие мебошад, ки дар худ масрифоти хоҷагиҳои хонаводаро оид ба молҳои дуру дароз хизматкунанда (радио, телевизор, яхдон, мошин, компютер...) ва молҳои истеъмолӣ (нон, равған, сару либос, пойафзол...) бидуни харидани манзил дар бар мегирад. Ба он хароҷот оид ба нигоҳ доштани ҳаммом, ҳавзҳо, сартарошхонаю ҷомашуйхонаҳо низ ҳамроҳ карда мешавад.

**L - Сармоягузориҳои умумӣ**, ҳамчун маблағгузориҳои истеҳсолии фирма, ки барои харидани сармояи асосӣ (фондҳои асосӣ), азнавтаҷҳизонӣ, навгонӣ (инноватсия); сохтмони нав, сармоягузорӣ барои ташкил кардани фонди эҳтиётӣ ва ғайра ҷудо карда мешавад баромад мекунад. Сармоягузории умумӣ ҳамчун сарҷамъи сармоягузории холис ва истеҳлок (амортизатсия) сурат мегирад;

**G - харидкунии давлатии молу хадамот**- хароҷоте мебошанд, ки барои нигоҳ доштани мактаб, роҳ, артиши миллӣ, идораи мамлакат (яъне соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ бидуни соҳаҳои иҷтимиёт ва пардохтҳои трансфертӣ) аз ҳисоби буҷети давлатӣ ҷудо карда мешаванд.




**Xn - содироти холиси** мол ва хизматрасонӣ дар шароити иқтисодиёти сабз, ҳамчун фарқи содирот ва воридоти молу маҳсулот ҳисобу китоб карда мешавад. Афзалият ва камбудии он бо аломати (+) ва (-) нишон дода мешавад.

2. **Андозагирӣ тибқи даромад**. Ин усули андозагирии ММД ба сифати усули эътирофгардида, дар мамлакатҳои Ғарб бо таври маъмул истифода карда мешавад. Барои ҳисобу китоб ҷамъи даромадҳое, ки дар ҷомеа, дар давоми сол аз ҷониби бошандагони мамлакат (бидуни шахсони хориҷӣ, ки накамтар аз як сол иқомат доранд) ба вуҷуд оварда мешавад ба назар гирифта мешавад.

Ба сифати даромад дар шароити иқтисодиёти сабз - музди кор, рента, фоида, фоиз, иҷорапулӣ, даромад аз маблағгузориҳои шахсӣ, андоз аз фоидаи ширкатҳо, дивиденд, амортизатсия ва ғайра номбар карда мешавад. Бо ибораи дигар, ҳангоми андозагирии ММД аз нигоҳи даромад, ҳамаи намудҳои даромади омилӣ ва нишондиҳандаҳое, ки ҳамчун даромад эътироф карда мешаванд-ҳиссаҷудокуниҳои амортизатсионӣ ва андози ғайримустақим ба бизнес, яъне андоз тарҳи пулҷудокуниҳои бебозгашт (имдодҳо, субсидияҳо) ба назар гирифта мешаванд (ниг.нақшаи 1.) [11, 12, 15].

Бояд тазаккур дод, ки тарзу ҳисоби китоби усулҳои номбаршуда (истеҳсолӣ, хароҷот, даромад) аҳаммияти якхела дошта, натиҷаи ягона медиҳанд. Баробарвазнии хароҷот ва даромад дар мавриде имконпазир мегардад, ки дар шароити иқтисодиёти сабз раванди тавлид ва истеъмоли ММД босубот раванди таҷдид (такрористеъсол) – и хароҷот ва даромадҳо ҷойдошта бошад, даромади баъзе субъектҳои иқтисодӣ сабаби ташкил гардидани хароҷоти дигаре гардад ва бо туфайли он ҳаҷми даромадҳо дар иқтисод афзун ва таносубан имконияти зиёдшавии ҳаҷми даромад ҷой дошта бошад.

## АДАБИЁТ

1. Алиджанова, С. А. Нақши иқтисодиёти сабз дар консепсияи рушди устувор / С. А. Алиджанова // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2023. – No. 3. – P. 153-162. – EDN UCSNPU.
2. Бобоев, Ф. Ҷ. Таҷрибаи байналмиллалии татбиқи маблағгузории сабз / Ф. Ҷ. Бобоев // Политехнический вестник. Серия: Интеллект. Инновации. Инвестиции. – 2022. – No. 4(60). – P. 80-84. – EDN RGKBEN.
3. Борисов Иван Валерьевич Роль цифровизации в обеспечении устойчивых параметров социально-экономического развития // Журнал прикладных исследований. 2022. №6. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/rol-tsifrovizatsii-v-obespechenii-ustoychivyh-parametrov-sotsialno-ekonomicheskogo-razvitiya (дата обращения: 14.06.2024).
4. Зеленая экономика: управление развитием. Стратегия и тактика / С. А. Липина, Е. В. Кудряшова, Е. В. Агапова [и др.]. – Архангельск : Северный (Арктический) федеральный университет имени М.В. Ломоносова, 2022. – 264 с.
5. Кучеров А. В., Шибилева О. В. Концепция «зеленой» экономики: основные положения и перспективы развития // Молодой ученый. – 2014. – № 4. – С. 561–563.
6. Макроиқтисод. Воситаи таълимӣ. Машокиров Ҷ.Н. -Душанбе: «Ирфон», 2023. – 336 с.
7. Машокиров Д. Н. Место стандартизации в развитии национальной экономики и фактор конкурентоспособности оказание услуг население Машокиров Д. Н.// Вестник Таджикского государственного университета коммерции. - Душанбе: «Точир», 2018. № 1(22). - С. 63-71.
8. Машокиров Д. Н. Роль микроэкономики в обеспечение и усиление национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030/ Машокиров Д. Н., Мухадбердиев Х., Абдурахмонов У.М.// Вестник Таджикского государственного университета коммерции. - Душанбе: «Точир», 2019. № 1(26). - С. 50-57.

9. Машокиров Ҷ.Н. Нақши микроиқтисод дар таъмин ва таҳкими Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030 // Вестник Таджикского государственного университета коммерции (научный журнал). №1 (26) 2019. - Душанбе: ТГУК 2019. - С. 50-57. (0,875 ҷ.ч)
10. Машокиров Ҷ.Н. Сифати рушди иқтисод ҳамчун заминаи бунёдӣ барои иқтисоди сабз» // Вестник Таджикского государственного университета коммерции (научный журнал). №4/1 (49) 2023. - Душанбе: ТГУК 2023. - С. 224-236. (0,875 ҷ.ч).
11. Машокиров Ҷ.Н., Эшов М.А., Абдувалиев М.Ҳ. Таҳлилҳои миқдорӣ. Васоити таълимию методӣ. -Душанбе: ҶДММ «АРШАМ», 2022. – 150 с.
12. Машокиров, Ҷ. Н. Ташаккулёбии даромади миллӣ ва таъсири он ба некӯаҳволӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ҷ. Н. Машокиров // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2023. – No. 1. – P. 100-108. – EDN LFOHKZ.
13. Муртазоев, О. Қ. Амалисозии принсипҳои - иқтисоди сабз дар коҳиш додани тағйирёбии иқлим / О.Қ. Муртазоев, Ҷ.Б. Салихов // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2023. – № 4 (84). – С. 151-164.
14. Муҳадбердиев, Ҳ. Нақши микроиқтисод дар таъмин ва таҳкими Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии ТОҶИКИСТОН то давраи соли 2030 / Ҳ. Муҳадбердиев, У. М. Абдураҳмонов, Ҷ. Н. Машокиров // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2019. – No. 1(26). – P. 50-56. – EDN RJRWQS.
15. С.Р. Топилдиев, Е.Б. Малей, Л.В. Масько, Р.В. Гаврилов Проблемы перехода к «зеленой» экономике в современных условиях (на примере Республики Беларусь и Республики Узбекистан) // Вестник Полоцкого государственного университета. Серия D. Экономические и юридические науки. 2024. №1. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/problemy-perehoda-k-zelenoy-ekonomike-v-sovremennyh-usloviyah-na-primere-respubliki-belarus-i-respubliki-uzbekistan (дата обращения: 14.06.2024).
16. Саидмуродзода Л.Ҳ. Иқтисоди сабз ва нақши ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар ҳалли масоили экологӣ / Л. Ҳ. Саидмуродзода, М.А. Ҳакимов // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2023. – № 1. – С. 68-81.
17. OECD (2014), “The OECD green growth measurement framework and indicators”, in Green Growth Indicators 2014, OECD Publishing. http://dx.doi.org/10.1787/9789264202030-4-en
18. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2023. Маҷмӯи оморӣ// Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2023. Саҳ -210.

**УДК 334.014**

**Мизробов С.С.**

## АСОСҲОИ КОНСЕПТУАЛӢ ВА МЕХАНИЗМИ ТАНЗИМИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРИИ ХУРД ДАР ДЕҲОТ

Муҳимияти мавзӯи таҳқиқшаванда дар он асоснок мегардад, ки дар шароити тағйирёбии иқтисодиёт, ташкили фаъолияти соҳибкорӣ махсусан соҳибкории хурд дар деҳот барои ҳалли проблемаҳои паст кардани сатҳи камбизоатӣ, рушди устувори даромади пулии аҳолии деҳот ва таъмини даромадҳои буҷети маҳаллӣ мусоидат менамояд. Дар мақола оид ба асосҳои консептуалии фаъолияти соҳибкории хурд дар деҳот таҳқиқот гузаронида шудааст. Инчунин дар мақола хусусиятҳои хоси соҳибкории хурд дар деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои асосии рушд он муайян ва асоснок

карда шудааст. Марҳилаҳои ислоҳоти иқтисодӣ ва нақши онҳо дар рушди фаъолияти сохибкории хурд дар деҳот муайян карда шудаанд.

**Вожаҳои калидӣ**: соҳибкории хурд, танзими давлатӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, манотиқи деҳот, рушд, шуғл, рушди иқтисодӣ, деҳот.

**Мизробов С.С.**

## КОНЦЕПТУАЛЬНЫЕ ОСНОВЫ И МЕХАНИЗМ РЕГУЛИРОВАНИЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ МАЛОГО БИЗНЕСА В СЕЛЬСКОЙ МЕСТНОСТИ

Актуальность исследуемой темы обусловлена тем, что в условиях развития рыночных отношений деятельность малого предпринимательства в сельской местности способствует решению проблем снижения уровня безработицы, устойчивому росту денежных доходов сельского населения и обеспечению поступлений в местный бюджет. В статье проведено исследование концептуальных основ деятельности малого бизнеса в сельской местности. Также, в статье определены специфические особенности предпринимательской деятельности в сельской местности и механизм ее развития. Определены этапы экономических реформ и их роль в развитии деятельности малого предпринимательства в сельской местности.

**Ключевые слова:** малый бизнес, государственное регулирование, предпринимательская деятельность, сельские районы, развитие, занятость, экономическое развитие, сельская местность.

**Mizrobov S.S.**

## CONCEPTUAL FRAMEWORK AND MECHANISM OF REGULATION OF SMALL BUSINESS ACTIVITIES IN RURAL AREAS

The relevance of the topic under study is due to the fact that in the context of the development of market relations, the activities of small businesses in rural areas contribute to solving the problems of reducing unemployment, sustainable growth of cash incomes of the rural population and ensuring revenues to the local budget. The article examines the conceptual foundations of small business activities in rural areas. The article also defines the specific features of entrepreneurial activity in rural areas and the mechanism of its development. The stages of economic reforms and their role in the development of small business in rural areas are defined.

**Keywords:** small business, government regulation, entrepreneurial activity, rural areas, development, employment, economic development, rural area.

Дар шароити рушди босуботи муносибатҳои бозорӣ, таъсис ва ба истифода додани корхонаҳои хурду миёна дар деҳот барои иқтисодёти ҷамоати деҳот, ноҳия ва дар маҷмуъ ҷумҳурӣ нақши муҳим дорад. Ҳукумати Тоҷикистон саъю талоши зиёд худро барои паст намудани сатҳи бекорӣ, ташкили инфрасохтори мусоид ва баланд бардоштани некуаҳволии аҳолии деҳот равона намудааст. Мувофиқи маълумотҳои оморӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳолии деҳот 73,7% -и умумии аҳолиро ташкил медиҳад. [13].

Барои рушди иљтимоию иқтисодии минтақањои алоҳидаи Љумњурии Тољикистон махсусан ҷамоатҳои деҳот, яке аз воситањои асосӣ ин ташкил ва дар амал тадбиқ намудани фаъолияти соњибкории хурд ба њисоб меравад, ки на танњо мақсади ба даст

овардани даромади соҳибкор, балки қонеъ намудани эњтиёљоти аҳолии деҳот баҳисоб меравад.

Таъсиси корхонаҳои хурду миёна дар деҳот ва мутобиқшавии он ба муҳити дохилӣ ва берунӣ минтақаҳои деҳот, имкониятҳои шаклҳои нави фаъолияти соҳибкориро барои шаҳрвандони деҳот бояд ҷалб созад. Дар ин раванд якчанд масъалаҳои муҳим аз ҷумла бо ҷои кори доимӣ таъмин намудани аҳолии деҳот, ва муҳоҷирати қувваи корӣ роҳи ҳалли худро хоҳад ёфт. Мавқеи махсусро дар ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар деҳот муҳити институтсионалї ташкил медиҳанд, ки њамчун механизми мутобиққунии васоити таркибњои иқтисодї, иљтимої ва экологиро дар бар мегирад. [12,С.85].

Асосҳои институтсионалӣ ва танзими давлатии фаъолияти соҳибкории хурд дар деҳот бо санадҳои меъёрию ҳуқуқии аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуда муайян карда шудаанд.

Бо назардошти ин санади асосӣ меъёрӣ - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ», ки аз 8-уми апрели соли 1996 №459 қабул гардидааст ба ҳисоб меравад [7]. Дар қонуни мазкур ҳолатҳои умумии дастгирии корхонаҳои хурд, шаклҳо ва усулҳои ҳавасмандгардонии давлатӣ ва ин чунин ба танзимдарории фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурд муайян карда шудаанд. Барои дар амал тадбиқ намудани қонуни мазкур инчунин бо мақсади ташаккул ва рушди соҳибкории хурду миёна дар қаламрави ҷумҳурӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 феврали соли 1998 таҳти №59 «Барномаи давлатии дастгирӣ ва рушди тиҷорати хурд дар Тоҷикистон» –ро қабул намуд, ки дар он мақсадҳо ва афзалиятҳои рушди тиҷорати хурд ва самтҳои асосии фаъолияти соҳибкории онҳо муайян карда шуданд» аз ҷумла такмили қонунгузорӣ, рушди системаи дастгирии молиявию кредитӣ, дастгирии иттилоотӣ ва машваратӣ барои корхонаҳои хурд ва инчунин мусоидат дар иҷрои шартномаҳо барои қонеъ кардани эҳтиёҷоти давлатӣ ва ғайра[1]. Илова бар ин, аз 30 апрели соли 2012 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 201 дар бораи тасдиқи «Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020»-ро қабул карда шуд. Бояд қайд кард, ки барномаи мазкур ба идомаи корҳо дар самти гузаронидани ислоҳоти давра ба давра ва ҳамаҷонибаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҷаҳҳазгардонии равандҳои истеҳсолӣ ва технологӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ, таҳкими шарикии давлат ва бахши хусусӣ, пешниҳоди субсидияҳои давлатӣ ва қарзҳои имтиёзнок ба корхонаҳои хурду миёна, зиёд намудани ҳаҷми маҳсулоти ватанӣ ва афзоиши содироти он нигаронида шудааст [2]. Айни замон, қонуни амалкунанда дар ҷумҳурӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад, ки 26 июли соли 2014 қабул шудааст. Тибқи қонуни мазкур, барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ бо мақсади паст кардани сатҳи бекорӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии ҷумҳурӣ аз тарафи давлат кӯмаки ҳамаҷониба расонида мешавад [8]. Дар робита ба ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳавасмандгардонии соҳибкорон ва сармоягузороне, ки ба фаъолияти истеҳсолӣ машғул буда, ҷойҳои иловагии кориро дар соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ таъсис медиҳанд, бухусус онҷое, ки маҳсулоти кишоварзӣ коркард карда мешавад, якчанд имтиёзҳои андозиро муайян намудаст. Истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар деҳот аз фаъолияти иқтисодӣ аз пардохти андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ ва андоз аз арзиши иловашуда озод буда, танҳо андози ягонаи кишоварзиро пардохт менамоянд.

Ҳадафҳо ва афзалиятҳои самти сиёсати давлатӣ нисбат ба рушди деҳот дар «Стратегияи рушди устувори ҳудудҳои деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2025» муайян карда шудаанд. Самтҳои асосӣ ин стратегия метавонад барои беҳтар намудани вазъи демографӣ, таъмини шароит барои рушд ва диверсификатсияи иқтисодиёти деҳот, баланд бардоштани сатщи зиндагии аҳолии деҳот, рушди истифодаи оқилонаи табиат ва беҳтар кардани вазъи экологӣ дар деҳот мусоидат намояд. Дар айни

замон, диққати асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди минтақаҳои деҳот ба рушди инфрасохтори муҳандисӣ ва нақлиётӣ, мусоидат ба шуғли аҳолии деҳот ва сохтмони иншооти фарҳангӣ барои ободонии аҳолии деҳот равона карда шудааст.

Ба муҳити институтсионалӣ нақши муҳимро қабули «Консепсияи идоркунии маҳаллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030» иҷро менамояд, ки он нақши соҳибкорони деҳотро дар татбиқи дигаргуншавии стратегӣ ва иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, инчунин амнияти озуқаворӣи давлат тақозо мекунад.

Дар шароити муосир фаъолияти соҳибкории хурд дар деҳот танҳо бо истеҳсолӣ маҳсулоти кишоварзӣ маҳдуд нашуда, шаклҳои нави фаъолияти соҳибкории хурд бо истифодаи хизматрасониҳои нав дар самти хизматрасониҳои маишӣ, ҳунарҳои мардумӣ, фаъолияти суғуртавӣ, бозори коғазҳои қиматнок, сайёҳӣ ва ғайра ташаккул ёфта рушд намуда истодаанд. Бо эълон гардидани солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», дар деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити мусоит барои ташкил намудани шаклҳои нави фаъолияти соҳибкорӣ фароҳам оварда шуд. Аз андози даромади шахсони воқеӣ озод шудани фурӯши маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ, ки дар хона истеҳсол мешаванд, барои рушди худшуғлварзӣ ва эҳёи ҳунарҳои мардумӣ мусоидат менамояд. Имрӯз шароите, ки барои доҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам оварда шудааст қариб аз шароитҳои шаҳрҳои саноатии бузург фарқ намекунанд. Қариб дар ҳамаи деҳаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти тиҷоратӣ, кишоварзӣ, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва хуроквoрӣ ва дигар намуди хизматрасониҳо ташаккул ва рушд намуда истодаанд. Новобаста аз ин дар деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилотҳое мавҷуданд, ки барои рушди соҳибкорӣ монеъа мешаванд аз ҷумла мавҷуд набудани харидорони асосӣ ба маҳсулоти истеҳсолшаванда, нокифоя будани мутахассисон, зиёд будани мақомоти назораткунанда ва маълумот надоштани сокинони деҳот оид ба баҳисобгирӣ ва андозбандӣ.

Дар маҷмӯъ, омӯзиши мушкилоти ташаккули соҳибкории хурд дар деҳот нишон медиҳад, ки ҳар як марҳилаи рушди иқтисодии ин ё он кишвар хусусиятҳои хоси фаъолияти соҳибкориро ташаккул медиҳад.

Дар робита ба ин, дар ҳар як марҳилаи рушди ақидаҳои назариявӣ оид ба соҳибкорӣ маҳз хусусиятҳое таъкид карда шуданд, ки моҳияти онро дар шароити мушаххаси иқтисодӣ пурра ва дақиқ инъикос мекарданд.

Яке аз масоили консептуалии ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкории хурд дар деҳот ин ба инобат гирифтани хусусиятҳои он дар миқёси ҷамоатҳои деҳот ва минтақаҳои саноати баҳисоб меравад.

Механизми рушди ин ё он навъи фаъолияти соҳибкории хурд дар деҳот ба талаботи рушди таъмини иқтисодии ҳокимияти худидоракунии маҳаллӣ, талаботи бозори молҳои истеъмолӣ, мавҷудияти шароити табиӣ ва ғайра вобастааст [5,С.82]. Таҳқиқотҳо муайян намудаанд, ки фаъолияти соҳибкорӣ дар деҳот бо фаъолияти соҳибкории шаҳрҳои саноатӣ бо якчанд хусусиятҳо аз якдигар фарқ мекунанд:

- фаъолияти соҳибкорӣ дар деҳот аз хавфи табиӣ вобастагии зиёд дошта, истифодаи замин ҳамчун воситаи асосии истеҳсолот баҳисоб меравад. Дар навбати худ, соҳибкор барои коҳиш додани таъсири манфӣ, пешгирии он ва ҷуброни зарари аз хавф расонидашуда чораандешӣ намояд;
- дар деҳот фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ мавсимӣ буда, обу ҳавои ноустувор, хушксолӣ ва ғайра ба истеҳсол ва даромади соҳибкорон таъсири манфӣ мерасонад. Ин асосан дар натиҷаи номувофиқатии вақти истеҳсолот барои ба даст овардани маҳсулот ва давраи корӣ ба амал меояд. Аз ҷониби соҳибкороне, ки маҷбуранд як қисми маблағҳои худро барои суғурта истифода баранд, хавфи калон вуҷуд дорад, зеро тағир додани шароити обу ҳаво вобаста ба хушксолӣ, обхезӣ, тӯфонҳо, бемориҳои зироатҳо ва ғайра ғайриимкон аст;

- дар манотиқи деҳот, махсусан деҳаҳои дурдаст имконияту захираҳое табиие мавҷуданд, ки сокинони деҳотро барои ташкили фаъолияти соҳибкории оилавӣ ҷалб мегардонад. Соҳибкорон метавонанд бо истифода аз қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ, гиёҳҳои шифобахш ва дигар захираҳои мавҷуда, ки даромад орад истифода намоянд;
- барои таъмини равандҳои такрористеҳсолкунӣ дар фаъолияти кишоварзӣ миқдори зиёди маблағҳо, иқтидори баланди захираҳои истеҳсолот (воситаҳои асосӣ), ва сармоягузории алоҳидаи соҳибкорон заруранд. Омилҳои дурии ҳудуд аз бозорҳои калон, инфрасохтори суст рушдёфтаи истеҳсолӣ, барои кормандони соҳибкасб ва сармоягузорон насбатан камтар фоидаовар ва рақобатпазир аст.
- дар деҳот барои ташаккул ва нигоҳ доштани инфрасохтори иҷтимоӣ сармоягузориҳои давлатӣ ва хусусӣ зарур мебошанд, аз ин рӯ соҳибкорони дар деҳот фаъолияткунанда на танҳо барои тиҷорати худ инчунин барои рушди деҳот саҳмгузоранд.

Бо хусусиятҳои фарққунандаи худ, кишоварзӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ ва самаранокии он дар деҳот таъсири назаррас мерасонад. Баҳисобгирии ин хусусиятҳо ба корхонаҳое, ки фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳанд, кӯмак менамояд, ки воситаҳои истеҳсолии худро пайваста такмил диҳанд, ҳосилнокии зироатҳои кишоварзиро тавассути истифодаи технологияҳои муосир афзоиш диҳанд, вазъи молиявии худро мустаҳкам намоянд.

Хусусиятҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар деҳот аз фазоии муҳитии он (гуногунҷанбаи истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ, маркетинг, равандҳои коркард, захираҳои гуногун, тақсимоти ҷуғрофӣ ва ғ.) инчунин бо хусусиятҳои табиӣ, иқлимӣ, хокӣ ва шароити дигар иборат аст ба ҳисоб меравад [4,С.27].

Барои рушди соҳибкорӣ дар деҳот маблағ ва воситаҳои истеҳсолот зарур аст, ки низоми мувофиқи қарз ва сармоягузориро талаб менамояд. Ин водор месозад, ки дар деҳот як муҳити барои инкишофи соҳибкорӣ ба вуҷуд оварда шавад, ки аҳолии деҳот барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ҳавасманд бошанд.

Аз тарафи дигар қисми зиёди ташкилотҳои (корхонаҳои кишоварзии) дар деҳот фаъолияткунанда даромадҳои заруриро аз фаъолияти хоҷагидорӣ, барои таъмини шароити худ маблағгузори карда наметавонаад [12,С.85]. Пешниҳод намудани қарзҳои имтиёзнок аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ ба соҳибкорони дар деҳот фаъолияткунанда, ба ҳаҷм ва сохтори маҳсулоти мол, кор ва хизматрасониҳои пешниҳодшаванда таъсир мерасонад [3,С.58].

Муваффақияти ҳар як соҳа, минтақа, маҳал, аз ҷумла деҳот, бештар ба дастрасии манбаъҳои маблағгузорӣ вобаста аст. Гирифтани қарзи бонкӣ дар деҳот аз сабаби дур будани сохторҳои бонкӣ, набудани гарав, набудани манбаи даромади доимӣ ва расмии тасдиқшудаи сокинони деҳот ва набудани кафолатдиҳандагони қарз душвор аст[11,С.53].

Таҷриба нишон медиҳад, ки сатҳи пасти соҳибкорӣ дар деҳот, пеш аз ҳама ба шароити вазнини дастрасӣ надоштани бахши хусусӣ ба қарзҳои бонкӣ вобаста аст, ки танҳо бо кафолати муайяни гарав дода мешаванд. Илова бар ин, солҳои охир, қарзҳо бинобар фоизи баланди онҳо, хеле ҷолиб нестанд. Боз як омили дигар, ин набудани боварӣ ба қарзҳои бонкӣ аз ҷониби истеҳсолкунандагони кишоварзӣ мебошад.

Диққати алоҳида ва асоснокгардонидашударо ба худ мушкилоти қарздиҳӣ ба субъектҳои соҳаи кишоварзӣ тақозо мекунад.

Бояд қайд кард, ки яке аз роҳҳои ҳалли мушкилоти рушди соҳибкорӣ дар деҳот истифодаи самараноки грантҳои байналмилалӣ, қарзҳои инвеститсионӣ ва барномавӣ мебошад. Қарзҳои мазкур барои навсозии заминаи моддию техникии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, тавсеаи фаъолият, навсозии парки техникӣ дар деҳот, инчунин ҳосилнокии меҳнат ва ғайра мусоидат мекунанд.

Навгониҳои мазкур дар самти сармоягузориҳо оид ба фаъолияти соҳибкорӣ дар деҳот дар доираи барномаҳои кӯмаки техникӣ, қарзњои имтиёзноки бонкӣ таъмин карда шуданд. Дар байни барномаҳои кӯмаки беруна, ки дар соҳаи кишоварзӣ татбиқ карда мешаванд, барқарорсозии системаҳои обёрӣ, дастгирии ислоҳоти аграрӣ, таъмини истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ бо манбаъњои қарзї, инчунин барномаҳои сершумори маблағгузории хурд, рушди иҷтимоӣ ва институтсионалиро људо кардан мумкин аст.

Ҳадафи рушди соҳибкорӣ дар деҳот дар ояндаи наздик истифодаи самараноки қарзҳо ва грантҳои байналмилалӣ мебошад, ки метавонад ба сатҳи ҷаҳонӣ мувофиқат кунад ва амнияти озуқаворecho деҳотро таъмин намояд.

Барои ноил шудан ба мақсадҳои дар боло зикршуда, рушди минбаъдаи соҳаи кишоварзӣ дар оянда ба љанбаҳои зерин асос меёбад:

- истифодаи смараноки грантњо ва қарзњо;
- мустањкам намудани заминаи моддию техникии соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ ва муљањњазгардонии техникии он, аз ҷумла тавассути васеъ кардани амалиётњои лизингӣ;
- татбиқи барномаҳои мақсадноки қабулшуда оид ба дастгирии соҳаи кишоварзӣ тавассути қарзҳо.

Ҳамин тариқ, бояд қайд кард, ки қарздиҳӣ яке аз воситаҳои муҳимтарини рушди соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ ба њисоб меравад.

Дар чунин шароит бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои молиявии хурд ба соҳибкорони дар деҳот фаъолияткунанда, бинобар дуруст баҳисоб нагирифтани амалиётҳои молиявию хоҷагидорӣ ва сари вақт пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои гирифтни қарзҳои бонкӣ ҳавасманд нестанд. Ҳали мушкилот метавонад кооператсияи ихтиёрии фермерҳо бо мақсади васеъ намудани имкониятҳои қарзӣ мегардад. Инчуни саҳми дастгирии давлатӣ ва ба танзимдарории бозори бонкӣ афзоиш меёбад. Такмили сохтори коркарди саноатї тавассути рушди афзалиятноки соҳаҳои ба содирот нигаронидашуда (коркарди аввалияи пахта, истеҳсоли консерваҳо аз мева ва сабзавот) ва соњањои воридоти ивазкунанда (истењсоли равған ва чарбу, орд) дар назар дошта шудааст. Тавсеаи ассортимент, азхудкунии навъњои инави мањсулоти гўштї, шир, маҳсулоти мева ва сабзавот пешбинї карда мешавад.

Барои такмил додани механизми танзими молиявию қарзӣ дар соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ, алалхусус минтақаҳо ва татбиқи барномаҳои давлатӣ барои рушди онҳо, вазифаҳои асосии зерин бояд ҳал карда шаванд:

1. Аз тарафи давлат бояд истеҳсолкунандагони кишоварзї дар бахшҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ дар сатҳи минтақавӣ бо роҳи пешниҳоди кӯмаки дахлдори методологӣ, молиявӣ ва ташкилӣ ва иқтисодӣ, дубора самтгирї ва дастгирӣ карда шавад. Беҳтар намудани имкониятҳои сармоягузории истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ пеш аз ҳама тавассути рушди системаи дастгирии давлатї лизинги давлатӣ ва қарзи мол.

2. Тавассути маблағгузории ҳамаи манбаъҳо, аз ҷумла сармоягузориҳои хориҷӣ ва дохилӣ, кӯмакњои беруна, грантҳои байналмилалӣ ва захираҳои молиявии истеҳсолкунандагони бузурги кишоварзӣ, як Фонди минтақавии дастгирии соҳаи кишоварзӣ таъсис дода шавад. Аз њисоби фонди мазкур барои ҳамаи субъектҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ ба андозаи эҳтиёҷоти солонаи онҳо қарзи имтиёзнок пешниҳод карда шавад;

3. Дарстгирии давлатии соњибкории хурд дар деҳот – имкониятҳои иловагӣ барои рушди бахши соҳибкории хурд дар соҳаи кишоварзӣ дар тағйири механизми идоракунии дастгирии давлатӣ тавассути таъсиси муассисаҳои мустақили минтақавӣ, ки вазифаҳои идоракунии сармоягузории давлатиро дар соҳаи кишоварзӣ амалӣ мекунанд.

Ҳамин тариқ, барои ташаккул ва рушди устувори фаъолияти соҳибкории хурд дар

деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, зиёд намудани маҳсулоти кишоварзии истеҳсолшаванда ва хизматрасониҳои гуногун, беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ, дарёфти грантҳои молиявӣ зарур аст, ки дар аз тарафи мақомотҳои маҳллии ҳокимияти давлатӣ чораҳои зарурӣ андешида шаванд. Сиёсати оқилона ва иқтисодӣ оид ба рушди соҳибкорӣ дар деҳот дар ҳалли масъалаҳои сатҳи пасти тахассуси кадрҳо, таъмини дастгирии иттилоотӣ ва маркетингии соҳибкорӣ дар ин соҳа бо роҳи љалби технологияҳои муосири иттилоотӣ, инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулшудаи танзими фаъолияти давлатӣ дар самти мазкур гузаронида шавад.

Аз ин рӯ, мо чунин мешуморем, ки сиёсати ташаккули дастгирии давлатӣ дар сатҳи минтақавӣ, бахусус дар деҳот, бояд ба истифодаи самараноки маблағҳои буҷавї, яъне ба раванди истеҳсолот ва рушди соҳаи кишоварзӣ нигаронида шавад. Барои корхонаҳои кишоварзӣ ба даст овардани фоида аз татбиқи барномаи мақсаднок самаранокї ҳисобида мешавад. Барои минтақа - ин сатҳи андозҳои ҳисобшуда ба буҷа ва фондҳои ғайрибуҷетӣ, афзоиши музди меҳнати кормандони соҳаи кишоварзӣ ва беҳбудии некӯаҳволии мардуми деҳот мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Барномаи давлатии дастгирӣ ва рушди тиҷорати хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон » [Матн] аз 20.02.1998с. № 59)/ [Манбаи электронӣ]// URL: http:/ Тарзи дастрасӣ: http://base.mmk.tj/view_sanadholist.php (Санаи мурочиат 18.02.2024с).

2.Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020» [Матн] аз 30.04.2012с. № 201)/ [Манбаи электронӣ]// URL: http:/ Тарзи дастрасӣ: http://base.mmk.tj/view_sanadholist.php (Санаи мурочиат 24.02.2024с).

3. Гафуров Х. Многоукладная аграрная экономика и перспективы ее развития [Текст]/ И. Рахимов, Д. Пириев, Х. Гафуров// Вестник Таджикского аграрного университета имени Ш. Шотемура, Кишоварз (земледелец) (теоретический и научно-практический журнал). Серия общественный науки. -Душанбе: Мехргон ТАУ, 2002, №1 .- С.59.

4. Забазанова Т.А. Развития сельского предпринимательства в России на основе микробизнеса. Дисс … канд. экон. наук [Текст]: 08.00.05/ Забазанова Татъяна Александровна - Волгоград: 2013.-27с.

5. Кетова Н.П., Солдатова И.Ю. Становление предпринимательства на селе: концептуальная модель и механизм регулирования//В сборнике: Рыночные реалии: региональный аспект Галазова С.С., Быдтаева Э.Е., Литвинова С.Б., Хубецова Н.Я., Айларова М.А. Владикавказ, 2000. С. 81-84.

6. Комилов С. Рушди идоракунии маҳаллӣ ва такмили низоми идоракунии иқтисодиёти миллӣ. /С.Комилов// Маводҳои конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ. Развитие местного самоуправление в Таджикистане: проблемы и перспективы. Душанбе -2013. «Ирфон» С-82.

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ » [Матн] аз 8.04.1996с. № 459)/ [Манбаи электронӣ]// http://base.mmk.tj/(Санаи мурочиат 27.02.2024с.

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Матн] (дар таҳрири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.07.2005с. №98, аз 12.05.2007с. №259, аз 31.12.2008с. №463, аз 29.12.2010с. №658, аз 25.03.2011с. № 701)/ [Манбаи электронӣ]/http://base.mmk.tj (Санаи мурочиат 09.03.2024 с).

9. Сафаров Э.Г. Вазъи ҳуқуқии субъктҳои соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. / Э.Г. Сафаров//Маводҳои конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ. Рушди соҳибкории хурду миёна дар иқтисодиёти ҶТ: тамоюл ва муаммоҳо. Душанбе -2014. С.И. «Ахмедов Рӯзӣ» С-95.

10. Назаров С.Х. Государственное регулирование инновационного развития сельского хозяйства Республики таджикистан (на материалах сельскохозяйственых предприятий). Дисс … канд. экон. наук [Текст]: 08.00.05/ Назаров Хуршед Собирджонович - Душанбе.: 2010.С-46.
11.Мизробов С.С. Финансово-кредитные механизмы государственной поддержки малого аграрного предпринимательства [Текст]/ С.С. Мизробов// Материалы международной научно-практической конференции «Порблемы и перспективы агроэкономики» (25 апреля, 2015, г. Душанбе). - Душанбе: Матбаа, - С. 53.
12.Ҳикматов С. Асосҳои услубҳои молиякунонии хурди хоҷагиҳои қишлоқ. Маводҳои конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ. Рушди соҳибкории хурду миёна дар иқтисодиёти ҶТ: тамоюл ва муаммоҳо. Душанбе -2014. С.И. "Ахмедов Рӯзӣ" –С.85
13. Ҳисобот оид ба натиҷаҳои таҳқиқоти яквақтинаи интихобии корхонаҳои хурд. АОНПҶТ. 2023 с. 4.

**УДК: 338.004 (537)**

**Мирзоалиев А.А., Ҷафархони Шер**

## МАРКЕТИНГИ РАҚАМӢ ҲАМЧУН МЕХАНИЗМИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МУОСИР

Интернет қисми ҷудонашавандаи ҳаёти қариб ҳамаи одамони сайёра мебошад. Имкониятҳои нав, технологияҳо ва асбобҳои нав барои истифодаи худ, аз ҷумла барои тиҷорат ҳар сол пайдо мешаванд. Дараҷаи баланди прогресси илмию техникӣ ва вусъати истеҳсоли молҳое, ки дар байни аҳолӣ талабот доранд, сохтори каналҳои савдои истифодашударо тағйир дода, ба гузаштан ба усулҳои нави таҳлили бозор ва ташаккули усулҳои нави тиҷоратии афзоиши даромад замина мегузоранд. Аз сабаби самаранокии иқтисодии бисёре аз дастгоҳҳои дастрасӣ ба Интернет, коҳиш додани тарифҳо барои интиқоли трафик тавассути каналҳои алоқа ва доираи васеи маҳсулот, инчунин осонии истифодаи воситаҳои тиҷорати электронӣ, ҳаҷми хароҷоти истеъмолӣ дар Интернет босуръат меафзояд. Мақолаи мазкур ба баъзе аз масоили ҳалталаби маркетинги рақамӣ бахшида шудааст.

**Калидвожаҳо:** маркетинги рақамӣ, ахбори оммаи рақамӣ, тиҷорати электронӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, маркетинги интернетӣ, рақобат, ширкатҳои тиҷоратӣ, иқтисоди рақамӣ.

**Мирзоалиев А.А., Джафархани Шер**

## ЦИФРОВОЙ МАРКЕТИНГ КАК МЕХАНИЗМ РАЗВИТИЯ СОВРЕМЕННОЙ ЭКОНОМИКИ

Интернет является неотъемлемой частью жизни практически всех людей на планете. Каждый год появляются новые возможности, новые технологии и инструменты для вашего использования, в том числе и для бизнеса. Высокий уровень научно-технического прогресса и расширение производства товаров, пользующихся спросом у населения, изменили структуру используемых каналов торговли и заложили основу для перехода к новым методам анализа рынка и формирования новых бизнес-методы увеличения доходов. Благодаря экономической эффективности многих устройств доступа в Интернет, снижению тарифов на передачу трафика по каналам связи и широкому ассортименту

продуктов, а также простоте использования инструментов электронного бизнеса, объем потребительских расходов на Интернет быстро растет. Данная статья посвящена некоторым наиболее актуальным вопросам цифрового маркетинга.

**Ключевые слова:** цифровой маркетинг, цифровые медиа, электронная коммерция, социальные сети, интернет-маркетинг, конкуренция, бизнес-компании, цифровая экономика.

**Mirzoaliev A., Jafarkhani Sher**

**DIGITAL MARKETING AS A MECHANISM FOR THE DEVELOPMENT OF MODERN ECONOMY**

The Internet is an integral part of the lives of almost all people on the planet. Every year new opportunities, new technologies and tools appear for your use, including for business. The high level of scientific and technological progress and the expansion of production of goods in demand among the population have changed the structure of trade channels used and laid the foundation for the transition to new methods of market analysis and the formation of new business methods for increasing income. Thanks to the cost-effectiveness of many Internet access devices, lower communications tariffs and a wide range of products, as well as the ease of use of e-business tools, consumer spending on the Internet is growing rapidly. This article addresses some of the most pressing issues in digital marketing.

**Keywords:** digital marketing, digital media, e-commerce, social networks, Internet marketing, competition, business companies, digital economy.

Интернет имрӯз як бозори ҷаҳонии электрониро нишон медиҳад ва ин бозор тадриҷан бо суръати кайҳонӣ рушд дорад. Маълум аст, ки барои таблиғ дар Интернет роҳҳо ва имкониятҳои зиёде вуҷуд доранд. Ҳамин тавр консепсияи маркетинги рақамӣ бе амоният рушд карда истодааст. Дар айни замон, маркетинги рақамӣ на танҳо як усули пешбурд ва фурӯши маҳсулоти иттилоотӣ мебошад, балки тиҷоратро дар фазои иттилоотӣ, моделҳои тиҷоратӣ ва дигар хидматҳо ва молҳоро нишон медиҳад. Ин намуди маркетинг ба ҳар касе, ки ғоя, маҳсулот ё хидмат дорад, имкон медиҳад, ки ба доираи васеътарин аудитория дастрас шавад, фаъолияти ширкатро дар бозорҳои миллӣ ва байналмилалӣ густариш диҳад ва дар мубориза барои бозор бо созмонҳои бузург рақобат кунад, зеро ворид шудан ба бозори рақамӣ он қадар харочоти калонро талаб намекунад.

Мавриди зикр аст, ки маркетинги рақамӣ на танҳо усулҳои таблиғ ва фурӯши маҳсулоти иттилоотӣ, балки шакли тиҷорат дар фазои иттилоотӣ, моделҳои тиҷоратӣ ва дигар хидматҳо ва молҳо мебошад. Ин намуди маркетинг ба ҳар касе, ки фикри фурӯши маҳсулот ё хидмат дорад, имкон медиҳад, ки ба доираи васеътарин аудитория дастрас шавад, фаъолияти ширкатро дар бозорҳои миллӣ ва байналмилалӣ густариш диҳад ва дар мубориза барои бозор бо созмонҳои бузург рақобат кунад, зеро ворид шудан ба бозори рақамӣ хароҷоти калонро талаб мекунанд.

Албатта, бештар ва бештари сегментҳои бозор таблиғи интернетиро ҳамчун дастгирии муассири тиҷорат афзалтар медонанд. Имрӯз шабакаи ҷаҳонӣ қариб тамоми бахшҳои бозорро фаро мегирад - аз истеҳсолкунандагони калон то корхонаҳои хурд ва соҳибкорони инфиродӣ. Ба ҳисоби миёна, ҳар даҳум сомонии барои таблиғ сарфшуда барои таблиғи тиҷоратӣ дар Интернет истифода мешавад [2].

Ҳамаи ин аз аҳамият ва зарурати истифодаи маркетинги рақамӣ барои пешбурди тиҷорати муваффақ шаҳодат медиҳад (расми 1.).

Дар айни замон, шумораи зиёди таърифҳои гуногуни маркетинги рақамӣ мавҷуданд, аммо онҳо ҳама ба ҳам монананд ва ҳамдигарро тафсир мекунанд ва онро ҳамчун ҳама

каналҳои рақамии имконпазир барои пешбурди бренд шарҳ медиҳанд. Ба инҳо дохил мешаванд: телевизион, радио, интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ ва ғайра. Таҷриба нишон медиҳад, ки бо талаботи давру замон бозор ва муҳити он тағйир меёбад ва рақамикунонӣ маркетингро маҷбур месозад дар пайравии иқтисоди маҷозӣ ва ҳушманд фаъолият ба сар барад. Маркетинги рақамӣ муҳити бозорро на балки танг менамояд,балки онро ба тадриҷ вусъат мебахшад. Дар маркетинги рақамӣ шаклу усулҳои гуногуни бозорёбиро метавон эҳсос намуд.

Мисоли равшантарин рамзҳои QR дар плакатҳо ва маҷаллаҳо мебошад.




**Расми 1. Унсурҳои таркибии маркетинги рақамӣ (таҳияи муаллифон)**

Ба мо маълум аст, ки то ҳол ширкатҳо дар шабакаҳои интернетӣ аз сомонаҳо ва баннерҳо истифода мебурданд. Бо мурури замон қисме аз ширкатҳо фаъолияти худро дигаргуна сохтанд. Ба ин нигоҳ накарда, фазои рақобаттавонӣ дар мубориза тезу тунд аст, зеро ҳар яке мехоҳад тарзу услуби нави шабакаҳои рақамикунониро баҳри диққатҷалбии истеъмолгарони молу маҳсулот ва хадамот роҳхандозӣ намояд. Ҳамин аст, ки ин гуна тазодҳо фазову муҳити маркетингро ба пуррагӣ тағйир карда, афкори рақамии тиҷоратро мисли брендинг ва маркетинги маҷозӣ ба вуҷуд оварданд. Баъзе ширкатҳо худашон каналҳои махсусеро ташкил карда истодаанд, ки ба брендҳою дизайнҳои худ ба пуррагӣ такия менамоянд. Бархе аз ширктҳо бошанд бозиҳои маҷозиро дар барномаҳои махсуси ҷалби харидорон ворид намуданд, ки насли наврасу ҷавон ба шавқу рағбати беандоза рӯи кор омада истодаанд.

Мавриди зикр аст, ки якчанд соли охир, ширкатҳо тасмим гирифтанд, ки блогерҳои худро дошта бошанд ва онҳо дар ҷалби истеъмолгарон низ хизмати шоиста дошта бошанд. Бинобар ин, эҳтимоли зиёд аст, ки маркетологҳо таҷрибаҳои рушди самтҳои нав ва пайдоиши каналҳои навро идома медиҳанд.

Муҳимтарин воситаи маркетинги рақамиро метавон ҳамчун Интернет ва дастгоҳҳое тавсиф кард, ки дастрасӣ ба он (компютерҳо, планшетҳо, смартфонҳо ва ғ.) барои иттилоот, муошират ва худшиносӣ шароит фароҳам меорад. Як канали муҳими маркетинги рақамӣ истифодаи терминалҳои рақамии мобилӣ мебошад. Қаблан брендҳо паёмҳоро тавассути SMS мерасонданд, аммо ҳоло насб кардани замимаҳои корпоративӣ ё ташкили зангҳои WOW (зангҳои видеоӣ) ба телефон хеле маъмул аст.

Ҳар сол телевизиони рақамӣ торафт бештар телевизиони аналогиро иваз мекунад ва метавонад тадриҷан ба барномаҳои гуногун ворид карда шавад. Акнун имкон дорад, ки тавассути телевизор ба саҳифаи Facebook-и худ ворид шавед, видео тамошо кунед ё хабарҳои навро бишнавед. Истифодаи экранҳои интерактивӣ ва POS терминалҳо афзоиш меёбад. Ин як навъи мултимедияи рақамӣ аст, ки тадриҷан ҷои таблиғоти стандартии беруниро мегирад, ки ба шумо имкон медиҳад, ки бо истеъмолкунанда хеле наздиктар муошират кунед, ба ӯ паём расонед ё ба ӯ бо истифода аз POS-терминалҳо (нармафзори электронӣ ва дастгоҳи техникӣ барои қабули кортҳои пардохт) харид кунед. Планшетҳо ва дигар дастгоҳҳо, инчунин барномаҳои махсус барои онҳо ба корбарон имкон медиҳанд, ки

донишҳои нав гиранд, бозиҳо ташкил кунанд, филмҳоро тамошо кунанд, саҳифаҳои интернетиро паймоиш кунанд ва ғайра. Барои бисёриҳо, планшет як ҷузъи ҳаёти шахсӣ аст, ки дар он иттилоот шабонарӯзӣ омӯхта мешавад.

Мушоҳида кардан мумкин аст, ки солҳои охир ҳама гуна ҳаракатҳо барои ҷалби истеъмолкунандагони ҷадид ба таври назаррас тағйир ёфтаистодааст. Воқеан ҷорӣ намудани ВАО-и рақамӣ самт ва воситаҳои фаъолияти таблиғотӣ ва маркетингиро тағйир дод. Истифодаи густурдаи шабакаҳои иҷтимоӣ, инфрасохтори фарохмавҷро ва шаклҳои нави ҷамъоварии маълумот дар интернет ва офлайн муносибати байни корхонаҳо ва муштариёни онҳоро тағйир дод. Ҳоло, чанде аз директорони маркетинг ин тамоюлҳоро пурра фаҳмида ва азхуд кардаанд. Аксари ширкатҳо то ҳол аз маркетинги рақамӣ истифода намебаранд, гарчанде ки шароити рақобат дар бозор аллакай инро тақозо мекунад.




**Расми 2. Қисматҳои асосии сртатегияи маркетинги рақамӣ(таҳияи муаллифон)**

Баҳсҳо дар бораи афзалиятҳо ва нуқсонҳои расонаҳои рақамӣ дар муқоиса бо расонаҳои анъанавӣ идома доранд.

Аммо далел боқӣ мемонад, ки стратегияи маркетинги рақамӣ барои ҳар як тиҷорат дар асри нав бо сабабҳои зерин муҳим аст(Расми 2.):

1. Андозашаванда.

Яке аз бартариҳои бузургтарини таблиғоти рақамӣ дар он аст, ки он метавонад аз рӯи шумораи таассуротҳо, кликҳо ва табдилҳо чен карда шавад. Ширкатҳо метавонанд даромади дақиқи сармоягузории худро ҳисоб кунанд ва вобаста аз кадом платформа ё макone, ки онҳо натиҷаҳои беҳтарин ба даст меоранд, оптимизатсия карда метавонанд. Баръакси ВАО-и анъанавӣ, ки таблиғгарон тирҳоро дар торикӣ мепартоянд, онҳо умедворанд, ки сармоягузории онҳо дар муддати муайян натиҷа медиҳад.

2. Самаранокии иқтисодӣ.

Баръакси расонаҳои анъанавӣ, васоити рақамӣ набояд ҳама чизро пешакӣ пардохт кунад ва натиҷаро интизор шавад. Новобаста аз он ки шумо барои таассурот, клик ё табдилдиҳӣ пардохт мекунед, шумо танҳо барои он чизе, ки истифода мекунед, пардохт мекунед. Тавре ки дар ҳолатҳои муқаррарӣ, зарур аст, ки барои ҷудо кардани буҷет пешакӣ дар асоси модели шумо эҷодкардашуда, одатан пул истифода бурда мешавад. Ин маънои онро дорад, ки шумо тамоми буҷаро пардохт намекунед, балки танҳо мувофиқи кликҳо ё ӯҳдадориҳои гирифтаатон рафтор мекунед.

3. Чандирӣ.

Маркетинги рақамӣ ба шумо имкон медиҳад, ки ба аудиторияе, ки мехоҳед ҷалб кунед, таваҷҷӯҳ намоед. Барои онҳо пластинкаҳои оддӣ, эълонҳои видеоӣ ва ғайра сохтан мумкин аст. Агар маъракаҳои таблиғотӣ камбудиҳо дошта бошанд, шумо метавонед онҳоро дар ҳолати зарурӣ навсозӣ, тағйир диҳед ё нест кунед.

4. Оптимизатсияи худкор барои платформа.

Брендҳои хурд баъзан захираҳо барои эҷоди таблиғ ва таҳлили маълумот надоранд, зеро онҳо ба маҳсулот нигаронида шудаанд. Платформаҳои маркетинги рақамӣ барои

оптимизатсия кардани таблиғ вобаста ба намуди одамоне, ки бо онҳо кор мекунанд, кӯмак мекунанд ва таблиғро танҳо ба ин одамон нишон медиҳанд.

5. Таъсиси фазои корӣ барои маълумотҳои эҷодӣ.

Ҳар рӯз форматҳои таблиғоти рақамӣ торафт бештар пайдо мешаванд, аз ин рӯ имкониятҳои маълумотҳо беохир ба назар мерасанд. Ҳар як формат аз рӯи намуди ақидае, ки шумо мехоҳед эҷод кунед, ҳадаф дорад. Масалан, Facebook таблиғе пешниҳод мекунад, ки ба корбар имкон медиҳад, ки таблиғро клик кунад ва он ба саҳифаи Facebook-и шахсии шумо бо маҳсулот, видео ва матни шумо, ки дар он шумо метавонед дар бораи маҳсулоти худ маълумоти муфассал эҷод кунед. Дигар таблиғоти визуалӣ ва матнӣ мавҷуданд, ки метавонанд барои тафтиши формате истифода шаванд, ки дар он шумо метавонед маҳсулоти худро ба таври эҷодкорона пешкаш кунед.

6. Фаҳмидани муштарӣ.

Ҳеҷ гоҳ имкон набуд, ки таблиғгарон метавонистанд бо чанд клик дар бораи маҳсулоти худ иттилоот гиранд. Маркетинги рақамӣ чунин имкони муоширати мустақим бо муштариёнро фароҳам меорад. Бо ҳар як тағйирот, мо фаҳмиши нав ба даст меорем, ки дар навбати худ ба мо кӯмак мекунад, ки тамоми стратегияро такмил диҳем [9].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои махсуси меъёрии ҳуқуқие, ки фаъолияти маркетингиро дар Интернет танзим мекунанд, вуҷуд надоранд. Маркетинг дар Интернет бо муқаррароти умумии санадҳои меъёрии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабулшуда, ки фаъолияти маркетингии ташкилотҳо ва соҳибкорони инфиродиро танзим мекунанд, ба роҳ монда шудааст.

То имрӯз баррасии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маркетинги рақамӣ ҳанӯз ба анҷом нарасидааст. Ин на танҳо бо мураккабии омӯзиши асосҳои васеи қонунгузорӣ, балки бо мансубияти норавшани маркетинг дар Интернет ба доираи ин ё он санади меъёрии ҳуқуқӣ алоқаманд аст.

Шароити муосири иқтисодӣ дар ҷаҳон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷаҳонишавӣ ва тезонидани равандҳои рушди бозорҳо, технологияҳо, омилҳои иҷтимоию сиёсӣ, рушди ҷомеаи иттилоотӣ, афзоиши динамикӣ ва ҳаҷми иттилооти тиҷоратӣ такмили пайвастаи шаклҳо ва усулҳои идоракунии маркетинги рақамиро тақозо мекунанд.

Қайд кардан муҳим аст, ки маркетинги рақамӣ бо консепсияи иқтисоди рақамӣ зич алоқаманд аст. Имрӯз иқтисодиёти рақамӣ ба феҳристи самтҳои асосии рушди стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 дохил карда шудааст.Дар мо бояд ҳадди аққал даҳ ширкати нави баландтехнологии рақобатпазир дар бозори ҷаҳонӣ таъсис дода шавад ва ҳадди аққал 50 корхонаи хурду миёна ба технологияҳои рақамӣ ҷалб карда шаванд. Ба гуфтаи коршиносон, чунин натиҷаҳо имконпазиранд, гарчанде ҳиссаи иқтисодиёти рақамӣ дар ММД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло тақрибан 1,9% -ро ташкил медиҳад, ки нисбат ба кишварҳои пешрафта чор-панҷ маротиба камтар аст. Қайд кардан муҳим аст, ки масалан дар Русия то охири соли 2017 хароҷот барои таблиғ дар Интернет ба ҳамон сатҳе расид, ки арзиши таблиғи телевизионӣ, тавре ки дар гузориши бонки сармоягузории BCS Global Markets хабар дода шудааст [5]

Бояд қайд кард, ки кӯдакони муосир истифодаи интернет ва видеохостингро пештар ва барвақттар меомӯзанд ва насли зодаи рақамӣ – “зодаҳои рақамӣ” -ро ташкил медиҳанд, ки бо ҷаҳони бидуни интернет ошно нестанд. Дар шаҳрҳое, ки бештар аз 100 ҳазор нафар аҳолӣ доранд, ҳамаи кӯдакони аз 8 то 11 сола аз интернет истифода мебаранд. Аз се ду ҳиссаи онҳо дастгоҳи худро барои дастрасӣ ба интернет доранд. Ин маънои онро дорад, ки онҳо метавонанд он чизеро, ки мехоҳанд тамошо кунанд, интихоб кунанд ва ҳатто аз волидонашон вобаста нестанд. Дар натиҷа, ҳиссаи корбарони Интернет бо ҳар як насл беист афзоиш меёбад ва ин сегмент пайваста рушд мекунад. Аз ин сабаб, таблиғгарон буҷаи таблиғи видеоиро ба фоидаи Интернет тақсим мекунанд, зеро он хеле муассир аст ва шумо метавонед дар ҳама марҳилаҳои фурӯши маҳсулот кор кунед. Имкониятҳои

бештари кор бо мардум дар интернет вуҷуд доранд. Бартарии дигари Интернет қобилияти гирифтани таҳлили муфассали самаранокии маъракаҳои таблиғотӣ ва ворид кардани тағйирот дар вақти воқеӣ мебошад. Масалан, дар Яндекс, таблиғгарон метавонанд видеои маъракаро дар тӯли чанд дақиқа иваз кунанд, агар самаранокии он паст бошад. Дар каналҳои анъанавӣ ин амалан ғайриимкон аст.

Арзиши рушди иқтисодиёти рақамӣ ва маркетинги рақамӣ дар хориҷа фаъолона истифода мешавад.

"Маркетинги рақамӣ воқеан ба мо овоз медиҳад" мегӯяд маркетинги рақамии HealthLabs.com Лорен Крейн. "Ин ба мизоҷон нишон медиҳад, ки мо на танҳо як бренд ҳастем - мо одамоне ҳастем, ки дар бораи саломатӣ ва некӯаҳволии мизоҷони худ ғамхорӣ мекунем" [6].

Агар ба иттилооти ба дастомада таваҷҷӯҳ намоем, пас маълум мешавад, дар ИМА соли 2013 танҳо барои харидорӣ намудани модели B2C аз рӯи ҳисобҳо тахминан 304 миллиард доллар пардохт гардидааст.Аз рӯи маълумотҳо имрӯз ҳар 10-умин долларро амеркоиён ҳангоми хариди молҳои чакана аз интернет харҷ мекунанд.

Ширкатҳои тиҷорати электронӣ ба монанди Amazon ва eBay тавонистанд бо ёрии тиҷорати электронӣ ва маркетинги рақамии баландсифат империяҳои воқеии тиҷоратӣ эҷод кунанд. Масалан, Amazon Corporation (тахассуси фурӯши онлайн) тақрибан 110 миллион нафар дар як моҳ тамошо мекунанд. Суръати баланди афзоиши фурӯши тиҷорати электронӣ маънои онро дорад, ки дӯконҳои хишт ва миномет зери хатар қарор доранд ва ин маънои онро дорад, ки фурӯшандагоне, ки дар мағозаҳои хишт кор мекунанд ва саҳми худро дар бозор нигоҳ дошта наметавонанд, душвортар хоҳад буд.

Нақши шабакаҳои иҷтимоӣ дар амалияи тиҷорат меафзояд. Дар Русия, воридшавии иҷтимоӣ шабакаҳо 47% ҳисоб карда мешавад, 67,8 миллион русҳо ҳисоб доранд. Мувофиқи маълумоти Statista, YouTube аз ҳама фаъолтар дар Федератсияи Русия (63% пурсидашудагон) мебошад, дар ҳоле ки ВКонтакте дар ҷои дуюм - 61% мебошад. Пешвои ҷаҳонии Facebook бо 35% танҳо дар ҷои чорум қарор дорад. Тибқи маълумоти соли 2018, дар Фейсбук дар ИМА тақрибан 2,061 миллион нафар ба қайд гирифта шудаанд. Дар ҳамон сол Твиттер 328 миллион ва Instagram 700 миллион корбар доштанд. Ин шумора сол аз сол афзоиш меёбад ва ҳамчунин шумораи шабакаҳои иҷтимоӣ низ меафзояд. Дар баробари ин, шабакаҳои иҷтимоӣ на танҳо ҳамчун платформаи таблиғотӣ хизмат карда метавонанд. Маркетологҳо меомӯзанд, ки чӣ гуна онҳо метавонанд манбаи афкори истеъмолкунандагон шаванд. Баъзеҳо ҳатто боварӣ доранд, ки шабакаҳои иҷтимоӣ пурсишҳои муштариёнро ҳамчун манбаи иттилоот комилан иваз мекунанд, зеро онҳо бештар ҳамчун платформаи кор бо муштариён истифода мешаванд, вақте муштариёни мавҷуда ва эҳтимолӣ ба саволҳои худ посух мехоҳанд. Гузориши Sprout Social нишон медиҳад, ки 48% корбарон метавонанд бо ҷавоби зуд ба саволҳо дар гурӯҳ, 46% ба таблиғот мусбат ҷавоб медиҳанд ва 42% метавонанд брендеро интихоб кунанд, агар саҳифаи маҳсулот дорои мундариҷаи таълимӣ бошад, 27% пурсидашудагон гуфтаанд, ки агар ба онҳо маводе, ки одатан аз экран берун аст, нишон дода мешуданд, харид кардан мехоҳанд [7].

Ҳангоми таҳқиқи мавзӯи мазкур мо ба хулосае омадем, ки принсипҳои маркетинги рақамӣ бояд бе чуну чаро дар амалия татбиқ шаванд. Тиҷорат дар сатҳи бозори байналмиллалӣ бояд дар доираи он принсипҳо фаъолият карда бошад.

Аз сабаби рақобати шадид, идоракунии бренди бештар динамикӣ талаб карда мешавад. Мутахассисони маркетинг бояд ба суръати баланди тағйирёбии бозор ва иштироки васеътари истеъмолкунандагон дар таҳияи номгӯи фурӯш омода бошанд. Воситаҳои маркетинги рақамӣ барои ба даст овардани маълумот дар бораи рафтори харидорони эҳтимолӣ пайваста такмил дода мешаванд. Бо вуҷуди ин, метавон дар бораи

оғози марҳилаи нави таҳаввулоти маркетинг ҳарф зад, ки аксар ё ҳама ширкатҳои маркетингӣ фаъолияти худро дар каналҳои рақамӣ анҷом медиҳанд.

Илова бар ин, шунавандагон торафт бештар интихоб мекунанд ва маводи стереотипӣ дигар ҷиддӣ қабул карда намешаванд. Системаи бастани таблиғоти AdBlock аллакай беш аз 1 миллиард обунаро ба қайд гирифтааст. Ин тақрибан 100 миллион корбари фаъоли Интернет аст. Одамон омодаанд, ки барои хидматҳои бастани таблиғ мунтазам пардохт кунанд ва ин тамоюл торафт маъмултар мешавад. Хароҷоти маркетинги ширкатҳо меафзоянд ва самаранокии маъракаи таблиғотӣ на ҳама вақт сармоягузориро сафед мекунад. Бо вуҷуди ин, бо назардошти рақобати шадид дар бозори пешрафта, воситаҳои маркетинги рақамӣ аз ҳарвақта бештар мувофиқанд ва таҳлили ҳамаҷонибаи бозор, рақибон, аудитория ва дигар параметрҳои хоси равиши анъанавии маркетингро талаб мекунанд.

Дурнамои рушди маркетинги рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бузург аст. Сегменти маркетинги мобилӣ бо афзоиши интернети мобилӣ афзоиш меёбад. Аз ин рӯ, муҳим аст, ки ба эҷоди версияи мобилии сайт таваҷҷуҳ кард, то истифодаи он осонтар шавад. Корхонаҳо бояд буҷаи маъракаи маркетингиро дар Интернет муайян кунанд. Муносибати бисёрканалӣ самараи ҷамъшаванда ва беҳтарин нишондиҳандаи ҷалби муштариёнро бо таблиғоти хуб оптимизатсияшуда таъмин мекунад. Масалан, сармоягузории то 1000 доллар ба як ширкат имкон медиҳад, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ каналҳои таблиғотиро таъсис диҳад, таблиғоти контекстӣ эҷод кунад ва ба директори генералӣ сармоягузорӣ кунад. Маркетинги мундариҷа хеле муҳим аст, зеро маълумот ҷолибтар бошад, хоҳ он паёмҳои матнӣ, хоҳ тасвирҳои маҳсулот ё хидмат ё видео, ҳамон қадар одамон ба ин лоиҳа дар шабакаҳои иҷтимоӣ таваҷҷӯҳ доранд.

Ҳамин тариқ, маълум мешавад, ки имрӯз маркетинги рақамӣ ояндадортарин ва фаъолтарин самтҳои мавҷудаи фаъолияти таблиғотӣ дар ҷаҳон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, аз ҷумла, диққати махсусро дар шакли муаррифии босифати мол ва хидматҳо, инчунин мундариҷаи ҷолиб барои истеъмолкунандагонро талаб мекунад.

## АДАБИЁТ


1. Андреева О.Д., Абрамова А.Н., Кухаренко Е.Г. Развитие использования цифрового маркетинга в мировой экономике – Российский внешнеэкономический вестник. – 2015. – С. 24–40.
2. Абдураҳмон Ҳ., Шамсов Ф.Т. Мушкилоти рушди маркетинги рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон //Абдураҳмон Ҳ., Шамсов Ф.Т. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе, 2023. №2 (46).
3. Кувичко А.А. Интернет-маркетинга в России: актуальность, виды и проблемы // Евразийский Научный Журнал. – 2017. – №6. – С. 126–127.
4. Мирзоалиев А.А., Ҷафархони Ш. Маркетинги рақамӣ ва стратегияи рушди корхонаҳои тиҷоратӣ/ А.А. Мирзоалиев, Ш.Ҷаъфархони//// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе, 2023 №4/2, С.213-219
5. Мирзоалиев А.А., Тулиев М.С. Цифровизация экономики: проблемы и перспективыМонография. /А.А.Мирзоалиев, М.С.Тулиев//- Душанбе: Издательство «Ирфон», 2023-152с.
6. Надтока Т.Б., Матвеев Н.В. Трансформация маркетинговой деятельности предприятий в условиях цифровой экономики – Вестник Института экономических исследований. – 2017. – №4(8). – С. 70–77.
7. Тулиев М.С. Становление и развитие рынка электронных услуг в Республике Таджикистан: дисс. к.э.н 08.00.05: М.С. Тулиев Душанбе – 2021. - С. 45.

**УДК- 338:6**

**Мирзошехова Д.Э.**

## ПРИНЦИПЫ ФОРМИРОВАНИЯ ИНФРАСТРУКТУРНОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ МАЛОГО И СРЕДНЕГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА: ТЕОРЕТИЧЕСКИЙ АСПЕКТ

Одной из стратегических задач развития Республики Таджикистан является цифровизация экономики. Решение данной задачи во многим зависит от внедрения инноваций в различные сферы, в том числе в предпринимательскую деятельность. Для активизации хозяйственной деятельности предпринимательских структур необходимо сформировать и развивать инфраструктуру малого и среднего предпринимательства создать благоприятные условия для, адекватные современным требованиям. Формирование системы инфраструктурного обеспечения современного предпринимательства (инновационного предпринимательства) связано с внедрением многообразия моделей инфраструктурных элементов, развитие инновационного менеджмента, формирование зон особого назначения, региональных (межрегиональных) фондов и т.е.

**Ключевые слова:** предпринимательства, инфраструктура, принципы инфраструктурного обеспечения стратегии инфраструктурного обеспечения.

**Мирзошехова Д.Э.**

## ПРИНСИПҲОИ ТАШАККУЛИ ДАСТГИРИИ ИНФРАСОХТОРИ СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА: ҶАНБАИ НАЗАРИЯВӢ

Яке аз ҳадафҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон рақамикунонии иқтисодиёт мебошад. Ҳалли ин мушкилот бештар ба ҷорӣ намудани навоварӣ дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла фаъолияти соҳибкорӣ вобаста аст. Барои баланд бардоштани фаъолияти иқтисодии сохторҳои соҳибкорӣ зарур аст, ки инфрасохтори соҳибкории хурду миёна ташаккул ва инкишоф дода шавад, то шароити мусоиди ба талаботи замон мувофиқ фароҳам оварда шавад. Ташаккули системаи дастгирии инфрасохтории соҳибкории муосир (соҳибкории инноватсионӣ) бо ҷорӣ намудани моделҳои гуногуни унсурҳои инфрасохторӣ, рушди идоракунии инноватсионӣ, ташаккули минтақаҳои таъиноти махсус, фондҳои минтақавӣ (байнилминтақавӣ) ва ғайра алоқаманд аст.

**Калимаҳои калидӣ:** соҳибкорӣ, инфрасохтор, принсипҳои дастгирии инфрасохтор, стратегияи дастгирии инфрасохтор.

**Merzoshechova D.E.**

## PRINCIPLES FOR THE FORMATION OF INFRASTRUCTURE SUPPORT FOR SMALL AND MEDIUM-SIZED BUSINESSES: THEORETICAL ASPECT

One of the strategic development goals of the Republic of Tajikistan is the digitalization of the economy. The solution to this problem largely depends on the introduction of innovations in various areas, including business activities. To enhance the economic activity of entrepreneurial structures, it is necessary to form and develop the infrastructure of small and medium-sized businesses to create favorable conditions that are adequate to modern

requirements. The formation of a system of infrastructure support for modern entrepreneurship (innovative entrepreneurship) is associated with the introduction of a variety of models of infrastructural elements, the development of innovation management, the formation of special purpose zones, regional (interregional) funds, etc.

**Key words:** entrepreneurship, infrastructure, principles of infrastructure support, infrastructure support strategy.

В условиях трансформации экономических отношений особое место отводится инфраструктурной составляющей малого и среднего бизнеса как условия обеспечения устойчивого его развития.

На сегодняшний день малое и среднее предпринимательство является одним из основных направлений развития экономики Таджикистана в целом, а также её территориальных образований. Однако, не смотря на важное значение предпринимательства в экономике, поддержка со стороны государственных и иных структур осуществляется слабо.

Одним из направлений активизации деятельности предпринимательских структур является обеспечение адекватной внутренней и внешней среде, инфраструктурой.

Особое внимание следует уделить эффективности функционирования законодательных и исполнительных органов власти на уровне республики и на местах. Следует обеспечить перестройку системы взаимосвязи между субъектами административных органов, различных агенств, бизнес-центров, межрегиональных маркетинговых центров и других структур по обеспечению устойчивого развития предпринимательства в стране.

При этом проводимая работа должна стать составной частью развития национальной инфраструктуры поддержки предпринимательства.

Для объективной оценки состояния инфраструктуры необходимо про вести объективный мониторинг данного направления, выявить положительные моменты, определить недостающие элементы в системе государственной поддержки малого и среднего предпринимательства в Таджикистане во всех отраслях и уровнях экономики.

В основе развития инфраструктуры лежат определенные принципы приоритетным из которых является научность, содержание которого заключается в необходимости знания законов, закономерностей развития социально-экономических процессов в развитии предпринимательства.

Важным принципом развития сиренной инфраструктуры является принцип синхронности, в реализации которою особое место отводится государству.

Немаловажным принципом формирования системы инфраструктурного обеспечения современного предпринимательства является «принцип многообразия моделей его инфраструктуры, которые обусловлены многообразием видов инфраструктурных элементов и их комбинаций, из которых в каждое данное время необходимо выбрать наиболее приемлемый, рациональный вариант».[2]

На современном этапе, в условиях усиления конкуренции между хозяйствующими субъектами предпринимательства возникает потребность в формировании конкурентоспособных систем по обеспеченно развития предпринимательства, одной из которых является информационная система.

Использование новых информационных технологий дают возможность оценить инновации, их эффективности, обеспечить им синергетический эффект фирмы широко использующие в своей деятельности инновационные технологии, успешно формируют устойчивую конкурентную позицию на потребительском рынке, укрепляя хозяйственные связи с участниками технологического процесса в электронной форме.

Это позволяет сокращать издержки риска, совершенствовать логистику, корректировать все виды деятельности в соответствии с динамикой рыночной ситуации на рынках республики, контролировать конъюнктуру рынка, прогнозировать показатели на перспективу. [5]

Вышеперечисленные принципы позволют в комплексе реализовать принцип эффективности финансово-хозяйственной деятельности предпринимательских структур, обеспечить высокий уровень доходности, открывать новые нишей предпринимательства.

В общем виде инфраструктура малого и среднего предпринимательства отражена на рис.1.




**Рисунок 1. Инфраструктура малого предпринимательства.**

Формирование цифровой экономики в республике вызывает необходимость развития инновационной инфраструктуры.

По мнению таджикского ученого Базарова Ш.И. «под инновационной инфраструктурой понимается совокупность организаций, способствующих осуществлению инновационной деятельности, таких, как научно-технические, образовательные, производственные организации и их объединения, технологические инкубаторы, технополисы, технопарки, учебно-деловые центры, инновационные и венчурные фонды, другие специализированное организации, а также инновационно – технологические центры и офисы коммерциализации разработок и др» [1]

В этих условиях кадровый потенциал хозяйствующих субъектов обязан постоянно расширять знания, развивать компетенции под руководством инновационных менеджеров, функциями которого является решение не только тактических, но и стратегических задач. Это позволяет исключить риски, своевременно реагировать на изменения на рынке, сформировать благоприятный климат для предпринимательской деятельности.[3]

Для преобразования инфраструктуры в современных условия следует особое внимание обратить на следующие моменты:

- произвести анализ свойств и качеств инфраструктурных услуг на предмет адаптаций к современным предпринимательским функциям; выявить возможности преобразования предпринимательских структур.

- определить последовательности действий в преобразовании отдельных структурных элементов, разработать комплексный план по синхронизации развивать предпринимательских структур и элементов инфраструктуры;

- сформировать подсистемы инновационной инфраструктуры;

Создание инновационной инфраструктуры на уровне региона является перспективным направлением, т.к. Указанные территории могут располагать технопарками, инновационными, научными центрами и т.д.

Определенную роль в развитии инновационной инфраструктуры могут сыграть свободные экономические зоны, которых в республике 4 ( “Суғд”, “Пандж”, “Дангара”, “Ишкашим”). т. к. указанные территории обладают научным и инновационным потенциалом, льготным режимов налогообложения и т.д. Используя потенциал свободных экономических зон, можно создавать инновационную инфраструктуру. Определенную поддержку в этом процессе должно оказать государства. [6]

Сложные стратегические задачи стоят при реализации направления инфраструктурного обеспечения инновационного компонента современного предпринимательства на уровне макроэкономики: сохранение и развитие научного и инновационного потенциала в Таджикистане, использование его для постепенного перевода общественного воспроизводства на инновационный путь развития; создание эффективной инфраструктуры, обеспечивающей благоприятные общие условия для формирования, функционирования и развития современного предпринимательства в экономическом пространстве в Таджикистане.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Базаров Ш.Ш. Основы предпринимательства. Учебник для вузов.-Душанбе: «ЭР-граф», 2017г. 137с - 140с.
2.Горфинкель В.И. Инфраструктура современного предпринимательства: проблемы теории и практики. М.: Финстатинформ. 2017г. с.59.
3.Проблемы инфраструктурного обеспечения предпринимательской деятельности. Вестник Тамбовского ун-та. Серия: Гуманитарные науки. Вып.2(58). Тамбов: Изд-во ТГУ им. Г.Р. Державина. 2017г. 317с.
4. Панина Е.В. Проблемы становления и развития рыночной инфраструктуры в условиях переходного периода. М., 2012г. 325с.
5. Ровенский Ю.А. Стратегия развития предпринимательства. М., 2016г. 37с.
6. Савченко В.Е. Современное предпринимательство. М.: Экономика, 2007г.

**УДК: 368.1(575.3)**

**Мирсаидов А.Б., Муминов А.Б.**

# ҲОЛАТИ МУОСИРИ РУШДИ МЕХАНИЗМҲОИ АСОСИИ БОЗОРИ СУҒУРТА ДАР ТОҶИКИСТОН

Дар мақола бозори суғурта ҳамчун низоми махсуси муносибатҳои байни суғурташавандаҳо ва ширкатҳои суғурта барасси шуда муҳимияту накши калидии тақозо ва арза таъкид шуда ҳолати ташаккулу рушди ин механизмҳо дар мамлакат мавриди

таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф муайян намудааст, ки аз нуқтаи назари иқтисодӣ, тақозо бо қобилияти пардохти суғурташавандаҳои эҳтимолӣ маҳдуд мешавад ва дар шароити сатҳи пасти даромади аҳолӣ ва камбуди захираҳои молиявии корхонаҳо хароҷот барои суғурта дар яке аз ҷойҳои поинтарин меистанд. Дар мақола асоснок карда шудааст, ки бе низоми рушдёфтаи суғуртаи минтақа низоми суғуртаи давлатамон дар умум самаранок буда наметавонад. Муҳимтарин мушкилоти рушди бозорҳои минтақавиро муаяйн шуда пешниҳодоти амалӣ барои беҳтар намудани ҳолати бозори суғурта коркард карда шудааст.

**Вожаҳои калидӣ:** бозори суғурта, ташкилоти суғурта, хизматрасониҳои суғурта, суғурта, тақозо, арза, рақобат, нарх, танзим, худтанизми бозорӣ, омилҳои ташаккули арзаи суғурта ва тақозва.

**Мирсаидов А.Б., Муминов А.Б.**

## СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ РАЗВИТИЯ ОСНОВНЫХ МЕХАНИЗМОВ РЫНКА СТРАХОВАНИЯ В ТАДЖИКИСТАНЕ

В статье рассматривается страховой рынок как особая система взаимоотношений между страхователями и страховыми компаниями, подчеркивается значение и ключевая роль спроса и предложения, а также исследуется состояние становления и развития этих механизмов в стране. Автор определил, что с экономической точки зрения спрос ограничен платежеспособностью потенциальных застрахованных лиц, а в условиях низкого уровня доходов населения и нехватки финансовых ресурсов предприятий затраты на страхование находятся в одном из самых низких мест. В статье обосновано, что без развитой системы страхования региона система страхования нашей страны не может быть эффективной в целом. Выявлены важнейшие проблемы развития региональных рынков и разработаны практические предложения по улучшению состояния страхового рынка.

**Ключевые слова:** страховой рынок, страховая организация, страховые услуги, страхование, спрос, предложение, конкуренция, цена, регулирование, автономия рынка, факторы спроса и предложения страхования.

**Mirsaidov A.B., Muminov AB.**

## CURRENT STATE DEVELOPMENT OF MAIN MECHANISMS OF THE INSURANCE MARKET IN TAJIKISTAN

The article examines the insurance market as a special system of relationships between policyholders and insurance companies, emphasizes the importance and key role of supply and demand, and also examines the state of formation and development of these mechanisms in the country. The author determined that from an economic point of view, demand is limited by the solvency of potential insured persons, and in conditions of low income of the population and lack of financial resources of enterprises, insurance costs are one of the lowest. The article substantiates that without a developed insurance system in the region, the insurance system of our country cannot be effective as a whole. The most important problems in the development of regional markets have been identified and practical proposals have been developed to improve the state of the insurance market.

**Key words:** insurance market, insurance organization, insurance services, insurance, demand, supply, competition, price, regulation, market autonomy, factors of demand and supply of insurance.

Дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» (28.12.2023» қайд карда шудааст, ки «Дар ҳафт соли охир аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои дастгирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ тавассути пардохти нафақа, кумакпулӣ ва ҷубронпулиҳо, нигоҳдории муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва уҳдадориҳои дигар зиёда аз 21,9 миллиард сомонӣ, аз ҷумла танҳо дар соли 2023-юм 4 миллиард сомонӣ равона карда шуд» [4, с.2]. Солҳои охир иҷтимоигардии буҷети давлатӣ ва нерӯ гирифтани сифати иҷтимоии фаъолияти давлат ва ҳукмати мамлакат сол аз сол мушоҳида мешавад. Дар таъмини ҳивзи иҷтимоӣ ва умуман рушди ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии мамлакат системаи суғурта, ки аслан вазиваи иҷтимоиро дорад накши калидӣ дорад. Ин вазифаи бунёдии суғурта ва бозори суғурта тариқи танзими оқилонаи давлат суръат мегирад.

Бозори суғурта маҷмӯи муносибатҳои байни ташкилоти суғурта ва мизоҷони онҳо мебошад. Ҳимояи суғуртавӣ, яъне хизмате, ки ташкилоти суғурта мерасонанд, моли хоси бозори суғурта мебошад. Мисли ҳар мол, хизматрасонии суғурта арзиши истеъмолӣ ва арзиши худро дорад. Арзиши истеъмолии хизматрасонии суғурта аз таъмини ҳимояи суғурта иборат аст. Дар сурати фаро расидани ҳолати суғуртавӣ ин ҳимояи суғуртавӣ дар шакли талофии суғурта ё таъмини суғурта таҷасссум мегардад. Арзиши хизматрасонии суғурта дар мукофоти суғурта, ки суғуртакунанда ба суғурташаванда медиҳад, ифода меёбад. Он бояд барои: пӯшондани даъвоҳои имконпазир дар давоми давраи суғурта; пӯшондани хароҷоти ширкати суғурта барои пешбурди кор; таъмини ҳаҷми муайяни фоида кофӣ бошад.

Дар давлатҳои тараққикарда ширкатҳои давлатии суғуртавӣ бо мақсади пешгирии кам намудани интиқоли асъор ба воситаи суғурта ва азнавсуғуртакунӣ таъсис дода мешаванд. Қайд кардан зарур аст, ки бозори хизматрасонии суғуртавӣ ҳамчун механизми иқтисодии амалӣ намудани лоиҳаҳои давлатӣ дар бозори суғуравӣ тарафҳои қавӣ, заиф, имкониятҳо ва таҳдидҳоро доро мебошад [9, С.143].

Ба ин васила, бозори суғурта низоми махсуси муносибатҳои байни суғурташавандаҳо ва ширкатҳои суғурта мебошад. Чуноне ки маълум аст, вазъи иқтисоди бозорӣ, сатҳу механизми рушди он бо истифода аз ду мафҳуми заминагузор - тақозо ва арза тавсиф карда мешаванд. Тақозо ба хизматрасонии суғурта, мисли ҳар моли дигар, талаботи суғурташавандаҳоро ба хизматрасонии мазкур инъикос мекунад. Тақозо ба хизматрасонии суғурта ин ҷамъи пулҳоест, ки хардорон (суғурташавандаҳо) омодаанд барои қонеъсозии талаботи худ барои ҳимояи шахс, амвол, масулият, дар асоси қонун сарф намоянд.

Аз нуқтаи назари иқтисодӣ, тақозо бо қобилияти пардохти суғурташавандаҳои эҳтимолӣ маҳдуд мешавад. Дар шароити сатҳи пасти даромади аҳолӣ ва камбуди захираҳои молиявии корхонаҳо хароҷот барои суғурта дар яке аз ҷойҳои поинтарин меистанд. Баръакс, дар шароити иқтисодии хуб ҳиссаи хароҷт барои суғурта меафзояд.

Талабот ба хизматрасонии суғурта аз рӯи дараҷаи дарки онҳо ба талаботи аввалиндараҷа дохил намешаванд, бинобар ин ташаккули тақозо ба суғурта кори мушкилеро барои интиқоли ин талабо аз сатҳи даркнашуда ба сатҳи даркшуда талаб мекунад. Ҳангоми паст будани сатҳи қобилияти пардохт мизоҷ хоҳиши барои суғурта сарф кардани пулро надорад, агар талаботи аз ин муҳимтараш пурра қонеъ нашуда бошанд. Барои он ки даромади мавҷуда, дар қатори самтҳои дигар, барои суғурта низ харҷ шавад, чандин шартҳо лозиманд, ки муҳимтаринашон, дар баробари қобилияти пардохт, бохабарии мизоҷ дар бораи суғурта, сатҳи тафаккури иқтисодӣ ва маданияти суғуртаӣ мебошанд.

Дар шароити тезутундшавии рақобат дар бозори суғурта маҳз фурӯши хизматрасонии суғурта, дар ниҳояти кор, сатҳи тақозо ба хизматрасонии суғуртаро муайян мекунад[7, с.12]. Бинобар ин ширкати суғурта зимни амалигардонии фаъолияти худ бояд

ба равандҳои ташкил ва такмили низоми фурӯши хизматрасонии суғурта таваҷҷуҳи махсус зоҳир намояд. Идораи низоми фурӯши хизматрасонии суғуртаро бояд чун як низоми мураккабе баррасӣ кард, ки дар он хизматрасонии суғурта, намояндагони каналҳои мухталифи фурӯши хизматрасонии суғурта, ширкати суғурта ва истеъмолгари фаъол бо ҳам ҳамкории зич доранд.

Хусусияти низоми мазкур ин аст, ки бо ёрии афзори алорҳида низоми босамару қонеъкунандаи суғурташаванда бо он ташкил карда шавад. Гарави муваффақият дар ин аст, ки суғурташаванда бояд аз ин ширкат қаноатманд бошад, то ин ки минбаъд ҳам бо ҳамин ширкат ҳамкорӣ кунад. Фурӯши хизматрасонии суғурта аз лиҳози сохтори технологии худ раванди печидаест, ки онро аз ду ҷиҳат баррасӣ кардан мумкин аст:

- раванди шахсӣ ё бешахси ёрирасонӣ ё водорсозии мизоҷи эҳтимолӣ барои харидани ҳимояи суғуртавӣ;

- амалҳои миёнаравони ссуғурта ба манфиати суғуртакунана, барои таъмини расидагӣ ба ҳадафи тиҷоратии он.

Фурӯшҳои мустақим тавассути шуъбаҳои дафтари асосӣ ё тавассути шуъбаҳои алоҳидаи суғуртакунанда (филиалҳо, ҷойҳои кории алоҳида, нуқтаҳои фурӯш), тариқи телефон, почта ё Интернет амалӣ карда мешаванд. Фурӯши мустақим чандон босамар ҳисобида намешавад, зеро он ба туфайли фарогирии шумораи ками мизоҷон ва масрафи вақти зиёд барои хизматгузорӣ ба онҳо, он қадар самаранок ҳисобида намешавад. Ҳамзамон, он нишонаҳои ҷаззоб ҳам дорад, ки аз онҳо самтнокӣ ва мунтахабии таъсир ба мизоҷи эҳтимолиро метавон ном бурд, ки ба талаботи мизоҷон мувофиқ аст; инчунин имкони додани иттилооти пурра ба мизоҷ дар бораи мавзӯи муҳокима, қабули қарорҳои ғайристандарт оид ба шартҳои суғурта, тамини мизоҷ бо кумаки машваратии мутахассисони самтҳои мухталиф, ки дар дафтар кор мекунанд. Камбудии ин канал вобастагии пурраи суғуртакунанда ба иродаи мизоҷ оиди далели муроҷиат барои бастани шартномаи суғурта ё муроҷиати он ба ҳамин ширкати суғурта ё агенти он мебошад. Натиҷаи фурӯши хизатрасониҳои суғурта дар каналҳои фурӯш дар соли 2022 дар расми 1 оварда шудаанд.




**Расми 1. – Сохтори каналҳои фурӯши маҳсулоти суғуртаи чакана дар соли 2022, %.**

Дар бозори хизматрасонии суғуртаи ҷумҳурӣ як қатор мушкилот вуҷуд доранд, ки муҳимтарини онҳо номутаносибии байни тақорзо ва арзаи хизматрасонии суғурта мебошад. Дар солҳои 2017-2022 ҳаҷми мукофоти ҷамъшудаи суғурта ба 1 ширкати суғурта аз 7,3 то ба 16,7 млн. сомонӣ афзоиш ёфт. Ин афзоиш бо сабаби ба миқдори панҷто ихтисор шудани ташкилотҳои воқеъ шуд. Ҷамъи мукофотҳои ҷамъовардаи суғуртакунандагон дар ҳудуди ҷумҳурӣ с. 2022 нисбат ба соли 2017 ба 75,1 % афзуда 283,9 млн. сомониро нисбат ба 162,1 млн. сомонии с. 2017 ташкил дод. Саҳми мукофотҳои

суғурта дар ММД дар давраи мавриди таҳлил аз 0,25 до о,29 ё ба 0,004 фоиз зиёд шуд. Миқдори мукофоти суғурта ба як нафари аҳолӣ аз 58,5 %, ё аз 18,1 то 28,7 сомонӣ боло рафт, ки ин аз ба эътидол омадани вазъият дапр бозори суғурта дарак медиҳад Ҳаҷми ҳаққҳои ҷамъоваришудаи суғурта асосан аз ҳисоби афзоиши суғуртаи шахсии ихтиёрӣ (ғайр аз суғуртаи ҳаёт) ва навъҳои ҳатмии суғурта зиёд шудааст.

Ҳоло шартан ду манбаи тақозо ба хизматрасонии суғуртаро ҷудо кардан мумкин аст [8, с.48]. Манбаи якум бахши ғайридавлатии иқтисод аст, ки табиатан бино бар беҳимоят будан ва надоштани имкони дарёфти кумаки молиявии давлат ба суғурта ниёзманд мебошад. Вале аҳволи молиявии ғайриқаноатбахши бисёре аз корхонаҳо дар шароити давраи гузариш ба афзоиши саросарии тақозо аз ин ҷониб мусоидат намекунад. Бисёр мегӯянд, ки талаботи даркшуда вуҷуд дорад, вале чун қоида, маблағи пули озоде нест, ки барои суғурта харҷ кунанд. Лекин аз соли 2017 то 2022 даромади пулии аҳолӣ 2,1 баробар афзуда, афзоиши миёнаи ҳарсола зиёда аз 27,5 %ро ташкил додааст. Яъне даромади ширкатҳои суғурта дар давраи мавриди таҳлилба ҳисоби миёна беш аз 18,4 % зиёд шудааст. Баъди соли 2019 коҳиши суръати афзоиши даромади ташкилоти суғурта ба чашм мерасад. Чуноне ки мебинем, суръати афзоиши ҳаҷми даромади ташкилоти суғурта дар давраи солҳои 2017-2019 аз суръати афзоиши даромади пулии аҳолӣ бештар буд, лекин баъди соли 2019 раванди баръакс дида мешавад. Агар ба мазмуни ин нишондиҳандаҳои рақамӣ дахл кунем, маълум мешавад, ки хулосаҳои пешакӣ ба иштибоҳ мебаранд. Дар воқеъ, афзоиши ҳаҷми даромади пулии аҳолӣ зиёдшавии воқеии даромади ташкилоти суғуртаро таъмин накард. Ба ин васила, вазни хоси даромади ташкилоти суғурта дар ҷамъи даромадҳои пулии аҳолӣ (ба қавле меъёри суғурта) аз 0,55 то 0,39% оҳиш ёфт. Агар ба афзоиши даромадҳои суғуртавӣ ба ҳар сомонии афзоиши даромади пулии аҳолӣ нигарем, маълум мешавад, ки майли аҳолӣ ба суғурта хеле паст буда, рӯ ба коҳиш ниҳодааст.

Қабл аз пешниҳод кардани хизматрасонии суғурта ба касе, суғуртакунандагонро мебояд, ки манзараи иҷтимоӣ, демграфӣ, иқтисодӣ ва баъзан равонии суғурташавандаи эҳтимолии худро возеҳ тасаввур кунанд. Барои ташаккули тақозои самаранок ба хизматрасониҳои суғурта тақозои субъектони хоҷагидор, корхонаҳо ба хизматрасониҳои гуногуни суғурта накши муҳимро мебозад[3, с.32]. Дар натиҷаи таҳқиқи 100 корхонаи бахши ғайримолиявии тавлидгари молу хизматрасонии ғайримолиявӣ барои фурӯши он дар бозор ба нархи аз ҷиҳати иқтисодӣ мақбул, дар вилояти Суғд, маълум гашт, ки онҳо аз хизматрасонии ташкилоти суғурта фаъолона истифода мебаранд. Зимнан ҳангоми харидани полиси суғурта барои онҳо сифати танзими зарар ва эътимоднокии ташкилоти суғурта аҳамият дорад, ки ин аз маданияти баланди суғуртавии ширкатҳои бахши ғайримолиявӣ дарак медиҳад. Ба ин васила, онҳо аз стратегияи бозори суғурта беҳгардонии сатҳи эътимод ва сифати хизматрасонии ширкатҳои суғуртаро таваққуъ доранд.

Ҳангоми назарпурсӣ ба саволи “шумо барои корхонаатон кадом навъҳои суғуртаро мехаред”, чунин посух доданд:

- суғуртаи амвол (бино, таҷҳизот) 71%
- суғуртаи мол дар анбор/дар гардиш – 43%,
- суғуртаи бор - 41%.
- суғуртаи хатарҳои сохтмону насбкунӣ - 34%
- суғуртаи уҳдадориҳо тибқи қарордодҳои сармоягузорӣ -29% (ниг. Расми 2.)

**Тасвири 2. Навъҳои суғурта, ки асосан истифода карда мешаванд**




Дар натиҷаи натиҷаҳои пурсиши гузаронидаи мо (бо фарогирии 500 нафар) маълум шуд, ки фақат 17%и пурсидашудагон дар сурати доштани хоҳишу имкон пеш аз ҳама аз суғуртаи манзил ва танҳо 9% аз суғуртаи амвол истифода мебурданд. Қариби 43%и тамоми пурсишшудагон дар воқеъ ба ҳеҷ ваҷҳ аз хизматрасонии суғурта истифода карданӣ нестанд. Дар ин ҷо симои демографии шаҳрванди миёна намоён мегардад, ки бо сабабҳои мухталиф суғуртаро қабул надорад.

Ҳангоми таҳқиқи бозори хизматрасонии суғурта пурсише барои муайян намудани тарҷеҳоти мизоҷон барои сифат ё анвоъи хизматрасониҳо гузаронида шуд. Барои гузаронидани пурсиш ҷавонони синни 18 то 25 сол дошта даъват карда шуданд, зеро маҳз онҳо масири рушди ояндаи истеҳсолу пешниҳоди хизматрасонии суғуртаро муайян мекунанд. Бо истифода аз натиҷаҳои чунин пурсиш, менеҷери ташкилоти суғурта метавонад тадбирҳои мушаххаси амалиро ҷиҳати ҷалби мизоҷон тарҳрезӣ ва амалӣ намояд. Масалан, зимни назарпурсии ҷавонон дар бораи хизматрасонии суғурта маълум гашт, ки онҳо дар оянда аз кадом намуди хизматрасонӣ мехостанд истифода баранд, новобаста ба навъҳое, ки ҳоло истифода мекунанд. Дар ҷадвали 1 натиҷаҳои пурсиши истеъмолгарон дар хусуси хизматрасониҳои суғуртаи мавриди таваҷҷуҳашон оварда шудаанд. Ҳангоми пурсиши ҷавонон аён буд, ки бисёриҳо дар бораи хизматрасониҳои суғуртавии имконпазир огоҳии зиёд доранд. Азмаълумоти ҷадвали 3.3.3 дида мешавад, ки бештари мухотабон ба суғуртаи автомобили худ тарҷеҳ медиҳанд. Ҳар касе, ки хоҳиши харидани автомобил аст, мехоҳад маҳз онро суғурта кунад, зеро аз ҷуброни зарар дар сурати садамаи роҳ бохабар мебошад. Ҷавонон орзуи иунтазам ба хориҷа рафтанро доранд, бинобар ин 18 нафари мухтабон ҳаминро афзал донистанд. Хусусан ҳамчунин ба суғуртаи амвол ва бизнес таъкид мекунанд. Хизматрасонии суғуртаи ҳаёт ва саломатӣ ҳамеша мубрам аст, бинобар ин, истифода аз он ҳамчунон идома хоҳад дошт.

**Ҷадвали 1. Натиҷаҳои пурсиши истеъмолгарон (ҷавонон) дар бораи хизматрасонии суғуртаи дилхоҳ**

| Навъҳои дилхоҳи суғурта | Шумораи пурсишшудагон | Бо % |
|---|---|---|
| Суғуртаи ҳодисаҳои нохуш ва беморӣ | 60 | 12 |
| Суғуртаи автомобил | 130 | 26 |
| Суғуртаи амвол | 120 | 24 |
| Суғурта ҳангоми сафару саёҳатҳо | 90 | 18 |
| Суғуртаи ҳаёт ва саломатии фарзандон | 35 | 7 |
| Суғуртаи бизнес | 65 | 13 |
| Ҳамагӣ | 500 чел. | 100,0 |

Тибқи коркарди натиҷаҳои пурсиш тартиб дода шуд (с. 2022)

Дар ҷараёни ташаккули тақозо ба хизматрасонии суғурта омӯхтани рафтори суғурташавандагон аҳамияти калон дорад. Омӯзиши ин равандҳо ба назарияи рафтори истеъмолгар такя мекунад. Назарияи рафтори истеъмолгар ва тақозо маҷмӯи принсипу қонуниятҳои ба ҳам алоқамандеро меомӯзад, ки фард дар пайравӣ аз онҳо нақшаи худро барои истеъмоли неъматҳои гуногун, аз ҷумла хизматрасонии суғурта, бо таваҷҷуҳ ба таъмини пурратари талаботҳои худ, ташаккул медиҳад ва амалӣ мекунад. Принсипи муҳимтарини рафтори истеъмолгар ва тақозои фард баҳисобгирии тарҷеҳоти шахсии он аст, ки ташкилу истифода нақшаҳои судмандии хизматрасониҳои гуногуни суғуртаи мавриди истеъмоли фардро дар назар дорад [6, с.16]. Фард нақшаи худро барои истеъмол бо таваҷҷуҳ ба қобилияти харидории худ, яъне ҳам даромади худ ва сатҳи нархи бозории хизматрасонии суғурта ташаккул медиҳад. Дар ин ҷо таъкид бояд кард, ки назарияи рафтори истеъмолӣ ва тақозо бар асоси принсипи дода шудани ин параметрҳо амал мекунад. Ҳар хизматрасонии суғуртае, ки фард мехарад, бояд ба ӯ суди муайяне оварад, ки андозаи онро худаш субъективӣ арзёбӣ мекунад. Бинобар ин, агар ин ё он хизматрасонии суғурта, аз нуқтаи назари он, талаботи мушаххасро қонеъ карда натавонад, ба ӯ фоида наоварад, онро чун неъмат баррасӣ намкунад. Аммо ин чиз метавонад барои фарди дигар неъмат бошад, агар вай манфиати худро дар он бинад. Ба ин васила, судмандии хосиятест, ки ба туфайли он хизматрасонӣ дорои мақоми неъмат мешавад ва ба доираи манфиатҳои фард шомил мегардад. Ҳама ҷаҳду талошҳои фард, дар охири кор, ба афзоиши судмандии умумие равона карда шудаанд, ки фард зимни истеъмоли хизматрасонии гумрукӣ тибқи нақшаи истеъмолии худ ба даст меорад.

Иқтисодшиносон хеле пештар ба робитаи муайяни байни судмандии неъмат ва нархи он диққат доданд. Ин робита, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки чизи носудманд барои истеъмолгарон нарх ҳам надорад. Аз тарафи дигар, чӣ қадаре ки суди чиз бештар бошад, ҳамон қадар, одатан нархаш гаронтар мешавад. Ҳамзамон иқтисодшиносон омили дигареро зикр карданд, ки ҳамчунин ба сатҳи нарх таъсири ҷиддӣ мерасонад. Ин хароҷоти истеҳсолот аст. Иқтисодшиноси инглис А. Маршалл дар китобаш «Принсипҳои илми иқтисод» навиштааст: «Мо метавонистем бо далели баробар дар бораи он баҳс кунем, ки оё арзишро суд танзим мекунад ё хароҷоти истеҳсол, ин мисли баҳси он аст, ки кадом тарафи қайчӣ пораи коғазро мебуррад»[2, с.31]. Мавқеи А. Маршалл ба ғоят равшан аст. Чуноне ки мебинем, ба ақидаи вай ҳар ду омили мазкур (судмандӣ ва хароҷоти истеҳсол) ба андозаи баробар арзиши (нархи) коғазро муайян мекунанд. Ф. Энгелс ҳам қариб ҳамин хел ақида дошт: «Дар бораи моҳияти арзиши воқеӣ дар байни англисҳо, ки хароҷоти истеҳсолро ифодаи арзиши воқеӣ мепиндоштанд, ва Сэйи фаронсавӣ, ки ба фикрашм ин арзишро судмандии чиз таъйин мкунад, баҳси тӯлонӣ ҷараён дошт.… Арзиш нисбати хароҷоти истеҳсол ба судмандист»[5, с.552]. Чуноне ки қайд карда шуд, тамоми амалҳои истеъмолгар, дар охири кор, ба афзоиши судмандии умумие равона карда шудаанд, ки вай аз даромади сарфкардаи худ ба даст оварда метавонад. Дар талоши расидан ба ин ҳадаф, фард маҷбур аст танҳо бо такя ба тарҷеҳоти худ, ба ин ё он тарз хизматрасонӣ ва маҷмӯи хизматрасонии гуногунро муқоиса кунад, судмандии онҳоро арзёбӣ намояд ва онеро интихоб намояд, ки бештар аз ҳама барои ҳалли масъалаи гузошташуда мусоидат мекунад, суд меорад. Чунин интихоби хизматрасонӣ усулан метавонад бо роҳҳои гуногун иҷро шавад: ё дар асоси арзёбии миқдории ҳар яки онҳо, ё дар асоси муайян кардани тарҷеҳоти фард нисбати маҷмӯи мушаххаси хизматрасонӣ ҳангоми муқоисаи он бо маҷмӯъҳои дигар, масалан муқоисаи хизматрасонии бонкӣ ё бозори коғазҳои қиматнок. Назарияи тартибӣ ё ординарии судмандӣ, ки Ф. Эҷуорт, В. Парето ва И. Фишер пешниҳод карданд, имкон дод то мушкилоти назарияи миқдорӣ сарфи назар шаванд. Дар сурати мавҷуд будани воҳидҳои ченаки муътамади судмандӣ – пул, ҳар фард метавонад андозаи эҳсосоти субъективии судмандиро, ки дар ҷараёни истеъмоли ин ё он хизматрасонии суғурта эҳсос мекунад,

арзёбӣ намояд. А. Маршалл «судмандиро» чун василаи қонеъгардонии «хоҳиш» ё «талабот» баррасӣ намуда, фармудааст, ки онро «на мустақиман, балки фақат ғайримустақим андозагирӣ кардан мумкин аст... ва фақат дар ҳолатҳои мансуб ба илми иқтисод ченаки он нархест, ки инсон омода аст барои иҷроиш ё қонеъгардонии хоҳиши худ пардозад»[2, с.155]. Дар ин ҳангом А. Маршалл ҳамеша нархи ҳадди аксари имконпазирро дар назар дошт, яъне нархеро, «ки харидор омода аст пардорзад, то бе ин мол аз бозор наравад»[5, с.191]. Дараҷаи баландии ин нарх дар охири кор ба тарҷеҳоти фард вобаста мебошад. Аммо бояд қайд кард, ки истеъмолгар дар ҳоли нарху даромади додашуда вақат он гоҳе ба ҳадди аксари судмандӣ ноил мегардад, ки нисбати ҳадди судмандӣ ба нарх барои ҳар неъмати мавриди истеъмолаш яксон (қонуни дувуми Госсен) ва ҳамзамон бо ҳадди судмандии пули (даромади) истеъмолгар баробар бошад. Ба ибораи дигар ҳамзамон метавон гуфт, ки сомонии охирини даромади фард бояд ба ӯ суди якхела оварад, сарфи назар аз ин ки барои хариди кадом хизматрасонӣ сарф хоҳад шуд: масалан, даромад, фоидаи ҳар сомонӣ аз хариди хизматрасонии суғурта ва андозаи бадастомадаи фоиз аз ҳар сомонии ба бонк (қарз) гузошташуда бояд баробар бошанд. Сохтори истеъмоли фард, яъне ҳам сохтори харидҳои он, ки бо дарназардошти баробарии мазкур ташаккул ёфтаанд, муносиб шуморида мешаванд. Чунин ҳолати истеъмолгарро баъзан ҳолати муодил ҳам меноманд. Ҳама гуна канорравӣ аз сохтори муносиб ба камшавии маҷмӯи судмандӣ, яъне ба поин рафтани сатҳи қаноатмандии талаботи фард аз хизматрасонии суғурта оварда мерасонад.

Асоси бизнеси суғурта инсон ва талаботи он ба ҳимояи суғуртавӣ мебошад ва ин талабот бо хусусиятҳои минтақавии зисти вай робитаи зич дорад. Бинобар ин бе низоми рушдёфтаи суғуртаи минтақа низоми суғуртаи давлатамон дар умум самаранок буда наметавонад. Бозорҳои минтақавии суғурта як қатор мушкилот доранд, ки муҳимтаринашон инҳоянд: сатҳи даромади аҳолӣ; афзоиши ҳиссаи навъҳои ҳатмии суғурта дар ҳаҷми умумии мукофоти суғурта; сатҳи пасти маданияти суғурта дар ҷомеа, набудани боварӣ ба фаъолияти ширкатҳои суғурта; норасоии иттилооти омор дар бораи фаъолияти суғуртакунандаҳо; таҳияи норасои пойгоҳи қонунӣ, ки фаъолияти суғуртаро танзим мекунад. Аз ин рӯ, барои арзёбии воқеъбинонаи ҳолат ва ояндаи бозори суғурта, тақозои дар бозори суғурта фароҳамшударо таҳлил бояд кард, ин тақозо чун талаботи қобили пардохти аҳолӣ ба суғурта баррасӣ шуда, аз миқдори суғурташавандаҳои эҳтимолӣ ва объектҳои суғурта иборат аст. Ба назари мо, ба равиши арзёбии бозори суғуртаи минтақаҳо ворид намудани нишондиҳандаи баёнгари талабот ба суғурта, ки тавассути коэффитсиенти тақозои ин ё он хизматрасонии суғурта ифода кардан мумкин аст, ба мақсад мувофиқ мебошад. Чунин коэффитсиент дар соҳаҳои гуногуни иқтисод васеъ истифода карда мешавад. Истифодаи ин коэффитсиент дар арзёбии бозори суғуртаи минтақавӣ, ба фикри мо, имкон ммедиҳад, ки на танҳо миқдори талабгорон аз рӯи аломати омодаггии хариди хизматрасонии иқтисодӣ, балки ҳиссаи истемолгарони ба ном маҳсулоти ҳамроҳи суғурта (қарзи истеъмолӣ, ипотека ва ғ.) ба ҳисоб гирифта шавад.

Барои ноил гаштан ба рушди устувори бозор тадбирҳои ташаккули тақозо ба хизматрасонии суғуртаро бояд амалӣ кард: таблиғи суғуртакунонии аҳолӣ, инкишоф додани маданияти суғуртавӣ; баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии тамоми қишрҳои аҳолӣ, мусоидат барои рушди минбаъдии соҳибкории хурду миёна; расондани ёрии ҳуқуқӣ ба шаҳрвандон дар масъалаҳои суғурта; таъсиси ниҳоди ғайрисудии танзими баҳсҳои байни ширкатҳои суғурта ва мизоҷони онҳо.

Барои он ки даромадҳои дар ихтиёри аҳолӣ буда ба суғурта равон карда шаванд, ба фикри мо, як қатор шартҳо лозиманд, ки муҳимтарини онҳо дар баробари қобилияти пардохт, бохабарии мизоҷ аз суғурта, сатҳи тафакури иқтисодӣ ва маданияти суғуртавӣ мебошанд. Дар ҷомеаи аврупоӣ масъалаи ташаккули тақозо ба суғурта матраҳ нест – тафаккури дахлдори соҳибкорон ва аҳолӣ алакай ташаккул ёфтааст. Шартҳои тақозои

устувор ба суғурта мавҷуд будани муносибатҳои марбути моликияти хусусӣ, инчунин возеҳ ва шаффоф будани фаъолияти суғурта мебошанд.

**Муртазозода О., Султонов З.С., Худоизода А.М.**

## МЕХАНИЗМҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ РУШДИ УСТУВОРИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

Вазъи имрӯзаи ҷомеаи ҷаҳон баҳри таъмини рушд масъулиятро барои пайдо намудани механизмҳои маблағгузорӣ ва рушди устувори корхонаҳои саноатӣ боз ҳам бештар менамояд. Бинобар ин, муаллифон дар мақолаи мазкур паҳлуҳои молиявӣ ва механизмҳои маблағгузории рушди устувори корхонаҳои саноатиро дар доираи ҳадафҳои стратегии кишвар таҳқиқ намудаанд. Албатта, тамоюли муосири рушди фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити муосир ба иқтисодиёти рақамӣ ва дигар шаклҳои нави фаъолияти иқтисодӣ мубрамияти хосаро ба худ касб намуда, талошҳои пайвастаро барои самаранокӣ тақозо мекунад.

**Калидвожаҳо:** механизм, корхона, иқтисоди миллӣ, саноат, устуворӣ, рақобат, имконият, самаранокӣ, амнияти иқтисодӣ, сармоягузорӣ, суботи молиявӣ.

**Муртазозода О., Султонов З.С., Худоизода А.М.**

## МЕХАНИЗМЫ ФИНАНСИРОВАНИЯ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ

Современное состояние мирового сообщества для обеспечения развития делает еще более важным поиск механизмов финансирования и устойчивого развития промышленных предприятий. Поэтому в данной статье авторы исследовали финансовые аспекты и механизмы финансирования устойчивого развития промышленных предприятий в рамках стратегических целей страны. Конечно, современная тенденция развития субъектов хозяйствования в современных условиях в сторону цифровой экономики и других новых форм экономической деятельности имеет особое значение и требует непрерывных усилий по повышению эффективности.

**Ключевые слова:** механизм, компания, национальная экономика, промышленность, стабильность, конкуренция, возможность эффективность, экономическая безопасность, инвестиции, финансовая стабильность.

**Murtazozoda O., Sultonov Z.S., Khudoizoda A.M.**

## FINANCING MECHANISMS FOR SUSTAINABLE DEVELOPMENT INDUSTRIAL ENTERPRISES

The current state of the world community to ensure development makes it even more important to search for mechanisms for financing and sustainable development of industrial enterprises. Therefore, in this article, the authors examined the financial aspects and mechanisms for financing the sustainable development of industrial enterprises within the framework of the country’s strategic goals. Of course, the current trend in the development of business entities in modern conditions towards the digital economy and other new forms of economic activity is of particular importance and requires continuous efforts to improve efficiency.

**Key words:** mechanism, company, national economy, industry, stability, competition, opportunity, efficiency, economic security, investment, financial stability.

Имрӯзҳо механизми маблағгузорӣ яке аз масъалаи калидӣ ҷиҳати самаранокӣ ва таъмии стратегияи саноатикунонии босуръати кишвар дониста мешавад. Бевосита бо пайдо намудани сарчашмаҳо ва тағйир ёфтани механизмҳои маблағгузории корхонаҳо ба суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсолот дар бахши аслии иқтисодиёт таккони ҷиддӣ мебахшад. Албатта, бо ин васила ҳалли бисёр мушкилотҳои ҷойдошта низ имконпазир мегардад. Пас воқеан ҳам, рушди иқтисоди миллӣ бевосита аз сатҳи мустаҳкамии корхонаҳои саноатӣ вобастагӣ калон дорад.

Бояд гуфт, ки суботи молиявӣ ҳолате дониста мешавад, ки дар он тамоми бахшҳои низоми молиявӣ, аз ҷумла бозорҳои молиявӣ, ташкилотҳои молиявӣ ва сохтори молиявӣ бе осебпазирӣ ва муътадил фаъолият менамоянд. Бо дарназардошти, таъсири хавфу хатарҳои эҳтимолӣ субъектҳои хоҷагидорӣ бехатарии худро таъмин менамоянд. Дар робита ба ин, суботи молиявии худро таъмин намуда, ҷиҳати устувор гардидани рушди иқтисоди миллӣ ҳиссагузор мебошанд. Пас таъмини молиявии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ дар шароити касри воситаҳои пулӣ муҳим арзёбӣ гардида, дар тамоми кишварҳои ҷаҳон ҷиҳати нигоҳ доштани суботи молиявӣ ва беҳтар намудани фаъолияти субъектҳо мунтазам талош меварзанд.

Оре, шаклҳои зуҳур ва механизми фаъолияти корхонаҳо хеле мураккаб буда, тибқи гуногуншаклии моликият ва банду басти рушди иқтисоди миллӣ сурат мегирад. Аслан, бештари субъектҳои иқтисодӣ ба фаъолияти истеҳсолӣ бештар банд буда, аз ҷумла ба фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ хоҷагиҳои хонадорӣ, ё ки бо babri озод, тибқи иҷозат ё бидуни он, фармоиш ё бо таври дилхоҳ машғуланду неъматҳои иқтисодию хадамот тавлид менамоянд ва пешкаши истеъмолгарон мегардонанд ва дар ин асос дархост ва эҳтиёҷоти худро қонеъ мегардонанд, дохил мешаванд.

Аз ин рӯ, вазъи мураккабу зудтағйирёбанда ҷаҳон тамоми ташкилоту корхонаҳои ватаниро мувazzаф месозад, ки бо пайдо гардидани имкониятҳои молиявӣ фаъолияти иқтисодии корхонаҳо чи дар дохили давлат ва чи берун дар сатҳи рақобатпазир таъмин карда шавад. Илова бар ин, тамоюли муосири рушди фаъолияти корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосир ба иқтисодиёти рақамӣ ва дигар шаклҳои нави фаъолияти иқтисодӣ мубрамияти хосаро ба худ касб намуда, талошҳои пайвастаро барои самаранокӣ тақозо мекунад.

Муҳимтар аз ҳама, санаи 21.12.2021 сол зимни ироаи Паёми навбатии худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз намуданд: “…минбаъд низ ба масъалаҳои баланд бардоштани гуногунсамтиву рақобатнокии иқтисоди миллӣ, густариши раванди рақамикунонии иқтисод, татбиқи «иқтисоди сабз», саноатикунонии босуръат, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва рушди нерӯи инсонӣ афзалият дода, дар ин замина рушди устувору сифатноки иқтисоди миллӣ таъмин карда шавад. Ҳамзамон, зиёда аз 870 корхонаи саноатӣ таъсис дода, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 95 миллиард сомонӣ расонида, содироти он ду баробар афзоиш дода шавад. Ҳиссаи саноат дар ММД кишвар ба 26 фоиз расонида, дар ин раванд гуногунсамтии истеҳсолоти саноатӣ таъмин карда шавад. Инчунин, бинобар аҳамияти бузурги соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи мамлакат, ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва таъмин намудани иҷрои ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла раванди саноатикунонии босуръати кишвар пешниҳод менамоям, ки солҳои 2022-2026, яъне то ҷашни 35-солагии истиқлолияти давлатии Тоҷикистон «Солҳои рушди саноат» эълон карда шаванд” [1].

Бо дарназардошти ин, механизми маблағгузорӣ ва таъмини фарогирии молиявӣ ҳамчун омили рушди устувори корхонаҳои саноатии кишвар муҳим дониста мешавад. Зеро, дар ҳолати ба вуқуъ омадани эҳтимолиятҳои ғайричашмдошт ба қадри имкон пешгирӣ намудани онҳо ҳадафмандона хоҳад буд. Дар ин росто, манбаҳои молиявӣ

ҳамчун фондҳои пулию сарвати таъиноти хосдошта, вобаста ба имконият барои амалисозии муносибатҳои иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ зарур дониста мешавад.

Зимнан, сарчашмаи даромадҳои андозӣ бо мақсади ҷамъоварии маблағҳо дар буҷети кишвар, маҳз ба давлат имкон медиҳад, ки ҳалли масоили иҷтимоию иқтисодӣ вобаста ба имкониятҳои молиявӣ ва суботи иқтисодӣ пурра ё қисман таъмин карда шавад. Дар ҳоле, ки манбаи даромади муқарраршуда фаъолияти иқтисодӣ ва идораи онро таъмин карда натавонад, давлат аз механизми муносибатҳои буҷетӣ истифода мекунад. Зеро дар шароити касри буҷет таъмини молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ кори саҳлу осон набуда, амали намудани сиёсатҳоро тақозо менамояд. Мушкилот дар он аст, ки касрнокии буҷети давлатӣ вазъи молиявиест, ки дар натиҷаи аз ҷониби давлат ба нақша гирифта шудани хароҷоти барзиёд назар ба даромади воқеии буҷет ба вуҷуд меояд.

Дар ин росто: “...ҷиҳати имконияти танзими иқтисодиёт ва ҷобаҷогузории истеҳсолоту инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда механизми давлат муносибатҳои байнибуҷетиро истифода хоҳад намуд. Механизми буҷетӣ вобаста ба талаботи бозор воситаи бавуҷудорандаи сохти таркибии иқтисодиёти дорои сатҳи муайяни рақобатпазир мебошад. Бо назардошти ба танзимдарорӣ, ҷалб ва истифодаи мақсадноки сармоягузориҳои хориҷӣ ва роҳ надодан ба зиёдшавии қарзҳои беруна амалӣ намудани сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар барои таъмини ухдадориҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди ташкилотҳои сиёсӣ ва молиявии байналмилалӣ ва давлатҳои дигари хориҷӣ дар буҷети ҳарсола инъикос мегардад”.

Бо дарназардошти ин, дар асоси маълумоти пешакӣ нишондиҳандаи кӯтоҳмуддати рушди минтақаҳои ҷумҳурӣ дар моҳҳои январ-декабри соли 2023 бо нархҳои ҷорӣ 123 026,8 млн. сомониро ташкил намуда, дар моҳҳои январ - декабри соли 2023 суръати афзоиш ва ҳиссаи нишондиҳандаи кӯтоҳмуддати рушди минтақаҳои ҷумҳурӣ дар шаҳри Душанбе – 108,3 фоиз (20,2 фоиз), вилояти Суғд – 108,3% (26,9%), вилояти Хатлон 108,3% (27,6%), ВМКБ – 108,1% (1,3%) ва НТҶ – 108,2% (18,1%)-ро ташкил намуд, ки дар диаграммаи 1 оварда шудааст.

Аммо дар шароити муосир яке ҳадафҳои асосии сиёсати иқтисодии мамлакат рушди босубот ва таъмини амнияти иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, дар марҳилаи муосири пойдоршавӣ маҳз инкишофи муносибатҳои корхонаҳои саноатӣ объекти асосӣ дониста мешавад. Сарфи назар аз душвориҳои ҷойдошта, роҳбарияти олии кишвар ҷиҳати паст кардани сатҳи вобастагии мамлакат аз таъсири омилҳои берунӣ ва ноил шудан ба яке аз ҳадафҳои стратегияи миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар тавассути паёдо намудани механизмҳои гуногуни маблағгузорӣ ва ба истифода додани миқдори зиёди коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ қадам ба қадам мусоидат намуда истодааст.




**Диаграммаи 1. Сохтори нишондиҳандаи кӯтоҳмуддати рушди минтақаҳои ҷумҳурӣ барои моҳҳои январ-декабри соли 2023**

Сарчашма: Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ-декабр 2023//АОНПҶТ

Воқеан ҳам, барои дилхоҳ кишвари ҷаҳон раванди саноатикунонӣ кори саҳлу осон набуда, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои сулҳу субот пешбурди сиёсати ҳадафмандона ҳамеша масъалаи муҳимму ҳалталаб боқи мемонад. Аз ин лиҳоз, дар самти таъмини стратегияи амнияти иқтисодӣ омилҳои гуногун таъсиргузор буда, дар шароити носозгории иқтисодиёти ҷаҳон, татбиқи барномаву стратегияи саноатикунонии босуръати кишвар ва рушди иқтисоди миллӣ ташкил медиҳад.

Албатта, ҷамъоварии маблағҳо боис мегардад, ки инкишофи соҳаҳои асосӣ ва бахшҳои мушаххаси иқтисодӣ ба роҳ монда шавад. Дар ин самт, сиёсати молиявӣ ин соҳаи мустақили фаъолияти давлат вобаста ба муносибатҳои молиявӣ буда, он маҷмӯи шакл, усул ва асбобҳои танзими таъсирбахш ба ҷараёни иҷтимоиву иқтисодӣ дониста мешавад. Ҳадафи асосии сиёсати молиявӣ аз таъмини мавҷудият ва ба даст овардани натиҷаи дилхоҳи молиявӣ иборат мебошад, ки дар олами пурраќобати иқтисодӣ дилхоҳ субъек омода бошад. Вобаста ба фарогирии вақт ба сиёсати молиявии ҷорӣ, он ба сиёсати молиявӣ ва дурнамо ҷудо карда мешавад. Маҷмуи алгоритми муносибатҳои пулиро байни субъектони хоҷагидорӣ ба чунин шакл ифода менамоем, ки дар расми 1 оварда шудааст.




**Расми 1. Маҷмуи муносибатҳои пулӣ байни субъектони хоҷагидорӣ**
Сарчашма: дар асоси сарчашмаҳои илмӣ таҳия шудааст

Вобаста ба таркиби даромади буҷети маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ пардохту андозҳо низ ҳиссагузор мебошанд. Бинобар ин, тибқи Кодекси андоз ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ҳар сол қабул шуда, муайян мегардад. Зеро фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ аз манбаъҳои даромади муқарраршуда вобастагӣ дошта, ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ - иқтисодиро ё пурра ва ё то қадри имкон таъмин карда метавонанд. Ин ҳам бошад, мавриди ки манбаи даромади муқарраршуда фаъолияти иқтисодӣ ва идораи онро таъмин карда натавонад, давлат аз механизми муносибатҳои буҷетӣ истифода мекунад.

Ҳамин тавр, дар давраи ҳисоботӣ дар маҷмӯъ 3444 корхонаи саноатӣ дар ҷумҳурӣ фаъолият доштанд, ки аз ин 318 адад дар соҳаи истихроҷи маъдан, 2957 адад дар истеҳсолот, 72 адад дар таъмини нерӯи барқ, газ, буғ ва ҳаво ва 97 адад ба обтаъминкунӣ ва коркарди партовҳо рост меояд, ки дар диаграммаи 2 нишон дода шудааст. Дар ин самт, шумораи умумии корхонаҳо 1101 (32,0%) дар вилояти Суғд, 821 (23,8%) дар вилояти Хатлон, 751 (21,8%) дар Душанбе, 671 (19,5%) дар НТҶ ва 100 (2,9 %) ба ВМКБ рост меояд.

Бо такя ба нуктаҳои асосии Паёми ироагардида, дар 75 соли замони гузашта (то соли 1991) дар мамлакат ҳамагӣ 358 корхонаи саноатӣ бо 33 ҳазор ҷойи корӣ фаъолият дошта бошад, пас тайи ду соли охир дар кишвар беш аз 1200 коргоҳу корхонаи нави истеҳсолӣ бо 11 ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода шудааст. [1]




**Диаграммаи 2. Шумораи корхонанаҳои ҷумҳурӣ барои моҳҳои январ-декабри соли 2023**

Сарчашма: Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ-декабр 2023//АОНПҶТ

Рақамҳои овардашуда аз он шаҳодат медиҳад, ки тавассути татбиқи самараноки барномаву нақшаҳои қабулгардида ва иқдомҳои шоистаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақшаи гузариши иқтисодиёти кишварро аз шакли аграрӣ – индустриалӣ ба индустриалӣ – аграрӣ амалӣ гардонида, бо талошҳои зиёд ба рушди иқтисоди миллӣ суръат бахшида истодаем. [2, - С.85]

Лозим ба ёдоварист, ки ба санаи 31 марти соли 2024 дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 31 марти соли 2024 дар маҷмӯъ 63 адад ташкилоти қарзии молиявӣ, аз ҷумла 14 адад бонки анъанавӣ, 1 адад бонки исломӣ, 1 адад ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ, 19 адад ташкилоти амонатии қарзии хурд, 3 адад ташкилоти қарзии хурд ва 25 адад фонди қарзии хурд фаъолият менамоянд. Бақияи сандуқи қарзии маҷмуии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар санаи ҳисоботӣ маблағи 18 290,9 млн сомониро ташкил карда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 ба маблағи 3 535,7 млн сомонӣ ё 24,0 фоиз афзоиш ёфтааст, ки ин аз ҳисоби зиёдшавии пешниҳоди қарзҳо ба шахсони воқеӣ, соҳибкории хурду миёна ва соҳаи тиҷорат ба амал омадааст. Қарзҳои ғайрифаъол (зиёда аз 30 рӯз батаъхирафтода) маблағи 2 324,5 млн сомонӣ ё 12,7 фоизи сандуқи қарзии маҷмӯиро ташкил доданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 вазни қиёсии онҳо дар сандуқи қарзии маҷмӯӣ ба андозаи 1,3 банди фоизӣ афзоиш ёфтааст.[5] Бо дарназардошти афзоиши сарчашмаҳои маблағгузорӣ, ин миқдор барои расидан ба ҳадафҳои асосӣ ва дурнамои фаъолияти корхонаҳои саноатӣ нокифоя боқӣ мемонад. Зеро бо татбиқ нагардидани омилҳои инноватсионӣ дилхоҳ корхона метавонад мавқеи худро дар бозор то андозае аз даст диҳад.

Боназардошти ҳама имконоти мавҷуда ва зарурияти конкретии соҳа тибқи ҳисобҳои коршиносон, тамоюли асосии рушди бозори сармояи хурд дарояндаи наздик метавонад боиси афзоиши рақобат бо бонкҳо дар мубориза барои ҷалби муштариѐн, пеш аз ҳама тавассути баланд бардоштани сатҳи технология ва тамоюли талаботи муштариѐн гардад. Истифодаи фаъоли технологияҳои интернетӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, маҳсулоте, ки раванди баргардонидан ва пардохти қарзҳоро автоматӣ мекунанд, афзалияти рақобатии ташкилотҳои маблағгузории хурдро дар самти пешниҳоди ҳиссаи бештари қарзҳо ифода менамояд. [4] Боиси хушнудӣ аст, ки имрӯз бо таъмини фазои мусоиди сармоягузорӣ дар кишвар қоидаҳои умумии ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ муқаррар гардида, ба рушди соҳа ва ҳиссаи он дар иқтисодиёти мамлакат заминаи асосӣ мегузорад. Барои

муҳайё намудани заминаи ҳуқуқӣ ва ҳалли масъалаҳои маблағгузорӣ ва ё қарздиҳӣ ҷиҳати таъсиси корхонаҳои саноатӣ мусоидат менамоянд.

Вобаста ба ин, моро месазад, ки оид ба истифодаи идоракунии рушди устувор дар сатҳи корхонаҳои саноатӣ аз таҷрибаи кишварҳои дуру наздик истифода намоем. Албатта, марҳала ва сиёсати саноатии Иттиҳоди Аврупо тайи солҳои дароз ташаккул ёфта, дар худ паҳлуҳои гуногуни инкишофро доро мебошад. Масалан, сиёсати мазкур дар кишвари узви Иттиҳоди Аврупо-Лаҳистон (менеҷменти саноатӣ аз рӯи принсипи "аз поён ба боло"), Чин (истифодаии модели "ҷамъи рушд", "самараи локомотив"), Ҷопон (ташкили марказҳои корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ конструкторӣ дар корхонаҳои саноатӣ), Русия ( соҳибкории хурду миёнаро дар саноат бо дарназардошти пешниҳоди имтиёзҳои андозию гумрукӣ, қарздиҳии бонкӣ ва ғайра), Бразилия (бо пурзӯр намудани мавқеи ҳокимияти маҳаллӣ дар самти дастгирии соҳаи саноат), Ӯзбекистон (ба рушди саноат маблағгузориҳои калон ҷудо мешавад, давлат ошкоро ба саноат махсусан соҳаҳои бофандагӣ, дӯзандагӣ, нассоҷӣ, мошинсозӣ ва ғайра дастгирӣ мекунад), яъне дар шакли гуногун ба роҳ мондани фаъолият метавонад, ҳамчун омили рушди усвор бошад.

Қобили қайд аст, ки олим ва иқтисодчии русс Рябов В.М. пешниҳод менамоянд, ки ҳамчун меъёри арзёбии рушди устувори самараноки корхона чунин нишондиҳандаҳо низ баррасї карда шаванд: ноил шудан ба суръати устувори рушди иқтисодии фаъолияти асосии корхона, ба даст овардани фоидаи кофӣ барои худмаблағгузории рушди иқтисодї ва таъмини устувории он зарур аст. [3]

Маҳз талошҳо ва татбиқи сиёсатҳои саноатӣ боис гардид, ки имрӯзҳо Бразилия ба як кишвари тараққикардаистодаи устувор ва рақобатпазир дохил мешавад. Вале омузиши таҷрибаи ҳамсоякишвари Ӯзбекистон барои мо саривақтӣ буда, тайи солҳои охир дар самти рушди силсилаи истеҳсолот устуворона қадам гузошт. Бахусус, муваффақияти беназиру қулфкушои он маблағгузориҳои калон ва дастгирии давлат маҳз ба бахши саноати он буд. Дурнамои фаъолияти тамоми бахшҳо самара дода, имрӯз саноат дар Ӯзбекистон зиёда аз 7000 корхонаи шаклу таъиноти гуногун фаъолияти пурсамар доранд. Аксарияти бахшҳои он дорои «таҷҳизоти лабораторӣ ва озмоишии истеҳсолкунандагони пешрафтаи Аврупои буда, ҷиҳати баланд бардоштани иқтидори содиротии саноат талош меварзад.

Ҳамин тавр, бо дарназардошти муваффақиятҳои саноати миллӣ тайи солҳои соҳибистиқлолӣ, ҳалли мушкилотҳои зеринро ба манфиати кор медонем: азҷумла, - бештар ва осон намудани қарзҳои бонкӣ, ҷиҳати тақвияти иқтидори содиротии кишвар; - тақвияти саноати коркарди маҳсулоти ватанӣ; – коҳиш ёфтани шиддати мутахассисон дар бозори меҳнат ва кластеризатсияи бахши саноати миллӣ ва ғайра. Аз ин лиҳоз, дар баробари самараи тамоми барномаҳои дарозмуддат ва масъалаҳои такмили технологияҳои муосир барои дастрасии саривақтӣ дар раванди татбиқи омилҳои инноватсионӣ бениҳоят муҳим арзёби мегардад. Дар воқеъ, маблағгузориҳо ва ҷалби сармояҳои дохилӣ ва бурунии соҳа нокифоя боқӣ монда, барои тақвияти ҳамкориҳои судманди корхонаҳо ва зиёд намудани иқтидори содиротии кишвар беш аз пеш самараи фаъолиятро тақозо менамояд.

**АДАБИЁТ**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 28.12.2023, ш.Душанбе, [Захираи электронӣ] http://president.tj/node/32191
2. Муртазозода О. Паёми Президент – қадамҳои устувор дар рушди низоми саноати миллӣ ва тақвияти иқтидори содиротии кишвар//Маркази тадқиқоти стратегии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон//Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. - Душанбе: «АРЖАНГ», 2024. - № 1(9). - С.83-92.
3. Рябов В.М. Устойчивое развитие промышленных предприятий в современных условиях// Вектор науки ТГУ. 2011. – № 4(18). – С. 271-273.
4. М. Эконо/Микрофинансирование: содержание, особенности, проблемы / М.Эконо // Научный журнал финансы, денежное обращение и кредит, и перспективы развития. С. 67
5. Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон https://nbt.tj/tj// Вазъи низоми бонкӣ

**УДК: 331.5.024.5**

**Мухитдинова Ш.С.**

## МАСЪАЛАҲОИ ШУҒЛИ АҲОЛӢ ДАР БАЪЗЕ КИШВАРҲОИ ҶАҲОН

Дар мақолаи мазкур вазъи сатҳи шуғлнокии аҳолӣ дар кишварҳои ҷаҳон мавриди муҳокима карор дода шудаст. Кишварҳое, ки аз рӯи коэффисиенти шуғли аҳолӣ нишондодҳои баланд доранд, инчунин ҳиссаи музди меҳнат дар ММД баъзе кишварҳои ҷаҳон мавриди таҳқиқ қарор гирифта шудаст. Инчунин дар мақола омилҳои ба вазъи шуғлнокии аҳолӣ таъсиркунанда таҳлил карда шудааст.

**Калимањои калидї.** шуғли пурмаҳсул, коэффисиенти шуғлнокӣ, аҳолӣ, бозори меҳнат, кишварҳои ҷаҳон, кормандон, бозори меҳнат.

**Мухитдинова Ш.С.**

## ВОПРОСЫ ЗАНЯТОСТИ НАСЕЛЕНИЯ В НЕКОТОРЫХ СТРАНАХ МИРА

В данной статье рассматривается уровнень занятости населения в странах мира. Исследованы страны с высокими показателями по коэффициенту занятости населения, а также доля заработной платы в ВВП некоторых стран мира. Также в статье анализируются факторы, влияющие на занятость населения.

**Ключевые слова.** продуктивная занятость, коэффициент занятости, население, рынок труда, страны мира, работники, рынок труда.

**Mukhitdinova Sh.S.**

## EMPLOYMENT ISSUES IN SOME COUNTRIES OF THE WORLD

This article considers the level of employment in the countries of the world. The countries with high rates of employment, as well as the share of wages in the GDP of some countries of the world, have been studied. The article also analyzes the factors affecting the employment of the population.

**Keywords.** productive employment, employment rate, population, labor market, countries of the world, workers, labor market.

Сатҳи шуғлнокии аҳолӣ, ки дар баъзе мавридҳо ҳамчун коэффисиенти шуғлнокӣ номида мешавад, дар шароити муосир барои ҳар як давлати мустақил, алалхусус дар минтақаҳои он, нишондиҳандаҳои калидӣ ҳисобида мешавад. Агар дар кишвар, аз он

ҷумла дар минтақаҳои он нишондиҳандаҳои мазкур қиммати баланд дошта бошад, маънои онро дорад, ки фаъолнокии иқтисодӣ дар кишвар ва минтақа, баланд аст. Қисми зиёди аҳолӣ бо меҳнат машғул аст, ки дар зиёдшавии ММД ё ин ки МММ саҳм дошта, он дар некуаҳолии мардум низ инъикос мегардад. Агар қиммати паст дошта бошад, маънои онро дорад, ки дар кишвар ё ин ки минтақа муаммои бекорӣ, камбизоатӣ, паст шавии истеҳсолоти ММД ё ин ки МММ мушоҳида карда мешавад [1]. Аз ин рӯ, ба ҳисоб гирифтан, танзим ва коркарди чораҳо оид ба баланд бардоштани коэффисиенти шуғлнокии аҳолӣ барои ҳар як давлати мустақил хело муҳим арзебӣ мегардад. Дар сатҳи байналхалқӣ нишондоди сатҳи шуғлнокӣ дар байни кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ҷониби хадамоти омории «ILOSTAT»-и Ташкилоти Байналхалкии Меҳнат (International Labour Organization) муассисаи махсуси низоми Созмони Милали Муттаҳҳид (СММ) ҳар сол баҳогузорӣ карда мешавад. Ин таҳлил асосан аз соли 1980 то ҳол гузаронида мешавад.

Дар ин ҷода боиси қайд аст, ки методикаи ҳисоби коэффисиент аз ҷониби ташкилоти мазкур каме фарқ менамояд. Масъалан табки методологияи Ташкилоти Байналхалкии Меҳнат ба категорияи шуғл ҳамаи шахсоне, ки дар сину соли қобилияти меҳнат (аз 15 сола баланд), ки дар қаламрави хоҳ давлати худ ва берун аз он, вактҳои муайяни фаъолият оид ба истеҳсоли маҳсулот, хизматрасонӣ менамояд, ва ҳамзамон дар шакли пулии натуралӣ фоида мегирад, ворид аст. Ба ин категория танҳо соҳибхоназан, талабагон ва дигар шахсоне, ки бо меҳнати пардохт нашуда машғул ҳастанд, ворид намегардад [2].

Маркази омории Ташкилоти Байналхалкии Меҳнат дар асоси факту рақамҳои шуғли аҳолӣ, ки дар кишвар ва минтакаҳои ҷаҳон дар асоси тадқиқотҳо ва мониторинги миллӣ, аз ҷониби ниҳодҳои давлатии расмӣ арзебӣ карда шудааст, такья менамояд ва онҳоро ба стандартҳои омории қабулшуда мутобиқат намуда, барои муқоисаи байналҳалқӣ истифода мебаранд. Боиси қайд аст, ки методикаи ҳисоб намудани сатҳи шуғли аҳолӣ, ки аз ҷониби мақомотҳои давлатии омории миллӣ истифода бурда мешавад, стандарти ягона надорад. Бинобар ин, ҳисоби нишондоди мазкур аз як давлат ба давлати дигар фарқият дорад, бидуни давлатҳои Иттиҳоди Аврупо. Дар ин ҷода хусусиятҳои хоси бозори меҳнати давлатҳои алоҳидаро низ ба инобат гирифтан мувофиқи мақсад аст. Масъалан, дар кишварҳои ақибмонда, суст тараққикарда одатан қисми зиёди аҳолии фаъоли иқтисодӣ асосан бо худшуғлнокӣ машғул аст, яъне соҳаи фаъолияти онҳо асосан соҳаи кишоварзӣ буда, бевосита дар бозори меҳнат ширкат намеварзад ва дигар хусусиятҳои хоси кишварҳоро дар оянда ба инобат гирифтан мувофиқи мақсад аст.

Дар умум, афзоиш ёфтани коэффисиенти шуғлнокӣ қобилияти иқтисодиётро оид ба таҳия намудан ва пайдо намудани ҷойҳои корӣ, нишон медиҳад, ки барои ҳар як минтақа ва кишвари алоҳида дар коркарди сиёсати иқтисодӣ аҳамияти калон дорад. Аз ин лиҳоз, нишондиҳандаҳои сатҳи шуғлнокии аҳолиро дар кишварҳои ҷаҳон барои муқоиса намудан дар ҷадвалҳои поён дида мегузарем. Нахуст даҳгонаи аввали кишварҳои ҷаҳон, ки дар рейтинги байналхалқӣ ба даҳгонаи аввал ворид аст (ҷадвали 1) ва пас аз он ба даҳгонаи кишварҳои қафомондаи ҷаҳонро оид ба масъалаи мазкур (ҷадвали 2) таҳқиқ менамоем.

Инак, сараввал кишварҳое, ки аз рӯи коэффисиенти шуғли аҳоли нишондодҳои баланд дорад, мавриди таҳқиқ қарор мегирем (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Рейтинги кишварҳои чаҳон аз руи сатҳи шуғлнокӣ (даҳ кишвари муваффақ) (International Labour Organization (ILOSTAT): Employment Index 2023.)**

| № рейтинги кишварҳо | Иқтисодиёт | Сатҳи шуғлнокӣ (%) |
|---|---|---|
| 1. | Қатар | 88 |
| 2. | Мадагаскар | 84 |

| | | |
|---|---|---|
| 3. | Ҷазираҳои Соломон | 82 |
| 4. | Танзания | 80 |
| 5. | Иттиҳоди Аморати Араб | 80 |
| 6. | Бурунди | 79 |
| 7. | Эфиопия | 77 |
| 8. | Камбоҷа | 75 |
| 9. | Мозамбик | 75 |
| 10 | Либерия | 74 |

**Сарчашма:** Рейтинг стран мира по уровню занятости / Гуманитарный портал: Исследования [Электронный ресурс] // Центр гуманитарных технологий, 2006–2023 (последняя редакция: 29.10.2023). URL: https://gtmarket.ru/ratings/employment-ranking

Чӣ тавре, ки аз ҷадвал бар меояд. дар даҳгонаи аввали рейтинги кишварҳои ҷаҳон, асосан давлатҳои ру ба тараққӣ яъне на давлатҳои мутараққӣ ворид гаштааст. Дар байни 187 давлати ҷаҳон мавқеи аввалро кишвари Қатар бо нишондоди 88% шуғлнокӣ, ишғол кардааст. Дар мавқеи дуввум, Мадакаскар бо 84% шуғлнокӣ, сеюм Ҷазираҳои Соломон бо 82%. Ба даҳгонаи аввал кишварҳои Камбоҷа ва Мозамбик бо 75% ва Либерия бо 74% сатҳи шуғлнокӣ дохил мешавад. Сатҳи баланди шуғлнокӣ дар ин кишварҳо маънои онро дорад, ки дар он мамлакатҳо муҳити мусоиди корӣ фароҳам буда, фаъолнокии аҳолӣ зиёд аст. Чи тавре, ки аз ҷадвал дидан мумкин аст, ба гуруҳи даҳгонаи аввали рейтинги мазкур ягон давлати ИДМ ворид нагаштааст.

Аз рӯи арзёбии Ташкилоти Байналхалкии Меҳнат оид ба вазъи сатҳи шуглнокӣ дар кишварҳои ҷаҳон чи хеле кӣ қайд кардем, дар соли 2023 – 187 давлати ҷаҳон мавриди таҳкиқ қарор гирифтааст, давлатҳое ки сатҳи пасти шуғлнокии аҳолӣ доранд дар ҷадвали 2 гирд оварда шудааст.

**Ҷадвали 2. Рейтинги кишварҳои ҷаҳон аз руи сатҳи шуғлнокӣ (даҳ кишвари ақибмонда) (International Labour Organization (ILOSTAT): Employment Index 2023.)**

| № рейтинги кишварҳо | Иқтисодиёт | Сатҳи шуғлнокӣ (%) |
|---|---|---|
| 178 | Афғонистон | 37 |
| 179 | Мавритания | 36 |
| 180 | Алжир | 36 |
| 181 | Непал | 36 |
| 182 | Ироқ | 34 |
| 183 | Яман | 33 |
| 184 | Фаластин | 33 |
| 185 | Иордания | 33 |
| 186 | Сомалӣ | 27 |
| 187 | Ҷибути | 23 |

**Сарчашма**: Рейтинг стран мира по уровню занятости / Гуманитарный портал: Исследования [Электронный ресурс] // Центр гуманитарных технологий, 2006–2023 (последняя редакция: 29.10.2023). URL: https://gtmarket.ru/ratings/employment-ranking

Аз ҷадвал бар меояд, ки аз руи сатҳи шуғлнокӣ ба кишварҳои ақибмонда дар рейтинг, кишварҳое, ки сатҳи шуғлнокӣ аз 37% паст аст, ворид карда шудааст. Масъалан, кишвари Афғонистон бо 37% сатҳи шуғлнокӣ, кишварҳои Мавритания, Алжир, Непал бо 36%, Ирок – 34%, Яман, Паластин, Иордания – 33%. Аз руи ин нишондиҳанда аз ҳама ақибмонда давлати Сомалӣ бо 27% ва Ҷибути бо 23% тавсиф карда шудааст. Боиси қайд аст, ки ин кишварҳо бештар кишварҳои аграрӣ бо сатҳи пасти рушди қувваҳои истеҳсолӣ

тасниф карда мешавад. Бинобар ин, бештари аҳолӣ дар ин кишварҳои қайдгардида, бо худмашгулият шуғл дошта бошад, вале аз сабаби иштирок накардан дар бозори меҳнат мумкин ки нишондодҳои ин кишварҳо дар сатҳи паст карор дошта бошад [3].

Дар шароити муосир ҷараенҳои ҷаҳонишавӣ иқтисодиёти бештари кишварҳоро ба худ ҷалб кардааст, қисми муайяни ислоҳотҳои иқтисодиро дар амалишавӣ, самаранокиашро коҳиш дода истодааст. Таъсири ҷаҳонишавӣ дар навбати аввал сатҳи номуайянии рушди иқтисодиро, номуътадилии фаъолияти хочагидорӣ, пешгӯи нашавандаи ояндаи тараққиети субъектҳои хоҷагидориро, сатҳи баланди афзоиши мигратсияи аҳолиро ба миён гузошт. Дар шароити ҷаҳонишавӣ таҳқиқоти ҷойгиршавии қувваи корӣ ҳам дар чорчӯбаи минтақаҳои кишвар ва ҳам дар байни давлатҳои гуногун, дар асоси таъсири ҳаҷми музди меҳнат, рушди техника ва технология, вазнинии муҳити корӣ, пайвастагии зиёд пайдо кард. Аз ин нуқтаи назар, дар ҷараени таҳлили рушди бозори меҳнат омӯзиши ҳиссаи даромад аз меҳнат дар ММД низ мавқеи муҳимро дорад. Аз ин нуқтаи назар, ҳиссаи даромадҳои меҳнатиро дар ММД-и кишварҳои хориҷӣ баррасӣ менамоем (ҷавдали 3).

Боиси қайд аст, ки дар сарчашмаҳои илмӣ маълумотҳо оид ба ҳиссаи музди меҳнат дар ММД барои солҳои охир, дар назар дошта мешавад солҳои 2021,2022 мавҷуд нест, бинобар ба маълумотҳои 2020 такья такя мекунем.

**Ҷадвали 3. Ҳиссаи музди меҳнат дар ММД дар баъзе кишварҳои ҷаҳон**

| Номгуи кишварҳо | 2010 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Швейтсария | 65,3 | 68,2 | 67,8 | 68,4 | 67,4 | 67,3 | 68,4 |
| Исландия | 57,0 | 61,3 | 60,5 | 61,5 | 62,0 | 62,4 | 66,3 |
| Белгия | 65,2 | 63,8 | 62,5 | 61,6 | 61,6 | 62,1 | 63,6 |
| Ҳоланд | 64,4 | 62,3 | 63,2 | 61,9 | 60,9 | 60,9 | 63,6 |
| Олмон | 61,4 | 61,9 | 61,4 | 61,5 | 62,0 | 62,5 | 63,4 |
| Канада | 61,2 | 62,3 | 61,0 | 60,1 | 60,5 | 60,7 | 61,9 |
| Фаронса | 63,4 | 62,1 | 61,8 | 59,9 | 60,0 | 59,6 | 61,3 |
| Испания | 64,0 | 59,4 | 58,2 | 56,7 | 56,9 | 59,2 | 60,9 |
| Иёлоти Муттаҳидаи Амрико | 58,4 | 58,6 | 58,4 | 58,6 | 58,5 | 58,4 | 60,4 |
| Австрия | 59,5 | 59,6 | 61,7 | 60,7 | 58,9 | 58,4 | 59,6 |
| Дания | 59,9 | 58,5 | 57,9 | 56,9 | 56,2 | 57,5 | 58,0 |
| Италия | 58,5 | 57,9 | 60,0 | 61,4 | 61,4 | 59,1 | 56,5 |
| Швеция | 53,7 | 55,3 | 55,2 | 54,4 | 54,7 | 53,6 | 55,8 |

Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст дар асоси сарчашма: Доля рабочей силы в ВВП, включая заработную плату и трансферты на социальную защиту. // https://w3.unece.org/SDG/ru/Indicator?id=30 (Санаи мурочиат 05.01.2024)

Чӣ тавре, ки аз ҷадвал бар меояд дар байни кишварҳои барраси гардида, мавкеи аввалро давлати Шветсария дорад, ки дар он ҳиссаи музди меҳнат нисбат ба ММД соли 2020 – 68,4% ташкил кардааст, ки хеле нишондоди баланд аст. Ин маънои онро дорад, ки бо тарзи фоиз хароҷотҳо барои пардохти музди меҳнат нисбатан саҳми баландро дорад, ки дар натиҷаи охирон дар некуаҳолии аҳолӣ инъикос мегардад. Навбати дуввумро бошад, кишвари Исландия бо ҳиссаи музди меҳнат дар ММД – 66,3% ишғол кардааст. Нишондоди мазкур пас аз ин давлатҳо дар давлатҳои Нидерландия (63,6%), Белгия (66,3%), Олмон (63,4%), Канада (61,0%) мебошад. Умуман чӣтавре, ки аз ҷадвал бар меояд, дар ҳамаи кишварҳои мутараққӣ ҳиссаи музди меҳнат дар ММД зиёда аз 55%-ро

ташкил мекунад, ки маънои арзиши баланд доштани хароҷотҳои меҳнатиро инъикос менамояд. Ин нишондоди мазкур дар давлатҳои собиқ кишварҳои аъзои Иттиҳоди Шуравӣ ба таври назаррас кам аст (Ҷадвали 4 ).

**Ҷадвали 4. Ҳиссаи музди меҳнат дар ММД дар кишварҳои аъзои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ**

| Номгуи кишварҳо | 2010 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Эстония | 51,5 | 56,7 | 57,0 | 56,0 | 56,5 | 57,7 | 61,6 |
| Латвия | 48,9 | 51,7 | 53,0 | 53,8 | 55,0 | 56,2 | 60,9 |
| Ҷумҳурии Молдова | 52,7 | 61,2 | 65,0 | 57,2 | 61,1 | 58,7 | 60,0 |
| Литва | 45,8 | 47,6 | 47,8 | 50,2 | 51,2 | 53,3 | 55,1 |
| Федератсияи Руссия | 53,4 | 50,8 | 52,0 | 52,1 | 51,9 | 52,0 | 54,3 |
| Арманистон | 55,4 | 52,8 | 53,6 | 52,6 | 51,4 | 51,7 | 54,2 |
| Гурҷистон | 43,7 | 51,2 | 55,0 | 53,4 | 53,7 | 55,3 | 53,9 |
| Украина | 60,0 | 45,7 | 42,7 | 45,7 | 48,1 | 50,9 | 51,3 |
| Беларуссия | 49,8 | 49,8 | 49,3 | 49,0 | 49,6 | 51,0 | 51,1 |
| Туркманистон | 46,2 | 47,0 | 47,1 | 47,1 | 47,2 | 47,2 | 46,9 |
| Озарбойҷон | 38,2 | 49,1 | 48,3 | 44,7 | 45,4 | 44,9 | 46,0 |
| Ӯзбекистон | 45,8 | 46,6 | 46,6 | 41,3 | 41,3 | 45,6 | 45,6 |
| Казоқистон | 50,2 | 43,6 | 40,7 | 40,6 | 40,2 | 39,8 | 40,4 |
| Қирғизистон | 41,0 | 39,6 | 40,8 | 37,4 | 35,6 | 32,9 | 33,3 |
| Тоҷикистон | 19,2 | 22,6 | 21,8 | 20,4 | 20,8 | 20,0 | 19,3 |

Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст дар асоси сарчашма: Доля рабочей силы в ВВП, включая заработную плату и трансферты на социальную защиту. // https://w3.unece.org/SDG/ru/Indicator?id=30 (Санаи мурочиат 05.01.2024)

Дар асоси таҳлилҳои гузаронидашуда, оид ба ҳиссаи музди меҳнат дар ММД дар баъзе кишварҳои мутараққӣ, ҳамзамон дар кишварҳои собиқ Иттифоқи Шуравӣ хулосабандӣ намудан мумкин аст, ки сатҳи нокифояи музди меҳнат ба ҳолати вазъи бозори меҳнат таъсири манфӣ таъсир мерасонад. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки марҳила ба марҳила дар радифи баланд бардоштани сатҳи ихтисоснокӣ ва касбияти кормандон оид ба баланд бардоштани музди меҳнат чораҳои зарурӣ бояд андешида шавад. Зеро, сатҳи музди меҳнат то андозаи муайян, яъне барои гузаронидани хаёти рузмарра, беҳтар намудани шароити зиндагӣ ва баланд бардоштани ихтисоснокӣ равона гардад фаъолнокии иқтисодӣ дар ҷомеа низ рӯ ба инкишоф меебад.

Чӣ тавре, ки ба ҳамагон маълум аст яке аз норосоии иқтисодиёти бозор мавҷудияти объективонаи бекорӣ мебошад. Дар кишварҳое, ки асоси иқтисодиётро муносибатҳои бозоргонӣ ташкил медиҳад дар бозори меҳнат пешниҳоди идрорпулӣ барои бекорӣ мушоҳида карда мешавад. Дар кишварҳои мутараққӣ низоми идрокпули барои бекорӣ васеъ паҳн шудааст ва боиси қайд аст, ки ҳаҷми идрокпулӣ низ барои рӯзгузаронӣ, зисту зиндагонии минималӣ кифоя мебошад. Дар кшварҳои мутараққӣ ҳаҷми он ба ҳаҷми музди меҳнат такя карда мешавад, ки дар баъзе кишварҳои мутарракӣ ҳаҷми на он қадар пастро дорад.

Аз ин нуқтаи назар иқтисодиёти ин давлатҳо барои қувваи кории дигар давлатҳои ҷаҳон ҷалб кунанда мебошад ва бештари муҳоҷирони берунӣ кушиш менамоянд ки ба бозори меҳнати ин кишварҳо ворид гарданд. вале монеаҳо дар ин ҷода хело зиёд аст, ки

характери сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва забонӣ дорад, ки ҷараёни муҳоҷиротро каме бошад ҳам ба танзим медарорад.

Яке аз самараи манфии ҷараени глобализатсия чунин аст, ки бо мақсади дарёфти сарчашмаҳои даромад, ҷараёни миграртсия дар байни кишварҳо афзоиш меебад ва илова бар он сатҳи тахассусокии кормандон низ мумкин аст, ки коҳиш ёбад. Зеро, мутахассисони варзидаи як соҳа бо ҳадафи бештар афзоиш додани даромади пулии худ ба дигар соҳаҳое, ки меҳнат талабиаш зиёд аст гузашта, сатҳи ихтисоснокии худро гум мекунанд.

Дар навбати худ, ҷараёни мазкур, яъне ҷаҳонишавӣ ҷанбаи мусбӣ низ дорад, прогресси техникӣ, тағироти стратегия ва рушди корхона кормандонро маҷбур месозад, ки бо мақсади мутобиқ шудан ба талаботи муосир  сатҳи дониш, қобилияти кор карданро бо техникаю технологияхои муосир афзоиш диҳанд, ки бо ин роҳ сифати қувваи корӣ беҳтар мегардад.

## АДАБИЁТ


1. Варшавская E.Flexicurity, или как обеспечить сочетание гибкости и защищенности на рынке труда // Человек и труд. 2007. № 10. С. 28–29.
2. International Labour Organization: 19th International Conference of Labour Statisticians. ILO: Geneva 2–11 October 2013.
3. Рейтинг стран мира по уровню занятости / Гуманитарный портал: Исследования [Электронный ресурс] // Центр гуманитарных технологий, 2006–2023 (последняя редакция: 29.10.2023). URL: https://gtmarket.ru/ratings/employment-ranking


**УДК 330.322(575.3)**

**Наботова П.Ҷ., Раҳматова К.Н.**

## ТАҚВИЯТИ ҲАМКОРИҲОИ ДАВЛАТ БО БАХШИ ХУСУСӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР


Дар мақола паҳлуҳои асосии ҳамкории сохторҳои давлатӣ ва хусусӣ, ки ба категорияи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дохил мешаванд, мавриди баррасӣ қарор дода  шудааст. Инчунин дар мақола оид ба мақсади асосии шарикии давлат ва бахши хусусӣ натиҷаи самарабахши лоиҳаҳои сармоягузори бо ҷалби захираҳои дохили инчунин таҷрибаи соҳибкорӣ дар кишвар мебошад, ва ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ ва сектори хусусӣ, ки ҳар ду ҷониб ба татбиқи муваффақонаи лоиҳа манфиат доранд ба роҳ монда мешаванд, таҳлил гардидааст.


**Вожаҳои калидӣ:** хизматрасониҳо, сармоягузорӣ, соҳибкорӣ, консепсия, механизм, захираҳо, субъектҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, лоиҳа, созишнома, стратегия.

**Наботова П.Дж., Рахматова К.Н.**

## УКРЕПЛЕНИЕ СОТРУДНИЧЕСТВА ГОСУДАРСТВА С ЧАСТНЫМ СЕКТОРОМ И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА ЭКОНОМИЧЕСКОЕ РАЗВИТИЕ СТРАНЫ


В статье рассматриваются основные аспекты сотрудничества государственных и частных организаций, подпадающих под категорию государственно-частного партнерства.

Также в статье основной целью государственно-частного партнерства является эффективный результат инвестиционных проектов с привлечением внутренних ресурсов и опыта ведения бизнеса в стране, а также государственно-частного сотрудничества и частного сектора, что обе стороны заинтересованы в успешной реализации проекта.

**Ключевые слова:** услуги, инвестиции, предпринимательство, концепция, механизм, ресурсы, субъекты государственно-частного партнерства, проект, соглашение, стратегия.

**Nabotova P.J., Rakhmatova K.N.**

**STRENGTHENING OF COOPERATION OF THE STATE WITH THE PRIVATE SECTOR AND ITS EFFECT ON THE ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE COUNTRY**

The article discusses the main aspects of cooperation between public and private organizations, which fall under the category of public-private partnership. Also in the article, the main purpose of public-private partnership is the effective outcome of investment projects involving domestic resources as well as business experience in the country, and public-private cooperation and private sector cooperation, which both sides benefit from the successful implementation of the project, has been analyzed.

**Key words**: services, investment, entrepreneurship, concept, mechanism, resources, subjects of public-private partnership, project, agreement, strategy.

Барои таъмин намудани рушди бомароми иқтисоди миллӣ ва такмили ҳамкории бахшҳои давлативу хусусӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки сармоягузорони рақобатпазирро барои амалисозии барномаҳои гуногун ҷалб намоем. Ин раванд дар навбати худ дастгирии сиёсии лоиҳаҳои ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусиро дар сатҳи олии ҳукумати кишвар нишон медиҳад ва иттилоотро дар бораи нақшаҳои мақомоти давлатӣ, иншоотҳои инфрасохторӣ, хизматрасониҳои ба бозор воридшавандаро фароҳам месозад.

Кишвари мо дорои таҷрибаи татбиқи механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ мебошад, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки соли 1997 қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи консесияҳо", қабул гардида буд. Қонуни маскур заминаи ҳуқуқии имтиёзҳоро барои истифодаи таҷҳизот дар қаламрави кишвар барои сармоягузорони хориҷӣ фароҳам месозад. Бо мақсади бартараф намудани мушкилот ва маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ дар татбиқи лоиҳаҳои ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ соли 2011, қонуни нав дар бораи «Консепсияҳо» қабул шуд, ки он барои ҷалби сармоягузорон инчунин барои татбиқи лоиҳаҳои консепсионӣ, аз ҳисоби шахсони воқеӣ ва ҳам шахсони ҳуқуқӣ қабул карда шудааст.

Дар стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 се принсипи рушди устувор превентивӣ индустриалӣ ва инноватисионӣ муайян гардидааст, ки барои таъмин намудани пешрафти иқтисоди миллӣ аз ҷумла, бахши хусусӣ тавассути ҷалби сармоя эътибори махсус зоҳир гардидааст ва онро яке аз ҳадафҳои сиёсати иқтисодӣ низ эътироф менамояд.

Мақсади асосии шарикии давлат ба бахши хусусӣ натиҷаи самарабахши лоиҳаҳои сармоягузори бо ҷалби захираҳои дохилӣ, инчунин таҷрибаи соҳибкорӣ дар кишвар мебошад. Ҳамкориҳои бахшҳои давлатӣ ва сектори хусусӣ, ки ҳар ду ҷониб ба татбиқи муваффақонаи лоиҳа манфиат доранд ба роҳ монда мешаванд. Давлат манфиатҳои худро дар самти беҳтар намудани сифати хизматрасониҳо дар соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ равона месозад ва маълум аст, ки сохторҳои тиҷоратӣ барои баланд бардоштани

даромаднокӣ кӯшиш мекунанд. Пешниҳоди ташаббусҳо ва ташкили машваратҳо дар бораи консепсияи шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» ба ҳисоб меравад. Шарикии давлат ба бахши хусусӣ маънои «ҳамкории давлат ба бахши хусусиро дар татбиқи лоиҳаҳои самарабахш дар соҳаҳои гуногун ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар давраи муайяни муқаррарнамудаи созишнома дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» дорад.

Қонунҳои қабулшуда ҳамоҳангсозии шарикии давлат ва бахши хусусиро дар соҳаҳо, аз ҷумла дар бахшҳои энергетика, коммуникатсия, роҳи оҳан, фурудгоҳҳо, соҳаи сайёҳӣ, телекоммуникатсия, маориф, тандурустӣ, коммуналӣ инчунин хизматрасониҳо (обрасонӣ, ҷамъоварии партовҳо, бозорҳои коммуналӣ, терминалҳои автоматӣ ва ғ.) дар бар мегирад. Дар замони муосир, ҳангоми ташаккули муносибатҳои нави иқтисодӣ, зарурияти захираҳои иловагии молиявӣ барои ҳалли мушкилоти муҳими иқтисодиву иҷтимоӣ ва тағйироти назарраси сохторӣ дар асоси ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ вуҷуд доранд.[2]

Бо ин мақсад, ҷиҳати васеъ намудани ҷуғрофияи ҷалби сармоя ва соддагардонии воридшавӣ ба иқтисоди кишвар мо дар тамоми самтҳо ислоҳотро амалӣ карда истодаем.

Имрӯз Тоҷикистон бо зиёда аз 180 кишвари дунё муносибатҳои дипломатӣ дорад ва соҳибкорони мо дар миёни доираҳои соҳибкорӣ ҳамчун шарикони боэътимод эътироф гардидаанд.

Рӯйхати кишварҳои бераводид ва аз низоми соддакардашудаи гирифтани раводид истифодакунанда мунтазам васеъ гардида, пурра бо низоми электронӣ амалӣ карда мешавад.

Бақайдгирии фаъолияти соҳибкорӣ, ки қадами дуюми оғози фаъолият мебошад, дар кишвари мо ба таври электронӣ ва ройгон ба роҳ монда шудааст.

Ба талаботи муосир ҷавобгӯ гардонидани қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти бахши хусусӣ самти дигари муҳимми сиёсати ислоҳот дар Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Аз ҷумла дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» барои сармоягузорони хориҷӣ шароити мусоиди фаъолият кафолат дода мешавад.

Инчунин, сармоягузорони хориҷӣ ҳуқуқи ба берун аз ҳудуди Тоҷикистон интиқол додани маблағи даромади бо асъори хориҷӣ дар натиҷаи фаъолияти сармоягузорӣ ва истеҳсолӣ бадастовардаашонро доранд ва ҷиҳати анҷом додани дигар амалиёти асъорӣ барои онҳо кафолати қонунӣ пешбинӣ карда шудааст.

Дар доираи ислоҳоти низоми андозбандӣ ва маъмурикунонии андоз то имрӯз як қатор тадбирҳои назаррас андешида шудаанд.

Коҳиш додани меъёрҳо, ихтисори баъзе намудҳои андоз, роҳандозии тартиби электронии пешниҳоди эъломияҳои андоз ва ҳисоботи андоз, кам кардани шумораи санҷишҳо ва ҳимояи манфиатҳои қонунии субъектҳои соҳибкорӣ аз ҷумлаи ҳамин тадбирҳо ба ҳисоб мераванд. Сармоягузорон ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкорӣ тавассути ташкили корхонаи муштарак ё дар асоси созишномаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, консепссияҳо ё созишномаи сармоягузорӣ ҳуқуқи озоди интихобро доранд ва ин раванд дар доираи қонунгузорӣ пурра танзим гардидааст.

Дар кишвар бо мақсади таъмин намудани заминаи устувори амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ механизми баимзорасонии созишномаи сармоягузорӣ, ки дорои имконияти пешниҳоди имтиёзу сабукиҳо ва кафолатҳои иловагӣ мебошад, васеъ ба роҳ монда шудааст.

Имрӯз Тоҷикистон бо зиёда аз 40 кишвари хориҷӣ оид ба ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузорӣ созишнома имзо кардааст.

Дар давоми даҳ соли охир ба иқтисодиёти кишвари мо ба маблағи беш аз 110 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ворид гардидааст, ки аз он зиёда аз 44 миллиард сомониро сармояи мустақим ташкил медиҳад.

Ҳоло дар кишвар зиёда аз 82 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии беш аз 45 миллиард сомонӣ амалӣ шуда истодааст.[3]

Узвияти кишвари мо дар Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ва як қатор конвенсияҳои байналмилалӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи сармоягузорон гувоҳи мутобиқ будани қонунгузории Тоҷикистон ба меъёрҳои байналмилалӣ мебошад.

Самтҳои афзалиятноки сиёсати сармоягузории Тоҷикистон ва соҳаҳои ояндадори иқтисоди он бо дарназардошти хусусиятҳои ҷуғрофӣ, захираҳои табиӣ ва дигар имкониятҳои мавҷуда муайян гардидаанд.

Дар Паём Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2022 қайд намуда буданд, ки то соли 2025 дар кишвар татбиқи беш аз 200 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ пешбинӣ гардида, танҳо ба бахши воқеӣ ва инфрасохтор зиёда аз 82 миллиард сомонӣ сармоягузорӣ карда мешавад.[1]

Ҳукумати мамлакат вазифадор аст, ки ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ, махсусан, сармоягузории мустақим, таъмин намудани иҷрои кафолату имтиёзҳо ва чораҳои дастгирии давлатӣ, ҳавасмандгардонӣ ва қадрдонии соҳибкорон, инчунин, рушди инфрасохтори сармоягузориву соҳибкорӣ тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намояд.

Ҳамин тариқ, мавҷудияти лоиҳаҳои мазкур ва дастгирии ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ дар кишвар омили муҳими рушди минбаъдаи соҳаҳои иқтисодии кишвар ба ҳисоб меравад. Лоиҳаҳои ҳамкории бахшҳои давлативу хусусӣ дар татбиқи Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон дар соли 2016 то соли 2030 нақши муҳимро ишғол мекунанд.

Сарфи назар аз таҳаввулоти дар иқтисоди ҷаҳон идомадошта ва таъсири манфии омилҳои берунӣ ба иқтисоди миллии мо, дар натиҷаи татбиқи самараноки ислоҳоти иқтисодӣ, амалӣ намудани стратегияву барномаҳо ва тадбирҳои зиддибуҳронӣ дар панҷ соли охир рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ҳамасола ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7,3 фоиз таъмин гардида, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 71 миллиард ба 115 миллиард сомонӣ расид ва ба ҳар сари аҳолӣ 1,5 баробар афзоиш ёфт.

Соли ҷорӣ аз ҷониби соҳибкорони ватандӯст дар соҳаи маориф 117 иншоот барои беш аз 43 ҳазор хонанда бунёд гардида, дар соҳаи тандурустӣ сохтмону азнавсозии 139 иншоот анҷом дода шуд.

Мутобиқи сарчашмаҳои оморӣ, даромади пулии аҳолӣ ва қисми зиёди ММД ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд яъне Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари аграрӣ-саноатӣ ба ҳисоб меравад. Дар айни замон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар амал татбиқ намудани Стратегияи миллӣ рушди кишвар то давраи соли 2030 ба як кишвари саноатӣ-индустриалӣ табдил додани мамлакат дар назди худ вазифаҳои навро ба роҳ мондааст, ки ин ҳам бошад барои баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии кишвар нигаронида шудааст, ки дар татбиқи ин барномаи дарозмуддат ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ нақши муҳимро мебозанд.[5]

Зикр бояд кард, ки тайи бист соли охир ба кишвар беш аз 152 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ, аз ҷумла 60 миллиард сомонӣ сармояи мустақим ҷалб карда шудааст.

Аз маблағи зикршудаи сармояи мустақим зиёда аз 36 миллиард сомонии он танҳо барои рушди соҳаи саноат ҷалб гардидааст.

**Диаграмма №1**

**Воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2022 – 2023**




Дар моҳҳои январ – декабри соли 2023 воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 690,4 млн. долларро ташкил додааст, ки ин нишодиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 ба ҳаҷми 113,6 млн. доллар ё 4,4 фоиз зиёд мебошад. Афзоиши воридоти сармояи хориҷӣ асосан аз ҳисоби дигар намуди сармоягузорӣ ба ҳаҷми 510,7 млн. доллар ё 26,1 фоиз таъмин гардидааст. Дар ин давра, воридоти сармояи мустақими хориҷӣ 221,4 млн. долларро ташкил дода, нисбат ба соли 2022 дар ҳаҷми 397,0 млн. доллар ё 64,2 фоиз коҳиш ёфтааст.

Дар панҷ соли охир ба соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ беш аз 15 миллиард сомонӣ сармояи мустақими хориҷӣ ҷалб карда шудааст, вале ин нишондиҳанда ҳанӯз ба талаботи рушди иқтисодиёт ҷавобгӯй нест.

То соли 2025 дар кишвар татбиқи беш аз 200 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ пешбинӣ гардида, танҳо ба бахши воқеӣ ва инфрасохтор зиёда аз 82 миллиард сомонӣ сармоягузорӣ карда мешавад.

Дар натиҷа тадбирҳои амалигардида шумораи субъетҳои соҳибкорӣ дар 7 сол охир аз 62 ҳазор ба 350 ҳазор барорбар гардид.[4]

Танҳо дар давра аз ҷониби соҳибкорони кишвар беш аз 2 ҳазор корхонаву коргоҳҳои истеҳсолӣ бо 21 ҳазор ҷойи корӣ, 1380 иншооти соҳаи маориф, 1213 муассисаи тандурустӣ, 11,5 ҳазор километр роҳ ва 461 пул бунёду азнавсозӣ карда шуданд.

Танҳо дар соли 2023 соҳибкорони мамлакат 715 корхонаи нави истеҳсолӣ бо 5 ҳазор ҷойи корӣ сохта,ба истифода супориданд.

Тибқи маълумоти оморӣ дар ҳафт соли охир ба кишвар ба маблағи беш аз 95 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ворид гардидааст, ки зиёда аз 30 миллард сомонии он сармояи мустақим мебошад.

Ҳамин тариқ, дар натиљаи тақвияти ҳамкориҳои бахши хусусӣ бо мақомоти давлатӣ нишодиҳандаҳои иқтисодӣ афзоиш ёфта ба боло рафтани иқтисодиёти миллӣ нақши муҳим мебозанд.

## АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 28.12.2023 с.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» (АМОҶТс. 2012, №12, қ.1, м.1001).
3.Муқаддасзода Ф.М., Развитие государственно-частного партнерства в сфере рыночных услуг: теория, методология, практика/диссер на соис. учен. степени д.э.н.:08.00.05// Ф.М. Мукаддасзода. -Душанбе, 2018. -347с.

4. Наботова П.Ҷ. Баъзе ҷанбаҳои таъмини молиявии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити ҳозира/ Паёми Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз №2 (82) 2023 ISSN 2075-9584 саҳ 269-281
5. Наботова П.Ҷ., Дустматов Б.М., Мухторзода С.С. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар мамлакатҳои тараққиёти устувори иқтисодидошта/Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе, 2023. 1(45). – С. 181-185.

**УДК 338.24 (575.3)**

**Назариева Ҳ.Г.**

## МОДЕЛИ БА МИЗОҶОН НИГАРОНИДАШУДАИ ҚАРЗДИҲИИ СУБЪЕКТҲОИ СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА

Дар мақола афзалиятҳо ва моҳияти модели қарздиҳӣ барои соҳибкории хурду миёна - модели қарздиҳии ба муштарӣ нигаронидашуда баррасӣ гардидааст. Инчунин аз ҷониби муаллиф нақшаи модели ба муштарӣ нигаронидашудаи қарздиҳии соҳибкории хурду миёна таҳлил гардида, омилҳои асосии баланд бардоштани самаранокии кор бо соҳибкории хурду миёна ва ташкилотҳои қарзӣ муайян карда шудаанд.

**Вожаҳои калидӣ:** соҳибкории хурду миёна, қарздиҳии бонкӣ, моделҳои қарздиҳӣ, модели ба мизоҷон нигаронидашуда.

**Назариева Х.Г.**

## КЛИЕНТООРИЕНТИРОВАННАЯ МОДЕЛЬ КРЕДИТОВАНИЯ СУБЪЕКТОВ МАЛОГО И СРЕДНЕГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА

В статье рассмотрены основные преимущества модели кредитования малого и среднего предпринимательства – клиентоориентированной модели кредитования. Рассмотрен план модели клиентоориентированного кредитования малого и среднего предпринимательства и определены основные факторы повышения эффективности работы с данным хозяйствующим субъектом.

**Ключевые слова:** малое и среднее предпринимательство, банковское кредитование, модели кредитования, модель клиентоориентированности.

**Nazarieva Kh.G.**

## CUSTOMER-ORIENTED MODEL OF LENDING TO SMALL AND MEDIUM BUSINESSES ENTERPRISES

The article addresses the main priorities of the most attractive lending model for SMEs - a client-oriented lending model. The scheme of a client-oriented model of lending to SMEs is considered and the main factors that increase the efficiency of working with these entities are identified.

**Keywords:** Small and medium enterprises, bank lending, lending models, client-oriented lending model.

Дараҷаи рушди соҳибкории хурду миёна дар ҳар як кишвар ба рушди иқтисодиёт таъсири назаррас мерасонад. Мушкилоти асосии дастгирии соҳибкории хурду миёна норасоии захираҳои молиявӣ мебошад.

Рушди соҳибкории хурду миёна вазифаи муҳими ҳар як кишвар ба шумор меравад, ки он дар навбати худ рушди иқтисодиёти давлатро таъмин менамояд. Сарчашмаи асосии маблағгузории соҳибкории хурду миёна ин қарздиҳии бонкӣ мебошад. Аммо, аксари бонкҳо одатан аз сабаҳои гуногун қарздиҳӣ ба ин сегменти иқтисодирор худдорӣ мекунанд. Барои рушди қарздиҳии бонкӣ дар ин самт муайян кардан лозим аст, ки субъектҳои соҳибкории хурду миёна чӣ гуна фаъолият мекунанд, барои рушди фаъолияти онҳо кадом намуди маҳсулоти қарзӣ пешниҳод намудан мумкин аст ва кадом моделҳои қарздиҳӣ барои рушди қарздиҳии ин самт босамартар мебошад.

Асосан 4 модели қарздиҳиро ҷудо менамоянд:

- ба маҳсулот нигаронидашуда;
- ба таввакал нигаронидашуда;
- ба мизоҷон нигаронидашуда;
- ба ҷомеъа нигаронида шуда.

Ҳар як модел татбиқи мушаххаси принсипҳои қарздиҳии худро дорад.

**Модели ба маҳсулот нигаронидашуда** - яке аз ду модели маъмултарин дар шароити имрӯза ба ҳисоб меравад. Он ба маҷмӯи маҳсулоти бонкӣ асос ёфтааст, ки ҳар кадоми онҳо шартҳои қарздиҳии худро доранд. Мақсади асосии фаъолият ҷалби муштариёни нав ба маҳсулоти нав мебошад. Дар сохтори бонкӣ ҳангоми истифода аз ин модели қарздиҳӣ худи бонк дар марҳилаи боло меистад.

**Модели ба таввакла асосёфта**. Мақсади асосии истифодаи ин модел дар шакли холис ин ба таври қатъӣ кам кардани хатарҳои бонк мебошад. Дар ҳолати истифода аз ин модел ҳам, дар сохтори бонк худи бонк дар ҷои аввал меистад.

**Модели ба муштарӣ нигаронидашуда** - модели мазкур дар шароити имрӯза дар таҷрибаи ташкилотҳои қарзӣ нисбатан камтар истифода мегардад. Аз сабаби кам шудани самаранокии дигар моделҳо моҳияти гузариш ба модели ба муштарӣ нигаронидашуда барои бонкҳои ватанӣ зиёд гардида истодааст. Асоси ин модел муносибати инфиродӣ бо ҳар як муштарӣ, ниёзҳои муштариён, чандирии шароити қарздиҳӣ ва сифати баланди хизматрасонӣ мебошад. Ҳадафи асосии ин модели қарздиҳӣ нигоҳ доштани муштариёни мавҷуда ва ҷалби муштариёни нав мебошад. Ҳангоми истифода аз ин модели қарздиҳӣ дар сохтори бонк муштарӣ дар ҷои аввал пешбарӣ карда мешавад.

Дар таҷрибаи ташкилотҳои қарзӣ модели ба ҷомеъа нигаронидашуда танҳо солҳои охир охир рӯ ба инкишоф намуда истодаанд. Ин модел бонкдории сабз ва исломиро дар бар мегирад ва ҳадафи асосии он риояи принсипҳои ахлоқ ва масъулияти иҷтимоӣ мебошад.

Дар асоси хусусиятҳои моделҳои гуногуни қарздиҳӣ ва хусусиятҳои хоси соҳибкории хурду миёна, барои инкишофи фаъолияти онҳо ба ақидаи мо босмартарин модели қарздиҳӣ ин модели ба муштарӣ нигаронидашуда мебошад.

Дар назари мо, модели қарздиҳии ба муштарӣ нигаронидашуда бояд ҳам ба қарзгир, ҳам ба қарздиҳанда фоидаовар бошад. Аммо, барои иҷрои ин шарт, зарур аст, ки ҳар як унсури модели мазкур дуруст ба роҳ монда шавад. Барои ин, модели ба муштарӣ нигаронидашудаи қарздиҳии корхонаҳои хурду миёнаро ба маънои васеи истилоҳияш баррасӣ намудан лозим.

Асоси сиёсати муштариёни ташкилотҳои қарзиро сифати хизматрасонияшон ташкил медиҳад: самаранокӣ, дараҷаи қулай будан барои ҳар як мизоҷ, муносибати инфиродӣ бо мизоҷон, қонеъ кардани ҳар як ниёзи муштариён. Ҳангоми истифода аз ин модел ташкилотҳои қарзӣ бояд бо суъектҳои хоҷагидории соҳибкории хурду миёна дар

тамоси доимӣ бошанд ва мутобиқсозии хизматрасонӣ ё маҳсулоти бонкӣ бояд ба шароит ва имконоти дархостшудаи муштарӣ асос меёбад.




Диаграммаи умумии модели қарздиҳии ба муштарӣ нигаронидашуда барои корхонаҳои хурду миёна дар расми 1 оварда шудааст.

**Расми 1 – Модели қарздиҳии ба мизоҷон нигаронидашуда барои корхонаҳои хурду миёна**

Блоки асосии модел асоси карздихиро муайян мекунад. Қадами аввал муайян кардани объект ва субъекти қарздиҳӣ мебошад. Субъектҳо, дар ин ҳолат, як бонки мушаххас ва қарзгир - ташкилоте мебошанд, ки ба соҳибкории хурд ё миёна машғул мебошад. Объекти қарз вобаста ба намуди маҳсулоти қарзӣ ва дархости муштарӣ моли дар муомилот буда, воситаҳои асосӣ ва фаъолияти ҷорӣ мебошанд.

Дар сурати модели ба муштарӣ нигаронидашуда, принсипҳои асосии пардохт, таъхирнопазирӣ, пардохтнокӣ, таъминнокӣ ва хусусияти мақсаднок бояд нисбат ба сохибкории хурд ва миёна чандир бошанд.

Принсипи пардохт аз он иборат аст, ки ба ғайр аз маблағи қарзи асосӣ, қарзгир ӯҳдадор аст, ки мувофиқи ҷадвали баргардонидани он барои истифодаи он фоизҳо низ пардозад. Дар ин маврид меъёри фоиз бояд ба таври инфиродӣ дар асоси рӯйхати муайяни омилҳо муайян карда шавад. Ҳангоми муқаррар намудани меъёри фоизи қарз ва ҳам ҳар вақте, ки он тағйир меёбад, ба мизоҷ хабар додан лозим аст, ки барои чӣ меъёри фоизи муайян муқаррар карда шудааст ва он дар оянда чӣ гуна метавонад тағйир ёбад.

Имрӯз, дар аксари мавридҳо, нархи маҳсулоти қарзӣ омили муайянкунандаи интихоби бонк аз ҷониби мизоҷон мебошад.

Принсипҳои бозпардохт ва таъмини амният аз нуқтаи назари бонк бо ҳам зич алоқаманданд. Бо вуҷуди ин, дар модели қарздиҳии ба муштарӣ нигаронидашуда дар байни ин принсипҳо ба инобат гирифтани омилҳои ба монанди навъи маҳсулоти қарзӣ, эътимоднокии қарзгир, таърихи қарз ва вазъи молиявии ҷории қарзгиранда муҳим аст. Яке аз навъҳои маъмултарини гарав кафолати соҳибкор аст, зеро агар соҳибкор омода бошад, ки барои ширкати худ кафолат диҳад, пас ӯ ба муваффақият ва самаранокии тиҷораташ боварӣ дорад.

Блоки иқтисодӣ ва технологӣ муайян мекунад, ки модели қарздизҳии чӣ тавр амал мекунад. Блоки мазкур функсияҳои қарздиҳӣ ва дастгоҳи математикиро дар бар мегирад. ва ду вазифаи асосӣ - назариявӣ ва амалиро иҷро мекунад.

Вазифаҳои модели қарздиҳӣ инчунин метавонанд назоратро дар бар гиранд, зеро модел инчунин самаранокии фаъолияти бонкро арзёбӣ мекунад.

Аз нуқтаи назари корхонаҳои хурду миёна, дастгоҳи математикиро метавон ба ду намуди арзёбӣ ҷудо намуд: скоринг ва баҳодиҳии экспертӣ. Баҳодиҳии қарзӣ тартиби зуд, дақиқ, объективӣ ва устувори баҳодиҳии хавфи қарзӣ буда, асоси илмӣ дорад.

Ниҳоят, блоки ташкилӣ ташкили тамоми равандро дар амал тавсиф намуда, сохтори бонк ва раванди қарздиҳиро дар бар мегирад. Барои татбиқи модели қарздиҳӣ тадбирҳои гуногунро дар ду сатҳ амалӣ кардан лозим аст: дар миқёси ташкилӣ, аз ҷумла сохтор, равандҳои бизнес, технологияҳо ва стандартҳо ва инфиродӣ, яъне дар сатҳи ҳар як воҳид, шӯъба, корманд.

Афзалияти дигар ин пурра мутамарказ намудани процессхои тичоратй мебошад. Барои нигоҳ доштани ҳаҷми оптималии хароҷот дар филиалҳои ташкилоти қарзӣ ва қисман дар филиалҳо бояд тамоми равандҳои қарздиҳӣ, ки дар масофаи дур аз муштарӣ амалӣ карда мешаванд, мутамарказ карда шаванд.

Инчунин арзёбии дурнамо ва самаранокии кор бо муштариён муҳим мебошад. Кор бо корхонаҳои хурду миёна як соҳаи ояндадори қарздиҳӣ аз нуқтаи назари диверсификатсияи хавфҳои бонк мебошад. Корхонаҳои хурд имрӯз мизоҷони қавӣ дар оянда мебошанд. Мониторинги сифати хизматрасонӣ ба мизоҷон, таҳлили эродҳо ва пешниҳодҳои онҳо барои ҳар як бонки ба муштарӣ нигаронидашуда вазифаи муҳим аст

Блоки ташкилӣ сохтори бонк ва раванди карздихиро дар бар мегирад. Сохтори бонк бояд барои муштарӣ шароити мусоид фароҳам оварад: озодии муштарӣ дар интихоби ҷой ва вақти гирифтани хизматрасонӣ.

Ҳамин тариқ, модели қарздиҳии ба муштарӣ нигаронидашуда воситаи идоракунии муносибатҳо бо мизоҷон, системаи тадбирҳои идоракунӣ мебошад, ки барои ба даст овардани фоидаи устувор барои ҳамкории дарозмуддат нигаронида шудааст. Аз нуқтаи назари ташаккули модели ба муштарӣ нигаронидашуда дар бонк омилҳои муҳимтарине, ки мо муайян кардем ин тафовут дар принсипҳои қарздиҳӣ ва хидматрасониҳои минбаъдаи қарзӣ ба соҳибкории хурду миёна мебошад.

## АДАБИЁТ

1. Брыков Б.А. Влияние внешних факторов на формирование модели кредитования субъектов малого и среднего предпринимательства. Зарубежный опыт // Российское предпринимательство. — 2017. — Том 18. — № 13. С.2049-2060.
2. Гидулян, А.В. Кредитные инструменты для малого и среднего бизнеса / А.В. Гидулян // Банковское кредитование, – 2014. – № 4. – Справочно-правовая система «Консультант Плюс»
3. Попов, С.Е. Механизмы снижения риска мошенничества в кредитовании малого и среднего бизнеса / С.Е. Попов // Банковское кредитование. – 2014. – № 6. – Справочно-правовая система «Гарант».
4. Роль моделей в теории познания: учеб. пособие / Н.С. Гуреева, Р.Н. Галиахметов. Красноярск:, 2011, с. 28-29.
5. Черкашенко, В.Н. Управление рисками кредитования малого и среднего бизнеса / В.Н. Черкашенко // Банковское кредитование. – 2012. – № 4. – Справочно-правовая система «Гарант».

6. Shabana, Mohamed. SME's lending and Islamic finance. Is it a “win–win” situation/ Mohamed Shabana, Meryem Duygunb, John Fry // Economic Modelling. – 2016. – № 55. – P. 1–5.

**УДК 657.1**

**Назаров М.Х.**

## ЗАМИНАҲОИ ТАШАККУЛИ БАҲИСОБГИРӢ ВА ҲИСОБОТИ КОРПОРАТИВӢ

Вобаста ба дигаргуниҳои дар солҳои охир дар ҳаёти иқтисодии ҷомеа рухдода талабот ба муҳтавои ҳисоботи молиявии корхонаҳои ҷамъиятӣ (ҷамъиятҳои саҳомӣ, корпоратсияҳо) дигар мешавад. Акнун ҷомеа корхонаҳои бузурги корпоративиро водор мекунад, ки дар ҳисоботи молиявии худ ба ғайр аз иттилооти молиявӣ инчунин иттилооти ғайримолиявии иҷтимоӣ, экологӣ ва идоракунии корпоративиро пешниҳод намоянд. Дар мақолаи мазкур масъалаҳои ташаккули баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоратиыӣ баррасӣ мешаванд.

**Калидвожаҳо:** баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳисоботи молиявӣ, идоракунии корпоративӣ, ҳисоботи корпоративӣ, истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ, иттилооти молиявӣ, иттилооти ғайримолиявӣ.

**Назаров М.Х.**

## ПРЕДПОСЫЛКИ ФОРМИРОВАНИЯ КОРПОРАТИВНОГО УЧЕТА И ОТЧЕТНОСТИ

В связи с происходящими в последние годы изменениями в экономической жизни общества меняются требования к содержанию финансовой отчетности публичных предприятий (акционерных обществ, корпораций). Теперь общество заставляет крупные корпоративные предприятия представлять в свою финансовую отчетность, помимо финансовой информации, также нефинансовую информацию социального, экологического характера и корпоративного управления. В данной статье рассматриваются вопросы формирования корпоративного учета и отчетности.

**Ключевые слова:** бухгалтерский учет, финансовая отчетность, корпоративное управление, корпоративная отчетность, пользователи финансовой отчетности, финансовая информация, нефинансовая информация.

**Nazarov M.Kh.**

## PREREQUISITES FOR THE FORMATION OF CORPORATE ACCOUNTING AND REPORTING

In connection with the changes occurring in recent years in the economic life of society, the requirements for the content of financial statements of public enterprises (joint stock companies, corporations) are changing. Society now forces large corporate enterprises to present in their financial statements, in addition to financial information, also non-financial information of a social, environmental and corporate governance nature. This article discusses the issues of formation of corporate accounting and reporting.

**Key words:** accounting, financial reporting, corporate governance, corporate reporting, users of financial statements, financial information, non-financial information.

Баҳисобгирии муҳосибӣ яке аз вазифаҳои асосии ҳама субъектҳои соҳибкорӣ мебошад. Фаъолияти муҳосибӣ дар корхонаҳои хурд ва миёна метавонад аз ҷониби як муҳосиб ё муҳосибот (гурӯҳи муҳосибон), дар корхонаҳои нисбатан бузургтар – аз ҷониби шуъбаҳои калони молиявӣ ё муҳосибот бо даҳҳо кормандон анҷом дода шавад. Ҳисоботҳое, ки аз ҷониби муҳосибон бо истифода аз иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ омода карда мешаванд, ба монанди ҳисоботи молиявӣ, ҳисоботи идоракунӣ, аз ҷумла ҳисобот оид ба хароҷот ва даромадҳо барои кӯмак расонидан ба роҳбарият дар қабули қарорҳои иқтисодии асоснок арзишманд мебошанд. Ҳисоботи молиявӣ, ки амалиёти хоҷагидорӣ, вазъи молиявӣ ва гардиши пулҳои корхонаҳои калони корпоративиро дар давраи муайян ҷамъбаст мекунад, ҳисоботи мухтасари ҷамъбастӣ ва муттаҳидшуда мебошад, ки дар асоси ҳазорон амалиёти молиявии алоҳида ташаккул меёбад.

Равандҳои ҷаҳонишавии иқтисодиёт, рушди ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ ва вусъат ёфтани шаклҳои корпоративии ташкили соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботро барои таҳия ва татбиқи равишҳои нави ташаккули шаклҳои муосири ҳисоботи молиявӣ тақозо мекунанд. Истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ манфиатҳои гуногун дошта, иттилооти дар он пешниҳодшударо барои қабули қарорҳои идоракунии худ ба кор мебаранд. Бинобар ин, ҳангоми ташаккули ҳисоботи молиявӣ бояд эҳтиёҷоти иттилоотии истифодабарандагон барои гирифтани маълумоти ҳарҷӣ пурра инъикоскунандаи вазъи муҳити дохилӣ ва берунии фаъолияти корхона ба инобат гирифта шаванд.

Ҳамзамон бо тавсеаи шаклҳои корпоративии соҳибкорӣ талаботи истифодабарандагон ба муҳтаво ва сифати ҳисоботи молиявии корхонаҳо низ дигар мешавад. Дар доираҳои корбурди касбии муҳосибон ва муҳаққиқони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ мафҳумҳои нав пайдо мешаванд, аз ҷумла мафҳумҳои баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративӣ. Вобаста ба ин, дар интишорот низ корҳои илмие пайдо шудаанд, ки дар онҳо масъалаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии таҳаввул ва рушди баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративӣ ба таҳқиқ фаро гирифта мешаванд [3; 4; 5; 8].

Одатан, корхонаҳои корпоративӣ дар шакли ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ва гурӯҳҳои муттаҳидшуда амал мекунанд, ки дар натиҷаи ҳаракати дохилисоҳавӣ ва байнисоҳавии сармоя ташкил меёбанд. Равандҳои хусусигардонии моликияти давлатӣ, ки дар мамлакат аз аввали солҳои 1990 шуруъ гардида, то имрӯз ба дараҷаи баланди камолоти худ расидаанд, ба он боис шуданд, ки нуфузи ҷамъиятҳои саҳомӣ (корпоратсияҳо) дар иқтисодиёти миллӣ баланд шуд. Дар қонунгузории миллӣ низ санадҳои танзимкунандаи фаъолияти корпоратсияҳо таҳия ва қабул гардиданд.

Афзоиши таваҷҷуҳ ба шаклҳои корпоративии соҳибкорӣ ва идоракунии корпоративӣ дар байни пажӯҳишгарон, мақомоти танзимкунандаи иқтисодиёт ва қонунгузорӣ дар мамлакатҳои мухталиф дар солҳои охир аз авҷи равандҳои муттаҳидшавии корхонаҳо, баланд шудани нақши сармоягузорон дар рушди иқтисодиёт, падидащои бӯҳрони ҷаҳонии молиявӣ ва мушкилоти идоракунии корпоративӣ ба вуҷуд омадааст. Ҳамзамон, шароити нави хоҷагидорӣ камбудиҳои муайянеро ошкор кард, ки дар низоми идоракунии корпоративӣ муддатҳо ҷамъ шуда буданд. Камбудиҳои мазкур на танҳо ба мамлакатҳои рушдёбанда ва дар шароити бӯҳрони молиявӣ қарордошта хос буданд, дар мамлакатҳои рушдёфтаи ҷаҳон, аз ҷумла дар ИМА низ муноқишаҳои корпоративӣ вобаста ба сӯиистифодаи мансаб аз ҷониби менеҷменти кироя баъзе ҷамъиятҳои саҳомии бузурги миллӣ ва фаромиллӣ зиёд мушоҳида мешуданд, ки ҷаҳони бизнесро такон додаанд. Аксари ин муноқишаҳо бо сабаби дар ҳисоботи молиявии

ширкатҳои бузург нодуруст нишон додани вазъи молиявӣ ва таҳрифи дигар нишондиҳандаҳои молиявӣ рух додаанд.

Масалан, ширкати WorldCom, ки замоне дуввумин аз бузургтарин танзимгарони алоқаи телефонии байнишаҳрӣ ва байналмилалӣ дар ИМА буд, дар соли 2002 пас аз ошкор шудани он, ки роҳбарияти он ба хотири дастгирии қурби саҳмияҳои ширкат бо тақаллуби ҳисоботи молиявӣ нишондиҳандаҳои дороиҳои онро ба андозаи 11 миллиард доллар боло нишон додааст, муфлис шуд. Дар натиҷа зарари ширкат ба андозаи тақрибан 107 миллиард доллар аз ҳисоби дороиҳо ба миён омада, даҳҳо ҳазор одамон аз кор маҳрум шуданд. Асосгузор ва директори кулли ширкат Бернард Эбберс дар соли 2005 ба 25 соли зиндон маҳкум шуд.

Мунокишаи пурсарусадои дигар бо ширкати бузурги энергетикии Enron дар соли 2001 алоқаманд аст. Ширкат дар натиҷаи як тарҳи беназири тақаллуби ҳисоботи молиявӣ, ки аз ҷониби менеҷерони олии он таҳия ва роҳандозӣ шуда буд, қариб 74 миллиард доллар зарар дида, маҳв гардид. Дар давоми як шабонарӯз ҳазорон кормандони ширкат пасандозҳои нафақавии худро аз даст доданд ва арзиши саҳмияҳои он аз 90,75 доллар то 0,67 барои як саҳмия доллар коҳиш ёфт.

Мунокишаи дигари молиявии бузург дар соли 2011 бо ширкати японии истеҳсолкунандаи маҳсулоти оптикӣ Olympus рух додааст. Роҳбарияти собиқи ширкат эътироф карданд, ки дар тӯли беш аз даҳ сол нишондиҳандаҳои ҳисоботи молиявии он ба маблағи 1,7 миллиард доллар таҳриф шудаанд. Ин қалобии молиявӣ ширкати Olympus-ро қарриб нест мекард.

Ҳамаи ин масъалаи мукаммалгардонии низоми идоракунии корпоративиро вобаста ба мутобиқшавӣ ба шароити нави тиҷорат мубрам гардонид. Ба ин масъала таваҷҷуҳи мақомоти давлатии танзимкунанда, намояндагони бахши хусусии соҳибкорӣ ва сармоягузорон зиёд шуда, барои бартараф кардани камбудиҳои дар идоракунӣ ва ҳисоботи молиявии корпоративӣ ҷойдошта тадбирҳои зарурӣ андешида мешуданд. Вабаста ба ин, солҳои охир дар танзими равандҳои омодасозӣ ва пешниҳод кардани ҳисоботи корпоративӣ тағйироти ҷиддие ба амал омад. Илова бар ин, кӯшишҳои муштарак барои ба ҳам наздик кардани стандартҳои ҳисоботи молиявӣ дар мамлакатҳои гуногун анҷом дода шуданд. Аммо сарфи назар аз ин кӯшишҳо, тафовутҳои назаррас дар амалияи танзим ва пешниҳод кардани ҳисоботи молиявии корпоративӣ дар мамлакатҳо боқӣ мондаанд.

То ҳол тафовутҳои назаррас дар низомҳои қонунгузории байни мамлакатҳо вуҷуд доранд, ки дар ояндаи наздик ва миёнамуҳлат ба ҳам наздик шуданашон душвор аст. Вале бисёре аз мамлакатҳо тасмим гирифтанд, ки стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявиро қабул кунанд. Бо дарназардошти чунин наздикшавии стандартҳои омодасозии ҳисоботи молиявӣ, тафовутҳо дар татбиқи онҳо дар оянда дар ташаккули амалияи пешниҳод кардани ҳисоботи молиявии корпоративӣ нақши нисбатан бештар ва муҳимтар хоҳанд дошт. Барои танзими ҳисоботи молиявӣ равишҳои гуногун вуҷуд доранд ва мақомоти танзимкунандаи мамлакатҳо ҳангоми таҳияи низомҳои танзими ҳисоботҳои корпоративӣ бо интихоби тариқаҳои зиёд рӯ ба рӯ мешаванд.

Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки масъалаи чӣ гуна пешниҳод кардани ҳисоботи корхонаҳои бузурги корпоративӣ бо масъалаи зарур будани танзими равандҳои омодасозии ҳисобот алоқамандии зич дорад. Агар сабаби асосии танзимкунӣ сарфаи хароҷот бо роҳи ҷорӣ намудани стандартҳои умумии омодасозии ҳисобот бошад, пас қоидаҳои омодасозии ҳисобот бояд ба иттилооти умумӣ, ки эҳтимолан барои бисёр ҷонибҳо муфид бошад, тамаркуз карда шаванд. Вале агар ҳадаф аз стандартикунонӣ бо роҳ надодан ба ҳолатҳои қаллобӣ ва таҳрифи иттилоот ҳангоми омодасозии ҳисобот ва мунокишаҳои молиявӣ алоқаманд бошад, пас қоидаҳо бояд ба иттилооте нигаронида шаванд, ки ба ошкор кардани қаллобӣ дар муҳтавои ҳисобот ва пешгирӣ кардани

мунокишаҳои молиявӣ мусоидат мекунад. Инчунин эътироф кардан муҳим аст, ки ифшои ҳатмии иттилоот бо анҷом додани хароҷоти иловагӣ ба даст меояд. Барои ташаккул, паҳн кардан ва санҷиши (аудити) иттилоот хароҷоти мустақим ногузир мебошад. Ҳамчунин метавонад хароҷоти ғайримустақим ба миён оянд, зеро иттилооти барои иштирокчиёни бозори сармоя ифшошуда аз ҷониби дигар ҷонибҳо низ (масалан, рақибон, иттифоқҳои касаба, мақомоти танзимкунанда, мақомоти андоз ва ғ.) истифода мешаванд.

Дигаргуниҳои назаррас дар муҳити танзимкунии фаъолияти иқтисодӣ дар аксари мамлакатҳо, ки дар вокуниш ба мунокишаҳои молиявии рухдода ва паёмадҳои номатлуби буҳрони ҷаҳонии молиявӣ ба миён омаданд, барои ҷомеаи касбии муҳосибӣ мушкилоти навро ба вуҷуд оварданд. Акнун ҷонибҳои манфиатдор аз мутахассисон ва кормандони бахшҳои молиявӣ ва ҳам ғайримолиявии корхонаҳои корпоративӣ талаб мекунанд, ки нисбат ба пештара маълумоти хеле бештар дар бораи рӯйдодҳо ва ҳолатҳое, ки ба нишондиҳандаҳои ҳисобот таъсир мерасонанд, пешниҳод кунанд.

Талаботи гурӯҳҳои гуногуни истифодабарандагон ва аҳли ҷомеа ба корхонаҳои корпоративӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва масъулияти иҷтимоии онҳо афзоиш ёфтааст, ки вобаста ба ин корхонаҳои бузурги корпоративӣ бояд дар баробари иттилооти молиявӣ инчунин дигар иттилооти ғайримолиявиро дар бораи амалиёт ва аҳдҳое, ки ба муҳити зист таъсири назаррас доранд ё ба бозори меҳнат таҳдид мекунанд, ифшо кунанд. Илова бар ин, «буҳрони эътимодро дар бозорҳои ҷаҳонӣ ба менеҷменти олии корпоратсияҳои фаромиллӣ ва сохторҳои холдингӣ танҳо тавассути шаффофияти бештар ва барқарорсозии покии ахлоқӣ дар муомилоти тиҷорӣ бартараф кардан мумкин аст» [9, с. 47].

Ба ақидаи коршиносон ва таҳлилгарони молиявӣ сабаби асосии пайдо шудани камбудиҳо дар идоракунии корпоративӣ ва рух додани мунокишаҳои молиявӣ ин пеш аз ҳама комил набудани низоми таъминоти иттилоотии қабули қарорҳои идоракунии корпоративӣ мебошад, ки асоси онро низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии корпоратсияҳо ташкил медиҳад. Фаъолияти корпоратсияҳои бузурги миллӣ ва фаромиллӣ ба ноилгардӣ ба афзалиятҳои рақибонаи стратегии дарозмуҳлат нигаронида шудааст, ки ҳамзамон бунёди низоми мувофиқи баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявӣ, истифодаи усулҳои муносиби баҳисобгирии муҳосибиро барои ташаккули ҳисоботи корпоративӣ тақозо мекунад. Ҳамин тариқ, асоси таъминоти иттилоотии қабули қарорҳои идоракунии корпоративиро баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи корпоративии дар асоси он таҳияшаванда ташкил медиҳад.

Раванди таҳаввули ҳисоботи корпоративӣ бевосита бо равандҳои ташаккул ва рушди баҳисобгирии муҳосибӣ алоқаманд аст. Рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, хусусан дар марҳилаҳои гузариш ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ба бартараф кардани камбудиҳои дар таркиб ва муҳтавои ҳисоботи молиявӣ зоҳиршуда равона гардидааст. Таҷрибаи омодасозӣ ва пешниҳод кардани ҳисоботи молиявӣ дар солҳои охир нишон дод, ки ҳисоботи молиявии дар асоси баҳисобгирии муҳосибии анъанавӣ ташаккулёфта арзиши воқеии дороиҳои корхонаҳоро инъикос намекунад ва раванди ташаккули арзиши худи корхонаҳоро низ ифшо карда наметавонад. Баҳисобгирии муҳосибии анъанавӣ ва ҳисоботи молиявии дар асоси он омодашуда хосияти таърихӣ дошта, танҳо ба далелҳои молиявии аллакай рухдода ва тафсири онҳо такя мекунад. Вале имрӯз ҳисоботи молиявии солонае, ки корхонаҳои бузург тартиб медиҳанд, бояд якҷоя бо нишондиҳандаҳои молиявӣ ҳисоботи дигари ғайримолиявии барои истифодабарандагон заруриро дар бар гирад.

Яъне, баҳисобгирии корпоративӣ «низоми ҷамъоварӣ, ҷамъбаст, таҳлил ва пешниҳоди иттилооти иқтисодӣ мебошад, ки асосан ба эҳтиёҷоти воқеии соҳибмулкони корпоратсия мутобиқ карда шуда, ба инъикоси дурусти равандҳои тиҷоратӣ, ҳолати кунунӣ ва дурнамои рушди он нигаронида шудааст» [7, с. 27]. Ҳамин тариқ, баҳисобгирии корпоративӣ, аз як ҷониб, унсури ҷудонашавандаи низоми идоракунӣ буда, аз ҷониби

дигар, он як намуди алоҳидаи баҳисобгирӣ ва соҳаи мустақили фаъолияти амалӣ мебошад, ки асосан дар корхонаҳои ҷамъиятӣ (ҷамъиятҳои саҳомӣ) амалӣ карда мешавад. Ҳадафи ҳисоботи корпоративӣ «ташаккули иттилоот дар бораи иқтидори иқтисодии корхонаи тиҷоратӣ, стратегияи рушд ва хатарҳои назарраси фаъолияти он мебошад, ки дараҷаи басандаи ҷолибияти корхонаро дар назари сармоягузорон барои афзоиши устувори арзиши он таъмин мкунад» [1, с. 29].

Низоми баҳисобгирии корпоративӣ зернизомҳои баҳисобгирии молиявӣ ва идоракуниро ҳамгиро намуда, ба ташаккули нишондиҳандаҳое нигаронида шудааст, ки фаъолияти тиҷоратии корпоратсияро ба таври ҳамаҷониба тавсиф мекунанд. Вобаста ба ин, муҳаққиқон қайд мекунанд, ки ҳисоботи корпоративӣ аз ҳисоботи молиявӣ (муҳосибӣ)-и муқаррарӣ, ки корхонаҳо дар асоси низомномаҳои миллӣ ё стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ омода месозанд, тафовут дорад. Дар ҳисоботи молиявӣ танҳо иттилооти молиявӣ дар бораи вазъи молиявӣ ва натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхона оварда мешавад, ки ба талаботи муосири истифодабарандагони манфиатдор ҷавобгӯ нест. Имрӯз истифодабарандагони манфиатдор ба ғайр аз иттилооти молиявӣ боз ба иттилооти иҷтимоӣ, экологӣ ва дигар намудҳои иттилоот таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Дарвоқеъ, «зарурати тағир додани фаҳмиши моҳият ва муҳтавои ҳисоботи корпоративии корхонаҳо бо шароити фаъолияти ширкатҳои муосир, аз ҷумла бо афзоиши таваҷҷуҳи ҷомеа ба мушкилоти экологӣ ва иҷтимоӣ алоқаманд аст» [3, с. 299].

Дар шароити муосири рушди иқтисодӣ ҳудудҳои корбурди мафҳумҳои муқаррарии иқтисодӣ дигар мешаванд. Акнун ҷонибҳои манфиатдор фаъолияти корхонаҳоро бо фарохӣ ва гуногуншаклии тамоми муносибатҳои онҳо баррасӣ ва арзёбӣ мекунанд. Дар баробари афзоиши аҳамияти муносибатҳои хоҷагидорӣ аҳамияти муносибатҳои иҷтимоӣ, экологӣ ва дигар масъалаҳои мубрами ҷомеа ва таъсири онҳо ба натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхонаҳо меафзояд.

Таҳлилгарон ҳангоми гузаронидани таҳлили молиявии фаъолияти корхона нисбат ба дарки ҳисоботи молиявӣ ба дарки худи тиҷорат таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунанд. Ҷонибҳои манфиатдор бештар на ба худи натиҷаҳои молиявӣ, балки ба раванди ташаккули арзиши тиҷорат ва омилҳои муайянкунандаи он таваҷҷуҳ доранд, ки ин «як заминаи ҳатмӣ барои рушди ҳисоботи ҳамгирошудаи корпоративӣ буда, вазифаи асосии он ба истифодабарандагони манфиатдор фаҳмонидани он аст, ки чӣ гуна ширкат арзиши худро дар ояндаи кӯтоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат бо истифода аз нишондиҳандаҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ бунёд мекунад» [6, с. 122].

Ба ақидаи И.Н. Богатая, имрӯз зарур аст, ки таҷрибаи мавҷудаи ташаккули ҳисоботи корпоративӣ ҷамъбаст ва аз нав дида баромада шавад, зеро «такмили ҳисоботи корпоративӣ истифодаи тафаккури ҳамгиро ва рушди назарияи сифатан нави назарияи тавозуниро талаб мекунад. Ҳамчун ҷойгузин бояд назарияи тавозунии таҳаввулӣ-мутобиқшаванда пешниҳод карда шавад. Ғояи асосии назарияи мазкур аз он иборат аст, ки ба истифодабарандагони манфиатдор ҳисоботи мувофиқ ба эҳтиёҷоти иттилоотии онҳо дар асоси якҷоягии равишҳои муҳосибӣ ва иқтисодӣ, шаклҳои ғайрианъанавии пешниҳоди иттилооти муҳосибӣ ва дигаргуниҳои нав дар коркарди иттилооти иқтисодӣ дар якҷоягӣ бо иттилооти ғайримолиявӣ пешкаш карда шавад» [2, с. 132].

Ҳамин тавр, тамоюлоти рушди баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ бо ташаккул ва рушди ҳисоботи корпоративӣ алоқаманд буда, дар ҳамгироии намудҳои алоҳидаи баҳисобгирӣ, чун баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ, аз ҷумла бахши стратегии он зоҳир меёбанд. Дар ин маврид, ҳисоботи корпоративӣ ба ғайр аз нишондиҳадаҳои воқеии васфкунандаи вазъи молиявӣ ва натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхона инчунин бояд дигар нишондиҳандаҳои ғайримолиявиеро низ дарбар гирад, ки ҷонибҳои манфиатдор ба онҳо ба хотири муайян кардани пешомадҳои рушди корхона таваҷҷуҳ доранд.

**АДАБИЁТ**

1. Алексеева И.В., Осипова Р.Г. Развитие ключевых характеристик дефиниции «корпоративная отчетность» / И.В. Алексеева, Р.Г. Осипова // Международный бухгалтерский учет. – 2015. - № 12 (354). – С. 25-34.
2. Богатая И.Н. Будущее корпоративной отчетности / И.Н. Богатая // Проблемы экономики и юридической практики. – 2021. – Т. 17. - № 2. – С. 131-137.
3. Вахрушина М.А., Толчеева А.А. Корпоративная отчетность как результат эволюции отчетной информации компании / М.А. Вахрушина, А.А. Толчеева // Вестник Пермского университета. Серия: Экономика. – 2017. – Т. 12. - № 2. – С. 297-310.
4. Ветрова И.Ф. Сущность корпоративной отчетности / И.Ф. Ветрова // Международный бухгалтерский учет. - 2005. - № 1. - С. 21–29.
5. Назаров М.Х. Эволюция корпоративного учета и отчетности / М.Х. Назаров // Экономика, финансы и управление: актуальные вопросы теории и практики. Сборник статей V Международной научно-практической конференции. - Пенза: МЦНС «Наука и Просвещение». – 2023. – С. 50-56.
6. Румянцева В.М. Риск-ориентированный подход как основа формирования корпоративной учетной политики / В.М. Румянцева // Учет. Анализ. Аудит. – 2018. – Т. 5. - № 4. – С. 120-130.
7. Тарских Т.А. Организация системы корпоративного учета и отчетности на примере ОАО СВЭМ как современного направления развития бухгалтерского учета / Т.А. Тарских // Современные тенденции в экономике и управлении: новый взгляд. – 2010. - № 5-2. – С. 26-31.
8. Фомин М.В. Совершенствование подходов к формированию корпоративной отчетности // Аудитор. - 2012. - № 8. - С. 32–37.
9. Шульга С.В. Раскрытие информации в финансовой отчетности: этапы эволюции национальных систем и детерминанты интеграции / С.В. Шульга // Международный бухгалтерский учет. – 2014. - № 38 (332). – С. 43-51.

**УДК: 338.242**

**Назарова Н.Н.**

## ОМИЛҲОИ АСОСИИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ ИННОВАТСИОНӢ

Мақолаи ба омилҳои рушди соҳибкории инноватсионӣ бахшида шудааст. дар мақола масъалаҳои рушди соҳибкории инноватсионӣ аз нигоҳи олимони ватаниву хориҷӣ пурра омухта шуда, роҳҳои такмилдиҳии он дар қаламрави кишвар пешниҳод карда шудааст. муаллиф қайд менамояд, ки соҳибкорӣ бо ҷалби ҳатмии навовариҳо – ин ё истеҳсоли молу хадамоти нав дар бозор, тағйир додани самти тахассуси фаъолият ё ташкили нави фаъолияти инноватсионии корхона бошад. Инчунин фаъолияти навоваронаи корхона, намудҳои корхонаҳои инноватсионӣ ва бахшҳои асосии фаъолияти инноватсионӣ аз ҷониби муаллиф муайян карда шудааст.

**Калидвожа**: иқтисодиёт, инноватсия, соҳибкорӣ, технология, корхона, ташкил, пешниҳод, такмилдиҳӣ, фаъолият, бахш.

**Назарова Н.Н.**

## ОСНОВНЫЕ ФАКТОРЫ РАЗВИТИЯ ИННОВАЦИОННОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА

Статья посвящена факторам развития инновационного предпринимательства. в статье полностью изучены вопросы развития инновационного предпринимательства с точки зрения отечественных и зарубежных ученых, а также предложены пути его совершенствования на территории страны. автор отмечает, что предпринимательство предполагает обязательное привлечение инноваций - это производство новых товаров и услуг на рынке, изменение направления специализации деятельности или новая организация инновационной деятельности предприятия. Также автором определена инновационная деятельность предприятия, виды инновационных предприятий и основные отрасли инновационной деятельности.

**Ключевые слова**: экономика, инновация, предпринимательство, технология, предприятие, организация, предложение, совершенствование, деятельность, сектор.

**Nazarova N.N.**

## MAIN FACTORS IN THE DEVELOPMENT OF INNOVATIVE ENTREPRENEURSHIP

The article is devoted to the factors of development of innovative entrepreneurship. The article fully studies the issues of development of innovative entrepreneurship from the point of view of domestic and foreign scientists, and also suggests ways to improve it in the country. the author notes that entrepreneurship presupposes the mandatory attraction of innovation - this is the production of new goods and services on the market, a change in the direction of specialization of activity, or a new organization of innovative activity of the enterprise. The author also defines the innovative activity of an enterprise, types of innovative enterprises and the main branches of innovative activity.

**Key words**: economics, innovation, entrepreneurship, technology, enterprise, organization, supply, improvement, activity, sector.

Айни замон нақши инноватсия дар иктисодиёт бо суръати тез меафзояд. Дунёи муосирро бе навовариҳои қаблан амалишуда, ки шинос шудаанд ва бидуни навовариҳои ояндае, ки ба таҳаввулоти минбаъда мусоидат мекунанд, тасаввур кардан ғайриимкон аст. Аксарияти олимон ба ин боваранд, ки инноватсия қувваи асосии пешбарандаи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ шудааст.

Таҳлили фаъолияти соҳибкорӣ дар кишварҳои дорои иқтисоди бозоргонии пешрафта нишон медиҳад, ки ду модели соҳибкорӣ мавҷуд аст: соҳибкории классикӣ ва инноватсионӣ. Соҳибкории классикӣ як соҳибкории анъанавӣ ва консервативӣ мебошад, ки ба ҳадди аксар бозгардонидани захираҳо, идоракунии ҳаҷми истеҳсолот нигаронида шудааст, ки омилҳои беруна ва дохилиро барои муайян кардани захираҳои ширкат барои баланд бардоштани даромаднокӣ ва нав кардани навъҳои маҳсулот дар бар мегирад. Бозгашти максималии захираҳо дар сурате ба даст меояд, ки соҳибкор дорои сифатҳои зерин мебошад:

- корхона бояд ба хатарҳои пешомада омода бошад;
- дониши муфассал дар бораи эҳтиёҷоти ҷории бозор ва қобилияти тахмин кардани ниёзҳоиояндаи онро доро бошад;
- қобилияти рақобатпазир ва интизоми хуби корӣ;
- дониши мукаммал оид ба масъала;

- қобилияти ҷалби кормандони босалоҳият ва қобилиятнок;

- қобилияти назорат кардани таносуби байни хароҷот ва фоида ва агар корхона бо вуҷуди кӯшишҳои беҳтар кардани вазъият зараровар гардад, соҳибкор бояд барои бастани истеҳсолот омода бошад;

- кушиш дошта бошад, ки аз рақибон пешсаф бошад.

Соҳибкории инноватсионӣ як модели фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, ки ба инноватсия алоқаманд аст. Нақши соҳибкор аз эҷоди инноватсияҳо, яъне маҳсулот (молҳо ва хизматрасониҳо), технологияҳо, усулҳои ташкили истеҳсолот ва идоракунӣ, ки қаблан маълум набуд, тавассути истифодаи омилҳои анъанавии истеҳсолот (меҳнат, замин ва сармоя), онҳо вобаста аст.

Доир ба соҳибкории инноватсионӣ олимони ватаниву хориҷӣ корҳои зиёдеро ба сомон расонидаанд, ки дар такмилдиҳии соҳибкории инноватсионӣ нақши муҳимро мебозанд. Соҳибкории инноватсионӣ ҳамчун раванди махсуси коркарди аз лиҳози сифатан нав, инчунин ҷараёни хоҷагидорие, ки ба ҷустуҷӯи чизи нави ба бунёди инноватсионӣ нигаронидашуда, фаҳмидан мумкин аст [9]. «…Соҳибкории инноватсионӣ як намуди фаъолияти тиҷоратӣ мебошад, ки мақсади он ба даст овардани фоида тавассути эҷоди навигариҳои техникӣ ва технологӣ ва паҳн намудани навоварӣ дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ мебошад. Вай аз сохибкории оддӣ бо он фарқ мекунад, ки вай роҳҳои нави тараққиёти корхона, аз қабили эҷоди техникаи нав, истифодаи шаклҳои нави хоҷагидорӣ, ба вуҷуд овардани маҳсулоти нав ва ғайраро истифода мебарад.» [5]. «…Соҳибкорӣ роҳи самаранок истифодабарии захираҳои мавҷудбудаи иқтисодӣ, қонеъ гардонидани талаботи бозор ва неъматҳои моддӣ, ҳалли масъалаҳои бекорӣ, камбизоатӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ба ҳисоб меравад, ки ба баландбардории сатҳи зиндагонии мардум равона гардидааст.» [8]. «…Дар шароити муосири иқтисодӣ чи дар сатҳи иқтисоди ҷаҳонӣ ва чи дар сатҳи як кишвари мустақил соҳибкории инноватсионӣ яке аз омилҳои асосии рушди на танҳо соҳаҳои алоҳидаи иқтисод, балки тамоми иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин марҳила ба чунин соҳаҳо, монанди ҷорӣ намудани технологияи сарфакунандаи захира, камхарҷ намудани истеҳсолот, инчунин таъмини рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ диққати асосӣ дода мешавад.» [6]. «…Навовариҳо дар соҳаи инфрасохтори минтақавӣ дар марҳилаи кунунии таҳқиқот як равиши ба низом даровардa мебошад, ки мувофиқи он инфрасохтори инноватсионӣ қисми ҷудонашавандаи инфрасохтори бозорӣ ҳисобида мешавад.» [3]. «…Рушди босуръати соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ ва навсозии унсурҳои таркибии он яке аз самтҳои асосии фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ ба шумор рафта, ҳамеша дар меҳвари таваҷҷӯҳи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ қарор дорад, хусуссан навовариҳое, ки дар соҳаҳои гуногун қарордошта.» [10]. «…Муносибатҳои иқтисодӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ ҳам хусусияти тиҷоратӣ ва ҳам комёбиҳои барҷастаи технологияҳои муосирро дар бар гирифта истодааст. Иттиҳодияи онҳо шакли фаъолияти маблағҳо, истеҳсолот ва хариду фурӯширо бо истифодаи компютер ва дастгоҳҳои дурмуоширaт пурра иваз кардааст, ки он ба рушди соҳибкорӣ таъсир мерасонад.» [7].

Бозоров Ш.Ш. қайд менамояд, ки «…мақсади асосии ташкили соҳибкории инноватсионӣ ба низом даровардани раванди инноватсионӣ, беҳтар намудани тавзеҳоти он, барҳам додани талафоте, ки бо такроран гузаронидани тадқиқот ва коркардҳо, пурра истифода нашудани кашфиётҳо, хело оҳиста амалӣ шудани раванди мазкур – «тадқиқот – истеҳсолот» вобаста аст. Хусусияти хоси ташкили раванди инноватсионӣ бо номуайяниҳои дохилии хоси он алоқаманд мебошад.» [4]. Ташкили корхонаҳо, ба роҳ мондани фаъолияти онҳо дар истеҳсолот, ҷорӣ намудани технологияи нав, баланд бардоштани сифати маҳсулот барои соҳибкорон масъалаҳои муҳим мебошад [1].

Ҳамин тариқ, соҳибкоре, ки ба фаъолияти инноватсионӣ машғул мебошад, бояд дар доираи се таъминот кор ва фаъолият карда тавонад, инчунин доррои донишҳои техникӣ,

иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ бошад. Илова бар ин, барои нигоҳ доштани рақобат зарур аст, ки инноватсия на, як чорабинии якдафъаина ба раванди доимӣ табдил ёбад.

Соҳибкории инноватсионӣ раванди эҷод ва тиҷоратикунонии инноватсияҳо мебошад. Навоварӣ бояд на танҳо барои ширкате, ки онро ҷорӣ мекунад, балки барои бозор дар маҷмӯъ нав бошад, яъне чизе, ки дар айни замон касе пешниҳод накардааст. Ҳадафи инноватсия ин ишғол намудан ва гирифтани қисми муайяни бозорҳо, инчунин васеъ кардани бозори воқеӣ, яъне ҷалб намудани муштариёни нав мебошад. Дар ҳолати 3-қадами устовор гузоштан ин кор имконпазир аст.

Якум бояд ба маҳсулотҳои нави такя кард, ки то кунун шщиркатҳои рақибон аз он бехабаранд.

Дуюм, инноватсия метавонад аз ширкатҳои бузург пайдо шавад, аммо татбиқи он барои тиҷорати хурд ё ширкатҳои нав осонтар аст. Ширкатҳои инноватсионӣ дар бозорҳои хурд фаъолият мекунанд, ки ҳаҷми онҳо дар муқоиса бо бозорҳои ширкатҳои солҳои тӯлонӣ ночиз аст. Онҳо пайваста маҳсулоти худро такмил медиҳанд ва барои беҳтар қонеъ кардани интизориҳои гурӯҳи асосии истеъмолкунандагони худ сармоягузорӣ мекунанд.

Сеюм, ширкатҳои инноватсионӣ бозорҳоеро эҷод мекунанд, ки дар онҳо омилҳои муваффақият аз омилҳои хоси бозорҳои ширкатҳои муқарраршуда фарқ мекунанд. Ширкат бояд пайдарпайии нави фаъолиятҳоро (занҷираи арзиш, равандҳои дохилӣ, сохторҳо ва фарҳанги корпоративӣ) қабул кунад, ки аз фаъолиятҳои дар бозорҳои анъанавӣ гирифташуда фарқ мекунанд.

Рушди потенсиали эҷодии ширкатҳои инноватсионӣ, дар мисоли як қатор ширкатҳои пешсаф дар ҷадвал ба таври васеъ оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. Фаъолияти навоваронаи корхона**

| Ширкат | Сарчашмаҳои инноватсия |
|---|---|
| Mattel | Аз рӯи назарпурсии муштариёни нав, талаботи муосири бозорро ҷорӣ намуд |
| Cannon | Ба мизоҷони нав муроҷиат намуд, ба ниёзҳои муштариён тамаркуз кард ва ҷиҳатҳои асосии онро инкишоф дод |
| Swatch | Маҳсулоте, ки ба рақобат монанд аст баҳои оқилона пешниҳод кард ва хусусияти нави махсулотро илова кард аз қабилӣ мӯд ва тарроҳӣ |
| Honda | Тамаркуз ба сегменти нави истеъмолкунанда ва хусусиятҳои нави маҳсулотро пешниҳод кард |
| Starbucks | Фоидаҳои маҳсулот барои истеъмолкунандагонро пешниҳод намуд. |

**Ташкили раванди инноватсионӣ** – чорабиниҳо оид ба сафарбар намудани кӯшишҳои илмию техникии кормандон дар асоси муқаррарот ва тартиботи муқарраршуда, ки ба афзоиш ва суръатбахшии рушди инноватсионӣ нигаронида шудаанд

**Мақсади ташкил** – ба низом даровардани раванди инноватсионӣ, беҳтар намудани тавзеҳоти он, барҳам додани талафоте, ки бо такроран гузаронидани тадқиқот ва коркардҳо, пурра истифода нашудани кашфиётҳо, хело оҳиста амалӣ шудани раванди мазкур- «тадқиқот – истеҳсолот» вобаста аст. Хусусияти хоси ташкили раванди инноватсионӣ бо номуайяниҳои дохилии хоси он алоқаманд мебошад.

Бо маънои васеъ ташкили раванди инноватсионӣ, ташкил намудани сикли илмӣ – техникӣ, ташкили меҳнати кормандон ва ташкили идоракуниро дар бар мегирад. Суръатнокӣ ва самаранокии таҷдиди маҳсулот, равандҳои технологӣ ва рақобатпазирии онҳо (дар бозорҳои дохила ва беруна) аз бисёр ҷиҳат бо қисми таркибии ташкили

механизми инноватсия асоснок мешаванд. Вобаста ба ин, коронаҳое, ки дар онҳо оид ба ташкил ва азхуднамоии инноватсия корҳои асосӣ амалӣ карда мешаванд, нақши муҳим доранд. Муассисаҳои илмӣ – тадқиқотӣ ва институтҳои тарҳсозӣ –лоиҳакашӣ, бюроҳои махсуси таҷрибавии тарҳсозӣ ва шуъбаҳои корхонаҳо (иттиҳодияҳо), ҷамъиятҳои саҳҳомӣ аз қабили онҳо мебошанд. Дар шакли умум муассисаҳои илмӣ – техникиро чунин таснифот менамоянд:

- интитутҳои илмӣ – тадқиқотӣ (ИИТ);
- бюроҳои конструкторӣ (БК);
-институтҳои лоиҳакашӣ – технологӣ;
- институтҳои лоиҳакашӣ - тарҳсозӣ (ИЛТ);
- институтҳои лоиҳакашии давлатӣ (ИЛД).

Ташкилотҳои инноватсионӣ ташкилотҳое мебошанд, ки фаъолияти асосии онҳо фаъолияти тадқиқотӣ, ташкил ва фурӯши маҳсулот дар бозори инноватсионӣ мебошад.

Дар шароити муосир ду шакли корхонаҳоро аз ҳамдигар ҷудо намудан мумкин аст:

1) корхонаҳое, ки коркарду ташкили маҳсулотро иҷро менамоянд;
2) коронаҳое, ки ба таъминнамоии фаъолияти инноватсионӣ равона карда шудааст.




**Расми 1. Намудҳои корхонаҳои инноватсионӣ**

Ба гурӯҳи авввал корхонаҳеро дохил намудан мумкин аст, ки дар бозор фаъолият менамояд:

• муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ –бюроҳои махсуси лоиҳакашӣ ва ташкилотҳои лоиҳакашӣ-технологӣ, ки барои коркарди лоиҳаҳоравона карда шудаанд;

• ташкилот, ширкат, корхонаҳо, муассисаҳое, ки дар фаъолияти кориашон инноватсиония барои онҳо асоси корӣ нест.

Ба гурӯҳи якум чор бахшҳои асосиро дохил намудан мумкин аст, ки таърихан дар сохтори дохилӣ ташаккул ёфтаанд.

**Ҷадвали 2. Бахшҳои асосӣ**

| *Бахшҳо* | *Хусусиятҳо* | *Тарафҳои мусбӣ* | *Тарафҳои манфӣ* |
|---|---|---|---|
| 1. бахшҳо ва шӯъбаи илмҳои академӣ | Бартарияти таҳқиқотҳои асосӣ | Дараҷаи баланди тахассуси кадрҳои илмӣ, мавҷуд будани системаи идоракунии таъминоти моддию техникии худ, алоқаи зичи илми умумиҷаҳонӣ | Оғози корҳои илмӣ-тадқиқоти бе маблағгузорӣ. |
| 2. Бахшҳо ва | Фарқияти МТО аз рӯи | Ташаккул ва рушди | Мураккабии сохтор ва |

| | | | |
|---|---|---|---|
| шуъбаҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ | вазифаҳо, сатҳи баланди ҳамгироии илмиву таълимӣ | инфрасохтор, ҳамкории судманд бо дигар муассисаҳо, имконияти ҳамкории байнисоҳавӣ ва минтақавӣ[11] | тобеияти гуногуни байнисоҳавӣ |
| 3. Бахшҳо ва шуъбаҳои соҳавӣ | Лоиҳакашӣ – конструкторӣ. Тамоюли бештар ба таҳқиқотҳои амалӣ. | Ҷоринамоии босуръати инноватсия соҳаҳои муайян | Мушкилоте, ки сохтори ташкилӣ барои паҳн намудани инноватсияи соҳавӣ доранд. |
| 4. Бахши соҳавӣ заводӣ, соҳибкорӣ | Рушд ва такмили маҳсулоти хидматрасон | Барои зудтар ворид намудани тағйиротҳо ба технология ва маҳсулоти нав имконият медиҳад. | Тадқиқотҳои комплексии асосӣ гузаронида намешаванд. |

Ба гурӯҳи дуюм ташкилотҳое, ки дар инфрасохтории бозори инноватсионӣ пешсафанд дохил намудан мумкин аст. Рушди инфрасохтори зарурӣ, ки бо таъмини тақсимоти иттилоот, инчунин мубодилаи он вобастаанд, ки яке аз вазифаҳои асоси дар соҳаи фаъолияти инноватсионии корхона ба ҳисоб меравад. Ба ақидаи Ашуров М. «…инфрасохтори инноватсионӣ маҷмӯи субъектҳои инфрасохтори инноватсионие, ки таъмини моддию техникӣ, молиявӣ, ташкилию методӣ, иттилоотӣ, машваратӣ ва дигар намудҳои фаъолияти инноватсиониро амалӣ мегардонанд дарбар мегирад» [3].

Категорияи якум дар хизматрасониҳои машваратӣ оид ба масъалаҳои ҳимояи моликияти зеҳнӣ ва маркетинг махсус гардонида шудааст. Категорияи дуюм бошад, барои ҷустуҷӯи фармоишгар – сармоягузор нигаронида шудааст.

Хусусияти хоси муносибатҳои миёнаравии ширкатҳо ва корхонаҳо дар соҳаи моликияти зеҳнӣ ва таҳвили технология танҳо аз пешниҳоди хизматрасониҳои машваратӣ иборат аст. Онҳо хароҷотҳоро оид ба идоракунии моликияти зеҳнӣ ба душ намегиранд. «…Чунин хусусияти фаъолияти миёнаравҳо, ба ғайр аз хавфҳои баланди маблағворидкуниҳо ва мавҷуд набудани маблағҳо барои пардохти ташхисҳо ва патенткунонӣ, эҳтимол бо таҳвил нагардидан ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ба миёнарав, инчунин бо тахассус ва таҷрибаи мутахассисоне, ки дар ин соҳаи бизнес фаъолият менамоянд, алоқаманд аст.» [2]. Ҳамаи ин яку якбора самаранокии раванди тиҷоратикунонии технологияро паст мегардонад.

Се гурӯҳи асосии воситаҳои асосии баланд бардоштани самаранокии ҳама гуна системаи ташкилиро метавон қайд намуд:

1. Ошкоро истифодабарии захираҳои мавҷуда аз ҳисоби ташаккули ҳавасмандии одамон ва баланд бардоштани самаранокӣ (низоми идоракунӣ).

2. Тағйироти сохтории инноватсионӣ аз ҳисоби паст намудани саҳми самаранок набудани технологияҳо ва намудҳои камдаромади молу маҳсулот (аз ҷумлаи молу маҳсулоти мавҷудбуда).

3. Ташкил ва истифодаи самараноки шаклҳои нави маҳсулот, хизматрасониҳо ва технологияҳои нав аз ҳисоби фаъолгардонии равандҳои инноватсионӣ.

Корхонаҳои инноватсионӣ аз нуқтаи назари мансубияташон ба шаклҳои гуногуни моликият метавонем тақсим намоем. Айни замон чунин корхонаҳо амал мекунанд:

- бо шакли моликияти давлатӣ (институтҳои Академияи илмҳои кишоварзӣ ва дигар академияҳои давлатӣ);
- бо шакли моликияти саҳҳомӣ;
- бо шакли моликияти кооперативӣ;
- бо шакли моликияти шахсӣ;

Ҳамин тариқ, муассисаҳои илмӣ – тадқиқотӣ ва марказҳои тадқиқотӣ, ки тадқиқотҳои фундаменталӣ ва амалиро иҷро менамоянд; ташкилотҳои лоиҳакашӣ – тарҳсозӣ ва бюроҳои махсусгардонидашудаи тарҳсозӣ, ки корҳои тарҳсозӣ ва лоиҳаҳоро амалӣ менамоянд; ташкилотҳои лоиҳакашӣ – технологӣ, ки системаи технологии истеҳсоли молу маҳсулотро коркард ва омода менамоянд; корхонаҳои инноватсионӣ (ширкатҳо), ки дар моддикунонии натиҷаҳои КИТТ махсус гардонида шудаанд, ба қатори муассиса ва ташкилотҳои инноватсионӣ дохил мешаванд [4].

Мафҳум ва моҳияти фаъолияти инноватсионӣ бо хусусиятҳои инноватсионӣ алоқамандии зич дорад. Бисёре аз муҳаққиқон фаъолияти инноватсиониро бо хусусиятҳои инноватсионӣ омехта менамоянд, гарчанде ки ҳарду ин мафҳум аз ҳамдигар фарқ дорад, зеро фаъолияти инновасионӣ маҷмӯи амалҳост, хусусиятҳои инноватсионӣ бошад як категорияи мустақил мебошад. Аҳамияти он дар он аст, ки дар асоси фаъолияти инноватсионӣ хусусияти фаъолияти инноватсионӣ ташкил медиҳад.

Ба андешаи мо, хусусияти инноватсионӣ бояд ҳамчун хусусияти ҳамаҷонибаи фаъолияти инноватсионии субъекти соҳибкорӣ фаҳмида шавад, ки аз қобилияти сафарбар кардани неруи инноватсиони, зеҳнӣ, захиравӣ ва дигар, аз ҷумла дараҷаи шиддатнокӣ ва энергияи фаъолияте, ки барои он амалӣ карда мешавад, иборат аст.

Омилҳои асосии фаъолияти инноватсионӣ инҳо мебошанд:

- сиёсати инноватсионии давлат ҳамчун ҷузъи муҳимтарини сиёсати иқтисодии давлатӣ;

- сиёсати пулию қарзии ташкилотҳое, ки ҳамчун сармоягузор амал мекунанд. Татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ аксаран истифодаи маблағҳои қарзиро дар бар мегирад, ки ин ба инобат гирифтани дараҷаи баланди хавфи чунин сармоягузориро талаб мекунад;

- стратегияҳои ширкатҳои рақобаткунанда. Аҳамияти ин омилро қобилияти дигар субъектҳои хоҷагидор барои таъсир расонидан ба сохтори бозор, шиддати рақобат ва танзими гирифтани захираҳои моддии зарурӣ муайян мекунад;

- рафтори истеъмолкунандагон, ки мавҷудияти талабот ба инноватсияҳое, ки дар натиҷаи рушди муносибатҳои инноватсионӣ ба вуҷуд меоянд, бештар аз он вобаста аст. Ба инобат гирифтани ин омил барои корхонае, ки фаъолияти инноватсиониро пеш мебарад, кӯшишҳои иловагиро барои ба вуҷуд овардани талаботи ояндаи истеъмолкунандагон ба маҳсулоти нав, хизматрасонӣ, технология ва ғайра талаб мекунад.

Бояд қайд карда, ки ҳама гуна фаъолиятҳои инноватсионии муосир соҳибкорӣ мебошад, зеро он ба ҷустуҷӯи идеяҳои нав ва баҳодиҳии онҳо асос ёфта, дарёфти захираҳои зарурӣ, таъсис ва идоракунии корхонаҳои нав, гирифтани даромадҳои пуллӣ ва қаноатмандии шахсӣ аз натиҷаҳои ба даст овардашуда мебошад, амммо на ҳамаи соҳибкорӣ, инноватсионӣ ба шумор меравад, танҳо он соҳибкориеро инноватсионӣ ҳисобидан мумкин аст, ки дар фаъолияти корӣ идеяҳои нав ва ба талаботи замон ҷавобгӯйро истифода менамояд.

Дар умум панҷ намуди асосии соҳибкории инноватсиониро ҷудо намудан мумкин аст:

– навовариҳо дар соҳаи технологӣ;
– навовариҳо дар соҳаи истеҳсолот;
– навовариҳо дар соҳаи иқтисодиёт;
– навовариҳо дар соҳаи савдо;

– навовариҳо дар соҳаиҳои иҷтимоиёт.

Бояд қайд намуд, ки рушди босуръати соҳаҳое, ки дар фаъолияташон инноватсияро истифода менамоянд яке аз ҷузъҳои асосии иқтисодиёти инноватсионӣ мебошад.

Дар шароити рушди муосири иқтисоди бозорӣ, ки бо зарурати вокуниши фаврӣ ба ноустувории муҳити бозор ва ташаккули сиёсати дарозмуддати рақобат ва стратегияи рушди корхонаҳо хос аст, масъалаҳои баланд бардоштани фаъолияти инноватсионӣ, ташкили раванди инноватсионӣ дар корхона тахлил ва такмил додани системам он ахамияти махсус дорад. Фаъолиятҳои инноватсионӣ ба онҳо бартариҳои рақобатӣ медиҳанд ва ба таҳким ва густариши мавқеи онҳо дар бозор мусоидат мекунанд.

## АДАБИЁТ


1. Абдуалимзода Ҳ. А. Хусусияти андозбандии соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ҳ. А. Абдуалимзода, У. С. Ҳусейнов // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. 1(30). – P. 4-11.
2. Ашуров М. Н. Ашуров, М. Н. Роль информационных технологий в развитии маркетинга / М. Н. Ашуров, Н. С. Шомадова // Peasant. – 2019. – № 1. – С. 207-210.
3. Ашуров М. Н. Ҳолати муосир ва дурнамои рушди инфрасохтори дастгирии соҳибкории инноватсионӣ дар минтақа / М. Н. Ашуров, Б. Ҷ. Исвалиев // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. 3(32). – P. 130-137
4. Бозоров Ш.Ш. Соҳибкории инноватсионӣ / Ш.Ш.Бозоров, Б.Г.Сафаров, Б.Юнусов// (китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ). – Душанбе: 2020. - 376
5. Валиев Н. Ш. Рушди соҳибкории хурди инноватсионӣ ва аҳамияти таҳияи барномаи рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н. Ш. Валиев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. – No. 4-1(33). – P. 88-98
6. Косимов Ф. Особенности инновационной системы в реализации инновационной политики государства/Ф.Косимов// Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2018. № 8. С. 172- 177
7. Машокиров Ҷ. Н. Тиҷорати электронӣ ва мавқеъи он дар рушди иқтисоди рақамӣ / Ҷ. Н. Машокиров, З. С. Султонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. – No. 2(31). – P. 22-29
8. Мизробов С. С. Хусусиятҳои инноватсионии рушди соҳибкории саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / С. С. Мизробов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. – No. 4-1(43). – P. 131-137
9. Наврузи М. Хусусиятҳои соҳибкории инноватсионӣ дар шароити муосир / М. Наврузи // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2021. – No. 1-1(83). – P. 213-217.
10. Нусратзода М. Н. Ташаккул ва рушди тиҷорати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М. Н. Нусратзода М. Ф. Файзиддинзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 2(36). – P. 111-119
11. Солехзода А. А. Формирование и развитие рыночной инфраструктуры региона: теоретические аспекты / А. А. Солехзода, М. Н. Ашуров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2015. – № 2/5(172). – С. 35-40.

**УДК 336.7**

**Назирӣ Г.Н., Сафаров С.З.**

## ВАЗЪИ ИМРӮЗАИ ИДОРАКУНИИ УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ ДАР НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Муаллифон дар мақолаи худ масъалаи вазъи имрӯзаи идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳлил қарор додаанд. Дар раванди таҳлил вазъи дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ, дороиҳои бонкҳои тиҷоратии низомсози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳиссаи дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, нишондиҳандаи таркибии дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ, принсипҳои пардохтпазирии бонкҳои тиҷоратӣ, нишондиҳандаи таркибии уҳдадориҳои бонкҳои тиҷоратӣ, вазъи уҳдадориҳо бонкҳои тиҷоратии низомсози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла КВД Амонатбонк, Ориёнбонк ва Бонки Эсхата нишон дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** идоракунӣ, устуворӣ, молиявӣ, бонк, низоми бонкӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, дороӣ, уҳдадорӣ, бонкҳои низомсоз.

**Назири Г.Н., Сафаров С.З.**

## СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ УПРАВЛЕНИЯ ФИНАНСОВОЙ СТАБИЛЬНОСТЬЮ КОММЕРЧЕСКИХ БАНКОВ В БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Авторы в своей статье проанализировали современное состояние управления финансовой стабильностью коммерческих банков в банковской системе Республики Таджикистан. В процессе анализа выясняется состояние активов коммерческих банков, активы регулируемых коммерческих банков Республики Таджикистан, доля активов коммерческих банков по отношению к общему внутреннему продукту, состав активов коммерческих банков, принципы ликвидность коммерческих банков, состав пассивов коммерческих банков, состояние пассивов коммерческих банков Республики Таджикистан, в том числе КВД Амонатбанк, Орионбанк и Банк Эсхата.

Ключевые слова: менеджмент, устойчивость, финансы, банк, банковская система, коммерческие банки, активы, пассивы, системные банки.

**Naziri G.N., Safarov S.Z.**

## THE CURRENT STATE OF FINANCIAL STABILITY MANAGEMENT OF COMMERCIAL BANKS IN THE BANKING SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The authors in their article, analyzed the current state of financial stability management of commercial banks in the banking system of the Republic of Tajikistan. In the process of analysis, the state of assets of commercial banks, assets of regulated commercial banks of the Republic of Tajikistan, the share of assets of commercial banks in relation to the total domestic product, the composition of assets of commercial banks, principles of liquidity of commercial banks, the composition of liabilities of commercial banks, the state of liabilities of commercial banks of the Republic of Tajikistan including KVD Amonatbank, Orionbank and Eskhata Bank.

**Keywords:** management, sustainability, financial, bank, banking system, commercial banks, asset, liability, system banks.

Дар шароити имрӯзу, яке аз фишангҳои асосии таъмини устувории молиявӣ ва эътимоднокии бонкҳои тиҷоратии дилхоҳ мамлакат захираҳои пулии он маҳсуб меёбад, зеро ба воситаи захираҳои пулӣ сатҳи даромаднокиро таъмин ва устувории молиявии худро беҳтар мегардонад. Ҳамин тариқ, низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ бо роҳи муайян кардани миқдори дороиҳои баландсифат ва пастсифат, пайдоиши аломатҳои ноустуворӣ ё камшавии дороиҳо, таъмини даромаднокии умумӣ ва даромаднокии дороиҳо, усулҳои баҳодиҳӣ дар сатҳи бонкҳои тиҷорати, инчунин сатҳи пардохтпазири, аниқ кардани андозаи дороиҳои хавфнок, муайян намудан имконпазир аст, зеро нишондиҳандаҳои мазкур шарти зарурии рушди бонкхои тиҷорати дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ мебошад.

Қабл аз ҳама вазъи дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ, омилҳои таъсиркунанда ва вобастагии дороиҳо бо дигар омилҳо, махсусан бо уҳдадориҳои бонкҳои тиҷоратиро омӯхта алтернативҳои имконпазири рушди онро муайян намудан лозим аст. Зикри хос мебошад, ки БМТ мушкилот ва нишондиҳандаҳои фаъолияти бонкҳои тиҷоратиро таҳлил намуда, роҳҳои бартараф намудани камбудиҳоро бояд дар Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 ҷойгир намояд.

Тавре Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.12.2023 қайд карда шудааст, ки “...Бонки миллӣ ва ташкилотҳои қарзиро зарур аст, ки дар самти дарёфти манбаъҳои иловагии маблағгузорӣ ва дар ин замина зиёд кардани пешниҳоди қарзҳои дарозмуддат, дастрас ва бо фоизи паст, инчунин, пурра ҷорӣ намудани низоми рақамии хизматрасониҳои бонкӣ дар ҳамаи минтақаҳои кишвар ва истифодаи васеи технологияҳои молиявӣ тадбирҳои иловагӣ андешанд” [12].

Дар ҳақиқат, дар пешниҳоди қарзҳои дарозмуддат, дастрас ва бо фоизи паст, инчунин, пурра ҷорӣ намудани низоми рақамии хизматрасониҳои бонкӣ дар ҳамаи минтақаҳои кишвар ва истифодаи васеи технологияҳои молиявӣ аз манфиат холӣ нест. Сараввал, дар ҷараёни идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ва беҳтар намудани сифати он, ҳарду омил яъне ҳам омилҳои объективӣ ва ҳам омилҳои субъективӣ мавқеи асосиро иҷро мекунад. Яъне субъектҳои алоҳидаи бонкҳои тиҷоратӣ метавонанд дар ҷалб, идоракунии дуруст, мақсаднок ва васеъ намудани дороиҳои бонкӣ саҳм гузоранд.

Таҳлили вазъи молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, дуруст идора намудани дороиҳо ва уҳдадориҳо он бо назардошти вазъи ноустувории иқтисодиёти имрӯзаи ҷумҳурӣ ва ҷомеаи ҷаҳон ва дар ин асос муайян намудани мушкилот ва роҳҳои ҳалли он зарур мебошад. Яъне, дар ин роҳ сарчашмаи ба даст овардани устувории молиявӣ, ҳиссаи сармояи худӣ, ба воситаи амалиётҳои гуногуни фаъолу фоидаовар сафарбар намудани дороиҳо бояд ба дараҷаи зарурӣ таҳлил ва муайян карда шаванд.

Дар иртибот ба ҳамин Мирзоев С. андеша баён намуда, қайд менамояд, ки “....дар рушди фаъолияти бонкӣ ва таъминсозии устувории молиявии он аҳамияти муҳимро ҳаҷми воситаҳои худии бонки тиҷоратӣ мебозад, чунки ҳаҷми амалиётҳои фаъол ва ғайрифаъоли амалишаванда мустақиман аз ҳаҷми сармоя вобаста буда, дар ниҳоят ба натиҷаи фаъолияти он таъсир мерасонад. Ба ғайр аз ин, барои кредиторҳо ва мизоҷони бонк, ки дар хизматрасонии онҳо қарор доранд кафолати ҳиссагузории онҳо ба ҳисоб меравад. Давлат ва Бонки миллии Тоҷикистон дар устувории иқтисодиёт ва низоми бонкӣ, ки ҳангоми мавҷуд будани воситаҳои худӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ таъмин карда мешавад манфиатдор мебошанд [9,с.74].

Аз ин рӯ, нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ муайянкунандаи вазъияти он буда, афзоиши онҳо аз ҳолати муқаррарӣ ва пастшавии онҳо ҳолати мураккаби системаро нишон медиҳад, ки мо онро дар диаграммаи 1 таҳлил кардем.




Сарчашма: ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори бонкии солҳои 2018, 12 (281), С.80-81, 2019, №12 (293) С.86-87, 2020, №12 (305) с.86-87, 2021, №12 (316), С.24-25, 2022, №12 (329), С.25.

Гуфтан ба маврид мебошад, ки дар сатҳи муносибатҳои молиявию иқтисодӣ масъалаи рақобатпазирӣ ва пардохтпазирии бонкҳои тиҷоратӣ аз иқтидори захиравии онҳо вобастагии зиёд дорад. Ба ҳамин хотир, дар доираи маълумотҳои таҳлилгардидаи диаграммаи 2.1.1. дидан намудан мумкин аст, ки нишондиҳандаҳои асосии бонкҳои тиҷоратӣ дар соли 2022 нисбат ба соли 2016 тамоюли афзоиш дорад. Аз ҷумла дар соли 2022 35,6%, рушд намудааст, ки ин масъала аз беҳтар шудани низоми молиявии бонкҳои тиҷоратӣ гувоҳӣ медиҳад. Ҷиҳати боз ҳам аниқтар намудани рушди дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ ва вазъи молиявии он, мо се бонки тиҷоратии низомсози ҷумҳуриро ба монади корхонаи воҳиди давлатии бонки амонатии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк”, ҷамъияти саҳомии кушодаи “Ориёнбонк” ва ҷамъияти саҳомии кушодаи “Бонки Эсхата”-ро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додем (ниг. ба ҷад. 1.). дар иртибот ба ҳамин, устод Барфиев, Қ.Х. дар китоби дарсии худ қайд менамояд, ки “...яке аз вазифаҳои муҳимтарини таҳлили вазъи молиявии ташкилот омӯзиши нишондиҳандаҳои инъикоскунандаи устувории молиявии он мебошад. Омӯзиши маълумоти тавозуни муҳосибӣ ба таҳлилӣ имкон медиҳад, ки самаранокии ҷойгиркунии сармоя, басандагии вай барои пешбурди фаъолияти хоҷагидории ташкилот, ҳайат, бузургӣ, сохтор ва самаранокии истифодабарии манбаъҳои худӣ ва ҷалбгардидаи сармояи ташкилотро баҳо диҳад” [4,с.347].

**Ҷадвали 1. - Вазъи дороиҳои бонкҳои тиҷоратии низомсози Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2022 (бо млн сомонӣ)**

| Бонкҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | Тағ, 2022 / 2016, бо мар. |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| КВД Амонатбонк | 2908,9 | 3670,1 | 4136,7 | 4127,7 | 4969,6 | 4437,7 | 6336,8 | 2,1 |
| ҶСК Ориёнбонк | 2455,2 | 2835,2 | 2663,3 | 3167,9 | 4034,2 | 4067,1 | 4588,2 | 1,8 |
| ҶСК Бонки Эсхата | 1677,9 | 2036,8 | 1952 | 2105,2 | 2444 | 3248,9 | 4264,5 | 2,5 |

Сарчашма: Нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳо (nbt.tj)

Чунонче, ки аз маълумотҳои ҷадвал маълум мегардад, вазъи дороиҳои бонкҳои низомсозӣ ҷумҳурӣ ба монанди КВД Амонатбонк нисбат ба соли 2016 ба андозаи 2,1 маротиба, ҶСК Ориёнбонк 1,8 маротиба, ҶСК Бонки Эсхата 2,5 мартиба афзоиш ёфтааст.

Таъкид намудан зарур, аст, ки рушди фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ аз идоракунии дурусти дороиҳо маншаъ мегирад. Ба андешаи Аҳадов И.Қ. идоракунии самараноки дороиҳои бонкӣ бе идоракунии захираҳо ва пардохтпазирии бонк ғайриимкон аст. Идоракунии захираҳои бонк амалиётҳо оид ба ҷалб ва тақсими захираҳоро инъикос менамояд [1,с.62]. Ҳамин тавр, аз гуфтаҳои Аҳадов И.Қ. бармеояд, ки даромади максималии бонкҳои тиҷоратиро бо воситаи самаранок истифодабарии захираҳои молиявӣ ба даст овардан мумкин аст. Таҳлили сифати дороиҳо, омили асосии баҳодиҳии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ мебошад, зеро таҳияи чораҳои бартараф намудани ҳолатҳои бӯҳронӣ ва устувории корро дар сатҳи макроиқтисодӣ таъмин менамояд.

Қобили тазаккур аст, ки айни ҳол таъмини бонкҳои тиҷоратӣ бо дороиву захираҳои молиявӣ, ки онҳо ба рушди нишондиҳандаҳои макроиқтисодии иқтисодиёти ҷумҳурӣ робитаи надик доранд, хуб ба назар мерасанд. Нвобаста аз мушкилиҳои мавҷуда дар баробари нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дороиҳои бонкӣ, сол то сол рушд намуда истодаанд, аммо ин ҳолат дар муқоиса бо ММД нишондоди лозимаро соҳиб нест. Маврид ба зикр мебошад, ки яке аз сохтори муҳими иқтисодиёти миллӣ, ки муайянкунандаи сатҳи иқтисодиёти давлат мебошад, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳисоб меравад, зеро ба воситаи он ба сатҳи пешрафт ва рушди давлат арзёбӣ кардам мешавад, ки ин нишондиҳанда дар ичтисодиёти ҷумҳурии мо ба андозаи 7 % ҳамасола рушд намуда истодааст. Аммо чунин шакли ташаккул ва инкишоф ҷиҳати таъмини ҳаматарафаи иқтисодиёт бо захираҳои молиявӣ ҳанӯз ҳам қонеъкунанда ба ҳисоб намеравад.

**Диаграммаи 2.- Ҳиссаи дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ барои солҳои 2016-2022 (бо %)**




Сарчашма: ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори бонкии солҳои 2018, 12 (281), С.80, 2019, №12 (293) С.86, 2020, №12 (305) с.85, 2021, №12 (316), С.24-25., 2022, №12 (329), С.25.

Тавре аз маълумотҳои дида мешавад, агар дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳури Тоҷикистон дар соли 2016 нисбат ба ММД ба 34,6% баробар бошад, дар соли 2022 ҳамин нишондиҳанда ба 21,88% рост омадааст. Ин ҳолат ба андешаи мо аз ҳисоби зиёд гардидани ММД мебошад, ки ҳиссаи дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ кам гардидааст. Дар солҳои охир нишондиҳандаи дороиҳои пардохтпазир низ ба андозаи 0,7 банди фоизи кам гардида дар соли 2022 ба 10,4% баробар гардидааст. Ҳамин ҳолат низ ба андешаи мо нодуруст идора кардани вазъи молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ва суръати пасти рушди фаъолияти бозори бонкии ҷумҳурӣ дарак медиҳад.

Қайд намудан зарур аст, ки дар зинаи бонкҳои тиҷоратӣ арзёбии дороиҳо бояд аз рӯйи қисматҳои тавозун гузаронида беҳтар мебошад, чунки қисми ғайрифаъол сармояи худӣ ва сармояи қарзиро тавсиф мекунад ва ин сармояҳо якҷоя активро ташкил медиҳанд ё ба шакли дигар ин сармояҳо сарчашмаи эҷоди дороиҳо ё муомилоти фаъол мебошанд.

Ба ғайр аз дороиҳо ва пассивҳои тавозуни бонкҳои тиҷоратӣ дороиҳо ва пассивҳои ғайритавозунӣ низ мавҷуданд ки инҳо гарави ба ташкилоти қарзӣ гузошташуда, хатҳои

қарзии истифоданашуда, амалиётҳои асъорию фоизӣ своп ва форвардӣ мебошанд. Ёдрас менамоем, ки ин дорои ва уҳдадориҳо моликияти бонк набуда балки муваққатӣ дар ихтиёри бонкҳои тиҷоратӣ мебошад.

Вобаста ба ҳамин гуфтаҳо, қайд намудан зарур аст, ки бонкҳои тиҷоратӣ бояд ҳангоми истифодаи дороиҳои дар ихтиёрбудаи худ, онро ҷиҳати хубтар намудани низоми идоракунии устувории молиявӣ ба амлиётҳои фоиданок сарфарбар намояд.

Дар ин маврид ниҳондиҳандаи таркибии дороиҳо ба монанди дороиҳои пардохтпазир, қарзҳо, ФПТИ аз рӯи қарзҳо, сармоягузориҳо, ФПТИ аз рӯи сармоягузориҳо, воситаҳои асосӣ, дигар намуди дороиҳо, ки муҳиммияти он дар рушди дорои ва идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ баръало намоён мегардад, мебошад. Зеро ин нишондиҳандаҳо нишондиҳандаҳои асосии бонкҳои тиҷоратӣ маҳсуб меёбад. Дар сатҳи зарури идора намудани нишондиҳандаҳои номбаршуда, метавонад ба дигар самтҳои фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ таъсири мусбии худро расонад. Ҳоло он ки дар солҳои охир бонкҳои тиҷоратии ҷумҳурӣ ба чандин мушкилиҳо рӯ ба рӯ гардида бошад ҳам, аммо дар 7 соли охир тавонистанд дараҷаи рушди худро 135,6% баробар намоянд, ки ин фоли нек мебошад.

Маълумотҳои ҷадвали 2. ки дар он нишондиҳандаи таркибии дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ барои солҳои 2016-2022 мавриди таҳлил қарор дода шуд, дар натиҷа муайян намудем, ки дороии бонкӣ аз ҳисоби нишондиҳандаҳои таркибии худ сол ба сол зиёд гардида, қарзҳо дар 7 соли охир 129,1% ё ба андозаи 2367 млн. сомонӣ рушд намудааст. Сармоягузорӣ ҳамчун нишондиҳандаҳои таркибии дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ назар кунем, хелло ҳолати ташвишоварро (63,3%) мушоҳида менамоем. Воситаҳои асосӣ низ дар баробари нишондодҳои сармоягузорӣ коҳиш ёфтааст, ки ин ба идоракунӣ ва устувор нигоҳ доштани ҳолати молиявии бонкҳои тиҷоратӣ мушкилотро ба миён меорад.

**Ҷадвали 2.-Нишондиҳандаи таркибии дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ барои солҳои 2016-2022 (млн.сомонӣ)**

| Нишондиҳанда | Солҳо | | | | | | | Тағирот бо % 2016/2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| Дороиҳо | 18672 | 18236 | 18070 | 18217 | 22643 | 18009 | 25326 | 135,6 |
| Дороиҳои пардохтпазир | 6 048 | 5 713 | 5 869 | 5 018 | 6 969 | 6 115 | 12 042 | 199,1 |
| Қарзҳо | 8122 | 6811 | 6607 | 7124 | 8809 | 9437 | 10489 | 129,1 |
| ФПТИ аз рӯи қарзҳо | -1 673 | -1 696 | 2 027 | 1 828 | 1 790 | 1 430 | 1 608 | - |
| Сармоягузориҳо | 1 474 | 1 988 | 2 344 | 2 441 | 2 585 | 739 | 540 | -63,3 |
| ФПТИ аз рӯи сармоягузориҳо | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Воситаҳои асосӣ | 3 014 | 4 067 | 4 044 | 3 966 | 4 412 | 1 589 | 1 716 | 56,9 |
| Дигар дороиҳо | 1 687 | 1 353 | 1 234 | 1 495 | 1 657 | 1 557 | 2 145 | 127,1 |

Сарчашма: ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори бонкии солҳои 2018, 12 (281), С.80-81, 2019, №12 (293) С.867, 2020, №12 (305) с.86-87, 2021, №12 (316), С.24. 2022, №12 (329), С.25.

Дигар нишондиҳандаи таркибии дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ дороиҳои пардохтпазир мебошад. Пардохтпазирии бонкҳои тиҷоратӣ ҳолатеро инъикос менамояд, ки агар бонк уҳдадории худро бо аввалин дархости муштариёни худ ба монанди

қарздорону пасандозгузорон ва соҳибони қоғазҳои қиматнок қонеъ гардонида тавонад, бонкро пардохтпазир гуфтан мумкин аст. Ба ҳамин хотир идоракуннадагони бонкҳои тиҷоратӣ талош менамоянд, ки ин ҳолати нозукии бонкро дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доранд.

Ба андешаи Олейви Х.З. “...унсури таркибии пардохтпазирии бонкиро метавон идоракунии пули нақди ташкилоти қарзӣ номид, ки яке аз роҳҳои таъмини он идоракунии ухдадориҳои бонкҳо тавассути кам кардани хавфи қарзӣ ва ситонидани қарзҳо мебошад” [11,с.66]

Тибқи ислоҳоти сиёсати макропруденсиалӣ, ҳаҷми дороиҳои пардохтпазир бояд фарқияти байни хориҷшавӣ ва воридоти дороиҳоро дар ҳолатҳои номусоид фаро гирад. Яъне, бонкҳои тиҷоратӣ бояд буфери пардохтпазирии кофӣ дар давоми 30 рӯз ҳангоми пурзӯр шудани фишор ва таъсири омилҳои бӯҳронӣ нигоҳ дошта шаванд. Мақсади асосии он муҳофизат кардани хатарҳо ва кам кардани номутобиқатии калон дар мӯҳлатҳои дороиҳо ва ӯҳдадориҳо мебошад.

Ба андешаи мо афзоиши буфери пардохтпазирии бонкҳои тиҷоратӣ ва беҳтар намудани низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, аслан аз ҳисоби зиёд гардидани дороиҳои бонкӣ манфиатовар мебошад. Дигар ин ки бонкҳо ба воситаи зиёд намудани муҳлати маблағгузорӣ ва ё сармоягузорҳо ба дороиҳои пардохтпазир метавонанд, низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратиро таъмин намоянд. Аммо бонк дар ҳолате, чунин корҳоро карда метавонад, ки ҷобаҷогузории дороиҳоро дуруст ба роҳ монда сармояи кофии худӣ дошта бошад. Барои иҷрои ин меъёр принсипҳои зерин лозим аст:




**Расми 1. Принсипҳои пардохтпазирии бонкҳои тиҷоратӣ**
**Манбаъ: Таҳияи муаллиф**

Инчунин пардохтпазириро бонкҳои тиҷоратӣ метавонанд бо роҳи нигоҳ доштани пули нақд дар хазина, пасандоз намудани маблағҳо дар бонкҳои тиҷоратӣ ё бонки марказие, ки аз лиҳози молиявӣ устувор ва низоми идоракунии хуб доранд, ба роҳ монанд.

Иқтисодчии рус Леонтьев А.Б., дар автореферати диссертатсияи илмии худ оид ба устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ қайд намудааст, ки «....устувории молиявӣ бонкҳои тиҷоратӣ, унсури асосӣ барои таъмини мунтазам, пардохтпазирӣ ва бозоргирӣ буда, барои рушди манбаҳои дохилӣ сатҳи мувозинатро таъмин менамояд» [7,с.101] .

Барои сари вақт иҷро намудани ухдадориҳо дар назди мизоҷони худ бонкҳои тиҷоратӣ бояд дороиҳои пардохтпазирро зиёд намоянд. Дар мавриди зиёд намудани дороиҳои бонк, масъалаи дуруст идоракунии пардохтпазирӣ, аз ҳама масъалаи муҳим ба ҳисоб рафта, бонкҳои тиҷоратӣ бо ин роҳ мавқеи молиявӣ ва устувории онро дар лаҳзаҳои мушкил нигоҳ дошта тавонад.

Бо ҳамин ҳадаф, бонкҳои тиҷоратӣ талош менамоянд, ки пардохпазирӣ ва дороиҳои пардохтпазири худро дар сатҳи зарурӣ, ки асоси устувор идоракунии низоми молиявии бонкӣ мебошад, нигоҳ доранд.

Аз таҳлили маълумотҳои ҷадвали 1. дидан мумки аст, ки солҳои 2017-2019 яъне дар солҳои буҳронӣ, дороиҳои пардохтпазир дар муқоисаи ба дороиҳо кам шуда, аммо дар муқоисаи 7 соли охир солҳои 2016-2022 назар кунем, ба 99,1% афзудааст.

Аз ин маълумотҳои таҳлили хулоса бармеояд, ки бонкҳои тиҷоратии ҷумҳурӣ, дар солҳои охир меъёри пардохтпазирии ҷориро риоя намуда, ҳиссаи дороиҳои пардохтпазир низ ба талабот ҷавобгӯ гардида истодаанд.

Дар баробари ҳамин қайд менамоем, ки идоракунии устувории молиявӣ барои таъмини пардохтпазирии бонкҳои тиҷоратӣ хелло муҳим мебошад, зеро тавассути он ҳаҷми воситаҳои пулии ҷалбшуда, риояи ҷобаҷогузории дороиҳо ва андозаи сармояи худиро муайян кардан мумкин аст.

Дар иртибот ба гуфтаҳои мо Балабанов, И.Т. дар китоби “Хавфӣ -менеҷмент” –и худ қайд менамояд, ки “...ҳамаи дороиҳои бонкӣ вобаста ба дараҷаи пардохтпазирӣ ва муҳлат ба дороиҳои пардохтпазириашон баланд, дороиҳои пардохтпазир, дороиҳои пардохтпазириашон дарозмуддат, пардохтпазир дар амалиёт бо металлҳо ва пардохтпазирии умумӣ ҷудо мешаванд [3,с.230].

Ба андешаи Минаева, М.В. бошад аз ҳамаи чор гурӯҳи дороиҳои бонкӣ пардохтпазириашон баланд ин қарзҳое мебошанд, ки ба бонки дигари тиҷоратӣ ва қарзҳои кӯтоҳмуддат ба қарзгирандагони дараҷаи аввал дода мешаванд [10,с.28].

Аз гуфтаҳои олимон муайян намудан мумкин аст, ки сифати дороиҳо бештар аз пардохтпазирии дороиҳо, шумораи дороиҳои хавфнок ва шумораи дороиҳои фоидаовар вобаста аст.

Барои таъмини қобилияти ҳаррӯзаи иҷрои ӯҳдадориҳои худ, бонки тиҷоратӣ бояд ба сифати дороиҳои худ афзалият дода, ба талаботи пардохтпазирӣ ҷавобгӯ будани онҳоро таъмин намояд.

Владика, М.В. барои назорати сатҳи пардохтпазирии бонкҳои тиҷоратӣ меъёрҳои пардохтпазирӣ ба монанди фаврӣ, ҷорӣ, дарозмуддат ва умумӣ, инчунин, амалиёт бо металлҳои қиматбаҳо, ки ҳамчун таносуби дороиҳо ба уҳдадориҳо бо назардошти давра, миқдор ва дигар хусусиятҳо мебошанд, муайян намудааст [13].

Сифати дороиҳо хусусияти умумии онҳо буда, дар асоси меъёрҳо ба монанди пардохтпазирӣ, хавф ва даромаднокӣ муайян мешаванд. Пардохтпазирӣ аз сифат ва қобилияти дороиҳои бонк вобаста аст, ки дар ҳолати зарурӣ онҳоро метавон ба пули нақд табдил дод ва барои пардохти ӯҳдадориҳо истифода бурд.

Ҳаҷм ва андозаи қарз аз сифат ва миқдори муайяни дороиҳо вобаста аст, яъне баробари зиёд шудани сандуқи дороиҳо, сандуқи қарзӣ низ зиёд мешавад, ки метавонад ба даромаднокии бонк таъсири мусбӣ расонад. Дар ин ҳолат метавон ба сифати дороиҳои бонк баҳо дод ва муайян кард, ки онҳо дороиҳои баландсифатанд ё пастсифат мебошанд.

Арзёбии сифати дорои яке аз тадбирҳои муҳимтарини муайян кардани сатҳи устувории молиявӣ ва пешгӯии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ мебошад. Сифати дороиҳо дар низоми идоракунии устувори молиявии бонкҳои тиҷоратӣ саҳми калон дорад ва бо омилҳои зерин ба монанди мутобиқати сохтори дороиҳо бо сохтори пассив бо гузашти вақт, пардохтпазирӣ ва даромаднокии дороиҳо, , ҳиссаи қарзҳои мухлати гузашта, диверсификатсияи амалиёти фаъол, сифати сандуқи қарзӣ, ҳаҷм ва таносуби дороиҳои хавфнок ва камарзиш ва аломатҳои ноустувории дороиҳо ва ғайраҳо муайян карда мешавад.

Вобаста ба ин, Н. Ашуров қайд намудааст, ки барои муайян намудани фаъолияти устувори бонкҳо таҳлили сифати активҳо ва пассивҳо, инчунин, асоси захиравии онҳо аҳаммияти зиёд доранд[2,с.175].

Ба андешаи А.А. Максютов, сатҳи баланди сифати дороиҳо, пеш аз ҳама, бо он муайян карда мешавад, ки маблағҳои гузошташуда дар мухлати дар шартнома пешбинишуда бо назардошти арзиши ҳисобкардашудаи назди ташкилоти қарзӣ (барои дороиҳои ҷойгиршуда) то чӣ андоза пурра баргардонида мешаванд ё қобилияти фурӯхтани ин дороиҳо бо нархи на камтар аз арзиши балансиаш (барои дороиҳои дарозмуддат) мебошанд [8,с.384].

Барои таъмини қобилияти бонк дар иҷрои ӯҳдадориҳои худ сохтори дороиҳо бояд ба талаботи сифатии бозор ҷавобгӯ бошад. Яъне, нишондиҳандаҳои баланди молиявӣ вазъи хуби молиявӣ ва пардохтпазирии бонкро нишон медиҳанд. Дар баробари таъмини пардохтпазирии бонкҳо, ба назар гирифтани меъёрҳо ва стандартҳои байналмилалие муҳим аст, ки хусусиятҳои асосии фаъолияти фаъоли бонкҳоро инъикос мекунанд. Барои он ки амалиёти фаъоли бонкҳо дорои хусусиятҳо ва мундариҷаи ба худ хос бошад, муайян кардани пардохтпазирии бонк яке аз шартҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамин тариқ, пардохтпазирии бонкҳо барои васеъ намудани доираи амалиёти бонкӣ замина фароҳам меорад.

Ҳамин тариқ, сарфи назар аз тамоюли умумии таркиб ва сохтори дороиҳо, ҳар як бонк кӯшиш мекунад, ки ба ташкили сохтори дороиҳо таваҷҷӯҳ зоҳир намояд, ки бевосита ба сифати онҳо вобаста аст. Сифати дороиҳо бо пардохтпазирии онҳо бо назардошти шумораи дороиҳои хавфнок, шумораи умумии дороиҳои камарзиш ва шумораи дороиҳои фоидаовар муайян карда мешавад.

Қобили зикр аст, ки низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ аз ҳаҷм ва кифоятии сармоя, баробарии дороиҳо ва ӯҳдадориҳо, сифати идоракунӣ ва дигар нишондиҳандаҳо вобастагӣ дорад.

Аз ин рӯ, бонкҳо бояд муътадил фаъолият намуда, кифоятии сармоя ва пардохтпазириро хубтар кунанд. Ҳангоми паст шудани арзиши дороиҳо, фонди талафоти эҳтимолӣ таъсис диҳанд, то захираҳои зарурӣ барои иҷрои саривақтии ӯҳдадориҳо ва ҷуброн намуда, инчунин назорати пурра ва самараноки хавфҳо дошта бошанд.

Вобаста ба ҳамин гуфтаҳо Р.С.Вотинсева иброз менамояд, ки "...устувории молиявӣ бонкҳои тиҷоратӣ – маҷмӯи фаъолияте мебошад, ки қобилияти амалнамоии бонкро муаррифӣ намуда, аз рӯйи ухдадориҳои худ ҷавоб гуфтану доираи васеъи хизматрасониҳоро расонидану фоида овардан, новобаста аз тағйирёбии муҳити иқтисодӣ ва рақобат ба ҳисоб меравад" [8,с.23].

Яъне гуфтан мумкин аст, ки бонкҳои тиҷоратӣ маҷмуи амалиётҳои молиявӣ, аз қабили сармоягузориҳо, миёнаравиҳо қарзҳо ва ғайраро бо мақсади гирифтани фоида, руйпӯш намудани хароҷотҳо ва беҳтар намудани низоми молиявии хеш пешниҳод менамоянд. Яке аз даромадҳои асоссие, ки устувории молиявии бонҳои тиҷоратиро таъмин менамояд, ин даромадҳои фоизӣ мебошад.

Қобили зикр аст, ки манбаи амалиёти фаъоли бонкҳои тиҷоратӣ ӯҳдадориҳои он мебошад, ки аз сармояи худи бонк ва маблағҳои қарзӣ иборатанд. Асоси дороиҳои бонкҳои тиҷоратиро, ки дар амалиётҳои сердаромад ба таври васеъ истифода бурда мешаванд, ин ухдадориҳои бонкҳо мебошад, ки мо онро дар ҷадвали 3 пешниҳод намудаем.

**Ҷадвали 3.-Нишондиҳандаи таркибии ухдадориҳои бонкҳои тиҷоратӣ барои солҳои 2016-2022 (млн.сомонӣ)**

| Нишондиҳанда | Солҳо | | | | | | | Тағирот бо % 2016/2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Уҳдадориҳо | 14011 | 13362 | 13125 | 13043 | 16634 | 14277 | 20506 | 146,3 |
| Пасандозҳо | 8 849 | 8 720 | 9 041 | 8 590 | 10463 | 8 920 | 14 237 | 160,8 |
| амонатҳои дархостшаванда | 3 273 | 4 195 | 4721 | 4 323 | 5 718 | 4 401 | 7 009 | 214,1 |
| дигар амонатҳо | 5 576 | 4 525 | 4320 | 4 267 | 4 744 | 4 519 | 7 228 | 129,6 |
| қарзҳои мутамарказ | 289 | 90 | 70 | 98 | 110 | 37 | 0,96 | 0,3 |
| қарзҳои байнибонкӣ | 830 | 647 | 679 | 886 | 1 238 | 1 544 | 1 525 | 183,7 |
| векселҳо барои пардохт | 2 212 | 2824 | 2 189 | 2 030 | 292 | 2 283 | 2 422 | 109,4 |
| дигар уҳдадориҳо | 1 830 | 1 081 | 1 146 | 1 438 | 1 898 | 1 490 | 2 319 | 126,7 |

Сарчашма: ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори бонкии солҳои 2018, 12 (281), С.80-81, 2019, №12 (293) С.86-87, 2020, №12 (305) с.85-86, 2021, №12 (316), С.24. 2022, №12 (329), С.25.

Таҷриба нишон медиҳад, ки бонкҳои тиҷоратӣ ҳар қадар бештар барои ҷалб намудани воситаҳои молиявии дарозмуддат саъй кунанд, ҳамон қадар ин ӯҳдадориҳо боиси баланд шудани сатҳи даромади пулии онҳо дар давраҳои минбаъда мегардад. Илова бар ин, аз рӯи натиҷаҳои нишондиҳандаҳои дар ҷадвали 2.1.3 овардашуда метавон гуфт, ки асоси асосии захираҳоро ӯҳдадориҳои бонкҳои тиҷоратӣ, пасандозҳои мӯҳлатнок ва бемӯҳлат ташкил медиҳанд, ки андозаи онҳо 50 фоизи маблағи умумиро аз ҳаҷми захираҳо ташкил медиҳад. Тибқи таҳлилҳо, солҳои охир ин нишондод беш аз 60,8% афзоиш ёфтааст. Дигар нишондиҳандаҳо, аз қабили қарзҳои мутамарказ, қарзҳои байнибонкӣ, қарзи кредиторӣ ва дигар ӯҳдадориҳо қисми боқимондаи ӯҳдадориҳоро ташкил медиҳанд ва афзоиши онҳо низ ба назар мерасад.

**Ҷадвали 4. - Вазъи уҳдадориҳо бонкҳои тиҷоратии низомсози Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2022 (бо млн сомонӣ)**

| Бонкҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | Тағ, 2022 / 2016, бо мар. |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| КВД Амонатбонк | 2590,1 | 3310,8 | 3787,6 | 3706,1 | 4511,6 | 3862 | 5616,3 | 2,1 |
| ҶСК Ориёнбонк | 1902,8 | 2187,2 | 1980,3 | 2406,1 | 3114,3 | 3040,8 | 3452,8 | 1,8 |
| ҶСК Бонки Эсхата | 1403,7 | 1758,4 | 1617,3 | 1715,3 | 1993,4 | 2674,4 | 3442 | 2,4 |

Маълумотҳои таҳлилии ҷадвали 4 нишон медиҳанд, ки фаъолияти бонкҳои тиҷоратии низомсозӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо дигар бонкҳои ҷумҳурӣ дар ҳолати хуби идоракунӣ қарор дошта, дороиҳо ва пассивҳои баландсифат, фоидаи калон ва устувории молиявии қаноатбахш мебошанд.

Дар идоракунии худ ин бонкҳо ба қобилиятҳои маъмурии ҳайати роҳбарикунанда, тахассус ва таҷрибаи идоракунӣ, салоҳияти техникӣ, самаранокии идоракунии қарз ва дигар намудҳои идоракунӣ, қобилияти қабули қарорҳо дар ҳолатҳои душвор, сифати менеҷмент диққати бештар медиҳанд.

Дар асоси таҳлил метавон ба хулосае омад, ки дар шароити муосир бонкҳо бояд сифати дороиҳои худро беҳтар намуда, ҷиҳати афзоиш додани онҳо, тақсими одилонаи маблағҳои худӣ ва қарзӣ, сармоягузорӣ ва дигар дороиҳо бо мақсади беҳтар намудани сатҳи вазъи молиявии худ тадбирҳо андешанд. Ҳалли масъалаи ҷойгиркунии маблағҳо ба

қарзҳо ва сармоягузориҳо метавонанд низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратиро хубтар намояд.

Инчунин шарти зарурии низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ва пардохтпазирии он, ин қонеъ гардонидани талаботи мизоҷон, пасандозгузорон ё сари вақт иҷро намудани уҳдадориҳои худ мебошад, ба ҳамин хотир бонкҳои тиҷоратиро зарур аст, ки маблағҳои кофӣ ҷиҳати қонеъ гардонидани талаботи мизоҷони худ дошта бошанд.

Ҳамин тариқ, барои беҳтар намудани низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ва такмили он чунин тадбирандешиҳоро пешниҳод менамоем:

- дар муҳлатҳои кам, зуд ва бо ҳуҷҷатгузории осон пешниҳод намудани қарзҳои бонкҳои тиҷоратӣ, ки ин мизоҷро зиёд ва таваҷҷӯҳро бештар мегардонад;
- ҷустуҷӯ, дарёфт ва механизмҳои нави ҷалби сармоя барои зиёд намудани раванди қарздиҳӣ ва сармоягузорӣ барои беҳтар намудани даромаднокии бонкҳои тиҷоратӣ;
- хубтар намудани сифати дороиву сандуқи қарзӣ бо мақсади баланд бардоштани устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ;

## АДАБИЁТ


1. Аҳадов И. Қ. Такмили низоми идоракунии дороиҳои бонкӣ дар ҷумҳурии тоҷикистон / диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Душанбе-2024, С. 62
2. Ашуров, Н. Идора кардани хатари бонкӣ [Матн]/ Н.Ашуров, А.Ашуров. - Душанбе: ҶДММ «Суфра», 2013. - 175 с.
3. Балабанов, И.Т. Риск-менеджмент [Текст] /И.Т. Балабанов. - М.: Финансы и статистика, 1996. - С.230.
4. Барфиев, Қ.Х. Таҳлили иқтисодӣ. Китоби дарсӣ / Қ.Х. Барфиев. – Душанбе: Ирфон, 2019. – С. 337-349.
5. Бюллетени омори бонкии солҳои 2018, 12 (281), С.80-81, 2019, №12 (293) С.86-87, 2020, №12 (305) с.86-87, 2021, №12 (316), С.24-25, 2022, №12 (329), С.25.
6. Вершинина Т.Н., Жданова Н.В.. Оценка финансовой устойчивости банковского сектора, основанная на макроэкономических показателях деятельности //Сборник трудов по материалам I международной практической конференции «Социально-экономическое и научно-технологическое развитие прогноз и перспективы». -2016.-С.23-31.
7. Леонтьев А.Б.Финансовая устойчивость банковской системы Российской Федерации в условиях концентрации капитала банков. Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата экономических наук. Самара. 2013г. с.101
8. Максютов, А.А. Основы банковского дела. Учебное пособие [Текст] / А. А.Максютов. - М.: Бератор-Пресс, 2014. –384 с.
9. Мирзоев С. С. Баландбардории устувории молиявии низоми бонкии Тоҷикистон/ дисс... барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) Душанбе – 2019 С.74
10. Минаева, М.В. Портфель активов в коммерческих банках [Текст] / М.В. Минаева// Финансовая устойчивость. - 2013. - №42 (180). – С. 28-39.
11. Олейви, Х.З. Расчет и анализ риска ликвидности коммерческого банка в кризисных условиях функционирования / Х.З.Олейви // Научный результат. Экономические исследования. - 2021. - Т.7. - №2. - С. 66-73.
12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» | Президенти Тоҷикистон - President of Tajikistan - Президент Таджикистана - (prezident.tj) (санаи 27.01.2024)
13. Vladyka, M.V. Investments to the innovation economy of Russian regions: dynamics, structure [Текст] /M.V. Vladyka // Risks. International Business Management. -2016. - T. 10. - No 19. - P.504-505.

**УДК: 338.46**

**Орипов А.С., Джамолов Д.Ш., Одиназода Г.Н.**

## ИЗУЧЕНИЕ ЭКОЛОГО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ ФАКТОРОВ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В ТАДЖИКИСТАНЕ И ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

Современный мир не может развиваться без развития науки и техники, но рациональное использование эколого-экономических факторов предпринимательство не всегда учитываются, поэтому нам необходимо учитывать сегодняшние природные факторы, то, как во время развития экономики сравнивать все случаи касавшийся изменению климата как эколого-экономические факторы. Влияние эколого-экономических факторов стран мира. Изменение эколого-экономических состояний в последние десятилетия. Условия развития экономики Таджикистана и стран Центральной Азии. Республика Таджикистан как аграрная страна. Воды из рек Амударьи и Сырдарьи на основе получаемых по договору. Разрушение экологическое состояние и возрастание карбоната. С целью экологического изменения в течении последние 30-лет достиг таяние свыше 1000 ледников.

**Ключевые слова:** факторы, предпринимательство, развитие, экология, экономика, развитие.

**Орипов А.С., Джамолов Д.Ш., Одиназода Г.Н.**

## ОМӮЗИШИ ОМИЛҲОИ ЭКОЛОГӢ ИҚТИСОДИИ СОҲИБКОРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН ВА ОСИЁИ МИЁНА

Ҷаҳони муосир бидуни рушди илму техника рушд карда наметавонад, аммо истифодаи оқилонаи омилҳои экологӣ ва иқтисодӣ ва соҳибкорӣ на ҳамеша ба назар гирифта мешавад, аз ин рӯ мо бояд омилҳои табиии имрӯзаро ба назар гирем, пас ҳама ҳолатҳои марбут ба тағйирёбии иқлим ҳамчун омилҳои экологӣ ва иқтисодӣ ҳангоми рушди иқтисодӣ. Таъсири омилҳои экологӣ ва иқтисодии кишварҳои ҷаҳон. Тағйироти шароити экологӣ ва иқтисодӣ дар даҳсолаҳои охир. Шароити тараккиёти иктисодиёти Точикистон ва мамлакатхои Осиёи Миёна. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари кишоварзӣ. Об аз дарьёхои Амударьё ва Сирдарьё аз руи обхезихое, ки аз руи шартнома гирифта шудаанд. Вайрон шудани вазъияти экологӣ ва зиёд шудани карбонат. Бо мақсади тағир додани муҳити зист, дар 30 соли охир зиёда аз 1000 пиряххо об шуданд.

**Калидвожаҳо:** омилҳо, соҳибкорӣ, рушд, экология, иқтисод, рушд.

**Oripov A.S., Jamolov D.Sh., Odinazoda G.N.**

## THE STUDY OF ECOLOGICAL AND ECONOMIC FACTORS IN ENTREPRENEURSHIP TAJIKISTAN AND CENTRAL ASIA

The modern world cannot develop without the development of science and technology, but the rational use of environmental and economic factors is not always taken into account, so we must take into account current environmental factors, how the economy during the development compare all the cases related to climate change as an environmental and economic factor. Influence of ecological and economic factors of the world. Changing environmental and economic conditions in recent decades. Terms of development of the economy of Tajikistan and Central Asia. The Republic of Tajikistan as an agrarian country. The waters of the Amu Darya

and Syr Darya, based on received under the contract. The destruction of the ecological condition and increases carbonate. With a view to environmental changes during the last 30 years has reached more than 1000 glaciers melting.

**Key words:** factors, entrepreneurship, development, ecology, economics, development.

Влияние эколого-экономических факторов стран мира указывает, что, начиная с населения мира до изменения эколого-экономических состояний в течение 10-лет изменился. На сегодняшний день условия экономическое развития Таджикистана и стран Центральной Азии является одним из важнейших вопросов, и данный вопрос связан обеспечением населений чистой и безопасной водой. Основной источник прибыли стран Центральной Азии зависит от сельскохозяйственных культур, все пользователи земель по причине за недостатки водных ресурсов не обеспечиваются водой для развития экономики. [7 с.55-59.] Например, Республика Таджикистан является как аграрная страна, если мы проанализируем одного вида производства бахчевых культур, то получим несколько социальных, экономических и экологических недостатков. Например, в нашей республике в районах Деваштич, Мастча и Ляхш, которое их основная деятельность является картофелеводства, не могут обеспечит требования внутреннего рынка производственным продуктом, то как наша республика, начиная с 2015 года является как член Всемирной торговли отношении, но до нынешнего времени не достигнута необходимой цели положении ВТО.

Надо отметить, что все вышеупомянутые положении зависит от нехватки воды, которое является одним из влияющих факторов и с каждым годом развивается среди стран Центральной Азии. Это является неуважительностью среди водопользователей, среди стран Центральной Азии очевидно, что наблюдается возрастание населения, в связи с этим все более возрастает напряженность среди населений о удовлетворении потребности воды [13 с.81-83.]. Стран Центральной Азии необходимо соблюдать свое уважение и решать водных проблем. Наблюдения показывают, что в Центральной Азии основным фактором, которое влияет на развитие стран, является несоблюдение межгосударственных договоров и неустойчивость, и неравномерность использования воды в страны мира.




По существующему механизму вододеления между Центрально-азиатскими государствами, вододеление по трансграничным рекам Амударья и Сырдарья [4 с.186-188.].

Уточнение Схемы комплексного использования и охраны водных ресурсов реки Амударьи. Сводная записка, Институт «Средазгипроводхлопок», Ташкент, 1984г. Утверждена протоколом заседания Научно – технического Совета Министерства мелиорации и водного хозяйства СССР от 10 сентября 1987 г. №566, г. Москва. Протокол подписан Министром Н. Ф. Васильевым 3 декабря 1987 г.

Уточнение Схемы комплексного использования и охраны водных ресурсов бассейна реки Сырдарьи. Корректирующая записка, Институт «Средазгипроводхлопок»,

Ташкент, 1983г. Утверждена протоколом заседания Научно – технического Совета Министерства мелиорации и водного хозяйства СССР от 7 февраля 1984 г. №413. Протокол подписан Заместителем Министра Б. Г. Штепа 29 февраля 1984 г.[8 с.136-142.]




Надо отметить, что забранные воды из рек Амударья и Сырдарьи не могут обеспечить требования стран и их основная причина зависит от возрастания количество населений и сеяния пахотных земель Центральной Азии. Например, Республика Узбекистан с точки зрения нефтяных и газовых ресурсов по отношению к Киргизии и Таджикистана имеет достаточное преимущество, но в процессе экспорта нефти и газа в стран Центральной Азии в рамках межгосударственной связи случается возникновение определенных субъективных барьеров, которые затрудняют совместные развития и в процессе использования воды предлагают, что «Вода-это естественное богатство и природа дала нам воду», но нефть и газ тоже являются естественным богатством.

Анализы и предложения показывают, что напряженность процесс изменения эколого-экономических факторов селевых потоков и возрастания влияния селей к агроэкосистемам и других окружающей среды увеличился. В последних десятилетиях можно заметить, что основные факторы, которые влияют на загрязнение экологических факторов Центральной Азии и Таджикистана наносит серьезный ущерб и является большой численностью легковых больших и маленьких автомашин, которое данная причина влияет на загрязнение охраны и окружающей среды и увеличение карбоната (выхлопные газы) и эти факторы являются одним из причин таяния ледников, которые могут выявить неустойчивых причин.

В связи с этим, все изучения эколого-экономических факторов Центральной Азии показывает, что они находятся в неудовлетворительном состоянии. Мы должны охранять водных ресурсов, а также изучать изменения эколого-экономических факторов и увеличивать развития экономики стран мира.

Следует отметить, что Республики Таджикистан в решении глобальных водных проблем и изменения эколого-экономических факторов в страны мира играют важнейшую роль.

С предложением Участие и речь Основатель мира и национального единство Лидер Нации Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон для обеспечение населением чистой водой, которое в связи с объявлением 2003 год «Годом международной чистой водой», которое был утвержден со стороны ООН.

А также, в 58-ом сессии ООН 2005-2015 год был объявлен «Вода для жизни». Новое предложение Участие и речь Основатель мира и национального единство Лидер Нации Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон об объявлении десятилетия «Вода для устойчивого развития» в 2018-2028 годах является стремлением для реализации Программ Устойчивого Развития и была поддержана со стороны председателей 99 стран

мира и 29 международных областных организаций и стоит отметить, что не только обеспечит требования нынешней воды, но и завтрашней.

Участие и речь Основатель мира и национального единство Лидер Нации Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон в всемирном форуме о водных проблемах (12.04.2015 Южная Корея) общей обсуждении 70-сессии ООН (29.09.2015 США) в 21-ом конференции сторон конвенций ООН об изменении климата (30.11.2015 Франция) поднимет статус Таджикистана.

Следует отметить, что к влиянию эколого-экономическим факторам разные отрасли Центральной Азии наносят материальный ущерб. Многолетние факторы указывают на эколого-экономическое влияние на природу и отраслей социально-экономических ситуаций Центральной Азии. Согласно изучаемой мнении выяснилось, что приблизительно 60 последних лет средняя годовая температура только в Таджикистане увеличился на $1^0$С и количество осадочных дней возрастал [6 с .47-51.].

В Республики Таджикистан от 14000 ледники республики, которые являются жизненной значимостью для всех стран Центральной Азии, с недостатком экологического изменения в течении последних 30 лет свыше от 1000 ледник привело к исчезновению [12 с. 282-290.].

По мнению некоторых ученых один из сторон предотвращения экосистемы является строительство водохранилищ на формирование источников водных ресурсов. Этот фактор может стать причиной предотвращения и эколого-экономического состояния. И в дальнейшем государство может построить отдельные новые гидроэлектростанции на данных водохранилищах.

Анализы в регионах показывают, что страны водных источник в Центральной Азии является Таджикистан и Киргизстан и по отношению к другим странам Центральной Азии по водным ресурсам имеют достаточное преимущество. Преимущество этих двух стран еще в том, что по отношению показателей мусора карбонатные газа на небо среди стран, которое имеют низкий показатель объема мусорных газов и наблюдается незначительное эколого-экономический неустойчивость и главная причина основывается от большого количество населений стран Центральной Азии.

Основные факторы, которые влияют на устойчивость эколо-экономического региона, является нехватка воды Аральского моря и о нехватке воды способом ветер и пыли в страны Центральной Азии особенно стран водных источник наносит экологических влияний, а также приводит к исчезновению ледников.

Правительство Республика Таджикистана обращает внимание к проблемам решение соответствующих важных вопросов, которые являются важным элементом устойчивого развития.

Правительство утвердил национального плана действия по упрощении посланий изменения климата.

В соответствие с рамочной конвенции ООН об изменении климата было предложено три национальное предложения.

Кроме этого, Правительство Таджикистан утвердил государственную программу об обследовании и защите ледников 2010-2030 гг.

Таджикистан по водным ресурсам на каждого жителя занимает одно из ведущих мест в мире. На территории нашей страны образуется примерно 60% водных ресурсов средней Азии

Независимо от удовлетворительного запаса водных ресурсов на сегодняшний день только 57% населения страны имеют безопасный источник питьевой воды и 30 % из них имеют хорошее санитарное состояние. Эта задача особенно в селах находится в плохом состоянии и только 40% из них обеспечены питьевой водой и санитарные услуги занимает не более 10% [1 с. 98].

Согласно, существующих заявлений и анализов до 2030 года обеспечение воды обойдется на каждого человека 1,7 тыс. м$^3$ в год. В сравнении надо отметить, что этот показатель в 60-х годах прошлого века было приблизительно 6 тыс. м$^3$ на каждого человека в год.

Следует отметить, что снижение кубического метра воды является возрастанием населений, решением рационального использование воды является основная задача населения.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Бильчак В.С. Развитие региональных аспектов теории предпринимательства // Вестник Балтийского федерального университета им. И. Канта. Серия: Гуманитарные и общественные науки. №3.2013. С. 12
2. Брославский В.А. Институциональный анализ концепций предпринимательства В.А. Брославский, Н.В. Алексов // Экономика и экологический менеджмент. №1. 2015.С. 271-276.
3. Веблен Т. Теория делового предприятия / Пер. с англ. М.: Дело, 2007. 288 с.
4. Департамент по экономическим и социальным вопросам ООН: отдел народонаселение. с. 186-188.
5. Комилов С.Д. Государственное регулирование развития предпринимательства. Душанбе-2004.
6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (№791 аз 30 декабри с 2015) «Дар бораи ислоҳоти соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025» с. 47-51.
7. Проектный менеджер «Содействие интегрированному управлению водными ресурсами и трансграничному диалогу в ЦА, ПРООН в Таджикистане – Анатолий Холматов. 20.04.2011 г» - с. 55-59.
8. Саидов И.И. Современные подходи к управлению водными ресурсами в Таджикистане // Вестник педагогического университета. – Душанбе: ДДОТ, 2011. -№5 –с. 136-142.
9. Стратегия развития водного сектора Таджикистана, - Душанбе, 2006. -98 с.
10. Фаъолияти соњибкорӣ (Назария ва амалия) Душанбе 2023 Ҷамолов Д.Ш., Маҷидов П.А.
11. Ҳуқуқи соҳибкорӣ Душанбе 2013. Ҳасанов Ш.К.
12. Экономика водного хозяйство Д.Т.Зузик Москва «Колос» 1980 с. 282-290.
13. Эмомалӣ Раҳмон – Пешвои миллат. – Душанбе, «Маориф», 2016 с. 81-83.


**УДК 336.22**

**Раҷабов К.Р., Султонов З.С.**

## ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ АНДОЗБАНДИИ ДАРОМАДИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ

Тадқиқ карда шуд, ки андоз аз даромади шахсони воқеӣ дар мамлакати мо чун дар аксари давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққикардаи ҷаҳон манбаи асосии даромади буҷети давлатӣ мебошад. Аммо чӣ тавре, ки амалия нишон медиҳад он чӣ аз ҷиҳати дараҷаи ба даст овардани самараи иқтисодиёт ва чӣ аз ҷиҳати адолатӣ, иҷтимоӣ дар татбиқи он ба дараҷаи инкишофи андозҳои якхела дар мамлакатҳои тараққикарда мувофиқ нест. Дар робита ба ин, мақолаи пешниҳодшуда фарқиятҳои назаррасро дар

механизми андозбандии даромади шахсони воқеӣ дар хориҷа бо мақсади такмили минбаъдаи он нисбат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор мекунад.

**Вожаҳои калидӣ:** андоз аз даромади шахсони воқеӣ, манбаъ, буҷет, давлат, низоми андоз, вазъи андоз, тарҳ, имтиёзҳои андози инфиродӣ, сокини оддӣ, ҷои истиқомат.

**Раджабов К.Р., Султанов З.С.**

## ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ НАЛОГООБЛОЖЕНИЯ ДОХОДОВ ФИЗИЧЕСКИХ ЛИЦ

Исследовано, что налог на доходы физических лиц в нашей стране, как и в большинстве экономически развитых стран мира, является основным источником доходов государственного бюджета. Однако, как показывает практика, он несовместим с уровнем развития единых налогов в развитых странах как с точки зрения экономической эффективности, так и с точки зрения социальной справедливости. В связи с этим в представленной статье выявляются существенные различия в механизме налогообложения доходов физических лиц за рубежом с целью его дальнейшего совершенствования по сравнению с Республикой Таджикистан.

**Ключевые слова:** налог на доходы физических лиц, источник, бюджет, государство, налоговая система, налоговый статус, вычет, индивидуальные налоговые льготы, обычный резидент, место жительства.

**Rajabov K.R., Sultonov Z.S.**

## FOREIGN EXPERIENCE IN TAXATION OF INDIVIDUALS INCOME

It has been studied that personal income tax in our country, as in most economically developed countries of the world, is the main source of state budget revenue. However, as practice shows, it is incompatible with the level of development of uniform taxes in developed countries, both from the point of view of economic efficiency and from the point of view of social justice. In this regard, the presented article identifies significant differences in the mechanism of taxation of personal income abroad with the aim of further improving it in comparison with the Republic of Tajikistan.

**Key words:** personal income tax, source, budget, state, tax system, tax status, deduction, individual tax benefits, ordinary resident, place of residence.

Андоз аз даромади шахсони воқеӣ дар низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ҷойҳои марказиро ишғол мекунад, ки ин аз аҳамияти баланди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии ин намуди андоз вобаста аст. Андозсупорандагони он доираи васеи шахсоне мебошанд, ки даромади муайян мегиранд. Дар баробари ин: “...хусусияти махсуси андоз аз даромади шахсони воқеӣ дар он ифода меёбад, ки ҳар як шахс, сарфи назар аз шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ, вазъи иҷтимоӣ ё дигар меъёрҳо” [7], кам кардани маблағи даромади бадастовардаашро ба андозаи муқаррарнамудаи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

“Андоз аз даромади шахсони воқеӣ, андози мустақим буда, тақрибан дар тамоми дунё амалӣ мегардад ва дар айни замон ба афзоиши ҳиссаи он дар сохтори даромадҳои буҷети давлатӣ тағйирот ворид карда мешавад. Ҳамин тариқ, даромадҳо аз ин намуди андоз ба буҷети давлатии мо яке аз манбаъҳои ташаккули буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, ки аз ҷиҳати ҳаҷм (01.01.2024 – 3 341,0 млн. сомонӣ) аз даромади андозҳо барои захираҳои табиӣ (01.01.2024 – 1 037,6 млн. сомонӣ) дар ҳаҷми 2 303,4 млн. сомонӣ зиёд мебошад” [5].

Аммо сарфи назар аз аҳамияти андоз аз даромади шахсони воқеӣ, таҷрибаи дохилии танзим дар ин қисмат номукаммал боқӣ мемонад, зеро:

- ✓ бори андоз аз даромади шахсони воқеӣ тибқи меъёрномаи муқараргардидаи қонунгузории андоз то ин ҷониб зиёд аст;
- ✓ методҳои пешниҳоди тарҳҳо аз андоз аз даромади шахсони воқеӣ ба принсипи адолати иҷтимоӣ мувофиқат намекунад;
- ✓ идоракунии андоз аз даромади шахсони воқеӣ суст таҳия шудаанд;
- ✓ мушкилотҳои оптималии меъёри андоз аз даромади шахсони воқеӣ ва ғайра ба миён меоянд.

Ҳамин тариқ, зарурати такмил додани механизми танзими андозбандии даромади шахсони воқеӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар асоси омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ, муҳим ва саривақтӣ мебошад.

Пеш аз ҳама бояд қайд кард, ки: "...андоз аз даромади шахсони воқеӣ дар ҳар як мамлакат хусусиятҳои худро дорад, ки бо омилҳои таърихӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва ғайра муайян карда мешаванд. Аз ҷумла, дар Британияи Кабир, ки зодгоҳи андоз аз даромади шахсони воқеӣ (income tax) аст, низоми муосири андозбандии даромади шахсони воқеӣ бо ислоҳоти андози соли 1973 муқаррар карда шудааст. Низоми андози Британияи Кабир бевосита аз он вобаста аст, ки шахси воқеӣ дорои мақоми резидент, сокини оддӣ ё шахсони воқеие, ки ҷои истиқоматии доимӣ доранд" [2].

"Сокини оддӣ (ordinarily resident) - шахсе мебошад, ки дар Британияи Кабир зиёда аз се сол зиндагӣ кардааст ё шахсе, ки ҳангоми ворид шудан ба ин кишвар нияти боқӣ мондани худро ба муддати беш аз се сол эълон мекунад. Вазъи шахсони воқеие, ки ҷои истиқоматии доимӣ (domicile) доранд, тибқи консепсияҳои ҳуқуқии Бритониё муайян карда мешавад: шахсе, ки дар Британияи Кабир истиқомат мекунад, агар ӯ дар Британияи Кабир дар оилаи волидайни бритониёӣ таваллуд шуда бошад" [6].

Дар ҷадвали 1. меъёри андоз аз даромади шахсони воқеӣ дар Британияи Кабир дар солҳои 2022-2023 пешниҳод мегардад.

**Ҷадвали 1. Меъёри андоз аз даромади шахсони воқеӣ дар Британияи Кабир нисбат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2022-2023**

| Р/т | Номгӯйи андоз аз даромади шахсони воқеӣ | Меъёри андоз аз даромади шахсони воқеӣ |
|---|---|---|
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | | |
| 1. | барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойи кори асосӣ | 12% |
| 2. | барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойи кори ҳамкор | 15% |
| 3. | барои шаҳрвандони ҳориҷӣ то 182 шабонарӯз | 20% |
| **Британияи Кабир** | | |
| 1. | аз 12 571 то 50 270 £ | 20% |
| 2. | аз 50 271 то 150 000 £ | 40% |
| 3. | зиёда аз 150 000 £ | 45% |

Манбаъ: дар асоси омӯзиши меъёри андоз аз даромади шахсони воқеӣ дар Британияи Кабир ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2022-2023

Аз таҳлили ҷадвали 1 бар меояд, ки низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба низоми андози Британияи Кабир меъёри андоз аз даромади шахсони воқеӣ барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гурӯҳи якум аз 5 то 7%, барои гурӯҳи дуюм аз 25 то 27% ва барои гурӯҳи сеюм 30 то 32%-ро ташкил медиҳад. Агар нисбати шаҳрвандони хориҷӣ гирем барои гурӯҳи якум бетағйир, барои гурӯҳи дуюм 20% ва барои гурӯҳи сеюм 25%-ро ташкил медиҳад.

Андоз аз даромади шахсони воқеӣ дар Иёлоти Муттаҳида як қисми андозҳои федералӣ, штатӣ ва маҳаллӣ мебошад, яъне дар байни ҳамаи шохаҳои ҳокимият тақсим карда мешавад. Андоз аз даромади шахсони воқеиро: шахсони воқеӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ва ширкатҳое, ки шахсони ҳуқуқӣ нестанд, пардохт мекунанд. Шахсони воқеӣ мақоми гуногуни андоз мегиранд, ки тарҳҳои татбиқшавандаро муайян мекунанд:

- ✓ зану шавҳар, ки эъломияи муштарак пешниҳод мекунанд;
- ✓ зану шавҳар эъломияи андози алоҳида пешниҳод мекунанд;
- ✓ сардорони оилаҳо;
- ✓ андозсупорандагони ягона;
- ✓ бевазанон.

“Андоз аз даромади шахсони воқеӣ манбаи якхела муҳим барои буҷаи ИМА мебошад. Меъёри андоз аз даромади шахсони воқеӣ прогрессивӣ буда, вобаста ба даромади гирифташуда аз 10 то 37% фарқ мекунад” [3]. Ӯҳдадории пардохти андоз на танҳо ба шаҳрвандони ИМА, балки ба ҳамаи шаҳрвандоне, ки дар Иёлоти Муттаҳида зиндагӣ мекунанд ва аз кор ё дигар фаъолиятҳои музднок даромад мегиранд, дахл дорад. Сарфи назар аз он, ки меъёри андоз аз даромади шахсони воқеӣ хеле баланд аст, андозсупорандагон ҳуқуқ доранд манбаи андозро ба андозаи хароҷоти иҷозатдодашуда кам кунанд. Ба ғайр аз андоз аз даромади шахсони воқеӣ, дигар пардохтҳои ҳатмӣ - андозҳои иҷтимоӣ ва тиббӣ, андоз аз мерос ва тӯҳфа, андозҳои амвол мавҷуданд.

Гуфтан мумкин аст, ки даромади шахсони воқеӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо меъёрҳои 12 то 15% ва барои шаҳрвандони хориҷӣ то 182 шабонарӯз 20% муқаррар шудааст. Андозбандии даромади шахсони воқеӣ дар Иёлоти Муттаҳида нисбати Ҷумҳурии Тоҷикистон тақрибан 22% зиёд мебошад.

Хароҷоти либоси корӣ, роҳкиро ва баъзе хароҷоти дигаре, ки бевосита ба фаъолияти истеҳсолӣ алоқаманданд, ҳам барои шахсони ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул ва ҳам барои шахсони бо кор таъминшуда тарҳ карда мешаванд. Баъзе навъҳои дигари даромад пурра ё қисман истисно карда мешаванд: 50% даромад аз фурӯши фондҳои асосии дарозмуддат, фоизи облигатсияҳои аз тарафи мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ ва махаллӣ баровардашуда, навъҳои алоҳидаи пардохт аз фондҳои давлатӣ ва хусусии таъминоти иҷтимоӣ.

Ба ҷои тарҳи стандартӣ аз даромад, андозсупоранда метавонад баҳисобгирии хароҷотро истифода барад:

“...фоизҳо аз рӯйи қарзҳои шахсӣ ва қарзи ипотека, ки бо молу мулк таъмин карда шудааст;

- ✓ хароҷоти тиббӣ;
- ✓ саҳмҳо ба фондҳои хайрия;
- ✓ такмили ихтисос, хароҷоти сафар;
- ✓ андозҳои давлатӣ ва маҳаллӣ;
- ✓ хароҷот барои кӯчидан ба ҷои истиқомат” [11].

“Фаронса дорои низоми васеи тарҳҳои андоз: касбӣ, оилавӣ, иҷтимоӣ, моликият. Азбаски меъёри андоз аз даромад дар Фаронса прогрессивист, андозаи тарҳ метавонад ба меъёри татбиқшаванда таъсир расонад” [1]. Гузашта аз ин, дар Фаронса: “...як тоифаи одамоне мавҷуд аст, ки аз пардохти ин андоз комилан озоданд - шахсони воқеие, ки даромадашон аз сатҳи муайяни даромад камтар аст, дар ҳоле ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар як фард новобаста аз андозаи он бояд 12% музди меҳнатро пардохт кунад” [8].

“Дар Олмон объекти андоз аз даромади шахсони воқеӣ тамоми даромадҳое мебошанд: аз меҳнати кироя, мустақилона шуғли аҳолӣ (барои шахсони дорои касбҳои озод), моҳидорӣ ё фаъолият дар соҳаи кишоварзӣ ва ҷангал, аз сармоя, иҷораи амвол ва

тамоми даромадҳои дигар. Дар баробари ин як қисми даромади гирифташуда (пардохтҳо аз фондҳои суғуртаи иҷтимоӣ, кӯмаки иҷтимоии давлатӣ, кӯмакпулиҳои кӯдакон ва ғайра) андозбандӣ намешаванд” [4].

“Дар байни кишварҳои ҳамсоя Ҷумҳурии Арманистонро қайд кардан лозим аст, ки дар он якчанд намуди меъёрҳои андоз аз даромади шахсони воқеӣ муқаррар шудаанд: аз рӯйи намуди даромад ва андозсупоранда. Дар баробари ин, дар ин кишвар, паст будани прогрессивӣ бори андози даромади шахсони воқеиро ба души коргароне, ки маоши кам доранд, мегузорад” [12].

“Низоми андози Ҷумҳурии Қирғизистон андоз аз даромади шахсони воқеиро бо меъёрҳои прогрессивӣ вобаста ба даромади умумии дар соли тақвимӣ гирифташуда муқаррар менамояд” [9].

“Дар Литва ва Латвия танҳо як меъёри андоз мавҷуд аст (на ибтидоӣ, на ҳадди аксар) ва дар Латвия - 24% ва дар Литва - 15% баробар аст. Дар ин кишварҳо тақсимоти андозбандии даромад вобаста ба намуди онҳо пешбинӣ шудааст” [10].

Дар ҷадвали 2 меъёри андоз аз даромади шахсони воқеӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба Британияи Кабир, Иёлоти Муттаҳида, Фаронса, Олмон, Арманистон, Қирғизистон, Литва ва Латвия дар соли 2023 пешниҳод мегардад.

**Ҷадвали 2. Меъёри андоз аз даромади шахсони воқеӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба мамлакатҳои тараққикардаи дунё дар соли 2023**

| Давлатҳо | Номгӯйи андоз аз даромади шахсони воқеӣ | Меъёри андоз аз даромади шахсони воқеӣ |
|---|---|---|
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойи кори асосӣ | 12% |
| | барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойи кори ҳамкор | 15% |
| | барои шаҳрвандони ҳориҷӣ то 182 шабонарӯз | 20% |
| Британияи Кабир | аз 12 571 то 50 270 £ | 20% |
| | аз 50 271 то 150 000 £ | 40% |
| | зиёда аз 150 000 £ | 45% |
| Иёлоти Муттаҳида | вобаста ба даромади гирифташуда | аз 10 то 37% |
| Фаронса | аз 20 то 74 ҳазор евро | 30% |
| | то 160 ҳазор евро | 41% |
| | зиёда аз 160 ҳазор евро | 45% |
| Олмон | аз 9 744 то 14 754 ҳазор евро дар 1 сол | 14 – 24% |
| | аз 14 754 то 57 919 ҳазор евро дар 1 сол | 24 – 42% |
| | аз 57 919 то 274 613 ҳазор евро дар 1 сол | 42% |
| | зиёда аз 274 613 ҳазор евро дар 1 сол | 45% |
| Ҷумҳурии Арманистон | аввал 80 ҳазор драми арманӣ дар як моҳ | 10% |
| | маблағи аз меъёри муқарраршуда зиёд, то 2 млн. драми арманӣ | 20% |
| | маблағи зиёда аз 2 млн. драми | 25% |

| | | |
|---|---|---|
| | арманӣ | |
| Ҷумҳурии Қирғизистон | ба дараҷаи даромад вобаста нест | 10% |
| Литва | барои шаҳрвандони Литва ва шаҳрвандони хориҷӣ | 15% |
| Латвия | барои шаҳрвандони Литвия ва шаҳрвандони хориҷӣ | 24% |

Манбаъ: дар асоси омӯзиши меъёри андоз аз даромади шахсони воқеӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон.

Аз таҳлили ҷадвали 2 бар меояд, ки дар тамоми ҷаҳон аз рӯйи низоми андози амалкунандаи давлатҳои тараққикарда меъёри андоз аз даромади шахсони воқеӣ нисбати Ҷумҳурии Тоҷикистон фарқ мекунанд. Дар асоси моддаи 191 қисми 8 қонунгузории андоз барои шахсони воқеӣ дар қаламравӣ ҷумҳурӣ бояд ба пурраги амалӣ карда шавад то ин, ки бори андоз барои шахсони воқеӣ аз меъёри 12% камтар мешавад. Мумкин аст, ки меъёри андоз аз даромади шахсони воқеӣ 0,01 то 0,05% камтар мешавад.

Хулоса ҳаминро бояд қайд намуд, ки таҷрибаи хориҷии андозбандии даромади шахсони воқеӣ, ба фикри мо, чунин аст:

- ✓ муносибатҳои андозӣ ба меъёрҳои андоз аз даромади шахсони воқеӣ аз нав дида баромада шаванд, гузаштан ба шкалаи прогрессивии андозбандӣ;
- ✓ таҳияи методҳои кам кардани бори андоз ба шаҳрвандони ҷумҳурӣ;
- ✓ индексатсияи солонаи тарҳҳои меъёрии андозро ба сатҳи таваррум таъмин бояд намуд;
- ✓ аз нав дида баромадани низоми пешниҳоди тарҳи андоз аз даромади шахсони воқеӣ.

## АДАБИЁТ


1. French Social Security 2013, Intransit International Executive Relocations, viewed 16 November 2013 [Электронный ресурс]. – URL: http://www.intransitinternational.com (дата обращения: 27.06.2014).
2. Internet resource - https://feodgroup.com/immigration/uk/tax-resident
3. Internet resource - https://i-offshore.ru/nalogooblozhenie/usa/
4. Nichtamtliches Inhaltsverzeichnis. Einkommensteuertarif [Электронный ресурс]. – URL: http://www.gesetze-im-internet.de (дата обращения: 27.06.2014).
5. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳисобот оид ба иҷрои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023.
6. Костылева Л.В. Налогообложение как механизм регулирования неравенства населения // Экономические и социальные перемены: факты, тенденции, прогноз. – 2011. – № 3 (15). – С. 66–77.
7. Моддаи 183 қисми 1-3 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав бо назардошти тағйиру иловаҳо аз 13.11.2023, №2000.
8. Раҷабов К.Р., Давлятов Э.М. Тадқиқи меъёрҳои андоз аз даромад дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми ДДТТ 1(45)/2023. –с.35-39.
9. Система налогообложения Кыргызской Республики [Электронный ресурс] // Портал поддержки бизнеса в Кыргызстане. – URL: http://business.gateway.kg (дата обращения: 27.06.2014).
10. Ставки налогов в Латвии [Электронный ресурс] // bizlaw.lv: информационный раздел. – URL: http://bizlaw.lv/archives/1157 (дата обращения: 27.06.2014).

11. Терентьева С.Н. Сравнительная характеристика налогообложения физических лиц налогом на доходы в США и во Франции // Финансовый менеджмент. – 2005. – № 2. – С. 78–91.
12. Хачатрян А. Армения: как обстоит вопрос с доходами рядовых граждан? Армения: как обстоит вопрос с доходами рядовых граждан? // Новости Армении. – NEWS.am., 16 июля 2013 г. – URL: http://m.news.am/rus/news/162586.html (дата обращения: 27.06.2014).

**УДК 336.1**

**Расулов Т.М., Расулов М.Ғ.**

## БАҲИСОБГИРИИ ДАРОМАДҲО ВА ВОСИТАҲОИ ПУЛИИ БУҶЕТ

Дар мақола ҷанбаҳои назариявию амалии баҳисобгирии даромадҳо ва воситаҳои пулии буҷет баррасӣ гардидаанд. Муаллиф ҷиҳатҳои характерноки баҳисобгирии муҳосибиро дар шароити иқтисоди бозорӣ таҳқиқ намуда, воситаҳои пулии корхонаҳоро ҳамчун унсури муҳимтарини воситаҳои гардон, дорои қобилияти баланди бозоргирӣ ва таъминкунандаи рушди устувору босуръат тавсиф кардааст. Ӯ таъкид намудааст, ки дар шароити ҳозира, ки бисёр корхонаҳо бо камбуд ва маҳдудияти воситаҳои молиявӣ дучор шудаанд, такмили идоракунӣ, бо истифода аз воситаҳои техникии муосир ва барномаҳои соҳавӣ дар сатҳи баланд ба роҳ мондани фаъолияти хадамоти муҳосибот барои пешрафти иқтисодиёти мамлакат мусоидат менамояд. Дар хотима муаллиф рӯйхати мукотиботи ҳисобҳо оиди баҳисобгирии воситаҳои пулӣ ва маблағгузории молиявиро бо зикри дебет ва кредит овардааст, ки аз он муҳосибон ва муҳаққиқон метавонанд ба осонӣ ба таври самаранок истифода намоянд.

**Калидвожаҳо:** баҳисобгирии муҳосиботӣ, баҳисобгирии буҷет, ташкилоти буҷетӣ, анбӯҳи пулҳо, иқтисодиёт, молия, воситаҳои пулӣ, воситаҳои гардон, хазинадорӣ, аккредитив, ҳисобҳои шахсӣ, назорати молиявӣ, мукотиботи ҳисобҳо, чекҳо, асъори миллӣ, асъори хориҷӣ.

**Расулов Т.М., Расулов М.Г.**

## УЧЕТ ДОХОДОВ И ДЕНЕЖНЫХ СРЕДСТВ БЮДЖЕТА

В статье рассматриваются теоретические и практические аспекты учета доходов и бюджетных средств. Изучив специальные аспекты бухгалтерского учета в условиях рыночной экономики, авторы охарактеризовали финансовые средства предприятий как важнейший элемент основных средств, обладающий высокой ликвидностью и обеспечивающий стабильное и быстрое развитие. Он подчеркнул, что в нынешних условиях, когда многие компании сталкиваются с нехваткой и ограниченностью финансовых средств, совершенствование управления, осуществ ление бухгалтерской деятельности на высоком уровне с использованием современных технических средств и отраслевых программ способствует прогрессу экономики страны. В конце, автор приводит перечень корреспонденций счетов по учету денежных средств и финансирования с упоминанием дебета и кредита, которыми легко и эффективно могут воспользоваться бухгалтеры и исследователи.

**Ключевые слова:** бухгалтерский учет, бюджетный учет, бюджетная организация, денежная масса, экономика, финансы, денежные средства, инструменты движения,

казначейство, аккредитив, лицевые счета, финансовый контроль, корреспонденция счетов, чеки, национальная валюта, иностранная валюта.

**Rasulov T.M., Rasulov M.G.**

**ACCOUNTING OF INCOME AND MONEY INSTRUMENTS OF THE BUDGET**

The article discusses the theoretical and practical aspects of accounting for income and budgetary funds. The author studied the special aspects of accounting in a market economy and characterized the financial assets of enterprises as the most important element of driving assets, which has high liquidity and ensures stable and rapid development. He emphasized that in the current conditions, when many companies are faced with a shortage and limited financial resources, improving management, carrying out accounting activities at a high level using modern technical means and industry programs contributes to the progress of the country's economy. At the end, the author provides a list of correspondence accounts for accounting for monetary instruments and cash financing with mention of debet and credit, which can be easily and effectively used by accountants and researchers.

**Key words**: accounting, budget accounting, budgetary organization, money supply, economics, finance, monetary instruments, instruments of movement, treasury, letter of credit, personal accounts, financial control, correspondence of accounts, checks, national currency, foreign currency.

Воситаҳои пулӣ шарти асосии фаъолияти мураттаб ва устувори корхонаю муассисаи ҳар як мамлакат ба ҳисоб мераванд. Барои ҳамин ҳам, субъектҳои иқтисодӣ мунтазам саъю кӯшиши зиёд менамоянд, ки баҳисобгирии воситаҳои пулиро дар сатҳи баланд ва мувофиқи талаботи стандартҳои мавҷуда ба роҳ монда, дар ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ маълумотҳои аниқу дақиқ ва асосноку боэътимодро сари вақт сабт намуда, аз захираҳои мавҷуда оқилона ва сарфакорона истифода баранд. Ин бесабаб нест, зеро маблағҳои пулӣ дар байни воситаҳои гардон ягона воситае мебошанд, ки қобилияти баланди бозоргирӣ ва таъмин намудани муомилоти босуръатро доранд.

Дар шароити ҳозираи иқтисоди бозорӣ, ки аксари корхонаҳо бо проблемаи камбуд ё норасоии пулу асъори хориҷӣ рӯбарӯ ҳастанд, маҳз мавҷудияти маблағҳои пулӣ дар ҳаҷми зарурӣ барои муътадил гардидани фаъолияти устувор ва беҳтар шудани қобилияти пардохтпазирии онҳо, афзоиши даромад ва фоида аҳамияти бештар пайдо намудааст.

Дар адабиёти илмию таълимӣ мафҳуми даромадҳо ва воситаҳои пулии буҷет ба қадри кофӣ шарҳу тавзеҳ дода шудаанд. Инро мо дар асарҳои Агеева О. А. [3. 75-81], Жуклинец [5] И.И., Дмитриева И.М. [4], Шарифов З.Ш. [8] ва дигарон бараъло дида метавонем. Дар китоби дарсии Кондаратков Н.П. тартиби баҳисобгирии даромадҳои буҷетӣ ба таври муфассал инъикос гардидааст [6, 274-296]. Муаллиф Маслова Т.С. бошад, дар китоби худ қайд намудааст, ки даромадҳои буҷет ин воситаҳои пулие мебошанд, ки мутобиқи қонунгузориҳои мавҷуда ба буҷет ба таври ройгон ва бебозгашт ворид гаштаанд [7].

Даромадҳои буҷетӣ, асосан, аз пардохтҳои андозӣ ва ғайриандозӣ иборат мебошанд. Дар ин робита, дар бораи даромадҳои андозӣ дар боби 6 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти мушаххас оварда шудааст. Аз ҷумла, тамоми намудҳои андозҳои давлатӣ, андозҳои маҳаллӣ, низомҳои пардохти соддакардашуда, боҷи давлатӣ, боҷи гумрукӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет зикр гардидаанд [2].

Ба даромадҳои ғайриандозӣ бошанд, даромадҳо аз моликияти давлатӣ, баъди пардохти андозҳо ва дигар пардохтҳо, даромадҳо аз фурӯши амволи давлатӣ (ба ғайр аз саҳмия ва дигар шаклҳои ширкат дар сармоя, инчунин захираҳои фулузоти қиматбаҳои

дар ихтиёри давлатбуда, баъди пардохти андозу пардохтҳо; даромадҳои аз химатрасониҳои пулакии тавассути муассисаҳои бюҷетӣ расонидашуда, пас аз пардохти андозҳо; маблағҳои аз ҷаримапулиҳо, амалиёти ғасб, ҷубронпулиҳо ва дигар маблағҳои маҷбуран ситонидашуда, маблағҳои пардохтнамудаи худи шаҳрвандон ва дигар пардохтҳо) ғайрианозӣ мансубанд.

Маблағҳои ройгон бошанд, аз инҳо иборатанд: дотатсияҳо аз дигар буҷетҳо, субсидия ва субвенсияҳо аз дигар буҷетҳо, дигар интиқолоти байнибуҷетии воридшуда ва маблағҳои хайрияи аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дохилию хориҷӣ воридшуда. Дар мавзӯи зикршуда дар "Дастурамал оиди пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои бечетӣ маълумот мавҷуд мебошад" [1, 13-7]

Бояд қайд намуд, ки дар ҳамаи мақомоти молиявӣ баҳисобгирии муҳосибии Ҷумҳурии Тоҷикистон даромадҳои буҷети давлатӣ ин таъмини муназзами назорат ба воридоти пурра ва саривақтии даромадҳо ба буҷети мамлакат аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии андозсупоранда мебошад. Дар амалия барои ҳисоботи даромадҳои буҷет ҳисоби 442300 истифода бурда мешавад. Ҳисоби мазкур ҳисоби асосии даромадҳои буҷаи давлатии кишварро фаро мегирад. Дар зимн ёдовар мешавем, ки ҳисоби зикршуда ғайрифаъол буда, дар дебет маблағҳои зиёдатии воридшуда ва ба андозсупорандагони мушаххас гардондашуда ба қайд гирифта мешаванд.

Дар қисмати кредит бошад, даромадҳои буҷа дар давоми соли ҷорӣ, бақияи маблағҳои буҷа дар аввали сол, барои ҷуброн намудани хароҷоти ҷорӣ сабт мегардад. Бақияи ин ҳисоб маблағи даромадҳои буҷетиро барои даври муайян инъикос менамояд. Инчунин аз он доир ба иҷрои қисми даромади буҷет маълумот гирифтан мумкин аст.

Мусаллам аст, ки ворид шудани маблағҳои муайян аз андозсупорандагони кишвар даромади бучетро мутаносибан зиёд менамояд. Ҳамзамон, бо зиёдшавии даромадҳои бучет маблағҳои пулӣ ҳам хеле афзоиш меёбад. Воситаҳои пулии мавҷуда пулҳои накди хазинадориро дар бар мегиранд.

Кулли воситаҳои пулии дар суратҳисоб ҳисоб зикргардида, хисоби асъории корхона ва ҳисоби пасандоз, ҳамчунин дар намуди аккредитивҳо, чекҳои имтиёзӣ нигоҳ дошта мешаванд. Дар маҷмӯъ, воситаҳои пулӣ барои дарёфт намудани захираҳои истеҳсолӣ, пардохти музди мехнати кормандон ва пардохт намудани хароҷоти корхонаҳо нақши муҳимро иҷро мекунанд.

Барои равшан гардидани масъала, қабл аз ҳама, вазифахои асосии ҳисобгирии воситаҳои пулиро аз назар мегузаронем. Онҳо аз чунин қисматҳо иборатанд:

1. Нигоҳдории воситаҳои пулӣ;
2. Назорати саривақтӣ ва оқилона воситаҳои пулӣ ҳангоми иҷрои амалиёти молиявӣ;
3. Дар ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ дуруст ва бехато сабт намудани маблағҳои хароҷоти воситаҳои пулӣ;
4. Таъмини назорати возеҳ хонапурӣ кардани ҳуҷҷатҳои ҳисобгирии воситаҳои пулии мавҷуда.

Барои ҳисобгирии дақиқи хароҷоти воситаҳои пулии корхона дар ҳисобҳои бонкӣ, хазинадорӣ, ҳамчунин ҷиҳати ҳисобгирии ҳаракати ҳуҷҷатҳои пулӣ дар тамоми ҳолатҳо «Воситаҳои пулии муассиса» мавриди истифодаи васеъ қарор мегирад.

Маъмулан, амалиёти воситаҳои пулӣ дар суратҳисобҳои зерин ба ҳисоб гирифта мешаванд:

111100 «Воситаҳои пулӣ дар ҳисобҳои дар хазинадорӣ»;
111110 «Воситаҳои пулӣ бо арзи миллӣ»;
111120 «Воситаҳои пулӣ бо арзи хориҷӣ»;
111130 «Чекҳо бо арзи миллӣ»;
111140 «Чекҳо бо арзи хориҷӣ»

111200 «Ҳисоби ягонаи хазинадорӣ (ҲЯХ) бо арзи миллӣ»;
111210 «ҲЯХ-и Буҷети ҷумҳуриявӣ (БҶ) бо арзи миллӣ»;
111220 «ҲЯХ-и Буҷети маҳаллӣ (БМ) бо арзи миллӣ»;
111230 «ҲЯХ-и ҳисоби махсуси Буҷети ҷумҳуриявӣ бо арзи миллӣ»;

Дар баробари зиёдшавии даромадҳои буҷа, маблағҳои пулии он низ тадриҷан зиёд мешавад. Барои баҳисобгирии воситаҳои пулӣ дар накшаи ҳисобҳои мақомоти молиявӣ ҳисобҳои алоҳида муқаррар шудааст. Барои баҳисобгирии воситаҳои пулии буҷаи маҳаллӣ ҳисоби «Суратҳисоби асосии буҷаи маҳаллӣ», барои воситаҳои тақсимкунандагони қарзҳои маҳаллӣ ҳисоби 111230 «ҲЯХ-и ҳисоби махсуси Буҷети ҷумҳуриявӣ бо асъори миллӣ» истифода мешаванд. Ҳамаи ҳисобҳои баҳисобгирии воситаҳои пулии буҷа фаъол мебошанд.

Воридоти даромадҳо ба буҷа дар кредити ҳисоби «Даромадҳои буҷа» ва дебети ҳисобҳои воситаҳои пулии буҷа инъикос мегардад. Маблағҳои нодуруст ё ин ки зиёдатӣ ба буҷа аз андозсупоранда воридгашта, дар навбати аввал, барои ҷуброн намудани маблағҳои пардохтнашуда (бе розигии андозсупоранда), баъд аз он бо розигии андозсупоранда маблаґи зиёдатӣ воридгашта барои пардохтҳои оянда гузаронида мешавнд. Агар андозсупоранда қарзҳои пешина надошта бошад, он гоҳ маблаґи зиёдатӣ воридгашта дар асоси мактуб ва ҳуҷҷати тасдиқкунанда баргардонида мешаванд.

Дар мақомоти молиявӣ баҳисобгирии муҳосибии даромадҳоро шуъбаи буҷавӣ, баҳисобгирии фавриро шуъбаи даромадҳои давлатӣ ба ҳисоб мегирад. Шуъбаи буҷавӣ фақат даромадҳои буҷаи марбутаро (шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва ғайра) сабт менамояд. Ба вазифаи шуъбаи даромадҳои давлатӣ баҳисобгирии ҳисобҳо, воридот ва баргардонидани ҳамаи даромадҳо, новобаста ба кадом буҷа воридшавии онҳо, дохил мешавад. Ин шӯъба ҳисоби фаврӣ оиди воридоти даромадҳои ба буҷа воридгашта тартиб медиҳанд.

Даромадҳо дар асоси гурӯҳбандии даромаду хароҷоти буҷа ба ҳисоб гирифта мешаванд. Қабули даромадҳо, новобаста аз он ки аз тарафи кадом мақомот иҷро мегардад, ҳатман бояд тавассути ҳуҷҷатҳои муҳосибот (супоришномаҳои пардохтӣ) ба расмият дароварда шавад.

Ҳисобгирии воситаҳои пулии муассиса ҳангоми баромадани фармони дахлдор дар ҳисоби 1
11200 «Ҳисоби ягонаи хазинадорӣ (ҲЯХ) бо арзи миллӣ»;
111210 «ҲЯХ-и Буҷети чумҳуриявӣ (БҶ) бо арзи миллӣ»;
111220 «ҲЯХ-и Буҷети маҳаллӣ (БМ) бо арзи миллӣ»;
111230 «ҲЯХ-и ҳисоби махсуси БҶ бо арзи миллӣ»;
бурда мешавад.

Ҳисобгирии амалиётҳо аз рӯйи ҳаракати воситаҳои пулӣ дар журнали амалиётҳо ба воситаҳои пулии ғайринакдӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ заминаҳо ба нусхаи ҳисобҳо бурда мешавад.

Ба воситаҳои пулии дар роҳбуда воситаҳои пулии ҳисобкардашудаи ташкилот (муассиса), аммо онҳоро дар моҳи дигар мегирад, инчунин воситаҳои пулии дар бонк аз як хисоб ба ҳисоби дигар гузаронидашуда дохил мешавад.

Амалиётҳои ба воситаи пули накдии ташкилот (муассиса) алоқамандбуда амалиёти хазинавӣ номида мешавад. Баҳисобгирии маблаґи накд ва ҳаракати воситаҳои пулӣ дар хазинаи ҷудогона, мутобиқи амалиётҳои даромаду харочот иҷро мегардад. Амалиётҳои даромади пулӣ накд аз шаклҳои зерин иборат аст:

- қабули пули накд аз суратҳисоб ва ҳисоби арзии дар бонкбуда;
- баргардонидани бақияи сарфнашудаи сафархарҷӣ; қабули маблаґи накдӣ аз фурӯшивоситаҳои молию моддӣ;
- қабули воситаҳои пули накд аз ҳисоби махсуси қарзӣ ва дигар қарзҳо;

- гирифтани даромад аз фарқияти қурби арзӣ ва ғайра.

Амалиётҳои қабули пули накдӣ ҳатман бо «Ордери даромади хазина» ҳуҷҷатнок карда мешавад. Маблағи амалиёти дар ордерҳо ҳам бо рақам ва ҳам бо ҳарф навишта мешавад.

Дар ордери даромади хазинави сармуҳосиб ва ё ҷонишини вай имзо мегузоранд.

Амалиётҳои хароҷоти пули накдӣ дар чунин ҳолатҳо иҷро карда мешаванд: пардохти ҳисоби молтаъминкунандагон барои мол, иҷрои кор ва хадамот; арзиши молҳои харидашуда; хароҷоти барои почтаю телефон сарфкардашуда; додани музди меҳнат, мукофотпулӣ, ёрдампулиҳо ва сафархарҷиҳои кормандон; қабул ба суратҳисоб; пардохти музди меҳнати депозитшуда (дар ҳолати дар давоми се рӯз нагирифтан); додани қарз ба коркунони муассиса;

Дар тамоми ҳуҷҷатҳои хароҷотҳои пулие бо воситаи «Ордери хароҷоти хазинавӣ» иҷро мегадад, роҳбари ташкилот (муассиса) ва сармуҳосиб ва ё ҷонишинҳои онҳо имзо мегузоранд. Дар ҳамин ҳолат ҳуҷҷат эътибори расмӣ пайдо мекунад.

Илова ба он супоришномаҳои даромад ва хароҷоти хазинавии «Журнали бакайдгирии ордери даромад ва хароҷоти хазинавӣ» ва «Китоби хазина» мавриди истифода қарор мегирад.

Барои ҳисобгирии ҳаракати воситаҳои пули накди ҳисоби 111100 «Воситаҳои пулӣ дар ҳисобҳои дар хазиндорӣа»;

111110 «Воситаҳои пулӣ бо арзи миллӣ»;
111120 «Воситаҳои пулӣ бо арзи хориҷӣ»;
111130 «Чекҳо бо арзи миллӣ»;
111140 «Чекҳо бо асъори хориҷӣ»

истифода карда мешавад.

Амалиётҳо аз рӯйи дохилшавии воситаҳои пули накд ба хазина дар тарафи дебетии ҳисоби 111100 «Воситаҳои пулӣ дар ҳисобҳои дар хазина»;

111110 «Воситаҳои пулӣ бо арзи миллӣ»;
111120 «Воситаҳои пулӣ бо арзи хориҷӣ»;
111130 «Чекҳо бо арзӣ миллӣ»;
111140 «Чекҳо бо асъори хориҷӣ»

ва кредити ҳисобҳои 111200 «Ҳисоби ягонаи хазинадорӣ (ҲЯХ) бо арзи миллӣ»;

111210 «ҲЯХ-и Буҷети ҷумҳуриявӣ (БҶ) бо арзи миллӣ»;
111220 «ҲЯХ-и Буҷети маҳаллӣ (БМ) бо арзи миллӣ»;
111230 «ҲЯХ-и ҳисоби махсуси БҶ бо арзи миллӣ»;

инъикос карда мешавад.

Мавриди зикр аст, ки тамғаҳои боҷи давлатӣ, маркаҳои почта, тамғаҳои васиқавӣ, чиптаҳои пардохтшудаи тайёрӣ, роҳхатҳои пардохтшуда барои осоиш гоҳҳо ва хонаҳои истироҳатӣ, саҳмияҳои худии аз саҳҳомон харидашуда ва дигарҳо ба ҳуҷҷататҳои пулӣ дохил мешаванд

Ҳамаи ҳуҷҷатҳои пулӣ дар ҳамаи муассисаҳо нигоҳ дошта мешаванд. Ҳангоми қабул кардан ба хазина ва аз хазина супурдани пул ҳуҷҷатҳои пулӣ бо «Супориш- номаи даромади хазинавӣ» ба расмият дароварда мешаванд. Супоришномаҳои даромад ва хароҷоти хазинавӣ ҳатман дар журнали бақайдгирии ҳуҷҷатхои даромад ва хароҷоти хазинавӣ алоҳида аз руйи амалиётҳо, аз рӯйи воситаҳои пулӣ ба қайд гирифта мешавад.

Баҳисобгирии таҳлилии ҳуҷҷатҳои пулӣ тибқи намудҳои онҳо дар варақаҳои ҳисобгирии воситаҳо ва ҳисоббаробаркуниҳо сабт мегарданд.

Ҳоло ду шакли аккредитивии ҳисоббаробаркуниҳоро аз назар мегузаронем:

1. Шакли ҳисоббаробаркунӣ бо шартнома;

2. Дар ҳолате ки таъминкунанда харидорро бо шакли аккредитивии ҳисоббаробаркунӣ мувофиқи низомномаи гардиши маҳсулоти таъйиноташон истеҳсоли техникӣ ва молҳои сермасраф гузаронидааст.

Моҳияти шакли аккредитивии ҳисоббаробаркуниҳо аз он иборат аст, ки пардохти ҳисобфактураҳо дар маҳалли ҷойгиршавии таъминкунанда сурат мегирад. дар ин маврид харидор пешакӣ дар шӯъбаи бонке, ки рақами ҳисоббаробаркунӣ дорад, аккредитив мекушояд. Аккредитив - ин супоришномаи бонки харидор ба бонки таъминкунанда доир ба пардохтани ҳисобфактураи таъминкунанда тибқи шарти супориши аккредитивии харидор мебошад.

Харидор барои кушодани аккредитив ба бонки марбутта ариза пешниҳод менамояд. Дар асоси ин ариза аз рақами ҳисоббаробаркунӣ маблағи аккредитив хориҷ карда шуда, ба бонки таъминкунанда интиқол мегардад.

Маъмулан, аккредитивҳоро аз ҳисоби воситаҳои корхона бо роҳи хориҷкунӣ аз рақами ҳисоббаробаркунӣ, ё аз ҳисоби қарзи кушодан мумкин аст. Дар мавриди зарурӣ таъминкунанда молро ба харидор бор карда, ба муассисаи бонкӣ ҳуҷҷатҳои ҳисобиро пешниҳод менамояд. Мутобиқи хуҷҷатҳои зикршуда маблағи талабномаи қарзҳои аз ҳисоби аккредитив хориҷ карда шуда, ба рақами ҳисоббаробаркунии он ворид мегардад.

Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз рӯйи ҳисоббаробаркунии аккредитивӣ дар ҳисоби «Аккредитивҳо» ба ҳисоб гирифта мешавад. Ҳисобгирии аналитикӣ аз рӯйи ҳисоби «Аккредитивҳо» дар варақаҳои ҳисобгирии воситаҳо ва хдсоббаробаркуниҳо бурда мешавад. Аккредетив имконият медиҳад, ки ҳолатҳои коррупсионӣ кам гардад.

Барӯйхатгирии хазина мувофиқи тартиби пешбурди амалиётҳои хазинавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад. Дар ҳолати ҳисобу китоби маблағи пулии хазина ҳисобгирии пули накд, қоғазҳои қиматнок ва ҳуҷҷатҳои пулии дахлдор (тамғаҳои боҷи давлатӣ, маркаҳои почта, тамғаҳои васиқавӣ, чиптаҳои пардохташудаи ҳавопаймо, роххатҳои пардохташуда барои осоишгоххо ва хонаҳои истироҳатӣ ва дигарҳо) бурда мешавад.

Бояд хуб дар хотир дошт, ки натиҷаи барӯихатгирии гузаронидашудаи воситаҳои пули нақди корхона дар рӯйхати воситаҳои пули накд дар шакли зарурӣ ба расмият дароварда мешавад. Дар рӯйхати зикршуда маълумот оид ба ҳаҷми пули накд, қоғазҳои қиматнок, ҳуҷҷатҳои пулӣ, маълумот аз рӯи натиҷаи маҳосибот оиди камомад ва маблағи зиёдатӣ, рақами супоришномаи охирини даромад ва хароҷоти хазинавӣ, хулосаи комиссия ва қарори роҳбари корхона дар мухлати сабт мегардад.

Барӯихатгирии воситаҳои пулӣ дар рақами ҳисоббаробаркунии ҳисобҳои асъорӣ ва махсусбуда, бо роҳи муқоиса кардани бақияи маблағҳои дар ҳисобҳои ҳисобкардашуда аз рӯйи маълумотҳои муҳосиботи ташкилот бо маълумотҳои нусхаҳои бонк гузаронида мешавад.

Ҳангоми барӯихатгирии маблағгузории молиявӣ хароҷоти ҳақиқӣ барои қоғазҳои қиматнок ва сармояи ойинномаи дигар ташкилотҳо тафтиш карда мешавад.

Дар вақти тафтиши микдори ҳақиқии қоғазҳои киматнок: дуруст ба расмият даровардани қоғазҳои қиматнок; ҳифзнамоии қоғазҳои қиматнок; саривақт ва пурра дар ҳисобгирии муҳосиботӣ инъикос кардани даромади гирифташуда аз рӯйи қоғазҳои қиматнок ба тартиб дароварда мешавад.

Ҳангоми нигоҳдории қоғазҳои қиматнок дар ташкилот барӯйхатгирии онҳо дар як вакт бо барӯйхатгирии воситаҳои пулӣ гузаронида мешавад.

Барӯйхатгирии қоғазҳои қиматнок аз рӯйи унсурҳои алоҳида бо нишондод дар акт: номгӯи силсилаи, рақам, арзиши номиналии ҳақиқӣ ва дигарҳо анҷом дода мешавад.

Натиҷаи барӯихатгирии қоғазҳои қиматнок, инчунин маблағгузории молиявии ташкилот дар рӯйхати қоғазҳои қиматнок ба расмият дароварда мешавад.

Дар рӯйхат номгӯи коғазҳои қиматнок ва интишорнамояндаи он, инчунин рақам ва силсила арзиши номиналӣ ва арзиши тавозунии қоғазҳои қиматнок, камомад ва миқдори зиёдомадаи он, хулосаи комиссия, забонхати шахси аз ҷиҳати моддӣ масъул нишон дода мешавад.

Дар ин ҷо бо мақсади расонидани кумаки амалӣ ба муҳосибон ва муҳаққиқон мукотиботи ҳисобҳо оиди баҳисобгирии воситаҳои пулӣ ва маблағгузории молиявиро пешниҳод менамоем.

**Мукотиботи ҳисобҳо оиди баҳисобгирии воситаҳои пулӣ ва маблағгузории молиявӣ**

| | Счетҳо | |
|---|---|---|
| | **Дт** | **Кт** |
| Даромад намудани маблағҳои нақдӣ ба хазина бо арзи миллӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ | **111110** | **111253** |
| Даромади маблағҳои нақдӣ аз шахси ҳисобдиҳанда | **111110** | **114610** |
| Даромад намудани маблағҳои нақдӣ ба хазина бо арзи миллӣ аз маблағҳои махсус бо чек | **111110** | **111251** |
| Пардохти маблағ ба шахси ҳисоботдиҳанда барои харидорӣ | **114610** | **111110** |
| Пардохти музди меҳнати кормандон | **211510** | **111110** |
| Пардохти ёрдампулӣ якваќтина ва нигоҳубини кӯдак то синни 1,5-сола | **211680** | **111110** |
| Пардохти маблағи сафари хизматӣ | **114610** | **111110** |
| Пардохт намудани варақаи корношоямӣ | **211510** | **111110** |
| Пардохти маблағи алимент | **211590** | **111110** |
| Пардохти музди меҳнат (депонент) | **211550** | **111110** |
| Пардохти маблағи идрорпулӣ (стипендия) | **211560** | **111110** |
| Пардохти маблағи китобҳои иҷоравии дарсӣ | **211990** | **111110** |
| Воридшавии маблағ аз китобҳои иҷоравии дарсӣ | **111110** | **211990** |
| Супоридани маблағ ба суратҳисоб | **111253** | **111110** |
| Дигар намуди даромади ҷорӣ аз ҳисоби маблағҳои махсус | **111110** | **442300** |
| Маблағи аз даромади ҷорӣ воридшуда маблағҳои махсус ба суратҳисоб супоридашуда | **111251** | **111110** |
| Пардохти хизматрасонии бонк бо тариқи нақдӣ | **512820** | **111110** |
| Пардохти хизматрасонии коммуналӣ | **211590** | **111110** |
| Ҷуброни камомади шахсони маъсули моддию молли | **111110** | **114610** |
| Баргардонидани маблағи барои рухсатӣ барзиёд гирифташуда | **111110** | **211570** |
| Маблағгузори аз буҷети ҷумҳуриявӣ барои нигоҳдорӣ | **111253** | **211971** |
| Дигар намуди даромадҳо ҷорӣ аз ҳисоби маблағи махсус | **111251** | **442100** |
| Маблағҳои аз ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ воридшуда | **111251** | **442300** |
| Фоизи маблағҳои грантӣ аз ташкилотҳои молиявӣ воридшуда | **111251** | **441900**<br>**442300**<br>**418200** |
| Даромад намудани маблағҳои нақдӣ ба хазина бо воситаи чек | **111110** | **111253** |
| Пардохти музди муҳнат бо воситаи карта аз суратҳисоб | **211510** | **111253** |
| Пардохти хизматрасонии бонк м/м | **211510** | **111253** |
| Пардохти ФҲИА 25% аз суратҳисоб | **211680** | **111253** |
| Пардохти андози нафақа 1% | **211660** | **111253** |
| Пардохти 1,4% | **211681** | **111253** |
| Пардохти ёрдампулии якваќта ва нигоҳубини кӯдак то синни 1,5 сола | **211682** | **111253** |

| | | |
|---|---|---|
| Пардохти варақаи корношоямӣ | **211510** | **111253** |
| Пардохти андоз аз даромади шахсони воқеӣ | **211670** | **111253** |
| Пардохти ҳаққи аъзогии иттифоқи касаба | **211540** | **111253** |
| Пардохти ҳаққи аъзогии иттифоқи касаба барои буҷети ҷумҳуриявӣ 35% | **211541** | **111253** |
| Пардохти ҳаққи аъзогии иттифоқи касаба барои ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба 65% | **211542** | **111253** |
| Пардохти ҳаққи аъзогии ҲХД аз шахсони аъзобуда | **211590** | **111253** |
| Пардохти хизматросонии бонк аз м/м | **512820** | **111253** |
| Пешпардохти таъмири ҷории биноҳо | **115200** | **111253** |
| Пешпардохти харидории таҷҳизоти идоравӣ | **115100** | **111253** |
| Пешпардохти хариди сӯзишворӣ | **115100** | **111253** |
| Пешпардохти хариди қисмҳои эхтиётии воситаҳои нақлиёт | **115100** | **111253** |
| Пешпардохти хизматрасонии об | **115200** | **111253** |
| Пешпардохти хизматрасонии барқ | **114200** | **111253** |
| Пешпардохти хизматрасонии партовкашонӣ | **115200** | **111253** |
| Пешпардохти хизматрасонии гармдиҳӣ | **115200** | **111253** |
| Пешпардохти хизматрасонии алоқа | **115200** | **111253** |
| Пешпардохти хизматрасонии почта | **115200** | **111253** |
| Пешпардохти хизматрасонии нашрийтӣ | **115200** | **111253** |
| Пардохти  хизматрасонии об с/ф | **211110** | **111253** |
| Пардохти барзиёди хароҷот нисбати даромад 15% буҷет | **211690** | **111253** |
| Пардохти ҳиссаҷудокуни ба ташкилотҳои молиявӣ 5% | **211690** | **111251** |

Дар хулоса ҳаминро гуфтанӣ ҳастем, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мутахассисони варзидаи соҳаи муҳосибот ниёз дорад. Дар шароити ҳозира муҳосибон дар ҳамкорӣ бо мутахассисони дигар метавонанд аз тамоми захираҳои молиявию иқтисодӣ, воситаҳои техникӣ ва барномаҳои муосири касбӣ оқилона истифода бурда, фаъолияти истеҳсолию хоҷагии хорхонаҳоро дар сатҳи баланди касбӣ ташкил намоянд.

**АДАБИЁТ**

1. Дастурамал оиди пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ. Душанбе: Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷи- кистон, аз 26.12.2000.
2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2021.
3. Агеева О.А. Бухгалтерский учёт и анализ. Часть 1: учебник для академического бакалавриата / О.А. Агеева, Л.С. Шахматова. – М.: Издательство Юрайт, 2018. – 273 с.
4. Дмитриева И.М. Бухгалтерский учёт и анализ: учебник для академического бакалавриата / И.М. Дмитриева, И.В. Захаров О. Н. – М.: Издательство Юрайт, 2018. – 358 с.
5. Жуклинец И.И. Бухгалтерский учет в бюджетных учреждениях: учебник и практикум / И.И. Жуклинец. – Люберцы: Юрайт, 2016. – 504 с.
6. Шарифов З.Р., Исмонов Ф.Б. Дастур оиди бурдани хисобгирии бухгалтерй дар мактабҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2007, 199с.
7. Кондраков Н.П., Бухгалтерский учет. Учебник. М.: ИНФРА-М. – 274-296 с. – (Серия «Высшее образование»).
8. Маслова Т.С. Бюджетный и бухгалтерский учет доходов и расходов. //Бухгалтерский учет в бюджетных и некоммерческих организациях. 2008, №9 (201).

**УКД 339.1(575.3)**

**Рахматов Б.Б., Анвари Р.Х.**

## ЭКОНОМИЧЕСКОЕ СОДЕРЖАНИЕ НАЛОГОВ. ЕДИНСТВО И РАЗЛИЧИЕ ФУНКЦИЙ СИСТЕМЫ НАЛОГОВ И НАЛОГООБЛОЖЕНИЯ

В данное статье обобщено исследование в области сущности и содержание налогов. Роль налогов в формирование доходной части государственного бюджета и реализации стратегических задач. Изучены научные исследование представителей экономических школ их взгляды на решение данной проблемы. Также исследованы роль функции системы налогов и налогообложения. При этом необходимо шаг за шагом исследовать сущность и формы системы налогов и налогообложения, отчуждение доходов и их аккумуляция в бюджете страны. Каждый этап развития фискальной системы вносил свою специфику в развитии теории и практики этой системы. С этой точки зрения важно изучить и исследовать историю появления и развития системы налогов и налогообложения всех стран, конечно, и в этом аспекте эталоном являются фискальная система капиталистических государств и особенно инновационных экономик запада.

**Ключевые слова:** налоги, функции налогов, принципы налогообложения, налоговые стимулирование, налоговые регулирование, налоговый контроль, бюджет, прямое налогообложение, косвенное налогообложение, налоговая система.

**Раҳматов Б. Б., Анварӣ Р.Ҳ.**

## МАЗМУНИ ИҚТИСОДИИ АНДОЗҲО. ЯГОНАГӢ ВА ФАРҚИЯТИ ВАЗИФАҲОИ СИСТЕМАИ АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ

Дар ин мақола тадқиқот дар соҳаи моҳият ва мундариҷаи андозҳо ҷамъбаст карда шудааст. Нақши андозҳо дар ташаккули қисми даромади буҷети давлатӣ ва татбиқи вазифаҳои стратегӣ. Тадқиқоти илмии намояндагони мактабҳои иқтисодӣ назари онҳо дар бораи ҳалли ин мушкилот омӯхта шудааст. Нақши системаи андоз ва андозбандӣ низ таҳқиқ карда шудааст. Ҳамзамон, зарур аст, ки моҳият ва шаклҳои низоми андоз ва андозбандӣ, бегона кардани даромад ва ҷамъшавии онҳо дар буҷети кишвар зина ба зина таҳқиқ карда шаванд. Ҳар як марҳилаи рушди системаи фискалӣ хусусияти худро дар рушди назария ва амалияи ин система ворид мекард. Аз ин нуқтаи назар, таҳқиқ ва таҳқиқи таърихи пайдоиш ва рушди низоми андоз ва андозбандии ҳамаи кишварҳо, албатта, муҳим аст ва дар ин ҷиҳат системаи фискалии давлатҳои капиталистӣ ва махсусан иқтисодиети инноватсионии ғарб меъер аст.

**Калимаҳои калидӣ:** андозҳо, вазифаҳои андоз, принсипҳои андозбандӣ, ҳавасмандгардонии андоз, танзими андоз, назорати андоз, буҷет, андозбандии мустақим, андозбандии ғайримустақим, системаи андоз.

**Rakhmatov B.B., Anvari R.H.**

## THE ECONOMIC CONTENT OF TAXES. THE UNITY AND DIFFERENCE OF THE FUNCTIONS OF THE TAX AND TAXATION SYSTEM

This article summarizes the research in the field of the essence and content of taxes. The role of taxes in the formation of the revenue side of the state budget and the implementation of strategic objectives. The scientific research of representatives of economic schools and their

views on solving this problem have been studied. The role of the function of the tax and taxation system is also investigated. At the same time, it is necessary to examine step by step the essence and forms of the tax and taxation system, the alienation of income and their accumulation in the country's budget. Each stage of the development of the fiscal system contributed its own specifics to the development of the theory and practice of this system. From this point of view, it is important to study and investigate the history of the emergence and development of the tax and taxation system of all countries, of course, and in this aspect the fiscal system of capitalist states and especially the innovative economies of the West are the benchmark.

**Keywords: taxes:** tax functions, principles of taxation, tax incentives, tax regulation, tax control, budget, direct taxation, indirect taxation, tax system.

Налог как экономическое понятие имеет свою историю появления и развития. Когда необходимо исследовать сущность и систему налогов необходимо проанализировать это понятие в экономическом и философском смыслах. При этом необходимо шаг за шагом исследовать сущность и формы системы налогов и налогообложения, отчуждение доходов и их аккумуляция в бюджете страны. Каждый этап развития фискальной системы вносил свою специфику в развитии теории и практики этой системы. С этой точки зрения важно изучить и исследовать историю появления и развития системы налогов и налогообложения всех стран, конечно, и в этом аспекте эталоном являются фискальная система капиталистических государств и особенно инновационных экономик запада.

История развития налогов и налогообложения имеет большое значение для позитивного или негативного значения избранной фискальной системы. Если, эта система правильная, то она может привести к экономическому росту, развитию предпринимательства и повышению доходов бизнесменов, увеличению инвестиций, сбережений и повышению благосостояния народа. Параллельно изучение истории фискальной системы показывает, что такая система может быть неэффективной и неудачной. Так, одним из причин развала Саманидского государства явилось очень высокая налоговая нагрузка, что означает то, что необходимо изучать этот опыт данного государства и исключить те ошибки, которые были в системе налогов данного государства. В одной из работ по этому поводу написано: «Одним из методов налоговой политики выступает политика максимальных налогов. В этом случае государство устанавливает достаточно высокие налоговые ставки, сокращает налоговые льготы и вводит большое число налогов, стараясь получить от своих граждан как можно больше финансовых ресурсов, не особенно заботясь о последствиях такой политики. Естественно, что подобный метод налоговой политики не оставляет каждому налогоплательщику и обществу в целом практически никаких надежд на экономическое развитие» [6,40].

Одновременно с этим есть положительный опыт стран, где налоговая система на практике показала свою эффективность. Это, прежде всего развитые страны, которые имеют высокие налоги при высоких доходах налогоплательщиков. Есть и другой аспект этой проблемы, и она заключается в том, что в процессе использования системы налогов происходит изменения в отдельных элементах этой целостности. Они могут сделать налоговую систему более эффективной и неэффективной. Ярким примером этого процесса служить история использования НДС в практике экономики Республики Таджикистан. В Налоговом Кодексе РТ в статье 169 написано о том, что средние школы освобождаются от НДС, а те школы, где обучение платное, ставка налога взимается по более низкой величине 5% [5,136]. За последние пять лет два раза повышали ставку НДС до 18%, а затем в следующем году снижали эту ставку до 5%. Такой вариант увеличивает цену за обучение школьников и сокращает спрос на обучение в этих школах. Дополнительно вариант изменения ставки НДС создает неуверенность у администрации

таких школ в будущем. Такая неустойчивость приводит к низкой эффективности налоговой системы республики.

В самом общем виде рассмотрим экономическое понятие налога. В различных странах налог анализируют в многообразных формах. В Германии налоги рассматривали как поддержку государства гражданами. В США налог понимают, как такса, а в Англии как долг или обязательство. Во Франции законодательство налог рассматривает как обязательный платеж.

В экономической литературе по проблемам системы налогов и налогообложения имеются различные точки зрения по поводу сущности налога. Тургенев Н. дает следующее определение налога: ««налоги суть средства к достижению цели общества или государства, т. е. той цели, которую люди себе предполагают при соединении своем в общество, или при составлении государств» [7,86]. Здесь, автор основной упор делает на ту цель государства и общества, который имеется в отношении отдельного гражданина страны. Для того, чтобы развивать отдельных членов общества источником являются налоги. Это макроэкономический аспект сущности налогов.

«Изъятие в пользу общества определённой доли валового внутреннего продукта в виде обязательного взноса и составляет сущность налога» [12,15]. В этом определении имеется два момента: 1. Это изъятие в пользу общества определённой части ВВП страны. 2. Налог — это обязательный взнос. Такое определение сущности налога критикуется в экономической литературе по следующим направлениям: Во – первых, не имеет место цель изъятия налога. Во – вторых, не указано безвозмездность налогового изъятия. «Налогообложение – это определенная совокупность экономических (финансовых) и организационно-правовых отношений, складывающихся на базе объективного процесса перераспределения преимущественно денежной формы стоимости и выражающая собой одностороннее, без эквивалентное, принудительно-властное изъятие части доходов корпоративных и индивидуальных собственников в общегосударственное пользование» [2,44]. В этом определении имеются следующие черты: 1. Налог - совокупность экономических – правовых отношений по перераспределению денежной формы стоимости. 2. Это без эквивалентное, принудительно – властное изъятие части доходов налогоплательщиков. Есть и двойственное определение налога отдельными авторами на макро- и микроэкономических уровнях. «Экономическое содержание налога на макроэкономическом уровне – это доля ВВП страны, перераспределяемое государством с целью реализации государством своих функций, а на микроэкономическом уровне – это принудительно отчуждаемая часть дохода, полученная субъектами хозяйства при осуществлении своей деятельности» [11,9].

Экономическое содержание налога заключается в том, что это принудительное изъятие государством части доходов физических и юридических лиц для удовлетворения своих нужд на безвозмездной основе. В этом определении имеется две черты: 1. Налог — это принудительное изъятие государством доходов налогоплательщиков для удовлетворения своих потребностей. Иначе говоря, здесь определяется и цель налогов. Профессор Джозеф Ю. Стиглиц определяет преимущество налога для государства: «Лицо, которое должно отдать государству, скажем, одну четвертую часть своего заработка, на деле четверть времени работает на государство. Очевидно одно важное преимущество такой денежной формы: если бы каждый вынужден был работать три месяца в году на государство, последнее столкнулось бы с колоссальными управленческими трудностями» [10,365]. 2. Безвозмездность – это один из главных черт экономического содержания налога. В одном из учебников дан следующее определение налога: «Налог - это принудительное изъятие государством у домохозяйств и фирм определенной суммы денег не в обмен на товары и услуги» [4,404]. В этом определении нет наличие безвозмездности изъятие налогов.

В экономической литературе проблеме функций налогов придается большое внимание. Нет единого мнения по поводу состава и количества функций налогов, их соотношения и природы. Нет в экономической литературе исследование соотношений реализации различных функций налогов. Мировой опыт показывает, что в период падения цикла фискальная система носит стимулирующий характер, а в период подъема экономики налоговая нагрузка повышается. В зависимости от этого меняется соотношение функций налогов в экономической системе.

Нам думается, что можно анализировать экономическое содержание налога в плоскости анализа экономического определения основных функций налога. Такой подход существует в экономической

теории. К. Маркс определял сущность денег через его функции. «Функции налога – это проявление его сущности в действии, способ выражения его свойств. Функция показывает, каким образом реализуется общественное назначение данной экономической категории как инструмента стоимостного распределения доходов. Налоги и их функции отражают реальные базисные отношения, т. е. объективные закономерности движения налоговых отношений» [3,15]. Отсюда, можно сделать вывод о том, что функции налогов являются сущностными чертами налогов как экономической категории.

Когда мы исследуем функции налогов, возникает вопросы, необходимо решать при анализе этой проблемы. Конечно, первой проблемой является состав функций налогов, какова их субординация, какие функции системы налогов и налогообложения являются первичными, вторичными и третичными и т.д. Какова роль социальной функции в системе функций налогов? Когда и при каких условиях может быть реализована эта функция налога?

Мы считаем, что система налогов и налогообложения имеет пять функций: регулирование экономики, фискальная, стимулирующая, социальная и контрольная. Налоги появились с появлением государства. Для того, чтобы реализовать свои функции государству были необходимы денежные ресурсы и их источником были налоги. Поэтому первой функцией системы налогов и налогообложения была фискальная. До начала 19 века налоги играли минимальную роль в деятельности государства. В древние времена и в средневековья налоги собирали в редких случаях. Французы называли этот взыскивавшийся налог как «помощь», а немцы «поддержка».

Таърихи истифодабарии воситаҳои техникаи компютерӣ дар иқтисодиёт гувоҳӣ медиҳад, ки аввалин шуда низомҳои иттилоотии ба коркарди автоматонидашудаи маълумот асосёфта маҳз барои иҷрои вазифаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ташкил карда шудаанд. Солҳои 1970 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин низомҳои иттилоотӣ дар шакли марказҳои ҳисоббарорӣ дар корхонаҳои бузург ташкил шуда буданд, ки асосан ба ҳалли вазифаҳои меҳнатталаби муҳосибӣ, аз ҷумла ҳисобкунии музди меҳнат ва дигар хароҷот машғул буданд. Он замон барои нигоҳдории маълумот перфокартаҳо (як намуд қоғазҳои картонии сурохдор), баъдан лентаҳои магнитӣ, дискҳои қаиш (дискетаҳо) ба кор бурда мешуданд. Худи техникаи ҳисоббарор (мошинаҳои электронии ҳисоббарор) ҳаҷми калон дошта, барои ҷойгир кардани онҳо дар корхонаҳо толорҳои калон истифода мешуданд. Бақайдгирии маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ аввал дар ҳуҷҷатҳои анъанавӣ (қоғазӣ) ба ҷо оварда мешуд, сипас кормандони муҳосибот онҳоро даста карда, ба кормандони махсуси марказҳои ҳисоббарорӣ (операторҳо) месупориданд. Операторҳои марказҳои ҳисоббарорӣ иттилооти муҳосибиро ба воситаҳои техникии нигоҳдории иттилоот (перфокартаҳо, перфолентаҳо, лентаҳои магнитӣ, дискетаҳо ва ғ.) мегузарониданд. Маълумоти барои коркард омодашуда аз воситаҳои техникии нигоҳдории иттилоот ба мошинаҳои электронии ҳисоббарор гузаронида шуда, раванди коркарди он муддати муайянеро дар бар мегирифт. Баъди анҷоми коркарди иттилоот, натиҷаҳои дар қоғаз чопшуда ба муҳосибот дода мешуданд. Дар ин маврид, раванди коркарди иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ тавассути дар мошинаи электронии ҳисоббарор иҷро кардани танҳо як барнома сурат мегирифт ва коркарди ҳамзамони якчанд барнома ё иҷрои якчанд вазифаҳои баҳисобгирӣ таъмин набуд.

Ҳамин тариқ, марҳилаи аввалии коркарди иттилоот ва иҷрои вазифаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар марказҳои ҳисоббарорӣ, ки он ҷо низоми якбарномавии кори мошинаи электронии ҳисоббарор ба кор бурда мешуд, хосияти марказонидашуда дошт. Худи муҳосиб танҳо маълумоти аввалиро омода ва ба оператори маркази ҳисоббарор пешниҳод мекард, вале бевосита дар раванди коркарди иттилоот, ҷамъбасткунӣ ва баровардани натиҷаҳо иштирок карда наметавонист. Муҳосиб ведомостҳо ва дигар феҳристҳои баҳисобгирии муҳосибии таҳлилӣ ва таркибиро танҳо дар шакли аллакай омодашуда аз маркази ҳисоббарорӣ қабул мекард.

Бо рушди техникаи ҳисоббарорӣ (компютерӣ) ва барномаҳои появӣ дар шакли низомҳои амалиётӣ (солҳои 1980) заминаҳои таъмини алоқаи байниҳамдигарии муҳосиб ҳамчун истифодабаранда ва барномаи компютерӣ, иштироки бевоситаи он дар раванди коркарди иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ пайдо шуданд. Муҳосиб дар асоси натиҷаҳои ҳисоботии аз маркази ҳисоббарорӣ, ки аллакай дар асоси истифодаи комютерҳои фардӣ амал мекарданд, акнун метавонист ба раванди коркарди минбаъдаи иттилоот ва кор бо барнома таъсир расонад.

Компютерҳои фардӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар охири солҳои 1980 ворид гардида, пеш аз ҳама дар хадамоти муҳосибии корхонаҳо истифода мешуданд. Хусусиятҳои асосии кории компютерҳои фардӣ – суръати баланди кор, иқтидори зиёди кор барои иҷрои амалиёти фаврӣ, хотираи калон барои нигоҳдории маълумот дар дискҳои магнитӣ ва доираи васеи дастгоҳҳои берунии воридкунӣ ва хорҷикунии иттилоот буданд. Акнун иқтидори компютерҳо барои иҷрои вазифаҳои тартибдиҳии ҳуҷҷатҳои аввалӣ ва феҳристҳои баҳисобгирии муҳосибӣ низ истифода мешуд. Ба туфайли рушди воситаҳои техникӣ ва барномавии компютерҳои фардӣ ҳалли масъалаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла баҳисобгирии идоракунӣ ба зинаи нави сифатӣ баромад. Гузариш аз коркарди марказонидашудаи иттилооти муҳосибӣ ба усули ғайримарказонидашуда ба амал омад.

Ҳамин тариқ, истифодаи афзалиятноки техникаи ҳисоббарор дар равандҳои коркарди иттилооти баҳисобгирӣ албатта сабабҳои объективии худро дошт, ки имрӯз ҳам барои татбиқи технологияҳои нави рақамӣ мубрам мебошанд. Маъмулан пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои муосир шумораи зиёди амалиёти якрангро дар бар мегирад, ки иҷрои онҳоро тавассути тарҳи коркарди сода ва истифодабарии пайдарпайии муайян (алгоритм) метавон анҷом дод. Маҳз ҳамин якрангӣ ва содагии амалиёти арифметикӣ ва мантиқии раванди коркарди иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳамзамон бо ҳаҷми зиёди иттилоот, гурӯҳбандиҳои сершумор, муҳлатҳои қатъии коркард ва талаботи ҷиддӣ ба саҳеҳии иттилоот афзалияти бештари корбурди технологияҳои рақамиро дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ муайян мекунад.

Аллакай дар аввали солҳои 1990 олимон ва муҳаққиқони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар асоси таҳлили равандҳои коркарди компютерии иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ ба хулоса омаданд, ки «тарзи ояндадори ташкили низоми автоматонидашудаи баҳисобгирии муҳосибӣ ин ташкили коркарди тақсимшудаи иттилооти баҳисобгирӣ ва истифодаи шабакаи маҳаллии компютерӣ мебошад» [3, с. 5]. Он замон, дар шароити гузариши иқтисодиёти миллӣ ба муносибатҳои бозорӣ иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ дастур ва маҳаки асосии қабули қарорҳои идоракунии зарурӣ дар тамоми зинаҳои идоракунии иқтисодиёт мегардад. Баланд бардоштани нақши баҳисобгирии муҳосибӣ дар низоми идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ, ҷорӣ намудани шаклҳо ва усулҳои нави хоҷагидорӣ ва гуногунии шаклҳои моликият такмил додани низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва пурзӯр кардани таъсири онро ба тамоми фаъолияти молиявию хоҷагидории корхонаҳо талаб мекард. Дар шароити нав зарурати ворид намудани тағйирот ва иловаҳо ба пойгоҳи назариявӣ ва методикаҳои амалии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ба миён омад. Ин ҳама таҷдиди куллии воситаҳои баҳисобгирии идоракунӣ ва методологияи онро талаб мекард.

Акнун, ки субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт фаъолият мекунанд ва нуфузи иттилоот дар низоми идоракунии онҳо хеле баланд аст, талабот ба ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ зиёд шудааст. Дар натиҷа муносибати ҳам маъмурияти корхонаҳо ва ҳам худи муҳосибони бо баҳисобгирии идоракунӣ сарукордошта дигар шудааст. Иттилооте, ки қаблан аз рӯйи ҳамаи нишондиҳандаҳои зарурӣ ҷамъоварӣ шуда, баъдан мавриди санҷиш ва таҳлили дастӣ қарор мегирифт, ҳоло тавассути воситаҳои техникии додугирифти маълумот ба сохторҳои идоракунӣ фавран расонида мешавад. Ин ба низоми идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ имкон дод, ки ба самаранокии бесобиқаи фаврият ноил гарданд ва дар натиҷа муносибати чандиртар ба идоракунии корхона ба даст оварда шавад.

Рақамикунонии равандҳои пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ бештар аз ҳама ба он ҷиҳатҳои баҳисобгирӣ дахл намуд, ки ба вазифаи иттилоотии он мансуб мебошанд, «бинобар ин, зарурат ва мубрамии мукаммалсозии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити нав аз эҳтиёҷ ба рушд ва мукаммалсозии мувофиқи вазифаи иттилоотии баҳисобгирӣ муайян мегардад» [3, с. 14].

Иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ инъикоси бонизоми фаъолияти хоҷагидории корхона ва тамоми воҳидҳои сохтории он, захираҳои истеҳсолӣ ва натиҷаҳои истифодабарии онҳоро дар корхона таъмин мекунад, вай бо ҳуҷҷатҳо асоснок аст, метавонад такроран истеҳсол карда шавад, масъулияти шахсони муайян – кормандони корхона барои саҳеҳии иттилоот муқаррар карда шудааст. Бинобар ин, рушди баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун унсури муҳими иҷрокунандаи вазифаи иттилоотӣ дар низоми идоракунии корхона дар самти баландбардории нақши он дар идоракунӣ бо мукаммалсозии низоми иттилоотии баҳисобгирии муҳосибӣ, беҳгардонии вазифаи иттилоотии он тавассути корбурди принсипҳои эътимоднокӣ, саҳеҳӣ, суръат, фаврият ва муҳтавои иттилоотӣ алоқаманд мебошад. Вобаста ба ин, метавон тасдиқ кард, ки заминаҳои рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ маҳз дар талабот ба мукаммалсозии вазифаи иттилоотии он ифода меёбанд ва хусусиятҳои таъминоти иттилоотии баҳисобгирии идоракунӣ самтҳои рушди онро дар шароити рақамикунонӣ муайян мекунанд.

Истифодаи иттилооти ҳам иқтисодӣ ва ҳам ғайрииқтисодӣ, ки дар баҳисобгирии идоракунӣ коркард ва ҷамъбаст карда мешавад, барои муайян кардани он ки, чӣ гуна корхона бомуваффақият кор мекунад, вазъи иқтисодии кунунии он чӣ гуна аст ва самаранокии фаъолияти он аз диди вазифаи асосии соҳибкорӣ – гирифтани фоида дар кадом сатҳ қарор дорад, имкон медиҳад. Низоми идоракунии корхона дар асоси иттилооти баҳисобгирии идоракунӣ қарорҳои идоракуниро оид ба муайян кардани самти рушди фаъолияти корхона ва сиёсати рушди молиявию иқтисодии он қабул мекунад.

Миқёси фарогирии иттилоотии низоми баҳисобгирии идоракунӣ аз андозаи корхона, хусусиятҳои равандҳои истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва технологии он, шумораи амалиёти иқтисодӣ ва молиявӣ, мураккабӣ, такроршавандагӣ, ҳаҷми иттилооти истифодашаванда ва бисёр омилҳои дигар вобаста аст. Дар асоси ин омилҳо рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ, ки низоми ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, коркард ва таҳлили иттилооти баҳисобгирӣ мебошад, бо суръатҳои баланд рушд мекунад. Корхонаҳо имрӯз аз пахнои маълумот ва роҳҳои сершумори онҳо метавонанд иттилоотро барои огоҳ кардани амалҳои корхона ва роҳнамоӣ кардани равандҳои амалиётӣ бо тарзҳое, ки қаблан дар таърихи низомҳои иттилоотии ташкилӣ дучор намеомаданд, истифода мебаранд.

Мусаллам аст, ки пойгоҳи иттилоотии баҳисобгирии муҳосибӣ дар асоси бақайдгирии маълумот, навишти онҳо ба ҳисобҳои муҳосибӣ, нигоҳдорӣ, коркард, гурӯҳбандӣ ва додугирифти маълумот ташаккул меёбад ва бо пешниҳоди иттилооти коркардшудаи ҷамъбастӣ дар шакли ҳисоботи молиявӣ ва ҳисоботи идоракунӣ ба истифодабарандагони манфиатдори берунию дохилӣ ба анҷом мерасад. Ҳамин тариқ,

иттилооти натиҷавии баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ дар шакли ҳисоботи дохилӣ ва иттилооти натиҷавии баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ дар шакли ҳисоботи берунӣ пешниҳод карда мешавад. Дар ин маврид, хусусиятҳои хоси баҳисобгирии идоракунӣ аз ҷумла инҳо мебошанд: пешниҳоди фаврии иттилооти нисбатан пурраи таҳлилӣ ба роҳбарият ва менеҷменти корхона; шумораи зиёди истифодабарандагони иттилоот ва шаклҳои зиёди ҳисоботи ба онҳо пешниҳодшаванда.

То гузаштаи начандон дур вазифаҳои идоракунии баҳисобгирии муҳосибӣ аксаран дар доираи баҳисобгирии молиявӣ қарор доштанд ва бо назорати риояи қонунгузорӣ ҳангоми анҷом додани амалиёти хоҷагидорӣ, муқаррар кардани қоидаҳои қабул ва хориҷкунии сарватҳои молию моддӣ, харҷи дурусти маблағи музди меҳнат, назорати интизоми кормандон, интизоми молиявӣ ва хазинавӣ дар корхона, риояи қоидаҳо ва муҳлатҳои гузаронидани бақайдгирии дороиҳо ва уҳдадориҳо, ситонидани қарздориҳои дебиторӣ ва пӯшонидани қарздориҳои кредиторӣ, таҳкими интизоми пардохт, назорати қонунӣ будани аз тавозуни муҳосиб соқит кардани норасоиҳо, қарзҳдориҳои муҳлатгузашта ва дигарҳо маҳдуд мешуданд. Акнун шароити нави хоҷагидорӣ аз як ҷониб, аз ҷониби дигар, - корбурди усулҳо ва тарзҳои нави коркарди иттилоот дар шароити рақамикунонӣ тағйири вазифаҳои баҳисобгирии муҳосибиро бо афзалият додан ба самти фаврият, саҳеҳӣ ва пуррагии иттилоот, ки хоси низоми баҳисобгирии идоракунӣ мебошанд, тақозо мекунад. Ҳамаи ин ба зарурати бунёди консепсияи нави баҳисобгирӣ ва майл кардани он бештар ба вазифаҳои дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ иҷрошаванда боис мешавад.

Консепсияи нави пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ба таври назаррас дигар кардани пояҳои методологӣ ва ташкилии онро талаб мекунад. Дар он ба назорати ҷории самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ, арзёбии самаранокӣ ва омилҳои ба он таъсиррасон таваҷҷуҳи бештар равона кардан лозим аст. Ҳамаи ин ташаккули ҳисоботи дохилии фавриро оид ба хароҷоти воқеӣ ва натиҷаҳои фаъолияти воҳидҳои сохтории корхона талаб мекунад.

Мусаллам аст, ки таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи баҳисобгирии идоракунӣ торафт бештар шаклҳо, намудҳо ва тарзҳои нави истифодаи маълумоти рақамиро ба омӯзиш фаро мегиранд. Дар ин маврид, муҳаққиқони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ бояд дар бораи мувофиқати равишҳои методологии қабулкардаи худ андеша кунанд, зеро тавре муҳаққиқ З.Р. Исраилова қайд мекунад, «тамаркузи онҳо ба манбаъҳои васеи маълумот ихтиёран шароити омӯзишро ба вуҷуд меорад, ки объекти таҳқиқоти онҳоро тағйир дода, қобилияташонро барои таҳияи далелҳои боварибахш халалдор мекунад» [1, с. 51]. Ба андешаи ӯ, шакли таҳқиқоти анъанавии баҳисобгирии муҳосибӣ муайян карда мешавад, ки барои таҳияи фарзияҳои методологии мушаххаси ҳангоми омӯзиши технологияҳои рақамӣ ҷиҳати истифодабарӣ дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ бозбинишаванда замина гузоштаанд.

Душвориҳо ва мушкилоти торафт афзояндаи байни ҳадафҳои тиҷоратӣ, равандҳои амалиётӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ тавассути равишҳои нави баҳисобгирии идоракунӣ (ба монанди ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот дар асоси фаъолият, арзишҳисобкунии ҳадафнок, низоми нишондиҳандаҳои мутавозин, низомҳои стандартии ҳисобкунии арзиши аслӣ ва ғайра) ҳалли худро ёфтанд ва имрӯз ҳамчун тадбирҳои расмиётии баҳисобгирии идоракунӣ дар аксари корхонаҳои истеҳсолии пешқадам ба кор бурда мешаванд. Ҳамин тариқ, дигаргуниҳо дар баҳисобгирии идоракунӣ маъмулан қабули тадбирҳои назоратии стандартиро дар тамоми корхона, ки эҳтиёҷоти навро барои истеҳсол ва додугирифти иттилоот инъикос мекунанд, дарбар мегиранд.

Бо таҳқиқи сарчашмаҳои адабиётии дастрас чунин ба назар мерасад, ки гуё масъалаҳои бо ба низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ворид кардани маълумоти аввалӣ, методологияи баҳисобгирии хароҷот, ҳисобкунии арзиши аслӣ ва дигар ҷанбаҳои

анъанавии баҳисобгирии муҳосибӣ аллакай ҳалли худро ёфтаанд. Вале амалияи пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои ватанӣ тасдиқ мекунад, ки ин хел нест. Душвориҳо дар ҳалли масъалаҳои мазкур дар шароити технологияҳои рақамӣ боз ҳам зиёд шудаанд. Ҳамчунин интишороти олимон Б.Ҳ. Каримов [2], З.И. Латишева [5], А.У. Панахов [7], Ш.А. Ҳоҷиева [8], Т.Г. Шешукова [9] ва дигарон комилан тасдиқ мекунад, ки бо рушди иқтисодиёти рақамӣ ҳануз иқтидори баланд барои рушди босуръати афзори он мавҷуд аст, вале дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ як қатор мушкилоти ҳалношуда низ дар раванди татбиқи он ҷамъ шудаанд. Аз ҷумла, муҳаққиқон қайд мекунанд, ки нақши мутахассисони соҳаи баҳисобгирии идоракунӣ дар ояндабинӣ ва банақшагирии фаъолияти корхона, дар дастгирии стратегияи рушди он баланд шудааст, вале ҳамзамон ба суст шудани иҷрои нақши ҳамгирокунандаи онҳо дар муттаҳидгардонии воҳидҳои сохтории корхона ҷиҳати иттилооти истифодашаванда ишорат мекунанд.

Эътироф бояд кард, ки имрӯз бештари корхонаҳо ҳануз ба сатҳи комили вазъи равандҳои тиҷоратии худ умуман ва ҳам ташкили баҳисобгирӣ дар воҳидҳои сохтории худ мувофиқат намекунанд. Мутаассифона, ҳам дар адабиёт ва ҳам дар амалияи ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои ватанӣ пайдо кардани мисолҳои ҳалли ҳамаҷонибаи масъалаҳои таъсис ва азнавташкилдиҳии низомҳои баҳисобгирии идоракунӣ барои ҳолатҳои тиҷоратии мушаххас ва бартараф намудани мушкилоте, ки дар ин маврид ба миён меоянд, воқеан душвор аст. Набудани чунин маълумот аксар вақт ба он оварда мерасонад, ки роҳбарон дар бораи принсипҳои умумии баҳисобгирии идоракунӣ фаҳмиш надоранд, барои онҳо омӯхтани мантиқи тафаккури барои таҳлили интиқодии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхона зарурӣ душвор аст.

Ҳоло барои амалӣ намудани ғояҳои рақамикунонӣ дар баҳисобгирии идоракунӣ барномаҳои зиёди компютерӣ таҳия карда шудаанд, ки барои қонеъ кардани талаботи иқтисодиёти муосир пайваста такмил дода мешаванд. Бо ёрии ин барномаҳо сода кардани раванд ва автоматикунонии бештари қитъаҳои баҳисобгирии идоракунӣ имконпазир мегардад. Новобаста аз миқёс ва арзиш, технологияҳои рақамии низоми баҳисобгирии идоракунӣ, ки дар фаъолияти корхонаҳои муосир татбиқ карда мешаванд, бояд пешбурди босифати баҳисобгирии идоракуниро таъмин карда, боэътимод, бехавф ва барои истифода созгор бошанд. Ҳисобкуниҳо дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ, аз ҷумла ҳисобкунии хароҷоти истеҳсолӣ ва арзиши аслии маҳсулот бояд дақиқ анҷом дода шаванд, вагарна дар акси ҳол барои натиҷаҳои фаъолияти корхона паёмадҳои манфӣ оварда метавонанд. Низоми иттилоотии баҳисобгирии идоракунӣ инчунин бояд аз ҷиҳати таҳия, пуркунӣ ва тафтиши ҳуҷҷатҳои аввалӣ, таҳиясозӣ ва ба истифодабарандагон пешниҳод кардани ҳисоботи идоракунӣ ба таври равшан амал кунад. Дар маҷмуъ, татбиқи ғояҳои технологияҳои рақамӣ бояд на танҳо кори муҳосиби баҳисобгирии идоракуниро сода кунад, балки хатоҳои бар асари омили инсонӣ пайдошударо низ бартараф созад.

**АДАБИЁТ**

1. Исраилова, З.Р. Переосмысление методов управленческого учета в период масштабной цифровизации данных [Текст] / З.Р. Исраилова // Вестник Чеченского государственного университета им. А.А. Кадырова. – 2021. - № 4 (44). – С. 48-54
2. Каримов, Б.Ҳ. Баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт [Матн] / Б.Ҳ. Каримов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – № 3 (34). - С. 115-119
3. Каримов, Б.Х. Моделирование процессов обработки учетной информации в локальной сети [Текст] / Б.Х. Каримов / Дисс. на соиск. учен. степ. кан. эк. наук: 08.00.13 / Каримов Баходур Хасанович. – Москва, 1994. – 163 с.

4. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, № 642. – Душанбе, 2019. – 33 с.
5. Латышева, З.И., Николенко, Д.В. Цифровизация управленческого учета в России: Современные тенденции и перспективы [Текст] / З.И. Латышева, Д.В. Николенко // Вестник курской государственной сельскохозяйственной академии. – 2021. - № 2. – С.74-80
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: http://president.tj/node/19088
7. Панахов, А.У. Проблемы и перспективы управленческого учета в цифровой экономике [Текст] / А.У. Панахов // учет. Анализ. Аудит. – 2020. – Т. 17. - № 5. – С. 6-14
8. Ҳоҷиева, Ш.А. Рушди методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт [Матн] / Ш.А. Ҳоҷиева // Иқтисодиёт, молия, ҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит: афзалиятҳои рушди стратегӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ. Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба 80-солагии арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Уроқов Д.У. – Душанбе, 2022. – С. 279-284
9. Шешукова, Т.Г. Титенский, А.Р. Влияние цифровизации на управленческий учет предприятия [Текст] / Т.Г. Шешукова, А.Р. Титенский // Вестник Алатайской академии экономики и права. – 2022. - № 6. – С. 176-180

**УДК 336.7**

**Сафаров С.З.**

## ХУСУСИЯТҲОИ НИЗОМИ ИДОРАКУНӢ ВА УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Муаллиф дар мақолаи худ масъалаи хусусиятҳои низоми идоракунӣ ва устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳлил қарор додааст. Дар раванди таҳлил зинаҳои низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, динамикаи рушди фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ, бонкҳои тиҷоратие, ки дар раванди барҳамдиҳии маҷбурӣ бо асосҳои муфлисшавӣ қарор доранд, бонкҳои тиҷоратие, ки бо иштироки сармояи хориҷӣ ташкил карда шудааст, динамикаи афзоиши кортҳои пардохтии бонкӣ, амалиётҳои гирифтани пули накд ва ғайринакдӣ бо истифодаи корҳои пардохтӣ ва ҳамёнҳои электронӣ, ҳиссаи кортҳои пардохтӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, рушди бозори суғурта ва идоракунии хатарҳои он нишон дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** идоракунӣ, устуворӣ, молиявӣ, бонк, низоми бонкӣ, суғурта, хатар, кортҳои пардохтӣ, пули нақд, ғайринақдӣ.

**Сафаров С.З.**

## ОСОБЕННОСТИ СИСТЕМЫ УПРАВЛЕНИЯ И ФИНАНСОВОЙ УСТОЙЧИВОСТИ КОММЕРЧЕСКИХ БАНКОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Автор в своей статье проанализировал особенности системы управления и финансовой устойчивости коммерческих банков Республики Таджикистан. В процессе анализа рассмотрены этапы развития банковской системы Республики Таджикистан,

динамика развития коммерческих банков, коммерческих банков, находящихся в процессе принудительной ликвидации по основаниям банкротства, коммерческих банков, созданных с участием иностранный капитал, динамика роста банковских платежных карт, наличные и безналичные операции с использованием платежных сервисов и электронных кошельков, доля платежных карт в регионах страны, развитие страхового рынка и его риски показано управление.

**Ключевые слова:** менеджмент, устойчивость, финансы, банк, банковская система, страхование, риск, платежные карты, наличные, безналичные.

**Safarov S.Z.**

## FEATURES OF THE MANAGEMENT SYSTEM AND FINANCIAL STABILITY OF COMMERCIAL BANKS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The author in his article, analyzed the features of the management system and financial stability of commercial banks in the Republic of Tajikistan. In the process of analysis, the stages of the banking system in the Republic of Tajikistan, the dynamics of the development of commercial banks, commercial banks that are in the process of forced liquidation on the grounds of bankruptcy, commercial banks established with the participation of foreign capital, the dynamics of the growth of bank payment cards, transactions cash and non-cash with the use of payment services and electronic wallets, the share of payment cards in the regions of the country, the development of the insurance market and its risk management are shown.

**Keywords:** management, sustainability, financial, bank, banking system, insurance, risk, payment cards, cash, non-cash

Дар шароити имрӯза низоми бонкӣ дар пешрафти иқтисодиёти ҷумҳурӣ нақши муҳимро иҷро менамояд, зеро он амалиётҳо ва вазифаҳоеро роҳандози менамоянд, ки танҳо ба бонкҳо хос мебошад. Ин хусусияти бонкҳои тиҷоратӣ дар пешрафт ва рушди иқтисодиёт на танҳо дар мамлакати мо, балки дар дигар мамлакатҳо низ хос буда, ин мавқеъро то ҳол нигоҳ дошта истодаанд. Бо тағйирёбии як нишондиҳандаи фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ метавонад он ба тамоми иқтисодиёт таъсири мусбӣ ё манфии худро расонад. Ташкили дурусти фаъолият дар бахши бонкӣ барои устувории иқтисоди миллӣ муҳим мебошад.

Низоми бонкӣ – унсури муҳим ва калидии иқтисодиёти бозоргонӣ мебошад. Дар ин низом вазифаҳои асосии он татбиқи ҳисоббаробаркуниҳои байни субъектҳои хоҷагидорӣ дар дохил ва берун аз кишвар, қарздиҳӣ ба барои пешбурди фаъолияти иқтисодии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ҷамъоварии маблағҳои озодӣ шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар ниҳоят ба сармоягузорӣ табдил додани онҳо мебошанд. Рушди устувории иқтисодиёти миллӣ, бахши воқеӣ, бозори молиявӣ, беҳтаршавии сатҳи зиндагии аҳолӣ, аз сатҳи рушди бонкҳои тиҷоратӣ вобастагии калон дорад. Нуқсон пайдо шудан дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ, боиси зиён овардан дар тамоми иқтисодиёти ҷумҳурӣ мегарданд. Ба ҳамин хотир, ҳамаи мамлакатҳо барои таъмини самаранокӣ ва рушди бонкҳои тиҷоратии худ чораҳои зарурӣ меандешанд, ки ин ҳолат низ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мадди назар буда наметавонад.

Қобили зикр мебошад, ки айни ҳол низоми бонкии дузинагӣ ташкил дар шудааст, ки мо онро дар расми 1 пешниҳод менамоем.

Тавре аз расм бармеояд, зинаи якуми низоми бонкиро Бонки миллии Тоҷикистон ташкил медиҳад. Ба андешаи таҳқиқгари ватанӣ Аҳадов И. нодуруст идора шудани дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ ба тамоми иқтисодиёти мамлакат таъсири манфии худро расонида метавонад ва аз ин сабаб, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Бонки миллии

Тоҷикистонро ҳамчун масъули танзимкунанда ва назораткунандаи ташкилотҳои қарзии мамлакат ва дороиҳои онҳо тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ эътироф кардааст [1, с.26].




**Расми 1. Зинаҳои низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**
Манбаъ: Таҳияи муаллиф

Мо андешаи иброзшударо ҷонибдори намуда, илова менамоем, ки низоми идоракунӣ ва устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ танҳо бо роҳи самаранок истифодабарии захираҳои пулӣ дар намуди қарзу сармоягузориҳо ва дигар роҳу воситаҳои фаъол метавонад ба зиёдшавии сармоя ва устувории молиявӣ оварда расонад, ки ин ҳолат аз аз тактика ва стратегияи ҳайати идоракунандаи бонкҳои тиҷоратӣ вобастагии бештар дорад.

Ҳамчунин Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми соли 2017 қайд намуда буд, ки “... Бонки миллиро зарур аст, ки дар самти гузаронидани ислоҳоти зарурии пуливу қарзӣ, муътадил нигоҳ доштани қурби пули миллӣ, сатҳи нархҳо, фаъолияти бонкҳо, назорати риояи қонунгузории бонкӣ ва такмили он, паст кардани дараҷаи хавфҳо ва ҷорӣ намудани усулҳои идораи корпоративӣ чораҳои мушаххас андешад” [4].

Воқеан, ба андешаи мо усули идоракунии корпоративӣ дар низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, хубтару беҳтар намудани ҳолати молиявӣ ва сифати он, дар баробари омилҳои объективӣ таъсири омилҳои субъективӣ ва тақвияти фаъолияти бонкҳо накши аосиро иҷро карда метавонад. Яъне, идоракунандагони бонкҳои тиҷоратӣ баҳри дуруст ва мақсаднок идора намудан, ҷалб намудан, беҳтар намудани низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ саҳмгузорӣ карда метавонанд.




Сарчашма: ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори бонкии солҳои 2018, 12 (281), С.73, 2019, №12 (293) С.80, 2020, №12 (305) с.78, 2021, №12 (316), С.14. 2022, №12 (329), С.19.

Қобили зикри хос мебошад, ки бонкҳои тиҷоратӣ ҳамроҳи ташкилотҳои маблағгузории хурд дар зинаи дуюми низоми бонкии ҷумҳурӣ қарор дошта дар шакли ҷамъиятҳои саҳомии кушода ва пушида, ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд, бонкҳои давлативу тиҷоратӣ ва бо иштироки сармояи хориҷӣ, таъсис ва ташкил карда мешаванд.

Ба андешаи устод Хайрзода, Ш.Қ. айни замон низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ шакл гирифта, ҳам аз рӯйи сохтор ва ҳам аз рӯйи усулҳо ва механизмҳои пешбурди фаъолияти бонкӣ ба низоми ҷаҳонии молиявӣ ҳамгиро шудааст [8, с.185].

Бонкҳои тиҷоратӣ дар ҷумҳурӣ тайи солҳои охир коҳиш ёфтанд, соли 2016 шумораи бонкҳои тиҷоратӣ то 18 адад бошад, ин теъдод дар соли 2022 3 адад кам гардида ба 15 адад бонкҳои тиҷоратӣ омада расидааст.

Аз маълумотҳои омории овардашуда дидан мумкин аст, ки тайи солҳои охир камшавии шумораи бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумхурии Тоҷикистон мушоҳида мегардад. Сабаби чунин ҳолат, Бонки миллии Тоҷикистон аз нимаи дуюми соли 2015 сар карда, сиёсати гузариш аз миқдор ба сифатро роҳандозӣ намуд.

Ҳамин андешаи моро Оев А.Д дар рислаи илмии худ дар мавзӯи “Такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон” қайд менамояд, ки сабаби асосии он, ин таъсири манфии омилҳои беруна ва бухронҳои молиявӣ дар солҳои 2015-2018 мебошад, ки дар ин замина БМТ ҳамчун мақоми танзимкунанда чораандешиҳоро ҷиҳати солимгардонии низоми бонкии кишвар роҳандозӣ намуд, ки сиёсати гузариш “аз миқдор ба сифат” амали намуд [5, с.61].

Сиёсати пешгирифтаи БМТ аз миқдор ба сифат бо мақсади беҳтар намудани ҳолати молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ва зиёд кардани сармояи оинномавии бонкҳои тиҷоратӣ, роҳандози гардида буд.

Икромов Н.Қ. қайд менамояд, ки устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар давраи буҳрон ин барқарор кардани сармояи оинномавии бонкҳо ба сатҳе, ки меъёрҳои ҳатмии иқтисодӣ риоя карда мешавад ва барқарор кардани бонкҳои тиҷоратӣ ба фаъолияти мӯътадил ва устувор равона карда шудааст, мебошад. Барои ноил шудан ба натиҷаи мусбии устувории молиявӣ, барқароркунии қобилияти пардохтпазирӣ, оғози саривақтӣ ва хусусияти системавии чораҳои зарури талаб карда мешавад [3, с.144].

Ҳолати камшавии теъдоди бонкҳои тиҷоратиро дар солҳои 2016- 2022 таҳлил намуда, қайд намудан зарур аст, ки баровардани бонкҳои тиҷоратии рақобатнопазир аз низоми бонкии ҷумҳурӣ тадбирандешиҳои хеле маҷбурӣ мебошад, зеро бинобар паст будани саводнокии молиявии аҳоли, расонидани хизматрасонии фосилавии бонкӣ хеле мушкил аст. Аз ин сабаб, коҳиши шумораи бонкҳои тиҷоратӣ ба камшавии фарогирии аҳолӣ бо хизматрасониҳои молиявӣ ва сатҳи дастрасии аҳолӣ ба захираҳои қарзӣ оварда мерасонад.




Расми 2. Бонкҳои тиҷоратие, ки дар раванди барҳамдиҳии маҷбурӣ бо асосҳои муфлисшавӣ қарор доранд [7].

Манбаъ Ташкилотҳои қарзии дар ҳолати барҳамдиҳӣ қарордошта (nbt.tj) (санаи дастрасии маълумот 21.02.2023).

Аз маълумотҳои овардашудаи расми 2. чунин хулоса кардан мумкин аст:

1. Дар шароити ноустувории молиявӣ бонкҳои тиҷоратӣ, Бонки миллии Тоҷикистон маҷбур мешавад, ки талаботро нисбат ба бонкҳо бештар намояд, то ин ки устувории низоми бонкии ҷумҳуриро бо усули тоза кардани он аз бонкҳои тиҷоратии рақобатнопазир таъмин намояд.
2. Бонки миллии Точикистон барои зиёд намудани шумораи бонкҳои тиҷоратии рақобатпазир, инкишоф додани рақобати байнибонкӣ, таъмини дастрасии ҳамаи субъектҳои хоҷагидор ва аҳолӣ ба захираҳои қарзӣ ва хизматрасониҳои бонкӣ кушиш намояд.

Дар ин ҳолат БМТ метавонад сиёсати гузариш аз миқдор ба сифатро тавассути дастгирии молиявӣ, рушди сармоякунонӣ, зиёд намудани муҳлати кори маъмурияти муваққатӣ, ҷалби коршиносони беруна, таҳияи нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратиро ба роҳ монд.

БМТ дар сиёсати пешгирифтаи худ нисбат ба фаъолияти ҷамъияти саҳомии кушодаи «Фононбонк» ва Ҷамъияти саҳомии пушидаи «Тоҷпромбонк», амъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиксодиротбонк», амъияти саҳомии кушодаи «Агроинвестбонк» ҳамин тавр муносибат карда буд.

Ҳамин тариқ динамикаи рушди бонкҳои тиҷоратиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намуда, қайд менамоем, ки камшавии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити қарор додани соҳаи энергетика, саноат, кишоварзӣ, комуникатсия ҳамчун ҳадафи стратегӣ – ин қонунияти умумии рушди бозори бонкии ҷаҳонӣ ва миллӣ дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ мебошад.

Қайд намудан зарур аст, ки дар солҳои 2016-2022 бо сармояи оиномавии муқарраршудаи 80 млн. сомона панҷ бонк дар шакли ҷамъияти саҳомӣ ба монанди ҷамъияти саҳомии пушидаи «Бонки байналмилалии Тоҷикистон», ҷамъияти саҳомии пушидаи «Аксесбонки Тоҷикистон», ҷамъияти саҳомии пушидаи «Бонки рушди Тоҷикистон», ҷамъияти саҳомии пушидаи «Бонки фаръии БМП Покистон дар Душанбе» ва ҷамъияти саҳомии пушидаи «Казкомерсбонки Тоҷикистон», таъсис дода шудааст.

Ба хотири боз ҳам қавитар намудани низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, муттаҳидкунии фаъолият миёни бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд аз ҷумла соли 2016 Ҷамъияти дорои масъулиташ маҳдуди Ташкилоти амонатии қарзии хурди «Стандарт ва молия» ба Ҷамъияти саҳомии пушидаи «Бонки байналмилалии Тоҷикистон», соли 2019 Ҷамъияти саҳомии пушидаи «Аксесбонки Тоҷикистон» ва Ташкилоти амонатии қарзии хурди «Арванд» онҳо бо ҳамдигар муттаҳид гардида, дар ин замина бонки нав – Ҷамъияти саҳомии пушидаи «Бонки Арванд», дар заминаи ҷамъияти саҳомии кушодаи «Соҳибкорбанк» бошад, бонки нав бо усули бонкдории исломӣ – ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тавҳидбонк» ташкил карда шуд.

Таҷрибаи ташкил ва муттаҳидкунӣ бонкҳои тиҷоратӣ дар бо ташкилотҳои амонатгузории қарзии хурд низ ҷой дорад аз ҷумла:

- Соли 2016 дар заминаи ҷамъияти дорои масъулиташ маҳдуди ташкилоти амонатии қарзии хурди «Стандарт ва молия» - Ҷамъияти саҳомии пушидаи «Бонки байналмилалии Тоҷикистон» таъсис дода шуд.
- Соли 2017 ташкилоти амонатии қарзии хурди «Фардо» ба Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Коммерсбонки Точикистон»;
- Соли 2019 ҷамъияти саҳомии пушидаи «Аксесбонки Тоҷикистон» бо ташкилоти амонатиии қарзии хурди «Арванд» муттаҳид гардида, дар ин замина бонки нав – ҷамъияти саҳомии пушидаи «Бонки Арванд», ташкил карда шуд.
- Ҷамъияти саҳомии пушидаи ташкилоти амонатии қарзии хурдт «Алиф - сармоя» ба ҷамъияти саҳомии кушодаи «Алиф Бонк» иваз карда шуд.

Боиси қайд мебошад, ки қисми зиёди бонкҳои навтаъсис бо иштироки сармояи хориҷӣ ташкил карда шудааст, ки мо онро дар расми 3 пешниҳод менамоем:

**Бонкҳои тиҷоратие, ки 100% бо сармояи хориҷӣ ташкил карда шудааст**

- ЧСП «Аввалин бонки молиявии хурд»
- ЧСП «Халик Бонк Тоҷикистон»
- Филиали бонки «Тиҷорат»-и ҶИЭ дар ш. Душанбе
- ЧСК «Алиф Бонк»
- ЧСП «Бонки фаръии БМП Покистон дар Тоҷикистон»

**Бонкҳои тиҷоратие, ки қисмат бо сармояи хориҷӣ ташкил карда шудааст**

- ЧСП «Кафолатбонк»
- ЧСП «Бонки Арванд»
- ЧСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон»
- ЧСК «Бонки Эсхата»

Расми 3. Бонкҳои тиҷоратие, ки бо иштироки сармояи хориҷӣ ташкил карда шудааст.
Манбаъ: Таҳияи муаллиф

Ба андешаи мо, раванди иштироки сармояи хориҷӣ ба такмили идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ мусоидат намуда, дастрасиро ба технологияҳои муосир ва хизматрасониҳои молиявии бонкӣ дар бозори бонкӣ фароҳам меорад, рақобатро инкишоф медиҳад ва фаъолияти бонкҳои тиҷоратии муосирро такмил медиҳад.

Дар умум метавон гуфт, ки, ташкили бонкҳои тиҷоратӣ бо иштироки сармояи хориҷӣ омили муҳимест, ки ба самаранокии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Қобили зикр мебошад, ки рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ бо ёрии ҷорисозии технологияҳои муосири иттилоотӣ ва рақамӣ барои низоми идоракунӣ ва устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мусоидат менамояд

Қайд намудан зарур аст, ки 22 июни соли 2023 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ», ба тасвиб расид, иҷроиши ин фармон тавонист ба рушди ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар ҷумҳурӣ таъсири мусбӣ расонад. Таҷрибаи бойи кишварҳои тараққикарда нишон медиҳад, ки яке аз омилҳои рушди низоми идоракунии устувории моляивии бонкҳои тиҷоратӣ, афзоиши буҷети давлат, пешгирӣ ва кам намудани ҳаргуна омилҳои корупсионӣ, ин густариши низоми пардохтҳои ғайринақдӣ мебошад. Ҳамин аст, ки солҳои охир аз ҷониби бонкҳои тиҷоратии ватанӣ дар самти зиёд намудани банкомату терминалҳо ва кортҳои пардохтӣ мушоҳида мегардад.

Бино ба иттилои сомонаи БМТ, соли 2022 дар мамлакат аз тарафи 21 ташкилоти молиявию қарзӣ 5,06 млн. адад кортҳои пардохтии бонкӣ ба муомилот бароварда шудааст, ки дар қиёс ба соли 2018 2,8 маротиба зиёд аст, ки 71,2 дарсади он кортҳои миллӣ мебошанд.

**Даграммаи 2. Динамикаи афзоиши кортҳои пардохтии бонкӣ**



| | Шумораи кортҳои пардохтии бонкӣ (млн.адад) | Банкомат (адад) | Терминалҳои электронии дар НППН | POS -терминал |
|---|---|---|---|---|
| 2022 | 5,06 | 1724 | 2132 | 3872 |
| 2021 | 3,5 | 1412 | 1848 | 3030 |
| 2020 | 2,8 | 1285 | 1899 | 3811 |
| 2019 | 2,1 | 878 | 1813 | 3535 |
| 2018 | 1,82 | 678 | 1485 | 3014 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар доираи маводҳои сомонаи расмии БМТ Низоми пардохт (nbt.tj) (санаи дастрасии маълумот 5.02.2023) [6].

Дар маҷмӯъ аз ҷониби ташкилотҳои молиявию қарзӣ барои қонеъ гардониданаи талаботҳои соҳибони кортҳои пардохтии бонкӣ 1724 банкомат ва 6004 терминали электронӣ дар нуқтаҳои дастрасӣ барои дорандагони корт насб ва пайваст карда шуданд. Аз ин шумораи терминалҳо, 2132 адад барои пешниҳоди пули нақд ва 3872 адад дар муассисаҳои савдою хизматрасонӣ насб гардидаанд, ки ин теъдод нисбат ба ба соли 2018 ба 43,5 % ва 28,4 % афзудааст.

Дар соли 2022 дар муассисаҳои савдо ва хизматрасонии ҷумҳурӣ 17433 адад QR-рамз мавриди истифода қарор дода шудааст, ки нишондиҳандаи мазкур нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта 6 397 адад (58,0%) зиёд мебошад.

Тавре аз диграммаи 3 бармеояд, амалиётҳои ғайринақдӣ бо истифода аз кортҳои бонкӣ ва ҳамёнҳои электронӣ дар соли 2022 дар намуди пардохтҳоти молу хизматрасонӣ 16,4 маротиба ва гирифтани пули нақд 6 маротиба нисбати соли 2018 афзоиш ёфтааст.




**Диаграммаи 3. Амалиётҳои гирифтани пули нақд ва ғайринақдӣ бо истифодаи корҳои пардохтӣ ва ҳамёнҳои электронӣ**

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар доираи маводҳои сомонаи расмии БМТ Низоми пардохт (nbt.tj) (санаи дастрасии маълумот 5.02.2023)

Афзоишёбии бамаротиби амалиёт ва пардохтҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин осонии истифодаи кортҳо мебошад. Зарурати бо худ бурдани пули калон нест ва дар айни замон имкони пардохти арзиши моли харидашуда дар дохил ва берун аз кишвар низ имконпазир мебошад. Ҳар лаҳза гирифтани пули нақд, иваз намудани пули калонро бо майда, лозим нест. Ба андешаи мо соҳибони кортҳои бонкӣ барои парои пардохт намудани маблағи шартномаи таҳсил, ҷаримаҳо, боҷҳои давлатӣ, хизматрасонии манзилию коммуналӣ ва алоқаи мобилӣ пардохтро тавассути ғайринақдӣ анҷом диҳанд, беҳтар мешавад..

Дар нуқтаи хизматрасонӣ аз суратҳисобҳои кортӣ пули нақд гирифтан ё аз ҳисобҳои кортӣ ба дӯстону наздикон аз масофаи дур интиқол додани пул имконпазир мебошад.

Дар доираи фармони ба тасвибрасидашуда, яъне аз 22 июни соли 2023 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ», аз 1 августи соли 2023 сар карда тамоми пардохтҳо аз ҷумла боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозатҳо, ҷаримаҳо, хизматрасонии коммуналӣ, андоз, хизматрасонии тиббӣ, инчунин қабули маблағҳо аз тарафи вазорату идораҳо ва ташкилоту муассисаҳои давлатӣ тариқи ғайринақдӣ ба роҳ монда шуд. Инчунин дар фармони мазкур, БМТ ва дар маҷмӯъ низоми бонкӣ ва дигар вазорату идораҳои дахлдор масъул гардиданд, тамоми шароиту имкониятҳо ҷиҳати дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани қабули пардохтҳои ғайринақдиро дар минтақаҳои ҷумҳурӣ чораандешӣ намоянд.




**Диаграммаи 4. Ҳиссаи кортҳои пардохтӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ**

Таҳлилҳои гузаронидашуда, далолат аз он мекунад, ки маҷмуан тадбирандешиҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо низоми бонкии ҷумҳурӣ дар рушди истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ ва ҳаҷми пардохтҳои ғайринақдӣ таъсир расонида тавонист. Дар доираи маълумотҳои оморӣ, ҳиссаи кортҳои пардохтӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ бо 30 фоиз дар мадди аввал ба ш.Душанбе дар ҷои 2-юм бошад вилояти Хатлон бо 26 фоиз, вилояти Суғд бо 25 банди фоизи дар ҷақоми 3-юм қарор дорад.

Ба андешаи Оев А.Д таносуби рушди чунин инфрасохтори низоми бонкӣ дар шароити муосир сифати хуби хизматрасониро дар низом бозгӯй буда, шаффофияти амалиётҳо ва самаранокии фаъолияти онро таъмин ва ба ин восита ба устувории молиявии он мусоидат менамояд [5, с.65].

Бо ҷонибдори аз гуфтаҳои Оев А.Д. мо низ иброз менамоем, ки рушди инфрасохтори бонкӣ ба коҳишдиҳии талаботи аҳолӣ ба пули нақд, кам намудани интизориҳои дорандагони корт дар назди банкоматҳои бонкҳои тиҷоратӣ оварда расонида, маблағҳои воқеии дорандагони кортҳоро, бонкҳои тиҷоратӣ ҷиҳати устувор намудани ҳолати молиявии хеш ба додани қарзҳои кутоҳмуддату дарозмуддат ва сармоягузорӣ равона созад.

Имрӯз шумораи зиёди шаҳрвандон дорандагони кортҳои пардохтӣ ва истифодабарандагони замимаҳои махсуси бонкӣ буда, бо кӯмаки онҳо метавонанд ҳангоми харидории молу хизматрасонӣ пардохтҳои ғайринақдӣро ба роҳ монанд.

Дар айни замон, аксари бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути телефонҳои мобилӣ, барномаҳои гуногуни хизматрасонии фосилавии пардохтиро ба монанди интернет-банкинг, бонкдории мобилӣ, пардохтҳо бо QR-код ва василаҳои электрониро бо мақсади анҷом додани пардохтҳои ғайринақдӣ барои молу хизматрасонӣ ҷорӣ намудаанд. Инчунин барои боз ҳам ҳавасманд намудани мизоҷони худ, бонкҳои тиҷоратӣ сол то сол фоизи ҳаққи хизматрасониро, барномаҳои бонусӣ ва кэшбэкӣ ва дигар имтиёзҳоро пешниҳод намуда истодаанд.

Дигар масъалае, ки мехоҳем мавриди таваҷҷӯҳ қарор диҳем ин Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 марти соли 2017, №851 «Дар бораи ба ихтиёри Бонки миллии Тоҷикистон додани салоҳиятҳои назорати суғурта» мебошад.

Ин амалро мо қобили дастгири меҳисобем, зеро ба ихтиёри БМТ додани салоҳиятҳои назорати давлатии суғурта, ҳам ба низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ва беҳтаршавии фаъолияти ташкилотҳои суғуртавии ватанӣ мусоидат менамояд.

Дигар ин ки, дар шароити иқтисодиёти ноустувор ба бонкҳои тиҷоратӣ ва мизоҷони он ҳангоми дар бонк пасандоз гузоштан хавфҳои молиявӣ дучор мешаванд, дар ин ҳолат барои идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ зарурати инкишоф додани суғуртаи бонкӣ ба вуҷуд меояд. Аллакай натиҷаҳои хуби фаъолияти бонкӣ ва суғурта дар доираи Бонки миллии Тоҷикистон мушоҳида мегардад. Чуночӣ дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)-и кишвар дар соли 2022 ба 690,6 млн. сомонӣ баробар шуданд, ки нисбат ба соли 2016 454,1 млн. сомонӣ (292,1 фоиз) зиёд мебошад. Ҳиссаи дороиҳои низоми суғурта нисбат ба дороиҳои умумии низоми молиявии кишвар дар ин давра ба 2,0 фоиз баробар шуда, нисбат ба ММД бошад, 0,6 фоизро ташкил намуд.

Дар соли 2022 уҳдадориҳои тавозунии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ба 300,0 млн. сомонӣ баробар гардида, нисбат ба соли 2016 ба андозаи 173,5 млн. сомонӣ (237,1 фоиз) афзоиш ёфтанд.

Маблағҳои худии ташкилотҳои суғуртавӣ дар соли 2022 маблағи 390,6 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2016 280,7 млн. сомонӣ (355,4 фоиз) зиёд гардид, ки нишондиҳандаи мазкур аз ҳисоби афзоиши сармояи оинномавӣ, фоидаи тақсимнашудаи соли 2022 ва сармояи захиравӣ ба амал омадааст.




**Диаграммаи 5. Динамикаи рушди бозори суғурта барои солҳои 2016-2022**

Манбаъ: Муаллиф дар доираи маълумотҳои https://nbt.tj/files/sugurta таҳия намудааст. (Санаи дастрасии маълумот 24.02.2024)

Сармояи оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ дар ин сол маблағи 279,5 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2016 ба андозаи 193,9 млн. сомонӣ (326,5 фоиз) афзуд.

Миқдори умумии шартномаҳои басташуда дар соли 2022 ба 2 114,4 ҳазор адад баробар шуд, ки дар муқоиса ба соли 2016 ба миқдори 524,5 ҳазор адад (132,9 фоиз) зиёд мебошад.

Ҳаҷми умумии мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) дар соли 2022 321,5 млн. сомониро ташкил дод. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) раванди афзоишёбии устуворро касб намуда, нисбат ба соли 2016 ба андозаи 198,4 млн. сомонӣ зиёд гардидааст.

Хавфҳои базиммагирифтаи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) дар соли 2022 маблағи 105,6 млрд. сомониро ташкил доданд, ки он дар муқоиса ба соли 2016 ба андозаи 35,1 млрд. сомонӣ (49,7 фоиз) зиёд мебошад. Дар робита ба ин, хавфҳои ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодаи ташкилотҳои суғуртавӣ дар соли 2022 68 млрд. сомониро ташкил намуданд, ки нисбат ба соли 2016 4,4 млрд. сомонӣ (6,9 фоиз) афзоиш ёфтаанд.




**Диаграммаи 6. Идоракунии хатарҳо дар бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Манбаъ Манбаъ: Муаллиф дар доираи маълумотҳои https://nbt.tj/files/sugurta/ таҳия намудааст. (Санаи дастрасии маълумот 24.02.2024)

Ин раванд, аз як тараф, ба устувории молиявӣ ва пардохтпазирии ширкатҳои азнавсуғуртакунӣ ва коҳиши хавф таъсири мусбат расонида бошад, аз ҷониби дигар боиси хуруҷи сармояи дохилӣ ва рушди сусти тиҷорати миллии азнавсуғуртакунӣ мегардад.

Бинобар ин, рушди бозори суғурта ва табдил додани суғурта ба яке аз омилҳои асосии низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ вазифаи стратегӣ дар нази БМТ баромад мекунад. Барои ҳалли ин масъала рафъи омилҳои зерин тақозо карда мешавад:

- аз байн бурдани фаъолияти монополии ширкатҳои суғуртавӣ дар бозори суғуртаи миллӣ;
- сари вақт пардохт намудани ҷуброни зазараҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ;
- зиёд намудани таблиғу ташвиқ дар воситаҳои ахбори омма ва сомонаҳои иҷтимоӣ;

Ҳамин тавр, дар давраи таҳлили хусусиятҳои низоми идоракунӣ ва устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дигаргуни эҳсос гардида, нақши Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ягонае, ки маҷмӯи салоҳиятҳоро оид ба танзим ва идоракунии бонкҳои тиҷоратӣ дар бозорҳои молиявӣ, сармояи оиномавӣ ва рушди бозори суғурта, баръало ба чашм мерасад.

## АДАБИЁТ


1. Аҳадов И. Такмили низоми идоракунии дороиҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз. Душанбе – 2024.- 26
2. Бюллетени омори бонкии солҳои 2018, 12 (281), С.73, 2019, №12 (293) С.80, 2020, №12 (305) с.78, 2021, №12 (316), С.14. 2022, №12 (329), С.19.
3. Икромов Н.Қ. Танзими зиддибуҳронии фаъолияти бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - молия, гардиши пул ва қарз. Душанбе, 2021.- 144-145
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.12.2017, шаҳри Душанбе. [манбаи электронӣ]. - URL: http://www.president.tj/node/16771
5. Оев А.Д. Такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон / диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз. Душанбе, 2024.- 61,62,65.
6. Сомонаи расмии БМТ Низоми пардохт (nbt.tj) (санаи дастрасии маълумот 24.01.2024)
7. Сомонаи расмии БМТ Ташкилотҳои қарзии дар ҳолати барҳамдиҳӣ қарордошта (nbt.tj) (санаи дастрасии маълумот 21.02.2023)
8. Хайрзода, Ш.Қ. Рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бесуботии молиявӣ: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ: 08.00.10.[Матн]/ Ш.Қ.Хайрзода. - Душанбе, 2021.- С.185

**УДК 334.012. (575.3)**

**Тагаев Б. Ш.**

## САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур асосан самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити муносибатҳои бозорӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта инчунин дар заминаи омӯзиши адабиёти иқтисодӣ унсурҳои асосии афзалиятноки рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ ҷудо карда шудаанд. Њамзамон дар мақолаи мазкур бо дарназардошти мушаххассозии самтҳои афзалиятноку стратегии рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ ҷараёни амалисозии консепсияву барномаҳо ва нақшаҳои давлатии дастгириву рушди соҳибкорӣ мавриди таҳлил қарор дода шуд.

**Калидвожаҳо:** соҳибкорӣ, рушди соҳибкорӣ, инфрасохтори соҳибкорӣ, таъминоти инфрасохторӣ, дастгирии соҳибкорӣ, низоми самаранокӣ ва ғайра.

**Тагаев Б. Ш.**

## ПРИОРИТЕТНЫЕ НАПРАВЛЕНИИ РАЗВИТИЯ ИНФРАСТРУКТУРЫ ПРОИЗВОДСТВЕННОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье определены приоритетные направлении развития инфраструктуры производственного предпринимательства в Республике Таджикистан в условиях рынка, и на основе изучения экономической литературы выделены основные элементы инфраструктуры производственного предпринимательства. Наряду с этом в статье проанализирован процесс реализации государственных концепций, стратегии поддержки развития производственной инфраструктуры и утоынены уточнения приоритетные и стратегические направлений развития инфраструктуры производственного предпринимательства.

**Ключевые слова:** предпринимательство, производственное предпринимательство, инфраструктура, инфраструктурное обеспечение, инвестиции, банковская инфраструктура, биржа, дороги.

**Tagaev B. Sh.**

## PERSPECTIVE DIRECTIONS OF THE DEVELOPMENT OF INFRASTRUCTURE OF PRODUCTION ENTERPRISE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article identifies priority areas for the development of industrial entrepreneurship infrastructure in the Republic of Tajikistan in market conditions, and based on the study of economic literature, the main elements of the industrial entrepreneurship infrastructure are identified. Along with this, the article analyzes the process of implementing state concepts, strategies for supporting the development of industrial infrastructure and clarifies the priority and strategic directions for the development of industrial entrepreneurship infrastructure.

**Key words:** entrepreneurship, industrial entrepreneurship, infrastructure, infrastructure support, investments, banking infrastructure, stock exchange, roads.

Бо дарназардошти мушаххассозии самтҳои афзалиятноку стратегии рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ ҷараёни амалисозии консепсияву барномаҳо ва нақшаҳои давлатии дастгириву рушди соҳибкорӣ мавриди таҳлил қарор дода шуд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути қабул ва амалисозии як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ заминаҳои рушди соҳибкорӣ фароҳам карда шудаанд.

Ҳамзамон бо ин, тавре, ки дар Консепсияи рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015 зикр гардидааст фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ аз бисёр ҷиҳат аз амалҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вобастагӣ дорад [1].

Бе андешаи мо, мушкилоту масъалаҳои садди рушди соҳибкорӣ, ки дар консепсияи мазкур зикр гардидаанд, то ҳанӯз ҳалли пурраи худро пайдо накарда, то ба имрӯз ҳамчун самтҳои муҳими дастгирии рушди соҳибкорӣ мубрам боқӣ мебошанд. Аз ҷумла:

- мукаммалсозии низоми андозбандӣ;
- ҳамоҳангсозии маблағгузориҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетии барномаҳои давлатӣ ва маҳалли оид ба дастгирии соҳибкорӣ;
- мукаммалгардонии механизмҳои дастгирии молиявию қарзӣ ва суғуртаи хавфи эҳтимолии марбут ба соҳибкории хурд;
- ташкили механизмҳои худмаблағгузорӣ (иттиҳодияҳои қарздиҳанда, ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобила ва ғайра);
- дастрасии озоди соҳибкорон ба иқтидорҳои истеҳсолӣ ва амволи корхонаҳои реструктуризатсияшаванда;
- ҳимояи боэъмитоди иҷтимоӣ ва бехатарии соҳибкорон;
- ташкилии ҳамкории мутақобилаи бизнеси хурд бо бозор ва сохторҳои давлатӣ;
- бартарафсозии монеаҳои маъмурӣ дар роҳи ташкил ва рушди соҳибкорӣ;
- мукаммалгардонии заминаҳои маблағгузориҳои бонкӣ ва мутобиқсозии меъёри фоиз ва арзиши маблағҳои қарзӣ ба талаботи соҳибкорон, яъне ҳалли мушкилоти норасоии маблағҳои молиявӣ ва дастрасии соҳибкорон ба маблағҳои қарзӣ;
- мукаммалсозии инфрасохторӣ, аз ҷумла инфрасохтори низоми суғуртавӣ;
- фаъолсозии инфрасохтори мададрасони машваратӣ дар самти рушди соҳибкории истеҳсолӣ.

Бояд зикр намуд, ки дар ҷодаи ҳалли масъалаву мушкилоти зикршуда аз ҷониби давлат маҷмӯи чораҳои муассир амалӣ гардида, зина ба зина фазои мусоиди соҳибкорӣ фароҳам гардида истодааст.

Дар ин ҷода Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ" муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба ҳимоя, дастгирии давлатӣ ва

рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим намуда, кафолатҳои давлатии фаъолияти субъектҳои соҳибкориро таъмин мекунад [7].

Дар Қонуни мазкур бо таври возеҳ самтҳои асосии дастгирии давлатии соҳибкорӣ зикр карда шудааст: “...такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои соҳибкорӣ, имконияти озодона амалӣ намудани ҳамаи намудҳои соҳибкорие, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, ташкили марказҳои дастгирии давлатии соҳибкорӣ, бизнес-инкубаторҳо, паркҳои технологӣ, минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва дигар шаклҳои инфрасохтори соҳибкорӣ, таъмини методию таълимӣ, илмию методӣ ва иттиллоотии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ аз ҳисоби Фонди дастгирии давлатии соҳибкорӣ, ташкили фаъолияти шӯроҳо оид ба рушди соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ” [8] мусоидат мекунад.

Ба андешаи мо, мушкилоти асосии мукаммалсозии инфрасохтори рушди соҳибкорӣ кашолёбии таъмини иҷрои дастуру супоришҳо ва муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ доир ба ин масъала мебошад. Аввалан ба нерӯи инсонӣ ва касбияти сохтору мақомоти ваколатдор бештар вобастагӣ дошта, дар сатҳи маҳалҳо ба рушди инфрасохтори дастгирии рушди соҳибкорӣ аҳамияти хоса дода намешавад.

Аз ҷониби дигар, муносибати сатҳӣ ва рушди номукаммали инфрасохтори дастгиркунандаи соҳибкорӣ боиси дар сатҳи қонекунанда роҳандозӣ нагардидани соҳибкории истеҳсоли дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат гардида истодааст.

Аз ин лиҳоз, бинобар номукаммали инфрасохтори рушди соҳибкорӣ ҳалли як қатор мушкилотҳои мавҷуда муддати дароз идома дорад, ки ин ҳолат ҷавобгӯи ҳадафҳои рушди босуръати саноати кишвар шуда наметавонад.

Хусусан, сатҳи нокифояи инфрасохтори қарздиҳиву суғуртакунонӣ, кашолёбии таъсисёбӣ ва рушди марказҳои дастгирии давлатии соҳибкорӣ, бизнес-инкубаторҳо, паркҳои технологӣ ва ниҳодҳои мусоидаткунандаи дастгирии ташкил ва рушди истеҳсолот аз ҷумлаи самтҳои калидӣ ба ҳисоб меравaнд.

Бояд қайд намуд, ки бо дар назардошти ҷараёни мусбати рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, омилҳое мавҷуд ҳастанд, ки ба рушди истеҳсолот монеа гуногунро эҷод мекунанд [3].

- Пурра набудани ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба рушди соҳибкорӣ, иҷозатномадиҳии фаъолият, сертификатсиякунонии фаъолияти тиҷоратӣ, гузаронидани санҷишҳои беассос, гаронии андозии фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар мамлакат, содирот ва воридоти молҳоро танзим мекунанд;
- Дар сатҳи зарури дастраси пайдо накардан ба захираҳои молиявӣ;
- Дар сатҳи баланд қарор доштани ҳолатҳои коррупсия;
- Дар сатҳи на он қадар зарури омода шудани кадрҳои баландихтисос дар самти фаъолияти соҳибкорӣ;
- Сари вақт аз такмили ихтисос нагузаштани соҳибкорони хурду миёна (тренингҳо) дар мамлакат;
- Мавҷуд набудани нақшаи стратегии (дурнамои), соҳибкорини хурду миёна;
- Номувозинатии қурби асъор дар мамлакат;
- Дар сатҳи зарури инкишоф наёфтани инфрасохтори мукаммали дастгирии соҳибкорон, хусусан соҳибкорони ҷавон дар сатҳи Ҷумҳурӣ;
- Дар сатҳи зарури аз имкониятҳои фаровони давлат истифода накардани соҳибкорони хурду миёна;
- сатҳи пасти ҳосилнокии меҳнат;
- истифодаи техника ва таҷҳизоти истеҳсолии фарсудашуда;
- Дар сатҳи паст қарор доштани истеҳсолоти технологӣ;
- Дар сатҳи паст қарор доштани сифати маҳсулоти ватанӣ ва рақобатнопазирии он дар шароити имрӯза;

Аз ҷониби дигар, “...сарфи назар аз беҳтаршавии фаъолияти сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозаргонӣ, дар бахши фаъолияти соҳибкорӣ ва фазои сармоягузорӣ ҳанӯз баъзе” [3] аз мушкилотҳои сади рушди соҳибкорӣ боқӣ мебошад.

Аз ҷумла, рушди “...нокомили ташкилотҳои инфрасохтории рушди соҳибкорӣ дар воҳидҳои ҳудудӣ, риояи нокифояи принсипи шаффофият ва низоми заифи иттилоотии идораи амволи давлатӣ, маҳдуд будани механизмҳои самарабахш оид ба рушди соҳибкории занон ва сатҳи нокифояи таҷрибаи пешқадам, дониш ва малакаи банақшагирии бизнес, менеҷмент ва маркетинги соҳибкорон” [5] дар меҳвари масоили мавҷуда зикр карда шудааст.

Таҳлилҳо собит менамоянд, ки “...беҳтарнамоии неруи инфрасохтори муҳити сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар самтҳои зерин ҳанӯз мубрам боқӣ мебошанд аз он ҷумла: “...ташкил намудани Феҳристи электронии ба гарав гузоштани амволи манқул бо дарназардошти таҷрибаи байналмилалӣ, рушди ҳамоҳангсозии соҳавӣ ва минтақавии кумаки беруна, аз ҷумла дар заминаи Низоми иттилоотии идоракунии кумаки беруна, мукаммалгардонии сиёсати давлатӣ оид ба рушд ва дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ, соддагардонии танзими соҳибкорӣ дар бахши иҷозатномадиҳӣ, тадриҷан амалӣ намудани сиёсати кам кардани сарбории маъмурии пешбурди фаъолияти соҳибкор” [3]

Дар асоси таҳилҳо, Ҳукумати мамлакатро зарур омад, ки дар “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, дар робита ба ҳадафҳои гузариш аз модели иқтисоди аграриву саноатӣ ба модели иқтисоди саноативу аграрӣ фароҳамсозии инфрасохтори зарурӣ дар самтҳои зерин ба рушди соҳибкорӣ тақвият бахшида, боиси ноилшавӣ ба саноатикунонии босуръат хоҳад гардид, дарҷ гардидааст: Аз ҷумла: “...таъмини самаранокии кори нақлиёт ва инфрасохтори он, ки ба рушди иҷтимоию иқтисоди манотиқи кишвар мусоидат мекунанд, таъмини истифодаи инфрасохтори долонҳои нақлиётӣ ва шабакаҳои барқӣ ҷиҳати тақвият бахшидани инфрасохтори фаромарзии телекоммуникатсионӣ” [9], “...рушди инфрасохтори дохилӣ ва берунаи энергетикӣ (шабакаҳои барқию зеристгоҳҳо), сохтмон ва таҷдиди инфрасохтори нақлиётӣ, фаъолияти устувори системаи нигоҳдорӣ, истифодаи инфрасохтори обёрӣ ва заҳбуру заҳкашӣ ба сифати замина барои фаъолияти устувори кишоварзӣ обёришаванда ва таъмини амнияти озуқаворӣ, шуғли аҳолӣ дар деҳот ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар ҷойҳо, истифодаи оқилонаи имкониятҳои нави ҳамгироӣ ва рушди инфрасохтори транзитии кишвар, фаъолсозии ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ ва ташаккулдиҳии инфрасохтори муосири байналмилалии транзитӣ, бунёди инфрасохтори замонавӣ ҷиҳати дастгирии соҳибкорӣ ва механизмҳои мусоидат барои таъсиси истеҳсолоти нав, рушди инфрасохтори инноватсионӣ – шабакаҳои интиқоли технологияҳо, миёнаравҳои технологӣ, низомҳои экспертиза, сертификатсия, стандартизатсия ва аккредитатсия, ҳавасмандгардонии низоми рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ, навсозии инфрасохтори инноватсионӣ (технопаркҳо, технополисҳо), бунёди инфрасохторе, ки барои пайдо шудани стартапҳо мусоидат мекунад, шароит ва инфрасохтори нақлиётию логистикӣ барои ташаккулёбӣ ва рушди соҳибкории саноатӣ, энергетикӣ, аграрӣ ва сайёҳӣ дар деҳот, дар минтақаҳои барқтаъминкунии ғайримутамарказонидашуда ва ноҳияҳои кишвар, баланд бардоштани иқтидор ва рақобатпазирии муассисаҳои молиявӣ ва рушди инфрасохтори бахши молиявӣ” [4], “...кам кардани монеаҳои маъмурӣ ва ташаккули инфрасохтори рушд ва дастгирии соҳибкории хурд ва миёна дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, ташаккулдиҳии низоми иттилоотии соҳибкорӣ дар саноат ва мусоидат ба ташкил намудани бизнес-инкубаторҳо бо назардошти талаботи мардон ва занон, соҳибкорони деҳот, пурзӯр намудани ҳуқуқҳои молу мулкӣ, рушди рақобат ва таъсисдиҳии ниҳод (институт)-и Омбудсмен оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои соҳибкорон” [10] ва бунёди инфрасохтори самарабахши нақлиётию логистикӣ мусоидат мекунад.

Дар маҷмӯъ, ба андешаи мо, шарти зарурии "... рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди миллӣ, ин мавҷудияти инфрасохтори мукаммали институтсионалӣ мебошад.

Таъиноти асосии инфрасохтори институтсионалии соҳибкории истеҳсолӣ дар ташаккул ва нигоҳдории фазои мусоиду шароити созгор барои таъмини рақобатпазирии субъектҳои соҳибкорӣ зоҳир мегардад. Зимнан, унсури калидӣ дар рафти ин равандҳо ташаккули ниҳодҳои таъминоти истеҳсолӣ, илмӣ-техникӣ, молиявию қарзӣ, иттилоотӣ, кадрӣ ва ҳуқуқии соҳибкории истеҳсолӣ" [6] маҳсуб меёбад.

Модели ба тасмимҳои истеҳсолӣ ва табдилдиҳии коркардҳои технологӣ асосёфта ҳалқаи сарбастаро пешбинӣ карда, бунёди пойгоҳи коркардҳо ва технологияҳои илмӣ, ҷорисозии онҳо дар истеҳсолот, интиқоли технологияҳои инноватсионӣ ба бозори истеҳсолӣ, омӯзиши талабот ба коркардҳои илмӣ дар бозори истеҳсолӣ ва чун натиҷаи ҷамъбастӣ таъсисдиҳии пойгоҳи фармоишотӣ ба такмилдиҳии ҷараёни истеҳсолот, ҳалли масоили марбут ба ҷараёни истеҳсолӣ бо истифода аз нерую иқтидори кормандони илмӣ ва навоварон дар шароити имрӯзаи иқтисоди миллӣ хело мубрам мебошад.

Дар баробари ин, ҳамкории мутақобилаи ниҳодҳои давлатӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ ва субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар заминаи тавсеаи механизми инфрасохтори мусоидаткунанда ҳамчун унсури муҳимтарини низоми муносибатҳои иқтисодӣ баромад мекунад ва самаранокии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар бисёр мавридаз он вобаста аст.

Дар натиҷаи таҳқиқоти сотсиологии анҷомдодашуда дар байни субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ афзалиятҳо ва муҳиммияти шароити ташкилкунӣ ва пешбурди соҳибкории истеҳсолӣ, аҳамияти ҳар як гурӯҳи самтҳои такмили сиёсати давлатӣ дар соҳаи соҳибкории истеҳсолӣ барои соҳибкорони эҳтимолӣ ва соҳибкорони таҷрибадор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас ва радабандӣ гардида, дар шароти кунунӣ барои соҳибкорони мамлакат низоми андозбандии мавҷуда ҳамчун муҳимтарин омили садди пешрафти соҳиборӣ арзёбӣ карда шудааст. Бинобар ин, зимни таҳияи Кодекси нави андоз низоми андозбандӣ бояд ҳавасмандии соҳибкоронро ба истеҳсолот пайгирӣ намояд.

Ҳамин тавр, ба сифати яке аз самтҳои муҳимми дастгирии давлатии рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷ Т таҳия ва амалӣ намудани шаклҳои гуногуни дастгирии самараноки фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби мақомоти дахлдор, ширкати мустақими онҳо дар тавсеаи ва рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ инчунин роҳандозии ҳамкории давлат ва бахши соҳибкорӣ самараи бисёрҷабҳаи синергетикӣ расонида метавонад.

**АДАБИЁТ**


1. Консепсияи рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004 № 469 тасдиқ шудааст.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ". - (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2014, №7, қ.2, мод. 404) (Қонуни ҶТ аз 18.03.2015 №1194, аз 30.05.2017 № 1436, аз 2.01.2020 № 1684)
3. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020.
4. Стратегияи миллии рушди Љумњурии Тољикистон барои давраи то соли 2030.
5. Таҳлили вазъи сармоягузорӣ дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Убайдзода Н, Раҳимов Ф.С., Лолаев З.Х. // Политехнический вестник. серия: интеллект. инновации. инвестиции учредители: Таджикский технический университет им. академика М.С. Осими ISSN: 2520-2235
6. Нақши соҳибкории истеҳсолӣ дар сохтори иқтисоди миллӣ. Абдураҳмон Ҳ. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. ISSN: 2308-054x.

7. Сармояи иҷтимоӣ ва шароитҳои ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон. Орифҷонова Н.Р. // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Номер: 4 год: Душанбе 2022 Страницы: 8-14.
8. Сомонаи электронӣ: https://majmilli.tj / Қонуни ҶТ дар бораи ҳимоя вадастгирии соҳибкорӣ.
9. Баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ яке аз ҳадафҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон.Беков Д. // Республика Таджикистан на пути реализации целей развития материалы Республиканской научно-практической конференции. Институт философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана. Душанбе, 2021.Издательство: Илм. Страницы: 204-209.
10. Роҳҳои мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. /Амонова Д.А.// Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900- Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), Душанбе,2023.

**УДК -338.24**

**Умарзода Н.**

## МУАММОҲОИ ТАШКИЛИЮ ИҚТИСОДИИ ТАНЗИМИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТИИ БЕРУНӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Дар мақола масъалаҳои ташкилию иқтисодии танзими муҳоҷирати меҳнатии берунӣ дар шароити муосир мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар он шароит ва заминаҳои нави кишвар дида баромада шуда, аз нигоҳи назария ва методологияи ҷараёнгирии муҳоҷирати берунӣ аз хусусиятҳои минтақавӣ мавриди омузиш қарор гирифтааст. Муаллиф қайд менамояд,ки зарурати ҷустуҷӯи кор ва шароити хуби корӣ аз ҷой доштани фарқияти музди меҳнати кишвари интиқолкунандаи захираҳои меҳнатӣ ва кишварҳои қабулкунандандаи чунин захираҳо мебошад. Бинобар ҳамин самти муҳими сиёсати муассири муҳоҷиратӣ дар беҳтар намудани фишангҳои танзимкунада мебошад. Муҳоҷирати беруна ҳамин тавр дар заминаи равандҳо ва механизмҳои иҷтимоӣ, ки воқеияти иҷтимоиро ташаккул медиҳанд, ҳамчун объекти омузиш қарор дода шуда, дар ин самт зарурати ҷустуҷӯи нуқтаи назарри замонавиро пешниҳод гардонидааст. Муаллиф чунин ҳолатро воқеияти иҷтимоиву фарҳангии имрӯзаро ифода карда, ҳамчун масъалаи назариви ва ва амалии сиёсати муҳоҷират ва танзими муҳоҷирати меҳнати беруна баррасӣ шудааст. Барои фаҳмида гирифтани муфидгардонии муҳоҷирати меҳнатии берунӣ дар робита ба таносуби маҷмӯи воридоти пули нақд ба буҷа аз муҳоҷирати меҳнатӣ ҳамчун омили таъсмрбахш асосноки гирифтааст.

**Калидвожаҳо:** муҳоҷирати меҳнатии берунӣ, назария ва методологияи ҷараёнгирии муҳоҷират, хусусиятҳои минтақавӣ, фарқияти музди меҳнат, захираҳои меҳнатӣ, фишангҳои танзимкунадаи муҳоҷират, танзими муҳоҷирати меҳнати беруна.

**Умарзода Н.**

## ОРГАНИЗАЦИОННО-ЭКОНОМИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ РЕГУЛИРОВАНИЯ ВНЕШНЕЙ ТРУДОВОЙ МИГРАЦИИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

В статье рассматриваются организационно-экономические вопросы регулирования внешней трудовой миграции в современных условиях. Исследуется новые условия и

контексты страны, изучаются региональные особенности с точки зрения теории и методологии внешней миграционного процесса. Автор указывает, что необходимо поиск работы и хороших условий труда обусловлена разницей в заработной плате между страной-поставщиком трудовых ресурсов и странами-получателями таких ресурсов. Поэтому важным направлением эффективной иммиграционной политики является совершенствование инструментов регулирования. Таким образом, внешняя миграция решена как объект исследования в контексте социальных процессов и механизмов, формирующих социальную реальность. И в этом направлении высказана необходимость поиска современной точки зрения. Автор охарактеризовал такую ситуацию как современную социокультурную реальность и рассмотрения его как теоретический и практический вопрос миграционной политики и регулирования внешней трудовой миграции. Для понимания преимуществ внешней трудовой миграции по отношению к соотношению совокупных денежных поступлений в бюджет, обоснована трудовая миграция как влияющий фактор.

**Ключевые слова:** внешняя трудовая миграция, теория и методология, миграционный процесс, региональные особенности, дифференциация заработной платы, трудовые ресурсы, рычаги миграционного регулирования, регулирование внешней трудовой миграции.

**Umarzoda N.**

## ORGANIZATIONAL AND ECONOMIC PROBLEMS OF REGULATING EXTERNAL LABOR MIGRATION IN MODERN CONDITIONS

The article discusses organizational and economic issues of regulating external labor migration in modern conditions. New conditions and contexts of the country are explored, regional features are studied from the point of view of the theory and methodology of the external migration process. The author points out that the need to search for work and good working conditions is due to the difference in wages between the country supplying labor resources and the countries receiving such resources. Therefore, an important area of effective immigration policy is to improve regulatory tools. Thus, external migration is considered as an object of study in the context of social processes and mechanisms that shape social reality. And in this direction, the need to search for a modern point of view has been expressed. The author characterized this situation as a modern sociocultural reality and considered it as a theoretical and practical issue of migration policy and regulation of external labor migration. To understand the advantages of external labor migration in relation to the ratio of total cash receipts to the budget, labor migration as an influencing factor is substantiated.

**Key words:** external labor migration, theory and methodology, migration process, regional characteristics, wage differentiation, labor resources, levers of migration regulation, regulation of external labor migration.

Тибқи назария ва амалияи ташаккули муҳоҷират, омилҳои таъсиррасон пеш аз ҳама сатҳи бекорӣ, даромади паст, афзоиши камбизоативу баъзе маҳдудиятҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад. Барои муҳоҷирати беруна омилҳое, ки боис мегарданд ин сатҳи баланди рушди иқтисодиёт, даромади хуб, имкониятҳои васеъи бехатарӣ ва дастрасӣ ба бозорҳои навини иқтисодӣ мебошад. Дар ҷараёни таҳқиқи масъалаҳои муҳоҷират маълум мегардад,ки ҷиҳатҳои мусбат ва манфиро дар бар мегирад. Барои фаҳмида гирифтани оқибатҳои ин ҳолат, фишанги батанзимдароварии он аз руи самт ва механизми зерин вобастагӣ мегирад. Пеш аз ҳама, муҳимтарин аломатҳо оқибатҳои бозори меҳнат

мебошанд, зеро рафъи норасоии қувваи корӣ ба сатҳи баланд расидааст ва ин ҳолат вазъи талабот ва пешниҳоди бозори меҳнатро дар кишвари содиркунанда бадтар мекунад.

Аломати муҳимтарини дигар ин оқибат, рушди сармояи инсонӣ ва қувваи корӣ мебошад. Вазъи меҳнат аз ҳисоби мавқеи баланд доштани сифати тахассусӣ дараҷаи баланди натиҷагирӣ дошта, шахсоне, ки касбияташон ба талабот ҷавобгӯ нест, сатҳи бекориро афзунтар мегардонад. Шиддати баланди ҳассоснокии дигаронро баамал оварда, бо таври сунъӣ қашшоқиро зиёд мегардонад. Ҷараёни муҳоҷират оқибатҳоро барои рушди иқтисодиёт ва барои соҳаи истеҳсолоти маҳсулотнокӣ ва хизматрасониро фаро мегирад. Дар ин замина воридшавии муҳоҷирон боиси рушди тамоми соҳаҳо мегардад ва бо дарназардошти афзоиши захираҳои меҳнатӣ, хароҷоти меҳнат кам гардида, молу маҳсулот меафзояд. Ҳамзамон, ғунҷоиши бозор зиёд гардида, устувории буҷет таъмин мегардад. Қайд кардан ба маврид аст, ки гарчанде даромад афзояд, ин боиси маҳдуд гардидани технологияи навин мегардад [7, С.-87]. Бо ҷалби захираҳои меҳнатии кам самаранокӣ паст гардида, ҳолатҳо воқеан нишон медиҳад, ки таваҷҷуҳ бештар ба натиҷахои сердаромад баамал меояд. Чунин ҳолат на онқадар майли муфид дорад, чунки дар ҷойи лозим буда шуғл баамал намеояд.

Қайд кардан ба маврид аст,ки ҳаҷми даромади андозбандишаванда дар ҳолати афзудан ва хусусиятҳои ташаккулёфтани таваррум омили таъсиррасон ба асъори мамлакати интиқолкунандаи қувваи корӣ баромад мекунад. Чунки таъсири сиёсати иҷтимоиро мураккаб сохта ин боиси хароҷоти барзиёд дар низоми танзими муҳоҷират ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, дар ин робита руш пайдо кардани муносибатҳои берунӣ танзими муҳоҷирати қувваи корӣ ҳолате ба амал меояд,ки муҳоҷирон аз таҷрибаи якдигар бархурдор мешаванд. Масъала аз он бар меояд, ки бояд мафиатҳои якдигар баэътибор гирифта шаванд.Аз нигоҳи танзим таваҷҷуҳи асосӣ ба самти идоракуни манфиатҳои муҳоҷирон равона карда мешавад. Ҷанбаҳои мусбӣ ва манфии муҳоҷират на танҳо аз шароит ва тағйироти кишвари муҳими қувваи корӣ, балки аз сатҳи рушд ва сиёсати дигар ҷанбаҳои муҳоҷират вобаста аст. Омузиши оқибатҳои ин вазъият бо таъсири он ба иктисодиёт ва дараҷаи тараққиёт бо истифода аз механизми такмилёфта, алоқамандии зич дорад.

Дар замони муосир сабабҳои болоравии муҳоҷирати меҳнатӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар ин самт равишҳои методологии умумии танзими муҳоҷирати меҳнатии беруна дар маҷмӯъ мақоми хоса доранд. Ин дар шароити имрӯза фоидаовар будани арзиши қувваи кории хориҷиро нишон медиҳад. Дар баробари шиддат ёфтани равандҳои ҷаҳонишавӣ ва сатҳи ошкорбаёнии иқтисоди миллӣ рушди нобаробари кишварҳои ҷаҳон ва минтақаҳои гуногун тағйир меёбад. Дараҷаи ҳаракати муҳоҷирати аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ дар чунин ҳолат зиёд мегардад. Аз ин ҳисоб таҳқиқоти методӣ ва ташкилию ҳуқуқии равандҳои муосири муҳоҷират муайянкунанд мебошанд [3, С.-14].

Аз руи мазмун муҳоҷират дар заминаи равандҳо ва механизмҳои иҷтимоӣ, ки мавҷудияти воқеии иҷтимоиро ташаккул дода, ҳамчун объекти омузиш мебошад. Дар ин самт зарурати ҷустуҷӯи нуктаи назарри замонавиро ба миён меорад.Ин ҳолат воқеияти иҷтимоиву фарҳангии имрӯзаро ифода карда,яке аз самти муҳими сиёсати муассири муҳоҷират бо мақсади танзими муҳоҷирати меҳнати беруна ва муфидгардонии он ба шумор меравад. Барои фаҳмида гирифтани муфидгардонии муҳоҷирати меҳнатии берунӣ, лозим аст,ки таносуби маҷмӯи воридоти пули нақд ба буҷа аз муҳоҷирати меҳнатӣ аз назари мо зарур мебошад. Аз ҷумла, андозҳо ва пардохтҳои ҳатмии агентиҳои шуғли аҳолӣ, ташкилотҳои миёнарав, инчунин андозҳои эҳтимолӣ аз даромади шахсӣ, ки муҳоҷирон бояд онҳоро ба назар гиранд.

Чунин имконият дар мавриде асос доранд,ки агар имконияти бештари шуғли меҳнатӣ дар кишвари интиқолкунанда ҷой дошта бошад ва зарурат барои муҳоҷирати

беруна набошад. Дар ин самт воридоти пулии буҷа аз ҳисоби муҳоҷирати меҳнатӣ, сиёсати муҳоҷират ба миён омада, дар ниҳояти кор эътирофи манфиати умумимилиро бар мегирад. Яъне ҷиҳате лозим аст,ки ҳангоми муҳоҷират ҳадафиҳои муайян баэътибор гифта мешавад. Масалан кушиши шуғл доштан,банд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва бархурдор будан аз хизматрасониҳои гуногун .

Ҷанбаҳои мусбӣ ва манфии муҳоҷирати меҳнатии беруна мураккаб ва пуршиддат буда, ҷараёнгирии раванди он дар дурнамоҳои кӯтоҳмуддат метавонад ба тамоюли манфӣ ва дар дурнамои дарозмуддат дигаргуниҳои куллиро ба амал орад. Ин ҷанба аҳамияти идоракунии давлатии муҳоҷирати меҳнатии берунаро нишон медиҳад ва вазифаи асосии он баланд бардоштани самараи мусбат ва кам кардани хароҷоти иҷтимоӣ дар кишвар мебошад. Аз ин лиҳоз, мазмун ва мундариҷаи сиёсати муҳоҷирати меҳнатии берунӣ, ин зарурратеро ба миён меорад,ки системаи нишондиҳандаҳои назоратӣ ҳамчун омили идоракуни ва танзим мавриди истифодабарӣ қарор дошта бошад. Дар чунин маврид, вазъи ҳозираи муҳоҷирати меҳнатии берунаи кишварро баҳисоб гирифта, сабабҳои иҷтимоӣ-иқтисодии муҳоҷирати меҳнатии беруниро дар мамлакат шаффоф ва объективона таъмин менамоем. Дар ин радиф имкониятҳое ба миён меояд, ки низоми институтсионалии равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар низомии танзим муфид гардонида мешавад [2, С.-13]. Ҳамин тавр, муҳоҷирати меҳнатии беруна дар қаламрави кишвар ба яке аз падидаҳое табдил ёфтааст, ки раванди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллиро бо пуррагӣ фаро мегирад.

Дар самти муҳоҷирати меҳнати кишвар сабаби асосии зиёдшавии муҳоҷирати меҳнатӣ ин вазъи иқтисодӣ аз, ҷумла паст будани дараҷаи ташкилию иқтисодии шуғли меҳнат мебошад. Тибқи маълумотҳои расмӣ, ба ҳисоби миёна тахминан 40%-и аҳолии қобили меҳнат ба минтақаҳои гуногуни Федератсияи Руссия ва Ҷумҳурии Қазоқистон ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафта кору фаъолият менамоянд. Чунин ҷараён заминаи устувори ташаккул ёфтани даромади хоҷагиҳои хонаводагӣ ва дар маҷмуъ ташаккулёбии маҷмӯи маҳсулоти дохила мебошад. Бинобар ҳамин танзим ва муфид сафарбар намудани чунин ҷараён барои рушди иқтисодии кишвар мусоидат менамояд. Ҷиҳати дигари ин масъала аз он бар меояд,ки бо тақвият ёфтани муносибатҳои бозорӣ, устувор гардидани ҳамгироӣ бо дигар кишварҳо сатҳи нуфӯз ва бозоргирии қувваҳои захираҳои барзиёди securityтаниро ифода карда мегирад. Ин саҳми кишварро дар тақсимоти фоидаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ нишон медиҳад. Яъне, муҳоҷирати меҳнатии берунӣ омили муҳим барои таъмин рушди устувори ҷумҳурӣ буда, зарурати танзими ин раванд, ҳаматарафа омухтани сабабҳои асосии муҳоҷирати меҳнатӣ ба шумор меравад. Дар ҳолате,ки фарқияти музди меҳнат дар сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии давлатҳо ҷой дорад, ин далели афзоиши муҳоҷирати меҳнатӣ бо дарназардошти хусусиятҳои минтақавии он ҳисобида мешавад. Дар ин замина зарурати омузиши ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалии муҳоҷирати меҳнатии беруниро баамал оварда, масъалаи танзими ин раванд барои руши минбаъда баромад мекунад. Бо ҷалб намудани қувваҳои кории таҷрибапайдо карда, инфрасохтори нави рушд баамал омада, дар ин самт танзими муҳоҷирати беруна муфид баромад мекунад [4, С.-385].

Шаклҳои нави хоҷагидорӣ афзоиш ёфта, дараҷа ва сохтори ҷалби захираҳои меҳнатии озод характери созандаги ва рушд мегиранд.Чунки заминаҳои моддии пешравӣ баамал омада, корхонаҳо дар бахши саноат,хоҷагии қишлоқ ва сайёҳӣ фаъол мегарданд. Ҷалби бештари захираҳои меҳнатӣ баамал меояд. Яъне тарки ҷойи зист кам гардида, анбуҳи муҳоҷирати меҳнатӣ дар коргоҳҳои кишвар ҷалб мешаванд. Дар натиҷа ин омили дигаргуниҳои дараҷа ва динамикаи фаъолияти корхона ва ташкилотҳои истеҳсолию ғайриистеҳсолӣ баромад мекунад. Умуман, муҳоҷирати меҳнатӣ ин худ омили рушд мебошад ва дуруст батанзим даровардани он асоси беҳтаргардидани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ мебошад. Бояд,ки фазои мусоиди ҷалби қувваҳои захираҳои меҳнатӣ

характери комплексӣ гирад ва аз ҳамин ҳисоб танзимшавандгӣ дошта бошад. Аз инҷо танзими муҳоҷирати меҳнатии беруна ҳамчун натиҷаи тадқиқот ба шумор рафта,асосҳои институтсионалии ҷараёнгирии он таъмини рушди соҳаҳои истеҳсолӣ ва хизматрасониҳо мебошад. Асоси таҳқиқи назариявӣ ва методологӣ дар ин самт сафарбар намудани фишангҳои назоратӣ аз қабили ташаккул додани ҷойҳои нави корӣ ва танзими музди меҳнат дар доираи ташаккулёфтани фаъолияти субектҳои иқтисодӣ дар кишвар мебошад. Дар раванди муҳоҷирати меҳнатии беруна баэътибор гирифтани ҷустуҷӯйи ҷойҳои нави корӣ,интихоби кишварҳои қабулкунандаи захираҳои меҳнатӣ хело муҳим мебошад. Яъне зарурате дар пеш меистад,ки баҳодиҳии ин раванд аз ифодаи воқеии музди меҳнат байни минтақаҳои кишвар ва музди меҳнат аз рӯи ҳаракати захираҳои меҳнатӣ мебошад. Қайд кардан ба маврид аст,ки равандҳои муҳоҷират барои тамоми кишварҳои ҷаҳон хос аст. Бинобар ҳамин дар маврид и баэътибор гирифтани ҷудонашавандагии низоми хоҷагии ҷаҳонӣ захираҳои меҳнатии барзиёди ватанӣ бояд робита ба шароити меҳнатӣ ва баҳисоб гирифтани манфиатҳои миллӣ мавриди танзим қарор гиранд. Чунки рушди самараноки иқтисодиёти дилхоҳ давлат фақат бо иштироки фаъоли он дар тақсимоти байналмилалии меҳнат асос ёфта, дар ин замина ҳаракати озоди қувваҳои коргарӣ ҷой мегирад. Дар раванди танзим чунин ҳолат ҳамчун омили устувор гардидани муносибатҳои байнидавлатӣ дар самти рушди коммуникатсияи байнифарҳангӣ дар арсаи байналмилалӣ мебошад. Ҳамзамон баэътибор гирифтани хусусиятҳои равандҳои ҷаҳонишавӣ ва таъмини идоракунии таъсири баъзе мушкилотҳои иқтисодию фарҳангӣ низ лозим меояд. Чунки равандҳои мазкур дар баробари мусоидат намудан ба рушди иқтисодӣ, ҳамзамон оқибатҳои таъсири манфиро низ дар бар мегирад. Дар маҷмуъ, равандҳои муҳоҷирати берунӣ ҳамчун асоси ташаккулёбии бозори меҳнат ва дигаргуншавии фишангҳои ташкилию ҳуқуқи ва иқтисодии захираҳои меҳнатиро дар бар мегирад.

Ҳамин тавр, барои таъмини рушди иҷтимоию иқтисодӣ, фароҳам овардани шароит барои васеъ намудани ҷойҳои корӣ ва самаранокии он ва дар ҳамин замина бардоштани сатҳи зиндагии мардум муайянкунанда баромад мекунанд. Пешгирии таҳдидҳои эҳтимолии гуногунҷабҳа дар раванди танзими муҳоҷирати беруна, шароит барои рушди шаклҳои нави хоҷагидорӣ барои таъмини муфидгардонии муҳоҷирати дохилӣ ва берунӣ мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст,ки ба ҷараёни харакати муҳоҷират омилҳои дохилӣ ва берунӣ таъсир мерасонанд.Ҳамин аст,ки дар натиҷаи таъсири омилҳои беруна майлгирии муҳоҷират бо таври нисбат тағйир ёфта, вазифаҳои нави омузишро ба амал овардааст.

**Ҷадвали 1. Ҷамъбасти умумии муҳоҷирати аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва майлгирии он дар давоми соли 2015-2022** [1]

| Нишондиҳандаҳои ҷамъбасти муҳоҷират | 2015 | 2022 | Ҳиссаи ҳаракати муҳоҷират % | |
|---|---|---|---|---|
| | | | 2015 | 2022 |
| Муҳоҷирати умумӣ | 40135 | 39141 | 100 | 100 |
| Муҳоҷирати берунӣ | 2871 | 1226 | 7 | 3 |
| Муҳоҷирати дохилӣ | 37264 | 37915 | 93 | 97 |

* Манбаъ: Демографияи солонаи Ҷумҳурии Точикистон. Агентии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе -2023. Саҳ 223.

Чӣ тавре аз маълумотҳои ҷадвали 1 бар меояд,ҳиссаи ҳаракати муҳоҷират дар давоми солҳои 2015-2022 аз мавқеи баамал омадани муҳоҷирати дохилӣ ва берунӣ майли дигаргуншавии таркибӣ ва динамикиро нишон медиҳад. Аз назари мо чунин ҳолат ҷиҳатҳои мусбати ҳаракати муҳоҷирати аҳолиро ифода карда,аз ҷумла нишон медиҳад,ки муътадил гардидани вазъи ичтимоию иқтисодӣ,бакор даромадани иншоотҳои нави истеҳсолию хизматрасонӣ, васеъ гардидани миқёси фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ

мебошад [6]. Афзудани шуғл,беҳтар гардидани дараҷаи даромадҳо заминаҳои муҳими майли муҳоҷирати меҳнатӣ дар дохили кишвар мебошад. Агар дар соли 2015 ҳиссаи ҳаракати муҳоҷирати берунӣ 7% бошад,нишондиҳандаи мазкур дар соли 2022 3%-ро ташкил додааст. Яъне захираҳои меҳнатии кишвар мунтазам барои кор ва фаъолият дар дохили мамлакат сафарбар карда мешавад,ки ин аҳамияти калони иҷтимоӣ дорад.

Бинобар ҳамин, масъалаи мазкур дар шароити ҷаҳонишавӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон баробари ба фазои иқтисодии ҷаҳонӣ, ки унсури таркибии бозори байналмилалии меҳнат мебошад, ҳамзамон сафарбар намудани имкониятҳои дохили барои танзими муҳоҷират мусоидат менамояд. Лозим ба ёдоварист, ки ҳамгироии иқтисодиёти кишварамон ба бозори ягонаи ҷаҳонӣ, асосан бо тақвияти тамоми унсурҳои бозорӣ вобаста аст. Дар ин раванд, баробари тақвияти муомилоти савдои хориҷӣ ва сармоягузорӣ, гардиши сармоя, технологияҳои навини истеҳсолӣ инчунин ҳаракати қувваи корӣ хело зарур мебошад. Бинобар ҳамин дар робита бо мутобиқсозии иқтисодиёти миллӣ ба талаботи низоми муносибатҳои иқтисоди ҷаҳонӣ зарур аст,ки ҷобаҷогузории фаъоли захираҳои меҳнатиро дар дохил ва берун аз кишвар батанзим дарорем. Яъне баланд шудани самаранокии истеҳсолот дар сатҳҳои гуногуни низоми иқтисодӣ тақвият бахшидани шаклҳои нави идоракунӣ аз истифодаи меҳнат дар байни кишварҳои донор ва кишварҳои қабулкунанда хеле зарур мебошад..

Яъне дар шароити ҳозира ҷанбаҳои алоҳидаи падидаи муҳоҷирати дохилӣ ва берунӣ тафаккури ҳамаҷонибаи илмиро талаб мекунад, алалхусус таъсири интиқоли пулҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ба кишварҳои худ ба сатҳи камбизоатӣ ва тафриқаи даромадҳо дар кишвари қабулкунандаи маблағ зарурати танзим ва назоратро ба миён овардааст. Муҳоҷирати меҳнатии берунӣ чун як категорияи иҷтимоию иқтисодӣ, ки табиати мураккаб ва баҳснок дорад, дар шароити муосир ба тарзи махсус зуҳур мекунад. Дар ин самт пеш аз ҳама лозим меояд,ки низоми тағирёбандаи иқтисодӣ ва дигар омилҳои беруна зарурати омузиши хусусияти муҳоҷирати меҳнатии беруниро вобаста ба давраҳои гузариш ба муносибатҳои бозаргонӣ тақвият диҳем. Инҷо лозим меояд,ки таъсири муҳоҷирати меҳнатиро ба ташаккули бозорҳои меҳнатӣ, ба сатҳи шуғл ва сифати зиндагии аҳолии мамлакат аз тариқи рақамикунонӣ бароҳ монем.

Дар айни замон муносибати ягонаи назариявӣ-методологӣ оид ба таъмини шуғли самаранок ва танзими равандҳои муҳоҷирати меҳнат аз тариқи рақамикунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардидааст,ки дар тадбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар аҳамияти калон дорад. Бинобар ҳамин таҳияи принсипҳои назариявӣ ва асосҳои методологии танзими давлатии муҳоҷирати меҳнатии берунӣ асоснок кардани самтҳо, такмили системаи танзими муҳоҷирати меҳнатии берунро бар рушди ояндаи кишварро тақозо менамояд. Чи тавре аз таҳлили майли муҳоҷират дар асоси маълумотҳои ҷадвали 1 маълум мегардад, Муҳоҷирати умумӣ дар давраи таҳлилӣ суъатнокии 0,975 маротибаро гирифтааст.Яъне дар давоми соли 2015-2022 нишондиҳандаи муҳоҷирати умумӣ 2,5% коҳиш ёфтааст. Аз инҷо чунин бар меояд,ки равишҳои консептуалӣ ва методологии муосир оид ба омӯзиши муҳоҷирати меҳнатии берунӣ ҳарчи бештар бояд ба муайян кардани сабабҳои иҷтимоию иқтисодӣ, фоида ва арзиши муҳоҷирати меҳнатии берунӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ифода ёбад. Ақалан бояд чорабиниҳое дар кишвар тадбиқ ёбанд,ки мониторинги вазъи муҳоҷирати дохилӣ ва беруниро бо муқоиса намудан дар бар гирад. Бо омузиши онҳо имконияти асосноккунии сохтори институтсионалии танзими муҳоҷират ба амал омада барои риояи принсипҳои таъмини шуғли самаранок мусоидат намоянд. Ҳамзамон бояд аз таҷрибаи хориҷӣ ва самтҳои асосии такмили механизми таъмини шуғли самаранок барои ба танзим даровардани майли муҳоҷирати меҳнатии берунӣ ва муқоисаи он бо муҳоҷирати дохилӣ арзёбӣ карда шавад.

Ҳамин тариқ арзёбии натиҷаи танзими муҳоҷирати меҳнатии беруна ҳамчун натиҷаи тақсимоти байналмилалии меҳнат бояд баромад карда, барои минбаъд тақвият

додани ҳамгироии иқтисодии кишвар бо дигар мамлакатҳо таъинот гирад. Мо бояд дар баробари кишварҳои Россия ҳамзамон бо дигар давлатҳои тараққикарда муносибташаккулёбии майли муҳоҷиратро ба роҳ монем.

Объекти танзими муҳоҷирати аҳолӣ, устуворӣ ва рушди муҳоҷират бо назардошти омилҳои таъсиркунанда, оқибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва демографӣ, динамика ва тағйироти сохтории муҳоҷират мебошад. Бо ин қайд карданӣ ҳастем,ки муҳоҷират ва таъсири он ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ аз мавқеи хусусияти мамлакт,имкониятҳои иқтидорҳои меҳнати, илмӣ-техникӣ ва зеҳнӣ ба танзим даровarда шаванд. Маҳз дар ҳамин замина қонуниятҳои муосири муҳоҷирати минтақавӣ ва ҷаҳонӣ дар ташаккулебӣ ва рушди бозорҳои ҷаҳонӣ ва миллии меҳнат имконияти рушд пайдо мекунад [5, С.-91]. Мунтазам ба роҳ мондани ҷамъбаст ва хулосабарории маълумотҳо оид ба муҳоҷирати дохилӣ ва берунӣ ояндабинии динамика ва таркиби ҳаракати аҳолиро таъмин мегардонад.

Ҳамин тариқ, муаммоҳои ташкилию иқтисодии танзими муҳоҷирати меҳнатии берунӣ дар шароити муосир аз ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии танзими муҳоҷират, тақвият додани мониторинги вазъи воқеии он ва такмили механизми танзими раванди муҳоҷирати меҳнати иборат мебошад. Дар шароите, ки равандҳои ҷаҳонишавӣ ва сатҳи ошкорои иқтисодиёти миллӣ шиддат мегиранд ва ҳамзамон рушди нобаробари кишварҳои ҷаҳон ва минтақаҳои гуногуни он бав амал меояд масъалаи асосӣ ин таҳқиқот оид ба тамоюлҳо ва шакли нави муҳоҷират баромад мекунад.

Қайд кардан ба маврид аст,ки муҳоҷират дар заминаи он равандҳо ва механизмҳои иҷтимоӣ, тавсиф карда мешавад. Ин зарурати ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли воқеияти иҷтимоиву фарҳангии имрӯзаро дар бар мегирад. Барои фаҳмидани самаранокии сиёсат дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатии берунӣ, ба ҳисоб гирифтани и меҳнатӣ,яъне маҷмӯи воридоти пули накд ба буҷа ва андозҳои маҷмӯии эҳтимолӣ аз даромади шахсони воқеӣ хело муҳим мебошад. Аз назари мо дар ин самт баэътибор гирифтани майли муҳоҷират ва аз руи таносуби муҳоҷирати берунӣ ва длхила барои арзёбии таъмири танзим дар ин самт самаранок мебошад. Алалхусус, вазъи муҳоҷирати аҳолии қобили меҳнат арзёбӣ карда шавад. Чунин амал барои таъмини шуғли пуриаҳсул,ба даст овардани малака ва тахассуси касбии дар бозори рақобатпазир, рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ иборат аст. Ҳамин тавр, бахши воқеии иқтисодиёт бо истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ дар шакли сармояҳои дар ихтиёри давлат қарор дошта, таъмини қувваи корӣ ва дар заминаи он татбиқи сиёсати муҳоҷиратро ҳамчун омили асосии рушди устувори иқтисодиёти миллӣ мусоидат карда мегирад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки тамоюли афзоиши муҳоҷирати дохилӣ вуҷуд дорад, мушкилоти муҳоҷират коҳиш ёфта, барои рушди бозори дохилии меҳнат шароит фароҳам оварда мешавад ва ин танзими бештари муҳоҷирати дохилиро тақозо мекунад.

## АДАБИЁТ


1. Демографияи солонаи ҶумҳурииТочикистон. Агентии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе -2023. Саҳ 223
2. Кадыров Д. Б. Институциональные аспекты обеспечения продуктивной занятости и регулирование процессов миграции рабочей силы в Республике Таджикистан / Д. Б. Кадыров, Н. Н. Умаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. – № 9. – С. 12-18.
3. Кодирзода Д. Б. Приоритетные направления обеспечения продуктивной занятости в экономике республики Таджикистан / Д. Б. Кодирзода, Н. Н. Умаров // Таджикистан и современный мир. – 2019. – № 2(65). – С. 12-25.

4. Маъдиев С. Вопросы теории и практики миграционного поведения в контексте устойчивого развития пространственной экономики / С. Маъдиев, Н. Н. Умаров // Финансовая экономика. – 2022. – № 4. – С. 383-385.
5. Социально-экономические последствия иммигрции. / Цапенко,И, доктор экономических наук, заведующий сектором социально-экономического развития ИМЭМО РАН. Транснациональные миграции и современные государства в условиях экономической турбулентности: сб.науч. статей/под ред. В.С.Малахова, М.Е.Симона.-М.:Издательский дом «Дело» РАНХиГС,2016.-336с
6. Таджикистан: 30 лет государственной независимости/статистический сборник.-Душанбе, 2021.-С. 335-336
7. Умарзода Н. Ҷанбаҳои институтсионалии танзими муҳоҷирати меҳнатии берунӣ дар шароити муосир / Н. Умарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – No. 9. – P. 86-92.

**УДК 332. 622.83**

**Усмонзода Ф.Б., Сафарова О.О., Самад М.З.**

## ВЛИЯНИЕ НОВЫХ ТЕНДЕНЦИЙ РАЗВИТИЯ В СТРОИТЕЛЬНОЙ ОТРАСЛИ НА МИРОВУЮ ЭКОНОМИКУ

В статье проводится анализ развития новых технологий в сфере строительства на основе цифровизации и искусственного интеллекта. Обсуждается, что эти технологии будут неизбежно эволюционировать в будущем, что требует подготовки кадров, особенно в контексте строительной индустрии, с учетом необходимости эффективного использования искусственного интеллекта. Особое внимание уделяется аспектам оценки экономической эффективности внедрения таких технологий и их влиянию на общую производительность в строительном секторе. Кроме того, отмечается необходимость изучения возможностей по оптимизации затрат и повышению рентабельности проектов в сфере строительства.

**Ключевые слова:** робототехника, экономическая эффективность, строительство, цифровые технологии, обучение, искусственный интеллект, инженер, человеческий капитал, повышение квалификации.

**Усмонзода Ф.Б., Сафарова О.О., Самад М.З.**

## ТАЪСИРИ РАВИШҲОИ НАВИ РУШД ДАР СОҲАИ СОХТМОН БА ИҚТИСОДИЁТИ ҶАҲОН

Дар мақола оид ба рушди технологияҳои нави соҳаи сохтмон, ки ба технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ асос ёфтаанд сухан меравад. Дар рафти баррасии масъала қайд карда мешавад, ки дар оянда технологияҳои мазкур ногузир рушд хоҳанд кард ва ин зарурати омода намудани кадрҳоро, махсусан дар соҳаи сохтмон бо назардошти омода будан ба истифодаи самараноки зеҳни сунъӣ талаб мекунад. Ба индустрияи бинокори ҷиҳати баҳодиҳии самараи ҷори намудани чунин технологияҳо ва таъсири онҳо ба ҳосилнокии меҳнат диққати махсус дода мешавад Таъкид мешавад, ки имконияти такмили ихтисоси мутахассисони соҳаи сохтмон низ бояд мавриди омӯзиш қарор гирад.

**Калидвожаҳо:** робототехника, самараи иқтисодӣ, сохтмон, технологияҳои рақамӣ, омода кардани кадрҳо, зеҳни сунъӣ, муҳандис, сармояи инсонӣ, такмили ихтисос.

**Usmonzoda F.B., Safarova O.O., Samad M.Z.**

## IMPACT OF NEW DEVELOPMENT TRENDS IN THE CONSTRUCTION INDUSTRY ON THE WORLD ECONOMY

The article analyzes the development of new technologies in the field of construction based on digitalization and artificial intelligence. It is discussed that these technologies will inevitably evolve in the future, which requires training, especially in the context of the construction industry, taking into account the need for the effective use of artificial intelligence. Particular attention is paid to aspects of assessing the cost-effectiveness of the introduction of such technologies and their impact on overall productivity in the construction sector. In addition, there is a need to explore opportunities to optimize costs and increase the profitability of construction projects.

**Keywords:** robotics, economic efficiency, construction, digital technologies, training, artificial intelligence, engineer, human capital, advanced training.

Строительство является одной из важнейших отраслей экономики, которая создает рабочие места в ввод в эксплуатацию новых, перепрофилирование существующих зданий и проекты реконструкции для всего национального хозяйства. Недвижимость, созданная в процессе строительства, является неотъемлемой частью национальное богатство страны как нефинансовые производственные активы. Основные средства в структуре нефинансовые промышленные активы составляют значительную долю. Таким образом, недвижимость созданная строительная отрасль в виде основных фондов является залогом успешного развитие отраслей, производящих товары и услуги, и способствуют увеличение национального богатства страны в виде накопления основных средств и капитала. В связи с этим развитие строительной отрасли имеет большое значение для устойчивого роста национальной экономики. Строительство – крупнейшая отрасль в мире. По данным McKinsey & Company (McKinsey & Company - международная консалтинговая компания, специализирующаяся на решении задач, связанных со стратегическим управлением, имеющем 111 офисов в более чем в 60 странах мира) строительства занимает 13% мирового ВВП[1]. В строительной отрасли работают 31,4 тыс. чел [2]. Согласно статистическим данным в отраслевой структуре Валового Внутреннего Продукта Республики Таджикистан в 2017[2] году строительство занимала 9,3%, этот показатель в 2014 году составляло 10,4%.

В 2017 году введено в действие основных фондов в сфере строительства 6635143 тыс. сомони, что почти в два раза больше аналогичного показателя 2012 года [4]. Капитальные вложения в отрасли в 2017 году составили 11279680 тыс. сомони, что на 2,5 раза больше, чем аналогичный показатель 2012 года [5]. Примечательно, что источником 53,1 % капитальных вложений является не из бюджетных фондов, что указывает на привлекательности отрасли для потенциальных инвесторов.

Изучение литературных источников, в том числе из интернета показывает, что в развитых странах в строительной отрасли использует новые технологии, чтобы сделать управление строительством и строительную деятельность более эффективными и устойчивыми. Основные тенденции строительной отрасли включают информационное моделирование зданий (BIM- Building Information Modeling), строительную робототехнику и использование современных строительных материалов. Так же, строительные компании все чаще разрабатывают инновации в области сборного производства, безопасности

рабочих и строительной робототехники. Параллельно с этим, 3D-печать и экологичные строительные решения значительно снижают негативное воздействие строительства на окружающую среду. Рассмотрим более подробно эти новшества:

1. Программное обеспечение для управления строительством помогает управлять планированием, составлять графики, комментировать, упорядочивать документы и быть в курсе всех изменений в режиме реального времени. Чаще всего это облачные платформы, которые помогают связать офис и площадку.

Такие цифровые решения могут повысить эффективность, сократить затраты и улучшить взаимодействие между всеми участниками. Это один из наиболее перспективных трендов, который ждёт активный рост.

Согласно статистическими данными, мировая индустрия программного обеспечения для управления строительством оценивается в 9,3 миллиарда долларов. Ожидается, что к 2031 году этот рынок вырастет до $23,9 млрд., то есть, на 2,6 раза [6].

Широкое использование различных компьютерных программ связаны с ежегодным ростом сложностью строительных проектов, повышением требования к эффективности и производительности строительных предприятии, в том числе в связи с ужесточение экологических требований и внедрением глобализации в отрасли.

Используя программное обеспечение BIM, пользователи могут создавать подробную и точную виртуальную трехмерную модель, охватывающую все компоненты и конструкции здания. Информационное моделирование зданий технология позволяет исправлять ошибки на ранних стадиях проектирования и точно планировать строительство. Известно, что на переделку дефектных или неправильных конструкций приходится почти 30% затрат строительной отрасли. А виртуальное проектирование помогает устранить ошибки до физического возведения объекта. Расширенные инструменты BIM решают эту проблему, предоставляя централизованную базу данных и позволяя каждому работать над единой общей моделью. В то время как 5D BIM позволяет накладывать затраты и время, 6D BIM также учитывает энергосбережение. Эти решения выявляют конфликты на начальных этапах и повышают общую эффективность рабочего процесса. В сочетании с AR и VR решения BIM позволяют визуализировать модели в реальном масштабе и проводить тестирование в смоделированной среде.

2. Другая инновация широко использованную в строительстве это-3D-печать. 3D-печать в строительстве, также известная как аддитивное строительство, представляет собой устойчивый и эффективный метод строительства. Строительные принтеры печатают либо целые здания, либо только сборные элементы зданий. 3D-печать – это роботизированный подход, при котором дизайн слой за слоем печатается с использованием современных строительных материалов в сотрудничестве с BIM. Ее также используют для создания нестандартных деталей и компонентов. Технология снижает затраты на рабочую силу и увеличивая скорость строительства. Обладает высокой гибкостью конструкции, не требует опалубки. Для печати используются различные методы: экструзия, силовое склеивание и аддитивная сварка.

Для сравнения, трехмерная строительная печать производит меньше отходов и требует меньше трудовых ресурсов, чем традиционные методы строительства из кирпича. Это полностью автоматизированный и запрограммированный процесс, исключающий человеческий фактор и повышающий производительность.

3. Робототехника и автоматизация. Исследования показывают, что с каждым годом увеличивается автоматизация и использование ИИ в строительстве. По сути, ускорение цифровой трансформации в отрасли станет основным драйвером в ближайшие годы. Робототехника также может помочь улучшить качество строительных работ. Роботы не подвержены человеческим ошибкам и могут стабильно демонстрировать высококачественные результаты. Это означает меньше

дефектов и доработок, что в долгосрочной перспективе экономит деньги компании. Робототехника может автоматизировать повторяющиеся и опасные задачи, такие как кладка кирпича и сварка. Например, компания «Construction Robotics» разработала робота под названием SAM, который может укладывать кирпичи в 10 раз быстрее, чем человек [7].

4. Модульное строительство – это сборка жилого дома, технологического объекта из готовых блоков. Модульное строительство обычно включает в себя возведение не менее 60-90% здания или другого сооружения перед его доставкой на строительную площадку.

Уже готовые узлы транспортируют на строительную площадку для сборки. Этот тренд поможет сделать строительную отрасль более эффективной и устойчивой. Анализ McKinsey показывает, что модульные методы могут позволить строителям домов ускорить сроки реализации проекта на 20-50 процентов при одновременном снижении затрат на 20 процентов. Кроме того, модульные проекты легче выполнять на городских строительных площадках, поскольку они требуют меньше места для хранения и подготовки материалов.

По данным McKinsey менее 4% нынешнего жилищного фонда США 15% домов в Японии и 45% в Финляндии, Норвегии и Швеции построено с использованием модульных технологий [8].

В условиях нашей республики можно использовать модульные блоки для строительства начальных школ и медицинских пунктов в горных селениях. Модульное строительство позволяет, так же при необходимости увеличивать используемое площадь, путём присоединения новых блоков или возведением новых этажей. Так же, за счет использование качественных материалов модульные здания не требуют ежегодного текущего ремонта.

5. Зеленое и энергосберегающее строительство. Зеленое строительство – это популярная концепция, которая предусматривает принятие экологически безопасных мер от предварительного планирования строительства до закрытия проекта и вывода из эксплуатации. Зеленые здания оптимизируют использование энергии и ресурсов, сокращают количество отходов во время строительства и позволяют зданиям достичь нулевых выбросов углерода**.** Зеленые здания – это будущее строительной отрасли. Один из методов ускоряющее зеленое строительство- разработка соответствующих стандартов, создание базы данных о сертифицированных экологических чистых, энергосберегающих строительных изделиях и материалах для реализации строительства.

**Расми 1. Сохтори соҳавии комплекси агросаноатии минтақа. Таҳияи муаллиф.**

Хусусиятҳои хоси фаъолияти КАС мавҷудияти шумораи зиёди хавфҳоро муайян мекунанд, ки сабабгори эҳтимолияти ба вуҷуд омадани ҳодисаҳое мешаванд, ки ба фаъолият ва натиҷаҳои соҳа таъсири манфӣ мерасонанд. Эҳтимолияти хатари табиию иқлимӣ ва таъсири манфии марбут ба таъсири омилҳои табиӣ ба натиҷаҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар КАС минтақаи Хатлон аз ҳама муҳиманд. Сарчашмаҳои асосии хатарҳои табиию иқлимӣ ҳодисаҳои номатлуби агрометеорологӣ (хушксолӣ, чангбод, гармии аз ҳад зиёд), ҳодисаҳои фавкулоддаи табиӣ (омадани сел, баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ, ба шӯразор табдил ёфтани заминҳои корам), бемориҳои сироятии ҳайвонот ва растаниҳо мебошанд. Таъсири доимии омилҳои номусоиди табиию иқлимӣ ба нишондиҳандаҳои иқтисодии истеҳсолкунандагони мол дар КАС-и минтақа таъсири манфӣ расонида, ҷолибияти сармоягузории соҳаро коҳиш медиҳад.

Ҳамин тавр, оид ба идоракунии хавфҳои соҳибкорӣ дар КАС-и минтақа қабл аз ҳама бояд муайян кард, ки субъекти идоракунӣ ба объект чӣ гуна таъсир мерасонад, то тавозуни мувофиқи байни таҳдидҳо ва даромаднокӣ пайдо карда шуда, дар маҷмӯъ фаъолияти бомуваффақияти корхона таъмин карда шавад. Дар баробари ин, идоракунии хавфҳо дар корхонаҳои КАС бояд дар асоси принсипҳои умумии идоракунӣ бо назардошти хусусияти идоракунии хавфҳо ва принсипҳои махсуси он амалӣ карда шавад. Хулосаҳо ва пешниҳоду тавсияҳое, ки оиди раванди идоракунии хавфҳои соҳибкорӣ дар КАС-и минтақа овардем, метавонанд тавассути қабули қарорҳои асосноки идоракунӣ амалӣ карда шаванд.

## АДАБИЁТ


1. Балдин, К.В. Управление рисками [Текст] / К.В. Балдин, С.Н. Воробьев. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2014. – 524 с.
2. Богомолова, И.П. Экономика и управление производством [Текст] / И.П. Богомолова, М.В. Филатова, Ю.И. Слепокурова и др.] – Воронеж. гос. ун-т. технолог. Воронеж, ВГУИТ, 2015. – 287 с.
3. Гранатуров, В.М. Экономические риск: сущность, методы, пути снижения [Текст] / В.М. Гранатуров. – М.: Дело и Сервис, 2017. – 330 с.
4. Ермасова, Н.Б. Риск-менеджмент организации: Учебно-практическое пособие [Текст] / Н.Б. Ермасова. – М.: ИТК Дашков и К, 2014. – 380 с
5. Кантильон, Р. Эссе о природе торговли в общем плане. – М.: Наука, 1975. – с.23-27.
6. Миронова, М.Д. Управление рисками в сфере агропромышленного комплекса \\ Вестник эконо-мики, права и социологии. - 2015. - № 4.- С.31-33
7. Низамова, Т.Д., Каджкулоев, А.Ф. Эффективность развития предпринимательства в АПК региона. Монография. – Душанбе, ТНУ, 2018. – с.18.
8. Санникова, Н.В., Бочарова А.А. Актуальные вопросы права, экономики и управления (05 октября 2017 года) // Сборник статей X международной научно-практической конференции: в 2 частях. Часть 1. – Пенза: «Наука и просвещение», 2017. – с.135.
9. Яркина Н.Н. Концептуальность управления предпринимательскими рисками // Экономическая безопасность. – 2022. – Том 5. – № 1. – С. 77–90. doi: 10.18334/ecsec. 5.1.114362

**УДК: 336.67**

**Хайруллоев Ф.Н.**

## ТАШКИЛИ ИДОРАКУНИИ ХАВФҲО ДАР КОРХОНА

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои ташкили идоракунии хавфҳо дар корхона дар шароити муосир таҳқиқ шуда, қайд шудааст, ки хавф табиатан бо ҷараёни идоракунии корхона алоқаманд буда, ба фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории он таъсир мерасонад. Таъкид шудааст, ки асоси фаъолияти соҳибкориро категорияи иқтисодии объективии «хавф» ташкил менамояд. Дар шароити муосир барои соҳибмулкон ва ё менеҷерони корхона зарурати объективии қабули қарорҳои идоракунӣ дар асоси интихоби сатҳи муносиби хавф ба миён меояд. Қайд шудааст, ки раванди паст кардани сатҳи хавфҳо бояд ҷузъи ҷудонашавандаи ҷараёни умумии идоракунии корхона бошад. Роҳбарияти корхонаро зарур аст бо ҷалби мутахассисони алоҳида ҷараёни идоракунии хавфҳоро самараноктар гардонад. Дар корхонае, ки фаъолияти асосии он тиҷорати камдаромади маҳсулоти анъанавӣ мебошад, таъсиси шӯъбаи махсуси идоракунии хавфҳо зарур нест. Қайд гардидааст, ки корхонае, ки мехоҳад дар бозорҳои нав мавқеи муҳим дошта бошад, варианти фаъолиятеро, ки бо сатҳи баланди хавф алоқамандaнд, интихоб хоҳад кард. Системаи хавф-менеҷмент бояд ба як унсури асосӣ ва муҳимми системаи менеҷменти корхона табдил дода шуда, қарорҳои идоракунӣ аз нигоҳи хавф таҳлил ва баҳогузорӣ карда шаванд. Вазифаҳои асосии шӯъбаи идоракунии хавфҳо дар корхона аз ҷониби муаллиф муайян карда шудаанд. Муаллиф бартариятти низоми идоракунии ба хавф нигаронидашударо муайян кардааст.

**Вожаҳои калидӣ:** корхона, хавфҳо, идоракунии хавфҳо, идоракунии ба хавф нигаронидашуда, соҳибкорӣ, баҳогузорӣ, менеҷер, шуъбаи хавф-менеҷмент, самаранок, менеҷменти корхона.

**Хайруллоев Ф.Н.**

## ОРГАНИЗАЦИЯ УПРАВЛЕНИЯ РИСКАМИ НА ПРЕДПРИЯТИИ

В данной статье исследуются вопросы организации управления рисками на предприятии в современных условиях, и отмечается, что риск естественным образом связан с процессом управления предприятием и влияет на его финансово-хозяйственную деятельность. Подчеркнуто, что в основе предпринимательской деятельности лежит объективная экономическая категория «риск». В современных условиях возникает объективная необходимость принятия собственниками или менеджерами предприятия управленческих решений, основанных на выборе соответствующего уровня риска. Отмечается, что процесс снижения уровня рисков должен быть неотъемлемой частью общего процесса управления предприятием. Руководству предприятия необходимо сделать процесс управления рисками более эффективным за счет привлечения специальных специалистов. Нет необходимости создавать специальный отдел по управлению рисками на предприятии, основным видом деятельности которого является низкорентабельный бизнес по производству традиционной продукции. Отмечается, что компания, желающая занять важное положение на новых рынках, выберет вариант деятельности, связанный с высоким уровнем риска. Систему управления рисками следует превратить в базовый и важный элемент системы управления компанией, а управленческие решения следует анализировать и оценивать с точки зрения риска.

Автором определены основные задачи отдела управления рисками на предприятии. Автор выделил преимущества риск-ориентированной системы управления.

**Ключевые слова:** предприятие, риски, управление рисками, риск-ориентированное управление, предпринимательство, оценка, менеджер, отдел управления рисками, эффективное управление предприятием.

**Khayrulloev F.N.**

## RISK MANAGEMENT ORGANIZATION AT THE ENTERPRISE

This article examines the issues of organizing risk management at an enterprise in modern conditions, and notes that risk is naturally associated with the process of enterprise management and affects its financial and economic activities. It is emphasized that the basis of entrepreneurial activity is the objective economic category “risk”. In modern conditions, there is an objective need for the owners or managers of an enterprise to make management decisions based on the choice of the appropriate level of risk. It is noted that the risk reduction process should be an integral part of the overall enterprise management process. Enterprise management needs to make the risk management process more effective by attracting special specialists. There is no need to create a special risk management department in an enterprise whose main activity is a low-profit business producing traditional products. It is noted that a company wishing to occupy an important position in new markets will choose an activity option associated with a high level of risk. The risk management system should be turned into a basic and important element of the company's management system, and management decisions should be analyzed and assessed from a risk perspective. The author has identified the main tasks of the risk management department at the enterprise. The author highlighted the advantages of a risk-oriented management system.

**Keywords:** enterprise, risks, risk management, risk-oriented management, entrepreneurship, assessment, manager, risk management department, effective enterprise management.

Хавф табиатан бо ҷараёни идоракунии корхона алоқаманд буда, ба фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории он таъсир мерасонад. Иҷрои ҳамаи вазифаҳои корхона (банақшагирӣ, ташкилӣ, идоракунии фаврӣ, истифодаи кормандон, назорати иқтисодӣ ва ғайра) бо хавф вобаста буда, чунин ҳолат зарурати ташкили идоракунии самараноки хавфҳоро дар корхона ба миён меорад.

Дар қисми 3-юми моддаи 1-уми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти соҳибкорӣ чунин муайян шудааст: «Соҳибкорӣ фаъолияти мустақили ба таваккали худ амалишавандаи шахсони ба чунин сифат бо тартиби муқарраркардаи қонун ба қайд гирифта шудае мебошад, ки барои мунтазам ба даст даровардани фоида аз истифодаи молу мулк, фурӯши мол, иҷрои кор ё расонидани хизмат равона карда шудааст» [6, с.22]. Таърифи мазкур якчанд хусусиятҳои хоси фаъолияти соҳибкориро муайян менамояд: мустақилият; хавфнокӣ; объективӣ; мақсаднокӣ ва ғайра.

Фаъолияти соҳибкорӣ, ки ҳадафи асосиаш гирифтани фоида буда, фаъолияти хавфнок аст, дар баъзе ҳолатҳо дар натиҷаи ба амал омадани ҳодисаи ногаҳонӣ ва тасодуфӣ метавонад боиси ба вуҷуд омадани ё зарар ё даромади иловагӣ гардад. Зарари ба вуҷуд омада ба фаъолияти корхона таъсири манфӣ расонида, боиси кам шудани фоида аз натиҷаи интизорӣ мегардад, ки чунин ҳолат ба фаъолияти минбаъдаи корхона метавонад таъсири манфӣ расонад. Ҳамин тариқ, фаъолияти соҳибкориро бе хавфҳо тасаввур кардан имконнопазир мебошад.

Хаф агар, аз як тараф, сарчашма ё асоси пайдоиши зарар бошад, аз тарафи дигар, имкони гирифтани даромади иловагӣ шуда метавонад. Аз ин ҷост, ки соҳибкорон бо мақсади гирифтани фоидаи ҳарчӣ зиёдтар, бештар ба хавф майл менамоянд.

Саҳомон ва менеҷерони субъектҳои хоҷагидорӣ бо мақсади то ҳадди ақал кам намудани зарари моддӣ ё молиявии инконпазир, бояд ба масъалаи идоракунии хавфҳо диққати ҷиддӣ зоҳир карда, қарорҳоро дар самти идоракунии хавфҳо оқилона, мустақилона ва бо асосноккунии иқтисодӣ қабул намоянд ва ба авантюризм (қабули қарорҳои саросемавор ва беасосноккунии иқтисодӣ оид ба риск-менеҷмент) роҳ надиҳанд. Қабули қарорҳои асосноккардашуда имкон медиҳад, ки аз як ҷониб, корхона ба ҳадафи асосии худ расад, яъне фоидаи интизориро гирад, аз ҷониби дигар, хавф барои фаъолияти корхона ҳодисаи ногаҳонӣ, объективӣ ва ногузир буда, паст намудани сатҳи он ба фаъолияти мунтазам ва самараноки корхона мусоидат менамояд [2, с.145].

Яке аз нишонаҳои назарраси объективӣ ва ногузир будани хавфҳо дар ҷараёни сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои гуногун, ки барои васеъ намудани ҳаҷми истеҳсолот нигаронида шудааст, зоҳир мегардад. Дар ин ҳолат саҳомон ва менеҷерони корхона ҳангоми қабули қарорҳои идоракунӣ сатҳи хавфҳои имконпазирро ба инобат гирифта, хавфҳои сатҳашон хело баланд ва эҳтимоли рух доданашон хело зиёдро қабул намекунанд, ки чунин усули идоракунии хавфҳоро усули дур шудан ё даст кашидан аз қабули хавфҳо меноманд. Аз ин ҷост, ки ҳар як субъекти хоҷагидорӣ бояд ба идоракунии хавфҳо ҳамчун ҷузъи муҳимми таркибии идоракунии умумии корхона диққати ҷиддӣ зоҳир карда, аз усулҳо ва воситаҳои маъмулу самараноки риск-менеҷмент васеъ истифода баранд. Истифодаи усулҳо ва воситаҳои муосири идоракунии хавфҳо ба паст шудани сатҳи онҳо ва то ҳадди ақал кам намудани зарари эҳтимолӣ мусоидат менамояд.

Корхона дар натиҷаи ташкили системаи самараноки риск-менеҷмент метавонад ба афзалиятҳои зиёде ноил шавад, ба монанди:

1. *Воқеъбинона таҳлил намудани вазъи мавҷудаи корхон*а. Таҳлили вазъи молиявии корхона бояд дар сатҳи баланди воқеъбинона ба роҳ монда шавад, чунки ҳангоми ворид намудани ин ё он маълумот бояд мувофиқатии он бо маълумоти дигар ба инобат гирифта шавад.

2. *Қабули қарорҳои идоракунӣ бо назардошти хавфҳои эҳтимолӣ.* Қабули чунин қарорҳо, бешубҳа, боиси баланд гардидани маърифати молиявӣ ва ҳуқуқии менеҷерони корхона мегардад. Ҳар як қарори роҳбарияти корхона бояд бо назардошти хавфҳои эҳтимолӣ қабул карда шавад, то ки эҳтимоли зарар дидани корхона то ҳадди ақал паст карда шавад.

3. *Равиши пайваста ба хавф.* Корхонаҳо дар фаъолияти худ ба доираи васеи хавфҳо ва воситаҳои идоракунии онҳо рӯ ба рӯ мешаванд, ба монанди суғуртакунӣ, диверсификатсия, худсуғуртакунӣ, меъёргузорӣ, хеҷкунонӣ ва ғайра. Таҳлили хавфҳо имкон медиҳад, ки сатҳи эҳтимоли ба вуҷуд омадани онҳо баҳогузорӣ карда шуда, равиши маҷмуии идоракунии хавфҳо ташаккул дода шавад [4, с.65].

4. *Истифодаи хавф ҳамчун воситаи стратегӣ.* Ҳолати номуайянӣ ҳам тарафҳои мусбат ва ҳам манфӣ дорад. Менеҷерони корхона ба таври систематикӣ хавфҳоро муайян карда, усулҳои идоракунии онҳоро интихоб ва дар амал татбиқ намуда, метавонанд рақобатпазирии корхонаи худро таъмин намоянд.

Тазаккур додан ба маврид аст, ки ҷараёни риск-менеҷмент қисми таркибии ҷудонашавандаи раванди умумии идоракунии субъекти хоҷагидорӣ ба шумор меравад. Мувофиқи назарияи идоракунии муосири субъектҳои хоҷагидорӣ, таҳия ва татбиқи чорабинҳои муваққатӣ, яъне ҷудо ё дур аз стратегияи умумии инкишофи шикат, вобаста ба риск-менеҷмент, ба самаранокии интизорӣ ноил шуда наметавонад. Бинобар ин, идоракунии хавфҳо дар корхона бояд на характери муваққатӣ, балки хусусияти комплексӣ дошта бошад.

Бояд қайд намуд, ки бо мақсади таъмини самаранокии раванди риск-менеҷмент, менеҷерони корхонаро зарур аст хавфҳоро на дар алоҳидагӣ, балки дар маҷмуъ таҳқиқ намуда, чорабиниҳои мушаххас ва асоснокшуда таҳия намоянд.

Ба андешаи мо, риск-менеҷмент ҷараёнест, ки дар рафти татбиқи он роҳбарият, менеҷерон ва дигар кормандони ваколатдори корхона иштирок карда, ҳадафи онҳо барои то ҳадди ақал паст намудани сатҳи хавфҳои эҳтимолӣ ва то ба ҳадди ниҳоӣ расонидани фоидаи интизорӣ ё банақшагирифташуда равона карда шудааст.

Бояд қайд намуд, ки раванди мустақими риск-менеҷмент дар сатҳи субъекти хоҷагидорӣ ба роҳбарият ва саҳомони корхона имкон медиҳад, ки вазъи воқеии корхонаро муайян намуда, барои беҳтар намудани ҳолати молиявӣ ва хоҷагидорӣ чорабиниҳои самаранок таҳия ва татбиқ намоянд. Амали мазкурро ба воситаи татбиқи усулҳои таҳлил, арзёбӣ ва пешгирии хавф-омилҳо, ки дар системаи пешгуикунӣ, банақшагирӣ, назорат, мониторинг ва чораҳои ислоҳӣ ҷамъ карда мешавад, татбиқ намудан имконпазир мебошад [11, с.289].

Басистемадарорӣ ё ҷамъбасти равишҳои мухталифи илмӣ ва инчунин натиҷаҳои амалии риск-менеҷмент нишон дод, ки бо мақсади ташкили системаи самараноки идоракунии хавфҳо дар корхонаҳои миёна ва калон таъсис додани сохтори нав - шуъбаи риск-менеҷмент бамаврид, зарур ва манфиатовар мебошад. Инчунин ҳаҷми хароҷоти корхонаро барои чорабиниҳои мубориза бо хавфҳо бо ҳаҷми хароҷоти умумии корхона муқоиса ва таҳлил намудан зарур мебошад. Дар натиҷаи чунин таҳлил ва қиёскунӣ ба хулосае бояд омад, ки ташкили шӯъбаи махсуси риск-менеҷмент дар корхонаҳои хурд боиси пайдо шудани хароҷоти иловагӣ мегардад, ки ҳаҷми он фоидаи гирифтаи шӯъбаи мазкур мувофиқат намекунад.

Дар ҳолати мазкур роҳбарияти корхона уҳдадор аст тавассути ҷалб намудани мутахассисони баландихтисос ва таҷрибадор сифати раванди риск-менеҷментро боз ҳам беҳтар гардонад.

Бояд таъкид намуд, ки дар корхонаҳои калон бо ҷалби мутахассисони соҳибкасб дар самти риск-менеҷмент, ба натиҷаҳои интизорӣ ноил шудан имконнопазир аст, зеро дар ин корхонаҳо, ки ҳаҷми истеҳсолот калон аст, зарари эҳтимолӣ низ калон мешавад. Ба андешаи мо, дар ин корхонаҳо таъсис додани шуъбаи идоракунии хавфҳо зарур ва манфиатбахш ба шумор меравад.

Бояд тазаккур дод, ки ташкили системаи риск-менеҷмент дар корхона асосан аз ду омили асосӣ вобастагӣ дорад:

- аз ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо);
- намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар корхона.

Масалан, фарз кардем роҳбарият ва менеҷерони корхона оид ба идоракунии сармоягузориҳои сатҳи хавфашон баланд маҳорту малака ва инчунин таҷрибаи кофӣ надошта, машғули бизнеси венчурӣ бошанд, пас, идоракунии бесалоҳияти хавфҳо дар корхона метавонад дар ояндаи наздик боиси зарари калони моддӣ гардад. Дар субъектҳои хоҷагидорие, ки асосан ба соҳибкории камдаромад машғуланд, ташкили шӯъбаи махсуси риск-менеҷмент зарур намебошад.

Шахсоне, ки дар шуъба ё департаменти идоракунии хавфҳо дар корхона фаъолият мекунанд менеҷерони хавф номида мешаванд. Менеҷерони хавф бояд соҳибкасб буда, маҳорату малакаи баланди касбӣ дошта, масъулиятшинос бошанд. Онҳо бояд фаъолияти ҳамаи воҳидҳои сохтории корхонаро дар самти риск-менеҷмент, инчунин таҳия ва татбиқи стратегияи идоракунии хавфҳо таъмин кунанд [8, с.241].

Роҳбари шуъба ё департаменти идоракунии хавфҳо бояд ба ҳайати роҳбарикунандаи корхона ворид карда шавад, то ки дар раванди қабули қарорҳои идоракунӣ иштирок намуда, пешниҳодҳои шуъба ё департаменти худро асоснок намояд.

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти менеҷерони хавф таҳия ва татбиқи сиёсати идоракунии хавфҳо дар корхона ба шумор меравад. Бояд гуфт, ки сиёсати риск-менеҷмент яке аз ҷузъҳои таркибӣ ва муҳимми сиёсати умумии корхона ҳисобида мешавад, чунки самаранокии фаъолияти корхона аз идоракунии оқилонаи хавфҳо вобастагии ҷудонашаванда дорад. Аз ин ҷост, ки корхонаҳое, ки нақша доранд дар бозорҳои нав мавқеи муҳим пайдо кунанд, рақобатпазир бошанд, бояд раванди риск-менеҷментро дар сатҳи баланд ташкил намоянд [1, с.312].

Стратегияи корхона дар самти нигоҳ доштани хавфҳои эҳтимолӣ ва инчунин қабул намудани хавфҳои нави имконпазир *сиёсати фаъоли риск-менеҷмент* номида мешавад. Дар ҳолати аз ҷониби роҳбарияти корхона қабул накардани баъзе хавфҳои эҳтимолӣ масъалаи таъмини рушди мунтазами корхона ба мушкилот дучор шуданаш имконпазир мебошад, ки чунин сиёсати корхонаро дар самти риск-менеҷмент сиёсати пассив менамоянд. Ба андешаи мо, барои аниқ ва мушаххас намудани намуди сиёсати риск-менеҷмент дар корхона бояд таҳлили ҳаматарафаи мақсад, вазифаҳо ва шароити кори корхона ба роҳ монда шавад.

Қайд намудан ба маврид аст, ки сиёсати риск-менеҷмент дар корхона бояд бо назардошти мақсадҳои стратегии корхона таҳия карда шавад, масалан:

- ба таври шаффоф ба роҳ мондани фаъолияти корхона;
- воҳидҳои сохтории корхона бояд дар ҳамоҳагӣ фаъолият намоянд;
- ба роҳ мондани назорат ба ҷараёни фаъолияти корхона;
- идора намудани хавфи пайдоиши ноустувории молиявии корхона ҳамчун инъикоси хавфи соҳибкорӣ;
- қабули қарорҳои оқилона ва асоснокшуда дар самти тақсимкунии сармоя;
- аниқ кардани стратегияи молиявии корхона ва арзёбии сатҳи самаранокии он;
- идора намудани ҳаҷми хароҷоти корхона (таносуби хароҷоти доимӣ ва тағйирёбанда);
- қабули қарорҳо дар самти имконпазир будани суғуртакунии хавфҳо;
- менеҷменти самараноки ӯҳдадориҳои андозии корхона [10, с.84].

Хавф-менеҷерони корхона дар асоси муқаррароти ISO: 31000:2009 ухдадоранд вазифаҳои зеринро иҷро намоянд:

- таҳия ва тасдиқи сиёсати идоракунии хавфҳо;
- таъмини ҳамгироии системаи хавф-менеҷмент бо фарҳанги идоракунии корхона;
- муайян кардани нишонаҳои баҳодиҳии самаранокии системаи хавф-менеҷмент;
- қиёс намудани нишонаҳои баҳодиҳии самаранокии системаи хавф-менеҷмент дар маҷмуъ.

Бояд қайд намуд, ки аз хавф-менеҷерони корхона натиҷаҳои зеринро интизор мешаванд:

- мувофиқ намудани мақсадҳои хавф-менеҷмент ба тактика ва стратегияи корхона;
- баҳодиҳии муносибии меъёрӣ-ҳуқуқии системаи хавф-менеҷмент ба қонунҳо ва санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва дигар талаботи ҳатмӣ;
- муайян кардани масъулият ва ухдадориҳои роҳбари корхона;
- таъмини захираҳои зарурӣ барои хавф-менеҷмент;
- пешниҳоди иттилоот ба гурӯҳҳои манфиатдори дохилӣ ва берунӣ оид ба идоракунии хавфҳо;
- такмили инфрасохтори хавф-менеҷмент [3, с.147].

Системаи хавф-менеҷмент бояд ба як унсури асосӣ ва муҳимми системаи менеҷменти корхона табдил дода шуда, қарорҳои идоракунӣ аз нигоҳи хавф таҳлил ва баҳогузорӣ карда шаванд. Системаи идоракунии хавфҳо ба намудҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст: тактикӣ, стратегӣ, амалиётӣ, ки дар бизнес-ҷараёнҳои асосӣ ва ёрирасони корхона дохил мешаванд.

Ба андешаи мо, вазифаҳои асосии шӯъбаи идоракунии хавфҳо дар корхона инҳо мебошанд:

- муайян кардани чараён ва ҳуччатҳои лозимӣ дар шароити номуайянӣ ва хавфҳо;
- таҳлил ва баҳодиҳии хавфҳо;
- таҳияи модели қарорҳо дар бораи ҳолатҳои хавфнок;
- аниқ кардани ҳудуди имконпазири хавфҳо дар корхона.

Системаи идоракунии ба хавф нигаронидашуда дар ҳамаи чараёнҳои фаъолияти корхона амал мекунад:,

- банақшагирии бизнес ва банақшагирии стратегӣ;
- буҷетикунонӣ;
- назорати дохилӣ ва аудит;
- суғуртакунии корхонаҳо;
- худсуғуртакунӣ [7, с.98].

Системаи хавф-менеҷмент механизмҳои ҳамкорӣ ва ҳамгироии ин системаро бо биснез-чараёнҳо дар бар мегирад. Ҳамкории мутақобила имкон медиҳад воситаҳои идоракунии хавфҳо пешакӣ ҳангоми қабул кардани қарорҳои идоракунӣ ба таври самаранок татбиқ карда шавад. Дар чараёни ҳамгироӣ ба системаи идоракунии корхона бояд инфрасохтори устувори хавф-менеҷмент таҳия карда шавад, масалан, таҳия кардани манбаи методологӣ оид ба риск-менеҷмент, дар назди корхона ташкил кардани ниҳоди экспертҳои хавф аз ҳисоби кормандони шуъбаҳои мухталифи корхона, ки вазифаи асосии онҳо ошкор намудани хавфҳои имконпазир ва таҳлили онҳо ба шумор меравад.

Бояд қайд кард, ки дар самти мазкур корҳо оид ба автоматикунонии чараёнҳои идоракунии хавфҳо ва ба ҳам пайвастани нишондиҳандаҳои хавфҳо ба системаи баҳодиҳии истифодаи маълумоти асосии самаранокии менеҷмент муайян карда мешаванд. Дар масъалаи дастгирии равандҳои риск-менеҷмент шуъбаи идоракунии хавфҳо бояд масъалаҳои таъмини чараёни пайвастаи хавф-менеҷментро ҳал кунад.

Шуъбаи идоракунии хавфҳо ҳамкории тарафайни тамоми субъектҳои системаи риск-менеҷментро ташкил ва таъмин карда, омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои баҳснокро ташкил карда, ба кормандон усулҳои нави кор бо хавфҳоро меомӯзонад. Дар ин самт талабот оид ба ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот дар хусуси намуд ва категорияҳои гуногуни хавфҳо, таҳияи ҳисоботи хавфҳо барои роҳбарияти корхона, шурои директорон ва субъектҳои манфиатдори берунӣ муайян карда мешаванд.

Дар самти рушди чараёҳои пайвастаи бизнес вазифаҳои зерин гузошта мешаванд:

- қобилияти корхона барои ҷавоб додан ба ҳолатҳои фавқулода;
- давом додани истеҳсол ва таҳвили молу маҳсулот (корҳо хизматрасониҳо) дар доираи нақшаи тасдиқшуда;
- таъмин намудани чараёни барқарорсозии чараёнҳои вайроншудаи истеҳсолӣ баъди бартараф намудани ҳолатҳои фавқулода дар муддати кӯтоҳтарин [5, с.110].

Барои таъмини системаи самараноки риск-менеҷмент бо дигар системаҳо иҷрои амалҳои зерин зарур аст:

- дар як ҷой ба роҳ мондани корҳои методологӣ оид ба риск-менеҷмент;
- ба роҳ мондани алоқа ва ҳаракати бемамониати иттилоот дар байни системаҳои риск-менеҷмент ва ҳамчунин субъектҳои манфиатдор;
- ба таври мунтазам такмил додани системаи идоракунии хавфҳо, бо мақсади ташаккули механизмҳои самараноки менеҷменти намудҳои мухталифи хавфҳои корхона, масалан, ба воситаи омӯзиши коргарон ва автоматикунонии чараёниҳои фаъолият.

Раванди таҳлил ва арзёбии хавфҳо, инчунин таҳияи нақшаи чорабиниҳо бояд дар муҳлати муайян ба анҷом расонида шавад. Ҳисоботи корхона дар бораи хавф як қисми ҳисоботи умумии корхона ба шумор меравад. Дар вақти таҳлил ва баҳодиҳии хавфҳо риск-менеҷерҳо ва кормандони дигар воҳидҳои сохтории корхона иштирок мекунанд.

Риск-менеҷерони корхона бояд барои муайянкунӣ ва баҳодиҳии хавфҳо, таҳияи чорабиниҳои риск-менеҷмент масъул бошанд [9, с.80].

Дар хулоса қайд намудан мумкин аст, ки идоракунии хавфҳо дар корхона як ҷузъи ҷудонашавандаи идоракунии умумии корхона буда, дар ҳолати дуруст, оқилона ва мақсаднок ташкил кардани ин раванд имкон медиҳад, ки сатҳи хавфҳои эҳтимолӣ то ҳадди ақал паст карда шуда, ҳаҷми зарари имконпазир кам карда шуда, фаъолияти самараноки корхона ва рақобатпазирии он таъмин карда шавад.

## АДАБИЁТ


1. Балабанов И.Т. Риски промышленных предприятий: сущность, методы измерения, пути снижения. - М.: Дело и Сервис. - 2020. - 470 с.
2. Балдин К.В. Управление рисками: учебное пособие для студентов вузов / К.В. Балдин, С.Н. Воробьев. - М.: ЮНИТИ-ДАНА. - 2019. - 511 с.
3. Габдинуров И.В. Управление финансовыми рисками в новых экономических условиях. - М.: НТЦ «Развитие». - 2018. - 391 с.
4. Качалов Р.М. Управление хозяйственным риском. - М.: Наука. - 2002. - 192 с.
5. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум) // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
6. Лапуста М.Г. Риски в предпринимательской деятельности / М.Г. Лапуста, Л.Г. Шаршукова. - М.: ИНФРА-М. - 2019. - 223 с.
7. Мартякова О.В. Хозяйственные риски: оценка и прогнозирование. Монография / О.В. Мартякова, И.В. Кочура - Донецк: «ДонНТУ». - 2012. - 220 с.
8. Редхэд К.С. Управление финансовыми рисками / Пер. с англ. А.В. Дорошенко. - М.: Инфра-М. - 2018. - 376 с.
9. Тукмакова Д.П. Финансовые риски и их страхование. Дисс. ... к.э.н. - Казань: КФЭИ. - 2019. - 197 с.
10. Уткин Э.А. Риск-менеджмент. - М.: ЭКМОС. - 2017. - 139 с.
11. Шапкин, А.С. Экономические и финансовые риски: оценка, управление, портфель инвестиций: научное издание. 8-е изд. - М.: Дашков и Ко. - 2018. - 458 с.


**УДК 330**

**Ҳакимов А.А.**

# ХУСУСИЯТҲОИ САВДОИ МУТАҚОБИЛАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои хусусиятҳои савдои мутақобилаи байналмилалӣ дар шароити муосир мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд намудааст, ки тиҷорати мутақобила амалиётҳоеро муттаҳид мекунад, ки дар доираи он ӯҳдадориҳои мутақобилаи содиркунандагон оид ба хариди мол ё хизматрасониҳои воридкунандагон арзиши пурра ё қисме аз он, содирот карда мешавад.Тиҷорати мутақобилаи байналмилалӣ шакли зуд ташаккулёбандаи ташкили амалиётҳои тиҷоратӣ буда, ба муқаррар намудани ҳамкориҳои самараноки дарозмуддати тарафайн сӯдманди иштирокдорони он дар соҳаи истеҳсолот мусоидат мекунад.

**Вожаҳои калидӣ:** тиҷорат, тиҷорати мутақобила, таҳвили мол, хизматрасонӣ, аҳдномаҳои бартерӣ, аҳдномаҳои тиҷорати ҷубронӣ, аҳномаҳои саноати ҷубронӣ.

**Хакимов А.А.**

## ОСОБЕННОСТИ МЕЖДУНАРОДНОЙ ВЗАИМНОЙ ТОРГОВЛИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

В данной статье изучаются и исследуются вопросы особенностей международной встречной торговли в современных условиях. Автор отметил, что взаимная торговля объединяет операции, в рамках которых реализуются взаимные обязательства экспортеров по приобретению товаров или услуг импортеров за полную или часть стоимости того, что вывозится. Международная встречная торговля является быстро развивающейся формой организации торговых операций и способствует установлению эффективного долгосрочного взаимовыгодного сотрудничества ее участников в сфере производства.

**Ключевые слова:** торговля, встречная торговля, поставка товаров, услуги, бартерные сделки, торговые соглашения, промышленные компенсационные соглашение.

**Hakimov A.A.**

## FEATURES OF INTERNATIONAL MUTUAL TRADE IN MODERN CONDITIONS

This article describes and explores the peculiarities of international mutual trade in modern conditions. The author noted that mutual trade combines operations within which the mutual obligations of exporters to purchase goods or services from importers are realized for the full or part of the cost of what is exported. International mutual trade is a rapidly developing form of organizing trade operations and contributes to the establishment of effective long-term mutually beneficial cooperation of its participants in the field of production.

**Key words:** trade, counter trade, delivery of goods, services, barter transactions, trade agreements, industrial compensation agreements.

Дар солҳои 80-уми асри XX равандҳои сифатан нави хусусияти асосидошта дар ташкил ва тарзи гузаронидани амалиётҳои тиҷорати байналхалқӣ ба миён омаданд.

Яке аз самтҳои афзалиятноки чунин равандҳо рушди амалиётҳои содиротӣ-воридотӣ бо назардошти уҳдадориҳои мутақобилаи шарикон: содирокунандагоноид ба хариди молҳо ва хизматрасониҳои мушаххас аз воридкунандагон, воридкунандагон оид ба таҳвили молҳо ва хизматрасониҳои мувофиқашудаи содиркунандагон мебошад. Чунин намуди амалиётҳо номи амалиётҳои мутақобилаи байналхалқиро ифода мекунанд[1].

Солҳои охир дар тиҷорати байналхалқӣ савдои мутақобила ва аҳадҳои мубодилаи молӣ, ки ҳиссаи онҳо аз рӯи ҳисоби иқтисодшиносони маъруф қариб 40% ҳамаи аҳдномаҳоро ташкил медиҳад, аҳамияти рӯзафзунро касб намудааст. Он дар асоси манфиати фурӯшанда оид ба васеъ намудани ҳаҷми савдои молҳои худ, барои харидорон бошад ин баромадан ба бозорҳои нав, дар навбати аввал молҳои мушкил ба савдораванда, истисно ё бештар маҳдуд намудани ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ буда, асос ёфтааст.

Дар марҳилаи муосир тиҷорати мутақобила ба яке аз олотҳои муҳими батанзимдарории мубодилаи молии байналхалқӣ табдил гардида, ба ҳамкориҳои иқтисодӣ ва истеҳсолию техникии байни мамлакатҳо, усуворшавӣ ва мураттабии ҳисобу китоби байналхалқӣ мусоидат мекунад.

Нақши танзимкунии тиҷорати мутақобила дар он зоҳир мегардад, ки бастани созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи байниҳукуматӣ оид ба амалиётҳои мубодилаи молӣ, инчунин созишномаҳо оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ ва истеҳсолӣ дар асоси ҷубронӣ имкон медиҳанд, ки қаблан ба муддати якчанд сол пеш намудҳо ва ҳаҷми молҳои байни якдигар таҳвилшаванда, арзиши умумии онҳо ва тартиби ҳисобу китоб, хусусият ва арзиши хизматрасониҳои ҳамроҳикунанда ва ё ҷудогона пешниҳодшавандаи техникӣ (муҳандисӣ), донишҳои илмӣ - техникӣ ва таҷриба (литсензия, ноу-хау ва ғайра) муйян карда мешавад[1].

**Тиҷорати мутақобила** - ин тиҷоратест, ки амалиётҳоеро муттаҳид мекунад, ки дар доираи он ӯҳдадориҳои мутақобилаи содиркунандагон оид ба хариди мол ё хизматрасониҳои воридкунандагон арзиши пурра ё қисме аз он, ки содирот карда мешавад[4].

Хусусияти аҳдномаҳои мутақобилаи байналхалқии шаклҳои гуногун дошта, ин ҳамоҳангии содирот бо хариди мутақобилаи молҳои ширкатҳои воридкунанда ё мамлакатҳои воридкунанда ва баръакс мебошад. Чунин аҳномаҳои байналхалқӣ бо принсипи ҷуброн намудан, ки шаклҳои гуногунеро дорад, ки аз рӯи технология ва амалисозии онҳо фарқ мекунад.

Тиҷорати мутақобилаи байналмилалӣ шакли зудрушкунанда ташкили амалиётҳои тиҷоратӣ буда, ба муқарар намудани ҳамкориҳои самараноки дарозмуддати тарафайн судманди иштирокдорони он дар соҳаи истеҳсолот мусоидат мекунад.

Савдои мутақобила ин чунин аҳдномаест, ки дар он як ҷониб ба ҷониби дигар, мол, хизматрасонӣ, технология пешниҳод намуда, дар ҷавоб ба ин, ҷониби аввал аз ҷониби дуюм ҳаҷми мувофиқаткардашудаи молро харид мекунад.

Ҷиҳати фарққунандаи чунин аҳдномаҳо робитаи мутақобилаи байни ҷонибҳо мебошад. Чунин аҳдномаҳо дар шаклҳои гуногун баста шуда, аломатҳои хоси худро доранд.

Коршиносони Созмони милали муттаҳид (СММ) се намуди асосии аҳдномаҳои мутақобилаи байналхалқии зеринро ҷудо мекунанд:[1].

1. Аҳдномаҳои бартерӣ;
2. Аҳдномаҳои тиҷорати ҷубронӣ;
3. Аҳномаҳои саноати ҷубронӣ.




**Расми 1. Намудҳои аҳдномаҳои мутақобилаи байналхалқӣ тибқи ақидаи коршиносони Созмони милали муттаҳид**

Аҳдномаҳои бартерӣ, яке аз намудҳои аҳдномаҳои мутақобила ба шумор мераванд. Ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии савдои мутақобила 4%, хариди мутақобила 55%, созишномаҳои ҷубронӣ 9% ва клиринг 8%-ро ташкил медиҳад. Дар аҳдномаҳои бартерӣ ба эквивалентии мубодила, ки бо роҳи арзёбии содирот ва воридот бо нархҳои ҷаҳонӣ, ҳангоми муайян намудани ҳаҷми микдори молҳои мубодила ба даст оварда мешавад, диққати махсус дода мешавад.

Умумияти манфиатҳо дар соҳаи истеҳсолот ва стратегияи бозорӣ дар натиҷаи чунин амалиётҳои зичи пайвастшавии сармояҳо тавсеа меёбанд.

Афзоиши миқёси савдои байналхалқӣ ҳоло боиси пайдоиши ширкатҳои бузурги тиҷорати байналхалқие гардид, ки ба фуруши молҳо тавассути хариди мутақобила махсус гардонида шудаасту ба таъсиси бонкҳои компютерӣ бо маълумот дар бораи мавҷудияти молҳое, ки метавонанд дар як муддати кӯтоҳ дар дилхоҳ минтақаи курраи замин расонида шаванд, робита дорад.

Ҳамзамон, таҳти аҳдномаи саноати ҷубронӣ аҳдномаеро мефаҳманд, ки дар он як тараф ба тарафи дигар таҳвили мол, хизматрасонӣ ё технология, ки онро тарафи дигар барои омода кардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ истифода мебарад. Чунин таҳвилҳо баъдан тавассути таҳвили молҳо ҷуброн карда мешаванд. Дар аҳдномаи тиҷорати ҷубронӣ бошад чунин муносибати байниҳамдигарӣ байни тарафҳо вуҷуд надорад.

Мутахассисони Ташкилоти ҳамкориҳои баналхалқӣ ва рушд (ТҲБР) аҳдномаҳои мутақобилаи байналхалқиро ба ду гуруҳи зерин ҷудо мекунанд:[6].

1. Аҳдномаҳои мутақобилаи тиҷорати ҷубронӣ;
2. Аҳномаҳои тиҷорати мутақобилаи саноати ҷубронӣ.

**Аҳдномаи мутақобилаи тиҷорати ҷубронӣ** ин яке аз амалиётҳои кӯтоҳи ба маблағи на он қадар калон мебошад, ки мубодилаи молҳои зарурии гуногунро дар бар гирифта, ба якдигар монанд нестанд. Ин аҳднома дар ҳудуди 36-моҳ ба анҷом мерасад.

**Зери мафҳуми аҳномаҳои тиҷорати мутақобилаи саноати ҷубронӣ** чунин аҳдномаҳое фаҳмида мешаванд, ки маблағҳои нисбатан калони фурӯши мувофиқ, таҷҳизоти саноатии Ғарб ва ё корхонаҳои тиҷоратиро дар бар мегиранд [4].




**Расми 2. Аҳдномаҳои мубодилаи молӣ ва ҷубронӣ дар асоси ғайри асъорӣ**

Ба андешаи мо ҳангоми таснифи аҳномаҳои тиҷорати мутақобилаи байналхалқӣ бояд шакли ташкилию ҳуқуқии чунин аҳдномаҳо ва принсипҳои ҷубронӣ ба инобат гирифта шавад. Ҳангоми чунин равиш мумкин аст, ки се намуди зерини аҳдномаҳои мутақобилаи байналхалқиро ҷудо намуд:[1].

1. Аҳдномаҳои мубодилаи молӣ ва ҷубронӣ дар асосӣ ғайри асъори хориҷӣ;
2. Аҳдномаҳои ҷубронии аҳдномаҳои тиҷоратӣ;
3. Аҳдномаҳои ҷубронӣ дар асоси созишнома оид ба ҳамкориҳои истеҳсолӣ.

Мумкин аст баҳогузории намунавии зерини қимати намудҳои гуногуни аҳдномаҳоро дар тиҷорати мутақобилаи байналхалқӣ муайян намуд: ҳиссаи аҳдномаҳои мубодилаи молӣ ва ҷубронӣ тахминан 4-5%, аҳдномаҳои ҷубронӣ дар асоси тиҷоратӣ 9-

10%, дар харидҳои мутақобила дар доираи ҳамкориҳои истеҳсолӣ 55-60%-ро ташкил медиҳад.

Ин се намудҳои асосии аҳдномаҳо аз нуқтаи назари ҳадаф ва хусусият, мухлатҳои иҷроиш, шартҳои ҷуброн, механизмҳои ҳисобу китоб ва тартиби иҷроиши онҳо аз якдигар куллан фарқ мекунанд.




**Расми 3. Намудҳои аҳдномаҳои мутақобилаи байналхалқӣ**

Савдои мутақобила аз нуқтаи назари содироткунанда ҷолибият дорад, зеро он имкон медиҳад, ки бозорҳои нав аз худ карда шуда, сарчашмаи ашёи хом диверсификатсия карда шавад. Инчунин, шабакаҳои устувори таъминот ва фурӯш ташаккул дода шуда, тиҷорат ва нархро аз рӯи шартҳои қаблан муайян кардашуда, гузаронад.

Миқёси калон ва хусусияти дуру дароз доштани муносибатҳои шарикӣ ба иқтисодиёти мамлакатҳои дар он иштироккунанда, самараи муътадилкунанда бозида, дар доираи вазъи тағйирёбандаи бозор қимати махсус дорад. Чӣ тавре, ки таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, мақсадҳои муносибатҳои судманди шарикии дарозмуддат дар ҳавасмандгардонии иштирокдорони он нақши калон дорад.

Савдои мутақобила асосан ҳангоми амалӣ намудани таҳлили байни шарикон аз рӯи кооператсияи илмӣ – техникӣ, истеҳсолӣ ва фурӯшии байни ҷузъҳои ширкатҳои фаромилӣ ва ғайраҳо амалӣ карда мешавад.

Камбудиҳои аҳдномаҳои мубодилаи молиро ба ду гурӯҳи зерин ҷудо кардан мумкин аст.

1. Амалиётҳои мубодилаи молӣ, ки хароҷотҳои баланди трансаксиониро талаб мекунанд ва ба иштирокчиёни аҳдномаҳо хос аст.

2. Бо зиёд шудани шумораи иштирокчиён вобастагии нақшаи таҳияшудаи байни онҳо зиёд мегардад, яъне аз кор мондани дилхоҳ зинаи он ба бозистӣ дар иҷроиши ӯҳдадории онҳо оварда мерасонад.

3. Хусусияти шартӣ доштани нархгузорӣ, ки дар чунин аҳдномаҳо ба пайдоиши нофаҳмиҳо ҳангоми пардохтҳои андозӣ ва гумрукӣ оварда мерасонад. Ширкатҳое, ки содиқона кору фаъолият мекунанд, аз ҳуқуқи гирифтани имтиёзҳои андозӣ маҳрум гашта, ширкатҳое, ки бевиҷдонона фаъолият мекунанд, аз пардохти андозҳо саркашӣ менамоянд.

4. Хусусияти пӯшида доштани аҳдномаҳо, ки он ба паҳн гаштани нақшаҳои коррупсионӣ, аз ҷумла берун аз ҳудуди мамлакат, мусоидат мекунад.

5. Чунин аҳдномаҳо доираи шарикони имконпазирро маҳдуд мегардонад, зеро берун аз он ширкатҳое мавҷуданд, ки барои ба дӯш гирифтани хароҷотҳои баланд омода нестанд, инчунин ба маҳсулоти пешниҳодшаванда эҳтиёҷ надошта, хоҳиши фурӯхтан ё ҷалб намудани иштрокчиёни нави амалиётҳои тиҷоратиро надоранд.

Дигар гурӯҳи мушкилот хусусияти системавӣ дошта, тасдиқ мекунад, ки тиҷорати мутақобила амали механизмҳои иқтисоди бозориро вайрон мекунад.

Ҳамин тавр, қобили қабул аст, ки тиҷорати мутақобиларо дар доираи шартҳои дар боло зикргардида, маҳдуд истифода бурда, маҳз шартҳое, ки амалиётҳои савдои муқаррарӣ ё имконпазир нестанд, ё хароҷотҳои иловагиро талаб мекунанд. Дар чунин шароитҳо тиҷорати мутақобила воситаи асосии дастрас намудани маҳсулоти ҳаётан зарурӣ, воситаи фаъоли беҳтар намудани сохтори содироти мамлакат ва таъмини рушди технологии он мегардад.

**АДАБИЁТ**


1. Герчикова И.Н. Международное коммерческое дело. Учебник / - М.: ЮНИТИ, Банки и биржи, 2001. - 289 с.
2. Панкратов Ф. Г. Коммерческая деятельность: Учебник / Ф. Г. Панкратов, Н. Ф. Солдатова. — 13 - е изд., перераб. и доп. — М.: Издательско-торговая корпорация “Дашков и К”, 2012. — 500 стр.
3. Половцева Ф.П. “Коммерческая деятельность”: Учебник – М.: ИНФРА-М., 2001.
4. Урунова С.А., Мухторзода С.С., Абдураҳмон Ҳ., Шамсов Ф.Т.Тиҷорати байналмилалӣ (комплекси таълимӣ-методӣ барои донишҷӯёни равияи иқтисодии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ) – Душанбе 2023. 308 саҳ.
5. Фомичев В.И. “Международная торговля”: Учебник-2-е изд., перераб. и доп.-М.: ИНФРА-М., 2001.
6. Ҳабибов С., Ҷамшедов М. Тиҷорати байналмилалӣ. Душанбе.: Ирфон, 2007.


**УДК: 339.16**

**Халилова У.О., Файзиддинзода М.Ф.**

## ТИҶОРАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ҲАМЧУН ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ: МУШКИЛОТ ВА РОҲИ ҲАЛИ ОН


Мақола ба омузиши ҳамаҷонибаи фаъолияти соҳибкорӣ, мушкилот ва роҳи ҳали он дар шароити муосир бахшида шудааст. Дар мақола татбиқи технологияи иттилоотӣ дар рушд ва такмили тиҷорати электронӣ ба таври васеъ оварда шудааст. Аз ҷониби муаллифон доир ба мафҳум ва моҳияти тиҷорати электронӣ, самаранокии он идеяҳои нав пешниҳод карда шудааст, инчунин Шумораи истифодабарандагон ва нархи Интернет барои 1 гб муайян карда шудааст. Панҷ категорияи асосии тиҷорати электронӣ пурра шарҳ дода шудааст. Муаллифон дар мақолаи худ афзалиятҳо ва камбудиҳои тиҷорати мазкурро пурра шарҳ дода омилҳои таъсиррасони рушди тиҷорати электрониро муайян намудаанд.


**Калидвожа**: Иттилоот, технологияяи иттилоотӣ, рушд, такмилдиҳи, тиҷорати электронӣ, рақамикунонӣ, Интернет, самаранокӣ, корхона, омил.

**Халилова У.О., Файзиддинзода М.Ф.**

## ЭЛЕКТРОННАЯ КОММЕРЦИЯ КАК ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ: ПРОБЛЕМЫ И РЕШЕНИЯ


Статья посвящена комплексному изучению предпринимательской деятельности, проблем и путей ее решения в современных условиях. В статье широко представлено

применение информационных технологий в развитии и совершенствовании электронного бизнеса. Авторы предложили новые представления о понятии и сущности электронной коммерции, ее эффективности, а также количестве пользователей и цене Интернета за 1 гб. Полностью объяснены пять основных категорий электронной коммерции. В своей статье авторы подробно объяснили преимущества и недостатки этого бизнеса и определили факторы, влияющие на развитие электронного бизнеса.

**Ключевые слова**: Информация, информационные технологии, развитие, совершенствование, электронный бизнес, цифровизация, Интернет, эффективность, предприятие, фактор.

**Khalilova U.O., Fayziddinzoda M.F.**

**E-COMMERCE AS A BUSINESS ACTIVITY: PROBLEMS AND SOLUTIONS**

The article is devoted to a comprehensive study of entrepreneurial activity, problems and ways to solve them in modern conditions. The article widely presents the use of information technology in the development and improvement of electronic business. The authors proposed new ideas about the concept and essence of e-commerce, its effectiveness, as well as the number of users and the price of the Internet per 1 GB. The five main categories of e-commerce are fully explained. In their article, the authors explained in detail the advantages and disadvantages of this business and identified the factors influencing the development of e-business.

**Key words**: Information, information technology, development, improvement, e-business, digitalization, Internet, efficiency, enterprise, factor.

Иқтисодиёти бозоргонӣ, пайдошавии шаклҳои нави корхонаҳо, вусъатёбии робитаҳои дохиливу берунии корхонаҳо ба афзоиши селобҳои иттилоотӣ овард. Тамоми фаъолияти корӣ тавассути технологияи иттилоотӣ амалӣ мегардад. Дар замони муосир корҳои ташкилӣ доир ба истифодаи васеи технологияи иттилоотӣ ва Ҷорӣ намудани онҳо дар соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ гузаронида мешаванд. Дар асоси ин, масъалаҳои асосии коркарди принсипҳо ва тарзҳои умумии истифодабарии технология барои таҳлилу коркарди маълумотҳои оммавӣ истифода бурда мешаванд. Хусусан дар соҳаи тиҷорат ва соҳибкорӣ истифодаи васеъи технологиияи иттилоотӣ ва шабакавӣ дар шароити кунунӣ хеле хуб ба роҳ монда шудааст.

Дар шароити имрӯза рушди технологияҳои шабакавӣ чунон бузург аст, ки Интернет моро дар ҳама ҷо иҳота кардааст [2]. Ӯ ба тамоми соҳаҳои ҳаёти халқ дохил шудааст, мо дигар зиндагии худро бе Интернет тасаввур карда наметавонем. Интернет инчунин ба бисёр корхонаҳо ва дар маҷмӯъ ба иқтисодиёт таъсири калон мерасонад. Бо пайдоиши технологияҳои шабакавӣ, корхонаҳо имкони нав пайдо мекунанд, ба ибораи дигар, такон барои рушди минбаъда аст.

Ҳоло Интернет ҳамчун муҳити дастраси омма ба мо имкон медиҳад, ки тиҷоратро озодона пеш барем. Истифодаи шабакаи глобалӣ барои корхонаҳо муфид аст. Ин рақобатпазирӣ ва устувории корхонаро афзоиш медиҳад. Инчунин, бо истифода аз Интернет Шумо метавонед ҳама гуна таблиғро зуд ва дар муддати кӯтоҳ паҳн кунед. Ин маънои онро дорад, ки одамон дар бораи ширкат бештар маълумот мегиранд ва мутаносибан маҳсулоти онро харидорӣ менамоянд, дар навбати худ фоидаи корхона зиёд мешавад. Оид ба масъалаи мазкур Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар паёми худ, қайд намуданд, ки «Имрӯз дар берун аз кишвар имконияти пайдо кардани маълумоти кофӣ доир ба корхонаҳои саноатӣ ва маҳсулоти аз лиҳози экологӣ тозаи Тоҷикистон маҳдуд аст. Сомонаҳои интернетии корхонаҳо роҳи аз ҳама самараноки муаррифии маҳсулоти

саноатӣ ба ҳисоб меравaнд. Роҳи дигари пешниҳоди маҳсулот барои фурӯш иштирок дар намоишгоҳҳои маҳсулоти саноатӣ дар кишварҳои хориҷӣ мебошад»[8]. Албатта роҳи асосии ҳалли мушкилоти соҳа дар шароити имрӯза Интернет ба шумор меравад, тавассути он дар шакли тиҷорати электронӣ мо метавонем, пурра фаъолияти кориамонро ба роҳ монем. Тиҷорати электронӣ дар айни замон динамикӣ инкишоф меёбад ва суръат мегирад. Тиҷорати намунаи навин дар ҷомеа маъруфияти зиёд пайдо карда, бо чунин шаклҳо, ба монанди мағозаҳои маҷозӣ муаррифӣ мешавад. Онҳо ба мағозаҳои анъанавӣ монанданд, аммо фарқиятҳои назаррас вуҷуд доранд.

Барои он, ки дар муҳити тиҷорати электронӣ ҳарф занем, бояд таърихро ба ёд орем. Соли 1960 ширкатҳои амрикоии American Airlines ва IBM системаи банд кардани ҷойҳо дар парвозҳоро таҳия карданд. Система барои мусофирони оддӣ ташкил карда шудааст, то тартиби фармоиши ҷойҳо барои онҳо қулай ва дастрас бошад. Дар натиҷа, тиҷорати электронӣ аз ин ҷо оғоз гардидааст. Минбаъд ба рушди он пайдоиши Интернет, кортҳои пластикии пардохтӣ ва технологияҳои гуногуни пардохтҳои электронӣ таъсир расониданд.

Истилоҳи "тиҷорати электронӣ" дар ҳама маврид хеле равшан аст. Ин далелро ҳатто метавон як шохаи рақамикунонӣ номид, зеро он метавонад дар ҳама гуна соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ бо истифодаи васеъи технологияи иттилоотӣ татбиқ карда шавад.

Бисёре аз муаллифон кӯшиш карданд, ки ин мафҳумро аз нигоҳи худ шарҳ диҳанд, аз ин рӯ дар адабиётҳои гуногун Шумо метавонед тафсирҳои зиёдеро пайдо кунед, ки ҷанбаҳои муайяни "тиҷорати электронӣ"-ро баррасӣ мекунанд. Аммо, оид ба мафҳуми умумӣ олимон наметавонанд ба як ақидаи ягона оянд. Бинобар ин мо дар мақола нуқтаҳои назари олимона соҳаро шарҳ додаем. Гуруҳе аз олимон қайд менамоянд, ки тиҷорати электронӣ истилоҳ барои нишон додани фаъолияти тиҷоратӣ дар шабакаи Интернет мебошад. Он барои харидорӣ, фурӯш, хизматрасонӣ, гузаронидани ҷамъомадҳои маркетингӣ тавассути истифода аз шабакаҳои компютерӣ имкон фароҳам меоварад. Тиҷорати электронӣ (ба маънои васеъ) фаъолияти соҳибкорӣ дар гузаронидани амалиётҳои тиҷоратӣ бо истифода аз васоити мубодилаи электронии санадҳо мебошад [6]. Ба ақидаи гуруҳи дигар тиҷорати электронӣ – ин ҳар намуди амалиётҳои судманди корӣ ва қарордодӣ, ки истифодаи иттилооти нав ва технологияҳои коммуникатсиониро ба василаи шабакаҳои Интернет пешбинӣ менамояд[11]. Козье Д. қайд менамояд, ки тиҶорати электронӣ - Ҷараёни ба анҶом расидани амалиётҳои тиҶоратии хариду фурӯш дар фазои рақамӣ мебошад[4]. Ҷараёни истифодаи интернет барои гузаронидани амалиётҳои тиҶоратӣ байни ташкилотҳо, корхонаҳо ва истеъмолкунандагон ба ҳисоб меравад[9]. Соҳаи нави фаъолияти тиҶоратӣ буда, дар он интернет воситаи баанҶомрасонии фаъолияти тиҶоратӣ мебошад[3]. Як намуди ҳамгироӣ буда, низом, Ҷараён, ташкил ва такмили савдоро дар интернет мефаҳмонад[12]. Тиҷорати электронӣ ҳама гуна тиҷорат ва муомилотест, ки аз технологияи коммуникатсионӣ истифода бурда, самаранокии бештари иқтисодиро нисбат ба намуди анъанавии савдо кафолат медиҳад[5]. Тиҷорати электронӣ худ хариду фурӯши мол ва хидматҳои молиявие, ки тавассути шабака ба анҷом расонида мешавад[7]. Вобаста ба ин ба андешаи мо ин як намуди фаъолияти соҳибкориест, ки хизматрасониҳои молиявӣ ва тиҷоратиро ба воситаи Интернет таъмин менамояд.

Раванди рушди устувори иқтисодиёти миллӣ аз бисёр ҷиҳат ба татбиқ ва ташаккули хизматрасониҳои электронӣ вобастагӣ дорад. Хусусан, дар шароити рӯи кор омадани соҳаҳои нави иқтисодиёт, чун: иқтисодиёти электронӣ, иқтисодиёти рақамӣ, иқтисодиёти иттилоотӣ ва ғайра. Бояд зикр намуд, ки ташаккули ин равандҳо ба рушди бомароми хизматрасониҳои электронӣ таъсир мерасонанд[10]. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт, ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои

электронӣ эътимод ба рушди устувори соҳаи хизматрасониҳо афзоиш меёбад ва дар густариши иқтидори иқтисодии мамлакат заминаи мусоид фароҳам меорад.

Дар шароити имрӯза яко яки мо ҳамеша ба ин намуди тиҷорат дучор мегардем, ки имкониятҳои беназири муоширатро фароҳам барои мо фароҳам меорад. Муҳимтар аз ҳама он аст, ки шахс метавонад ба тиҷорат дар Интернет шурӯъ кунад, новобаста аз намуди фаъолият ин метавонад хоҳ мағозаи хурд, ширкатҳои шабакавӣ ё калони молиявӣ бошад. Барои такмил додани тиҷорати электронӣ дар шароити имрӯза дар тамоми ҷаҳон Интрнет нақши калидӣ мебозад. Вобаста ба ин шумораи истифодабарандагони интернет ва нархи он дар баъзе аз кишварҳо дар ҷадвалчунин оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. Руйхати мамлакатҳо ва истифодабарандагони Интернет барои соли 2022 [13,14]**

| Мамлакат | Аҳолӣ | Шумораи истифодабарандагони интернет | % истифодабарандаго н | Нарх барои 1 гб |
|---|---|---|---|---|
| Ҷумҳурии мардумии Чин | 1 411 800 000 | 1 051 140 000 | 73,7 | 0,52 |
| Ҳиндустон | 1 408 000 000 | 692 000 000 | 48,7 | 0,68 |
| Ҷумҳурии Ӯзбекистон | 36 000 000 | 26 740 000 | 76,6 | 0,6 |
| Ҷумҳурии Туркменистон | 7 057 841 | 2 470 000 | 38,2 | 21,41 |
| Федератсияи Руссия | 146 447 424 | 127 600 000 | 88,2 | 0,29 |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 10 078 507 | 4 100 000 | 40,6 | 2,6 |
| Ҷумҳурии исломии Эрон | 58 117 322 | 69 830 000 | 76,6 | 1,52 |
| Ҷумҳурии Арманистон | 3 227 865 | 1 980 000 | 66,5 | 0,76 |
| ИМА | 334 998 398 | 313 300 000 | 91,2 | 3,33 |
| Исроил | 9 656 000 | 8 220 000 | 90,3 | 0,05 |

Чи тавре аз раддабандии ҷадвал маълум нархи истифодабарии интернет дар мамлакатҳо гуногун ҳастанд. Аз он бар меояд, ки миёни ин даҳгона нархи болотарин дар Ҷумҳурии Туркменистон 21,41 доллари амрикоӣ ба назар мерасад ва камтарин нарх бошад дар Исроил аст, яъне 0,05.

Тибқи иттилои Picodi.com, нархи интернети барои 1 гигабит дар тӯли 4 сол дар саросари ҷаҳон ба ҳисоби миёна -15% поин рафтааст.

Аҳолии рӯи ҷаҳон соли 2022 ба 8 миллиард расид ва дар аввали соли 2023 ба 8,01 миллиард. Зиёда аз 1,16 милиард нафар ҳамчун истифодабарандагони Интренет ба қайд гирифта шудааст, ки ин нишондод нисбат ба як соли қабли 1,9% зиёд аст. Қайд кардан ба маврид аст, ки айни ҳол 64.4% аҳолии рӯи ҷаҳон аз шабакаи мазкур самаранок истифода намуда истодаанд .

Ба ибораи оддӣ, истилоҳи тиҷорати электронӣ (e-commerce) комилан ҳама гуна харидҳо, фурӯшҳо ва пардохтҳоро дар бар мегирад, ки тавассути Интернет анҷом дода мешаванд. Чунин тиҷорат ба як системаи азим табдил ёфта, қариб тамоми кишварҳоро фаро гирифтааст ва аз ин рӯ, як қисми ҷудогонаи иқтисоди ҷаҳонӣ гардидааст.

Бозори электронӣ ба мо имкон фароҳам меорад, ки фаъолиятҳои тиҷоратиро дар шабакаи ба роҳ монем, яъне фурушандагон ва харидоронро ҷустуҷӯ кунем, ҳисобҳоро тавассути ғайринақдӣ ба роҳ монем, шартномаҳо бандем, ҳамаи инро тавассути Интрнет аз як нуқта ба анҷом расонем. Табиист, ки барои ин меъёру қоидаҳои махсус таҳия шуда, таъминоти беназир эҷод карда мешавад, аммо идеяи асосӣ ин аст, ки системаҳои тиҷорати электронӣ барои ҳама ва дар ҳамон ҷое, ки пайвасти интернет вуҷуд дорад, дастрас аст. Бартарии тиҷорати электронӣ барои кишвар мо дар он аст, ки барои рушди соҳа аз ҷониби

Ҳукумати мамлакат дар асоси Қонуни асосии кишвар як қатор санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ мавриди амал қарор дода шудааст, аз қабили:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иттилоот, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи иттилоот, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сирри тиҷоратӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи савдои электронӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи криптография, Консепсияи хукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бирномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ барои солҳои 2021-2025 ва ғайраҳо.

Шаклҳои тиҷорати электрониро чунин шарҳ додан мумкин аст, хусусан:




**Расми 1. Шаклҳои тиҷорати электронӣ**

Намудҳои гуногуни тиҷорати электронӣ аз ҷониби созмонҳои гуногун бо дастрасӣ ба Интернет истифода мешаванд. Муносибтаринҳо танҳо аз рӯи хусусиятҳои кори ширкат, андоза, ҳадафҳо ва принсипҳои он муайян карда мешаванд. Тиҷорати электрониву бонкӣ, хизматрасонии суғуртавӣ ва интиқоли пулро метавон мувофиқи талаботи худ бомуваффақият дар як вақт истифода намуд.

Қобили зикр аст, ки тиҷорати электронӣ на танҳои иҷрои муомилоти тиҷоратӣ, балки идоракунии равандҳои истеҳсолиро низ дар бар мегирад ва метавонад идоракунии беҳтари ҷараёни тиҷорат, сармоягузорӣ ва хатарҳои молиявии марбутаро таъмин кунад.

Дар инҷо моҳияти тиҷорати онлайн ва тиҷорати электрониро бояд аз ҳам ҷудо намуд, чунки ин ду мафҳумро дар бештари вақт омехта менамоянд.

Тиҷорати онлайнӣ ҳама гуна фаъолиятест, ки тавассути технологияҳои интернетӣ барои таблиғи молҳо ва хидматҳо анҷом дода мешавад. Тиҷорати электронӣ зербахши тиҷорати онлайн аст, яъне ҷузъи ҷудонашавандаи он мебошад.

Тиҷорати электронӣ шаклҳои гуногуни муомилот мебошад, ки дар он ҳамкории доимии ширкатҳо бо ёрии технологияҳои иттилоотиву телекоммуникатсионӣ ва шабакаи Интернет сурат мегирад [1]. Он ба ширкатҳо имкон медиҳад, ки бо ҳамдигар зудтар муошират кунанд ва ба онҳо имкон медиҳад, ки новобаста аз он ки дар куҷо ҷойгир аст, таъминкунандаро интихоб кунанд. Тиҷорати электронӣ инчунин ба ширкатҳо дар пешбурди маҳсулот ва хидматҳои худ дар бозори ҷаҳонӣ кӯмак мекунад.

Тиҷорати электронӣ ба панҷ категорияи асосӣ тақсим карда мешавад.

**Бизнес барои тиҷорат (B2B)-** Муносибатҳои мутақобилан судманд байни ширкатҳо. Истеҳсолкунандагон бо истифода аз платформаҳои махсуси интернетӣ бо ҳамдигар робита барқарор мекунанд. Ин одатан ба хариду фурӯши чузъҳо, барномаҳо ё ашёи хом дахл дорад. Фурушанда пул мегирад, харидор бошад, барои истеҳсоли маҳсулоти худ мол мегирад. Маҳз дар B2B гардиши бештари пули нақд аст.

**Бизнес ба истеъмолкунанда (B2C)-** Модели B2C назар ба модели якум ҳатто бештар маъмул аст ва он тахмин мекунад, ки муомилот байни ширкат ё ин ки соҳибкори инфиродӣ ва истеъмолкунандаи ниҳоӣ анҷом дода мешавад. Шумо метавонед қариб ҳама чизро бо ин роҳ ба фуруш бароред, ба монандӣ: таҷҳизот, барнома, китобҳо, маводҳои хурока, либосворӣ, хизматрасоиҳо ва ҳоказо. Ҳатто фурӯши файлҳои мусиқии шакли оудиоӣ ва видеоӣ ба ин намуди тиҷорат дохил мешаванд. Айни замон, муомилот аксар вақт дар сатҳи байналмилалӣ анҷом дода мешаванд, яъне фурӯшанда ва харидор дар кишварҳои гуногун ҷойгиранд, ба анҷом расонида метавонанд. Чунин хариди мол барои ҳар як муштарии воқеъӣ мувофиқ нест, зеро он ба онҳо имкон намедиҳад, ки миқдори кофии маълумотро ба даст оранд, ашёи харидашавандаро ламс ва тафтиш намоянд, аммо он нархи арзонро кафолат медиҳад, зеро онҳо барои киро кардани майдони савдо, маоши фурушандагон, киро намудани муҳофиз ва ғайра маблағ сарф намекунанд.

**Савдои истеъмолӣ (C2C) –** низоми мазкур муомилоти байни ду нафар ва зиёда аз онро таъмин менамояд, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул нестанд. Сайтҳои машҳур ба монанди Avito ё Yula ҳамчун платформа барои харид хизмат мекунанд ва дар ин шакл шабакаҳои иҷтимоӣ камтар истифода мешаванд. Дар ин ҷо на танҳо молҳои мавриди истифода қарордошта, балки молҳои истеҳсолкардаи худӣ ширкаткунандагон низ ба фуруш баровварда мешавад. Камбуди ин хавфи баланди яке аз тарафҳо мебошад. Моҳияти он дар он аст, ки мардуми оддӣ мол ё хидмати худро ба ширкатҳое пешниҳод мекунанд, ки ба он ниёз доранд. Ин система дар байни дизайнерҳо, суратгирҳо ва рассомон васеъ паҳн шудааст. Онҳо корҳои тайёри худро дар бозорҳо намоиш медиҳанд ва созмонҳо метавонанд онҳоро барои эҷоди бренди беназири худ харидорӣ кунанд. Баъзан чунин лоиҳаҳо мувофиқи фармоишҳои шахсӣ сохта мешаванд.

**Тиҷорати маъмурӣ (B2G)-** Модели B2G транзаксияҳои интернетиро дар бар мегирад, ки байни соҳибкорон ва хадамоти давлатӣ анҷом дода мешавад. Инҳо амалиёти фискалӣ, амнияти иҷтимоӣ, интиқоли ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ва андозро дар бар мегиранд. Аксар вақт, барои кор дар дохили сайт, хариди имзои электронӣ лозим аст, ки бо он директори ширкат метавонад шумораи зиёди амалиётҳоро анҷом диҳад. Аз ҷумла - иштирокчии музоядаҳои давлатӣ шудан.

**Маъмурияти истеъмолкунандагон (C2G) -** Модели C2G аз ҳамаи моделҳои дар боло овардашуда фарқ мекунад. Он муомилотро на ба маънои классикии тиҷорат, балки байни шахси воқеӣ ва яке аз хадамоти давлатӣ дар бар мегирад. Ин метавонад пешниҳоди эъломияҳои андоз, пардохти суғуртаи иҷтимоӣ ё пардохти хидматҳои тиббӣ бошад. Ин усули ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ самаранок ва қулай буда, вақти зиёдро талаб намекунад. Дар солҳои охир, он дар кишвари мо, аз ҷумла ба шарофати ҷорӣ намудани Ҳукумати электронӣ дар низомҳои хизматрасонии давлатӣ аз қабилӣ Кумитаи андоз ва гумрук бештар маъмул гаштааст.

Ҳар яке аз онҳо аллакай бениҳоят маъмул гаштааст ва дар тамоми ҷаҳон самаранок истифода шуда истодааст. албатта дар ин намуди фаъолият бартариҳо ва камбудиҳоро мавриди омузиш бояд қарор дод, ки он дар рами дуюм оварда шудааст.

| **Бартариҳо** | **Камбудиҳо** |
| --- | --- |
| имконияти ворид шудан ба бозори васеъ бо хароҷоти камтарини молиявӣ. Фарқ надорад, ки фурӯшанда ва истеъмолкунандаи ниҳоӣ аз ҳамдигар то чӣ андоза дуранд, онҳо метавонанд дар ҳар сурат якдигарро пайдо кунанд | вобастагӣ аз технологияҳои муосири иттилоотӣ ва коммуникатсионии сифатнок ва интернети устувори баландсуръат |
| | набудани мутахассисҳои соҳавӣ, ки барои фаҳмондадиҳӣ корро ҷонок намоянд |
| фосилаи байни таъминкунанда ва муштарии он хеле кӯтоҳ карда мешавад. Барои он ҷалби миёнаравҳо лозим нест, яъне хароҷот кам мешавад, сифати аслӣ нигоҳ дошта мешавад. Илова бар ин, пайдо кардани шунавандагони мақсадноки Шумо осонтар мегардад | аз даст додани муштариёни эҳтимолӣ, ки хариди онлайнро дӯст намедоранд |
| | хатари аз даст додани махфият ҳангоми анҷом додани амалиёт тавассути Интернет. Харидорон хатари ҷиддии аз даст додани пулҳои худро доранд, ҳатто бо пешрафти илму техника |
| ба туфайли қобилияти ҳамеша дар тамоси мустақим бо мизоҷони худ, ҳосилнокӣ ва рақобатпазирии ширкатҳо меафзояд. Онҳо метавонанд шабонарӯзӣ бе танаффус, бе паст кардани сифати хизматрасонӣ кор кунанд | масъалаи ба истеъмолкунанда расондани мол, инчунин баргардондани маҳсулоти пастсифат ҳануз роҳи ҳали худро наёфтааст |

**Расми 2. Бартарӣ ва камбудиҳои ҷойдошта**
**(таҳияи муаллифон дар асоси мавдҳои cleverence.ru)**

Хуллас, тиҷорати электронӣ имконият медиҳад, ки созмонҳо барои зиёд кардани фурӯши онҳо тавассути коҳиш додани сармоягузории аввалия ва инчунин беҳтар кардани сифати кор мусоидат менамояд.

Шумораи зиёди бартариҳои истифодаи платформаҳои онлайн мавҷуданд ва ҳар яке аз онҳо барои ба даст овардани фоидаи нав барои ширкат кор мекунанд.

Тавре, ки дар боло гуфта шуд, ҳар яке аз ин мушкилотро метавон ҳал кард. Барои ноил шудан ба ин, моро зарур аст, ки барномаҳои автоматикунонии муосирро мавриди истифода қакор диҳем, ки тартиб ва усули истифодабарии он содда ва омафаҳм бошад.

Барои такмил додани рушди тиҷорати электронӣ як қатор омилҳо таъсир мерасонанд.

1. Паст будани сатҳи дониши техникии аҳолӣ
2.Гарон будани нархи Интернет
3. Зиёд намудани маълумотҳо дар бораи тиҷорати электронӣ[7]
4. Дар сомонаҳо ҷой намудани маълумот доир ба малҳои истеҳсолкарда ва ғ.

5. Эътимоди нокифояи шаҳрвандон ба система

Дар асоси гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки тиҷорати электронӣ метавонад дарояндаи наздик ба он сатҳе рушд намояд, ки ҷои савдои муқаррариро ба пуррагӣ гирифта, шароити хуби кориро барои мардуми кишвар шароит фароҳам орад. Ҳамин тариқ, метавон қайд кард, ки рушди тиҷорати электронӣ шарти асосии рушди иқтисоди миллӣ ба шумор рафта, ҳангоми суст тараққи кардани тиҷорати электронӣ дар қаламрави кишвар моро ба оқибмонӣ хоҳад овард, чунки дар шароити ҷаҳонишавӣ ин яке аз маҳакҳои асосӣ ба шумор меравад.

**АДАБИЁТ**


1. Ашуров М. Н. Информационных систем и технологии в развитии маркетинга / М. Н. Ашуров, Д. Кахори // Финансово-экономический вестник. – 2019. – № 1(17). – С. 56-62.
2. Ашуров М. Н. Роль информационных технологий в развитии маркетинга / М. Н. Ашуров, Н. С. Шомадова // Peasant. – 2019. – № 1. – С. 207-210.
3. Денисова А.Л., Молоткова Н.В. Электронная коммерция: основы организации и ведения бизнеса. – Тамбов: ФГБОУ ВПО ТГТУ. – 2012. – с.89
4. Козье Д. Электронная коммерция. – Москва: Русская редакция, 2000. – с. 288.
5. Қурбонов Б. М. Тиҷорати электронӣ рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Б. М. Қурбонов, Н. С. Хоҷаев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. – No. 4-2(44). – P. 142-146.
6. Машокиров Ҷ. Н. Тиҷорати электронӣ ва мавқеъи он дар рушди иқтисоди рақамӣ / Ҷ. Н. Машокиров, З. С. Султонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. – No. 2(31). – P. 22-29.
7. Нусратзода М. Н. Ташаккул ва рушди тиҷорати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М. Н. Нусратзода, М. Ф. Файзиддинзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 2(36). – P. 111-119.
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ 26.12.2019 (http://www.prezident.tj/node/21975)
9. Соколова А.Н. Электронная коммерция: мировой и российский опыт. – Москва: Открытые системы. 2000. – с. 244
10. Тӯлиев М. С. Ҷабҳаҳои Ташаккулёбӣ ва монеаҳои рушди бозори хизматрасониҳои электронӣ / М. С. Тӯлиев, С. Р. Шарипов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2018. – No. 4(25). – P. 36-46.
11. Ҳабибов С. Ҳ. Ташаккул ва рушди савдои электронӣ - самти афзалиятноки савдои молҳои истеъмолӣ / С. Ҳ. Ҳабибов, А. Г. Мухаммад // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. – No. 4-1(33). – P. 51-56.
12. Ҳасанова М. И. Баъзе масъалаҳои тиҷорати электронӣ дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон / М. И. Ҳасанова // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2022. – No. 2. – P. 134-141.
13. Шабакаи электронӣ - https://nonews.co/directory/lists/countries/average-price-mobile-internet (санаи муроҷиат 30.12.2023)
14. Шабакаи электронӣ - https://ru.wikipedia.org/ (санаи муроҷиат 30.12.2023)

УДК 338.46.338.47

**Ҳамроев Ф.М., Гадоева Ф.С., Пулатова Ш.Б.**

## РАҚАМИКУНОНИИ СОҲАИ НАҚЛИЁТ ВА ЛОГИСТИКА

Рақамикунонии соҳаи нақлиёт оғоз аз соли 2020 то ба инҷониб ба натиҷаҳои назарраси пешрафт ноил гардид. Мошинсозон, ширкатҳои хидматрасонӣ ва логистикӣ диққати худро ба оптимизатсия ва кам кардани хароҷоти молиявӣ, интихоби роҳи нави рақамисозӣ равона кардаанд. Дар мақолаи мазкур яке аз масъалаҳои мубрами муосир рақамикунонии соҳаи нақлиёт ва логистикаи кишвар мавриди таҳлил ва баррасӣ фаро гирифта шудааст.

**Вожаҳои калидӣ**: соҳаи нақлиёт, рақамикунонӣ, трансформатсияи рақамӣ, хидматрасонии нақлиётӣ.

**Хамроев Ф.М., Гадоева Ф.С., Пулатова Ш.Б.**

## ЦИФРОВИЗАЦИЯ ТРАНСПОРТА И ЛОГИСТИКИ

Цифровая трансформация транспортного сектора начиная с 2020 года, достигла значительных результатов. Автопроизводители, сервисные и логистические компании сосредоточены на оптимизации и снижении финансовых затрат, выбирая новый путь цифровизации. В данной статье анализируется и рассматривается один из актуальных современных вопросов цифровизации транспортно-логистического сектора страны.

**Ключевые слова**: транспортная отрасль, цифровизация, цифровая трансформация, транспортные услуги.

**Khamroev F.M., Gadoeva F.S., Pulatova Sh.B.**

## DIGITIZATION OF TRANSPORT AND LOGISTICS

The digital transformation of the transport sector since 2020 has achieved significant results. Automakers, service and logistics companies are focused on optimizing and reducing financial costs, choosing a new path of digitalization. This article analyzes and examines one of the urgent modern issues of digitalization of the country's transport and logistics sector.

**Key words:** transport industry, digitalization, digital transformation, transport services.

Ба инқилоби рақамӣ дар соҳаи нақлиёти мамлакат Консепсияи иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Барномаи мақсадноки давлатии рушди комплекси нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2025, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст ва барои тадбиқи фаъоли технологияҳои рақамӣ дар соҳаи нақлиёт бо мақсади ҳалли масъалаҳои мубрами соҳа равона карда шудааст таъсири калон расонд.

Бо назардошти ҳуҷҷатҳои зикргардида ва таҳлили амалии фаъолияти соҳаи нақлиёт ба масъалаҳои мубрами соҳа, ки ҳалли онҳо ба ақидаи мо аввалиндараҷаанд дохил мешаванд (расми 1):




**Расми 1. Масъалаҳои мубрами соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Барои ҳалли масъалаҳои болозикр вазифаи соҳаи нақлиёти кишвар дар дурнамои наздик бояд: баланд бардоштани сифати мусофиркашонӣ; кам намудани миқдори ҳолатҳои роҳу нақлиётӣ (ҲРН); ташкили фазои ягонаи рақамии мусофирон; кам кардани маргу мир дар роҳҳо; баланд бардоштани қобилияти гузаронишии шабакаи роҳҳо; бартараф намудани норасоии мутахассисони соҳаи технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаи нақлиёт; таъсиси платформаи рақамӣ барои маҷмааи нақлиётӣ дар соҳаи ҳамлу нақли бор, ки қодир ба ҳамгирой бо дигар қарорҳои рақамӣ мебошад; таъсиси системаи ягонаи рақамӣ бо дастрасии маҳдуд барои таъмини амнияти иншоотҳои инфрасохтори нақлиётӣ; таъсиси 3D модели тамоми объектҳои инфрасохтори нақлиётӣ; эҷоди инфрасохтор барои ҳаракати ҳама намуди нақлиёти бесарнишин бошад.

Дар ин замина пешниҳод карда мешавад, ки дарояндаи наздик барои трансформатсияи рақамии соҳаи нақлиёт ва логистикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин корҳо ба сомон расонида шавад (расми 2):




**Расми 2. Самтҳои асосии рақамикунонии соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**1. Идоракунии рақамии комплекси нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне** таъсиси маркази ягонаи идоракунии комплекси нақлиётӣ, инчунин таҳияи системаи моделсозии ҷараёни ҳаракати нақлиёт бо истифода аз технологияҳои зеҳни сунъӣ, ки барои танзими самараноки ҳаракати нақлиёт ва баланд бардоштани бехатарии ҳаракат дар роҳ шароит фароҳам меорад.

**2. Долони рақамии сабзи мусофир, яъне** эҷоди як воситаи ягонаи пардохти рақамии роҳкиро барои ҳама намудҳои нақлиёт, профили мусофирони рақамӣ, инчунин хидматрасонӣ барои сохтани масири оптималии сафар, ки дар навбати худ суръати интиқоли мусофирон баланд бардошта шуда, сифат беҳтар ва арзиши хизматрасонии нақлиётию логистикӣ арзон мешавад.

**3. Логистикаи боркашонии бефосила, яъне** татбиқи системаи пайгирии ҳамлу нақли бор, таҳияи платформаи рақамӣ барои маҷмааи нақлиётӣ, ташаккули системаи мубодилаи ҳамаҷонибаи ҳуҷҷатҳои электронии ҳамлу нақл, ташкили схемаи миллии рақамии логистика, ки дар натиҷа арзиши хидматрасонии нақлиётӣ ва логистикӣ кам, ҳаҷми ҳамлу нақл зиёд, вақт барои анҷом додани чорабиниҳои назоратӣ ва санҷишӣ ҳангоми бақайдгирии бор кам мегардад.

**4. Рақамикунонӣ бо мақсади таъмини бехатарии нақлиёт, яъне** ташкили фазои ягонаи рақамӣ барои амнияти нақлиёт, рақамикунонии хадамоти давлатӣ дар соҳаи амнияти нақлиёт, ки ба баланд бардоштани бехатарии нақлиёт замина мешавад.

**5. Бесарнишинҳо барои мусофиркашонӣ ва боркашонӣ, яъне** таъсиси марказҳои идоракунӣ барои ҳаракати дронҳои ҳама намудҳои нақлиёт ва инфрасохтори ҳаракати онҳо - баланд бардоштани суръати интиқол, беҳтар кардани сифат ва арзон кардани арзиши хидматрасонии нақлиётӣ ва логистикӣ.

**6. Дугоникҳои рақамии объектҳои инфрасохтори нақлиётӣ, яъне** роҳандозии системаи идоракунии маблағҳои роҳ, эҷоди 3D моделҳои тамоми объектҳои инфрасохтори нақлиётӣ, ташкили озмоишгоҳҳои сайёри ченкунӣ - баланд бардоштани эътимоднокӣ ва муттасилии соҳаи нақлиёт.

**7. Тадбирҳои умумисистемавии рушди хоҷагии роҳ, яъне** зиёд намудани шумораи камераҳои сабти аксу видео ва шумораи нуқтаҳои назорати вазн - баланд бардоштани бехатарии ҳаракат дар роҳ ва иқтидори шабакаи роҳҳо.

**8. Таъмини рақамикунонии соҳаи нақлиёт бо кадрҳо, яъне** зиёд кардани шумораи донишҷӯён — мутахассисони муассисаҳои нақлиёт, ки таълими фосилавиро дар ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ тамом кардаанд. Роҳандозӣ ва зиёд кардани давраҳои такмили ихтисос ва курсҳои такмили ихтисос барои кормандони муассисаҳои нақлиётӣ дар самти омӯзиши технологияҳои рақамӣ - рафъи норасоии мутахассисони IT дар бахши нақлиёт.

Хулоса трансформатсияи рақамии маҷмааи нақлиётӣ на оянда, на орзу, балки воқеият мебошад. Ҳамагӣ чанд сол пеш мошинҳои парвозкунанда, дронҳо ва бесарнишинон барои мо афсонавӣ менамуданд. Ҳоло мо аллакай бо роҳҳое ҳаракат карда истодаем, ки ба шарофати системаҳои иттилоотии хеле интеллектуалӣ сохта шудаанд ва бо истифода аз телефони худ мо метавонем дар чанд сония масири дилхоҳро созем ва бидуни ҳуҷҷат бо нақлиёт масофаҳои дурро тай кунем. Ҳаёти мусофирон бехатартар мешавад ва корхонаҳо метавонанд даромади бештар гиранд. Ба шарофати технологияҳои рақамӣ, гигабайтҳо маълумот дар бораи ҳама чизҳои марбут ба нақлиёт ҷамъ оварда мешаванд ва арзиши нав - дороиҳои рақамии соҳаи нақлиёт ташаккул меёбанд.

## АДАБИЁТ

1. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025.
2. Барномаи миёнамуҳлати рушди иҷтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025.
3. Барномаи мақсадноки давлатии рушди комплекси нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2025.
4. Консепсияи иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.
5. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.
6. Ходжаев П.Д. Инновационное развитие рынка услуг пассажирского автомобильного транспорта в Республике Таджикистан (теория, методология, практика): Дисс. ... докт. экон. наук: 08.00.05 / П.Д. Ходжаев. - Душанбе, 2016. - 354 с.

**УДК 330**

**Холов М.Х., Шаропов Ф.Н.**

# ТАЪМИНИ СИФАТИ ХИЗМАТРАСОНИИ МЕҲМОНХОНАҲО АСОСИ РУШДИ ТИҶОРАТИ САЙЁҲӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола муаллиф масаъалҳои сифати хизматрасонии соҳаи тиҷорати меҳмонхонадорӣ, ки омилҳои таъсирасони муҳим ба тиҷорати сайёҳи дорад, амалисозии сиёсати ҳадафҳои дарозмуддат "Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Точикистон барои давраи то соли 2030", аҳамияти ташаккули тиҷорати меҳмонхонадорӣ дар рушди сайёҳии кишвар ва масъалањои муњими илмию амалии рушди иқтисодиётро баррасӣ намудааст. Ҳамзамон, муаллиф қайд намудааст, ки таъмини амалисозии ҳадафҳои Стратегияи рушди сайёҳӣ ва рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз аз ташаккул ва сифати хизсатрасонии меҳмонхонаҳо ва беҳтар намудани инфрасохтори онҳо вобастагӣ дорад.

**Вожаҳои калидӣ:** сифат, хизматрасонӣ, нишондиҳандаҳои сифат, тиҷорат, сайёҳӣ, тиҷорати меҳмонхонадорӣ, меҳмонхона, меҳмоннавозӣ, ёдгориҳои таърихӣ, ситора.

**Холов М.Х., Шаропов Ф.Н.**

## ОБЕСПЕЧЕНИЕ КАЧЕСТВА ГОСТИНИЧНЫХ УСЛУГ – ОСНОВА РАЗВИТИЯ ТУРИСТИЧЕСКОЙ БИЗНЕСА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье автор рассматривает вопросы качества услуг в сфере гостиничного бизнеса, имеющие важные факторы влияния на туристический бизнес, реализацию политики долгосрочных целей «Стратегия развития туризма в Республики Таджикистан на период до 2030 года», рассмотрена важность формирования гостиничного бизнеса в развитии туризма страны, а также важные научно-практические вопросы. рассмотрены вопросы развития экономики. При этом автор отметил, что обеспечение реализации целей Стратегии развития туризма и развития экономики Республики Таджикистан зависит от формирования и качества гостиничных услуг и совершенствования их инфраструктуры.

**Ключевые слова:** качество, сервис, показатели качества, бизнес, туризм, гостиничное дело, гостиница, гостеприимство, исторические памятники, звезда.

**Kholov M.Kh., Sharopov F.N.**

## ENSURING THE QUALITY OF HOTEL SERVICES IS THE BASIS FOR THE DEVELOPMENT OF TOURISM BUSINESS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In the article, the author examines the issues of quality of services in the hotel business, which have important factors influencing the tourism business, the implementation of the policy of long-term goals “Strategy for the development of tourism in the Republic of Tajikistan for the period until 2030”, the importance of the formation of the hotel business in the development of tourism in the country is considered, as well as important scientific and practical issues. issues of economic development are considered. At the same time, the author noted that ensuring the implementation of the goals of the Strategy for the Development of Tourism and the Development of the Economy of the Republic of Tajikistan depends on the formation and quality of hotel services and the improvement of their infrastructure.

**Key words:** quality, service, quality indicators, business, tourism, hotel business, hotel, hospitality, historical monuments, star.

Дар самти меҳмоннавозӣ масъалаи сифат муҳимтарин омили баланд бардоштани дараҷаи зиндагонӣ, иктисодӣ, иҷтимоӣ ва экологию бехатарӣ ба ҳисоб меравад. Бо ин мақсад дар ҷумҳурӣ аз тарафи роҳбарони ҷумҳурӣ ва мақомотҳои дахлдор ба тиҷорати сайёҳӣ ва меҳмонхонадорӣ корҳои зиёдеро бамонанди сохтан ва истифода додани роҳҳои автомобилгарди сифаташ дараҷаи байналмилалӣ, сохтани биноҳои меҳмонхонаҳои замонавӣ, ба дараҷаи баланди олӣ овардани иншиотҳо дар фурудгоҳ, роҳӣ оҳан, беҳтар намудани хизматрасонии нақлиётӣ, таблиғоти ёдгориҳои таърихӣ ва манзараҳои табиий кишвар, дар сатҳи баланд тайёр намудани роҳбаладони касбӣ, аз навсозӣ дар санаторияҳои табобатӣ, кушодани нуқтаҳои нави экскурсионӣ ба анҷом дода шудааст.

Дар баробари рӯз то рӯз баланд шудани талабот ба тиҷорати сайёҳӣ ва меҳмонхонадорӣ сармоягузории низ беҳтар шудааст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми навбатии худ истида гузаштан.

Дар солҳои 2018 – 2023 барои рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ чор лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 330 миллион сомонӣ амалӣ гардида, илова бар ин, ба субъектҳои соҳа аз ҷониби низоми бонкии кишвар зиёда аз 300 миллион сомонӣ қарзи имтиёзнок ҷудо карда шудааст.[4].

Натиҷаи ба анҷом расонидани чунин чорабиниҳо буд, ки аз тарафи созмонҳои сайёҳии байналмилалӣ дар як мудати кӯтоҳ Ҷумҳурии Тоҷикистони зебо манзарамон дар дусоли охир дар соҳаи тиҷорати сайёҳи ва меҳмонхонадорӣ яку якбора дувоздаҳ зина мавқеи баландро ишғол намудааст, яъне аз ҷойи 119-ум ба 107-ум ҷаҳиш кардааст. Ба ин муваффақият аз рӯи нишондиҳандаҳои таъминӣ бехатарӣ, хизматрасонии тандурустӣ ва беҳдоштӣ сифати хизматрсонӣ дар меҳмонхонаҳо ноил шудааст. Бо суръати баланд рушду тараққи додани ин соҳа низ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи мавқеи сеюмро ишғол мекунанд. Дар Форуми иқтисодии байналмилалӣ ин дастовардҳои ватани маҳбубамон дар алоҳида қайд карда шудааст.

Дар айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз мамлакати рушддиҳандаи соҳаи сайёҳӣ ва меҳмонхонадорӣ шинохта шудааст.

Тазакур бояд дод, ки дар кишвари мо миқдори меҳмонхонаҳои дараҷаи олии хориҷӣ ва ватанӣ зиёд шуда истодааст. Тибқи малумотҳои расмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022 миқдори умумии то 300 меҳмонхонаҳои хурду калон расонда шудааст, аз ҷумла меҳмонхонаҳои 6-то панҷситорадор, 17-тоаш чорситорадор, 19-тоаш сеситорадор, ки дар онҳо низоми PMS (Property Management System) барои идоракунии автоматии меҳмонхонахо ҷорӣ карда шудааст.

Коршиносони байналмилалӣ сиёсати пешгирифтаи 140 кишвари ҷаҳонро дар самти «Саёҳат ва туризм» мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода, Тоҷикистонро ҳамчун самти туристӣ ояндадор арзёбӣ кардаанд. Маврид ба ёдоварист, ки соли 2022 ба Тоҷикистон 1151,9 ҳазо нафар шаҳрванди хориҷӣ ташриф овардааст, ки аз ин шумора 999,3 ҳазор нафарашон ҳамчун сайёҳ ба кишвари мо сафар карданд[3].

Тибқи маълумотҳои омории Агентии омор теъдоди сайёҳон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 000 000 нафар гузаштааст. Бағайр аз ин дар кишвар ҳар сол конфронсҳои гуногуни илмӣ, чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ, вохуриҳои сарони давлатҳои Созмони Ҳамкории Шанхай дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад, ки ба рушди соҳаи меҳмонхонадорӣ тақвият мебахшад. Маълумотҳои дар боло оварда аз муҳимияти мавзӯи интихоб кардаи мо шаҳодат медиҳад.

Аз маълумотҳои расмӣ бармояд, ки дар нимсолаи аввали соли 2022 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 135 мамлакати ҷаҳон сайёҳон омадаанд. Маълумоти оморӣ барои давраҳои муайян дар ҷадвал 5 оварда шудаанд. Маслан агар соли 2021 296,3 нафар сайёҳон ба Тоҷикистон сафар карда бошанд, соли 2022 теъдоди онҳо ба 1000000 нафар расидааст[3].

Даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои сайѐҳӣ низ назаррас аст. Соли 2021 даромад 12789,9 ҳазор сомониро ташкил дод бошад, соли 2022 ширкатҳои сайёҳи 22818,8 ҳазор сомонир даромад гирифтаанд, 50% -ин даромади меҳмонхонаҳоро ташкил медиҳад.

Ҷадвали 5. Нишондиҳандаҳои асосии омори соҳаи сайёҳӣ (туризм)

| № | Нишондиҳандаҳо | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҷамъи шаҳрвандони хориҷие, ки тибқи маълумоти мақомоти сарҳади давлатӣ ба ҷумҳурӣворид шудаанд, ҳаз. нафар | 1154 | 1319 | 410,1 | 517,6 | 1151,9 |
| 2 | Теъдоди шаҳрвандони хориҷие, ки тибқи маълумоти мақомоти сарҳади давлатӣ ҳамчун сайёҳ ворид шудааст. ҳаз. нафар | 1035 | 1257 | 350,6 | 296,3 | 999,3 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 3 | Шумораи ширкатҳои сайёҳӣ, адад | 146 | 161 | 224 | 235 | 242 |
| 4 | Даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ. ҳаз. сомонӣ | 16928,1 | 24497,9 | 7677,0 | 12789,9 | 22818,8 |

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2023. Агентии омори назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сифат мафҳуми мураккабест, ки самаранокии тамоми ҷанбаҳои фаъолият: таҳияи стратегия, ташкил хизматрасонӣ, маркетинг ва ғайра тавсиф мекунад. Сифати хизматрасонӣ ҳамчун омили таъсиррасон ба мақому обрӯи меҳмонхона ва кормандон он аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Сифатро аз хизматрасониро дар меҳмонхона аз рӯи нишониҳандаҳое баҳо медиҳанд, ки имконияти қонеъгардониии талаботи меҳмон мувофиқи хоҳиши он дорад. Сифат нуфузи меҳмонхонаҳо, кишвар ва миллатро баланд мебардорад. Давраи иқтисодиёти давраи башаклдарории идоракунии сифат мебошад, ки дар мадди аввал сифати мол, маҳсулот ва хизматрасонӣ монда мешавад.

Дар тамоми корхонаҳои давлатҳои ҷаҳон барои ба қонеъ гардонидани талаботҳои мардум мувофиқ сохтани маҳсулот ва кору хизматрасонӣ тадбирҳои дахлдор андешида мешаванд.

Ба аъзогӣ қабул шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонии савдо масъулияти корхонаҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ нисбати баланд бардоштани сифат зиёд мекунад. Аз ҳамин лиҳоз барои баланд бардоштани сифати маҳсулот ва хизматрасонӣ бо иқдоми роҳбари кишвар дар назди ҳама сохторҳои давлатӣ вазифа гузошта шудааст[1].

Агар хизматрасонӣ сифати хуб надошта бошад, меҳмонхона ҳеҷ вақт наметавонад ба ҳадафҳои дар пеш гузошташуда муваффақ шавад. Таҷрибаи ҳайёти иқтисодии имрӯза аз он шаҳодат медиҳад, фақат дар натиҷаи сифати баланди хизматрасони ва иҷрои кор дар меҳмонхона фоидаи калон меорад. Ин ақидаро дастоовардҳои соҳаи хизматрасонии сайёҳи ва меҳмоннавозии Туркия, Дубай, Тайланд, Чин ва ғайроҳо исбот карда метавонанд.

Ҳамин тариқ, мо метавонем бигӯем, ки сифат, пеш аз ҳама, эҳсоси қаноатмандии муштарӣ аз хидмат ва хидматрасонии босифат хидматест, ки ба ниёзҳои меҳмон ҷавобгӯ аст. Сатҳи сифат, дар навбати худ, аз дараҷаи мувофиқати идеяҳои муштарӣ дар бораи хидматрасонии воқеӣ ва дилхоҳ дар меҳмонхона ё тарабхона вобаста аст.

Тадқиқот нишон медиҳад, ки омили муайянкунандаи интихоби мизоҷ боз як бори дигар сифати хизматрасонй ба ӯ мебошад. Аввалан агар мо меҳмонро бо таблиғот ва зебогии меъморӣбинои меҳмонхона, озодагию оростагӣ дохили ҷалб карда тавонем дар оянд бо иҷрои кори босифат, кордонии кормандон, муомилаи боадабона, фарҳанги баланди рафтор, муташакилии коллектив ва хизматрасонии баландсифат ба мизоҷи доими табдил додани меҳмон муваффақ мешавем.

Сифати хизматрасониро пешакй муайян кардан ғайриимкон аст, зеро он дар як вакт ба амал иҷро ва таъмин кардан лозим меоянд. Хизматҳоро нигоҳ доштан ғайриимкон аст, онҳо доимӣ ва ноаён, ғайримоддии ҷудонашавандаи объект ва предмет мебошанд (муштарӣ дар раванди таъминот хизматрасонӣ иштирок мекунад) [2].

Хизматрасонӣ - ҳама гуна фаъолияте мебошад, ки як тараф (меҳмонхона корхона) аз тарафи дигар ба (меҳмон) амали гайримоддиро пешниход карда метавонад, на боиси соҳиб шудан ба чизе, вале иҷроиши он метавонад аз маҳсулоти моддӣ вобаста бошад

Хизматрасоние, ки дар меҳмонхонҳо пешниҳод карда мешаванд ба намудҳои зерин тақсим мешаванд:

-хизматрасонии асосӣ;
- хизматрасонии иловагӣ;
- хизматрасонии пулакӣ;
-хизматрасонии ройгон;

Хизматрасонии асосӣ; ба хизматрасонии асосӣ таъмини ҷои зист ва таъмин хӯрок таалуқ дорад.

Ба ғайр а хизматрасонии иловагӣ расонида мешавад:

- Бемаблаҕи иловаги аз хоб хезонидани меҳмон бо хоҳиш ва вақти интихобкардаи ӯ;
- Маълумоти мухтар додан ба меҳмон, яъне шинос кардани ба нуқтаҳои асосии шаҳр барои харид ё экскурсия мутақилона;
- Дар ҳолати зарурӣ занг задан ба ёрии тиббии таъҷилӣ;
- Расонидани ёрии аввала боистифодаи қуттии тиббӣ;
- То ба ҳуҷра дастрас кардан теллеграмма ё хатча; (айни замон ин намуди хизматрасонӣ аз сабаби тараққи ёфтани технологияи иттилоотӣ, кам расонида мешавад.)
- Бо асбобу анҷоми рӯзғор ба пардохти маблаґ таъмин намудан бо хоҳиши онҳо.

Гуфта гузаштан лозим аст, ки дар меҳмонхонаҳои хизматрасонии пулагӣ ва ройгон вобаста аз дараҷаи онҳо (ситорадорӣ) пешниҳод карда мешавад.

Таассуроти бевоситаи сифати хизматрасонии меҳмонхона аз ҷониби муштарӣ ҳангоми дида баромадани объекти дахлдор кабул мекунад. Таъмини хизматрасонии меҳмонхона аз ҷониби меҳмонхона вақте оғоз меёбад муштарӣ объекти раванди хидматрасонӣ мегардад, яъне ворид мешавад ва ба 4 соҳаи фаъолияти хизматрасонии меҳмонхона (сифат, суръати химатрасонӣ, муомила ба истеъмолгар ва нарх) аҳамият медиҳад.

Ҳадафҳои як корхонаи меҳмонхона бояд таъмини сифат бошад хизматрасонй ва мунтазам такмил додани он мебошад на танҳо ба афзоиши талабот ба хидматрасонии корхонаи меҳмонхона мусоидат мекунад, балки инчунин ташаккули базаи доимии муштариёни он таъсири мусби мерсонад.

Барои баландбардории сифати хизматрасонии меҳмонхона стандартҳои хизматрасониро барои ҳар яки он алоҳида бо назардошти талаботи байналмилалӣ ва миллӣ таҳия кардан лозим аст.

Стандартҳои сифати хизматрасонӣ он стандартҳое мебошанд, ки барои пешниҳоди хидмати босифат ва ноил шудан ба рақобатпазирӣ дар соҳаи хидматрасонӣ бояд риоя карда шаванд.

Ҳангоми мондан дар меҳмонхона ҳатто як рӯз, муштарӣ ҳуқуқ дорад, ки ба сифати бебаҳои хизматрасонӣ, бехатарии хизматрасонӣ ва тарбия дурусти кормандон умед бандад. Мутобиқати ин талаботро ҳангоми сертификатсияи хизматрасонии меҳмонхонаҳо тасдиқ кардан мумкин аст.

Дар асл, хизматрасонии меҳмонхонаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на ҳамеша ба категорияи ба онҳо додашуда мувофиқат мекунанд ва ҳолатҳои риоя накардани талаботҳои муқарраршудаи стандартҳои амалкунада низ ҷой доранд, аммо ҳангоми санҷиш ҳама чиз бодиққат мушоҳида мешавад.

Барои баланд бардоштани даромаднокӣ ва рақобатпазирӣ, меҳмонхонаҳо бояд тадқиқот гузаронанд ва роҳҳои ояндадори беҳтар кардани сифати хизматрасониро пайдо кунанд

Меҳмонхонаи Тоҷикистон нахустин меҳмонхонае мебошад, ки дар самти сифати хизматрасонии ба талаботҳои байналмилалӣ мувофиқ корҳои шоёнро анҷом додааст ва мафақиятҳои баланде дар сатҳи ҷаҳони мувафақ шудааст.

Меҳмонхонаи Тоҷикистон меҳмонхонаи 5-ситордори маъруфтаринест, ки дар маркази шаҳри Душанбе паҳлӯи як қатор вазорат, идораҳо ва макони фарҳангиву фароғатии пойтахт ҷойгир буда ба мизоҷон хизматрасонии волои замонавиро, пешкаш менамояд.

Меҳмонхона дорои 120 утоқи оличаноб буда ҳар утоқ барои 1 то 4 нафар меҳмон таҷҳизонида шудааст ва аз онҳо зебоии шаҳри Душанбе, кӯҳҳои гирду атроф ва парчами Тоҷикистон, ки аз баландтарин дар дунё маҳсуб меёбад, хуб намудор мебошад[5].

Барои сифати баланди хизматрасонӣ ба меҳмонхонаи «Тоҷикистон» сазовори «Ситораи тиллои сифат» гардид.

Моҳи майи соли 2002 барои сифати баланди хидматрасонӣ ба меҳмонон, меҳмонхонаи “Тоҷикистон” бо ҷоизаи "Ситораи сифат" дар категорияи тилло, ки дар шаҳри Париж аз ҷониби комиссияи "Ташаббуси тиҷорӣ самтҳо" дода шудааст, сарфароз гардонида шуд.

Бори дигар дар моҳи майи соли 2008 ҶСК «Меҳмонхонаи Тоҷикистон» ҷоизаи «Барои сифат» дар категорияи платина, ки дар Ню-Йорк (ИМА) дар меҳмонхонаи «Марриот Маркиз» дода шуд, сарфароз гардидааст.

Меҳмонхонаи “Тоҷикистон”дар доираи ҷамъбасти озмуни «Беҳтарин тарабхона, меҳмонхона ва ошхона дар соли 2013», ки аз ҷониби шаҳрдории Душанбе эълон гардид, ҳамчун беҳтарин меҳмонхонаи сол пазируфта шуд.

Моҳи декабри соли 2014 Тоҷикстандарт сертификатсияи хизматрасониҳои меҳмонхонаи ҶСК «Меҳмонхонаи Тоҷикистон»-ро анҷом дод, ки аз рӯи натиҷаҳои он меҳмонхонаи «Тоҷикистон» сертификатсия шуда, ба категорияи «5 ситора» дохил карда шуд.

Дар айни замон, меҳмонхона бо мизоҷони «устувор» тақрибан 60% таъмин аст. пурра банд будани утоқҳо даромади моҳона аз фурӯш 1 миллиону 185 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Бо ҷойгиршавии 60% ҳуҷра, даромад дар 1 моҳ 708 000 доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Даромади солона 8.496.000 доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Маълумотҳои овардашуда аз шаҳодат медиҳад, ки тиҷорати меҳмонхонадорӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон манфиатовар аст.

## АДАБИЁТ


1. Ашуралиев М.И, Қодирова М.И, Ташкил ва технологияҳои хизматрасони дар меҳмонхонаҳо – Душанбе, 2016 - 416с.
2. Баумгартен, Л. В. Управление качеством в туризме. Практикум: учебное пособие. – М. : КНОРУС, 2008.
3. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2023. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2023.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 28.12.2023. шаҳри Душанбе.
5. Шабакаи электронӣ - http://www.hoteltojikiston.

УДК 339.7

**Холов М.Х.**

## ИСТЕҲСОЛ ВА ФУРУШИ ЗИРОАТҲОИ ЛУБИЁГӢ ДАР САВДОИ ЧАКАНА АФЗАЛИЯТИ ҒИЗОИИ ОНҲО

Дар мақола муаллиф масъалаҳои таъмини амнияти маҳсулоти хӯрокворӣро дар асоси таҳлили оморӣ ва бозор дар соҳаи савдои чакана баррасӣ намудааст. Дар мақола мавқеи зироатҳои дар савдои чакана, арзиши истеъмолии зироатҳои лубиёгӣ ва афзалияти онҳоро нишон додааст, ки барои амалисозии ҳадафи стратегии таъмини амнияти озуқаворӣ ба мақсад мувофиқ аст.

**Вожаҳои калидӣ;** ғалладона, зироатҳои лубиёгӣ, сифат, ғизо, арзиши ғизоӣ, қувватбахшӣ, маҳсулоти хӯрокворӣ, амнияти озуқаворӣ.

**Холов М.Х.**

## ПРОИЗВОДСТВО И РОЗНИЧНАЯ ПРОДАЖА БОБОВЫХ КУЛЬТУР И ИХ ПИЩЕВОЙ ЦЕННОСТИ

В статье автором рассмотрены вопросы обеспечения безопасности пищевой продукции на основе статистического и рыночного анализа в сфере розничной торговли. В статье показано положение сельскохозяйственных культур в розничной торговле, потребительская ценность зернобобовых культур и их приоритетность, которая подходит для реализации стратегической цели обеспечения продовольственной безопасности.

**Ключевые слова;** крупы, бобовые, качество, питательность, пищевая ценность, пищевая ценность, пищевая продукция, безопасность пищевых продуктов.

**Kholov M.Kh.**

## PRODUCTION AND RETAIL SALE OF LEGUMINES AND THEIR NUTRITIONAL VALUE

In the article, the author examines the issues of ensuring food safety based on statistical and market analysis in the retail sector. The article shows the position of agricultural crops in retail trade, the consumer value of leguminous crops and their priority, which is suitable for the implementation of the strategic goal of ensuring food security.

**Keywords;** cereals, legumes, quality, nutritional value, nutritional value, nutritional value, food products, food safety.

Чи тавре, ки дар пайёми навбатии худ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карда гузаштанд, тағйирёбии босуръати вазъи бозори ҷаҳонии озуқаворӣ ва болоравии мунтазами нархи маҳсулоти ғизоӣ моро водор менамояд, ки ба беҳсозии ҳолати соҳаи кишоварзӣ, афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти он, рушди маҷмааҳои агросаноатӣ ва бо ҳамин роҳ таъмин намудани амнияти озуқаворӣи кишвар таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир намоем[3].

Яке аз самтҳои стратегии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи кишоварзӣ буда, имрӯз ба шарофати он кишвар худуди 23,3% ММД, зиёда аз 70% ҷойҳои корӣ, 25% содиротро таъмин менамояд ва 35% даромади андозро ба буҷети давлатӣ медиҳад.

Майдони кишти зироатҳои хоҷагии қишлоқ ҳамагӣ 675 ҳазор гектарро ташкил медиҳад, ки танҳо 470 ҳазор гектараш обьёришаванда аст.

Дар заминҳои обӣ ва лалмии Тоҷикистони офтобӣ ҳар сол зиёда аз 1,4 миллион тонна ғалла, 900 ҳазор тонна картошка, 1,6 миллион тонна сабзавот, 595 ҳазор тонна зироатҳои полизӣ ва 300 хазор тонна мева истехсол карда мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зироатҳои лубиёги маҳсулотҳои серсафедаи мебошад, ки аз сабаби давраи вегетатсиони кӯтоҳ доштаношон ва ба биоиқлимии мо муфовиқ будан ҳосилнокии баланд доранд. Дар солҳои майдони кишти зироатҳои лубиёгӣ дар ҷаҳон зиёда аз 600млн. гектарро ташкил медиҳанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кишти зироатҳои лубиёгӣ 500 -600 гектар замин ҷудо карда шудааст халос ва ҳосилноки аз ҳар гектар 25-30 сентнерро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 1. Истеҳсоли маҳсулоти ғалладонагӣ дар солҳои 2019-2022**

| № | Номгӯи маҳсулот | Воҳиди ченкунӣ | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Ғалладонагӣ | га | 383,8 | 391,5 | 394,5 | 390,5 |
| 2. | Зироатҳои лубиёгӣ | га | 16,3 | 17,2 | 17,3 | 17,5 |
| 3. | Ғалладонагӣ | Ҳазор тонна | 1403, 6 | 1552,4 | 1579,9 | 1746,7 |
| 4. | Ҳосилноки | с/га | 30,6 | 30,8 | 30,5 | 33,1 |

Сарчашма;Омори солонаи Тоҷикистон 2023.Агентии оморӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Чи хеле аз маълумот омории дар ҷадвали 1 овардашуда маълум мегардад сол то сол истеҳсоли зироатҳои лубиёгӣ баланд рафта истодааст. Агар дар соли 2019 140,36 ҳазор тона ҳосил ҷамъоварда бошад дар соли 2022 истеҳсоли онҳо ба 174, 67 ҳазор тонна расонида шудааст[2].

**Ҷадвали 2. Фуруши маҳсулоти ғаллдонигӣ дар савдои чаканаи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Бозори минтақаҳо | Фуруши гандум | Фуруши зироатҳои лубиёгӣ дар савдои чакана | Нархи зироатҳои лубиёгӣ дар савдои чакана, сомони |
|---|---|---|---|
| Душанбе | 23% | 12% | 18-20 |
| Суғд | 16% | 15% | 14-18 |
| Хатлон | 14% | 18% | 12-17 |
| ВАБК | 13% | 16% | 10-15 |
| Рашт | 22% | 10% | 10-15 |
| Ҳамагӣ | 16 | **15%** | **14-17** |

Сарчашма; муаллиф дар асоси таҳлили бозор тартиб додааст.

То 1 феврали соли ҷорӣ дар хоҷагиҳои ҷамъиятию деҳқонӣ 55 ҳазор тонна ғалла ва тухмии лубиёгӣ, аз ҷумла 47,6 хазор тонна гандум захира карда шудааст.

Сохтори бозорҳои чакана вобаста ба минтақа гуногун аст

Шумораи хеле зиёд дар Душанбе ва водии Рашт ҷойгиранд. Бинобар маълумоти пурсиш чаканафурушон фурӯшон, бештар ҳаҷми умуми бозори истеъмолиро 23 % ғалладонагӣ ташкил медиҳад, ки аз ин ба зироатҳои лубиёгӣ 15% рост меояд.

Вобаста аз минтақа мавқеи ишғолкардаи зироатҳои гуногун мешаванд. Чи хеле таҳлилҳо нишон доданд.

Зироати лубиёгӣ бо хусусияти ҳалшавндагӣ ва ҳазмшавандагии хос дорад: ҳазмшавии сафедаҳо 77 — 92 фоиз, равганҳо — 94 — 100 фоиз, карбогидратхо — 79—100 фоиз, умумии хазмшавй — 84—100 фоиз ташкил медиҳад[1]..

Аз ин лиҳоз сол то сол дар савдои чаканаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи муҳимро ишғол намуданд. Зироатҳои лубиёгиро барои тайёр кардани хӯришҳо таомҳои якум ва дуюм, консерваҳои сабсавоти басамар истифода мебаранд.

Тадқиқоти муосири илмӣ исбот намуданд, ки аксарияти мутлақи- касалиҳо дар пайдоишашон сабаби риоя накардани ғизогирӣ, ба эътибор нагирифтани хусусиятҳои маводҳои истеъмолӣ, ба сину сол ва шуғли меҳнати одамон мувофиқ наомадани онҳо, якранг будани талаботи баъзе одамон будааст.

Илми ғизошиносии имрӯза муайян намудааст, ки маводҳои ғизоӣ аксаран дар ҳолати оқилона истеъмол намуданашон на танҳо вуҷуди инсонро аз маводҳои зарурӣ таъмин намуда боиси ташаккули узвҳо мегарданд, балки дар як вақт хусусияти шифобахшӣ низ доранд.

Илм исбот кардааст, ки ҷомеаи солимро тарзи ташкили ғизогирии оқилонаю солим зарур аст. Бесабаб сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон «Саломатии мардумро сарвати бебаҳо» номидааст.

Воқеан ғамхорӣ дар ҳақи саломатии мардум, ба омма дастрас намудани дастовардҳои илми ғизошиносии муосир ва дар асоси нишондодҳои илмӣ аз нав дида баромадани номгӯи маҳсулотҳои ғизогӣ ва тавсияи онҳо барои мардум аҳамияти махсус дорад, зеро аниқ карда шудааст, ки ҳар қадар дастурхони инсон маводҳои ҳархела ва ҳамеша ивазшаванда бештар бошад, талаботи организми инсон ба моддаҳои зарурие, ки бунёди организми инсонро ташаккул медиҳанд бештар таъмин мегарданд. Яъне инсон ҳам аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва ҳам аз ҷиҳати маънавӣ солим ташаккул меёбад.

Маҳз аз ҳамин хотир Сарвари давлат ва ҳам Тоҷикматлубот барои ривоҷи оқилонаи муассисаҳои хӯроки умуми ва ба номгӯи маҳсулотҳои ғизоӣ бештар ворид намудани ҳамон анвоҳое, ки ҷисму рӯҳи инсонро солим ва қавӣ мегардонанд, диққати ҷиддӣ медиҳанд.

Сарвари давлат хуб медонад, ки халқи тоҷик на танҳо дорои сарватҳои бои маънавӣ, балки маданияти баланди интихобномаи маводҳои ғизоӣ дошта аз он ҷониб гузаштагонамон дар заминаи илмӣ асоснок карда шудаанд.

Зироатҳои лубиёгӣ аз рӯи таркиби кимивии бой ва ғизонокии баланд доранд. 100 грамм маҳсулотҳои лубиёгӣ қобилияти 300-350 килокалория қувватбахши ба организми инсон доранд ва ивазкунандаҳои маҳсулоти гуштӣ ба ҳисоб мераванд[4]..

Маҳсулоти лӯбиёгӣ аз намакҳои минералӣ ба монанди калсий, калий, оҳар (крахмал), сафедаҳои баландсифат, витаминҳои гуногун, қанд ва дигар намудҳои моддаҳои фоиданок хело бой мебошанд.

Маҳсулоти лӯбиёгӣ ва ҷуворимаккаро барои тайёр намудани таомҳои якум, дуюм, хӯришҳо (гарнир) ва газакҳо дар соҳаи хӯроки умумӣ хело васеъ истифода мебаранд. Таомҳои гарми гуногуни аз маҳсулоти номбурда истеҳсол намуда, дар муддати 4-5 соат бояд истифода бурда шаванд. Дар ҳолати зиёд нигоҳ доштани таомҳои ғалладонагӣ онҳо сифати худро гум мекунанд. Бинобар ин, барои тайёр намудани таомҳои ғалладонагӣ мутахассисони пуртаҷриба тарзи тайёр намудан ва мӯҳлатҳои истифодабарии онҳоро бояд пурра риоя намоянд.

Ба маҳсулоти лӯбиёгиҳо нахӯд, мош, наск, лӯбиё, ҷуворимакка ва дигар намуди онҳо дохил мешаванд.

Лӯбиёгиҳо нисбат ба маҳсулоти ордӣ дар таркибашон миқдори зиёди сафедаҳо доранд. Онҳо дар организми одам назар ба дигар намудҳои маҳсулотҳо хеле зуд ҳазм мешаванд.

Зироатҳои лӯбиёдонагӣ ба оилаи лубиёгиҳо (*Fabacae*) мансубанд. Онҳо аз рӯи хусусиятҳои биологӣ, усулҳои парвариш ва сифати маҳсулоташон умумият доранд. Бартарияти зироатҳои лӯбиёдонагӣ нисбат ба зироатҳои оилаи Ғаллагиҳо (*Poaceae*) дар он аст, ки онҳо дар воҳиди масоҳат метавонанд миқдори зиёди сафедаи хушсифату нағзҳазмшаванда ва арзонро ба вуҷуд оранд. Лӯбиёдонагиҳо чун дигар намояндагони бисёрсолаи ин оила қобилияти хоси биологиеро дороанд, ки дар натиҷаи он нитрогени ҳаворо ки барои дигар растаниҳо дастнорас аст ба гардиши биологии моддаҳо ҳамроҳ намоянд. Фурӯбарии нитрогени ҳаво дар ҷараёни симбиози растаниҳои лӯбиёдонагӣ ва бактерияҳои лӯндашакли ҷинсӣ (*Rhizobium*) аз ҳисоби нури офтоб дар растаниҳо ғуншуда, мегузарад.

Лӯбиёдонагиҳо дар ҳалли масъалаи норасоии сафедаи растаниҳо мақоми хосро ишғол менамоянд ва дар назардошти ин академик Д.Н. Прянишников гуфтааст: «…масъалаи ҳалли норасоии сафеда бояд танҳо аз ҳисоби лӯбиёгиҳо ҳал шавад. Дигар ҳама роҳҳо дуюмдараҷаанд».

Зироатҳои лӯбиёдонагӣ дар баробари баҳои баланди хӯрокӣ доштанашон боз ба он мусоидат менамоянд, ки истифодаи дигар хӯрокаҳои камсафедадор беҳтар шавад. Пурбаҳоии ғизонокии хӯрокаҳои донии серғизо, ки аз лӯбиёдонагиҳо тайёр карда мешаванд на дар он аст, ки аз сафеда боянд, балки дар он аст, ки онҳо аз рӯи таъсири физиологиашон ба организми чорво пурқиматанд. Дар ин раванд бояд қайд намуд, ки миқдори аминокислотаҳои ивазнашаванда дар таркиби хӯрокаҳои лӯбиёдонагиҳо нисбат ба зироатҳои ғаллагӣ 1,5-3,0 маротиб зиёд аст. Барои тақвият, аз маълумотҳои тадқиқотҳои илмӣ бармеояд, ки 1 кг дони лӯбиёи чинӣ миқдори аминокислотаи лизин нисбат ба 1 кг дони гандум 6 маротиба зиёд аст.

Таркиби кимиёвии дони лӯбиёдонагиҳо вобаста ба зироати навъ, шароитҳои хокию иқлимӣ-агротехникӣ дар доираи васеъ тағйир меёбад. Миқдори нисбатан зиёди сафеда (45-50 фоиз) ва равған (то 25-27 фоиз) дар таркиби лӯбиёи чинӣ ба мушоҳида мерасад. Аз рӯи таркиби кимиёвӣ ва сифат, сафедаи зироатҳои лӯбиёдонагӣ ба сафедаи гӯшт баробар аст. Тухми зироатҳои лӯбиёдонагиро дар шакли обпаз, зирбондашуда ва консервшуда дар саноат ҳамчун ашёи хом истифода мебаранд. Аз тухми онҳо ярма, орд, маҳсулоти қаннодӣ, омехтаҳои озуқаворӣ ва хӯрокаи чорво тайёр карда мешавад.

Зироатҳои лӯбиёдонагӣ хусусияти табобатӣ доранд ва махсусан дар муолиҷаи касалии қанд, касалиҳои ҷигару гурда ва дигар узвҳо самараи хуб мебахшанд.

Массаи биологии хушки онҳо аз сафеда бой (10-15 фоиз) буда, нисбати коҳи ғалладонагиҳо 3-4 маротиба зиёдтар сафеда доранд. Дар заминҳои лалмӣ мушунг, боқила ва наскро ҳамчун зироатҳои заминҳои дамдодашуда ивазкунанда парвариш кардан мумкин аст.

Дар шароити Тоҷикистон барои тайёр намудани хӯрокаҳо лӯбиёи чинӣ, мушунг ва мунҷак дар киштҳои асосӣ (лӯбиёи чинӣ), мобайнӣ ва омехта ба таври васеъ парвариш карда мешаванд.

***Оилаи лӯбиёгиҳо - Fabaceae.*** Лӯбиёи чинӣ – зироати серсафедатарини ҳаматарафа истифодашавандаи лӯбиёдонагӣ аст. Вай аҳамияти калони озуқаворӣ, техникӣ ва хӯрокавӣ дорад. Дони лӯбиёи чинӣ то 40-48 фоиз сафедаи хушсифат (маҷмӯи аминокислотаҳои ивазнашаванда: лизин, систин, триптофан, метионин ва ғайраҳо), 20—27 фоиз равғани озуқаворӣ, 28 фоиз ангиштобҳо ва инчунин як қатор витаминҳои пурбаҳои дигарро дорост. Сафедаи лӯбиёи чинӣ аз рӯи сифаташ ба сафедаи гӯшт баробар аст. Миқдори сафеда дар 1с. дони он нисбат ба дони ҷаву ҷуворимакка 3-4 маротиба зиёд аст.

Аз дони лӯбиёи чинӣ: равған, гӯшт, шир, маргарин, панир, орд, маҳсулоти қаннодӣ, ҳасибҳо ва дигар маводҳои озуқаворӣ тайёр карда мешавад.

Лӯбиёи чинӣ аҳамияти калони хӯрокавӣ дорад. Дар таркиби як килограмм донаш 1,3-1,4 воҳиди хӯрока ва 270-330 гр. протеини ҳазмшаванда мавҷуд аст. Пӯчоқи лӯбиёи чинӣ 40 фоиз протеин ва кунҷораи он то 33 фоиз сафеда, 5—6 фоиз равған, 28-30 фоиз моддаҳои бенитрогени экстративӣ дошта, хӯрокаи беҳтарини серғизо мебошад.

Дар соҳаи хӯроки омма маҳсулоти лӯбиёгиҳо аз он ҷумла, ярмаи ҷуворимакка бисётар истифода бурда мешаванд. Таркиби кимиёвии лӯбиёгиҳо дар ҷадвали №1 нишон дода мешавад.

Нахӯди хӯрокиро аз рӯи стандарт мувофиқи рангаш боз ба ду хел тақсим менамоянд: Нахӯди сафед; Нахӯди сабз.

Арзиши нахӯди сафед нисбат ба сабз баландтар аст. Дар вақти баҳо додан ба сифати нахӯд тез пухтани он ба ҳисоб гирифта мешавад.

**Ҷадвали 3. Таркиби кимиёвӣ (дар %) ва миқдори витаминҳо (дар мг %), дар 100 г қисми истеъмолии маҳсулотҳои хӯрока**

| Номгӯи маҳсулот | Таркиби кимиёвӣ | | | Каллориянокӣ | Витаминҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Сафедаҳо | Равғанҳо | Ангиштобҳо | | А | Каротин | В1 | В2 | РР | С |
| Нахӯд | 23,4 | 2,4 | 53,1 | 336 | - | 0,60 | 0,72 | 0,15 | 2,40 | 4,0 |
| Лӯбиё | 23,2 | 2,1 | 53,8 | 335 | - | 0,01 | 0,5 | 0,18 | 6,4 | 4,5 |
| наск | 25,9 | 3,0 | 52,1 | 348 | - | 0,33 | 0,5 | 1,8 | 5,5 | 4,4 |

**Сарчашма:** М.Н. Журавлева, А.В. Троян Товароведение продовольственных товаров. Теоритические основы, зерномучные товары, плоды и овощи. Издательство «Экономика». М- 1975

Таркиби химиявӣ ва арзиши ғизоии 100 грамм нахӯд: сафедаҳо – 23,4 г, равғанҳо – 2,4 г, карбогидратхо — 3,1 г-ро ташкил медиҳад, ки калориянокиаш ба 298 килокалория баробар аст Аз чиҳати таркиби сафеда ин маҳсулотро бо гӯшт ва маҳсулоти гӯштиро иваз мекунад..

Витаминҳои асосие, ки нахӯд аз онҳо бой аст: ретинол (витамини А) - барқароршавии босуръати бофтаҳоро таъмин мекунад, кори системаи гормоналиро ба муътадил мегардонад, ҳолати пӯстро беҳтар мекунад; β-каротин (провитамини А) - дар якҷоягӣ бо дигар моддаҳо, ба мустаҳкам кардани устухонҳо ва сирри дандон кӯмак мекунад, бинишро беҳтар мекунад.

Нахӯд, донаҳои пурра аз витамину минералҳо бой мебошанд, аз қабили: витамини В1 - 54%, холин - 40%, витамини В5 - 44%, витамини В6 - 13,5%, витамини Н - 38%, витамини РР - 32,5% , калий - 34,9%, калсий - 11,5%, кремний - 276,7%, магний - 26,8%, фосфор - 41,1%, оҳан - 37,8%, кобальт - 131%, марганец - 87,5%, мис - 75%, селин - 120,0% молий. 23,8%, хром - 18%, руҳ - 26,5%

Витамини В1 як ҷузъи муҳимтарин ферментҳои мубодилаи карбогидрат ва энергия буда, организмро бо энергия ва моддаҳои пластикӣ, инчунин мубодилаи аминокислотаҳои

шохадор таъмин менамояд. Норасоии ин витамин боиси ихтилоли ҷиддии системаи асаб, ҳозима ва дилу раг мегардад.

Холин як қисми лецитин буда, дар синтез ва мубодилаи фосфолипидҳо дар ҷигар нақш мебозад, манбаи гурӯҳҳои озоди метил мебошад, ҳамчун омили липотропӣ амал мекунад;

Витамини В5 дар мубодилаи сафеда, чарб, карбогидрат, мубодилаи холестирин, синтези як катор гормонхо, гемоглобин иштирок намуда, ба азхудкунии аминокислотаҳо ва қанд дар рӯдаҳо мусоидат мекунад ва ба кори қабати болоии гурда мусоидат мекунад. Норасоии кислотаи пантотеникӣ метавонад боиси вайрон шудани пӯст ва луобпардаҳо гардад.

Наххои ғизоии нахуд ба узвҳои ҳозима таъсири судманд мерасонад:

• ҳаракати маводҳоро дар рӯдаҳо беҳтар намуда , қабзро аз байн мебарад;

• раванди ҳазми ғизо паст намуда, аз калорияҳои зиёдатӣ организмро эмин медорад;

• ба афзоиши ҷудошавии гормонҳое, ки иштиҳоро кам мекунанд, таъсир мерасонад;

• мубодилаи моддаҳо дар организм беҳтар мегардонад;

• ҳамчун ғизо барои микроорганизмҳои фоиданок хизмат мекунанд;

• афзоиши микрофлораи патогениро (микроорганизмҳое, ки боис пайдошавии бемориҳо мегардад) паст мекунад.

Наск маҳсулоти аз сафеда бой аст. Натиҷаҳои тадқиқот тасдиқ мекунанд, ки ин лӯбиёги ба эътидол овардани сатҳи қанди хун таъсир мерасонад, ки махсусан барои беморони гирифтори диабет муҳим аст.

Дар таркиби наск витаминҳои Е, В ва РР, каротин, фосфор, калсий, калий, мис, бор, никел, хром, йод, фтор, руҳ, марганец, молибден, инчунин кислотаҳои равгании омега-3 ва омега-6 мавҷуданд. Дар баробари ин растанихои лубиёгӣ аз протеини осон хазмшаванда бой мебошанд. Мазмуни калорияи 100 грамм маҳсулот 284 ккал аст. Арзиши ғизоӣ:

сафедаҳо - 25 г;

равғанҳо - 1,6 г;

карбогидратҳо - 46,5 г.

Наск дорои миқдори зиёди нах (як порция тақрибан 30% арзиши ҳаррӯзаро таъмин мекунад) - ин ба коҳиш додани холестирини "бад" ва беҳтар кардани кори системаи ҳозима мусоидат мекунад. Калий, фолат ва оҳане, ки дар маҳсулот мавҷуданд, инчунин хосиятҳои фоиданоки зиёде доранд. Калий таъсири зараровари намакро безарар намуда, фишори хунро паст мекунад. Кислотаи фолий дилро муҳофизат мекунад ва ташаккули ҳуҷайраҳои сурхи хунро дар бадан дастгирӣ мекунад. Оҳан барои рафъи хастагӣ кӯмак мекунад."

Дар тадқиқоте, ки шакли истеъмоли ғизо ва хатари марг аз бемории ишемияи дилро таҳқиқ кардааст, муҳаққиқон дар тӯли 25 сол зиёда аз 12,000 мардони миёнсолро дар Иёлоти Муттаҳида, Финляндия, Нидерландия, Италия, Югославияи собиқ, Юнон ва Ҷопон пайравӣ кардаанд. Намунаҳои маъмулии ғизо истеъмоли бештари маҳсулоти ширӣ дар Аврупои Шимолӣ буданд; истеъмоли зиёди гӯшт дар Иёлоти Муттаҳида; истеъмоли зиёди сабзавот, лӯбиёгӣ, моҳӣ ва шароб дар ҷануби Аврупо; ва истеъмоли бештари ғалладонагиҳо, маҳсулоти лубиёӣ ва моҳӣ дар Ҷопон. Вақте ки муҳаққиқон ин маълумотро дар робита бо хатари марг аз бемориҳои қалб таҳлил карданд, онҳо дарёфтанд, ки лӯбиёгиҳо бо 82 дарсад коҳиш ёфтани хавф алоқаманданд.

Хулоса зироатҳои лубиёгӣ афзалиятҳои зиёд доранд: хоки замине, ки зироатҳои лубиёгӣ кишт карда мешавад дар оянда ҳосилнокиашон баланд мешавад, барои кишти зироатҳои лубиёгӣ масоҳати ками замин кифоя аст, зироатҳои лубиёгӣ хосиятҳои нигоҳдоршавандагии хуб доранд, онҳо ба таъсири ҳарорати гармӣ ва хунукӣ тобовар мебошад ва ба масофаи дуру дароз беталафот кашонда мумкин аст, қобилияти баланди

қувватбахшӣ доранд, такиби кимёвии пурарзиш доранд, ки дар ҳолати зарурӣ маҳсулоти гӯштиро иваз карда метавонанд.

**АДАБИЁТ**


1. Журавлева М.Н., Троян А.В. Товароведение продовольстственных товаров. Теоритические основы, зерномучные товары, плоды и овощи. Издательство «Экономика». М- 1975.
2. Омори солонаи Тоҷикистон 2023. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2023.
3. Эмомалӣ Раҳмон. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”// ш. Душанбе 2022.
4. Фақеров Ҳ.Н., Ҳикматов С.И., Суфиев М. М. Молшиносӣ ва экспертизаи молҳои ѓизоӣ. Душанбе. ДДТТ – 2007.


**УДК 334**

**Ҳусейнова Ш.З., Толибов Қ.Қ.**

## ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ ИҚТИСОДИЁТ: РАВИШҲО, ШАКЛҲО ВА УСУЛҲО ДАР МИСОЛИ КИШВАРҲОИ ПЕШРАФТА (ДАР МИСОЛИ ИМА)

Омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ асосан барои пешгирии такрори хатогиҳои дар дигар кишварҳо содиршуда роҳандозӣ мегардад. Таҷрибаи хориҷӣ зарур аст, то ки камбудиҳо такрор нашаванд, таҷрибаи чандинасра дар фаъолият роҳандозӣ гардида, раванди дигаргунсозиҳои бозорро тезонанд. Омилҳои зиёде ба миқёс, шакл ва механизми танзими давлатии соҳаҳои иқтисодиёт таъсир мерасонанд, аз ҷумла, хусусиятҳои миллӣ, анъанаҳо, сатҳи тараққиёти иктисодиёти мамлакат, мавқеи он дар системаи ҷаҳонӣ ва бисьёр омилҳои дигар. Дар шароите, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равандҳои дигаргунсозии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ба амал меоянд, истифодаи назария ва амалияи дигар кишварҳо дар соҳаи танзими давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо, махсусан муҳим аст. Дар чунин шароит таҷрибаи хориҷии таъсири мақомоти давлатӣ ба ташаккули базаи молиявии минтақаҳо ниҳоят зарур аст.

**Калидвожаҳо:** танзими давлатӣ, кишварҳои хориҷӣ, таҷрибаи хориҷӣ, иқтисодиёт, иқтисоди миллӣ, бозор, саноат, соҳибкорӣ, дахолати давлат, маблағгузорӣ.

**Хусейнова Ш.З., Толибов К.К.**

## ГОСУДАРСТВЕННОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ЭКОНОМИКИ: ПОДХОДЫ, ФОРМЫ И МЕТОДЫ НА ПРИМЕРЕ РАЗВИТЫХ СТРАН (НА ПРИМЕРЕ США)

Изучение зарубежного опыта в основном проводится для предотвращения повторения ошибок, допущенных в других странах. Зарубежный опыт необходим для того, чтобы не повторялись недостатки, был введен в действие многовековой опыт и ускорен процесс рыночных изменений. На объем, форму и механизм государственного регулирования экономической сферы влияют многие факторы, в том числе национальные особенности, традиции, уровень экономического развития страны, ее положение в

мировой системе и многие другие факторы. В условиях, когда в Республике Таджикистан происходят процессы трансформации всех сфер жизни общества, особенно важно использовать теорию и практику других стран в сфере государственного регулирования социально-экономического развития регионов. В таких условиях зарубежный опыт влияния органов государственной власти на формирование финансовой базы регионов крайне необходим.

**Ключевые слова:** государственное регулирование, зарубежные страны, зарубежный опыт, экономика, национальная экономика, рынок, промышленность, предпринимательство, государственное вмешательство, финансирование.

**Khuseinova Sh.Z., Tolibov Q.Q.**

## STATE REGULATION OF THE ECONOMY: APPROACHES, FORMS AND METHODS USING THE EXAMPLE OF DEVELOPED COUNTRIES (USING THE EXAMPLE OF THE USA)

The study of foreign experience is mainly carried out to prevent the repetition of mistakes made in other countries. Foreign experience is necessary to ensure that shortcomings are not repeated, centuries of experience are brought into play and the process of market change is accelerated. The volume, form and mechanism of state regulation of the economic sphere are influenced by many factors, including national characteristics, traditions, the level of economic development of the country, its position in the world system and many other factors. In conditions when the Republic of Tajikistan is undergoing processes of transformation in all spheres of social life, it is especially important to use the theory and practice of other countries in the field of state regulation of socio-economic development of regions. In such conditions, foreign experience in the influence of government bodies on the formation of the financial base of the regions is extremely necessary.

**Key words:** government regulation, foreign countries, foreign experience, economics, national economy, market, industry, entrepreneurship, government intervention, financing.

Тавре маълум аст, танзими давлатии иқтисодиёт риояи манфиатҳои давлат, ҷамъият ва табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳифзнашавандаи аҳолиро ҳадафи асосии худ медонад. Танзими давлатии иқтисодиёт ин пеш аз ҳама таҳияву коркарди барномаҳои миллӣ, стратегияи иқтисодиёти миллӣ, сиёсати иҷтимову иқтисодӣ ва аз ҷумла ҳифзи иҷтимоии аҳолро фарогир аст. Ин барои он зарур аст, ки дар шароити озодии иқтисодӣ онҳо поймол нашаванд, ба манфиатҳои минтақаҳои алоҳида, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, соҳаҳои саноат, монополияҳо, соҳибкорон ва шахсони алоҳида халал нарасонанд.

Давлат ҳамеша ҳамчун субъекти махсуси иқтисодӣ амал карда, бо ин ё он шакл дар ҳаёти иқтисодии ҷомеа иштирок мекунад.

Ҳавасмандӣ барои омӯзиши роҳҳои танзими давлатии иқтисодиёт дар давлатҳои хориҷӣ барои таҳлили мустақилонаи муқоисавии динамикаи рушди равандҳои иҷтимоию иқтисодии давлатҳои гуногун ва таҳияи меъёрҳои худӣ барои арзёбии сифатии самаранокии унсурҳои алоҳида дар моделҳои танзими давлатии иқтисодиёти мамлакатҳои мавриди назар, роҳандозӣ мегардад[6].

Танзими давлатии тиҷорати хусусиро метавон ба ду категория – танзими иқтисодӣ ва танзими давлатӣ тақсим кард. Нақши танзими иқтисодӣ асосан аз назорати нархҳо иборат аст. Ҳарчанд аз ҷиҳати назариявӣ барои ҳимояи истеъмолкунандагон ва корхонаҳои алоҳида (одатан корхонаҳои хурд) аз корхонаҳои пуриқтидортар пешбинӣ шуда бошад ҳам, аксар вақт бо он асоснок карда мешавад, ки бозор рақобати комилан озод нест ва аз ин рӯ чунин ҳимояро таъмин карда наметавонад. Бо вуҷуди ин, дар бисёр

ҳолатҳо, қоидаҳои иқтисодӣ барои муҳофизат кардани корхонаҳо аз рақобати харобиовар тарҳрезӣ шудаанд. Аз тарафи дигар, танзими давлатӣ ҳадафҳои аз доираи иқтисодиёт васеътарро низ пайгирӣ мекунад, ба монади бехатарии меҳнат ва тозагии муҳити зист.

Омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ барои пешгирии такрори хатогиҳои дар кишварҳои дигар содиршуда ба роҳ монда шуда, инчунин ташаккули шаклҳо, усулҳо, механизмҳо ва воситаҳои бештар самараноки танзими давлатии иқтисодиёт, ки худро бомуваффакият муаррифӣ кардаанд ва ин дар чунин нишондиҳандаҳо, ба монади давомнокии умр, дараҷаи маълумотнокии аҳолӣ, дараҷаи даромад ба ҳар сари аҳолӣ, инчунин дар аксарияти мамлакатҳо бо дараҷаи баланди ҳифзи иҷтимоӣ зоҳир мегардад, пешбинӣ мешавад.

Омилҳои зиёде ба миқёс, шакл ва механизми танзими давлатии соҳаҳои иқтисодиёт таъсир мерасонанд, аз ҷумла, хусусиятҳои миллӣ, анъанаҳо, сатҳи тараққиёти иктисодиёти мамлакат, мавкеи он дар системаи ҷаҳонӣ ва бисьёр омилҳои дигар.

Ҷумҳурии Тоҷикистон тадриҷан муносибатҳои навро аз худ мекунад. Аз ин рӯ, дар аксари мавридҳо бидуни тасҳеҳ таҷрибаи хориҷӣ ба ниҳодҳои бозории Тоҷикистон ворид карда шуда, аммо тафаккур, таърих ва фарҳанги маҳаллӣ ба инобат гирифта намешавад. Новобаста аз ин дониши таҷрибаи хориҷӣ зарур аст, то ки камбудиҳо такрор нашаванд, таҷрибаи чандинасра дар фаъолият роҳандозӣ гардида, раванди дигаргунсозиҳои бозорро тезонанд.

Ба субъекти тавонои фаъолияти иқтисодӣ табдил ёфтани давлат яке аз хусусиятҳои муҳимтарини системаи иқтисодии ҷаҳонӣ мебошад. Аз ин рӯ, дар шароите, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равандҳои дигаргунсозии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ба амал меоянд, истифодаи назария ва амалияи дигар кишварҳо дар соҳаи танзими давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо, махсусан муҳим аст. Дар чунин шароит таҷрибаи хориҷии таъсири мақомоти давлатӣ ба ташаккули базаи молиявии минтақаҳо ниҳоят зарур аст.

Якчанд самтҳои асосӣ дар соҳаи танзими фаъолияти соҳибкорӣ мавҷуданд, ки ба ин ё он дараҷа ба кишварҳои пешрафта таъсир мерасонанд.

Тамоюли аввал ин кам кардани таъсири маъмурӣ ба тиҷорат ва таъмини озодии бештар дар соҳаи фаъолияти хоҷагидорӣ мебошад. Сиёсати давлат дар баробари ин ба дастгирии ҳадди аксар бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт нигаронида шудааст. Қисмати иҷтимоӣ ҳамеша дар байни афзалиятҳои он қарор дорад.

Ба ҳамин тариқ, масалан, дар ИМА кам шудани дахолати давлат ба соҳаҳои иқтисод ва дастгириҳои ҳамаҷониба сабаби афзоиши босуръати корхонаҳои хурд гардид. Тартиби бақайдгирии корхонаи нав дар ин минтақа ба қадри имкон содда карда шудааст ва ҳамагӣ як рӯз вақтро дар бар гирифта, аз 5 то 10 доллар арзиш дорад.

Системаи танзими давлатии иқтисодиёт дар ИМА аз қисматҳои зерин иборат аст:

- 1) механизми танзими ҳукумати федералӣ;
- 2) механизми идоракунии давлатї ва маҳаллї;
- 3) воситахои давлатии танзими иқтисодиёт;
- 4) аппарати маъмурию ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт.

Дар ИМА як қатор соҳаҳои саноатро «танзимшаванда» меномиданд, зеро дар онҳо муқарароти махсуси ҳуқуқӣ амал мекард. Ҳамин тавр, дар аввали солҳои 80-ум мақомоти федералӣ чорчӯбаҳои нархгузорӣ ва истеҳсолотро дар соҳаҳои саноат, ки қариб 24 % - и ММД-ро ташкил медоданд, назорат мекарданд (авиатсияи шаҳрвандӣ, роҳи оҳан, нақлиёти автомобилӣ, соҳаи алоқа миллӣ кунонида шуданд). Аммо танзими соҳаҳо бештар на ба манфиати истеъмолкунанда, балки ба манфиати истеҳсолкунанда нигаронида шуда буд. Аз ин рӯ, дар ИМА қарори бекор кардани маҳдудиятҳои фаъолияти соҳибкорӣ ба амал бароварда шуд.

ИМА таҷрибаи бузурги ташкили «бизнес-инкубаторҳо»-ро дорад, ки мақсад аз онҳо ёрӣ расондан ба ташкили корхонаҳои нав мебошад. Онҳо дар асоси субсидияҳои давлатӣ; маблағҳое, ки аз ҳукуматҳои давлатӣ ва маҳаллӣ гирифта мешаванд; дар асоси дастгириҳои корпоратсияҳои саноатӣ, муассисаҳои таълимӣ, инчунин аз ҳисоби иҷораи соҳибкорон ва фоизи фурӯши «инкубаторҳо» ва корхонаҳои бомуваффакият фаъолият дошта, амал мекунанд [1].

Сохтмони паркҳои технологӣ низ дар ИМА меафзояд. Дар ин ҷо мақомоти шаҳрӣ мавқеи бузург ва фаъолона дорад. Онҳо як майдони истеҳсолиро бо тамоми коммуникатсияҳо месозанд ва сипас онро ба соҳибкорон бо нархи рамзӣ мефурӯшанд, ки дар он соҳибкорон истеҳсоли намудҳои гуногуни маҳсулотро роҳандозӣ мекунанд.

ИМА кишвари пешрафтатарин дар Америкои Шимолӣ ба ҳисоб меравад. Аз замони қабули Эъломияи истиқлолияти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (4 июли 1776), ки аз табдили босуръати кишвари аграрӣ ба як қудрати индустриалии сарватманди ҷаҳон шурӯъ карда, ин кишвар аз ҷиҳати маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, ҳосилнокии меҳнат, дараҷаи зиндагонӣ ва ғайра ба давлати пешқадам табдил ёфт.

ИМА дар даҳсолаҳои охир рушди устувори кишоварзиро аз сар гузаронидааст. Дар баробари ин шумораи хоҷагиҳо кам шуда, ҳаҷми онҳо ва маҳсулнокии деҳқонон рӯ ба афзоиш дорад (дар соли 1945-ум 5,9 миллион хоҷагӣ мавҷуд буд). Ва дар ҳамин давра майдони кишт ба ҳисоби миёна аз 79 гектар ба 199 гектар расид. Дар айни ҳол танҳо се фоизи шумораи умумии хоҷагиҳо (қариб 60 ҳазор) нисфи маҳсулоти хоҷагии қишлоқро истеҳсол мекунанд. Ба ин истифода бурдани мошинаҳои мураккаб ва сермаҳсули хоҷагии қишлоқ ва дараҷаи баланди тараққиёти инфраструктура, инчунин ҳифзи давлатӣ ва дастгирии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ кӯмак мерасонад.

Ислоњоти иқтисодиёти Амрико тавассути афзоиши босуръати њиссаи бахши хизматрасонї дар ММД идома дорад: њиссаи онњо қариб 65% (ба истисноі нақлиёт ва алоқа) мебошад. Ҳиссаи нафароне, ки дар ин соҳа кор мекунанд, ба 75% наздик мешавад. Зиёда аз 25% - и тамоми соҳаи ғайримоддӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ, суғурта ва муомилоти амволи ғайриманкул рост меояд. Қариб 22% - и хизматрасонӣ дар савдои яклухт ва чакана ташкил карда шудааст. 26,3% ба соҳибкорӣ, корхонаҳои ҳуқуқӣ, хадамоти иҷтимоӣ, тандурустӣ, фароғат ва хидматрасонии мошинҳо рост меояд. Ҳиссаи нақлиёт ва алоқа 8,5 фоиз, идораи давлатӣ 18,4 фоизро ташкил медиҳад.

Имрӯз ИМА давлати дорои иқтисодиёти хеле тараққикардаи намуди интенсивӣ буда, нисбат ба дигар мамлакатҳои ҷаҳон сохтори соҳавии такрористеҳсолкунандаи хеле пешқадамтарро доро аст.

Иёлоти Муттаҳида, ки дар байни кишварҳои пешрафта дорои нерӯи тавонои илмию техникӣ мебошад, кӯшиш мекунад, ки мавқеи худро ҳамчун кишвари пешрафта нигоҳ дорад. Ҳам корпоратсияҳо ва ҳам ҳукумати федералӣ ба пешрафти минбаъдаи соҳаҳои сектори маълумотии иқтисодиёт аҳамияти калон медиҳанд. Ба гуфтаи коршиносони амрикоӣ, телекоммуникатсияи муассир на танҳо дар салоҳияти иттилоотии миллат нақши ҳалкунанда мебозад, балки нерӯи пешбарандаи афзоиши сарвати миллии кишвар буда ва аз ин рӯ, иқтидори иқтисодии он низ мебошад.

Имрӯз, дар кишварҳои пешрафтаи саноатӣ шумораи асосии ҷойҳои корӣ дар иқтисодиёт, дар соҳаи хизматрасонӣ, маориф, илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ба вуҷуд меоянд. Бинобар ин, аҳамияти сектори давлатӣ дар Иёлоти Муттаҳида меафзояд. Фаъолияти сохторҳои дахлдор аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ шуда, ҳамаи онҳо тобеи мақомоти давлатии сатҳҳои гуногун мебошанд. Дар байни унсурҳои танзими давлатии бозори ИМА ҷойгоҳи муҳимро барномасозии иқтисодиёт тавассути таҳия ва татбиқи барномаҳои миллӣ ва минтақавӣ ишғол мекунад, системаи фармоишҳои давлатӣ ва сиёсати фискалӣ васеъ истифода мешавад [4].

Дар шароити иқтисоди бозоргонии муосир, ки бо мавҷудияти шумораи зиёди на танҳо корхонаҳои хурду миёна, балки комплексҳои хеле мутамарказ ва монополияшуда хос аст, худидоракунии бозор аз ҷониби давлат ва механизми давлатӣ роҳандозӣ гардида, танзими мақсадноки макроиқтисодӣ ташаккул меёбад.

Давлат дар давраи муосир барои назорати фаъолияти иқтисодӣ вазифаҳои зиёдеро иҷро менамояд: қонунҳоро бар зидди сохтакорӣ мебарорад, назорати гумрукиро амалӣ мекунад, иҷрои қонунҳои меҳнат ва таъминоти иҷтимоиро ба роҳ мемонад, нархҳои ҳадди ақал ва ҳадди аксарро муқаррар менамояд, мудофиаи миллӣ, андозбандии миллӣ ва маҳаллӣ, иҷрои қоидаҳои минималии музди меҳнат ва ғайраро назорат мекунад [3].

Мавқеи муҳимро дар унсурҳои танзими давлатии бозори ИМА, барномасозии иқтисодиёт, ки таҳия ва татбиқи барномаҳои миллӣ ва минтақавиро дар бар мегирад, ишғол мекунад. Дар амалияи танзими давлатии иқтисодиёти ИМА системаи фармоишҳои давлатӣ васеъ истифода мешаванд. Ба воситаи ин система соҳаҳои саноат, монанди саноати атомӣ, аэро-кайҳонӣ, электротехника ва ғайра ба вуҷуд оварда шудаанд [4].

ИМА бузургтарин содиркунандаи мол ва хизматрасонӣ дар ҷаҳон аст. Умуман, ҳаҷми содироти ИМА 16%-и содироти ҷаҳониро ташкил медиҳад. Имрӯз тақрибан 10% - и маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар ва 30% - и тамоми сарватҳои дар Иёлоти Муттаҳида истеҳсолшуда, дар бозорҳои хориҷӣ фурӯхта мешаванд. Шарикони асосии содиротии ИМА Канада (23% содироти ИМА), Ҷопон (10,3%), Мексика (10,1%), Британияи Кабир (5,3%), Олмон (3,7%), Кореяи Ҷанубӣ (3,4%) ва Тайван (3,2%) мебошанд.

Асоси қисмати зиёди содироти монополияҳои Амрикоро машинаҳо, таҷҳизот ва маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ташкил медиҳад. Иёлоти Муттаҳида инчунин тақрибан 20% - и содироти ҷаҳонии соҳаҳои доништалабро аз худ кардааст. Миқдори зиёди ҷузъҳои электронӣ, электроникаи маишӣ ва компютерҳо содир карда мешавад. Ҳар сол ИМА содиркунандаи қариб нисфи содироти ғаллаи ҷаҳонӣ мебошад.

Воридот ба ИМА 23% - и воридоти ҷаҳониро ташкил медиҳад. Воридот барои иқтисодиёти Амрико ҳатто аз содирот муҳимтар аст. Вазни қиёсии воридот дар истеъмоли дохилӣ асбобу анҷоми электронии маишӣ, пойафзол ва як қатор дигар молҳои серистеъмол қариб 80% - ро ташкил дода, дастгоҳҳои металлкоркардкунӣ ва нефт 50%, металлҳои сиёҳ ва бофандагӣ аз 20% зиёд мебошанд. Воридот 13%-и истеҳсоли ММД-ро дарбар мегирад. Мошину таҷҳизот 2/3 ҳиссаи афзоиши воридоти ИМА-ро ташкил медиҳанд.

Дар танзими бозори ИМА танзими пулию қарзӣ низ нақши муҳим дорад. Ин вазифаро Бонки марказии ИМА (БМС), ки ба Конгресси ИМА тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад, иҷро мекунад, сиёсати муайяни пулию қарзиро амалӣ мекунад, инчунин назоратро аз рӯи ҳаҷми пул ва қарз дар иқтисодиёт роҳандозӣ менамояд.

Сиёсати фискалӣ низ дар танзими бозори ИМА мавқеи худро дорад. Моҳияти он аз ин иборат аст, ки андозбандии давлатӣ ва хароҷоти давлатӣ тавре ба роҳ монда шавад, ки онҳо ба паст кардани тағйироти сикли тиҷорат, мусоидат ба шуғли баланд, маҳдуд кардани таваррум мусоидат кунанд.

Системаи молияи давлатии ИМА ташкилоти сезинаи ҳокимияти давлатиро инъикос мекунад. Мувофиқи он, се сатҳи сохтори молиявӣ вуҷуд дорад: буҷети федералӣ, буҷети иёлотҳо ва ҳукуматҳои маҳаллӣ. Хароҷоти федералӣ тақрибан 60% хароҷоти миллиро ташкил медиҳад. Тақрибан 40% хароҷоти давлатӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва ҳукумати маҳаллӣ амалӣ карда мешавад. Давлат хароҷоти илмӣ-тадқиқотиро дар соҳаи технологияи нав зиёд карда, ба олимон ва муҳандисон кумаки молиявӣ мерасонад.

Дар танзими иқтисодиёти ИМА танзими баланси пардохт ва соҳаи муносибатҳои асъор мавқеи намоёнро дорад. Агар дар баланси пардохт (ва дар соҳаи муносибатҳои асъорӣ) каср мавҷуд бошад, он ноустувории асъорро пешакӣ муайян мекунад. Дар чунин ҳолатҳо ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ бо усулҳои анъанавии сиёсати пулию қарзӣ

ва буҷетӣ бесамар аст. Бо ин сабаб давлат кӯшиш мекунад, ки савдои беруниро бо роҳҳои гуногун назорат кунад.

Бозори меҳнат дар ИМА бо ҳаракати баланди он тавсиф карда мешавад. Талабот бештар ба мутахассисони маълумоти олидор, олимон, муҳандисон, менеҷерон, барномасозон, инчунин мутахассисони соҳибихтисос, ки дар доираи хизматрасониҳои савдо, хӯроки умумӣ ва хоҷагии коммуналӣ фаъолият мекунанд, зиёд аст. Хусусиятҳои характерноки бозори меҳнат дар Иёлоти Муттаҳида ин зиёдтарин соати корӣ дар байни кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, инчунин баландтарин ҳосилнокии меҳнат дар ҷаҳон мебошад.

Сектори хусусии иқтисодиёти ИМА - ро тақрибан 65 миллион хонавода ташкил медиҳад.

Сохтори иқтисодиёти ИМА бо хусусияти барҷастаи баъдииндустриалиаш фарқ мекунад. Кишоварзӣ тақрибан 2% ММД ва саноат 23% ММД-ро тавлид мекунанд. Ва саҳми бештари ММД ба истеҳсолоти ғайримоддӣ рост меояд: бахши хизматрасонӣ 75% ММД-и кишварро ташкил медиҳад.

Дар байни мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар тараққиёти саноатии худ амалан ягон рақиб надорад. Соҳаи хизматрасонӣ нисбат ба ИМА дар сохтори истеҳсоли ММД танҳо дар Нидерландия (78%), Исроил (81%) ва Гонконг (83%) мушоҳида мешавад. 34%-и истеҳсоли саноатии ҷаҳон ба ИМА рост меояд. Саноати ИМА қариб 1/3 қисми ашёи хоми ҷаҳонро сарф мекунад.

Вазни қиёсии комплекси агросаноатӣ дар ММД аз 20 фоиз зиёд аст. Дар ин доира ҳосилнокии меҳнат хеле тез меафзояд.

Иқтисодиёти бозории муосири ИМА стихиявӣ нест: он аз ҷониби давлат танзим карда мешавад. Асоси ин дар он аст, ки дар баробари моликияти хусусӣ дигар шаклҳои алтернативии моликият, аз ҷумла моликияти коллективӣ низ мавҷуданд. Тавассути ин, иқтисоди бозорӣ дар ИМА аслан як иқтисоди омехта аст [5].

Дар Иёлоти Муттаҳида механизми танзими давлатӣ дар якчанд марҳила инкишоф меёбад. Сабабҳои асосии ҷорӣ намудани танзими қатъии иқтисодиёт маҳдуд кардани монополияҳо ва вусъат додани рақобат мебошад.

Дар давоми даҳсолаҳои охир ва махсусан дар солҳои 90-уми асри XX дар ИМА камшавии ҳиссаи хароҷоти давлатӣ дар рушди иқтисодӣ дида мешуд. Ин, аз як тараф, ба таҳкими муносибатҳои бозорӣ дар иқтисод, таваҷҷуҳ ба рушди ҳамаҷониба ва ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ, аз ҷониби дигар, омилҳои геополитикӣ – поёни "ҷанги сард", имкони коҳиши хароҷоти ҳарбӣ оварда расонид. Дар баробари ин, дар Иёлоти Муттаҳида сектори давлатӣ аз нуқтаи назари сохтори соҳавӣ, ба ҷуз қувваҳои низомӣ, бештар дар бахшҳои инфрасохторӣ (шабакаи нақлиёт – пулҳо, роҳҳо, қубурҳо; воҳидҳои алоҳидаи энергетика – нерӯгоҳҳои барқӣ – атомӣ; илм, инчунин соҳаҳое, ки такрористеҳсоли қувваи кориро таъмин мекунанд – маориф ва тандурустӣ) мутамарказ шудааст.

Моликияти давлатӣ дар дигар соҳаҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ қариб тамоман вуҷуд надорад, ки бо ин иқтисодиёти Амрико аз дигар мамлакатҳои тараққикарда хеле фарқ мекунад. Агар сектори давлатӣ васеътар маънидод карда шавад, яъне ба он ҳиссаи ММД-и азнавтақсимшуда тавассути буҷетҳои федералӣ ва маҳаллӣ дохил карда шавад, пас миқёси он дар иқтисодиёти миллӣ бо назардошти трансфертҳо хеле назаррас аст (ҳарчанд назар ба бисёр кишварҳои дигар камтар бошад ҳам).

Умуман, якчанд самтҳои дахолати давлатро ба иқтисодиёт муайян кардан мумкин аст, ки онҳоро ҳамаи самтҳои асосии афкори иқтисодӣ, аз ҷумла дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико низ қабул мекунанд. Дар байни онҳо: масъалаи барориши пул ва танзими пулӣ ҳамчун ҳуқуқи мутлақи давлат; таъсис ва нигоҳдории заминаи ҳуқуқии муносибатҳои бозорӣ, аз ҷумла ҳифзи моликияти хусусӣ ва ҳуқуқи истеъмолкунандагон;

нигоҳ доштани муҳити рақобат ва тадбирҳое, ки ба пешгирии монополизатсияи иқтисодиёт нигаронида шудаанд; истеҳсоли неъматҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла, хизматрасонии маориф, илми фундаменталӣ, иҷрои вазифаҳои мудофиаи миллӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ғайра; кам кардани таъсири манфии фаъолияти бозор, аз ҷумла ҳифзи муҳити зист; бартараф намудани тафриқаи аз ҳад зиёди иҷтимоӣ дар ҷомеа, дастгирии табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолиро ҷудо кардан мумкин аст.

Иштироки давлат дар таҳия ва таъмини татбиқи афзалиятҳои миллӣ, аз ҷумла дар соҳаи иҷтимоию иқтисодӣ аҳамияти бештар пайдо мекунад.

Дар ибтидои асри 21 дар байни ин афзалиятҳо якчанд қисматҳои асосии онҳоро муайян кардан мумкин аст. Аввалан, ин ба эътидол овардани рушди минбаъда, таҳияи сиёсати макроиқтисодӣ бо мақсади ноил шудан ба рушди устувор бо назардошти талаботи экологӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Сониян, мусоидат намудан ба афзоиши ҳосилнокии меҳнат бо роҳи ба амал баровардани сиёсати инноватсионӣ, пеш аз ҳама барои тараққиёти босуръати прогресси илмию техникӣ ва дар навбати аввал, рушди илми фундаменталӣ, дастгирии технологияҳои иттилоотӣ. Сеюм, дастгирии ҳамаҷонибаи рушди маориф ва баланд бардоштани ихтисосмандии мутахассисон, пурзӯр намудани таъсири он ба дараҷаи зиндагонӣ ва афзоиши иқтисодиёти ИМА. Чорум, таъмини фаъолияти иҷтимоии давлат тавассути оптимизатсияи барномаҳо дар соҳаи нафақа, суғуртаи тиббӣ ва некӯаҳволӣ, дастгирии арзишҳои оилавӣ. Панҷум, дарк кардани таъсири мусбати ҷаҳонишавии иқтисоди Амрико. Шашум, беҳбудии муҳити атроф, такмили омилҳои батанзимоварандаи экология, таҳияи сиёсати мувофиқ вобаста ба тағйирёбии иқлими ҷаҳонӣ.

Ҳамин тарик, дахолати бевосита ва бавоситаи давлат ба соҳаҳои иқтисодии ИМА ба системаи усулҳо ва фишангҳое асос ёфтааст, онҳо универсалӣ буда, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва бо амалияи иқтисодӣ исбот карда шудаанд. Он ба вайроншавӣ ё барҳам додани системаи соҳибкории хусусӣ, муҳити рақобат, асосҳои иқтисоди омехта нигаронида нашудааст. Бо дарназардошти ин, механизми танзими бозори ИМА аз ҳама пешрафта ба ҳисоб меравад.

Умуман, таҷрибаи ИМА собит мекунад, ки сиёсати танзими давлатии соҳибкорӣ дар сурате самаранок аст, ки он на танҳо ба манфиатҳои гурӯҳҳои иҷтимоии алоҳида (сарфи назар аз қудрату нуфузашон), балки ҷавобгӯи манфиатҳои тамоми ҷомеа бошад [2].

Дар маҷмӯъ метавон хулоса кард, ки омӯзиши таҳаввулоти нақши давлат дар рушди иҷтимоию иқтисодии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар ибтидои асри 21 на танҳо маълумотҳои заруриро оиди роҳҳои капитализми Амрико равшан мекунад, балкиояндаи давлатҳои зиёди кураи Заминро низ маълум мегардонад. Таҷрибаи ИМА ба мо имкон медиҳад, ки ба хусусиятҳои перспективии модели муосири иқтисоди Амрико, механизми таҳияи афзалиятҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ диққат диҳем, омилҳои батанзимоварандаи сатҳи иқтисодӣ ва иҷтимоиро, ки самаранокии худро дар ИМА собит кардаанд, истифода барем, масъалаҳоеро, ки дар ҷаҳон ва махсусан дар Тоҷикистон нақш ва мақоми давлатро дар иқтисодиёт ва тамоми ҳаёти ҷамъиятӣ аниқ мекунанд, муҳокима ва баррасӣ намоем.

## АДАБИЁТ

1. Борцова, Н. Политика и экономика США / Н. Борцова // Канада: экономика, политика, культура. – 2006. – № 6. – С. 75–84.
2. Буфетова, Л. П. Экономическая теория. История экономики зарубежных стран: учебное пособие для СПО / Л. П. Буфетова; под редакцией Г. М. Мкртчяна. – Саратов, Москва: Профобразование, Ай Пи Ар Медиа, 2020. – 225 с.

3. Е. Оконь–Хородынская. Основы государственного регулирования экономики развитых стран / Е. Оконь-Хородынская // Мировая экономика и международные отношения. – 2002. – № 4. – С. 33–36.
4. Слива-Щерба, Ю. В. Мировая экономика и международные экономические отношения: учебно-методическое пособие в 2-х частях / Ю. В. Слива-Щерба. – Симферополь: Университет экономики и управления, 2018. – 128 с.
5. Супян, В.Роль государства в экономике: американский опыт / В. Супян // Проблеммы теории и практики управления. – 2002. – № 4. – С. 14–18.
6. Ҳусейнова Ш.З. Танзими давлатии иқтисодиёт ва дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ / Ш.Ҳ.Ҳусейнова// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе, 2023, 2/2(47)с.144-149

**УДК 330**

**Шамсов Ф.Т.**

## ТАСНИФОТИ БОЗОРИ МОЛҲОИ ОЗУҚАВОРӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ ОН

Дар мақола муаллиф бозори молҳои озуқаворӣ ва хусусиятҳои хоси онро таснифот намудааст. Дар таҳқиқотҳои муосири бозори озуқаворӣ аломатҳои таснифотии мухталиф пешниҳод гардидааст. Бозори молҳои озуқаворӣ бошад бо гуногуншаклии намудҳои худ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Асоси таснифоти бозори молҳои озуқавориро аломатҳои зерин ташкил медиҳад: аз рӯи аломати фазоӣ, аз рӯи аломати номгӯи маҳсулот, аз рӯи аломати харидори маҳсулоти хӯрокворӣ, аз рӯи дараҷаи рушд, вобаста аз сарчашмаҳои ташаккул, вобаста аз шакли ташкили мубодила, аз рӯи дараҷаи қонуният, аз рӯи дараҷаи таъминот, вобаста аз мухлати нигоҳдорӣ ва истифодаи озуқаворӣ.

**Вожаҳои калидӣ:** бозори озуқаворӣ, бозори озуқаворији минтақавӣ, бозори озуқаворији миллӣ, бозори озуқаворији ҷаҳонӣ, молҳои озуқаворӣ, бозори истеъмолӣ, амнияти озуқаворӣ, маҳсулоти хӯрокворӣ, комплекси агросаноатӣ.

**Шамсов Ф.Т.**

## КЛАССИФИКАЦИЯ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОГО РЫНКА И ЕЕ ХАРАКТЕРНЫЕ ОСОБЕННОСТИ

В статье автор классифицировал рынок продовольственных товаров и дал его характеристику. В современных исследованиях продовольственного рынка предлагаются различные классификационные признаки. Рынок продовольственных товаров отличается друг от друга разнообразием своих видов. В основу классификации рынка продовольственных товаров использованы следующие признаки: по пространственному признаку, по признаку наименования товара, по признаку покупателя продовольственных товаров, по уровню развития, в зависимости по источникам формирования, в зависимости от формы организации обмена, по степени законности, по уровню снабжения, в зависимости от срока хранения и использования продуктов питания.

**Ключевые слова:** продовольственный рынок, региональный продовольственный рынок, национальный продовольственный рынок, мировой продовольственный рынок, продукты питания, потребительский рынок, безопасность пищевых продуктов, продукты питания, агропромышленный комплекс.

**Shamsov F.T.**

## CLASSIFICATION OF THE FOOD MARKET AND ITS CHARACTERISTIC FEATURES

In the article, the author classified the food market and its characteristics. Modern food market research offers various classification criteria. The food market differs from each other in the variety of its types. The classification of the food products market is based on the following characteristics: by spatial basis, by the name of the product, by the buyer of food products, by level of development, depending on the sources of formation, depending on the form of organization of exchange, by the degree of legality, by the level of supply, depending on the shelf life and use of food products.

**Key words:** food market, regional food market, national food market, world food market, food products, consumer market, food safety, food products, agro-industrial complex.

Дар шароити ҳозира бахши озуқаворӣ дар ҷумҳурӣ маҷмӯи бисёрҷабҳаи мушкили муносибатҳои иқтисодӣ, техникию технологӣ ва иттилоотию инфрасохторӣ маҳсуб меёбад. Бозори озуқаворӣ як қатор вижагиҳои хосро дорост, ки дар вай молҳое ба фурӯш пешниҳод мешаванд, ки фаъолияти зиндагии одамонро таъмин менамояд ва ба маҳсулоти ниёзи аввалиндараҷа мансуб дониста мешаванд.

Бозори озуқаворӣ дар шароити кунунӣ низоми муносибатҳои мутақобилаи субъектҳои бозор доир ба истеҳсол, нигоҳ доштан, савдои ашёи хоми соҳаи кишоварзӣ ва маҳсулоти хӯрокворӣ, таъмин намудани аҳолӣ бо ҳаҷми кофии истеъмоли маҳсулоти ғизоӣ аз ҷониби истеҳсолкунандагони ватанӣ ва воридотӣ маҳсуб ёфта, таҳти таъсири сиёсати кишоварзии ҷумҳурӣ ва равандҳои ҳамгироии байналмилалӣ ташаккул меёбад.

Амнияти озуқаворӣи ҷумҳуриро бо роҳи таъмини рушди устувори соҳаи кишоварзӣ, истифода намудани самараноки захираҳои обӣ ва замин таъмин сохтан имкон дорад. Ҳамзамон, дараҷаи амнияти он дар ҷумҳурӣ аз иқтидори базавии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ вобастагӣ дошта, сиёсати кишоварзӣ дар доираи таъмини бехатарии озуқа ба дастгирии ҳаматарафаи корхонаҳои маҳсулоти кишоварзии ҷумҳурӣ бо истифодабарӣ аз сиёсати стратегияи ҳимояи истеҳсолкунандагони соҳаи кишоварзӣ бояд татбиқ карда шавад.

Бозорҳоро метавон аз рӯи таъиноти иқтисодӣ: молӣ, молиявӣ ва меҳнат, аз рӯи аломатҳои ҳудудӣ: маҳаллӣ, миллӣ, ҷаҳонӣ, аз рӯи шаклҳои моликият: хусусӣ, кооперативӣ ва давлатӣ, аз рӯи ташкили мубодилаи бозор: яклухт, чакана, содиротӣ ва воридотӣ ва аз рӯи механизми фаъолият бошад ба озод, монополия ва танзимшаванда ҷудо намуд.

Таснифоти бозори молҳои озуқаворӣ чун дигар бозорҳо ба талаботҳои зер бояд ҷавобгӯ бошанд: [2]

- ✓ Зимни таснифот бояд меъёри қабулшуда, яъне ҳар як зинаи таснифот танҳо аз рӯи як аломат гузаронида шавад;
- ✓ Таснифот бояд истисноӣ буда, я нобаробарии зергурӯҳҳои онр бояд таъмин карда шавад;
- ✓ Таснифот бояд аз нуқтаи назари низомӣ гузаронида шуда, сохтори зитнавии объектҳои он бояд алоқамандии байни унсурҳои онро фаро гирад.

Дар таҳқиқотҳои ҳозираи бозори озуқаворӣ нишонаҳои таснифотии гуногуни он пешниҳод шудааст, ки бо гуногунии худ аз якдигар фарқият доранд. Мо намудҳои онро мувофиқи аломатҳои таснифотиӣ дар расми 1. нишон медиҳем.




**1. Аломатҳои таснифоти бозори молҳои озуқаворӣ**

*Сарчашма: таҳияи муаллиф*

**Бозори молҳои озуқавориро аз рӯи аломатҳои зерин таснифот мекунанд:**

1. Аз рӯи аломати фазоӣ намудҳои бозорро: ҷаҳонӣ, ҳудудӣ, миллию, байниминтақавӣ минтақавию маҳаллӣ ҷудо мекунанд.

*Бозори озуқаворӣи ҷаҳонӣ* ҳамаи сайёраи моро дар бар гирифта, он тамоюлҳои умумӣ, ки барои истеҳсол, савдо ва истеъмоли маҳсулоти ғизоӣ барои тамоми кишварҳо ва қитъаҳо дар умум нигаронида шудааст, дар назар дорад. Ҳангоми таҳлили бозори озуқаворӣи ҷаҳонӣ аксар вакт баҳодиҳии бехатар будани ғизои умумӣ ба назар гирифта шуда, он маҷмӯи захираҳои ғалладонагӣ ва инчунин дараҷаи миёнаи истеҳсоли онро ба ҳар сари аҳолӣ дар бар мегирад. Мисол, ҳиссаи ИМА дар истеҳсоли ҷаҳонии ғалла 40%-ро ташкил медиҳад, ки аҳолии он 5%-и аҳолии дунёро дарбар мегирад.

*Таҳти мафҳуми бозори озуқаворӣи ҳудудӣ бошад* муносибатҳои иқтисодии монандро мефаҳманд, ки тақозоб пешниҳодотро ба молҳои ғизоӣ бо бартарияти иштирокчиёни чандин давлатҳои ҳамсоя ташаккул медиҳанд. Чунин давлатҳо фазои факат иқтисодиро бо шартҳои нисбатан монанди истеҳсол, савдо ва истеъмоли маҳсулоти ғизоиро ташаккул медиҳанд. Мисол, чунин бозори ғизоии ҳудудӣ Иттиҳоди Аврупо, ИДМ, Ташкилоти давлатҳои Америкоӣ шуда метавонанд [5]

*Бозори озуқаворӣи миллӣ.* Қонунҳои нисбатан амиқи рушдро бозори ғизоӣ дар миёни давлати алоҳида гирифташуда дорад. Тибқи нишонаи таснифотии мо бозори озуқаворӣи миллӣ низоми муносибатҳои иқтисодӣ буда, мебо тақозо ва пешниҳодотро дар сарҳади давлати муайн ташаккул медиҳад.

Ба аломатҳои асосии ташаккул ва рушди бозори озуқаворӣи миллӣ инҳоро дохил намудан имконпазир аст: [5]

- ✓ Умумӣ будани шартҳои иқтисодии давлатҳо (сиёсати давлатии умумии иқтисодӣ, фазои ягонаи хоҷагидорӣ, низомҳои бонкии ягона ва пулӣ, миллии нархгузорӣ ва ғ.);
- ✓ Таҳкурсии яккаи меъёрӣ-ҳуқуқии хоҷагидорӣ;
- ✓ Ҷой надоштани монеаҳо дар низоми гумрукӣ;
- ✓ Нисбатан монанд будани бартариятҳои истеъмолкунандагон.

*Бозори озуқаворӣи минтақавӣ* сохтори нисбатан аҳаммиятнок махсусан барои кишвари мо ба ҳисоб меравад. Бозори озуқаворӣи минтақавӣ низоми муносибатҳои иқтисодӣ буда, тақозо ва пешниҳодоти молҳои ғизоиро дар доираи субъекти ялоҳидаи ҷумҳурӣ дар бар мегирад.

*Бозори озуқаворӣи ҳудудӣ.* Аҳаммитяи махсусро ҳангоми қабули қарорҳо доир ба инкишофи бозори ғизоӣ дараҷаи маҳаллӣ ташкил намуда, ҳар як одам, тақозои он ба озуқа

дар бозори мазкур бояд қонеъ карда шавад. Бозори мазкур дар доираи маҳаллаҳои муайяни аҳолинишини шаҳру деҳотҷойҳо амалӣ шуда, вижагиҳои махсуси худро дорост [4]

2. Аз рӯи аломати номгӯи маҳсулот бозори молҳои озуқавориро ба бозорҳои нон ва маҳсулоти нонӣ, гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, шир ва маҳсулоти ширӣ, сабзавот, меваҷот, моҳӣ ва маҳсулоти он, равғанҳои растанигӣ, шакар, маҳсулоти қаннодӣ, ғалладонагиҳо, нӯшокиҳои ғайриспиртӣ ва ғайра ҷудо мекунанд.

3. Аз рӯи аломати харидори маҳсулоти хӯрокворӣ бозори молҳои озуқавориро ба бозорҳои истеъмолгарони охирин, миёнаравҳои тиҷоратӣ, корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ва корхонаҳои хӯроки омма ҷудо мекунанд.

4. Аз рӯи дараҷаи рушд бозори молҳои озуқавориро ба рушднаёфта, танзимшаванда ва озод тақсим мекунанд.

Бозори рушднаёфтаи озуқавориро бо аҳдномаҳои бартерӣ оид ба мубодилаи маҳсулоти хӯрокворӣ тавсиф додан имконпазир аст. Бозори рушдёфта дар навбати худ ба бозори озод – бозори рақобати комил тақсим мешавад. Ба бозори танзимшавандаи молҳои озуқаворӣ таъсири давлат ба воситаи механизмҳои қонунгузорӣ, маъмурӣ ва иқтисодӣ хос аст.

5. Вобаста аз сарчашмаҳои ташаккул бозори молҳои озуқавориро ба аз ҳисоби истеҳсолоти ватанӣ, аз ҳисоби воридоти ҳиссаи на он қадар зиёди маҳсулоти озуқаворӣ, бо афзалияти молҳои воридотӣ (чой, қаҳва, меваҳои ситрусӣ ва ғ.) ҷудо мекунанд.

6. Вобаста аз шакли ташкили мубодила бозори молҳои озуқаворӣ ба яклухт ва чакана ҷудо мешавад:

7. Аз рӯи дараҷаи қонуният бозори молҳои озуқаворӣ ба қонунӣ, нимқонунӣ ва ғайриқонунӣ ҷудо мешавад.

8. Аз рӯи дараҷаи таъминот бозори молҳои озуқаворӣ ба бозорҳои кишварҳои содиркунандаи маҳсулоти хӯрока ва воридкунандаи маҳсулоти хӯрока ҷудо мекунанд.

9. Вобаста аз мӯҳлати нигоҳдорӣ ва истифодаи озуқаворӣ бозори молҳои озуқаворӣ ба бозорҳои маҳсулоти зудвайроншаванда ва маҳсулоти мӯҳлати нигоҳ доштанашон дуру дароз ҷудо карда мешаванд.

Бозори молҳои озуқаворӣ вобаста аз маҳаки тавсифи худ васеъ аст. Мисол, аз рӯи фаро гирифтани ҳудудӣ – бозорҳои озуқаворӣи ҷаҳонӣ, байнидавлатӣ, умумимиллии минтақавӣ ва маҳаллиро ҷудо мекунанд.

Бозори озуқаворӣи ҷаҳонӣ тамоюлҳои умумӣ дорад, барои истеҳсол, савдо ва истеъмоли маҳсулоти ғизоӣ барои ҳамаи давлатҳо ва ҳудудҳо дар маҷмӯъ хос аст. Зимни таҳлил намудани бозори озуқаворӣи ҷаҳонӣ аксар вақт баҳогузории бехатарии озуқаворӣи умумӣ ба инобат мешавад [2]

Бозори озуқаворӣи миллӣ низоми муносибатҳои иқтисодӣ буда, тақозо ва пешниҳодоти бозори молҳои ғизоиро дар сарҳади давлатҳои муайян ташаккул медиҳад.

Бозори озуқаворӣи минтақавӣ сохтори нисбатан муҳим барои кишвари мо буда, низоми муносибатҳои иқтисодие мебошад, ки тақозо ва пешниҳоди молҳои озуқавориро дар ҳудуди субъекти ҷудогонаи давлат дарбар мегирад.

Аҳамитяи хоссаро ҳангоми қабули қарорҳо нисбати рушди бозори озуқаворӣ дараҷаи маҳаллӣ ташкил медиҳад. Бозори озуқаворӣи ҳудудӣ дар ҳудуди маҳаллаҳои мушаххаси аҳолинишини шаҳр ва ё деҳот амал карда, хусусиятҳои хоси худро доранд.

Аз рӯи бо маҳсулот таъмин будан – ба бозори содиркунандагон ва воридкунандагон ҷудо мекунанд.

Аз рӯи шакли ҳаракати молҳо – бозори озуқаворӣи яклухт ва чаканаро фарқ мекунанд. Аз рӯи мӯҳлати нигоҳдорӣ бозори маҳсулоти ғизоии нигоҳдорияш дарозмуддат ва зудвайроншавандаро ҷудо мекунанд. [1]




**Расми 2. Таснифоти бозори молҳои озуқаворӣ аз рӯи аломатҳои асосӣ**

*Сарчашма: таҳияи муаллиф*

Хулоса, аз рӯи фарогирии ҳудудӣ бозорҳои озуқавории ҷаҳонӣ, байнидавлатӣ, умумимиллии минтақавӣ ва маҳаллиро таснифот мекунанд.

Аз рӯи таъмин будан бо озуқаворӣ содиркунандагон ва воридкунандагонро ҷудо кардан мумкин аст. Бозорҳои озуқавории гуогунро бо тақозои аҳолии гуногун, пасту баланд тавсиф медиҳанд. Вобаста аз маҳсулоте, ки дар бозор пешниҳод шудааст, бозорҳои озуқавориро ба ғалладонагиҳо, гӯшт, сабзавот, меваҷот ва ғайраҳо тақсим мекунанд.

Мафҳумҳои асосии бозори ғизоӣ талаботу пешниҳод ҳангоми фурӯши маҳсулот ба воситаи мубодила мебошад. Маҳз таносуби талаботу пешниҳод сабаби тағйир ёфтани сохторӣ дар истеҳсолот шуда, ба сатҳи нарх таъсири худро мерасонад ва ба таҳвили сармоя байни соҳаи КАС мусоидат мекунад.




**Расми 3. Накшаи алоқамандии унсурҳои алоҳидаи бозори озуқаворӣ**

*Сарчашма: таҳияи муаллиф*

Ба назари банда, бозори озуқаворӣ дорои як зумра хусусиятҳои хоси иқтисодӣ буда, онро аз дигар бозорҳои молӣ бояд фарқ кард. Дар мавқеи умумӣ аз омӯзиш ва таҳқиқи

адабиёти иқтисодӣ хусусиятҳои фарққунандаи бозори озуқавориро чунин ҷудо намудан имкон дорад:

- ✓ Имкониятҳои маҳдуди назорати микдори пешниҳодот;
- ✓ Ноустувор ва нобаробар будани пешниҳодот;
- ✓ Қиёсан чандирияти пасти таъминот;
- ✓ Чандирияти қиёсан сусти талабот;
- ✓ Хавфу хатарҳои баланд дар соҳа;
- ✓ Давом ёфтани талабот;
- ✓ Нисбатан хароҷотҳои зиёд дар қиёс бо бозорҳои дигар;
- ✓ Нисбатан рақобати баланд назар ба дигар бозорҳо;
- ✓ Фарқиятҳои чашмраси минтақавӣ ва мушкилоти бартарафсозии онҳо;
- ✓ Таъсири фарҳанг ва расму русум ба истеҳсолот ва бозорҳо.

Ба назари мо, бозори озуқаворӣ таҳти таъсири омилҳои табиӣ қарор гирифта, истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ имкониятҳои маҳдуди назорати ҳудуди истеҳсоли хусусиро доранд. Тағйир ёфтани ҳаҷми истеҳсолот ва пешниҳоди молу маҳсулот ба баландшавии сатҳи нарх ва талабот оварда мерасонад.

Бозори озуқаворӣ бо сабабҳои бо воридоти нобаробар ва мавсимии аксар намуди маҳсулоти кишоварзӣ ба бозор дар тули сол вобаста бо мавсимӣ будани истеҳсоли хоҷагиҳои кишоварзӣ аз сабаби тағйирёбии шароитҳои иқлим ноустувор мегардад.

Талабот ба қисми зиёди маҳсулоти кишоварзӣ ва ғизоӣ аз рӯи нархҳо чандирии кам доранд, ки онро бо қонуни камшавии фоиданокии ҳадди ақал ва муътад шудани таъсири ивазкунӣ шарҳ додан мумкин аст. Мардум кӯшиш мекунанд, ки тамоми маҳсулоти ғизоиро устувор истеъмол кунанд. Ҳатто баъзан вақтҳо арзон шудани нархҳо боиси зиёд шудани талабот ба намудҳои алоҳидаи маҳсулот мегардад.

Бояд тазаккур дод, ки бозори молҳои озуқаворӣ аз дигар намудҳои бозор бо хусусиятҳои хоси тафовут дорад, ки дар расми 4. оварда шудааст.




**Расми 4. Хусусиятҳои асосии фарққунандаи бозори озуқаворӣ аз дигар намудҳои бозор**

*Сарчашма: таҳияи муаллиф*

Ҳамин тариқ, бозори озуқаворӣ мутобиқи аломатҳои таснифотӣ аз рӯи аломати фазоӣ, аз рӯи аломати номгӯи маҳсулот, аз рӯи аломати харидори маҳсулоти хӯрокворӣ, аз рӯи дараҷаи рушд, вобаста аз сарчашмаҳои ташаккул, вобаста аз шакли ташкили мубодила, аз рӯи дараҷаи қонуният, аз рӯи дараҷаи таъминот, вобаста аз муҳлати

нигоҳдорӣ ва истифодаи озуқаворӣ ҷудо карда мешаванд, ки бо гуногуншаклии намудҳои худ аз ҳамдигар фарқият доранд.

## АДАБИЁТ

1. А.Г. Иволга. Особенности функционирования продовольственных рынков в современных условиях. Ставрополь. Ставропольский государственный аграрный университет. 2015 г.
2. В.Л. Ерохин, А.Г. Иволга, И.Г. Иволга. Тенденции развития мирового рынка сельскохозяйственной продукции: эффекты переходной экономики и вызовы торговой интеграции: монография / В. Л. Ерохин, А. Г. Иволга, И. Г. Иволга. – Ставрополь: АГРУС Ставропольского гос. аграрного ун-та, 2013. – 124 с.
3. В.Д. Гончаров. Формирование продовольственного рынка / В.Д. Гончаров // АПК: экономика, управление. – 1996. – № 4. – С. 51.
4. Г.Н. Зинчук. Развитие продовольственного рынка: теория, методология, практика./Дисс. д.э.н. Иошкар - Ола, 2008. С. – 34.
5. Г.М. Зинчук. Понятие и виды продовольственного рынка. Адрес статьи: www.gramota.net/materials/1/2011/10/43.html.
6. Фетюхина О.Н. Теоретико-методологические основы развития агропродовольственного рынка в условиях глобализации / О.Н. Фетюхина. – Ставрополь: АГРУС, 2011.
7. Шамсов Ф.Т. Моҳият, нақш ва вазифаҳои бозори озуқаворӣ. Паёми ДДТТ.№1. Душанбе, 2024.

**УДК 336.71**

**Шарипов Б.Р.**

## БЕҲТАРКУНОНИИ ДАСТРАСИИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНКӢ ДАР АСОСИ ИСТИФОДАБАРИИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ БОНКӢ

Дар ҷаҳони муосир хизматрасонии бонкӣ як ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти ҳаррӯзаи одамон гаштааст. Кушодани суратҳисоб, гирифтани қарз, интиқоли маблағ - ҳамаи ин барои қонеъ кардани ниёзҳо ва ноил шудан ба ҳадафҳои молиявӣ мунтазам талаб карда мешавад. Аммо дастрасии ин хизматрасониҳо вобаста ба кишвари истиқомати шумо метавонад фарқ кунад. Кишварҳои Осиё, аз қабили Узбакистон ва Қирғизистон барои таъмини дастрасии васеи аҳолӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ аз технологияҳои маркетинг фаъолона истифода мебаранд. Дар ин мақола вазъ дар ин кишварҳо баррасӣ ва таҳлили мавҷудияти хадамоти бонкӣ дар Русия илова карда мешавад.

**Калидвожаҳо.** Дастрасии хизматрасониҳои бонкӣ, технологияҳои маркетингӣ, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Русия, кушодани суратҳисоб, гирифтани қарз, интиқоли маблағ, ҳадафҳои молиявӣ.

**Шарипов Б.Р.**

## УЛУЧШЕНИЕ ДОСТУПНОСТИ БАНКОВСКИХ УСЛУГ НА ОСНОВЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ МАРКЕТИНГОВЫХ ТЕХНОЛОГИЯХ

В современном мире банковские услуги стали неотъемлемой частью повседневной жизни людей. Открытие счета, получение кредита, перевод денежных средств – все это

регулярно требуется для удовлетворения потребностей и достижения финансовых целей. Однако доступность этих услуг может быть различной в зависимости от страны проживания. Азиатские страны, такие как Узбекистан и Киргизия, активно используют маркетинговые технологии для обеспечения широкого доступа населения к банковским услугам. В данной статье будет рассмотрена ситуация в данных странах и добавлен анализ доступности банковских услуг в России.

